ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2022. №3

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2022. №3

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2022. No.3

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2022

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорамулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2022. – №3. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2022

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карроматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2022. – №3. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2022

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Gulnazarova Jilo	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Sirojiddini Imomali	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2022. – №3. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2022

УДК: 491.550

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ НАҲВИ КАЛОМИ МАВЗУН

(дар асоси ашъори Камоли Хуҷандӣ)

Абдулазизов В.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Каломи мавзун, омӯзишу пажӯҳиши вижагиҳои шеър (ритм, вазну қофия, масъалаҳои баён, бадеъ, балоғат ва амсоли инҳо), хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии он аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи аҳли илму адабро ҷалб кардааст. Тавре ки огаҳӣ дорем, ҳанӯз Арасту (Аристотел)дар асарҳои пураризиши худ «Об искусстве» [1], «Риторика» [2], «Поэтика» [3] дар баробари дигар масъалаҳо роҷеъ ба навъҳои адабӣ, сабку услуб, санъатҳои бадеӣ (амсоли маҷоз, ташбеҳ,ритм, оҳанг), ифодаи маъно, нутқ, ҳиссаҳои нутқ низ маълумот додааст. Мусалламан дар заминаи ин маълумот олимону мутафакирони қуруни баъдӣ назариёти ӯро такмил додаанду пурратар кардаанд.

Мутафаккирон, донишмандони форсу тоҷик низ ҳанӯз аз давраи бостон (возеҳтараш баъди асри Х)роҷеъ ба масоили ҷудогонаи забони тоҷикӣ(савтиёт, сарфу наҳв, калимасозӣ ва услуби баён) фикру андешаҳои хешро баён кардаанд. Аз ҷумла, Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Фахриддини Розӣ, Носири Хусрав, Насируддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ, Ибни Маҳно,Маҳмуди Омулӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва чанде дигарон. Албатта, саҳми ин донишмандон дар таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи забони тоҷикӣ як хел нест. Оид ба афкори забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна профессор Д.Хоҷаев таҳқиқоти пураризише анҷом додааст асарҳои илмӣ ва силсиламақолаҳояш ба табъ расидаанд [Ниг.:20].

Фикру андешаҳои донишмандони асримиёнаи форсу тоҷик асосан дар дар фарҳангномаҳо, осори фалсафӣ (мантиқ), асарҳои улуми сегона (-и арӯз, қофия ва илми бадеъ), инчунин ҳангоми гурӯҳбандии улум баён гардидааст.

Возеҳ аст, ки дар садаи ХХ ва аввали садаи ХХI низ роҷеъ ба хусусиятҳои каломи мавзун асару мақолоти сершуморе таълиф шудаанд. Аксари ин асарҳо ба ду самт марбутанд:

1. Масоили лексикӣ(омӯзиши лексикаи шоирона, воҳидҳои фразеологӣ, калимаю ифодаҳои маҷозӣ, истилоҳоти баъзе соҳаҳо, лексики касбу ҳунар). 2. Хусусиятҳои бадеӣ (вазну қофия, ритм, масъалаҳои баён, бадеъ, балоғат ва амсоли инҳо).

Дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои забони каломи мавзун асосан баъди солҳои 80 - уми садаи ХХ мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифтааст. Аз ҷумла Т. Зеҳнӣ, С.Ҳалимов, М.Н.Қосимова, А.Абдуқодиров, А Давронов, С.Анварӣ, Ш Кабиров, О.Ҳ.Қосимов, А.Ҳасанов, М.Саломиён, Ш. Каримов, Ш.Ҳайитова, З.Мухторов, Қ.Мухторӣ,С.Исматов, С.Ҳалимова, Ш.Исматулло, Х. Табаров, С.Ҷӯраева, М.Б.Мирмуҳаммедова, Ҳ.Муслимзода ва чанде дигарон паҳлуҳои мухталиф(асосан хусусиятҳои лексикӣ ва баъзе вижагиҳои сарфу наҳв)-и осори манзуми классикиамонро дар асару мақолоти илмиашон таҳлилу баррасӣ намудаанд. Бисёр паҳлуҳои забони осори манзум (хосатан, вижагиҳои сарфию наҳвии он) ҳанӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст ва пажӯҳишҳои ҷиддиеро нигарон аст.

Забоншинос М.Саломиён барҳақ таъкид мекунад: «Аксарияти таҳқиқотҳое, ки ба паҳлуҳои гуногуни забони назм таълиф шудаанд,бештар ҷанбаи луғавию семантикӣ дошта, дар онҳо махсусияти забони назм ва талаботҳои он ҳангоми овардану интихоби калимаҳо аз дидгоҳи илми маъношиносӣ ва категорияҳои семантикӣ ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Яъне зимни баррасии осори манзум аксари муҳаққиқон таҳқиқотҳои худро дар асоси меъёрҳо ё талаботҳои роиҷи луғавию грамматикии забони тоҷикӣ ба анҷом расонида, ба ҷанбаҳои ҳунарӣ ва зебошинохтии каломи мавзун ва ҳунармандии аҳли эҷод камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд» [18, с.7].

Баъзе хусусиятҳои наҳвии осори манзуми бошад, дар мақолаҳои профессор М.Н Қосимова [Ниг.:15], силсиламақолаҳои [4; 5; 6; 7; 8; 9] В. Абдулазизов (асосан гипотаксиси

ашъори А.Рӯдакӣ, С.Насафӣ ва Камоли Хуҷандӣ)мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (Ниг.: силсила мақолаҳо дар маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳи миллӣ», солҳои 2014-2020)».

Самти дуюм бештар таваҷҷуҳи олимони адабиётшиносро вобаста ба масоили мубрами шеършиносӣ ва, қабл аз ҳама, муқаррар кардани тафовути забони осори мансуру манзум ҷалб намудааст.Ин тафовут чи тавре ки мушаххас шудааст, ғолибан, ба вазни шеър (ки дар навбати худ ба ҳиҷобандӣ, қофия ва тақтеи байтҳо алоқаманд аст) иртибот дорад, ки дар ниҳоят ҳама ҷиҳатҳои забони шеър ба он вобаста аст. Ҳангоми таҳқиқи вазну қофия ва ритм муҳаққиқони рус робитаи вазни шеъру наҳвро зикр кардаанд. Бояд зикр кард, ки ба омӯзиши шеъри русӣ дар ин самт, ҳанӯз солҳои 20 - уми садаи XX диққати махсус дода шудааст [*Ниг. О. Брик. Ритм и синтаксис (серия статей в журнале «Новый леф» за 1927 г.)*]. Дар корҳои илмии Б.В. Томашевский, асарҳои В.М. Жирмунский, Б.М. Эйхенбаум, Ю.Н. Тынянов, С.И.Бернштейн ва дигарон проблемаи оҳангу мизони шеър(осори манзум)баъзан дар муқоиса бо оҳанги осори мансур ва робитаи байни ин ду тарзи сухани бадеӣ ва қавонини наҳв аз бисёр ҷиҳат мавриди мубоҳиса қарор гирифтааст. Ҳатто баъзе асарҳо бо унвони ҳамин мавзуъ таълиф шудаанд,ки фарогири ҷиҳатҳои мухталифи ин масъалаи муҳиманд [Ниг.12]. Тафовути усулии назму наср аз рӯйи тафовути бунёди сохторӣ муайян карда мешавад. Агар аломати конструктивӣ (бунёдӣ**,**сохторӣ)-и наср дар алоқаи грамматикӣ ва таҷзияи ҷузъҳои маъноӣ-наҳвӣ бошад, пас дар назм аломати конструктивӣ дигар буда, дар он ҳам ҷанбаи маъноӣ ва ҳам наҳвӣ ба вазни шеъру тағйироти муайяни сохтори қолабҳои наҳвӣ вобаста аст.

Чунин ақидаеро, ки дар назм синтаксис мешиканад(тағйири шакл мекунад) ва ба як чизи «шартӣ» мубаддал мегардад, махсусан, дар асарҳои Б.М.Эйхенбаум, Ю.Н.Тынянов таъкид гардидааст [21, с.69-70; 19, с.328]. Аммо, **б**исёр муҳаққиқон масъаларо чунин қатъӣ нагузошта,таъкид мекунанд, ки «қолаби (воҳиди) наҳвӣ дар шеър танҳо ба вазн, қофия ва ритм мутобиқ мешавад» [Ниг.: 12; 13; 17; 7; 8]**.**

Мусалламан, суоле ба миён меояд, ки синтаксиси назм чӣ махсусият дорад ва сохтори(қолаби)воҳиди наҳвӣ чӣ тавр ба вазну қофия ва ритму оҳанги шеър мутобиқ мешавад? Муҳаққиқон (-и рус) таъкид мекунанд, ки қонунҳои вазн табиати наҳвии шеърро мураккаб мекунанд, дар натиҷа зада ва лаҳнҳои (аксентҳои) дигар истифода мешаванд. Пас мушоҳидаҳои сирф наҳвӣ дар каломи мавзун аз чӣ иборат аст, кадом зуҳуроти наҳв ҳамчун ҳодисаи ба хусусиятҳои шакли шеърӣ вобастаро зикр кардан лозим аст?

Ба фикри мо масъалаҳои зеринро мадди назар бояд дошт:

1. Дар шинохти шеър нақши сохтори воҳидҳои забони (воҳидҳои луғавӣ, сарфию наҳвӣ)-и он муҳим аст. Тартиби муайяни калимаю таркибу иборот (ҳамнишин шудани ин воҳидҳо),банду баст (сохтор) - и ҷумлаҳо дар таркиби як шеър, зарбу оҳанги онҳо аз волоияти сухани шоир гувоҳӣ дода, ба ҳирфаӣ будани шоир далолат мекунад. Масалан, дар ғазалҳои машҳури Камоли Хуҷандӣ “Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб”, ё “Баъд аз ин рӯз ошкоро дӯст медорам туро”агар тартиби калимаҳоро тағйир диҳем (вожаеро иваз кунем, ё ҷояшро тағйир диҳем),навъи алоқаи наҳвӣ дигар мешавад. Дар натиҷа муассирии шеър коста мегардад,ё вазну қофия ва ритму оҳанги шеър хароб шуда, шеърияти худро гум мекунад ва ҳамчун шеър шинохта намешавад.

2. Порчаи шеърӣ, (мисраъ ё байт) ҳамчун воҳиди асосии каломи мавзун муқаррар шудааст,ки дорои вазну қофия аст. “Ин воҳиди ҳадди ақали назм дар корбасти сохторҳои воҳидҳои наҳвӣ маҳдудиятҳои муайяне ба вуҷуд меорад” [8, с.119]. Бинобар ин, мувофиқ омадани мисраи шеър (воҳиди порчаи манзум)бо ҷумла (воҳиди асосии наҳвӣ)ниҳоят идеалӣ аст. Чунончи:

Чашмат аз гӯшаи тақво бадар овард маро,
Масту ғалтон сӯи аҳли назар овард маро.
Хирқаи азрақи ман боз ба май гулгун шуд,
Ишқ ҳар дам ба дигар ранг даровард маро.
Дод беш аз дигарон ҷоми маям пири муғон,
Он тиҳӣ ношуда ҷоми дигар овард маро [22, с.20].

Чашми ту аз ҳад мебарад бо ошиқон бедодро,
Аз нолаи мурғон чӣ ғам он дилсиёҳ сайёдро.

Мардум ба даври рӯи ӯ дар гиряанд аз оҳи ман,
Шарт аст борон рехтан дар мавсими гул бодро [22, с.22].

Дӯш аз дари майхона бидидем ҳарамро,
Май нӯшу бубин фусҳати майдони карамро,
Фармони хирад бар дили ҳушёр нависанд,
Ҳукме набувад бар сари девона қаламро [22, с.34].

Дил рафту намонд ақлу тадбир,
Дилбар ба ҷафо накард тақсир.
Ored ба ман насими он зулф,
Доред маро нигаҳ ба занҷир [22, с.537].

Бояд гуфт, ки дар забоншиносии рус масъалаи мувофиқ омадани воҳиди порчаи каломи мавзун (мисраъи шеър)бо воҳиди асосии наҳв (ҷумла) мавриди омӯзишш олимон қарор гирифтааст ва таъкид мешавад, ки «… чунин мувофиқат нисбат ба номувофиқат бисёр кам вомехӯрад» [11, с.97]. Маҳз дар ҳамин ҳолати мувофиқат накардани мисраъи шеър ба ҷумла гуногуни(фарқият)- и қолабҳои вазни шеър ва наҳв (қолабҳои наҳвӣ) ба вуҷуд меояд, ки фикр – ҷумла дар як, ду ё якчанд мисраи шеър ҷойгир мешавад [11, с.97].

3. Баъзе қонуниятҳои вобастагии сохтори воҳидҳои наҳвӣ аз қоидаҳо, шарту талабот ва омилҳои мухталифи назм зикр шудаанд. Пажуҳишгарони наҳви шеъри русӣ таъкид кардаанд, ки масалан, строфикӣ**(**тақтеъдор,ҳудуддор, қитъабанд**)** / астрофикӣ – бетақтеъ, беҳудуд будани шакли шеър ба сохтори наҳвӣ таъсир мерасонад: дар шакли тақтеъдори шеър назар ба шакли бетақтеъ воҳидҳои нисбатан калони наҳвӣ (ҷумлаҳои мураккаб, бандҳои мураккаби наҳвӣ) бештар дида мешавад. Ба назар чунин мерасад, ки шеърҳои тақтеъдор гӯё имконоти қолабҳои наҳвиро, ки дар чунин шакли шеър кушода мешавад, бештар истифода менамояд.

Вазни шеър,ритм, баҳр ва навъи қофия ба имконоти тафсилдиҳии воҳидҳо (қолабҳо)- и наҳв алоқаманд аст. **«Сатрҳои кӯтоҳи аз ҷиҳати вазн якхела нисбат ба сатрҳои дароз ва аз лиҳози вазн тафовутдошта нисбатан мустақилтаранд ва аз ҷиҳати оҳангу вазн ва хусусияти наҳвӣ робитаи бештар доранд» [19, с.94], қофияҳои тоқ (перекрестные рифмы) бошанд,** барои истифодаи ҷумлаҳои мураккаб, сертаркиб ва қолабҳои кушода имконияти бештар фароҳам меоранд» [17, с.33-39].

Вобастагии байни навъи шеъри малҳуну(**напевной)** муҳоварағӣ(**говорной)** ва сохтори наҳвии мисраъи шеър борҳо таъкид гардидааст, сохтори наҳвии шеърҳои малҳун нисбат ба сохтори наҳвии шеърҳои муҳоварағӣ соддатар аст [14, с.146].

Ҳамаи ин омилҳо танҳо аз ҷониби баъзе муҳаққиқон ишора шудааст [14; 17], вале дар асоси маводи мушаххас мавриди таҳлилу тадқиқ қарор нагирифтааст.

4. Дар забоншиносии рус нисбат ба дигар хусусиятҳои наҳвии назм ҳодисаи ба истилоҳ **интиқол (перенос - engambement**) бештар баррасӣ шудааст [11, с.97].

Науки, чуждые музыки, были
Постылы мне; упрямо и надменно
От них отрекся я и предался
Одной музыке …..
(Пушкин, Моцарт и Сальери) [11, с.97].

Амалан, ҳар як мутахассиси шеършинос интиқолро ҳамчун зуҳуроти хоси каломи манзум меҳисобад, ки дар даврaҳои нисбатан баъдии инкишофи шеър (каломи мавзун) ба вуҷуд омадааст [Ниг.В.М.Жирмунский]. Аксарияти муҳаққиқон ҳодисаи интиқолро ҳамчун мувофиқат накардани воҳидҳои вазн (баҳр, қофия,ритму оҳанг) ва воҳидҳои наҳв, ҳамчун десонанс миёни вазни шеъру воҳиди наҳв (назму наҳв) маънидод мекунанд [Ниг.:17, с.27-30].

5. Азбаски робитаи байни вазни шеър ва наҳв аксиоматикӣ гардидааст, диққати муҳаққиқони каломи мавзун – назмшиносон ба ҷустуҷӯю пайдо кардани воҳиди асосии наҳвии барои каломи манзум релевантӣ равона гардидааст. Мавридҳои мувофиқат/номувофиқати воҳиди каломи мавзун – мисраъи шеър, бо воҳиди наҳв – ҷумларо, мушоҳида карда, муҳаққиқон (адабиётшиносон) маҳз мисраъи шеърро ба назар мегирифтанд, зеро он хусусияти шеърро муайян мекунад ва метавонад, воҳиди наҳвиро ба

худ мутобиқ созад. Азбаски шеъри русӣ ба миқдори ҳиҷоҳои зададору безада (ҳиҷоҳои зададори бо ҳиҷоҳои безада паиҳам оянда) бунёд ёфтааст, воҳиди маъноӣ- наҳвии шакли муайяни фонетикӣ доштаро ҳамчун асоси воҳиди наҳвӣ пешниҳод мекарданд.

Аз ин рӯ, ҳангоми интихоби воҳиди наҳвӣ дар каломи мавзун диққати муҳаққиқони рус ба ҷиҳати интонатсионӣ – қофиявӣ (вазнӣ) нигаронда шуда буд, аммо пажӯҳишҳо хулосаи якхела надоданд. Ин хулоса, ғолибан,негативӣ (манфӣ) буда, ба он асоснок мегардид, ки задаҳои интонатсионӣ-мантикӣ дар шеър ба вазну қофия иртибот дорад. Дар ин маврид, ба қавле, воҳидҳои асосии наҳв –ибора ва ҷумла, камаҳамият шуда мемонанд. Чунин ақида аз ҷониби баъзе муҳаққиқони назарияи шеър ва шеършиносон пешниҳод мегардид, вале наҳвшиносон ба ин масъала ҳанӯз ниҳоят кам таваҷҷуҳ кардаанд. Наҳвшиносони рус низ воҳидҳои динамикии забон – ибора ва ҷумларо дар осори манзум мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Масалан, Н.С. Поспелов хусусиятҳои наҳвии ба шакл (навъ)-и шеър вобаста бударо тавсиф намуда, робитаи зич, айнияти ҷумлаҳоро дар матни манзум, хусусан, дар шакли шеъри тақтеъдор қайд кардааст.

Акимова Г.Н. таъкид кардааст, ки *х*усусиятҳои наҳвӣ ва шеърии баъзе анвои шеър маъмулан қолабҳои махсуси ҷумларо тақозо мекунад [11, с.97].

Шеъри классикии тоҷикӣ, ки дар қолабу вазнҳои арӯз эҷод шудааст,(хосатан, ғазал, қитъа) аксаран қолабҳои вижаи гипотаксис (ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба, ҷумлаҳои омехта) ва банди наҳвиро тақозо мекунад. Чунончи:

Дида дар умре зи рӯят ба хаёле қонеъ аст,
Умр, *к-он бигзашт бе рӯи ту*, умре зоеъ аст.
***Ҷон, ки рафт аз пеши мо,* хоҳад ба он лаб боз гашт,**
Чун ба асли хеш ҳар чизе, ки бинӣ роҷеъ аст.
Нуқтаи холу хатат оёти ҳусн асту ҷамол,
Як –як ин оётро он рӯи зебо ҷомеъ аст.
Мешавад ҳар рӯз толеъ з-он гиребон офтоб,
Бар бадан пероҳанат, ёраб, чӣ соҳибтолеъ аст.
Пеши моҳрӯён чу абри беҳаё садпора бод,
Ҳар рақибе, *ки тамошо ошиқонро монеъ аст*.
Ҳар куҷо дил меравад дар ҷустуҷӯи дилбаре,
Пешрав ашк асту он ҷо оҳу нола тобеъ аст.
З-оби чашмат гашт тӯфони дигар воқеъ, Камол,
Нест иғроқе дар ин маънӣ баёни воқеъ аст [22, с.152].

Ошиқам бар дилбаре бо кас чаро гӯям, ки кист.
Ту киӣ, боре рақибо, то туро гӯям, ки кист.
Он, *ки ҳушам бурд аз тан накҳати пероҳанаш*,
Гар биёрад бӯи ӯ боди сабо гӯям, *ки кист*.
Чун зи рӯи хуб манъам мекунед, эй зоҳидон,
Қиблаву меҳроби худ кай ба шумо гӯям, ки кист.
Ошиқи худро чаро ҳар бор гӯӣ: Бевафо,
Гар наранҷад хотири ту, бевафо гӯям, ки кист.
Дар миёни бевафоёну бутони шӯхчашм,
Гар нагирӣ чашми шӯхи бевафо гӯям, ки кист.
Ошиқи ман кист гӯӣ, *то бирезам хуни ӯ*.
Ҷониби ман ҳамла кун шамшер, ***то гӯям,* *ки кист.***
Гӯядам ҳар дам рақибат, *к-аз гадоёнӣ, Камол*,
Гар саги кӯи ту бигзорад гадо, гӯям, *ки кист* [22, с.179]**.**

Ҳаҷми ҷумла (теъдоди калимаю ибораҳои таркиби он) оид ба таркиби он маълумоти миқдорӣ медиҳад, ки шарҳу тафсири минбаъдаро тақозо мекунад. Вале «аз нуқтаи назари дарки бадеӣ ҳаҷми ифода ва мутобиқати он бо ҳаҷми шеър чандон муҳим набуда, сохтори наҳвии ифода ва мутобиқати ҳудудҳои он бо вазну қофия муҳим аст» [11, с.103].

Мусаллам аст, ки муҳимтарин сарчашмае, ки асоси забони адабии муосири тоҷик гаштааст, забони осори классикиамон мебошад. Аз ин ҷост, ки «ба забони адабии муосири тоҷик воҳидҳои лексикӣ, тарзҳои калимасозию қоидаҳои сарф, навъҳои мухталифи ҷумлаҳо, ки таърихан дар низоми наҳви забони тоҷикӣ ҷой дошта, хусусият ва

нозукиҳои забонро инъикос мекунанд, дохил шудаанд» [8, с.119]. Паҳлӯҳои мухталифи масъалаи зикршуда мавриди пажӯҳиши муҳаққиқон қарор гирифтаааст ва барҳақ таъкид кардаанд: “Дар хазинаи луғавии забони адабии тоҷик, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ташаккул ёфта, ғаниву серсоҳа гардидааст, калимаю таркиб ва ҷумлаҳое ҳастанд, ки дорои аломату хусусияти хоса буда, вазифаҳои мухталифи дастурӣ доранд ва бо ин сермаъноиву сервазифагиашон аз дигар воҳидҳои таркиби луғавӣ фарқ мекунанд” [9, с.41].

«Як қисмати калони таҳқиқотҳое, ки ба омӯзишу таҳлили бевоситаи хусусиятҳои забонии асарҳои ҷудогона (ё умуман осор)-и нависандагони алоҳида (бештар осори мансур) бахшида шудаанд, барои ошкор кардани бисёр хусусиятҳои забони адабӣ, такомули сохту таркиби забон, ҳамчунин дастури забони адабии тоҷик аҳамияти калон доранд» [8, с.119; 9, с.41].

Аз ин рӯ,муайян кардани хусусиятҳои грамматикӣ, қолибу воситаҳои ифодаи фикр, ошкор намудани тарзу усулҳои сохтани ибора,ҷумлаҳои содаю мураккаб, мутобиқати воҳидҳои наҳв бо воҳидҳои асосии шеър (мутобиқати мисраи шеър бо ҷумла) дар ашъори устоди каломи бадеъ –Камоли Хуҷандӣ, барои омӯхтану муайян кардани хусусиятҳои забони назм, муайян кардани робитаи ногузир ва қавию ногусастании назм бо наҳв аҳамияти калон дорад.

Хусусиятҳои бадеии ашъори Камоли Хуҷандӣ, маҳорату санъати шоирии ӯ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, асарҳои илмии зиёде ба табъ расидаанд [18; 10; 4; 5; 6; 7; 8; 9]. Доир ба хусусиятҳои забони осори ин устоди калом, хосатан вижагиҳои дастурии он, баъзе мақолаҳо ба табъ расида бошанд ҳам [4; 5; 6; 7; 8; 9; 15], ин масъала ҳанӯз амиқу ҳамаҷониба омӯхта нашудааст ва таҳқиқи мукаммали алоҳидаро тақозо мекунад. Бояд гуфт, ки махсусан, наҳвиёти ашъори Камоли Хуҷандӣ мавриди пажӯҳиши ҷудогонаи мукаммал қарор нагирифтааст.“Ашъори ин устоди ғазал на фақат аз ҷиҳати бадеият, балки аз ҷиҳати корбурди дурусту бамавриди сарватҳои лексикию фразеологии забон, корбурди қолабҳои мухталифи воҳидҳои наҳвӣ, истифодаи воситаҳои мухталифи дастурӣ низ бою ғанӣ аст” [8, с.118-121]. Аз ин рӯ, сохти грамматикии ашъори ин шоири маъруф хеле ҷолиби диққат аст.

Баррасии сохтори наҳвии ғазали “**Табъи латиф донад лутфи лабу даҳонат**” далели он аст, ки шоир аз рӯи талаботи ин навъи шеър қолабҳои махсуси наҳвӣ (ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ,ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба ва ҷумлаҳои омехта)-ро истифода намудааст. Шоир дар ин ғазалаш,ки аз ҳафт байт иборат аст, барои ифодаи фикрҳои мураккабу печида ва маъноҳои нозуку муассир ягон ҷумлаҳои содаро истифода набурдааст. Танҳо як ҷумлаи мураккаби пайваст, ду ҷумлаи мураккаби тобеи муқаррарӣ, се ҷумлаи мураккаби сертаркибаю як ҷумлаҳои мураккаби омехта корбаст шудааст, ки хеле ҷаззобу ҷолиб буда, аз истеъдоди баланду маҳорати нотакрор, зеҳни волою ҳисси олии забондонии шоир гувоҳӣ медиҳад. Чунончи:

Байти аввал фарогири ҳамагӣ аз 11 калимаи мустақилмаъно иборат бошад ҳам, аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ ниҳоят мураккабу печида буда, ба истилоҳи забоншиносӣ ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак аст:

Табъи латиф донад, лутфи лабу даҳонат,
Фикри дақиқ бояд сарриштаи миёнат [22, с.174].



Байти дуюм, ки ҳамагӣ аз 14 вожа таркиб ёфтааст, ҷумлаи мураккаби омехтаи бепайвандаки муқаррарист. Он аз ду ҷумлаи содаи мустақил, ки байнашон алоқаи грамматикии пайваст аст ва дар навбати худ яке аз онҳо бо ду ҷумлаи пайрави якхела тафсил ёфтааст:

Дӣ мешудӣ хиромон чун сарву ақл мегуфт:
“*Хуш меравӣ ба танҳо, танҳо фидои ҷонат”* [22, с.174].



Байти сеюм ҳам, ки аз 14 вожа таркиб ёфтааст, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаи бепайвандак бо ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида аст, чунки ҳарду ҷумлаи пайрав ҷумлаи пайрави пуркунанда бошанд ҳам, аъзои (хабар)гуногуни сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳанд:



Лутфи сабо **шунидам**, *бод аст бо насимат,*
Оби ҳаёт **дидам,** *ҳеҷ аст бо даҳонат* [22, с.174].

Байти чорум фарогири ҳамагӣ 14 калима (-и мустақилмаъною номустақилмаъно) бошад ҳам, аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ ниҳоят мураккабу печида буда, ба истилоҳи забоншиносӣ ҷумлаи мураккаби тобеи сартаркибаи пай дар пай ё дараҷагӣ аст:



Донӣ, *чаро рақибат кард аз дари ту дурам*,
Нагзошт, *то нишинад гарде бар остонат* [22, с.174].

Байти панҷум низ, ки ҳамагӣ аз 16 вожа таркиб ёфтааст, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба бо ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида аст, чунки ҷумлаи пайрави якум ҷумлаи пайрави ҳоли шартӣ буда, ҷумлаи пайрави дуюм ҷумлаи пайрави муайянкунанда аст:



Дил тири ғамзаатро гар ҷон сипар созад,
Он беҳ, *ки гӯша гирад*, *з-абрӯи чун камонат* [22, с.174].

Байти шашум фарогири ҳамагӣ 13 калима (-и мустақилмаъною номустақилмаъно) буда, аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ ҷумлаи мураккаби тобеи муқаррарист:



Пероҳани сабурӣ кардем пора – пора,
То дидаем чун гул дар дасти ину онат [22, с.174].

Байти ҳафтум низ фарогири ҳамагӣ 12 калима (-и мустақилмаъною номустақилмаъно) буда, аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ ҷумлаи мураккаби тобеи муқаррарист:



Дар пояи салотин бошад Камол мискин,
Гар бишмаранд ӯро аз хайли бандагонат [22, с.174].

Чи тавре ки пештар зикр гардид, ки муҳаққиқони забони шеъри русӣ мувофиқ омадани мисраи шеърро бо як ҷумла (-и сода) камтар мушоҳида карда, онро ҳатто ҳодисаи “идеалӣ” ҳисобидаанд. Вале чуноне ки мебинем, шоири шаҳири тоҷик дар як мисраи ғазал ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба (-и дараҷагӣ)- ро ҷой додааст, ки аз бузургии Хоҷа Камол, маҳорати ниҳоят волою бемисли ӯ ва бархурдор буданаш аз ғановати луғавию дастурӣ (наҳвӣ)-и забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар шинохти шеър нақши сохтори воҳидҳои воҳидҳои луғавӣ, сарфию наҳвии он муҳим аст. Тартиби муайяни калимаю таркибу иборот (ҳамнишин шудани ин воҳидҳо)дар таркиби як шеър, зарбу оҳанги онҳо аз волоияти сухани шоир гувоҳӣ дода, ба истедоду маҳотати баланди касбии шоир далолат мекунад. Агар тартиби калимаҳоро тағйир диҳем (вожаеро иваз кунем, ё ҷояшро тағйир диҳем),навъи алоқаи наҳвӣ дигар мешавад. Дар натиҷа муассирии шеър коста мегардад,ё вазну қофия ва ритму оҳанги шеър хароб шуда, шеърияти худро гум мекунад ва ҳамчун шеър шинохта намешавад.

Дар осори манзум ҳам ҷанбаи маъноӣ, ҳам дастурӣ (наҳвӣ) ба вазни шеър ва тағйироти муайяни сохтори қолабҳои наҳвӣ вобаста аст; қолаби (воҳиди) наҳвӣ дар шеър аз байн нарафта, танҳо ба вазн, қофия ва ритм мутобиқ мешавад.

Воҳиди ҳадди ақали назм (мисраъ ё байт) дар корбасти сохторҳои воҳидҳои наҳвӣ маҳдудиятҳои муайяне тақозо мекунад. Мувофиқ омадани мисраи шеър (воҳиди порчаи манзум)бо ҷумла (воҳиди асосии наҳвӣ)ниҳоят идеалӣ аст). Дар ҳолати номувофиқати мисраъ ва ҷумла гуногунии қолабҳои вазни шеъру наҳв (қолабҳои наҳвӣ) ба вуҷуд меояд, ки фикр – ҷумла дар як, ду ё якчанд мисраи шеър ҷойгир мешавад.

Вазни шеър,ритм, баҳр ва навъи қофия ба имконоти тафсилдиҳии воҳидҳо (қолабҳо)-и наҳв алоқаманд аст. Хусусиятҳои наҳвӣ ва шеърии баъзе анвои шеър маъмулан қолабҳои махсус (ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба, ҷумлаҳои омехта) ва банди наҳвиро тақозо мекунад.

Баррасии сохтори наҳвии ғазали “**Табъи латиф донад лутфи лабу даҳонат**” нишон медиҳад, ки хусусиятҳои ин навъи шеър қолабҳои махсуси наҳвӣ (ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ,ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба, ҷумлаҳои омехта)-ро тақозо мекунад. Шоир дар ин ғазалаш барои ифодаи фикри мураккабу печида ва маъноҳои нозуку муассир ягон ҷумлаҳои содаро истифода набурда, танҳо як ҷумлаи мураккаби тобеъ ва дигар ҷумлаҳои мураккаби сертаркибаю ҷумлаҳои мураккаби омехтаро кор фармудааст, ки хеле ҷаззобу ҷолиб буда, аз истеъдоди баланду маҳорати нотакрори шоир гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин бояд таъкид намуд, ки ҷумлаҳо ҳаҷман калон набуда аз 11 то 16 вожа таркиб ёфтаанд (байти якум – 11 калима; дуюм – 14 калима, сеюм – 14 калима; чорум – 14 калима; панҷум – 16 калима; шашум – 13 калима; ҳафтум – 12 калима).

Муқарриз: ***Абдулҳадов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аристотель. Об искусстве поэзии / Аристотель. – М. Художественная литература, 1957. – 133 с.
2. Аристотель.Сочинение / Аристотель. - М.: Мысль, 1976. – 687 с.
3. Аристотель. Риторика. Поэтика / Аристотель. – М.: Лабиринт, 2000. – 224 с.
4. Абдулазизов В. Мавқеи пайвандакҳои ҷумлаи пайрави монандӣ дар ашъори Камоли Хуҷандӣ» / В. Абдулазизов // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – №4/1(159). - С.125-129.
5. Абдулазизов В. Баъзе вижагиҳои ҷумлаи пайрави мақсад дар ашъори Камоли Хуҷандӣ / В. Абдулазизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. - №4/5(174). – С.85-90.
6. Абдулазизов В. Нақши семантикаи феъл дар ташаккули ҷумлаи пайрави мақсад дар ашъори Камоли Хуҷандӣ / В. Абдулазизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. - №4/8 (183). - С.101-110.
7. Абдулазизов В. Вижагиҳои як воситаи алоқаи грамматикӣ дар осори манзум(дар асоси маводи ашъори А. Рӯдакӣ ва К. Хуҷандӣ) / В. Абдулазизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. - №4/2 (199). - С.163-167.
8. Абдулазизов В. Вижагиҳои корбурди пайвандакҳои ҷумлаи пайрави сабаб дар ашъори Камоли Хуҷандӣ / В. Абдулазизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - №4/2. - С.118-122.
9. Абдулазизов В. Такомули корбурди як воҳиди дастурӣ дар назми классикӣ (дар асоси ашъори ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Сайидои Насафӣ) / В. Абдулазизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - №8. - С.41-46.
10. Абдуқодиров А. Каломи Камол / А.Абдуқодиров, А.Давронов. – Хуҷанд, 1998. - 216 с.
11. Акимова Г.Н. О некоторых особенностях поэтического синтаксиса / Г.Н. Акимова // Вопросы языкознания. – 1977. - №1. - С.96-108.
12. Брик О. Ритм и синтаксис / О.Брик // «Новы леф». – 1927 г.
13. Бобров С.П. Синтагмы, словоразделы и литавриды: о понятие о ритме содержательно-эффективном и о естественной ритмизации речи «Русская литература» / С.П. Бобров. – 1965. - №4; - 1966. - №1.
14. Жирмунский В.М..Введение в метрику / В.М. Жирмунский // Теория стиха. - Л., 1975. - С.146.
15. Қосимова М.Н. Ганҷи сухан (Маҷмуаи мақолаҳо) / М.Н. Қосимова. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2017. - 620 с.
16. Мақсудов Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ / Б.Мақсудов. – Душанбе, 1994. - 164 с.
17. Поспелов Н.С. Синтаксический строй стихотворных произведений Пушкина / Н.С. Поспелов. - М., 1960. - С.5.
18. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (Дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII – XIV) / М. Саломов. – Душанбе, 2017. - 266 с.
19. Тынянов Ю.Н. Проблема стихотворного языка (1925) / Ю.Н. Тынянов. – М., 1965. - С.69-70.
20. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д.Хоҷаев. – Душанбе, 2011. - 230 с.
21. Эйхенбаум Б.М. Мелодика русского лирического стиха / Б.М. Эйхенбаум // О поэзии. - М., 1969. - С.328.
22. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Камоли Хуҷандӣ. – Душанбе, 1983. - Ҷ.1. - 560 с.
23. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Камоли Хуҷандӣ. – Душанбе, 1985. - Ҷ.2. - 461 с.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ НАҲВИ КАЛОМИ МАВЗУН

(дар асоси ашъори Камоли Хуҷандӣ)

Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ – наҳвиёти назм бахшида шудааст. Дар мақола баъзе хусусиятҳои наҳвии каломи мавзун дар асоси маводи ашъори Камоли Хуҷандӣ баррасӣ шуда, вижагиҳои сохторию маъноии як ғазали Камоли Хуҷандӣ ошкор карда шудааст. Таъкид мешавад, ки дар шинохти шеър нақши сохтори воҳидҳои воҳидҳои луғавӣ, сарфию наҳвии он муҳим аст. Агар вожаеро иваз кунем, ё ҷояшро тағйир диҳем, навъи алоқаи наҳвӣ дигар мешавад. Дар натиҷа муассирии шеър коста мегардад, ё вазну қофия ва ритму оҳанги шеър хароб шуда, шеърияти худро гум мекунад ва ҳамчун шеър шинохта намешавад. Дар каломи мавзун ҳам ҷанбаи маъноӣ, ҳам дастурӣ (наҳвӣ) ба вазни шеър ва тағйироти муайяни сохтори қолабҳои наҳвӣ вобаста аст; қолаби (воҳиди) наҳвӣ дар шеър аз байн нарафта, танҳо ба вазн, қофия ва ритм мутобиқ мешавад. Воҳиди ҳадди ақали назм (мисраъ ё байт) дар корбасти сохторҳои воҳидҳои наҳвӣ маҳдудиятҳои муайяне тақозо мекунад. Мувофиқ омадани мисраи шеър (воҳиди

порчаи манзум)бо ҷумла (воҳиди асосии наҳвӣ)ниҳоят идеалӣ аст. Дар ҳолати номувофиқати мисраъ ва ҷумла гуногунии қолабҳои вазни шеъру наҳв (қолабҳои наҳвӣ) ба вуҷуд меояд, ки фикр – ҷумла дар як, ду ё якчанд мисраи шеър ҷойгир мешавад. Вазни шеър,ритм, баҳр ва навъи қофия ба имконоти тафсилдиҳии воҳидҳо (қолабҳо)-и наҳв алоқаманд аст. Хусусиятҳои наҳвӣ ва шеърии баъзе анвои шеър маъмулан қолабҳои махсус (ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба, ҷумлаҳои омехта) ва банди наҳвиро тақозо мекунад. Баррасии сохтори наҳвии ғазали “**Табъи латиф донад лутфи лабу даҳонат**” далели он аст, ки шоир аз рӯи талаботи ин навъи шеър қолабҳои махсуси наҳвиро истифода намудааст. Дар ин ғазал барои ифодаи фикрҳои мураккабу печида ва маъноҳои нозуку муассир ягон ҷумлаҳои содаро истифода нагардидааст. Танҳо як ҷумлаи мураккаби пайваст, ду ҷумлаи мураккаби тобеъ, се ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаю як ҷумлаҳои мураккаби омехта корбаст шудааст, ки хеле ҷаззобу ҷолиб буда, аз истеъдоди баланду маҳорати нотакрор, зеҳни волою ҳисси олии забондонии шоир гувоҳӣ медиҳад. Ҷолиби диққат аст, ки ҷумлаҳо низ ҳаҷман калон набуда, аз 11 то 16 вожа(-и мустақилмаъноюё ёридиҳанда) таркиб ёфтаанд.

Калидвожаҳо: арӯз, вазн, наҳв, назм, сохтор,мутобиқат, шеър, интиқол, воҳиди наҳвӣ, мисраъ, строфикӣ, астрофикӣ,шеъри малҳун, шеъри муҳоварағӣ, релевантӣ, динамикӣ, гипотаксис, ҷумлаи мураккаб, ҷумлаи мураккаби пайваст, ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба, ҷумлаи мураккаби омехта, банди наҳвӣ.

О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ СИНТАКСИСА ПОЭЗИИ

(на основе творчества Камола Худжанди)

Статья посвящена одной из актуальных проблем языкознания – поэтическому синтаксису. Выявлены некоторые синтаксические особенности поэзии, показаны особенности одной газели Камола Худжанди. Подчеркивается, что в познании стиха важна роль структуры лексических, морфологический и синтаксических единиц стихотворения. Если заменить какое-либо слово, меняется вид грамматической связи слов. В результате снижается влиятельность, чувствительность художественного произведения (стихотворения), или разрушается ритм, мелодия и интонация стихотворения, теряет поэтический, стихотворный вид и не признаётся как стихотворение. В поэзии семантический и грамматический (синтаксический) аспект выражения зависит от стихотворного размера, метра, рифмы стиха и определенных изменений синтаксических единиц; синтаксическая структура в стихе не исчезает, а лишь приспосабливается к размеру, метру и рифме. Минимальная единица поэзии (строка или бейт) накладывает известные (определенные) ограничения на синтаксическую структуру. Идеальным представляется совпадение строки (ритмической единицы) с предложением(основной синтаксической единицей). В случае несовпадения строки с преложением возникают разнообразные ритмико – синтаксические фигуры (формы), где смысл размещается на двух или нескольких строках. Стихотворный размер, метрика и типы рифм связаны с возможностями распространения синтаксических структур (фигур). Синтаксические и поэтические особенности некоторых видов поэзии даёт больше возможностей для связных и развернутых сложных предложений и синтаксических целых. Исследование синтаксической структуры газели Камола Худжанди “**Табъи латиф донад лутфи лабу даҳонат**” показало, что синтаксические и поэтические особенности данного вида поэзии даёт больше возможностей для связных и развернутых сложных предложений и синтаксических целых. Поэт в данной газели для выражения осложнёных мыслей и тонких,чувствительных значений употребил только сложносочиненное предложение, сложноподчинённые, осложнённые сложноподчинённые предложения, смешанные сложные предложения, что является очень привлекательным и интересными, что свидетельствует о высоком таланте и неповторимом мастерстве поэта. Так же следует отметить, что предложения в данной газели по объёму не являются длинными, а состоят всего лишь из 11-16 слов.

Ключевые слова: аруз, ритм, поэзия, синтаксис, структура, совпадение,стихотворение, перенос, синтаксическая единица, строфичность, астрофичность, напевной стих, говорной стих, релевантный, динамичный, гипотаксис, сложное предложение, сложносочиненное предложение сложноподчиненное предложение, сложное осложнённое предложение, синтаксическое целое.

SOME FEATURES OF THE POETRY’S SYNTAX

(based on the poems of Kamoli Khujandi)

The article is devoted to one of the topical problems of linguistics - the poetic syntax. The author of the article, based on the poems of Kamoli Khujandi, shows some syntactic features of poetry and reveals the structural and semantic features of one gazelle of Kamoli Khujandi. It is emphasized that the role of the structure of the lexical, morphological and syntactic units of the poem is important in understanding of the verse. A certain order of words, word-combinations and phrases (the compatibility of these units) within one poem, their rhythm and intonation is an evidence of the superiority of the poet’s words and his high professionalism and talent. If you replace any word, or change its place, the type of syntactic connection also changes. As a result, the expressiveness of the poem decreases or the form and rhyme, rhythm and intonation of the poem are lost, it loses its poetic value and further is not recognized as a poem. In poetry, both the semantic aspect and the grammatical (syntactic) aspect depend on the poetic form and certain changes in the syntactic structure; the syntactic structure in the poem does not disappear, but only adapts to form, rhyme and rhythm. The minimum verse unit (line or bayt) requires certain restrictions on the use of syntactic structures. The ideal is the coincidence of a line (rhythmic unit) with a sentence (basic syntactic unit). In case of inconsistency between the line and the sentence, a difference arises in the form of the verse and syntactic structures, and the meaning is placed in one, two or more lines of the poem. The poetic form, metrics and types of rhymes are associated with the possibilities of disseminating syntactic structures (figures). The syntactic and poetic features of some types of poetry usually require special templates (complex three-part sentences, mixed type of sentences) and syntactic units. Taking into consideration of the syntactic structure of the gazelle “Tab'i

latif donad lutfi labu daҳonat" ("Delicate taste knows the grace of lips and mouth") proves that the poet used special syntactic models (complex sentences, subordinate clauses, complex subordinate clauses, mixed type of sentences) in accordance with the requirements of this type of poem. In this gazelle, consisting of seven verses (bayts), the poet does not use simple sentences to express complex and intricate, subtle and graceful (expressive) thoughts. Only one compound sentence, two ordinary compound sentences, three compound sentences with three clauses and one compound mixed sentence are used in the poem, which is very attractive and indicates the high talent and unique abilities of the poet, high intelligence and a sense of language. It is also noteworthy that the sentences in this gazelle are not long in length and consist of 11-16 words (notional and auxiliary words).

Key words: aruz, form, syntax, poetry, structure, correspondence, poem, transfer, syntactic unit, stanza, stanza, astrophicity, melodious verse, colloquial verse, relevant, dynamic, hypotaxis, compound sentence, compound sentence, compound sentence, three-part complex sentence, complex mixed sentence, syntactic unit.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулазизов Ваҳобҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 919-14-27-48**

Сведение об авторе: ***Абдулазизов Вахобджон*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-14-27-48**

Information about the author: ***Abdulazizov Vakhobjon*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Modern Tajik Literary Language. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 919-14-27-48**

УДК: 491.550-400

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ В КУЛЯБСКОМ ФОЛЬКЛОРЕ

Шодиев Р.
Таджикский национальный университет

Фольклорные тексты в процессе изложения и исполнения имеют особенности и посредством языка передаются от говорящего к слушателю, что является важным моментом. Для того чтобы изучить фольклорные тексты, прежде всего, нужно обратить внимание на их язык. Обширное изучение языка фольклорных текстов открывает нам тайны текста. Например, в 50-х годах XX века Р. Амонов отправился в долину Сари Хосор, где собрал большой массив фольклорного материала. Позднее на его основе он защитил кандидатскую диссертацию, а в 1963 году опубликовал диссертацию под названием «Очерки устного творчества Куляба» (по материалу фольклора Сари Хосора). Хотя ссылок на язык текстов в работе немного, но сами тексты очень важны для этнолингвистических исследований говора жителей Куляба. В этом трактате тексты изучаются на основе диалекта, просторечий, а словосочетания и предложения используемые при повествовании народных сказок и драм, приведены в оригинальном исполнении. В конце этой брошюры 3 народные драмы и 9 сказок переданы полностью на диалекте сказителя. На основании этих и других текстов, сохранившихся в архивах, можно составить полное представление о говоре региона в 50-е годы. Другое дело, что по таким фольклорным текстам можно провести новую исследовательскую работу по эволюции этнического диалекта этого региона [2].

В настоящее время для изучения этнолингвистики и фольклора используются различные научные подходы, как утверждает Л.А. Абукаева в статье «Языкознание и фольклор: взаимосвязи и взаимодействие». По ее мнению, в языкознании для изучения фольклора существуют разные подходы к пониманию языка текстов. Одним из них является «лингвоцентристский» подход. То есть лингвистическое изучение текста должно быть в центре внимания исследователя. Таким образом, исследователь должен обращать внимание на мелкие детали и уровень использования языка в фольклорном тексте. Представители «лингвоцентристского» подхода изучают фольклорные тексты, уделяя больше внимания соотношению «языка» и «текста» [1, с.61-64].

Для дальнейшего изучения этнолингвистических вопросов большое значение имеет разработка «Сборника таджикского фольклора» историко-географическим методом, первый том которого вышел в свет в 1981 году. В нем, после подробного вступления И. Левина, приведен текст «Притчи и мифы о животных», материалы для которого собраны из разных мест. Исследователи приводили эти тексты на диалекте местности и в русском переводе. В конце полного собрания сочинений «Сигнатура текстов», «Карта Центральной Азии», «Территории записи текстов», «Схема изучения мест», «Список текстов», «Хроносоциограмма текстов Т001-Т419» и других отмечено, что теперь эти документы могут быть использованы для более детальных этнолингвистических исследований [7].

Таджикскими фольклористами разработаны словари некоторых фольклорных текстов на основе текстов фольклорного фонда отдела фольклора НАНТ. Они также писали диссертации на основе этих словарей. Можно упомянуть из научных трактатов Б.Тилавова и Ф.Муродова. Б. Тилавов разработал словари на основе пословиц, а Ф. Муродов на основе эпоса «Гуругли» широко использовал методы лингвистического анализа народного творчества [17; 8].

Общеизвестна роль языка в выражении или исполнении текста. То есть таким образом можно понять текст фольклора с этнолингвистической точки зрения. Для этого необходимо детально изучить языковые значения текста. Иными словами, в будущем таджикским исследователям следует обратить внимание и на фонетические, лексические, морфологические и синтаксические детали текста. В этом случае задача лингвиста состоит в том, чтобы найти и показать специфику функции той или иной части текста. При этом исследователь должен объяснить стиль выражения и жанр фольклора, к которому он относится. Только в этом случае раскрывается языковая особенность фольклорного текста, который предъявляется слушателям в процессе речи; воздействие текста проявляется через разговорную речь. Языковед М.В.

Никитин подробно указывал, что предстоит большая работа по выявлению языковых значений устных текстов [10]. Это связано с тем, что в фольклорных текстах встречаются слова, словосочетания и предложения, которые могут иметь разные значения в контексте. В результате исследования обнаружение локальных значений языка фольклорных текстов — это задача лингвиста, особенно этнолингвиста. Изучение и исследование многих текстов, связанных с установками, культурой, обычаями, ритуалами и фольклорными текстами народов русским языковедом Н. И. Толстым, который много лет изучал и анализировал вопросы этнолингвистики и языка фольклора, привело его к осознанию важности всех произведений народной культуры для лучшего понимания местных языковых значений [18].

Именно поэтому этнолингвисты и лингвофольклористы смотрят на текст фольклорных произведений как на основу и, как было сказано выше, иногда употребляют термин «лингвоцентризм». Это означает, что основным направлением изучения текста является его язык, и для группы лингвистов, особенно русистов, важен анализ языка текста. Они подмечают тонкие смыслы в языке фольклорных текстов и объясняют, какие тонкости имеет текст в процессе выражения или исполнения [1, с.61-64].

С этой точки зрения, этнолингвист обращает внимание на то, что описывается в тексте из той среды и как творческий результат рассказчика текста в его время привлекает внимание. После того как текст записан и представлен в научном виде для исследования, он больше не является неотъемлемой частью исследования и анализа. В этом случае текст самостоятелен и имеет свою структуру и семантику без предшествующих участников (т.е. говорящих, слушающих и записывающих). Например, русский фольклорист В.М. Гацак рассказывает о том, как фольклорный текст передается из поколения в поколение. Для этого он вспоминает опыт предыдущих исследователей, отмечая, что запись должна быть естественной. Хотя В.М. Гацак не упоминает в своей статье этнолингвистику и лингвофольклористику, такие тексты очень важны для изучения языка [4, с.44-53].

Опираясь на теории зарубежных исследователей и опыт фольклористов, Р. Рахмони записывает один и тот же текст из уст четырех поколений. В таблице исследователь показывает лингвистические различия между текстами четырех поколений. Объясняются слова, фразы и предложения в тексте, написанном на диалекте. По его мнению, текст находится в центре фольклорных и лингвистических исследований [13].

Еще один подход, на который исследователи указывают в последние годы, — это «антропоцентрический» подход. Согласно этому подходу, в основе текста стоит человек, который рассказал, объяснил и записал текст, который теперь находится в письменной форме. Такой образ написания текста, в центре которого человек, привлек внимание группы исследователей. Таким образом, на интерпретацию текста, способ его развития, его смысл, воздействие текста на читателя и роль говорящего в преобразовании фольклорного текста обращают особое внимание. В данном случае внимание уделяется следующему соотношению: «автор - текст - читатель». «Автор» был тем, кто рассказывал или исполнял текст; читатель когда-то был «слушателем», читающим текст фольклора, опубликованный в книге. Ярким примером тому являются «Таджикские народные сказки» Р. Амонова, многократно издававшиеся на протяжении более 60 лет [3].

Л.А. Абукаева отмечает, что сегодня в силу «антропоцентристского» подхода фольклористы обращают внимание на психолингвистические, прагматические и когнитивные проблемы [1, с.61-64].

Психолингвистика уделяет главное внимание оригинальному замыслу фольклорного текста. То есть, как генерируется текст и как он воспринимается и что его исходной основой является психологическое общение людей. Раньше говорящий доносил текст до слушателя. Между двумя сторонами - говорящим и слушающим - существовала психологическая связь. Произведенный текст должен быть понят. В дальнейшем в таджикском фольклоре в сотрудничестве с лингвистами необходимо уделить внимание этому очень деликатному вопросу. Прагматическое (формальное) изучение фольклорного текста давно привлекает внимание исследователей [1, с.61-64].

Текст теперь используется как сложный процесс речи с определенными намерениями. В нем используются языковые средства и методы воздействия, такие как адресат, и эти моменты

также привлекли внимание лингвистов. На основе прагматического подхода можно увидеть, как участники текста соединяются друг с другом. В прошлом текст только рассказывался или исполнялся. В результате неизбежно возникала внешняя связь между говорящим и слушающим.

Другой вопрос - «познавательный» (лат. cognitio - постижение; связь языка и мысли) текст. По мнению Р. Рахмони: «Этнолингвистические исследования (особенно языка и фольклора) выявляют, что одна социальная группа имеет различия и общие черты с другой социальной группой, поэтому исходная база изучения этнолингвистики была определена исследователями применительно к двум направлениям: сначала «познавательной», а затем и «коммуникативной» communicatio - общение, общение, информация)» [15, с.26].

В связи с этим многое в понимании текста зависит от языка. Язык важен как средство выражения текста, и именно через язык он доносится до слушателя. Поэтому здесь важно соотношение нескольких вещей, это «диктор-текст-внетекстовая активность». Это соотношение упоминается после декламации фольклорного текста следующим образом: «автор - текст - внетекстовая деятельность» [1, с.61-64].

Важно обратить внимание на автора, рассказчика или переводчика фольклорного текста. Они доставляют текст слушателю, если текст печатается. В результате что-то происходит вне текста для слушателя или читателя. То есть слушатель получает текст от говорящего (автора), в результате чего текст оказывает на него своеобразное воздействие. Посмотрите, что происходит с фольклорным текстом. Вот эти вопросы мало изучены в контексте таджикского фольклора [16].

Таджикские исследователи еще недостаточно занимаются вопросами народного языкознания. Даже вопрос сохранения и последующих изменений фольклорных текстов в таджикской фольклористике серьезно не изучался. К счастью, эти явления упомянуты в трудах этнографов и фольклористов. В частности, диссертация Ф. Зехниевой «Песни таджикской свадьбы» дает обильный материал для изучения этнолингвистических вопросов. Исследователь в процессе изучения таджикских свадебных обрядов использовала разные народные термины из разных регионов, что ценно для изучения языка текста [6].

Как мы уже говорили, ключом к передаче текста является язык. Это язык, который передает текст другим и продлевает его жизнь. В связи с этим в процессе исполнения или повествования фольклорного текста говорящий может вносить изменения как в содержание, так и в форму текста. Даже он может влиять на элементы вне текста. Внешним элементом текста является в основном аудитория текста. Слушатели могут вносить изменения в исходный текст, задавая вопросы. Таким образом, слушатель является непосредственным участником творческого процесса повествователя. Даже слушатель может выбрать подходящий текст для следующей презентации текстов. Оценив текст, он может повлиять на его долговечность. В наше время то же самое можно сказать и о тексте фольклора.

В истории было много событий, которые привели к полному исчезновению фольклорных текстов или к миграции текстов из одного региона в другой вместе с их владельцами. Например, сегодня среди жителей Бухары существуют популярные песни, которые называются «Песни Мавриги». У этнолингвиста возникает вопрос, почему эти песни «мавриги»? Откуда в таких текстах слово «мерв»? На основе изучения исторических памятников стало ясно, что в результате кровопролитных войн таджикский город Мерв был стерт с лица земли, а таджики переселились в другие районы, и С. Назарзода, ссылаясь на исторические источники, описывал разделение таджикско-персидских диалектов следующим образом: «В процессе разделения таджикско-персидских диалектов Средней Азии и Ирана значительную роль сыграли события, связанные с разрушением Мерва. С древних времен Мерв и его окрестности были одним из крупнейших экономических и культурных центров Хорасана и одним из крупнейших центров формирования таджикского языка, с точки зрения своего географического положения он издавна служил связующим звеном между таджикоязычным населением Фароруда и Ираном. В конце 18-начале 19 веков Мерв вместе со всеми окрестностями был разгромлен и разграблен войсками Бухарского эмира, а остальные его жители эмигрировали в Бухару и Самарканд. Великая плотина Мерва была разрушена воинами Бухары, и в короткое время эта историческая и древняя земля таджиков была превращена в пустыню, а коренных таджиков этой земли

сменили туркменские племена сариков и теке. Таким образом, была прервана последняя связь между таджикоязычными районами Средней Азии и таджикоязычными районами Ирана» [9, с.153; 5, т. 2, с.93-94].

Это привело к переселению жителей Мерва в Бухарский эмират. Поэтому эти исторические события являются причиной того, что современные песни сохранились в Бухаре до наших дней. Относительно песни «Мавриги» и ее популярности среди бухарцев Р. Рахмони на основе подробного изучения Н. Нурджонова говорит: «Мавриги, поющий в стиле мавриги, ряд народных песен лирического содержания, частично исполненных в шутливом тоне; своеобразный стиль, известный в Бухаре, исполнения песни; первоначальная форма слова «мавр» - это «мерв», происходящая от названия города «Мерв» [14, с. 557].

Профессор Н. Нурджонов записал образцы исполнения мавриги и подробно рассказал об истоках этого стиля пения под названием «Певцы - исполняющие мавриги». Он показал примеры того, как нужно исполнять песню. Примеры этих песен, которых записала по нотам З. Тоджикова, были опубликованы. Он дал подробные сведения о древней истории поющих мавриги, способах его исполнения, мастерстве певцов, исполняющих мавриги, их известности в Бухаре и ее окрестностях, что является ценным материалом для этнолингвиста [11, с. 144-161].

В таких песнях певец сохраняет первоначальную структуру, ключевые слова и фразы, некоторые особые формулы песни. Характерно, что в этом типе фольклора певец пытается адаптировать текст песни к своему времени, к своей аудитории. В большинстве фольклорных текстов, особенно в малых жанрах, используются основные слова в соответствии с потребностями аудитории того периода. Этот тип исполнения - способ сохранить песню.

Аналогичную ситуацию наблюдают Н. Нурджонов и Р. Амонов на основании церемонии (традиции) «гулгардони («чтение стихов»)» Кулябской области, сравнивая ее с другими регионами, такими как Бадахшан, Гарм, Гиссар и другими местами. Н. Нурджонов указал на празднование Навруза, различные игры и состязания, такие как «козлодрание (народное состязание на конях)», сбор мужчин в «костер» и другие виды, которые были популярны в Кулябской области в 50-е годы. И Н. Нурджонов, и Р. Амонов помнят церемонию «Гулгардони» тех лет. Оба описывают, как проходила церемония. По свидетельству Н. Нурджонова, после окончания песни - обряда хозяйка дома (домохозяйка) берет цветок в руку, целует его и прижимает к лицу и говорит: «О боже! дай нам дожить до нового года и, как цветок сделай нас беззаботными». После того как ребята получали подарки, они говорили:

Имонталаб-ба имон теяд,
Муротталаб-ба мурод теяд,
Кучқор барин писар теяд,
Тухм барин духтар теяд [11, с.26].

Если владелец дома опаздывал с подарком, ребята в шутку говорили:

Ҳастай сувов,
Нестай ҷувов,
Баша хайри ҷонут,
Набоша азови ҷонут. [11, с.27].

Если мы внимательнее посмотрим на примеры, приведенные Н. Нуржоновым, с этнолингвистической точки зрения, то увидим различия в речи каждого региона. Другое дело, что мы можем заметить несколько моментов в этих двух текстах. Во-первых, термин «гулгардони» характерен для Хатлонской области и прилегающих к ней районов. Во-вторых, из слова и фразы текста песни можно видеть, что в ней использованы описания ритуалов и поведения, связанных с этим регионом. В-третьих, на основе расширения лирики можно понять, какие районы имеют схожие черты традиционной культуры, а какие отличаются. В-четвертых, песня «Гулгардони» описывает наблюдения жителей региона. Как, например, тот текст, который записал Р. Амонов в 1950-х годах 20 века в Сарихосорском районе. Как было сказано выше, для лучшего понимания фольклорного текста, записанного в предыдущие годы, необходимо пояснить, в какой среде он исполнялся. Иначе без объяснений текст не будет понятен людям, читающим его через 60-70 или 100 лет. В голове возникают вопросы. Посмотрите, что рассказывал, об исполнении текста обряда «Гулгардони» и его песни, которая называется «Сиявуш», Амонов, который сам непосредственно был свидетелем: «Дети деревни готовили букет и держа его в руках, ходили от одного двора к другому, а когда заканчивали

кружить во дворах своего кишлака, шли в соседнюю деревню. Владельцы домов, увидев цветы, знаменовавшие наступление весны, радовались и в меру своих возможностей давали детям муку, пшеницу, чечевицу, горох или деньги. После хождения дети собирались в каком-то месте (во дворе), а женщины готовили собранную еду и приглашали людей на обед. Здесь устраивались песни, танцы и игры. Традиционная песня, исполненная на церемонии, называлась «Сияхгуш» и исполнялась она следующим образом. Один из детей начинал запев вслух перед всеми, держа в руках букетик цветов, а остальные в унисон декламировали четвертый куплет каждой песни. Иногда один-двое из детей присоединялись к певцам и играли на дутаре» [2, с. 28-29].

Описание Р. Амоновым текста песни в обряде «Гулгардони», являющееся своего рода этнолингвистической рефлексией, дает нам хорошее представление о том, как исполняется фольклорный текст. Сегодня, когда этот фольклорный текст не исполняется таким образом в той же среде, помогает объяснение Р. Амонова того, как этот текст исполнялся в то время. Представим текст полностью:

Сарбайтхон:	Солист:
Гули сияҳгуши секуша,	Подснежник трёхлистный,
Миёни гандум ғуза,	Хлопчатник средь пшеницы,
Дилат бар мо намесуза.	Ты не жалеешь нас.
Дигарон (ба ӯ ҳамроҳ шуда):	Остальные (хором):
Буҳори нав муборак бод!	С новой весной всех вас!
Сарбайтхон:	(И так далее)
Гули сияҳгуши қошгардон,	
Тавақ пур куна даст гардон,	
Буте бар дасти гулгардон.	
Дигарон:	
Буҳори нав муборак бод!	
Сарбайтхон:	
Гули сияҳгуш ҳафтрангай,	
Хуроки кавги дилтангай,	
Ҳамеша дар руяш ҷангай.	
Дигарон:	
Буҳори нав муборак бод!	
Сарбайтхон:	
Гул овардум ба меҳмонӣ,	
Ту қадри гул намедонӣ,	
Агар донӣ намехонӣ?!	
Дигарон:	
Буҳори нав муборак бод!	
Сарбайтхон:	
Чи лаклак ба Ҳисор омад,	
Ба ҳар шохи чанор омад,	
Зимистон буд, буҳор омад.	
Дигарон:	
Буҳори нав муборак бод!	
Сарбайтхон:	
Гули сияҳгуш ҳафтрангай,	
Миёни хору ҳам сангай,	
Ай у дилҳо хурсандай.	
Дигарон:	
Буҳори нав муборак бод!	
Сарбайтхон:	
Ай ин лангар ба у лангар,	
Алӣ домоди пайғамбар,	
Чи уштур мехура дангал.	
Дигарон:	
Буҳори нав муборак бод!	

Сарбайтхон:

Гули зардак сано мега,
Санои авлиё мега,
Ба ҳар хестан дуо мега!

Дигарон:

Буҳори нав муборак бод!» [2, с.29-30].

«Солист:

Подснежник трёхлистный,
Хлопчатник средь пшеницы,
Ты не жалеешь нас.
Остальные (хором):
С новой весной всех вас!
(И так далее)

В песне от начала и до конца описывается весна, Навруз, весенние цветы, природные ландшафты, в которых жили люди. Песня описывает ту же атмосферу их жизни. Если рассматривать песню строчка за строчкой, то можно почувствовать, как просто и проникновенно в ней отражена повседневная жизнь народа.

Я сам лично в детстве слышал о «Чтении стихов» от взрослых. Старейшины рассказали нам о способе ее исполнения, и теперь мы считаем уместным вспомнить их интерпретацию, чтобы лучше понять песню «Чтение стихов».

По словам наших дедушек и отцов, церемония «Чтение стихов» обычно начиналась вечером после ужина. Был запевала, у него был сладкий голос. Этот запевала был лидером группы «Чтение стихов». Этот сладкоголосый солист брал в руки букетик цветов «Сиявуш» и звал ребят. Эти группы по очереди ходили по домам жителей села. Как только кто-то подходил к воротам, начиналась приманка. Празднество начиналось. Одновременно, как только слышали пение, стар и млад той семьи, соседи выходили. Иногда жители нескольких семей собирались перед двором. В праздник сами певцы и жители Куляба, которые также все были одарёнными певцами, задавали жару.

Посмотрите, до сих пор эту песню и традиции «Чтение стихов» взрослые помнят, но спустя более 70 лет молодежь уже не помнит. Поэтому для изучения этнолингвистического аспекта этой песни необходимо напомнить ситуации прошлого.

В настоящее время, с одной стороны, быстро развиваются технические средства. С другой стороны, глобализация затрагивает традиции национальных культур. Поэтому необходимо, чтобы фольклористы и лингвисты совместно работали по сбору, изданию, обработке и изучению фольклорных произведений.

Таким образом, фольклорные тексты являются одним из важнейших источников этнолингвистики, благодаря которому можно найти ответы на многие актуальные лингвистические вопросы. Все тексты, хранящиеся в памяти людей или носителей языка, представляют собой своеобразную базу данных.

Рецензент: ***Мухаббатов А.*** – кандидат филологических наук, доцент, ТНУ.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абукаева, Л.А. Лингвистика и фольклористика: взаимосвязи и взаимодействие / Л.А. Абукаева // Вестник Марийского государственного университета. – 2015. – №1(16). – С.61-64.
2. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р.Амонов. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 346 с.
3. Афсонаҳои халқи тоҷик / Бозгӯянда Р.Амонов, бо иловаҳои Р.Раҳмонӣ. Пешгуфтор: Р.Раҳмонӣ. Афсона хонед. – Душанбе: Маориф, 2017. – 460 с.
4. Гацак, В.М. Сказочник и его текст (к развитию экспериментального направления в фольклористике) / В.М. Гацак // Проблемы фольклора. - М.: Наука, 1975. - С.44-53.
5. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давраи нав. Китоби 1, 2 / Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Китоби 1. – 704 с.; – Китоби 2. – 416 с.
6. Зеҳниева, Ф. сурудҳои маросими тӯи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. – Душанбе: Дониш, 1978. – 162 с.
7. Куллиёти фолклори тоҷик. Ҷ.І. Масалҳо ва афсонаҳо дар бораи ҳайвонот / Тартибдиҳандагон И. Левин, Ҷ. Рабиев, М. Явич. – М.: Главная редакция восточной литературы издательства, 1981. – 389 с. (Ба забони тоҷикӣ ва русӣ).

8. Муродов, Ф. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҳамосаи «Гӯрғулӣ» / Ф.Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 300 с.
9. Назарзода, С. Пажуҳише дар таърихи забони тоҷикӣ / С.Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2021. – 590 с.
10. Никитин, М.В. Курс лингвистической семантики. Учебное пособие. 2-е издание, дополненное и исправленное / М.В. Никитин. – СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И.Герцена, 2007. – 819 с.
11. Нурджанов, Н. Таджикский народный театр (по материалам Кулябской области) / Н.Нурджанов. – М.: Наука, 1956. – 340 с.
12. Нурджанов, Н. Театральная и музыкальная жизнь столицы государства Саманидов (XIX-XXвв.) / Н.Нурджанов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 288 с.
13. Раҳмонӣ, Р. Як афсона дар баёни чор насл (пажӯҳиш ва матни илмӣ) / Р.Раҳмонӣ. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – 64 с.
14. Раҳмонӣ, Р. Мавригӣ / Р.Раҳмонӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. А-М. – Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредасияи ЭМТ, 2015. – С.557-558.
15. Раҳмонӣ, Р. Оид ба пажӯҳиши масъалаҳои этнолингвистика ва фолклор / Р.Раҳмонӣ // Забон – ҳастии миллат (маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе: ДМТ, 2021. – С.25-42.
16. Раҳмонӣ Р. Лингвофолклористика, этнолингвистика ва фолклор (Масъалаҳои назарӣ) / Р.Раҳмонӣ – Душанбе: МДМТ, 2022. – 62 с.
17. Тилавов, Б. Таджикские пословицы и поговорки. [Опыт количественного анализа таджикского фольклора]. Т.2. (Исследование современного устного репертуара) / Б. Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 232с.
18. Толстой, Н. И. Язык и народная культура. Очерки по славянской мифологии и этнолингвистике / Н.И.Толстой. – М., 1995. – 512 с.

ПАЖУҲИШҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ДАР ФОЛКЛОРИ КӮЛОБ

Матнҳои фолклорӣ ҳангоми баён ва иҷро дорои хусусиятҳое буда, ба воситаи забон аз ҷониби гӯянда ба шунаванда расонида мешаванд, ки ба ин масъалаи муҳим таваҷҷуҳ бояд кард. Барои таҳқиқи он, пеш аз ҳама, бояд ба забони онҳо аҳамият дод. Таҳқиқи васеи забони матнҳои фолклорӣ барои мо розҳои матнро бештар ошкор месозанд. Матн ҳамчун раванди мураккаби нутқ бо нияту мақсадҳои муайян истифода мешавад. Дар он воситаҳои забонӣ ва усулҳои таъсиррасонӣ ба мисли мухотаб ба кор меравад, ки ин нуктаҳо низ диққати забоншиносонро ҷалб намудааст. Дар асоси равиши прагматикӣ метавон дид, ки ширкаткунандагони матн чӣ гуна ба ҳамдигар пайваст мешаванд. Дар гузаштаҳо матн фақат баён ё иҷро мешуд. Дар натиҷа хоҳу нохоҳ дар байни гӯянда ва шунаванда иртиботи зоҳирӣ ба вуҷуд меомад. Калиди асосӣ барои нақли матн ин забон аст. Маҳз забон аст, ки матнро ба дигарон интиқол медиҳад ва умри онро дароз менамояд. Аз ин ҷиҳат, дар рафти иҷро ё нақли матни фолклорӣ гӯянда метавонад ҳам ба мазмун ва ҳам ба шакли матн тағйирот ворид намояд. Ҳатто ӯ метавонад ба унсурҳои берун аз матн таъсир расонад. Унсури берунии матн асосан шунавандагони матн мебошанд. Шунавандагон метавонанд дар рафти баёни матн бо саволҳо ба матни аслӣ тағйирот ворид созанд. Аз ин рӯ, шахси мухотаб ба гӯяндаи матн иштирокчии бевоситаи раванди эҷодии гӯяндаи матн аст. Ҳатто шунаванда ҳангоми баёни баъдии матнҳо метавонад матни ба худаш муносибро интихоб намояд. Ба матн баҳо дода, барои умри бардавоми матн таъсир расонад. Дар замони мо низ ин гуна амал намудан нисабати матни фолклорӣ дида мешавад. Ҳамин тавр, матнҳои фолклорӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми илми этнолингвистика буда, аз тариқи он метавон ба бисёр масъалаҳои мубрами забоншиносӣ посух пайдо кард. Ҳамаи матнҳо, ки дар ёди мардум ё соҳибони забон маҳфуз мондаанд, як навъ хазинаи маълумот мебошанд.

Калидвожаҳо: этнолингвистика, фолклор, матнҳои фолклорӣ, гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб, гулгардонӣ, фарҳанги суннатӣ, сурудҳои маросимӣ, лингвофолклор.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ В КУЛЯБСКОМ ФОЛЬКЛОРЕ

Фольклорные тексты в процессе изложения и исполнения имеют особенности и посредством языка передаются от говорящего к слушателю, что является важным моментом, на который следует обратить внимание. Для того чтобы изучить фольклорные тексты, прежде всего нужно обратить внимание на их язык. Обширное изучение языка фольклорных текстов открывает нам тайны текста. Текст используется как сложный процесс речи с определенными намерениями. В нем используются языковые средства и методы воздействия, такие как адресат, и эти моменты также привлекли внимание лингвистов. На основе прагматического подхода можно видеть, как участники текста соединяются друг с другом. В прошлом текст только рассказывался или исполнялся. В результате неизбежно возникала внешняя связь между говорящим и слушающим. Ключом к передаче текста является язык. Это язык, который передает текст другим и продлевает его жизнь. В связи с этим в процессе исполнения или повествования фольклорного текста говорящий может вносить изменения как в содержание, так и в форму текста. Он даже может влиять на элементы вне текста. Внешним элементом текста является в основном аудитория текста. Слушатели могут вносить изменения в исходный текст, задавая вопросы. Таким образом, слушатель является непосредственным участником творческого процесса повествователя. Слушатель может выбрать подходящий текст для следующей презентации текстов. Оценив текст, он может повлиять на его долговечность. В наше время то же самое можно сказать и о тексте фольклора. Таким образом, фольклорные тексты являются одним из важнейших источников этнолингвистики, благодаря которому можно найти ответы на многие актуальные лингвистические вопросы. Все тексты, хранящиеся в памяти людей или носителей языка, представляют собой своеобразную базу данных.

Ключевые слова: этнолингвистика, фольклор, фольклорные тексты, региональные говоры Куляба, гулгардони, традиционная культура, сезонные песни, лингвофольклор.

ETHNO-LINGUISTIC STUDIES IN KULOB FOLKLORE

Folklore texts in the process of expression and utilization have features and are transmitted through the language from the speaker to the listener, which is an important issue that we should focus on. In order to study folklore texts, first of all, you need to pay attention to their language. An extensive study of the language of folklore texts reveals to us more about the secrets of the text. The text is used as a complex speech process with specific intentions and purpose. It uses linguistic means and methods of influence, such as the addressee, and these points have also attracted the attention of linguists. Based on a pragmatic approach, you can see how the participants in the text communicate with each other. In the past, the text was only recited or performed. As a result, an external communication inevitably arose between the speaker and the listener. The key to text transmission is language. In fact it is a language that transmits the text to others and prolongs its life. In this regard, in the process of performing or narrating a folklore text, the speaker can make changes both in the content and in the form of the text. It can even affect elements outside of the text. The external element of the text is basically the audience of the text. Listeners can make changes to the original text by asking questions. Thus, the listener is a direct participant in the narrator's creative process .The listener can even choose the appropriate text for the next narration of texts. By evaluating the text, it can affect its durability. In our time, the same treatment can be said about the text of folklore. Thus, folklore texts are one of the most important sources of ethnolinguistics, thanks to which one can find answers to many topical linguistic questions. All texts stored in the memory of people or native speakers are a kind of database.

Key words: ethnolinguistics, folklore, folklore texts, regional dialects of Kulob, gulgardoni, traditional culture, ceremonil songs, lingua-folklore.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Рустам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Сведение об авторе: ***Шодиев Рустам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Information about the author: ***Shodiev Rustam*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, the docent of the department of Iranian philology of the faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

УДК: 81´374, 81+811, 512 (2тоҷ)

ТАҲҚИҚИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОИИ АНТРОПОНИМИЯИ ТУРКӢ-МУҒУЛӢ ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Шаҳбози Рустамшо
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

«Таърихи Систон» яке аз маъхазҳои ғании номҳо дар насри форсу тоҷик ба шумор рафта, дар нимаи дуюми асри XI таълиф шудааст. Он асари таърихӣ-ҷуғрофӣ буда, маълумоти пуразиши таърихӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, динӣ ва этнолингвистиро дар бар мегирад. Пас аз мутолиаи асар ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муаллиф (он) ҳамчун шоҳиди воқеии ҳодисаҳои рухдода мебошад, чунки маълумоти саҳеҳ ва равшан дар бораи қаҳрамонҳои асосии асар доранд. Аз матни асар маълум мешавад, ки муаллиф зодаи Систон мебошад, зеро аз мавзеъҳои гуногуни ҷуғрофӣ ва қаҳрамонҳои марказии асар бо боварӣ сухан мекунад, ҳатто номи кӯчаҳои вилояти Систонро медонад ва санаҳои муҳимми таърихиро бо мисолҳои равшан шарҳ медиҳад. Дар бораи худи муаллифи асар чизе гуфта нашудааст.

Пеш аз ҳама, дар асар маълумоти афсонаву ривоятҳои асотирии динӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба тасвири ҳодисаҳои таърихӣ баён намудааст, ба мавриди оварда шудааст. Аз оғози асар, ки дар бораи таъсис додани Систон аз ҷониби Гаршосп сар карда, дар бораи ҳукмронии сулолаҳои Сосониён, Сомониён, Саффориён, Тоҳириён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Темуриён, ҳуҷуми арабҳо ба сарзамини Систон, ҷоришавӣ ва қабули дини мубини ислом, ҳукмронии хулафои Рошиддин, дар бораи ҷуғрофияи Систон ва вилояти Форс, маълумот дар бораи деҳаву шаҳрҳо, вилоят, водию кӯҳҳо, дарёву кӯлҳо, дарвозаҳои Систон, маҳсулоти зироатӣ ва ҳунармандони Систон маълумоти саҳеҳ ва равшан дода шудааст. Аз рӯйи мазмун ва рафти ҳодисаҳои асар маълум мешавад, ки воқеоти он ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абдулҳай Гардезӣ, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ ва дигар шоҳасарҳои таърихии асрҳои X-XII монандӣ доранд.

Лексикаи антропонимияи «Таърихи Систон» яке аз бахшҳои асосии асарро ташкил дода, корбасти он ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихӣ-ҷуғрофии сарзамини Систон вобастагии зич дорад. Истифодаи лексикаи асар сервазифа ва серистеъмол буда, аз ҷиҳати баромади антропонимия мансубияти забонии онҳо хеле ҷолиб аст. Аслан антропонимияи «Таърихи Систон»-ро номҳои гуногуни таърихӣ ташкил намуда, бештар номи шоҳону сарлашкарон, бузургону муфассирон, пайғамбарону саҳобагон, қонуншиносон, диндорон ва чеҳраҳои малакутӣ фаро гирифта будааст. Таърихи баромади антропонимияи асар гуногун буда, ба гурӯҳи мансуби забонҳои тоҷикӣ-эронӣ, яҳудӣ, арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва юнонӣ-румӣ ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз қабатҳои антропонимияи асарро номҳои туркӣ-муғулӣ касб менамоянд, ки дар асар ба мавриди истифода гаштаанд. Қисми зиёди антропонимияи туркӣ-муғулии асар мансуби номи подшоҳон, шоҳзодаҳо ва дигар қаҳрамонҳои асарҳои таърихӣ мебошанд.

Бо сабаби ҷойи сукунат қарор додани Осиёи Марказӣ аз тарафи халқиятҳои туркзабон аз давраҳои қадим ворид шудани калимаҳои туркӣ-муғулӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст, ки то имрӯз мавриди истифода қарор мегиранд. Академик Б.Ғ.Ғафуров қайд менамояд: «Аз асрҳои охирини то мелод ва аз ибтидои асрҳои мелод сар карда ба Осиёи Миёна дар баробари омадани гурӯҳҳои эронизабон, инчунин, қабилаҳои ғайриэронизабон, аз ҷумла, қабилаҳои туркзабон низ омадан мегиранд. Алалхусус, фақат дар давраҳои Хоқони турк ба Осиёи Миёна хеле зиёд қабилаҳои туркзабон омада, маскун гардиданд, аз асрҳои VI-VIII сар карда туркҳо дар таърихи этникии Осиёи Миёна мақоми муайяне пайдо кардан гирифтанд» ва дар замони Темур, ки дар натиҷаи он шаҳрҳои калон ва дарёҳо ба харобазор табдил ёфтаанд ва он ба некӯаҳволии мардуми Систон зарбаи сахт расонид. Пас аз забткориҳои муғул Систон дигар ба ҳолати аввала наомад. Истифодаи номҳои туркӣ-муғилӣ дар асари мазкур маҳз ба ҳамин ҳодисаи таърихӣ рабт дорад. Корбасти антропонимияи туркӣ-муғулӣ дар асар аз фасли ибтидои ҷулуси туркон бар Сиҷистониён, (с.274) оғоз мешавад ва то охири асар давом мекунад.

Яке аз қабатҳои забонии номҳоро вожаҳои туркӣ ташкил менамоянд, ки истифодаи он дар асар нисбат ба дигар номҳо камистеъмол мебошад. Дар асар номҳои туркии *Артош [Artāš], Байтуз [Baytuz], Тоҷуддин Юлдуз [Tāǰuddin Yldu z] ва Туғрул [Tuğrul], Юзтемур [Yuztemur]* ва ғайра истифода гардидааст.

Артош [Artāš]. Дар «Таърихи Систон» ин ном 22 маротиба зикр шуда, мансуби забони туркист ва яке аз амирони туркнажод мебошад. *«Боз миёни Байгу ва Артош хилоф уфтод ва Артош ногоҳ бозгашт ва сипоҳ бо ӯ ва Байгу низ бозгашт ва ба Систон омад»* [4, с.281]. Ин калима мураккаб буда, аз *Ар+тош* таркиб ёфтааст, ки дар луғатномаҳо ба се маъно шарҳ дода шудааст: «Тош. 1.доғи сурхест, ки бар рӯйи одам пайдо мешавад; 2. гуфт. шакли кӯтоҳшудаи тоаш; то ба ӯ, то ӯро (ба охири исмҳо ҳамроҳ шуда ҳамроҳиро мефаҳмонад). 3. унвони амирони турк» [17, с.366].

Бектуғдин [Baktuğdin]. Ин ном дар асар як маротиба зикр шудааст *«Ва андар омад шаби чаҳоршанбе, нимаи муҳаррами санаи исно ва иширина ва арбаъумиа (чорсаду бисту ду) ва аморату хутба Бектуғдин Ҳоҷибро доданд» [4, с.279].* Аз рӯйи сохт ин ном аз ҷузъҳои *Бек+туғ+дин [Bak+tuğ+din]* таркиб ёфтааст. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ қисми аввали ин антропоним *-бек*, ки ба анҷомаи антропонимсози туркӣ мансуб аст, чунин шарҳ ёфтааст: «Бек 1. т. таър. ҳокими шаҳру ноҳия, ки ба хон ё амир итоат мекард. 2.таър. унвони расмӣ ва фахрии ашроф, асилзода ва мансабдорони аморат, бег. 3.барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш дар охири номҳои мардона илова карда мешавад (мас. *Ҷурабек, Атобек, Абдуллобек* ва ғайра» [16, с.179]. Ҷузъи дуюми ин ном «туғ» мебошад, ки ба ду маъно шарҳ дода шудааст: «Туғ 1. мӯйи думи асп, ки ба нӯги чӯби байрақ мебастанд; байрақ. 2. т. гиёҳи алафӣ ва худрӯй, ки баргҳои байзавии хордор дорад; туғ. 3. дарахтест, ки ҳезуми он муддати дароз месӯзад» [17, с.367]. Ҷузъи сеюми ин ном *«-дин»* мебошад, ки хосси номҳои арабӣ буда, пайваста дар қисми зиёди ном ҳамчун анҷомаи антропонимсоз истифода мешавад. Аз рӯйи таҳлилҳо чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки Бектуғдин номи гибрид буда, аз ҷузъҳои туркӣ-арабӣ сохта шудааст.

Хотун [Hātun] антропоними занона буда, аз ҷиҳати сохт сода мебошад. Таърихи баромади калима муғулӣ мебошад ва маънои «кадбону», «хонум»-ро дорад. Дар асар ду маротиба зикр шуда, як маротиба исми хос ва як маротиба васфи зани турк ва номи зани Амир Бонаср мебошад: *«Ва Амир Бонаср ба Хуросон шуд ва Хотунро ба занӣ кард ва якчанд бибуд, з-он ҷо бозгашт»* [4, с.284].

Хотун дар забони туркӣ маънояш «бону, зани ҳоким» мебошад. Дар ҷойи дигар дар шакли «хоним» низ истифода мегардад, ки занҳои ҳокимони туркро одатан барои таъзим ва навозиш хоним, яъне «хонам, фармонфармоям» меномиданд. Бо мурури замон ин калима оҳанги маҷозии «азизам, нозанинам»-ро пайдо карда буд, яъне ба маънои «зани муътабар, зани зебо» ҳам меояд [2, с.146].

Вобаста ба ин, истифодаи «хотун», «хоним» ҷузъи номҳои занона буда, ба охири ном васл шуда маънои «кадбону, бону, зани ҳоким»-ро дорад. Ба монанди *«Кунун маро ҳеҷ амал намонд ва нахоҳаму накунам. Охир Сайидабону, модари амир Бӯҷаъфар гуфт: На туро шуғле бояд?»* [4, с.245].

Ҷузъи номи занонаи «бону» дар қадим як навъ муродифи занонаи шоҳ ба маънои «соҳиба, хоним» истифода мешуд. Яъне, ҳоким, шоҳро шаҳриёр ва зани вайро шаҳрбону мегуфтанд. Аз ин рӯ, маънои номи Бону «малика, хоним» мебошад [2, с.40-41].

Антропонимияи Хотун дар шакли Турконхотун низ истифода мешавад, ки аз ҷиҳати сохтор мураккаб буда, мансуби забони туркӣ мебошад ва аз решаҳои «Туркон» -туркон, «хотун» -малика иборат мебошад ва маънои «маликаи туркон»-ро дорад. Тарҷумаи номи мазкур «малика» мебошад [2, с.132].

Хоқон [Xāqān]. Ин ном дар асар як маротиба зикр шудааст:

«… Ҳар як бар сар басоки мурд ниҳода,
Лабаш майи сурху зулфу ҷаъдаш райҳон.
Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,
Баччаи хотуни турку баччаи Хоқон…» [4, с.249].

Муаллифон зимни таҳияи «Таърихи Систон» барои тасвир ва инъикоси ҷангу муборизаҳои ҳуҷуми муғул ба сарзамини Систон, ки яке аз мавзуъҳои меҳварии асари мазкур мебошад, аз номи шоҳон ва сарлашкарону ҷанговарони турк, хешу табор ва ё

шахсони наздики туркону муғулон истифода мебурданд. Яке аз антропонимияи маъмул ва машҳур, ки дар асари таҳқиқшаванда серистеъмол аст, ин Хоқон мебошад.

Хоқон дар луғатномаҳо ба се маъно шарҳ дода шудааст: «Подшоҳи бузург (аз луғоти туркӣ); дар қадим лақаби подшоҳони Чин ва Туркистон буд ва ҳоло бар ҳар подшоҳ итлоқ кунанд» [6, с.292]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шарҳи вожаи «Хоқон» ба маънои «Подшоҳи бузург, хони хонон, шаҳаншоҳ, лақаби подшоҳони турк ва муғул» оварда шудааст, ки мансуби забони туркӣ-муғулӣ мебошад [14, с.498].

Лозим ба ёдоварист, ки дар баробари лақаби Хоқон, ки мансуби шоҳон ва амирони турк аст, вожаи «Хон», ки шоҳро ифода мекард, истифода мешавад. «Хон» метавонад дар алоҳидагӣ ва ё ҳамчун ҷузъи антропонимсоз дар охири ном ва ё пеш аз он дар шакли танҳо ба монанди «**Хон Абоқо»** ояд, ки дар асари мазкур серистеъмол аст. Ҳангоми таҳқиқи маводи антропонимӣ дар таркиби чанд номвожаи туркии «Таърихи Систон» ба монанди *Абоқохон [Abāqāxān], Аргунхон [Arǧunxān], Ғозонхон [Ǧāzānxān], Чингизхон [Cingizxān], Ҳулогухон [Hulāguxān]* истифода шудааст.

Баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки Хоқон дар шакли Қоон низ истифода бурда шудааст. Шарҳи он дар луғатномаҳо чунин аст: «Хоқон шакли дигаргуншудаи «Қоон» аст, ки баъдҳо ба сабаби саҳулат дар талаффуз ба сурати «хон» даромад. Иллат он буд, ки туркон ҳарфи «қ»-ро наздик ба ҳарфи «х» талаффуз мекарданд… хоон – қоон ва хон унвоне аст, ки фармонравоёни турк бар худ мениҳоданд. Руасои қабоил ва элҳои турк низ унвони «Элхон» доштанд» [9, с.279]. Вожаи Қоон дар «Ғиёс-ул-луғот» ба чунин маъно омадааст: «Қоон бар вазни «сомон»; лафзи туркист; номи подшоҳи бас одил ва сахӣ ва оқил, писари Чингизхон ва ҳоло лақаби подшоҳи Туркистон ва маҷозан ҳар подшоҳи ҷалилулқадрро гӯянд (аз «Нафоис-ул-фунун» ва «Рашидӣ»)» [6, с.124]. «Қоон-лафзи муғулӣ, подшоҳи муғул» [14, с.699].

Ба ақидаи баъзе аз муҳаққиқон таърихи баромади вожаи «хон»-ро аз калимаи туркии xān «ҳоким, оқо, сарвар» ва хоқонро аз «qaγan», туркии куҳан «qapγan» ҳисобида, сарчашмаашро kāvakān-и эр.қ. ба шумор меоранд, иддаи дигар онро аз [kavkān<kavkavān] «ковковон, шоҳаншоҳ» ва баъзе аз чинии «huaŋ»- муштақ медонанд ва нафари чорум хонро аз «hāna»-ва хоқонро аз «hāhana»- (шакли афзоишёфтаи «hāna»-) маҳсуб дониста, решаи кулли онҳоро «han»- «гирифтан, дар ихтиёр гирифтан» шуморидаанд [8, с.1095-1096].

Чингизхон [Jingizhān]. Номи Чингизхон дар «Таърихи Систон» се маротиба зикр шудааст. *«Омадани расули Аҳмади Султон, ки аз насли Чингизхон буд»* [4, с.310]. Антропоними Чингизхон аз ҷиҳати сохт сохта буда, аз ду ҷузъ «Чингиз» ва «хон» иборат аст ва мансуби забони муғулӣ мебошад. Номшинос О.Ғафуров ин номро ба маънои «бузург ва тавоно» шарҳ додааст [2, с.152].

Мавриди зикр аст, ки анҷомаи антропонимсози «хон» бо илова намудани номи занона дар шимоли Тоҷикистон қобили қабул нест. Ба монанди *Оишахон, Фотимахон, Хадичахон* ва монанди инҳо. Дар гузаштаи дур ин унвон танҳо ба ҳокимони туркнажод дода мешуд. Аслан дар байни туркнажодҳо лақаби «хоқон» ва «хон» истифода мешавад, ки дар қисми зиёди сарчашмаҳои туркӣ «хоқон» ва «хон» як маъно доранд. Гузашта аз ин, муғулҳо подшоҳи худро «қоон» меноманд ва оҳиста -оҳиста ин лақаб ба хон мубаддал гашт [2, с.144-145].

Юзтемур [Yztemur]. Ин антропоним аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду ҷузъ «Юз» ва «темур» иборат мебошад. Дар фарҳангномаҳо ҷузъи аввали ин ном «Юз» ба маънои «1. як навъ ҷонвари даррандае, ки бо мақсади шикори оҳу ром карда мешуд»:

Раманда дадонро ҳама бингарид,
Сияҳгӯшу юз аз миён баргузид.

2. саги шикорӣ.

Ҳаме гашт гирди яке кӯҳсор,
Ҷаҳонанда юзу раманда шикор [17, с.460].

Номшинос О.Ғафуров номи Темурро мансуби забони туркӣ дониста, менависад, ки «дар туркӣ ба маънои «оҳан» меояд. Маънои маҷозии ном «мисли оҳан маҳкам», «матин» аст» [2, с.130].

Ин ном дар «Таърихи Систон» як маротиба зикр шудааст: *«Амир Тоҳир андар Буст шуд бе ҳеҷ ҳарбе ва куштане ва ӯро хутба карданд ва чанд гоҳ он ҷо бибуд ва ҳеҷ хабар надошт, то Юзтемур тохтан овард ва эшон гофил буданд»* [4, с.259-260].

Ин ном то имрӯз истифода шуда, бо илова гардидани анҷомаҳои номсоз дар шаклҳои гуногун корбаст гардидааст. Аз ҷумла, Темур [бек, бой, хон, шоҳ, ҷон], м. т-мустаҳкам, бадошт, мазбут; маҷ. пойдор, бардавом; айнан, оҳан; Амир, асосгузори давлати Темуриён, писари Тарағай ном сарвар аз қабилаи барлосҳо, ки модараш Нигинабону духтари Шароитулислом аз тоҷикони Бухоро буд. Ҳамчунин, антропоними Темурмалик низ мавриди истифода мебошад ва дар луғатномаҳо ба маънои «м-аз Темур ва Малик; номи қаҳрамони халқи тоҷик, сардори муҳофизони Хуҷанд аз ҳуҷуми муғулҳо» [12, с.290].

Аз 54 антропонимияи туркӣ-муғулӣ 1 номи занона ва 53 номи мардона корбаст гардидааст. Ин қабати номҳо дар қолаби гуногуни калимасозии антропонимияи туркӣ-муғулӣ сохта шудаанд.

Дар «Таърихи Систон» номҳои зерини туркӣ-муғулӣ истифода шудааст ва шумораи онҳо нисбат ба дигар номҳо зиёд аст. Аз ҷумла: *Абоқохон Урус [Abāqāhān Urus] [4, с.330], Абӯимрон Симҷӯр [Abōimrān Simĵōr] [4, с.322], Амир Ёқутӣ [Amir Yāquti] [4, с.323], Байтуз [Baytuz], [4, с.324], Бегу / Байгу [Beğu / Bayğu] [4, с.324], Бектукдӣ [Bektukdi], [4, с.324], Бугроҷӯг [Buğrāĵug] [4, с.324], Ирташ//Эртош [Ārtaš//Ārtaš] [4, с.325], Қарача-ноён [Qaraja nāyān] [4, с.326], Қаротегин [Qarātegin] [4, с.324], Китбуқо [Кибуқо-ноён] [Kitbuqā nāyān] [4, с.325], Ҷағатой [Ĵağatāy] [4, с.329], Ҷағрибек [Ĵağribek] [4, с.323], Ҷағрибек Довуд [Ĵağribekb Dāvud [4, с.332], Ҷурҷир [Грегориос] [Ĵurjir//Gregāriās], [4, с.332], Ҷурмогун-ноён [Ĵurmāğun nāyān] [4, с.332], Мункеду Саур [Munkedu Saur] [4, с.330], Ҳулогухон [Hulāguxān] [4, с.330], Сабуктегин [Sabuktegin] [4, с.324], Такӯдор / Никӯдор [Takōdār / Nikōdār] [4, с.329], Тоир Бӯқо [Tāir Bōqā] [4, с.330], Туғрул [Tuğrul] [4, с.330], Туғрулбек [Tuğrulbek] [4, с.323], Уғтой Қоон [Uğtāy Qāān] [4, с.330], Хон Абоқо [Xān Abāqā] [4, с.331], Чингизхон [Cingizxān] [4, с.330], Янолтегин [Yanāltegin] [4, с.326].*

Дар номҳои туркӣ-муғулии «Таърихи Систон» дар охири номҳо ҷузъҳои номсози туркӣ ба мавриди истифода шудааст, ки аз ҷиҳати сохтори калимасозӣ вижагиҳои луғавӣ-маъноиро доранд. Ҷузъҳои номсози номҳои туркӣ имрӯз дар байни тоҷикон низ роиҷ аст, ки дар номгузорӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Ҷузъҳои бердӣ (турк. айн. бидод), давлат тош (турк. санг), тағо(й) (турк. термини хешутаборӣ -бародар ё додари модар), турдӣ (турк. айн. истод), турсун (турк. айн. бигзор истад), тӯхта (турк. айн. ист)…

Яке аз вижагиҳои махсуси антропонимияи туркӣ-муғулии «Таърихи Систон» дар он аст, ки тарзи сохташавии ин қабати антропонимия бо илова гардидани анҷомаҳои номсози махсуси туркӣ дар аввал ва ё охири ном анҷом дода шудааст. Ин анҷомаҳои номсоз ба номҳои туркӣ мансуб буда, маъноҳои гуногун доранд. Яке аз чунин анҷомаҳо ин *«бек-», «-хон», «-тош», «-тегин»* мебошанд. Ба монанди: *Артош [Artāš] [4, с.281], Бобек [Bābek] [4, с.312], Бектуғдин [Baktuğdin] [4, с.279], Қаротегин [Qarātegin] [4, с.244], Сабуктегин [Sabuktegin] [4, с.263], Янолтегин [Yanāltegin] [4, с.303], Чингизхон [Jingizhān] [4, с.310]* истифода шудаанд.

Калимасозии антропонимҳои мардонаи туркӣ-муғулӣ ба воситаи унсурҳои номсози туркии *бек- [-бек[г], бой- [-бой], -тус, -ҷӯқ, -оқ, -гин, -той, -ҷир, -хон, қул- [-қул]* сохта шудаанд.

Сохтори морфологии ин навъи антропонимия гуногун буда, онҳо метавонанд дар аввал ва охири номҳо истифода шаванд. Ба монанди:

-тегин: Дар «Таърихи Систон» бо ҷузъи мазкур се ном-*Янолтегин // Ниёлтегин [Ynāltegin // Niyāltegin], Сабуктегин [Sabuktegin] ва Қаротегин [Qarātegin]* зикр шудааст, ки чандомади онҳо барои ҳар се ном 32 маротиба рост меояд. Дар луғатномаҳо ҷузъи «-тегин // тагин» ба маънои «қаҳрамон, паҳлавон, баҳодур» омадааст [12, с.284]. Дар баробари ин, тегин [tegin], унвон, дараҷа ба номҳои аъзоёни хурди оилаи хон ҳамроҳ шуда, номи шоҳзода месозад. Чунин номҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ хеле маъмул ва машҳуранд, ба монанди *Алптегин [Alptegin], Эсантегин [Esantegin], Жаруктегин [Žaruktegin], Киилтегин [Kiiltegin], Киимиистегин [Kiimiistegin], Оюлтегин [Āyltegin],*

Ойтегин [Āytegin], Озмистегин [Āzmistegin], Тоғатегин [Tāgategin] ва ғайра. Вобаста ба ин, чунин хулосабардорӣ намудан мумкин аст, ки агар ***-хон*** мансуби подшоҳони турк бошад, ***-тегин*** ба шоҳзодаҳои хурди муғул [Ш.Р.] мутааллиқ аст.

тош-//таш-: Ин ҷузъи антропонимсоз дар сохтани номҳои туркӣ серистеъмол буда, дар асари мазкур 3 ном оварда шудааст. Чандомади онҳо Артош (22 маротиба), Ирташ // Эртош (1 маротиба) ва Қаратош (1 маротиба) зикр шудааст. Дар асар Ирташ // Эртош, (ваф. 1048-49), бародари Иброҳими Янол ва бародарзодаи Туғрули Салҷуқӣ шарҳ дода шудааст [4, с.325].

Муҳаққиқон дар осори лексикографии худ ҷузъи «тош»-ро мансуб ба маънои санг медонанд. «Тош, уз.-санг, сангин» [12, с.293]. Тош дар сохтани номҳои гуногун истифода шуда, ҳам номи занона ва ҳам мардона месозад. Номшиноси маъруф Я.Ш.Самарқандӣ чунин номҳоро дар заминаи ҷузъи *-тош* меорад, ки овардани он ба мақсад мувофиқ аст. «Тош (*бибӣ, бону, гул, момо, ой* (номи занона); *алӣ, бадал, бек, бой, маҳмад, мирзо, мурод, муҳаммад, назар, пӯлод, темур, хоҷа, хӯҷа* (номҳои мардона) аз Тош ва пасвандҳои мазкур» [12, с.293] иборат аст.

Дар сохтани номҳои туркӣ-муғулӣ ҷузъҳои *«турсун-», «-бек»//-бой», «-қул//қул», «-хуҷа//хӯҷа//хоҷа», «тӯхта-//тохто-» «бек-» «бой-», «бердӣ-», «турдӣ-», «-тегин»* серистеъмол аст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ҷузъи номсози *«тош»* бо номҳои занона низ истеъмол мешавад, ки дар ҳама ҳолат «тош-» ба маънои санг омада, маънои номро ба ҷузъи дигари ном ифода менамояд. Масалан: *Тошгул//Тошгул [Tāšg´l//Tāšgul], Тошҷамол [Tāšĵamāl], Тошбинисо [Tāšbinisā], Тошбегим [Tāšbegim], Тошбибӣ [Tāšbibi]* ва ғайра.

Ҳангоми таҳқиқ ва омӯзиши маводи ҷамъовардашуда антропонимҳое бо ҷузъи номсози «-тош» 3 ном – *Ирташ // Эртош [Irtaš // Ertāš] [4, с.325], Артош [Artāš] [4, с.281], Қаротош ибни Туғонбеки Исо [Qarātāš ibni Tuğānbeki Isā] [4, с.304]* муайян карда шуд, ки аз ҷиҳати сохтори калимасозӣ гуногун мебошанд.

Анҷомаи антропонимсози «шоҳ//шаҳ» серистеъмол буда, дар номи Темуршоҳ низ меояд. Аслан ин ном аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду қисм «Темур» ва «шоҳ» таркиб ёфтааст. Дар луғатномаҳо анҷомаи «шоҳ», ки бо ном васл гардида, ифодакунандаи шоҳ мебошад, ҳамчун қароргоҳи *«шāҳ»* ва ё *«шāҳрдор»* ёд шудаанд. Мутеияти *«шāҳ»* ба *«шāҳан-шāҳ»* аз нигоҳи сиёсӣ ҳам аз катибаҳои сосонӣ ва ҳам аз матни «Нома-и Тансар» ба хубӣ ошкор мегардад. Қароргоҳи *«шāҳ»* ва ё *«шаҳрдāр»* воҳиди арзии маъруф ба *«шаҳристан»* мебошад [10, с.20].

Истифода ва мавқеи корбурди унвони «шаҳ» дар форсии миёна чунин аст: 1 пас аз номи шоҳон ва ё шаҳриёрон: Wištāsp šāh, Pābag šāh; 2 пас аз номи шаҳрҳо ва ё кишварҳо: Kirmān šāh, Kābul šāh; пас аз номи қабилаҳо ва халқҳо: sakān šāh, kurdān šāh… Дар форсии бостон: Darayawauš xšayaviya>Dārāi šāh [10, с.209].

Дар маҷмуъ, аз рӯйи сохтори калимасозӣ ва вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ антропонимҳои туркӣ-муғулии «Таърихи Систон»-ро ба антропонимҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора антропонимҳо ҷудо намудем.

Антропонимҳои сода: *Байғу [Bauğu] [4, с.28], Барғуш [Barğuš] [4, с.299], Богӯ [Bāğō] [4, с.306], Бӯрӣ [Bōri] [4, с.288], Бӯсоҷ [Bōsāĵ] [4, с.183], Ғузз [Ĝuzz] [4, с.300], Камшу [Kamšu] [4, с.311], Қоон [Qāān] [4, с.304], Қуноъ [Qunā'] [4, с.90], Ҷанҷӯ [Ĵanĵō] [4, с.306],Ҷарҳам [Ĵarham] [4, с.46], Ҷорду [Ĵārdu] [4, с.310], Макҷул [Makĵul] [4, с.255], Манк [Mank] [4, с.305], Туғрил [Tuğril] [4, с.289], Фарегун [Fareğun] [4, с.194], Фусайл [Fusayl] [4, с.325], Хоқон [Xāqān] [4, с.249], Хотун [Xātun] [4, с.284].*

Антропонимҳои сохта: *Артош [Artāš] [4, с.281], Бобек [Bābek] [4, с.312], Зотуруқ [Zāturuq] [4, с.167], Кадбуғонувин [Kadbuğānuvin] [4, с.322], Қароҷа [Qarāĵa] [4, с.303], Қилмиш [Qilmiš], [4, с.300], Ҷагрӣ [Ĵağri] [4, с.285], Ҷарҷир [Ĵarĵir] [4, с.70], Ҳазарӣ [Hazari] [4, с.289], Тамғоҷӣ [Tamğāĵi] [4, с.322], Туғон [Tuğān] [4, с.239], Туршез [Turšez] [4, с.311], Фатикӣ [Fatiki] [4, с.257], Чингизхон [Cingizxān] [4, с.310], Янолтегин [Yanāltegin] [4, с.303].*

Антропонимҳои мураккаб: *Қизилсореъ [Qizilsāre'] [4, с.297], Бектуғдин [Baktuğdin] [4, с.279], Буғроҷуг [Buğrāĵug] [4, с.267], Кадбуғонувин [Kadbuğānuvin] [4, с.305], Қаротекин [Qarātegin] [4, с.244], Қароарслон [Qarāarslān] [4, с.303], Қизилсореъ [Qizilsāre'] [4, с.297], Нагарнусак [Nagarnusak] [4, с.256], Сабуктегин [Sabuktegin] [4, с.263], Юзтемур [Yuztemur] [4, с.260].*

Ибора антропонимҳо: *Абоқохон Урус [Abāqāhān Urus] [4, с.330], Арсишоҳ Яноltегин [4, с.318], Қабҷии Ҳоҷиб [Qabĵii Hāĵib] [4, с.287], Қаротош ибни Туғонбеки Исо [Qarātāš ibni Tuğānbeki Isā] [4, с.304], Ҷагрибек Довуд [Ĵağribekb Dāvud [4, с.332], Мункеду Саур [Munkedu Saur] [4, с.330], Тоир Бӯқо [Tāir Bōqā] [4, с.330], Уғтой Қоон [Uğtāy Qāān] [4, с.330], Хон Абоқо [Xān Abāqā] [4, с.331], Юган Сунқур [Yuğan Sunqur] [4, с.312].*



Мавризи зикр аст, ки аз ҷиҳати сохторӣ-калимасозии номҳои туркӣ-муғулӣ ва туркӣ-ӯзбекӣ ҷузъҳои антропонимсози ба ҳам монанд, ки аз ҷиҳати маъноӣ-луғавӣ монандӣ доранд, истифода шудаанд. Ба монанди, *қул ба маънои ғулом, тош ба маънои санг, уроқ // ӯроқ ба маънои дос, қара ба маънои сиёҳ, қӯзӣ ба маънои гӯсфанд, бури // бӯрӣ ба маънои гург, қълич//қилич ба маънои шамшер, темур // тимур ба маънои оҳан, эга ба маънои соҳиб, узоқ//ӯзоқ ба маънои дур, ямоқ ба маънои дарбеҳ, уроз // ӯроз // ороз ба маънои бахт* ва ғайра серистеъмол аст.

Чунин тарзи номгузорӣ ва монанд дар қисме аз халқҳои Осиёи Миёна низ ба назар мерасад. Яке аз сабабҳои асосии истифодаи чунин номҳо, пеш аз ҳама, дар пайдоиши иҷтимоии ном, ҳамфикрӣ ва нуктаву назари ягонаи эшон ба муҳиту зиндагӣ, омехтагии аъзои оила ва расму оинҳо боис мегардад. Ин тарзи номгузорӣ ҷиҳати рушди таркиби луғавии забонҳои халқҳои Осиёи Миёна мусоидат менамояд.

Пас аз солҳои 80-ум корбасти номҳои туркӣ-муғулӣ дар баробари номҳои арабӣ ва гузоштани номҳои давраи бостонии форсӣ-тоҷикӣ, ки дорои маъноҳои зебову боназокат, фасеҳу пурмазмун аст, зиёд шуд.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии антропонимияи туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истифодаи номҳои туркӣ-муғулӣ нисбат ба дигар антропонимияи асар камтар буда, муаллиф зимни нишон додани ҳодисаҳои таърихӣ, ки бевосита дар Систон ба вуқуъ омадаанд, зикр намудааст. Қисми зиёди он мансуби номи подшоҳони турку муғул ва чеҳраҳои таърихӣ мебошад. Ҷойи зикр аст, ки Систон пас аз ҳуҷуми муғул аз як вилояти ободу зебо ба як харобазор табдил ёфт. Аксари номҳои зикршудаи туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» ба шакли пешина ва аслии он мувофиқат менамоянд, ки хусусияти таърихии асарро тасдиқ менамоянд. Дигар вижагии номҳои мазкур аз он иборат аст, ки дар заминаи калимасозӣ ва шарҳи маъноӣ-

луғавӣ ҳамчун номҳои сода, сохта, мураккаб ва антропоним-ибораҳо оварда шудааст. Таҳқиқу таҳлили маъноӣ-луғавии минбаъдаи онҳо барои ташаккул ва рушди забоншиносии тоҷик мусбат арзёбӣ мегардад.

Муқарриз: ***Абдусамадзода Э.*** – номзади илмҳои филология, дотсент, ДДК ба номи А.Рӯдакӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе, 1985. – 416 с.
2. Ғафуров, О. Маънои ҳозору як ном / О.Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1987. – 176 с.
3. Ёҳаққӣ, М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / М. Ёҳаққӣ. –Душанбе: Бухоро, 2014. – 748 с.
4. Имомов, М. Таърихи Систон / М.Имомов., А.Абдусаттор. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 352 с.
5. Мансури, Растагори Фасоӣ. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома». Ҷ.1. / Фасоӣ, Мансури Растагор. – Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369. – 594 с. (ба забони форсӣ).
6. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.1. - 480 с.; - 1988. - Ҷ.2. - 416 с.; - 1989. - Ҷ.3. - 304 с.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
8. Ҳасандӯст, М. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ / М. Ҳасандӯст. – Теҳрон, 1384. – Ҷ.1. - 585 с.; - Ҷ.2. - 1410 с.; - Ҷ.3. - 2080 с.; - Ҷ.4. - 2955 с.
9. Ҳусайн, Шаҳиди Мозандаронӣ. Фарҳанги «Шоҳнома». Номи касон ва ҷойҳо. Нашри Балх / Мозандаронӣ, Ҳусайн Шаҳид. - Бунёди Нишобур, 1337. - 814 с. (ба забони форсӣ).
10. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии асрҳои миёна / Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2011. - 192 с.
11. Самариддин, С. Номи диёр-таърихи диёр (Рисолаи илмию оммавӣ) //С. Самариддин. – Душанбе: Ирфон, 2000. - 91 с.
12. Самарқандӣ, Я.Ш. Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ / Я.Ш. Самарқандӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 392 с.
13. Фарзонаи, С. Фарҳанги ном / С.Фарзона. – Душанбе: Адиб, 2014. – 336 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М.: СЭ, 1969. – Ҷ.I. - 952 с.; - Ҷ.II. – 948 с.
15. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». – Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Душанбе, 2008. – 945 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. –Душанбе, 2008. – 950 с.
18. Шаҳбози Рустамшо. Мавзеъномаи «Таърихи Систон» / Рустамшо, Шаҳбоз. – Душанбе: Матбаа, 2018. – 120 с.
19. Шаҳбози Рустамшо. Номшиносӣ ва баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он (дар асоси маводи «Таърихи Систон») / Рустамшо, Шаҳбоз. – Душанбе: Матбаа, 2020. – 92 с.
20. Шаҳбози Рустамшо. Бархе аз вижагиҳои забонии «Таърихи Систон» / Рустамшо, Шаҳбоз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. - №1. – С.105-108.
21. Шарофзода, Г. Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ / Г.Шарофзода, С.Матробиён. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 184 с.

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОИИ АНТРОПОНИМИЯИ ТУРКӢ-МУҒУЛӢ ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Дар мақола хусусиятҳои луғавӣ-маъноии номҳои ашхоси туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи муаллиф, «Таърихи Систон» яке аз беҳтарин маъхазҳои насри форсу тоҷик ба шумор рафта, дар нимаи дуюми асри XI таълиф шудааст. Он асари таърихӣ-ҷуғрофӣ буда, он маълумоти пурқимати таърихӣ, ҷуғрофия, иқтисодиёт, фарҳанг, дин ва этнолингвистикаро фарогир аст. Ҳамчунин, маълумоти умумӣ дар бораи этнографияи сарзамини Форси Қадим дода шудааст. Чуноне муаллиф меафзояд, лексикаи антропонимии «Таърихи Систон» яке аз бахшҳои асосии асарро ташкил дода, корбасти он ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихӣ-ҷуғрофии сарзамини Систон вобастагии зич дорад. Истифодаи лексикаи асар сервазифа ва серистеъмол буда, аз ҷиҳати баромади антропонимҳо ва мансубияти забонии онҳо хеле ҷолиб аст. Аслан антропонимияи «Таърихи Систон»-ро номҳои гуногуни таърихӣ ташкил намуда, бештар номи шоҳон, бузургону муфассирон, пайғамбарону саҳобагон, қонуншиносон ва намояндагони аҳли ислом ва чеҳраҳои малакутӣ фаро гирифта шудаанд. Таърихи баромади антропонимҳои асар гуногун буда, ба забонҳои тоҷикӣ-эронӣ, яҳудӣ, арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва юнонӣ-румӣ ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз қабатҳои антропонимҳои асарро номҳои туркӣ-муғулӣ касб менамоянд, ки дар «Таърихи Систон» ба маврид истифода гаштаанд. Қисми зиёди антропонимҳои туркӣ-муғулии асар мансуби номи подшоҳон, шоҳзодаҳо ва дигар қаҳрамонҳои таърихӣ мебошанд. Мулоҳизаҳоро ҷамъбаст карда, муаллиф ба хулосае меояд, ки истифодаи номҳои туркӣ-муғулӣ нисбат ба дигар антропонимия камтар буда, муаллиф зимни нишон додани ҳодисаҳои таърихӣ, ки бевосита дар Систон ба вуқуъ омадаанд, зикр намудааст. Қисми зиёди он мансуби номи подшоҳони турку муғул мебошад. Ҷойи зикр аст, ки Систон пас аз ҳуҷуми муғул аз як вилояти ободу зебо ба як харобазор табдил ёфт. Аксари номҳои зикршудаи туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» ба шакли пешина ва аслии он мувофиқат менамоянд, ки ин хусусияти таърихии асарро тасдиқ менамояд.

Калидвожаҳо: антропонимия, туркӣ-муғулӣ, хусусиятҳои таърихӣ, хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, номгузорӣ, калимасозӣ, шарҳи маъно, чандомад, наср, вижагиҳо, воқеаю ҳодисаҳо.

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТЮРКО-МОНГОЛЬСКОЙ АНТРОПОНИМИИ В «ИСТОРИИ СИСТАНА»

В статье рассматриваются лексико-семантические особенности тюрко-монгольских имен в «Истории Систана». По мнению автора, «История Систана» - один из лучших источников персидско-таджикской прозы, написанной во второй половине XI века. Это историко-географический труд, содержащий ценную историческую, географическую, экономическую, культурную, религиозную и этнолингвистическую информацию. Есть также общие сведения об этнографии древней Персии. Как добавляет автор, антропонимическая лексика «Истории Систана» является одним из основных разделов произведения, и ее применение тесно связано с социально-экономическими и историко-географическими проблемами Систана. Использование лексики произведения многофункционально и широко, что очень интересно с точки зрения происхождения антропонимов и их языковой принадлежности. Фактически, антропонимы «История Систана» состоят из различных исторических имен, в основном имен королей, великих людей и комментаторов, пророков и сподвижников, правоведов и представителей мусульман и королевских деятелей. Совокупность антропонимов произведения разнообразна и может быть разделена на таджикско-иранский, иврит, арабский, тюрко-монгольский и греко-римский языки. Один из слоев антропонимов произведения - тюрко-монгольские имена, которые используются в «Истории Систана». Большинство тюрко-монгольских антропонимов произведения - это имена королей, князей и других исторических героев. Обобщая рассуждения, автор приходит к выводу, что тюрко-монгольские имена употребляются реже, чем другие антропонимы, и авторы данной работы ссылаются на события, происходившие в Систане. Большая часть его принадлежит именам тюркских и монгольских царей. Следует отметить, что Систан превратился из процветающей и красивой провинции в руины после нашествия монголов. Многие тюрко-монгольские имена, упомянутые в «Истории Систана», соответствуют своей первоначальной форме, что подтверждает исторический характер произведения.

Ключевые слова: антропонимия, тюрко-монгольский язык, исторические особенности, лексико-семантические особенности, словообразование, толкование значения, частота, проза, особенности, события.

LEXICO-SEMANTIC FEATURES OF THE TURKIC-MONGOLIAN ANTHROPONYMY IN THE «HISTORY OF SISTAN».

The article deals with the lexical and semantic features of the Turkic-Mongolian names in the "History of Sistan". According to the author, The History of Syston is one of the best sources of Persian-Tajik prose written in the second half of the 11th century. This is a historical and geographical work containing valuable historical, geographical, economic, cultural, religious and ethnolinguistic information. There is also general information about the ethnography of ancient Persia. As the author adds, the anthroponymic vocabulary of the "History of Sistan" is one of the main sections of the work, and its application is closely related to the socio-economic and historical-geographical problems of Sistan. The use of the vocabulary of the work is multifunctional and wide, which is very interesting from the point of view of the origin of anthroponyms and their linguistic affiliation. In fact, the anthroponyms "History of Sistan" are composed of various historical names, mainly the names of kings, great men and commentators, prophets and companions, jurists and representatives of Muslims and royal figures. The set of anthroponyms of the work is diverse and can be divided into Tajik-Iranian, Hebrew, Arabic, Turkic-Mongolian and Greco-Roman languages. One of the layers of the anthroponyms of the work is the Turkic-Mongolian names that are used in the "History of Sistan". Most of the Turkic-Mongolian anthroponyms of the work are the names of kings, princes and other historical heroes. Summarizing the reasoning, the author comes to the conclusion that the Turkic-Mongolian names are used less often than other anthroponyms, and the authors of this work refer to the events that took place in Sistan. Most of it belongs to the names of the Turkic and Mongol kings. It should be noted that Sistan turned from a prosperous and beautiful province into ruins after the Mongol invasion. Many Turkic-Mongolian names mentioned in the "History of Sistan" correspond to their original form, which confirms the historical character of the work.

Key words: anthroponymy, turkic-mongolian language, historical features, lexical and semantic features, word formation, interpretation of meaning, frequency, prose, features, events.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шаҳбози Рустамшо*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С.Сафаров-16. E-mail: **rustamshoh-90@bk.ru.** Тел.: **(+992) 988-49-10-10**

Сведение об авторе: ***Шахбози Рустамшо*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. E-mail: **rustamshoh-90@bk.ru.** Тел.: **(+992) 988-49-10-10**

Information about the author: ***Shahbozi Rustamsho*** - Kulob State University named after A.Rudaki, teacher of the Tajik language department. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov St.-16. E-mail: **rustamshoh-90@bk.ru.** Тел.: **(+992) 988-49-10-10**

УДК: 491.155:491.550

ШАРҲИ МАСОИЛИ ДАСТУРИ ЗАБОНИ ДАРИИ ТОҶИКӢ ДАР ПОЁБҲОИ ҚУЛЗУМИ ҲАФТУМИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ»-И ПОДШОҲИ ҒОЗӢ

Додаров О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шарҳи масъалаҳои марбути дастури забони дарии тоҷикӣ дар қаламрави гуногуни тоҷикнишин аз аҳди Сосониён, ки намунаи онро дар «*Фарҳанги Оим евак*» (*frahangi Oim-ewak*) дида метавонем, то охири асри XIX ва ибтидои асри XX идома ёфтааст. Афкору андешаҳои забоншиносии тоҷикӣ то асри VIII – то замони Хилофати араб, дар марҳилаи ташаккулёбӣ буд. Бояд таъкид кард, ки донишмандони эронитабор ҳамеша ба мутолиа, пажуҳиши забони хеш ва шарҳу тавзеҳи истилоҳоту таркибот, қоидаҳои дастури забон таваҷҷуҳ доштанд. Ин баррасиҳои забоншиносӣ дар пайравӣ аз анъанаю таҷрибаи забоншиносии Юнони қадим сурат мегирифт. Баъдтар тартибу усули фарҳангнигорӣ, шарҳи дастури забони дарии тоҷикӣ, асосан, зери нуфузу таъсири низоми грамматикии араб қарор гирифт. Дар манбаъҳо сабт аст, ки аз ибтидои Ислом ҳамаи донишмандони Арабу Аҷам, аз ҷумла тоҷикон, ба тадвини фарҳангҳои арабӣ, танзими қоидаҳои дастури арабӣ пардохта, дар илми луғат, сарфу наҳв, балоғат, маъонӣ, бадеъ, арӯзу қофия рисолаҳои зиёде навиштанд ва саҳми худро дар ташаккул ва таҳаввули филогияи араб гузоштанд. Донишманди эронӣ Ҳусайнқулии Котибӣ дар иртибот ба ин қазия мегӯяд: «Нависандагон ва муаррихин дар забони арабӣ таълифи китоб ва рисолат намуданд, монанди Ибни Муқаффаъ, Бадеуззамони Ҳамадонӣ, Ҷарири Табарӣ, Фахри Розӣ, Шайх Абдулқодири Ҷурҷонӣ, Истахрӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва садҳо ҳукамо ва фузалои эронинажод буда ва ба таври яқин боиси таъсиру нуфузи қавоиди лисонӣ ва нақли калимот ва истилоҳоти форсӣ ба арабӣ гардиданд» [26, с.31]. Дар воқеъ он заҳматеро, ки донишмандони эронитабор дар банизомдарории асосҳои дастури арабӣ кашиданд, дар роҳи тадвину танзими асосҳои дастури забони дарии тоҷикӣ сарф мекарданд, сарфу наҳви дарии тоҷикӣ беҳтарин китобе дар илми забоншиносӣ шинохта мешуд.

Анъанаи шарҳи масоили дастури забони дарии тоҷикӣ дар фарҳангҳо як давра қатъ гардида бошад ҳам, дар асрҳои IX – X баробари суст шудани низоми Хилофати араб ва пайдо шудани ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва ҷудошавии тадриҷии мадании халқҳои мутеи Хилофат анъанаи забоншиносии тоҷик аз нав эҳё гардид. Анъанаи забоншиносии тоҷик, ки дар аҳди Сосониён акнун дар фарҳангномаҳо сабт мегардид, дар замони Сомониён андаке густардатар гардид. Он, ҳарчанд ба сурати бахши алоҳидаи илм сурат нагирифт, аммо андешаҳои забоншиносии донишмандони алоҳида дар заминаи шарҳу тавзеҳи категорияву мавзуъҳои мантиқ, фалсафа, нақди адабӣ, арӯзу қофия, фарҳангҳои тафсирӣ ва рисолаҳои мусиқӣ баён шудаанд. Махсусан, шуруъ аз асри XV анъанаи шарҳи дастури забони дарии тоҷикӣ бештару беҳтар дар фарҳангҳои тафсирӣ ва дастурҳои омӯзишӣ идома ёфтааст. Мураттибони фарҳангҳои тафсирӣ дар баробари шарҳи маънои вожаҳо бинобар мавҷуд набудани рисолаю дастуре аз асосҳои қавонини сарфу наҳви дарии тоҷикӣ зарур донистанд, ки дар муқаддима ва ё хотимаи фарҳангҳо муҳимтарин қоидаҳои дастури забони дарии тоҷикиро шарҳу тавзеҳ диҳанд. Мувофиқи таҳқиқи профессор Д. Хоҷаев аввалин иқдоми ҷиддӣ дар ин бобат донишманди улуми адабӣ дар асри XIII Шамси Қайси Розӣ гузоштааст ва ӯ бо таълифи «*Ал-муъҷам*» ба таври сазовор бунёдгузори дастури забони адабии тоҷик ба шумор рафта, дар таърихи забоншиносии тоҷик мақоми волою арзандае дорад [16, с.155].

Пас аз «*Ал-муъҷам*»-и Шамси Қайси Розӣ, чунонки таъкид шуд, анъанаи шарҳи дастурии забони дарии тоҷикӣ дар фарҳангҳои тафсирӣ идома меёбад. Яке аз аввалин фарҳангҳое, ки дар қисмати муқаддимааш оид ба асосҳои дастури забони дарии тоҷикӣ шарҳу тавзеҳ оварда шудааст, «*Адот-ул-фузало*» (асри XIII) мебошад. Дигар фарҳанге, ки дар муқаддимаи он баъзе қайду тавзеҳи дастурӣ дида мешавад «*Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ*» (асри XV) аст. Шарҳи дастурии мухтасар оид ба асосҳои қонунҳои сарфу наҳви забони дарии тоҷикӣ ҳамчунин дар муқаддимаи фарҳанги «*Муайид-ул-фузало*» (асри XV) оварда шудааст.

Ин анъана, махсусан, дар асри XVII дар Шибҳиқораи Ҳинд хеле густариш ёфт. Дар ин қора ҳаводорони сухани дарии тоҷикӣ зиёд шуда, зарурати донистани асосҳои дастури ин забон пеш меояд. Ана ҳамин зарурати воқеӣ буд, ки дар охири асри XVIII дар сарзамини Ҳинд се фарҳанги пурмуҳтаво: 1) «*Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ*»; 2) «*Бурҳони қотеъ*»; 3) «*Фарҳанги Рашидӣ*» таълиф мегардад. Дар ин фарҳангҳо муҳимтарин мавзуъҳои дастури забони дарии тоҷикӣ баррасӣ шудаанд. Анъанаи шарҳи дастури забони дарии тоҷикӣ дар фарҳангҳои тафсирӣ, махсусан, дар асри XIX густариши бештар мегирад.

Яке аз ҳамин гуна фарҳангҳо луғати «*Ҳафт қулзум*»-и Подшоҳи Ғозӣ мебошад, ки соли 1815 таълиф шудааст. Фарҳанг аз ҳафт қулзум иборат буда, қулзум ба маънии баҳр аст ва дар ин луғат маҷозан ҷилдро фаҳмондааст. Мураттиби фарҳанг дар таснифи мавод ба бобу фасл ва зерфаслҳо аз калимоту истилоҳоти соҳаи об, чун: баҳр, наҳр, дарё, руд, соҳил, ҷӯй, чашма, обгир, поёб, маъбар, мавҷа, ҷиҳоз, сафина, заврақ ва ғайра истифода кардааст.

Луғати «*Ҳафт қулзум*» шарҳу тавзеҳи 22300 моддаи луғавиро дар бар мегирад. Қулзуми ҳафтуми луғат, яъне ҷилди ҳафтуми он шарҳи асосҳои дастури забони дарии тоҷикӣ, навъҳои адабӣ (назму наср), санъатҳои лафзию маънавӣ, арӯз ва қофияро фаро гирифтааст. Ин ҷилди луғат шаш баҳр буда, он ба ҳафт соҳил, 28 маъбар, 276 заврақ, 13 поёб, 7 обгир, 11 руд, 3 ҷиҳоз, 30 мавҷа ва 24 сафина тақсим мешавад. Масалан, заврақи панҷум «Дар баёни алифи отифа» ном дошта, муаллифи фарҳанг вазифаи миёнбандии садоноки «о»-ро бо байтҳое аз ашъори шоирон шарҳ додааст. Муаллифи фарҳанг дар шарҳи вазифаи дастурии ин миёнбанд, яъне ба таъбири ӯ «алиф»-и отифа мегӯяд: «Ва он («алиф»-и отифа -Д.О) миёни ду калимаи мутародиф дарояд, ба маънии «вов»-и отифа бувад, чунончи дар лафзи такопу, байт:

Мекард ба пои ҷон такопӯ,
Чун қатраи ашк дар раҳи ӯ.

Ва гоҳе миёни ду калимаи мутародиф дарояд, чун растохез ва гоҳе дар калимаи мутазод дарояд, чун шаборӯз. Мавлавӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ фармояд, байт:

Чу Юсуф ҳамнишин шуд бо Зулайхо,
Шаборӯзӣ қарин шуд бо Зулайхо» [9, с.32].

Дар қулзуми ҳафтуми «*Ҳафт қулзум*» як даста мавзуъҳои сарфу наҳви забони дарии тоҷикӣ дар бандҳое бо исми «поёб» шарҳ ёфтаанд. Ин поёбҳо сездаҳ адад буда, ҳар кадоме ба як мавзӯи дастури забони дарии тоҷикӣ рабт дошта ва аз нигоҳи илми забоншиносии муосири тоҷикӣ арзиши баланд дорад. Масалан, поёби аввал ба шарҳи бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ, ба таъбири муаллифи фарҳанг, азмори пушида, яъне ҷонишинҳои пушида, бахшида шудааст. Муаллифи луғат зимни ифодаи азмори пушида бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ ва бандакҳои феълию хабариро дар назар дорад. Масалан, барои шахси якуми танҳо -ам; шахси дуюми танҳо -ат; шахси сеюми танҳо -аш; соҳибият: -аш: ғуломаш – ғуломи ӯ, аспаш – аспи ӯ. Ин бандакҳо, - мегӯяд ӯ, маънии мафъул, яъне пуркунанда медиҳад, чунончи: мегӯядат, яъне туро мегӯяд; медиҳадат, яъне медиҳад туро.

Биёр наҷиб аст, ки мураттиби фарҳанг дар қатори бандакҷонишинҳо бандаки хабарии «аст» -ро махсус таъкид карда, онро барои рабти калом ва ифодаи ҳукм, яъне муносибати мухобиротӣ, муҳим донистааст.

Дар поёби дуюм, ки «Дар баёни ҳуруфи мураккабот» ном дорад, муаллифи фарҳанг омд ба якчанд пешоянду пасоянде чун воситаи алоқаи наҳвӣ ва ифодаи муносибатҳои дастурӣ хизмат менамоянд, андеша рондааст, ки аз нигоҳи дастури забон имрӯз ҳам арзиши муҳим доранд.

Ба гунаи мисол ӯ дар бораи вазифаи дастурии пешоянди «ба», «то» ва пасоянди «-ро» қазоват кардааст.

«Бо» - мегӯяд муаллифи фарҳанг, ҳарфест, ки фоидаи маънии мусоҳибият ва илсоқ (часпидан - О.Д.) кунад. Саъдӣ фармояд, байт:

Роят аз гарди роҳ роҳу ранҷу рикоб,
Гуфт бо парда аз тариқи итоб [9, с.33].

Дар бораи пешоянд – пайвандаки «то» ин тавр муҳокима кардааст: «То» ҳарфест, ки ҷиҳати огоҳӣ ва зинҳор ояд. Саъдӣ гӯяд, байт:

Эй ки шахсе миннати ҳақир намуд,

То дурушт̄и ҳунар напиндор̄и [9, с.32].

Яъне дуруштию фарбеҳиро ҳунар надон̄и.

Дигар, - мегӯяд муаллифи фарҳанг ин ҳарф (пешоянд-пайвандак) ба маънои ибтидо ояд, байт:

То хӯйи абру гул рухи ту кард шабнаме,
Шабнам шудаст сӯхта чу акси мотаме.

Муаллифи фарҳанг воқеан дуруст таъкид кардааст, ки пешоянд-пасванди «то» ҳам интиҳои амал ва ҳам сабаб (иллат)- ро метавонад, ки фаҳмонад, чунончи:

Осмон ҳар шаб зиреҳпӯш аст зи анҷум то саҳар,
То хаданги оҳи ман ба рӯй нагардад коргар [9, с.32].

Дар байти фавқ «то»-и мисраи аввал маънии интиҳоро фаҳмондааст, аммо дар мисраи дуюм «то» маънии иллат, яъне сабаб дорад.

Дар мисоли зер тибқи назари муаллиф пешоянд-пайвандаки «то» маънии давомнок̄и ва шартро фаҳмондааст.

То бақо дар ҷаҳон бувад, мумкин зоти покат ҳамеша боқ̄и бод.

Ин пешоянд-пайвандак бештар маънии шарт̄и дорад ва ин нуктаро муаддифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» низ таъкид карда, байтеро шоҳид овардааст:

То акси лаъли ёр наяфтад ба ҷоми мо,
Талх аст, соқиё, майи ишрат ба коми мо [9, с.32].

Пасванди -ро дар забони адабии муосири тоҷик̄и пуркунандаи бевоситаро сурат медиҳад, яъне мафъулеро мефаҳмонад, ки мушаххас аст. Ин вазифаи дастурии пасванди «ро»-ро таъкид карда, гоҳе ифодаи маънии изофат кардани онро бо ин байт нишон додааст:

Касон нашуд новак андар ҳарир,
Ки гуфт̄и бад-ӯ занад сандон ба тир [9, с.32].

Дар фарҳангҳои тафсирии пешин ба маънии «барои» омадани пасоянди «ро» таъкид шудааст ва муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» низ ба ин маън̄и омадани пасванди «ро» бо байте таъкид кардааст:

Худоро ба мани бедил бибахшо̄й,
Ба рӯйи ман даре аз лутф бикушо̄й.

Ҳарфи -ро (пасванди -ро) ба маънии «аз» низ дар осори манзум мустаъмал аст ва муаллифи «*Ҳафт қулзум*» бо байте аз Шайх Саъд̄и бо ин маън̄и омадани ин пасвандро таъкид кардааст:

Қазоро ману пире аз Форёб,
Гузаштан дар хоки мағриб ба об [9, с.32].

Поёби сеюм «Дар баёни ҳуруфи мураккаби дохил̄и, ки ҳусн ва зинати каломро оранд» ном дошта, муаллифи фарҳанг дар бораи вазифаҳои дастурии «мар», «бар», «фаро», «фурӯ», «сар», «ор», «ҳаме». Чунончи:

Мар: *Мар дар арсаи кибриёву ман̄и,*
Ки мулкаш қадим аст ва зоташ ган̄и.

Бар: *Оташе дар дили манн шуъла бар афрухта буд,*
Дида гар об намерехт, дами сӯхта буд.

Фаро: *Фаро рафт, гуфт: эй аҷаб кин тӯ̄и,*
Фаришта набошад бад-ин некӯ̄и.

Фурӯ: *Замин аз тоб ва ларза омад сутӯҳ,*
Фурӯ куфт бар доманаш мех кӯҳ.

Ҳаме: *Ҳаме рафтию дидаҳо дар пеш,*
Дили дӯстон карда ҷон бар хеш.

Ор: *Зи дидорат пӯшидаст дидор,*
Мабин дидор, агар дидор дор̄и [9, с.33].

Поёби чаҳорум «Дар баёни калимоте, ки маънои худованд (соҳибият - О.Д.) кунад» унвон дошта, муаллиф дар бораи пасвандҳои -манд, -гор, -гар, -ур қазоват карда, мисолҳои зеринро овардааст: хирадманд, арҷманд, мустаманд, хидматгор, ситамгар, ганҷур, ранҷур, муздур.

Поёби панҷум «Дар баёни алфозе, ки маънои фоил кунад» ном дорад. Дар ин поёб муаллиф дар бораи пасвандҳои исми фоилсоз бо мисолҳо суҳбат карда аст: -гар: камонгар,

заргар, оҳангар, косагар; -он: хандон, гирон; -ор: харидор, фурӯхтор; -гор: ситамгор; -шор: саршор, обшор; -сор: шармсор: -анда: хӯранда, зананда, кушанда, баранда; -чӣ: нақорчӣ, танбурчӣ, боварчӣ.

Муаллифи фарҳанг таъкид кардааст, ки ин лафз, яъне «чӣ» туркӣ аст.

Поёби шашум «Дар баёни алфозе, ки маънои анбӯҳӣ ва бисёрӣ кунад» номида шудааст. Дар ин поёб оид ба пасвандҳои макону фаровонӣ сухан рондааст. Албатта маълумоти овардаи муаллиф нав нестанд, аммо ҳамон анъанаи донишмандони гузаштаро идома дода, бо пасванди -лох калимаҳои санглох, девлох, рудлох, бо -сор калимаҳои намаксор, шохсор, куҳсор, бо -бор калимаҳои дарёбор, рудбор, ҳиндубор; бо -истон калимаҳои гулистон, бустон, шабистон, дабистон; бо -дон: калимаҳои қаламдон, сурмадон, наргисдон; бо -када калимаҳои майкада, ғамкада, табкада ва ғ. овардааст.

Дар поёби ҳафтум пасвандҳоеро овардааст, ки ба калима маънои монандӣ медиҳанд, чунончи:

-Дас: Надид ва набинад туро ҳеҷ кас,
Гаҳ разммасалу гаҳ нармдас.

-Дес: Чи қадар оварад бандаи ҳурдес,
Ки зери қабо дорад андоми пес.

-Ваш: Биёр соқӣ он май, ки румиваш аст,
Ба ман деҳ, ки табъам чу зангӣ хуш аст.

-Ван: истерван, палван, форван.

-Ванд: Худованд, пӯлодванд, пайванд.

-Ованд: хешованд, яъне монанди хеш.

-Осо: шеросо, мардосо.

-Вор: ғуломвор, хоҷавор.

-Сон: шерсон, бабрсон.

-Сор: хоксор, намаксор, сангсор.

Поёби ҳаштум «Дар баёни алфозе, ки маънои лаёқат кунад» номгузорӣ шуда, дар бораи се пасванд: -вор, шоҳвор, гӯшвор, ҷомавор; -она: шоҳона, бузургона, ҳакимона, мардона; -гон: шойгон, ройгон маълумот дода шудааст.

Пасвандҳое, ки ба калима маънии муҳофизат медиҳанд, дар поёби нуҳум матраҳ шудааст.

Муаллифи фарҳанг дар бораи пасванди бон чунин қазоват кардааст: -бон чун дарбон ва сорбон ба маънои нигоҳдорандаи дар ва нигоҳдорандаи сор, яъне шутур ва филбон.

Ба ин қатор боз ду пасванди дигар: -дор ва -вон-ро дохил карда, калимаҳои чидадор, роҳдор; паҳлавон ва бандивонро мисол овардааст.

Дар поёби даҳум танҳо дар бора иду пасванд: -нок ва -гин, муаллиф онҳоро «Алфозе, ки барои иттисоф» мегӯяд, сухан кардааст. Маънии иттисоф сифат кардан ё ба сифате мавсуф будан мебошад. Ва чун шоҳид вожаҳои ғамнок, дарднок, бимнок, хатарнок; андӯҳгин, ғамгин, хашмгин, саҳмгин.

Дар поёби ёздаҳум, ки поёби охир аст, муаллифи фарҳанг дар бораи як даста пасвандҳое маълумот медиҳад, ки маънои нисбат медиҳанд ва аксари онҳо имрӯз дар забони тоҷикӣ дар истеъмол нестанд, чунончи: -ин: симин, зарин; -ок: фағок мансуб ба фағ, ки номи бут аст ва ҳамчунин мағок мансуб ба мағ; -он: Ирон, Турон, Кошон, Пирон; -она: рӯзона, солона, моҳона, нурона, ҳисобона; -уба: Роҳуба падари Исҳоқи муҳаддис мансуб ба роҳ, яъне дар роҳ таваллуд шуда буд; Мушкуба мансуб ба мушк, зеро ки хушхулқ буд; Амруя мансуб ба Умар, зеро ки ҷадаш Умар ном дошт; Бобуя мансуб ба боб, яъне падару бобо; Себуя шогирди Халили наҳвии маъруф мансуб ба себ, зеро ки рухсорааш чун себ сурх буд.

Дар хотимаи ҳамин поёби ёздаҳум чанд пасвандеро овардааст, ки ба калима маънии ранг медиҳанд. Мисли -дом, -фом, -гуна, ҷарда, ки имрӯз аз истеъмол баромадаанд. Ҳамчунин дар хотимаи поёби ёздаҳум таъкиде дида мешавад бо исми «фоида». Муаллиф зимни фоида чунин андешаеро, ки дар фарҳангҳои пешин ҳам баён гардидааст, иброз намудааст: «Чун ду калимаро бо ҳам мураккаб гардонанд ва охири калимаи аввал ва аввали калимаи охир аз як ҷинс боша два ё қарибулмахраҷ охири калимаи аввалро ҳазф кунанд, чун сапедев, ки дар асл сапеддев аст» [9, с.33]. Ва гоҳе, - мегӯяд муаллифи фарҳанг идғом кунанд чун шапар дар шабпар [9, с.31].

Хулоса, муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» анъанаи шарҳи дастури забони тоҷикиро, ки мураттибони фарҳангҳои пешин ба мисли «*Адот-ул-фузало*» (асри XV), «*Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ*» (асри XV), «*Муайид-ул-фузало*» (асри XVI) ва муаллифони фарҳангҳои «*Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ*», «*Бурҳони қотеъ*», «*Фарҳанги Рашидӣ*» такмил додаанд, идома додааст.

Албатта, аксар шарҳу тавзеҳе, ки муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» овардааст, нав нестанд, аммо ӯ ин шарҳу эзоҳро бо усули нав гоҳе бо ихтисор ва гоҳе бо такмилу иловаҳо матраҳ сохтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Кит. II. Забон ва замон. – Душанбе, 2020. – 431 с.
2. Абуалӣ Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1980.
3. Абуалӣ Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1983.
4. Аҳадов, Ҳ. Фарҳанги Рашидӣ – ҳамчун асари лексикографӣ / Ҳ.Аҳадов. – Душанбе: Дониш, 1981.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1981. - 383 с.
6. Дастурнома дар сарфу наҳви забони форсӣ. Таълифи доктор Муҳаммад Ҷаводи Машкур. – Теҳрон, 1981. – 383 с.
7. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 2017. – 340 с.
8. Ғиёсов, Н. Сӣ мақола / Н.Ғиёсов. – Хуҷанд, 2014. – 300 с.
9. Ғозиуддин Ҳайдар Подшоҳи Ғозӣ. Ҳафт қулзум. - Лакҳнав, 1822. - Қулзуми ҳафтум. – С.32-36.
10. Исмонов, К. Андешаҳои забоншиносӣ дар нахустин фарҳангномаи арабӣ – «Китоб-ул-айн» / К. Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. - №3. - С.11-15.
11. Мирзоёров, Ф.Н. Грамматические комментарии в таджикских толковых словарях XVI XIX вв.: автореф. дисс. канд. филол. наук / Ф.Н. Мирзоёров. – Душанбе, 2011. – 22 с.
12. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. – Душанбе, 1987. – 480 с.
13. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. – Душанбе, 1988. – 416 с.
14. Мамадназаров, А. Станавление и развития таджикской переводной лексикографии XX и начала XXI вв. / А.Мамадназаров. – Душанбе, 2016. – 416 с.
15. Амлоев А.Д. Словооброзование имен существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева: автореф. дисс. канд. филол. наук / А.Д. Амлоев. – Душанбе, 2014. – 30 с.
16. Д. Хоҷаев. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Хоҷаев, Д. – Душанбе, 2013. – 344 с.
17. Додаров О. Масъалаҳои забоншиносӣ дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ / О.Додаров. – Душанбе, 2019. – 152 с.
18. Додаров О. Шарҳи изофат дар луғати «Ҳафт қулзум» / О.Додаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. - №4. - С.47-51.
19. Илёсов Ф.Б. Лингвистические взгляды Насируддина Туси: автореф. дисс. канд. фило. наук / Ф.Б. Илёсов. – Душанбе, 2019. – 152 с.
20. Капранов В.А. К истории таджикской лексикографии / В.А. Капранов // Известия отдл. обществ. наук АН Таджикской ССР. - 1956. - №9.
21. Азам Гатбизаде Аббасали. Аффиксалное словообразование имен прилагательных в «Шахнаме» Абулькасыма Фирдоуси: автореф. дисс. канд. филол. наук. – Душанбе, 2013. – 24 с.
22. Шамс Қайс Розӣ. Ал-муъҷам. – Душанбе, 1991. – 463 с.
23. Шоев, Э. Суффиксальное словаоброзование относительных имен прилагателных в совриенном таджикском литературном языке (на примере суффикса -ӣ) (гӣ-вӣ): автореф. дисс. канд. филол. наук / Э.Шоев. – Душанбе, 1984. – 19 с.
24. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998. – 116 с.
25. Ҳумоюнфаррух, А. Дастури ҷомеи забони форсӣ / А.Ҳумоюнфаррух. – Теҳрон, 1339 ҳ.
26. Ҳусайнқулии Котибӣ. Таърихи мухтасари насри форсӣ. - Табрез, 1948. – С. 7-48.
27. Муҳаммад Ҷаводи Шариат. Дастури забони форсӣ. – Теҳрон, 1375 ҳ.

ШАРҲИ МАСОИЛИ ДАСТУРИ ЗАБОНИ ДАРИИ ТОҶИКӢ ДАР ПОЁБҲОИ ҚУЛЗУМИ ҲАФТУМИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ»-И ПОДШОҲИ ҒОЗӢ

Муаллифи мақола шарҳу тавзеҳе, ки дар поёбҳои қулзуми ҳафтуми фарҳанги «Ҳафт қулзум»-и Подшоҳи Ғозӣ оид ба масъалаҳои дастури забони дарии тоҷикӣ дида мешавад, бозгӯ намуда, арзиши онҳоро аз диди забоншиносии муосири тоҷикӣ баррасӣ кардааст. Фарҳанги «Ҳафт қулзум» аз ҷумлаи фарҳангҳоест, ки комилан ба моҳият ва муҳтавои илми забоншиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Мувофиқи таълимоти Абунасри Форобӣ илми забон аз ду қисм иборат аст: аввал фаро гирифтани алфозест, ки дорои маънӣ аст ва шинохтани ҳудуди далолати он алфоз; дигаре, шинохтани қавонини ин алфоз. Муаллфи фарҳанги «Ҳафт қулзум» дар шаш қулзум, яъне шаш ҷилди фарҳанг ана ҳамон алфози забони дарии тоҷикӣ ва ҳудуди далолати маънии он алфозро нишон дода, дар қулзуми ҳафтум қавонини ин алфозро матраҳ сохтааст. Аз ҷумла дар ёздаҳ поёб муҳимтарин вазифаҳои дастурии як даста пешванду пасвандҳоро ба мисолҳои мушаххас нишон додааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки пеш аз шарҳи вазифаҳои дастурии як даста пасванду пешвандҳоро бо мисолҳои мушаххас нишон додааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки пеш аз шарҳи вазифаҳои дастурии пешоянди «бо», пешоянд-пайвандаки тобеъкунандаи «то», пасванди -ро ва пешвандҳои бар-, фаро-, фурӯ-, ҳаме-, пасвандҳои -ор, -гар, -сор, -анда, -чӣ, -осо, -вар, -сон, -гон, -она маълумоти

хеле муҳим додааст. Ғайр аз ин, муаллифи фарҳанг як чанд пасвандҳоеро бо мисолҳо зикр кардааст, ки имрӯз дар истеъмол нестанд, чунончи: -дас, -ваш, -ванд, -ованд, -шор, -уба, -ҷарда. Албатта, аксари қайду тавзеҳи муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» нав набуда, такрори фарҳангҳои пешинанд, аммо муҳим ин аст, ки ӯ анъанаи шарҳи дастури забони дарии тоҷикиро дар фарҳангҳои тафсирӣ дар асри 19 идома додааст ва онро шаклу усули тоза баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: дастур, забон, поёб, фарҳанг, муаллиф, маънӣ, калима, шарҳ, тавзеҳ, анъана, забоншиносӣ, пешванд, пасванд, пайвандак, пешоянд, алфоз, баён, баррасӣ, дарӣ, тоҷикӣ.

КОММЕНТАРИЙ К РУКОВОДСТВУ ТАДЖИКСКОГО И ДАРИ ЯЗЫКОВ В ИСТОКАХ СЕДЬМОГО КУЛЗУМА «СЕМЬ КУЛЗУМОВ» ЦАРЯ ГОЗИ

Автор статьи подробно останавливается на найденных по следам истока седьмого кулзума словаря «Семь кулзумов» царя Гази, разъяснениях по вопросам грамматики таджикского языка дари и обсуждает их ценность с точки зрения современного таджикского языкознания. Культура «Семиречья» - одна из культур, полностью соответствующих сущности и содержанию языкознания. Согласно учению Абу Насра аль-Фараби, наука о языке состоит из двух частей: другой, признающей законы этого языка. Автор словаря «Хафт кулзум» в шести кулзумах, т.е. шести томах словаря, показывает тот же диалект таджикского языка дари и пределы его смыслового значения, а в седьмом кулзуме рассуждает о правилах этого алфавита. В частности, на одиннадцати позициях он на конкретных примерах показал важнейшие задачи префиксов и суффиксов. Примечательно, что он приводит объяснения относительно грамматических задач целого ряда префиксов и суффиксов. Примечательно, что перед описанием инструкции к заданию приставки «с», приставочно-подчинительного союза «до», суффикса -ро и приставок бар-, фаро-, фуру-, все-, суффиксов -ор, -гар, -сор, -анда, -чи, -осо, -вар, -сон, -гон, -она приведена очень важная информация. Кроме того, автор словаря упоминает ряд окончаний с примерами, которые сегодня не употребляются, например: -дас, -ваш, -ванд, -ованд, -шор, -уба, -ярда. Конечно, большинство комментариев автора словаря «Семь кулзумов» не новы, они являются повторением предыдущих словарей, но важно, что он продолжил традицию толкования грамматики таджикского и дари языков в толковых словарях XIX века и рассмотрел их в новой форме.

Ключевые слова: руководство, язык, истоки, словарь, автор, значение, слово, комментарий, традиция, языкознание, префикс, суффикс, ссылка, префикс, язык, выражение, таджикский и дари языки.

COMMENTARY ON THE MANUAL OF THE TAJIK AND DARI LANGUAGES IN THE ORIGINS OF THE SEVENTH KULZUM “SEVEN KULZUMS” OF KING GOZI

The author of the article dwells in detail on the explanations on the grammar of the Tajik Dari language, found in the traces of the source of the seventh kulzum of the dictionary "Seven kulzums" of King Gazi, and discusses their value from the point of view of modern Tajik linguistics. The culture of Semirechye is one of the cultures that fully correspond to the essence and content of linguistics. According to the teachings of Abu Nasr al-Farabi, the science of language consists of two parts: the other, recognizing the laws of this language. The author of the dictionary "Haft kulzum" in six kulzum, i.e. six volumes of the dictionary, shows the same dialect of the Tajik Dari language and the limits of its semantic meaning, and in the seventh kulzum he talks about the rules of this alphabet. In particular, on eleven positions, he showed the most important tasks of prefixes and suffixes with concrete examples. It is noteworthy that he gives explanations regarding the grammatical problems of a number of prefixes and suffixes. It is noteworthy that before describing the instructions for setting the prefix “s”, the prefix-subordinating conjunction “do”, the suffix -ro and the prefixes bar-, faro-, furu-, all-, suffixes -or, -gar, -sor, -anda , -chi, -oso, -var, -sleep, -gon, -very important information is given. In addition, the author of the dictionary mentions a number of endings with examples that are not used today, for example: -das, -vash, -vand, -ovand, -shor, -uba, -yarda. Of course, most of the comments of the author of the Seven Kulzum dictionary are not new, they are a repetition of previous dictionaries, but it is important that he continued the tradition of interpreting the grammar of the Tajik and Dari languages in explanatory dictionaries of the 19th century and considered them in a new form.

Key words: manual, language, origins, dictionary, author, meaning, word, commentary, tradition, linguistics, prefix, suffix, reference, prefix, language, expression, Tajik and Dari languages.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додаров Оятулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Нуробод. **Суроға:** 737450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: (**+992) 918-67- 94-41**

Сведение об авторе: ***Додаров Оятулло*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, начальник отдела образования Нуробадского района. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: (**+992) 918-67-94-41**

Information about the author: ***Dodarov Oyatullo*** **-** Tajik National University, candidate of philological sciences, Head of the Education Department of the Nurobod district. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-67-94-41**

УДК: 811.21/.22 (575.3)

КОРБУРДИ ДАШНОМУ ТАҲҚИР ДАР “ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ”-И АБУЛФАЗЛИ БАЙҲАҚӢ

Абдулҳадов Ҷ.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Таърихи Байҳақӣ” шоҳкори насри форсӣ дар сабки хуросонӣ аст. Ин шеваи таърихнигорӣ нишон аз қудрати нависандагии Байҳақӣ дорад, ки мадюни солҳо китобат ва дабирӣ дар дарбори Маҳмуд ва Масъуд аст. Байҳақӣ таърихнигорӣ ва вижагиҳои ашхос ва маниши ҳар фард ва одобу русуми роиҷи ҳар синфу растаро бисёр зебову шево баён мекунад, то хонанда авҷи лаззати ҳунарӣ ва адабиро дарк кунад” [8, с.22].

Худи Абулфазли Байҳақӣ перомуни арзиши таърихии асараш чунин гуфтааст: “Дар дигар таворих чунин тулу арз нест, ки аҳволро осонтар гирифтаанд ва шаммае беш ёд накардаанд, аммо ман чун ин кор пеш гирифтам, мехоҳам, ки доди ин таърих ба тамомӣ бидиҳам ва гирди завоё (гӯшаҳо - А.Ҷ.) ва хабоё (пӯшидаҳо - А.Ҷ.) баргардам, то ҳеҷ чиз аз аҳвол пӯшида намонад. Ва агар ин китоб дароз шавад ва хонандагонро аз хондан малолат афзояд, тамаъ дорам ба фазли эшон, ки маро аз мубримон (печидагӯён - А.Ҷ.) нашмаранд, ки ҳеҷ чиз нест, ки ба хондан наярзад, ки охири ҳеҷ ҳикоят аз нуктае, ки ба кор ояд, холӣ набошад” [4, с.9].

Алиакбари Деҳхудо дар “Луғатнома”-и хеш чунин нигоштааст: “Ман дар Шоҳнома” истиқсо (ҷустор - А.Ҷ.)-и комил кардаам, аммо баъд аз “Шоҳнома”, се китоб ҳаст, ки бояд дар тамоми калимот, балки тамоми ҳуруфи он, татаббуъ (пажӯҳиш - А.Ҷ.) ба амал ояд ва умру вақти ман иҷозат накард ва бар ояндагон аст, ки ин вақиба (вазифа - А.Ҷ.)-ро адо кунанд ва ин се китоб: “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” *(яъне, тарҷумаи китоби “Ҷомеъ-ул-баён фӣ тафсири-ул-Қуръон”-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ - А.Ҷ.)*, тарҷумаи “Таърихи Табарӣ *(ин асари Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (соли даргузашт 922) дар асл “Таърих-ур-русул ва-л-мулук” ном дошта, вазири равшанзамири Сомониён Абуалӣ Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ (писари Абулфазли Балъамӣ) бо дархости Абусолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (961-976) аз арабӣ ба порсии дарӣ баргардон кардааст)* ва таърихи Абулфазли Байҳақӣ аст” [2, с.7]; [3, с.74]; [10, с.170]; [11, с.410].

“Таърихи Байҳақӣ” бештар аз он ки таърих бошад, як матни адабӣ аст, ки мазмуни таърихӣ дорад. Пас ҷойи шигифте нест, агар бубинем, ки на танҳо имрӯз, балки аз гузаштаҳо “Таърихи Байҳақӣ” дар Эрон бештар аз он ки абзори кори таърихдонон ва таърихнависон бошад, дар дасти пажӯҳандагони адабиёт дида шуда ва китоби рӯйимизии адибону адабдӯстон будааст.

Дар адабиёти классик бисёре аз нависандагон, таърихнигорон, дабирон ва шоирон бо истифода аз тавоноиҳои забони порсӣ барои бозгӯии дақиқи саргузаштҳо ва гардишҳои рӯзгори подшоҳону вазирон ва дарбориёну бозаргонону сарватмандон ва оммаи мардуми кӯю барзан, вожагон ва ибораҳоеро, ки дашному носазо ба шумор меомаданд, борҳо ба кор бурдаанд. Бозгашт ба нигоштаҳои куҳан марзу андозаи ношинохтаи ин мавзуъро бозшинохта мекунад. Бисёр шунидаем, ки забони порсӣ забони шоирона аст. Баҳрабардории моҳирона ва ҳунармандона аз суханони зишту нописанд ва носазогӯӣ дар навиштаҳои назму наср ин гуфтаро бозгӯ мекунад.

Баррасии дашному таҳқир дар осори адаби куҳан, ҳисоби Убайди Зоконӣ комилан ҷудост. Ба ин далел, ки забони кори ӯ танз буда ва он навъи танзи иҷтимоӣ, ки бо мақсади накуҳиш аз фармонравоёни замона ва масоили душвориҳо ва гирифториҳои иҷтимоӣ ва сиёсии замони худаш гузиниш мекунад, чорае ҷуз баҳрабардорӣ аз он суханон ва он вожагонро надоштааст.

Ҷалолуддини Каззозӣ чунин мегӯяд: “Убайд паҳлавоне аст, ки бо теғи тези танз, ки захмаш ҷоншикоф ва ҷоншикор аст, номардумону девхӯёнро аз пой меандозад. Ӯ ҳамдаст ва ҳампушт бо хоҷаи бузург ба ситезии беамон бо муҳтасиб (маъмури ҳукумат, ки вазифааш даъвати дигарон ба корҳои хуб ва боздоштан аз корҳои бад ё ба сухани дигар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст - А.Ҷ.), ки намоди солусу риё (мардуми дурӯяву зоҳирнамо ва фиребдиҳандаву дурӯғгӯ бошад - А.Ҷ.) аст, бармехезад” [5, с.170].

Баргардем ба сухани пешин, ки перомуни дашному таҳқир дар “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ аст. Абулфазли Байҳақӣ худ дар ин бора чунин ривоят кардааст: “Ва донам, ки сахт нохушаш ояд ва маро муттаҳам медорад, муттаҳамтар гардам ва сақат *(дашном- А.Ҷ.)* гӯяд, аммо раво надорам, ки ба ҳеч ҳол насиҳат боз гирам” [4, с.442].

Ҳангоме ки дар бораи “Таърихи Байҳақӣ” сухан мегӯем, ба зоҳир чунин гумон меравад, ки Абулфазли Байҳақӣ бо он талоше, ки дар нигоштани таърих дошта ва бо он ҳама ростию дурустӣ ва кӯшиш дар кор, равон нест, ки дар асари арзишманди худ дареро барои дашному таҳқир боз карда бошад. Баростӣ чунин ба нигар мерасад, ки таърих ҳам, ки дар ниҳоди худ фарогири хабару паёмрасонӣ ва ситоиш аст, наметавонад бо базлагӯию масхара кардан, созгор бошад.

Дар ин мақола равшан хоҳем кард, ки ин гуна нест. Абулфазли Байҳақӣ аз ин шева, яъне дашному таҳқир ҳангоми баёни рӯйдодҳо истифода кардааст ва ин нуктаро ҳам бояд зикр кард, ки дашному таҳқир на аз забони худи таърихнигор, балки аз забони дигарон гуфта шудааст. Аз таърихномаҳои ҳамрӯзгори Байҳақӣ мисли “Таърихи Гардезӣ” (ё “Зайн-ул-ахбор”)-и Абусаид Абдулҳайи Гардезӣ ва таърихномаи нигорандааш ношинохта “Таърихи Систон”, ки бо ришханду таъна баён гардида бошад, нест.

Вожаи “дашном – دَشنام” ё “душном – دُشنام ” дар луғат ба ин маъно омадааст: “(аз: душ = дуж, бад + ном) ба маънои исми бад, дар паҳлавӣ, душном ба маънои номи бад. Дар асл “душтном” аст, “душт” ба маънои “зишт” ва “ном” иборат аз алқоб ва хитоб. Номи зишт, фаҳш, носазо, сарзаниш, таъна, буҳтон ва лаънат. Бо лафзи гуфтан, кардан, додан, задан, фиристодан ва кардан мустаъмал аст. Аттор дар “Асрорнома” чунин гуфта:

Яке пурсид аз он шӯрида айём,
Ки ту чӣ дӯст дорӣ? Гуфт: “Дашном”.
Ки ҳар чизи дигар, ки медиҳандам,
Ба ҷуз дашном миннат мениҳандам” [11, с.294].

Вожаи “таҳқир” бошад дар луғат ба ин маъно омадааст: “иҳонат, тавҳин, беҳурматӣ, хорӣ, хурд ангоштан, хор доштан, пастӣ, забунӣ, носазо” [11, с.188].

Дар “Таърихи Байҳақӣ”, мисли ҳар асари адабии дигар, вақте забон дар равиши мантиқи худ аз кор фурӯ мемонад, танз оғоз мешавад. Ниҳоят ин аст, ки маломатро ба ҳангоми тундӣ ва ришханду масхара карданро замони нармӣ ба кор мегирад ва ҳардуро, албатта, барои таъсири бештар. Чун гуфтаҳомон бе поя набошад, нахуст ин ҷумлаҳоро ҳамчун гувоҳ меоварем, ки ормон аз ин ибораи “саги қарматӣ” аст, ки чун дашном ва ё носазо дониста мешавад: “Бусаҳлро тоқат бирасид, гуфт: «Худовандро киро кунад, ки бо чунин саги қарматӣ, ки бар дор хоҳанд кард ба фармони амирулмуъминин чунин гуфтан?» Хоҷа ба хашм дар Бусаҳл нигарист. Ҳасанак гуфт: «Саг надонам кӣ будааст, хонадони ман ва он чи маро будааст аз олат ва ҳишмат (дастовез ва бузургворӣ - А.Ҷ.) ва неъмати ҷаҳониён донанд. Ҷаҳон хӯрдам ва корҳо рондам ва оқибат кори одамӣ марг аст, агар имрӯз аҷал расидааст, кас боз натавонад дошт, ки бар дор кушанд ё ҷуз дор, ки бузургтар аз Ҳусайни Алӣ наям. Ин Хоҷа, ки маро ин мегӯяд маро шеър гуфтааст ва бар дари сарои ман истодааст. Аммо ҳадиси қарматӣ беҳ аз ин бояд, ки ӯро боздоштанд бад-ин туҳмат, на маро ва ин маъруф аст, ман чунин чизҳо надонам” [4, с.174].

Ин маврид аз назари таърихӣ ҳарчанд ба замони Байҳақӣ марбут намешавад, аммо ба ҳар ҳол чизе аст, ки бо қалами вай нигошта шуда ва аз забони ӯ гуфта шудааст.

Дар маҷлиси султон бо ҳузури хоҷа Ҳасани Маймандӣ *(Абулҳасан ал-Қосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ ё ба кӯтоҳӣ Аҳмади Маймандӣ (соли даргузашт 1032), ки ба ӯ унвони ифтихории “Шамсулкуфот” (яъне, марди комилу доно ва кордон) дода буданд, вазири дарбори Ғазнавиён дар давраи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писараш Масъуди Ғазнавӣ буд. Ӯ пас аз Абулаббоси Исфароинӣ ба вазорат расид. Маймандӣ забони форсиро, ки пеш аз он дар давраи Исфароинӣ забони расмии дарбори Ғазнавиён шуда буд, барандохт ва дубора забони арабиро забони расмии дарбор кард – А.Ҷ.)*, вақте бо кӯшиши Бусаҳл, Ҳасанакро бо беҳурматии тамом меоваранд, ҳама аз рӯйи эҳтиром пеши ӯ хоҳу нохоҳ бармехезанд: “Бусаҳл бар хашми худ тоқат надошт, бархост на тамом (нимхез шуд - А.Ҷ.) ва бар хеш межакид *(аз рӯйи хашму ғазаб зери лаб сухан гуфтан - А.Ҷ.)*. Хоҷа Аҳмад ӯро гуфт: Дар ҳама корҳо нотамомӣ! (хомӣ, ноқисӣ - А.Ҷ.) Вай нек аз ҷой бишуд” [4, с.174].

Санъати таҷнис ё ҳамҷинссозӣ, ки дар ду калимаи кӯтоҳ ва маънодор “на тамом” ва “нотамом” мавҷуд аст, сухани таҳқиромез ва носазо ба шумор мераванд.

Яке аз шеваҳои дигар дар “Таърихи Байҳақӣ”, танзпардозӣ ва пожном, яъне лақаб додани киноямез ба одамон аст. Ин шева яке аз табиитарин равишҳо дар миёни ҳамагон буда ва дар ҳамаи давраҳои таърихӣ ҳам ривоҷ доштааст. Мардумон аз касоне, ки хушашон намеояд, пожноми (лақаби) киноямез медиҳанд.

Он сон ки пайдост, корбурди ин гуна пожномҳо ё лақабҳо дар ҷомеаи ҷоҳилӣ ва асри нузули Қуръон ҳам сахт роиҷ буда ва душвориҳо дар ҷомеа эҷод мекардааст. Аз ин рӯ, дар Қуръони карим (Сураи Ҳуҷурот, ояи 11). ошкоро нораво дониста шудааст, ки:

"يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا يَسْخَرْ قَوْمٌ مِنْ قَوْمٍ عَسَى أَنْ يَكُونُوا خَيْرًا مِنْهُمْ وَلَا نِسَاءٌ مِنْ نِسَاءٍ عَسَى أَنْ يَكُنَّ خَيْرًا مِنْهُنَّ وَلَا تَلْمِزُوا أَنْفُسَكُمْ وَلَا تَنَابَزُوا بِالْأَلْقَابِ بِئْسَ الِاسْمُ الْفُسُوقُ بَعْدَ الْإِيمَانِ وَمَنْ لَمْ يَتُبْ فَأُولَئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ."

Тарҷума: “Эй касоне, ки имон овардаед, набояд қавме қавми дигарро ришханд кунад, шояд онҳо аз инҳо беҳтар бошанд ва набояд заноне занони [дигар]-ро [ришханд кунанд] шояд онҳо аз инҳо беҳтар бошанд ва аз якдигар айб магиред ва ба ҳамдигар лақабҳои зишт мадиҳед чи нописандида аст номи зишт пас аз имон ва ҳар кӣ тавба накард, онон худ ситамкоранд” [12].

Пажӯҳандаи эронӣ Муҳаммадризо Аслонӣ дар шинохти маънои вожаи “танз” чунин нигоштааст: “Танз дар асл вожаи арабӣ аст ва дар вожа маънои масхара кардан, айб кардан, таъна задан, сухан ба рамуз гуфтан ва бо истеҳзо аз касе сухан гуфтан мебошад... дар истилоҳи адабӣ танз ба навъи хоссе аз осори манзум ё мансури адабӣ гуфта мешавад, ки иштибоҳот ё ҷанбаҳои номатлуби рафтори башарӣ, фасодҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ё ҳатто тафаккуроти фалсафиро ба шеваи хандадор ба чолиш мекашад” [14, с.22].

Маҳмуд Ҳакимӣ пажӯҳандаи дигари эронӣ чунин нигоштааст: “Бузургони дигаре чун Саноӣ, Аттор, Фирдавсӣ ва Мавлавӣ низ дар ашъори худ риёкориро маҳкум мекунанд, аммо ҳаҷву тамасхури инсонҳои покниҳодро амали зишт мешуморанд. Дар таърихи адабиёти форсӣ буданд шоироне ҳамчун Саноӣ, Носири Хусрав ва Сӯзанӣ, замоне ки рақибонро ҳаҷв мекарданд, вале пас аз муддате тавба карданд. Сӯзании Самарқандӣ, ки муддатҳо бо хаданги ҳаҷву бадгуӣ руҳи инсонҳоро озурда сохта буд, баъд аз зиёрати Байтулҳаром аз хоби гарон бедор шуд ва зимни тавба аз корҳои гузаштаи худ, савганд хӯрд, ки дигар бо ҳайсият ва обрӯи ҳеч инсоне бозӣ накунад” [15, с.6].

Бунёд ё пояи танз бар шӯхӣ ва ханда аст. Аммо ин ханда, хандаи шӯхӣ ва шодмонӣ нест. Хандае аст, талху ҷиддӣ ва дарднок ва ҳамроҳ бо сарзаниш ва камобеш занандаву нешдор, ки бо эҷоди тарсу бим, хатокоронро аз хатои худ огоҳ месозад, то костиҳо ва зиштиҳое, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ, падид омадааст, бартараф шаванд.

Гурбузе аз гурбузон ва харе аз харон گُربُزی از گربزان و خری از خران - Алиакбари Деҳхудо вожаи “гурбуз”-ро чунин шарҳ додааст: гурбуз (گُربُز) – зирак, маккор; дар асл аз ду вожа - “гург” ва “буз” аст, яъне гурге, ки худро дар либоси буз ҷилва диҳад [11, с.458].

“Дар саройҳои Маҳмуд ҳомили зикртар аз ин ду тан кас набуд, лекин ҳар ду далеру мардона омаданд, Ғозӣ гурбузе аз гурбузон ва Арёруқ харе аз харон!” [4, с.61]. Гурбуз: “Ва дигар офат он буд, ки сипоҳсолор Ғозӣ гурбузе буд, ки иблис лаънатуллоҳ ӯро ришта бартавонистӣ ёфт” [4, с.216].

Гурги пир گرگ پیر - “Бархост ва ба девон рафт ва сахт андешаманд буд ва ин гурги пир гуфт: Қавме сохтаанд, аз маҳмудиву масъудӣ ва ба ағрози (ҷамъи ғараз, яъне кина, душманӣ, бадандешӣ - А.Ҷ.) хеш машғул, Эзид азза зикруҳ (ёди ӯ гиромӣ бод - А.Ҷ.) оқибат ба хайр кунад” [4, с.226]; “Аҳмад Абдуссамад, кадхудой Олтунтош: “Ин гурги пир ҷанги пешини рӯз бидида буд ва ҳоли заъфи худовандиш, дар шаб кас фиристода буд наздики кадхудойи Алитагин, Маҳмудбек ва пайғом дода ва нишонаҳо додаву намуда ва гуфта, ки асли таҳаввуру тааддӣ (бебокию ситамгарӣ - А.Ҷ.) аз шумо буд, то султон Хоразмшоҳро ин ҷо фиристод” [4, с. 233]; “Амир гуфт: Ин сахт нек тадбиру рой будааст, мадад бояд кард ва аз мо умед дод, ин гурги пир, то он кор чун ҷанг сохта ояд дар чаҳор-панҷ моҳ» [4, с.739].

Ибораи “гурги пир” дар шеъри шоирони бузург низ ба кор рафтааст: Бидеҳ то равам бар фалак шергир, Ба ҳам барзанам доми ин гурги пир (Ҳофиз); Зи борон куҷо тарсад он гурги пир, Ки гургина пушад ба ҷойи ҳарир (Низомӣ).

Албатта бояд гуфт, ки ин таъбир дар забони Абулфазли Байҳақӣ ба маънои манфӣ ба кор нарафтааст, яъне “гурги пир” киноя аз одами “пири ҷангдида”, “корозмуда” ва “дунёдида” аст. Чизе шабеҳи он чи имрӯз мегӯем “гурги борондида ё болондида”.

«Ибораи ба таъбир бадалшуда ё ҳукми таъбиргирифтаи “гурги борондида” маҳсули эҷоди мардум аст, зеро он аз шумори халқиёт аст ва ҳамчун мардумгуфта (фразеологизм) асрҳо аз паси аср, то бад-ин рӯзон даҳон ба даҳон миёни мардум ҳифз шудааст. Халқиёт бе ҳеҷ шакке, маҳсули баровардаи мардум аст, новобаста аз донишвар будан ё набудани ӯ, рӯшантар: буруноварди оммаи мардум дур аз донишу фарҳанг аст. Донишварон бавижа шоирон, ки румузфаҳмтару нуктабаёнтаранд, халқиёт, ин гуфтаҳову бофтаҳои мардумиро дар пироҳани бадеият пардоз додаанд. Аз ин ҷиҳат, халқиётро, ки шоирон аз омма барчидаанд, метавон ба исми “мардумгуфтаҳо дар либоси бадеият” унвон кард, чун онҳоро мардум дар таҷрибиҳуд аз муҳит эҷод кардаанд ва шоирон бо тарзи зеботари сухан дар силки шеър кашидаанд» [1, с.65].

Ғуломборагӣ غلام‌بارگی - амрадпарастӣ, шоҳидбозӣ, бачабозӣ. Ғуломборагӣ дар навиштаҳои динии зардуштӣ наздикӣ ва мубоширати нарина бо нарина (лавот) гуфта шудааст. Дар оини эрониёни бостон низ ин кор бисёр зишт буда ва анҷомдиҳандагони онро деви комил дониста ва дар китобҳои динӣ гуноҳи онро марг ва дӯзахро ҷойгоҳи ғуломборагон ёд кардаанд. Дар «Вандидод» (ё дар асл вай-дев-дод), ки аз вожаи авастоии «даивадота- دَئِوَ داتَ» ба маънии қавонин бар зидди дев ё палидӣ аст, яке аз наскҳои панҷгонаи Авастои имрӯзӣ аст ва бештар ба аҳкоми фиқҳӣ, шомили масоили беҳдоштӣ ва оинӣ мепардозад. Вандидод аз решадортарин ва бунёдитарин бунмояҳои устураҳои динии эрониҳо аст. Зардушт аз Маздо мепурсад: «Кадом мард аз девҳо ба шумор меравад?» Маздо посух медиҳад: «Марде, ки бо нарина наздикӣ кунад ё наринаро ба худ бипазирад» [7, 124 -126].

“Бунуаймро (بونُعَیم -аз ҳамнишинон ё надимони султон Масъуд, ки дар асари беэҳтиётӣ ва бешармӣ дар маҷлиси шаробхӯрӣ, мавриди ғазаби Султон Масъуд қарор гирифт - А.Ҷ.) гуфт: ба ғуломборагӣ пеши мо омадай? Ҷавоби зафт *(дурушт, сахт – А.Ҷ.)* боз дод ва сахт устох (густох, нотарс, бепарво, - А.Ҷ.) буд, ки: Худованд аз ман чунин чизҳо кай дида буд? Агар аз банда сер шудааст, баҳонае тавон сохт ширинтар аз ин. Амир сахт дар хашм шуд, бифармуд, то пойи Бунуаймро гирифтанд ва бикашиданд ва ба ҳуҷра боз доштанд” [4, с.403].

Кажафкору газофгӯй كژافكار و گزافگوی - Кажафкор - касе, ки андешаи норост дорад, каҷандеш, каҷфикр; газофгӯй; лофзани беҳудагӯ [11, с.458].

“Ва Ҳасирӣ ҳар чанд марде аст, кажафкору газофгӯй, пир аст ва ҳаққи хидмат қадим дорад...” [4, с.159].

Кашхонак / Кашхонон كشخانک/ كشخانان - беғайрат, даюс, шахсеро гӯянд, ки зани ӯ ҳар чӣ хоҳад кунад ва ӯ чашм аз он пӯшида дорад [10, с.179].

“Ин кашхонак ва дигарон чунон мепиндоранд, ки агар ман ин шуғл пеш гирам, эшонро аз ин вазирӣ пӯшида кардан биравад” [4, с.142]; “Ин кашхонон Аҳмади Ҳасанро фаромӯш кардаанд, бад-он, ки якчанде майдон холӣ ёфтанд ва даст бар раги вазире оҷиз ниҳоданд ва эшонро забун гирифтанд.” [4, с. 156]

Қаввод قوّاد - шахсе, ки зани рӯспӣ ё танфурӯшро ба кор мегуморад ё ба мардон муаррифӣ мекунад; воситаи шаҳватронии дигарон [10, с.179].

“Амир ба зуҷрат (андуҳ - А. Ҷ.) гуфт, ин қаввод Музаффарро ба по бояд овехт” [4, с.430].

Қавводон قوّادان - “...амир сахт дар тоб шуд ва ҳар дуро сард карду дашном дод ва гуфт: Шумо ҳама қавводон забон дар даҳони якдигар кардаед ва намехоҳед, то ин кор барояд, то ман дар ин ранҷ мебошам ва шумо дуздӣ мекунед...” [4, с.636].

Қафо даридан قفا دریدن - 1. пора кардани ҷомаи касе аз пушт; 2. *киноя* аз беобрӯ кардан (ишора ба достони Юсуф ва Зулайхо) [10, с. 179].

“Ман, ки Бунасрам гуфтам: Дареғо, ки ман имрӯз ин сухан мешунавам. Амир гуфт: Агар бад-он вақт шунудӣ чӣ кардӣ? Гуфтам: Бигуфтаме, то қафош бидаридандӣ ва аз девон берун кардандӣ, ки дабири хоин ба кор наёяд” [4, с.309].

Мардаки шерозии буногӯшоганда مردک شیرازی بُناگوش‌آکنده - Буногӯшоганда - аҳмақ, кундфаҳм [10, с.165]; “буногӯшоганда” сифати таркибӣ аст, он чи ки имрӯз мардум гӯянд: “ҳафтафаҳм”

“Ва хоҷа вайро гуфт: Он мардаки шерозии буногӯшоганда чунон хоҳад, ки солорон бар фармони ӯ бошанд...” [4, с.268].

Муоҷир مؤاجِر - марди танфурӯш, марде, ки чун занон кунад ба музд [10, с.185].

“Чун аз карони Бозори ошиқон даровардand ва ба миёни Шористон расид, Микоил бад-он ҷо асб бидошта буд, пазираи (пешвози - А.Ҷ.) вай омад, вайро муоҷир хонд ва дашномҳои зишт дод. Ҳасанак дар вай нанигарист ва ҳеҷ ҷавоб надод” [4, с.176].

Мудбир/ мудбирак مُدبِر /مُدبِرَک - бадбахт [10, с.182], “мудбир+ак” ҳам аз ҳамон вожаи мудбир (“мудбир+ак”) аст, ки бо “–ак” дар поёни вожа чун пасванд омада, маънои “хурд кардан”, “хор кардан”, “паст шумурдан”-ро медиҳад.

“Вазир Аҳмад Абдуссамад гуфт: Зиндагонии султон дароз бод, ҳаргиз ба хотири кас нагзашта буд, ки ин мудбирак ин ояд. Ва фарзандони Олтунтош ҳоҷиб ҳама нопок баромаданд ва ин махзули (шикастапушт - А.Ҷ.) мудбир аз ҳамагон батар (бадтар - А.Ҷ.) баромад” [4, с.738].

Мудбири нохештаншинос مُدبِر ناخویشتن شناس - “Ва иншоаллоҳ, ки ин мудбири нохештаншинос бад-ин мурод нарасад ва шумии исён вайро ночиз кунад” [4, с.433].

Мурғдил مرغ دل - тарсу [10, с.182]. “Ва ман дар хилват дигар рӯз ӯро бисёр маломат кардам, гуфт: Ту марди мурғдилӣ, сари душманон чунин бояд...” [4, с.179].

Дар мисоли овардашуда «мурғдил» мафҳуми манфӣ ё беарзишро баён карда, имрӯз дар забони адабӣ ҷойи худро бо вожаи «буздил» иваз кардааст. Инро ҳам бояд гуфт, ки вожаи “мурғдил” дар забони тоҷикӣ, албатта, дар забони мардуми кӯчаву бозор ба гунаи “мурғ” густурдаву равон аст ва чун киноя ба кор меравад ва маънои: “тарсончак”, “беғайрат”, “бечуръат”, “ноуҳдабаро”, “танбал”, “суст”-ро дорад ва мутазоди калимаҳои: далер, диловар, шуҷоъ, ҷасур, нотарс; паҳлавон, баҳодур ва зӯр мебошад.

Муфсиди малъун مفسد ملعون - бадкораи нафриншуда, бадгавҳари гуҷастак, табаҳкори рондашуда [10, с.181].

“Амир фармуд, ки ин муфсиди малъунро, ки чандон фасод карда буд ва хунҳо рехта ба ноҳақ” [4, с.569].

Муханнас مُخنّث - номард, зансифат, амрад [10, с.182].

“Туркон ин ду солорро ба туркӣ сутудандӣ ва ҳоҷиби бузург Билготагинро муханнас хондандӣ ва Алӣ дояро мода ва солори ғуломони саройро багтуғдӣ, кӯру ланг ва дигаронро ҳамчунин ҳар касеро айбеву сақате (дашноме – А. Ҷ.) гуфтандӣ” [4, с.231].

Мурдорӣ ва нимкофарӣ مرداری و نیمکافری - “Ба Худой агар ҳазор бор заминро бибӯсӣ ҳеч суд надорад ва иҷобат (пазириш, писанд – А. Ҷ.) наёбӣ. Хашме ва дилтангие, ки сӯйи ман шитофт, ки хӯй аз ман бишуд (сахт асабонӣ шудам – А. Ҷ.) ва бо худ гуфтам, ин чунин мурдорӣ ва нимкофарӣ бар ман чунин истихфоф *(пасту нокас донистан касеро – А. Ҷ.)* мекунад ва чунин газоф мегӯяд!” [4, с.165].

Нохештаншинос ناخویشتن شناس - “Ва амир бо хоҷа ҳаме сухан мегуфт, то наздики боғ расиданд. Амир гуфт дар боби ин нохештаншинос чӣ карда омад?” [4, с.159]; “Солор Багтуғдӣ маро пӯшида ба наздики Билготагин ва Алӣ фиристод ва пайғом дод, ки ин ду нохештаншинос аз ҳад мебигзаронанд” [4, с.216]; “Амир, Абдусро наздики қавми Арёруқ фиристод ба пайғом, ки: Арёруқ марде нохештаншинос буд...” [4, с. 224]; “Бусаҳл гуфт: «Аз он нохештаншиносие, ки вай бо Худованд дар Ҳирот кард дар рӯзгори Амир Маҳмуд ёд кардам, хешро нигоҳ натавонистам дошт ва беш чунин саҳв наяфтад” [4, с.175].

Палиди номусалмоне پلید نامسلمانی - “Гуфтам зиндагонии амир-ул-муъминин дароз бод, имрӯз он чи бар рӯйи ман расид дар умри хеш ёд надорам. Дареғо мусулмониё, ки аз палидии номусулмоне инҳо бойист кашид! Гуфт: “Қисса гӯй.” Оғоз кардам ва он чи рафта буд ба шарҳ боз гуфтам” [4, с.166].

Саги нохештаншинос سگ ناخویشتن شناس - “Ва амирро хашм биншаст ва ба нон хӯрдан рой кард ва Бунасрро бихонд. Дар миёни нон хӯрдан ҳадиси Пӯшанг хост, амир гуфт: ин саги нохештаншинос чӣ узре меорад...” [4, с. 430].

Саги нохештаншиноси нимкофар سگ ناخویشتن شناس نیم کافر - “нимкофар” - на кофар ва на мусулмон. “Зоҳиран тардид дар мусулмонии Афшин аз ин ҷиҳат буд, ки муттаҳам буд, ки хатна нест, ба ҳамин сабаб қабл аз куштани ӯ хостанд ба ҳамин иттиҳом ӯро тафтиши баданӣ ҳам бикунанд” [4, с.949].

“Ин саги нохештаншиноси нимкофар, Булҳасани Афшин ба ҳукми он ки хидмате писандида кард ва Бобаки Хуррамдинро ба рӯзгори дароз ҷанг пайваст, то ӯро бигрифт ва мо ӯро бад-ин сабаб аз ҳад афзун бинавохтем ва дараҷаи сахт бузург биниҳодем...”. [4, с.162].

Турки аблаҳ ترک ابله - “Ва ин турки аблаҳ ин чарбак бихӯрд (чарбак хӯрдан- сухани дурӯғи ростмонандро бовар кардан - А.Ҷ.) ва надонист, ки куфрони неъмат (носипос -А. Ҷ.) шавам” [4, с.275].

Фарохшалвор فراخ شلوار - киноя аз одами танпарвар, танбал.

…дар ҳамаи Ироқ тавон гуфт, ки марде лашкарӣ чунон, ки ба кор ояд нест, ҳастанд гурӯҳе каёии фарохшалвор ва моро ба Рай солорӣ бояд сахт ҳушёру бедор ва кадхудоӣ [4, с.269].

Чокарпешагони хомили зикри каммоя چاکرپیشگان خامل ذکر کم مایه -

Ин таъбирро бахш ба бахш метавон шарҳ дод: чокарпеша – касе, ки пеша ва ҳирфаи вай навкарӣ ва хидматгории тавонгарону сарварон бошад; хомили зикр – гумном, беномунишон; каммоя – касе, ки сармояи андак дорад; *маҷозан* он ки илму огоҳии кофӣ надорад [10, с.170].

Яъне “чокарпешагони хомили зикри каммоя”-ро метавон чунин шарҳ дод: хидматгорони гумноми ноогоҳ.

“Пайдост, ки аз Саиди Сарроф ва монанди вай чокарпешагони хомили зикри каммоя чӣ ояд” [4, с.57].

Поёни сухан ин ки, гувоҳиҳои овардашуда перомуни таъбирҳо ва истилоҳот дар заминаи дашному таҳқир бештар нишондиҳандаи костагӣ ва коҳиши маниш ё хулқи ҷомеа дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ба шумор меояд. Ин падида бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои замон шиддат доштааст. Он чи дар ин миён аҳамият меёбад он аст, ки вуҷуди вожа ё таъбире дар забон, то заминаи падидае дар миёни мардум вуҷуд надошта бошад, вожае ва таъбире низ барои он падид нахоҳад омад. Ба ҳар рӯй, будани дашному таҳқир аз будани зӯргӯию ситам дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳад. Ин хушунати вожагонӣ ба дурустӣ бо эҳсоси камбуд ва сустӣ ё нокасию фурӯмоягии дарунии фарди бадзабон ва агар нарм бигӯем нофарҳехта, худро менамоёнад. Ҳастии чунин падидае, ҳам аз дидгоҳи фардӣ ва ҳам аз диди таърихию сиёсӣ арзиши бисёр дорад.

Муқарриз: ***Саломов А.*** – номзади илмҳои филология,
дотсент, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Саидҷаъфаров О. Асолат дар забони мардум (Таҳқиқ дар асоси луғатномаҳои қадиму муосир ва осори илмиву бадеии мутақаддимону муосирон) / О. Саидҷаъфаров. – Душанбе, 2012. – 160 с.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 808 с.
3. Мирзо Ҳасани Султон. Забони давлати Сомониён / Султон, Мирзо Ҳасан. – Душанбе: МН “Дониш”, 2020. – 586 с.
4. تأریخ بیهقی. تألیف ابوالفضل محمّد بن حسین بیهقی. مقدّمه، تصحیح، تعلیقات، توضیحات و فهرستها: محمّد جعفر یاحقّی، مهدی سیّدی، دو جلد. - تهران: سخن، 1388. 1866 ص.
5. جلال‌الدین کزازی. دُرّ دریای دری: نگاهی به تاریخ شعر فارسی./ کزازی، جلال‌الدین. تهران: "نشر مرکز"، 1380. 338 ص.
6. جلال‌الدین کزازی. زیباشناسی سخن پارسی: معانی./ کزازی، جلال‌الدین. تهران: "مرکز"، 1393. 320 ص.
7. جلیل دوستخواه. اوستا: کهن‌ترین سرودهای ایرانیان (جلد 1)./ دوستخواه، جلیل. تهران: "مروارید"، 1376. 526 ص.
8. حسن بساک. اسلوبهای بلاغی در تاریخ بیهقی با تأکید بر بلاغت تصویری. دو فصلنامه بلاغت کاربردی و نقد بلاغی./ بساک، حسن سال 1، شماره 2. پاییز و زمستان 1395. ص. 45-35
9. حمید عبداللهیان. جنبه‌های ادبی در تاریخ بیهقی. / عبداللهیان، حمید. دانشگاه اراک .1381. 208 ص.
10. سید احمد حسینی کازرونی. فرهنگ تاریخ بیهقی. «تأریخ تمام نمای دوره‌ی غزنویان»./ حسینی کازرونی، سید احمد. تهران: "زوّار"، 1384. 778 ص.
11. علی اکبر دهخدا. فرهنگ متوسط دهخدا (دو جلد)./ دهخدا، علی اکبر تهران: 1390. 1615 ص.
12. قرآن مجید. مترجم: مهدی الهی قمشه‌ای. - چاپخانه‌ی بزرگ قرآن کریم، 1385. 882 ص.
13. لطف‌الله یارمحمدی. گفتمان‌شناسی رایج انتقادی./ یارمحمدی، لطف‌الله. تهران: "انتشارات هرمس"، 1393. 187 ص.
14. محمدرضا اصلانی. فرهنگ واژگان و اصطلاحات طنز./ اصلانی، محمدرضا. تهران: "مروارید"، 1394. 395 ص.
15. محمود حکیمی. گشت و گذاری در لطیفه‌های ادبی (با نگاهی به تاریخ طنز)./ حکیمی، محمود. تهران: "لوح زرین"، 1386. 200 ص.
16. منصور ثروت. فرهنگ کنایات./ ثروت، منصور. تهران: دانشگاه شهید بهشتی. 1397. 486 ص.

КОРБУРДИ ДАШНОМУ ТАҲҚИР ДАР “ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ”-И АБУЛФАЗЛИ БАЙҲАҚӢ

Дар ин мақола кӯшиш шудааст бо таваҷҷуҳ ба мисолҳо, хостгоҳи дашному таҳқир дар "Таърихи Байҳақӣ"-и Абулфазли Байҳақӣ ва чигунагии сурату маънои он пажӯҳиш шавад. “Таърихи Байҳақӣ”, ки шоҳкори насри порсӣ ва аз ганҷинаҳои гаронбаҳои забон ва адаби порсӣ ба шумор меравад, аз ҳар сӯй таърихномаи бемонанд аст. Дар адабиёти классик бисёре аз нависандагон, таърихнигорон, дабирон ва шоирон бо истифода аз тавоноиҳои забони порсӣ барои бозгӯии дақиқи саргузаштҳо ва гардишҳои рӯзгори подшоҳону вазирон ва дарбориёну бозаргонону сарватмандон ва оммаи мардум, вожагон ва ибораҳоеро, ки

дашному таҳқир ба шумор меомаданд, борҳо ба кор бурдаанд. Бозгашт ба нигоштаҳои куҳан марзу андозаи ношинохтаи ин мавзуъро бозшинохта мекунад. Бисёр шунидаем, ки забони порсӣ забони шоирона аст, аммо дашному таҳқир ва корбурди густардаи он дар заминаҳо ва мавқеиятҳои гуногун дар ҳамин росто яке аз вижагиҳои ахлоқии эрониён ба шумор меояд, ки дар манобеи гуногун бад-он ишора шудааст. Дашному таҳқир, ки миёни табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ба шаклҳои гуногун намуд меёбад, эҳтимолан яке аз муҳимтарин масоилу падидаҳои таърихи фарҳангии Эрон ба шумор меояд, ки аз он ба соддагӣ наметавон гузашт. Дигар аз шеваҳои дашному таҳқир дар "Таърихи Байҳақӣ", пожном ё лақаб додани киноямез ба одамон аст. Ин шева яке аз табиитарин равишҳо дар миёни ҳамагон буда ва дар ҳамаи даврaҳои таърихӣ ҳам ривоҷ доштааст. Мардумон аз касоне, ки хушашон намеояд, пожноми (лақаби) киноямез медиҳанд. Поёни сухан ин ки дар "Таърихи Байҳақӣ" дашному таҳқир барои шарҳ ва изҳор кардани матлаб истифода шудааст. Ин дашному таҳқирҳо дар бештари ҳолат ба сурати рӯйдодгӯӣ ё ривоят мавриди корбурд қарор гирифтааст, яъне дашному таҳқир на аз забони худи Абулфазли Байҳақӣ, балки аз забони дигарон гуфта шудааст ва муаллифи асар дашному таҳқирро натанҳо барои мазмунофарӣ, балки барои муътамад будани асар ва дурустқоду ростгӯ будани хеш истифода кардааст.

Калидвожаҳо: Абулфазли Байҳақӣ, «Таърихи Байҳақӣ», Ғазнавиён, таърих, ҷомеа, забон, фарҳанг, дашном, таҳқир, танз, лақаб.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ОСКОРБИТЕЛЬНЫХ И УНИЗИТЕЛЬНЫХ СЛОВ В КНИГЕ «ИСТОРИЯ БАЙХАКИ» АБДУЛФАЗЛИ БАЙХАКИ

В статье рассматриваются слова оскорбительного характера и насмешки в книге «История Байхаки» Абдулфазли Байхаки, образование и значение этих слов в приведенных примерах. «История Байхаки», являющаяся шедевром персидской прозы и сокровищницей персидского языка и литературы, считается несравненным историческим источником. Большинство писателей, историков, литературоведов поэтов, используя мощь персидского языка классической литературы, для подробного изложения случаев из жизни королей, придворных, купцов, богатых и простых людей часто использовали слова и словосочетания, носившие оскорбительный хакрактер. Возвращаяс к старым источникам, можно видеть неизвестные и темные стороны этой темы. Мы много слышали о том, что персидский язык является языком поэзии, но употребление слов оскорбительного характера, а также использование их на этой основе и в этом направлении - является одной из этнических характеристик Ирана, которая по-разному отражается в статье. Оскорбления и насмешки, которые используются в разных социальных слоях населения, возможно, являются одним из важных вопросов исторического и культурного феномена Ирана, которому мы не можем не уделить особого внимания. Другой вид оскорбительных слов в книге «История Байхаки» – ироничные прозвища людей. Использование таких слов является одним из самых естественных способов общения в народе, во все исторические периоды ими пользовались. Люди давали иронические прозвища тем, кто им не нравился. Таким образом, использование оскорбительных и унизительных слов в книге «История Байхаки» служит для выражения цели или намерения. Эти слова в большинстве ситуаций используются для передачи легенд и событий, т.е. оскорбления и насмешки даются не от имени Абдулфазли Байхаки, а от имени других лиц, и автор произведения использовал их не только для передачи сути, но и также для указания на подлинность работы, честность и компетентность автора.

Ключевые слова: Абдулфазли Байхаки, «История Байхаки», Газневиды, история, общество, язык, культура, оскорбление, насмешка, юмор, прозвище.

THE USE OF INSULTS AND MOCKERIES IN "BAIHAQI HISTORY" OF ABDULFAZLI BAIHAQI

The article deals with the insults and mockeries in "Baihaqi History" of Abdulfazli Baihaqi and their formations and meanings with given examples. "Baihaqi History" which is the masterpiece of Persian prose and treasure of valuable language and literary Persian, is incomparable history from all sides. Most of writers, historians, secretary, and poets using the might of Persian language in classic literature often used words and word combinations which were insults and mockeries for reflection thorough stories and the life of kings, queens, courtiers, merchants, wealthy and common people. Returning to old stories will reflect the unknown sides of this theme. We've heard a lot that Persian language is a poetry language, but insults and mockeries and their usage on this base and different position in this direction is one of Iran ethnical atmosphere which is mentioned differently in the article. The insults and mockeries which are different in different social classes, perhaps is one of the important question of Iran historical and cultural phenomenon which we can't miss. Another kind of insult and mockery in "Baihaqi History"is to give nickname to people ironically. This dialect is one of the most natural manner among the people and in all historical periods used them. People gave nicknames ironically to those they didn't like. In short, the insults and mockeries are used in "Baihaqi History" for describing and expressing goal or intention. These insults and mockeries in most situations are used to describe the incidents and stories, i.e. the insults and mockeries are given not from the behalf of Abdulfazli Baihaqi, but from the other people and the author of the work used them not only to give gist but also to indicate authenticity of the work and his honesty and competence.

Key words: Abdulfazli Baihaqi, «Baihaqi History», Ghaznaviyon, history, society, language, culture, insult, mockery, humor, nickname.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулҳадов Ҷумъахон Зикируллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mehrbakhsh@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 93-920-77-77**

Сведение об авторе: ***Абдулхадов Джумахон Зикируллоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **mehrbakhsh@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 93-920-77-77**

Information about the author: ***Abdulhadov Jumakhon Zikirulloevich*** – Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associated Professor of Iranian Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **mehrbakhsh@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 93-920-77-77**

УДК: 809.155.0+802.0

МУРОДИФШАВИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ИСМИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Аслонова Г.Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Воҳидҳои фразеологие (ВФ), ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик ҳастанд ва ё як мафҳумро ифода менамояд, муродифоти фразеологӣ ном доранд. Муродифоти фразеологӣ пурра ва гоҳ қисман аз рӯйи сохту таркиб аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Хосияти асосии муродифоти воҳидҳои фразеологии исмӣ (ВФИ) умумияти маъноии онҳост. Агарчи муродифҳои калима дар матн якдигарро иваз карда тавонанд, лек ВФ на ҳама вақт ин вазифаро иҷро карда метавонанд. Зеро бо вуҷуди умумияти маъно ҳар ВФ мавқеи корбасти худро доранд.

Қабл аз он ки хусусиятҳои хоси муродифҳои ВФИ-и забонҳои англисӣ ва тоҷикиро муайян ва баррасӣ намоем, лозим медонем то муродифшавии дохилизабонӣ ва сипас байнизабониро муқаррар кунем. Дар забони тоҷикӣ ВФИ бо маъниҳои абстрактӣ ва ифодакунандаи амалҳои неку бади одамон, баҳодиҳии мусбиву манфӣ ба хислату характери шахс бисёр аст. Дар забони тоҷикӣ ВФИ-и ҳаммаънои хосияти номидошта ва ифодакунандаи ҳодисаҳои табиату ҷамъият ва таркибҳои илмӣ-соҳавӣ қариб, ки мавҷуд нестанд. Бештари ВФИ муродифии ин забон ба шахс марбут буда, баҳодиҳии манфӣ нисбат ба мусбӣ бештар мушоҳида мешавад: *гози пухта = девонаи ба кори худ ҳушёр* ; *гушни галомус = сахти худо*.

Дар байни ВФИ синонимҳои пурра (*дили сахт = дили сангин; акси кор = ноомади кор*) ва нопурраро (*гапи сахт = дӯгу пӯписа; доруи дарди сар = кас махару кас маёб; дили пур= хотири ҷамъ*) дидан мумкин аст.

Дар забони тоҷикӣ таркибҳои исмии устуворгаштае мавҷуданд, ки муродифи бисёр доранд. Ин навъ ВФИ ҳам аз сафи таркибҳои адабӣ, гуфтугӯӣ ва ҳам шевагӣ бармеоянд. Масалан мафҳуми “ чизҳо, ашёҳое, ки барои зиндагӣ истифода мешаванд”, синонимҳои зиёд дорад: *лақу луқ= бору буд =майда чуйда = икиру чикир = ашқол дашқол = юқу юрум = ҳазор бурду бало* ва ғ. Новобаста ба умумияти маъно як таркиб ба ҷои дигаре истифода бурда намешавад. Онҳо натанҳо аз рӯи услуб, балки мавқеи истифодаашон аз якдигар фарқ мекунанд. *Бору буд* ва *лақу луқ* гуфта ҷамъи ашёҳои калонҳаҷмро мегӯянд, *икиру чикир* ва *майда чуйда* ҷамъи ашёҳои нисбатан хурдро меноманд.

Боз чандин мафҳумҳои дигаре низ ҳастанд, ки тавассути зиёда аз се таркиби устувори исмӣ ифода мешаванд. Масалан мафҳуми “шахси нодон, бефаҳм” муродифҳои зерини фразеологӣ дорад: *каллаши сӯхтагӣ= кулӯхи бечашм= гаранги худо= каллакалони гӯрадузд= карахти худо= кулӯлафути бекора*; шахси сергап: *холаи ҷог = очаи биҷҷак =очаи шақшақа= патифони бетаноб*; одами лоғар: *бузкуни чириқпо = пӯсту устухон = калобачӯби вайрона = ишлики пом = қоқи паттинг = сангалоқи қилтимоқ;* мӯҳтоҷӣ, камбағалӣ: *миёни бекуввват= дасти камӣ = сурфаи қоқ =аҳволи танг = дасти кӯтоҳ:* «*Бо вуҷуди ин Сироҷ-махдум тангии аҳволи маро дида, таклиф кард, ки чизҳоямро дар ҳуҷраи ӯ монам ва шанбе, ки яке аз додаронаш ё худаш набошад,дар он ҳуҷра бихобам…* » [3, с. 56]. «*Дар ин сурат ман ба ин қади дупо ба дари кӣ кор кофта меравам ва бо ин дасти кӯтоҳ аз кучо нон ёфта мегирам*? » [12, с.313].

Дар забони тоҷикӣ ВФИ-и муродифии сохторан монанд зиёданд. Баъзан фразеологизмҳои исмӣ новобаста ба умумияти маъно, тарҳ ва таркиби куллан аз ҳам фарққунанда доранд. Обу ранги бадеӣ ва услубу образнокии онҳо низ гоҳ ба ҳам мувофиқ намеоянд: *норбони пасу пеш= дунёи гузаро; марди майдон= Рустами достон; гози пухта= девонаи ба кори худ ҳушёр; одами даствасеъ= Ҳотами даврон; ламси худо = як халта гӯшт; пойи равон= сиҳату саломатӣ; зоги бедог= гӯри бетақу туқ; илму дониш= хату савод:* «*Ма аз ӯ бо вуҷуди нобиноиаш бо кадом роҳ ба даст оварда тавонистани ин ҳама илму дониширо пурсидам*» [4, с.248]. «*Насриддин-махдум, чунон ки дар боло қайд шуд, хату саводи хуб дошт, дӯстдори адабиёт буд, шеърро хуб мефаҳмид* » [4, с.313].

ВФИ сермаъно дар ҳарду маънояш ҳаммаънои фразеологии худро дошта метавонад: 1) *имӯ ҷим=хапу дам=бегапу калоча*; 2) *имӯ ҷим= бедому дарак = нести ниҳон гуму гӯр;* 1) *арақи ҷабин = бо хуни ҷигар*; 2) *арақи ҷабин=меҳнати ҳалол= пули ҳалол.* Агар хосияти услубии ВФИ-и муродифиро гирем таркибҳои умумимаъно, вале аз рӯи баён суфтаву нарм ва дағалу дурушт ифодашударо мебинем: *чашми танг= мумсики рӯхунук= гушнаи ғаламус; сабру тоқат= куни шишит; сангу порсанг = кар додари кӯр; бори зиндагӣ= хӯрҷини ало;*

Бо вуҷуди фарқияти сохториву услубии гурӯҳе аз ВФИ муродифшавии куллиии таркибҳо, ки метавонанд якдигарро новобаста аз хусусияти матн ва ҳолатҳои нутқ иваз намоянд: *Лайливу Маҷнун= гули ошиқи печон – ошиқон; марди калон= соҳиби сар –шавҳар; гапи бесарунӯг= сухани дуру дароз; сухани нешдор =гапи думчадор.*

Таркиби фразеологии забонамон ҳамаи қишрҳои ВФ-ро дар бар мегирад. Дар он ҳам ВФ адабӣ-китобӣ ва ҳам гуфтугӯиву шевагӣ ворид мешаванд. Ҳангоми таҳлили маводҳо муродифшавии ду ва ё зиёда ВФИ, ки танҳо ба забони адабӣ ё лаҳҷавӣ ва ё ҳарду мутаалиқанд, ошкор гардид. ВФИ, ки дар доираи забони адабӣ муродифи якдигар гашта, дар шеваҳо мисли худро надоранд инҳоянд: *айни мудао= табъи дил; назми ҳол= нафаси охирин; ба таври қатъӣ =азми ҷазм.* ВФИ, ки танҳо дар шеваву забони гуфтугӯӣ мавҷуд буда, синонимҳои худро дар доираи як қишри услубӣ пайдо намудаанд, инҳоянд: *ламси худо= як халта гӯшт* – шахси фарбеҳ*; саги дайду=пиёзи бекун*-шахсе, ки дар хона қарори нишастан надорад. Шуморае аз ВФИ ҳам дар қишри адабӣ, умумиистеъмолӣ ва ҳам гуфтугӯӣ ҳаммаънои худро доранд: *ба болои сӯхта намакоб = болои мурда сад чӯб = болои дардба чипқон = болои ҳандалакба дӯндалак; байту газал= гапу калоча = гапу гапча; духтари қадбарас =харбузаи сарнобурид; бепову сар =сари қоқу тани қайроқ; сабру тоқат= куни шишт; сухани кӯчагӣ= гапи чаккӣ; ду дасти хушк = ду даст дар бинӣ; гурги боронди да= ҷӯи канда.*

Дар натиҷаи муносибати мутақобилаи миллатҳо интиқол ва иқтибос гаштани луғату таркибҳои забонҳо ба ҳамдигар ба тағйирот ва пайдошавии муродифҳои фразеологӣ сабаб мешавад. Иқтибосшавӣ низ яке аз омилҳои бавуҷудоии синонимҳои ВФист. Дар забони тоҷикӣ муродифҳои фразеологӣ, ки бо вуҷуди ҳамбаҳои тоҷикиашон дар забони гуфтугӯӣ ҳаммаънои ӯзбекиашон истифода мешаванд: *қошу қавоқ= гиреҳ ба абрӯ; хешу табор =элу уруқ; кучуки сайоқ= саги дайду.*

Муродифшавии ВФИ дар забони тоҷикӣ бо роҳҳои мухталиф ба вуҷуд омада, гоҳе аз ҷиҳати услуб ивазкунандаи якдигар бошанд, гоҳ новобаста аз умумияти маъно мавқеи корбасташон аз якдигар фарқ дорад. Нақши иқтибосҳо низ дар пайдоиши синонимҳои фразеологии забони тоҷикӣ чашмрасанд. Таркибҳое, ки ифодакунандаи маъниҳои абстрактӣ ва хусусияти тавсифӣ дошта бештар муродифот доранд.

Муродифшавӣ дар байни ВФИ-и забони англисӣ низ тез-тез ба вуқӯъ меояд. Дар қиёс бо забони тоҷикӣ ВФИ-и номии забони англисӣ бештар хосияти ҳаммаъноӣ касб менамояд. Ҷиҳати ҷолиби муродифоти забони англисӣ дар он аст, ки номҳои ҷуғрофӣ бо таркибҳои гуногунсохтору гуногунтаркиб ифода мешаванд. Масалан "Англия" –ро боз чунин ном мебаранд: *perfidious Albion* (айнан. Албиони аҳдшикан)= *the workshop of the world* (айнан. устохонаи дунё)= *the British Lion* (айнан. шери британиёӣ: дар нишони Британияи Кабир расми шер тасвир шудааст) = *the land of Rose* (айнан. кишвари садбаргҳо) =*the Old Country* (айнан. кишвари куҳан) =*the Old Dart* (айнан. тири кӯҳна) =*the mother country* (айнан. модаркишвар) = *the mistress of sea* (айнан. хонуми, олиҳаи баҳр). Номи ИМА синонимҳои фразеологии зерин дорад: *God's Country* (айнан. кишвари худо) = *the land of stars and straps* (айнан кишвари ситораҳову тасмаҳо)= *Uncle Sam* (айнан. тағои Сем-ба таври ҳазломез абревеатураи US –ро чуни тавзеҳ медиҳанд) =*the New World* (айнан. дунёи нав). Бисёре аз иёлотҳо ва шаҳрҳои Амрико низ тахаллус дорад, ки аллакай устувору фразеологӣ гаштаанд ва дар байни онҳо фразеологизмҳои параллелӣ низ мавҷуданд: *the City of One Hundered Hills* (айнан. шаҳри сад теппа) = *the Golden City* (айнан. шаҳри тиллоӣ) = *the Queen City of Pacific* (айнан. маликашаҳри уқёнуси ором) – Сан Франсиско; *the Garden City* (айнан. боғшаҳр) =*the Windy City* (айнан. бодшаҳр) – Чикаго.

Синонимшавии ВФИ-и забони англисӣ ба тоҷикӣ монанд мебошад. Дар ин ҷо низ синонимҳои шаклану таркибан монанд: *old duck* (айнан. мурғобии пир) =*old lady* (айнан. хонуми пир) - кампирак; *child of brain* (айнан. фарзанди ақл)= *fancy's child* (айнан. фарзанди тахайюл) – гапи бофта, ва куллан фарққунанда*: changes and chances* (айнан. тағйиротҳо ва

имкониятҳо) =*ebb and flow*(айнан. пасту баланд шудани об) – пастиву баландии зиндагӣ; *whirligig of time* (айнан. гардиши вақт) = *dull beggar* (айнан. гадои ношод) - шахси зиқу ғамгин, мушоҳида мешаванд.

ВФИ, ки як мафҳумро ифода намуда ба гуфторҳои гуногуни забони англисӣ таалуқ дорад инҳо мисол шуда метавонанд: американ. *cash on the nail* (айнан пули нақд дар нохун) =британиён. *hard cash* (айнан. нақди вазнин) - пули нақд; британиён. *lord and master* (айнан. лорад ва усто) = американ. *old man* (айнан.марди пир)= шотландӣ. *the tongue of the trump* (айнан. забони кузур) – сардор, хӯҷаин; британиён. *this side of the grave* (айнан. ин тарафи гӯр)= австралиягӣ. *this side of the black stamp* (айнан. ин тарафи мӯҳри сиёҳ).

Китобҳои осмонӣ дар ташкили силсилае аз ВФ дар забонҳои гуногуни дунё аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сабаб гардидаанд. Образу таркибҳои Библия дар забони англисӣ омили бавуҷудоии ВФИ-и библиявӣ гаштаанд, ки ҳоло дар забони англисӣ ба таври фарох дар ҳаёти рӯзмарра ва дар забони гуфтугӯиву китобӣ васеъ истифода мешаванд. Масъалаҳои ҳаёту мамот, маргу зиндагӣ, ҷаннату дӯзах, шайтон ва ғайра, ки дар китобҳои динӣ матраҳ мешаванд, боиси сохта шудани шумораи зиёди фразеологизмҳои умумимаънои фарогири ин мавзӯъҳо гаштаанд. “Шайтон, иблис” яке аз мафҳуми сермуродиф дар байни ВФИ-и забони англисӣ ба шумор меравад: *the enemy of the mankind* (айнан. душмани одамсифат) = *the Evil One* (айнан. душман) = *the foul friend* (айнан. дӯсти бадафт)= *the old gentleman in black* (айнан. ҷаноби пир дар либоси сиёҳ) = *the Lord Harry* (айнан. Лорд Ҳарри) = *the Prince of Darkness* (айнан. шоҳзодаи зулмот) = *a wiecked one* (айнан. албастӣ)= *Old Harry* (айнан. Ҳаррии пир). Мафҳумҳои сермуродифи фразеологии забони англисӣ боз инҳо мебошанд: марг – *Great divide* (айнан. ҷудоии бузург) =*one’s latter end* (айнан. анҷоми охирини касе) = *the end of chapter* (айнан. охири боб)= *the king of terrors* (айнан. шоҳи даҳшат)= *a happy release* (айнан. ҷудошавии хушбахтона) =*the great reaper* (айнан. даравгари бузург) = *the fatal shears* (айнан. қайчии тақдир) =*the last sleep* (айнан. хоби охирин) =*the Great stillness* (айнан. хомӯшии бузург); ҷаннати рӯи замин - *heaven on earth* (айнан. ҷаннати рӯи замин) =*Garden of Eden* (айнан. боғи фирдавс) = *the land of Cockagine* (айнан кишвари биҳишт) = *the land of leal* (айнан. кишвари лаъл)= *earthly paradise* (айнан. ҷаннати заминӣ); ҷои суст, нозук - *Achille’s heel* (айнан. пошнаи Ахиллес) = *the joint in smb’s armour* (айнан. пайванд дар зиреҳи касе)= *a blind spot* (айнан. нуқтаи сиёҳ) = (айнан. тарафи торики касе) = *a rough plac*e (айнан. ҷои дурушт).

Мафҳуми “шахси муҳим”, “каллағафс” дар забони англисӣ хеле паҳншуда буда, синонимӣ он аз ҳама сершумор ба ҳисоб мераванд: *a big pot, a big gun, a big bug, a big shot, a big noice, a big card, cock of the roost, a hot shot, big dady, Mr.Big, амер. a big cheese, a big dog, a big fish, a big number, a big boy, a fat car, the whole cheese, some pumpkins, авст. right bower* ва ғ.

Муродифоти фразеологии исмии забони англисӣ бештар мафҳумҳои нейтралиро дар бар мегиранд. Дар онҳо хосияти ҳиссӣ –экспересивӣ камтар мушоҳида мешаванд. Муродифоти ВФИ-и забони англисӣ бештар хосияти номӣ дошта, ба ҷои ин ё он исми ифодакунандаи ашёҳо, исмҳои ҷондор, беҷон ва моддиву маънӣ истифода мешаванд: зан, ҷинси латиф - *fair sex* (айнан. ҷинси латиф) = *the daughter of the Eve* (айнан. духтари Момоҳаво) = *softer sex* (айнан. ҷинси нарм); мард - *the rough sex* (айнан. ҷинси дурушт) = *the son of Adam* (айнан. писари Одам); офтоб – *the king of day* (айнан. шоҳи рӯз) = *the eye of day* (айнан. чашми рӯз); осмон - *the blue blanket* (айнан. пардаи кабуд) = *the upper region* (айнан. минтақаи болоӣ) = *the rough of the mouth* (айнан. боми ком); фарзанд - *the seal of love* (айнан. мӯҳри ишқ) = *the pledge of love* (айнан. гарави ишқ).

Тахаллус ва лақаби шахсиятҳои конкретӣ дар байни ВФИ дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ зиёд мушоҳида мешаванд. Дар байни муродифҳои фразеологии исмии забони тоҷикӣ ифодакунандаи шахсиятҳои конкретӣ дида намешавад. Аммо новобаста ба камшумор буданашон дар забони англисӣ ин навъ таркибҳои устувори ҳаммаъно мавҷуданд: Исои Масеҳ - *the king of glory* (айнан. шоҳи шӯҳратёр) = *Man of sorrows* (айнан. марди андӯҳ) = *the Prince of Peace* (айнан. шоҳзодаи сулҳ); В. Шекспир - *a Bard of Avon* (айнан. шоири Эйвон) = *a swan of Avon* (айнан. қуи Эйвон); Бобои Барфӣ - *Jack Frost* (айнан. Ҷеки барфӣ) = *Santa Claus* (айнан. санта Клаус).

Бо вуҷуди тафовутҳои зикргардида дар байни ВФИ-и муродифии забонҳои муқоисашаванда, дар рафти таҳлили фарҳангҳои фразеологӣ ва адабиёти бадеӣ шумораи зиёди ВФИ даёфт шуданд, ки дар ҳарду забон мавҷуд буда, муродифҳои байнизабониро ташкил мекунанд.

Низоми фразеологии ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам англисӣ хусусиятҳои инфиродии худро доранд. Аммо мо кӯшиш намудем, ки муродифҳои фразеологии ВФИ-и ин забонҳоро дарёфт намоем. Бо назардошти монандии сохтору маънои унсурҳо ва мафҳуми пурраи ВФИ-и забонҳои муқоисашаванда онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем:

А) муродифҳои пурраи сохториву маъноӣ. ВФИ, ки дар ҳарду забон аз рӯи шакл, ҷузъҳо ва яклухтии маъноияшон пурра монанданд инҳо мисол шуда метавонанд: *Китоби Сурх= the Red Book; пардаи шаб = a cope of night; чор тарафи дунё= the four corners of the earth; модар-замин= mother earth; парвози хаёл = a flight of fancy; дӯсти ҷонӣ = bosom friend; дили нарм = a soft heart; хешу табор = kith and kin; бозори сиёҳ= black market; дили шикаста = broken heart:* «*Ман хасисӣ ва тангчашмии додарамро медонистам, на ба <u>хешу табораҳо</u>, ҳатто ба падару модараш ҳам раҳм надоштан ва ғамхӯрӣ накардани ӯро кайҳо фаҳмида будам...* » [2, с. 285] «*…its depleted bins preserved the record of family festivity – all the marrages, birthes, deaths of his <u>kith and kin</u>*» [13, с.223]. Сатили кӯҳнашудаи партов тамоми ҳодисаҳои дар ин оила бавуқӯъомадаро шоҳид буд- - ақдҳои никоҳ, таваллуди фразандон ва вафоти <u>хешу таборон</u>.

Б) синонимҳои қисман сохторӣ ва пурра маъноӣ. ВФИ-и муродифии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баъзан аз рӯи сохт бо тафовути яке аз унсурҳо аз ҳамдигар фарқ дошта, лекин дар ҳарду забон як мафҳумро ифода менамоянд: *меҳмони нав= the new arrival; қонуни табиат =a course of nature; рӯзи сахт= dark days; тиллои сиёҳ= black dimonds; ҷанги тан ба тан= stand up fight; каллаи сӯхтагӣ = a wooden head; виҷдони пок= clean hands; гапи сахт= strong languages; дурӯғи маслиҳатомез= white lie; ҳақиқати ҳол= matter of fact:* «*Қориишкамба барои ҳал кардани ин масъала рост ба банк рафта, то ки мудирро , ки "ягон одами ростгӯй аст, дида <u>ҳақиқати ҳолро</u> фаҳмад*» [5, с.150]. «*Strange as may it seem, he always appeared to me not only practical, but immensely matter of fact*» [14, с. 221]. Аҷибаш дар он буд, ки ӯ натанҳо дар тахайюли ман, балки дар <u>ҳақиқа</u>т пайдо мегашт.

В) синонимҳои фразеологии аз лиҳози сохтор ва унсурҳо фарққунанда. Шуморае аз ВФИ дар забонҳои муқоисашаванда мушоҳида мешаванд, ки бо вуҷуди умумияти маъно шакл ва ҷузъҳои таркибиашон аз ҳам тафовут доранд: *болои сӯхта намакоб = a run of bad luck; афту андом = a set of features; зани сабукпо= the lady of easy virtue; хӯрду хӯрок= knife and fork; оби рехта= point of no return; вақти долу зарб= zero hour*.

Баъзан ВФИ-и муродифӣ бо образнокӣ ва бадеияташон аз якдигар фарқ менамоянд. Як мафҳум дар ду забон бо тарзи аз ҳам фарққунанда ифода шудаанд. Дарки ҳақиқат ва баҳодиҳӣ тавассути ВФ мувофиқ ба тафаккури халқҳои тоҷику англис баён шудааст. Дар як забон ин ё он хосияти мусбиву манфии одам ё ашё бо як тарз ва дар забони дуюм ба таври дигар тасвир ёфтааст: *маҳалли почикдарозон = Gog's Acre; по бар лаби гӯр= in the article of death; кайки даруни эзор= a bee in one's bonnet; гурги бородида = a man of the world; ҳамааш аз як гӯр= tarred with the same brush; чилаи зимистон= in the dead of winter; акка аз хони булбул= аз сара масхара = a grain of wheat in a bushel of chuff; каждуми зери бӯриё= a snake in the grass.*

Як қатор ВФИ-и муродифии забонҳои муқоисашаванда новобаста ба ҳаммаъноиашон аз рӯи мавқеъ ва услуби корбасташон тафовут доранд. Агар дар забони тоҷикӣ ВФИ боадабона адабӣ баён шуда бошад, ҳаммаънои он дар забони англисӣ баръакс дағал ва ё дар услуби гуфтугӯӣ ифода гардидааст. Новобаста аз ин аз сабаби умумияти маъно онҳо муродифи якдигар ҳисоб мешаванд: *green winter* (айнан. зимистони сабз)= *чилаи саргинсӯз*; *a fast worker* (айнан. тезкор) = *шайтони дупо; the pick of the basket* (айнан. сари сабад)= *пеши бозор; bad form* (айнан. андоми бад) =*қилиқи хунук; witching hour* (айнан. соати ҷодугарӣ) =*дили шаб; a mixed bag* (айнан. халтаи омехта) = *калонону хурдон*.

Ба ҷуз ВФИ-и адабӣ таркибҳои исми шевагиву гуфторҳо ва аз дигар забонҳо иқтибосшуда барои пайдо намудани муродифҳо дар забонҳои муқоисашаванда нақши назаррас мегузоранд. Зеро барои дарки мафҳумҳои мухталифи забони ғайр танҳо таркибҳои асливу адабӣ кифоягӣ намекунанд. Баъзан ҳаммаънои ВФИ-и забони англисӣ танҳо аз сафи ВФИ-и шевагӣ ё иқтибосӣ дарёфт мегарданд, ки нисбат ба шарҳи дуру

дарози маънии он дарёфту истифодаи ВФ аз ин қишри фразеологии забонамон осонтар аст. Бо дарёфт ва муайян намудани муродифҳои ВФ-и забони англисӣ дар забони тоҷикӣ моҳияту мақсади онро хубтар дарк намуда, умумияту фарқиятҳои сохториву услубии онро муқаррар мекунем, ки барои ҳаматарафа омӯхтану таҳлил намудани хусусиятҳои типологии фразеологизмҳои ин ду забон мусоидат менамояд. Масалан шуморае аз ВФИ-и муродифии забони англисиро дар забони адабии тоҷикӣ дарёфт нанамудем, аммо дар сафи фразеологизмҳои шеваҳо ва иқтибосшуда таркибҳои устувори ҳаммаъно дарёфт гардиданд: *cross marrage* (айнан. никоҳи дутурафа) = *қарчӣ қудо; Job's post* (айнан. хабари Ҷоб) =*аккаи шумхавар; a queer full children* (айнан. кӯдакони зиёду аҷоиб)= *бачаю кача; a thorn in smb's flesh* (айнан. хор дар гӯшти тани касе) = *кайки даруни эзор; sweet stuff* (айнан. чизи ширин) = *қанду қурс; blue blood* (айнан. хуни кабуд) = *наҷибуттарафайн* (ашрофзода, асилзода); *a cloud on one's brow* (айнан. абр дар абрӯи касе) = *қошу қавоқи овезон; a Nosy Parker* (айнан. Паркери бинидор) = *кучуки бӯйгир; changes and chances* (айнан. тағйироту имкониятҳо) = *қайлаю қимма*.

ВФИ ҳастанд, ки дар забонҳои муқоисашаванда барои пурра интиқол додани мазмун ва образнокии онҳо таркибҳои мувофиқ ё наздикмаъно мавҷуд нестанд. Аз ин рӯ онҳоро танҳо бо роҳи тавзеҳ маънидод кардан имкон дорад. Дар ин навъ ВФИ хосиятҳои фардии тафаккуру тамаддуни халқ таҷассум ёфта, сирф моли миллӣ будани онҳоро шаҳодат медиҳад: *зери бори гам, кушода нашудани бахт, дил дигар забон дигар, гуддаи дил, овораи ду дунё, сар аз куҷо пой аз куҷо, зери коса нимкоса, барги сабз, нохунба зор, беваи сермева, даҳони бамӯҳр; Dutch treat* (айнан. зиёфати даниягӣ) – зиёфате, ки ҳар нафар хӯроки худашро пардохт мекунад; *blind letter* (айнан. номаи сиёҳ) - мактуб бидуни нишондоди суроға; *golf widow* (айнан. беваи голф) – мард ё зане, ки нисбат ба голф шавқу ҳаваси зиёде дорад; *French leave* (айнан. тарки фаронсавӣ) - бидуни хайру хуш ё огоҳӣ рафтан*; patience of Job* (айнан. сабри Ҷоб) - сабру тоқати ниҳоят сахт: «... *мабодо дар <u>зери ин коса нимкосае</u> бошаду мақсади ҳарифон ба даст афтодани ман бошад" гуфта дар дили худ андешид...* » [5, с.91]. «*I've wanted you tobe, find I have waited with <u>the patience of Job</u>, find I don't see that I've got anything by my self-denial*» [15, с.314]. Мехостам завҷаи ман шавӣ ва ман дандон ба дандон монда <u>сабру тоқат</u> намудам, намефаҳмам акнун бар ивазаш чӣ дидам.

Синонимшавии шумораи зиёди ВФИ –и забонҳои муқоисашаванда нишон дод, ки дарк ва маънидод намудани ҳодисаҳои гуногуни табиат, муносибатҳои иҷтимоӣ, тавсифу баҳодиҳӣ ба амалу хислати одамон, тасвири равандҳои равонӣ, ибрози ҳиссиёту ҳаяҷон дар байни ҳалқҳои тоҷику англис ба ҳам қаробат доранд. Умумиятҳои маъноии ВФ маънои онро надорад, ки яке дар тақлиди дигаре ба вуҷуд омадаанд. Омӯзишу мушоҳидаҳо аниқ нишон медиҳанд, ки новобаста ба монандӣ ҳар як таркиб шаклу услуби ба худ хос дошта дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётии одамон ба вуҷуд омадаанд. Он офаридаи халқ ва моли халқ буда, тамаддуну тафаккури соҳибони ҳамон забонро таҷассум мекунад.

Муқарриз: ***Ҷаматов С.С.*** – доктори илмҳои филологӣ,
профессор, ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллозода Р. Ибораҳои халқӣ / Р.Абдуллозода. - Душанбе: Дониш, 1974. – 205 с.
2. Абдуллозода Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ / Р.Абдуллозода. - Душанбе: Адиб, 1988. – 400 с.
3. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С.Айнӣ // Куллиёт. – Ҷ.6. - Душанбе: Нашрдавлтоҷ, 1962. – 414 с.
4. Айнӣ, С.Ёддоштҳо / С.Айнӣ // Куллиёт. – Ҷ.7. - Душанбе: Нашрдавлтоҷ, 1962. - 645 с.
5. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1968. – 160 с.
6. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н. Амосова. - Ленинград: Издательство ЛГУ, 1963. – 208 с.
7. Зоҳидов А. Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд / А.Зоҳидов, Б.Осимова. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. – 394 с.
8. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. - Москва: Русский язык, 1984. – 942 с.
9. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка / А.В. Кунин. - Москва: Высш. шк., 1996. – 200 с.
10. Маджидов Х.М. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.М. Маджидов. - Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
11. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 1982. – 104 с.
12. Фозилов М.Ф. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. – Ҷ.I / М.Ф. Фозилов. - Душанбе: Нашрдавлтоҷ, 1963. – 952 с.; - Ҷ.II. - Душанбе: Нашрдавалтоҷ, 1964. – 908 с.
13. John Galsworthy. In Chancery / Galsworthy John. – New York: Charles scribner's sons, 1920. – 373 p.
14. Somerset Maugham. The moon and sixpence / Maugham Somerset. - USA: George H. Doran Company, 1919. – 324 p.

15. Thomas Hardy. Jude the obscure / Hardy Thomas. - Moscow: Foreign languages Publishing House, 1959. – 476 p.

МУРОДИФШАВИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ИСМИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Воҳидҳои фразеологии исмӣ (ВФИ) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз навъҳои серистеъмол ва сершумор ба ҳисоб мераванд. Ин навъи воҳиди фразеологӣ (ВФ) дар баробари тафовути сохторию семантикӣ як қатор умумиятҳоеро низ доро мебошанд. Муродифшавӣ яке аз хосиятҳои фразеологизмҳо ба ҳисоб меравад. Аммо на ҳамаи ВФИ қобилияти муродифшавиро доранд. Қабл аз муродифоти байнизабониро муайян намудан, лозим донистем дар мақола ҳаммаънои дохилизабонии ВФИ-ро баррасӣ ва таҳлил намоем. Таҳлилҳо нишон доданд, ки роҳҳои муродифшавӣ дар забонҳои муқоисашаванда монанд буда, ВФИ-и шаклан монанд ва шаклан гуногун имконияти муродифшавӣ доранд. Агар дар забони тоҷикӣ ВФИ ифодакунандаи маъниҳои абстрактӣ, баҳодиҳӣ ба шахс, тавсифи мусбиву манфии шахс ё падида дида шаванд, пас дар ВФИ-и муродифии забони англисӣ ба ҷуз маъниҳо болозикр номҳои ҷуғрофӣ, шахсони конкретӣ ва исми ашёҳо мушоҳида мешаванд. Барои дарёфти синонимҳои байнизабонӣ натанҳо ВФИ-и адабӣ, балки дигар қишрҳои фразеологӣ низ таҳлили гардид, то шумораи ҳарчи зиёди муродифҳои фразеологӣ дарёфт гарданд. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар забонҳои муқоисашаванда фразеологизмҳо бештар бо маъниҳои тавсифи мусбиву манфии шахс, баҳогузорӣ, ифодаи ҳиссиёту эҳсосот ва дигар равандҳои равонӣ ҳаммаъно мешаванд.

Калидвожаҳо: воҳиди фразеологӣ, муродиф, захираи фразеологӣ, сохтор, маъно, унсур, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, сарчашма, исм, адабӣ, шевагӣ, хусусият, баҳодиҳӣ.

СИНОНИМИЧНЫЕ СУБСТАНТИВНЫЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Субстантивные фразеологические единицы (СФЕ) считаются наиболее распространённым и многочисленным структурным типом в сопоставляемых языках. Одной из особенностей фразеологических единиц (ФЕ) является синонимичность. Не все ФЕ языка имеют свои фразеологические синонимы. В статье сначала мы определили внутриязыковые синонимы СФЕ, а потом установили их параллели в сопоставляемых языках. Исследование показало, что способы образования синонимов в изучаемых языков похожи. Структурно схожие и структурно разные СФЕ могут стать общезначимыми. Семантические особенности синонимичных СФЕ таджикского и английского языков отличаются. Если в таджикском языке больше всего ФЕ с абстрактными значениями: оценка лиц, положительная или отрицательная характеристика человака и явлений - становятся синонимами, то в английском языке, кроме вышеназванных значений, географические названия и ФЕ номинативного характера образуют фразеологические синонимы. Для нахождения все большего количества межъязыковых синонимов, не только фразеологизмов литературного языка, были проанализированы, но и другие фразеологические пласты: заимствованные, устные, диалектные. Результаты исследования показали, что в сопоставляемых языках больше всего СФЕ с положительной и отрицательной оценкой лиц, предметов значений, чувств, эмоций и других психологических процессов образуют межъязыковые и внутриязыковые синонимы.

Ключевые слова: фразеологические единицы, синоним, фразеологический запас, структура, значение, английский язык, таджикский язык, источник, литературный, диалектный, свойство, оценка.

SYNONYMOUS NOUN PHRASEOLOGICAL UNITS IN TAJIC AND ENGLISH LANGUAGES

Noun phraseological units (NPU) regarded as one of the widespread and numerous structural type in Tajik and English languages. One of the features of phraseological units (PU) is its synonymous. Not all PU has its phraseological synonyms. In the article are defined NPU's synonyms inside and between comperesed languages. The research shows that ways of synonym formation in both languages are similar. Structural similar or structural vary NPU may became synonyms. Semantic features of synonymous NPU in Tajik and English languages differ. If in Tajik language NPU with positive and negative estimation of person and phenomenon meaning may became synonms, then in English language beside named meanings geographical names and NPU with nominative features forms phraseological synonyms. For defining interlanguage synonyms are analyzed not only literary PU but other phraseological layers as colloquel, dialectal, borrowing etc. Results of the research indicated that in comperesing languages are a great deal of NPU with positive and negative estimation of person, phenomenon meanings, and emotional and other pshycological prosses' senses.

Key words: phraseological unit, synonym, phraseological stock, structure, meaning, English language, Tajik language, source, noun, literary, dialectal, featutre, estimation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи Садриддин Айнӣ, унвончӯйи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 121. Тел.: **(+992) 918-62-05-70**

Сведение об авторе: ***Аслонова Гулрухсор Наимжоновна*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, соискатель лингвистики и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. Тел.: **(+992) 918-62-05-70**

Information about the author: ***Aslonova Gulrukhsor Naimjonovna*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, candidate of linguistics and comparative typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. Tel.: **(+992) 918-62-05-70**

УДК: 811.222.8+811.111-26+81.373.46+81.373.611

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИ МОРФОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Раҳматуллоев М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиш ва пажӯҳиши муқоисавии забонҳо дар баробари рушду густариш ва такомули усули таҳқиқи муқоисавӣ оғоз гардидааст. Пажӯҳиши муқоисавии забонҳо гуногун буда, онҳоро метавон аз чанд ҷиҳат ба риштаи таҳқиқ кашид. Чунончи, аз як ҷониб, таҳлил ва таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии забонҳои хеш, ки ба воситаи роҳҳои мухталиф баррасӣ шуда, мақсадҳои мушаххасро фаро мегирад. Пажӯҳиши муқоисавӣ-таърихии забонҳои як оиларо бо мақсади муайян ва мушаххас намудани қонуну қоидаҳои ташаккули низоми савтӣ ва наҳвии ҳар забон дар муносибат бо асл, дар заминаи шоҳидҳои забонҳои зинда барқарор сохтани падидаҳои фонетикиву грамматикии забонҳои аз байнрафта (мурда) анҷом додан мумкин аст. Аз ҷониби дигар, пажӯҳиши муқоисавии забонҳо дар пояи баррасиҳои типологӣ сурат мегирад. Мақсади асосии ин усули пажӯҳиш ошкор сохтани қонунҳои умумӣ дар сохтори грамматикӣ ва луғавии забон маҳсуб меёбад.

Роҳҳои асосии сарфӣ (морфологӣ)-и сохтори истилоҳот ё худ вожасозиро забоншиносон ба се гурӯҳ тақсим мекунанд:

1. Бо роҳи ба ҳам пайваст шудани ду ё якчанд вожа. Бо ин роҳ вожаҳои мураккаби пайваст сохта мешаванд, ки дар байни ҷузъҳои маънодори онҳо алоқаи грамматикии таркиб мавҷуд аст. Аксаран ин ҷузъҳо ба воситаи миёнванд (инфикс)-ҳо ба ҳам пайваст мешаванд. Масалан, дар вожаи мураккаби **саропо** ҷузъҳои **сар** ва **по** бо миёнванди **-о-** пайваст шудаанд.

2. Бо роҳи вандбандӣ (аффиксатсия). Дар ин усул вандҳо (аффиксҳо) нақши асосӣ бозида, вожаҳои сохтаро барпо мекунанд.

3. Бо роҳи такрори вожа. Бо ин роҳ вожаҳои мураккаби такрор сохта мешаванд» [14, с.31].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сохтори истилоҳоти рӯзномонигорӣ роҳҳои якум ва сеюми вожасозӣ истифода нашудаанд. Танҳо ду истилоҳ (**гуфтугӯ** – dialogue, **бандубаст** – montage) мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати сохтор вожаи мураккабанд. Аммо оиди тариқи пайвасти ҷузъҳои маънодори онҳо дар забоншиносӣ фикри умумӣ мавҷуд нест. Қисме бар он ақидаанд, ки **-у-** миёнванд аст [7, с.173], қисме дигар онро пайвандак мешуморанд. Забоншиносон С. Ҳалимов ва К. Шукурова онро «садоноки (пайвандаки) **-у-**» [15, с.43] меноманд.

Вожаҳои содаи решагии забони тоҷикӣ: **Исм***: бовар* – faith, *забон* – language, *қаҳрамон* – hero, *навид* – transaction, *навор* – film, *намуд* – type, *ниҳод* – Institute, *ном* – denomination, *пайванд* – leader tape, *панд* – aphorism, *панд* – apophthegm,. **Феъл**: *буридан* – notch, *нолидан* – yammer [4].

Роҳи вандбандӣ. Истилоҳҳои сохта. Дар ташаккули ин навъи истилоҳот саҳми вандҳо бениҳоят бузург аст. Ин намуди истилоҳҳои рӯзномонигорӣ аз вожаҳои сода (реша) бо ёрии вандҳо (аффиксҳо) – пешванд (префикс), миёнванд (инфикс) ва пасванд (суффикс)-ҳо сохта мешаванд. Чунин усули вожасозӣ ва истилоҳофариниро роҳи сарфии вожасозӣ меноманд ва дар таснифоти шашусулаи Ш. Рустамов усули якум аст [7, с.95-96].

Усули сарфии номбаршуда аз ҷониби забоншинос Қ. Тоҳирова мушаххастар чунин шарҳ дода шудааст: «Маҳсулноктарин роҳи морфологии калимасозӣ ба воситаи аффиксҳо сохта шудани калимаҳои нав мебошад, ки ин усул се намуд дорад:

1. Ба воситаи суффиксҳо сохта шудани калимаҳо.
2. Ба воситаи префиксҳо сохта шудани калимаҳо.
3. Ба воситаи ҳам суффикс ва ҳам префикс сохта шудани калимаҳо [14, с.34].

Вожаи сохта васлшавии сунъии решаву ванд набуда, дар он ҷузъҳо ба ҳам аз ҷиҳати маъно мувофиқат мекунанд ва мувофиқати маъноии асосу пешванд ба онҳо имконият медиҳад, ки ба ҳам васл шуда, маънои наве пайдо кунанд, ки ба маънои ҳам асос ва ҳам ванд баробар ояд. Ҳам маънои асос ва ҳам маънои ванд маҳз дар калимаҳои сохта равшан

зоҳир мешавад. Дар забони тоҷикӣ калимаҳои сермаъно ва омонимӣ ниҳоят зиёданд. Ба кадом маъно омадани ин гуна калимаҳо маҳз дар асосҳои сохта барҷаста намоён мегардад, чунки дар калимаҳои сохта мутобиқати маъноии асосу ванд мушоҳида мешавад. Масалан, **хидматгор** иҷрокунандаи **хидмат**, **коргар** иҷрокунандаи **кор**. Вале ҳеҷ гоҳ **хидматгар** ва **коргор** гуфта наметавонем. «Аффикс бо ҳама гуна маънои ҳамон як калима омада наметавонад, танҳо бо оне меояд, ки ба вай аз ҷиҳати маъно мувофиқ аст» [7, с.102].

Решаву ванд унсурҳои асосии вожаи сохта мебошанд. Ванд бар хилофи асоси вожа алоҳида маъное надорад, маънои мушаххаси вай маҳз дар таркиби вожа зоҳир мегардад. Сермаъноии вандро маҳз дар таркиби вожаҳои гуногун омадани вай нишон медиҳад, вале сермаъноиро бо омоморфема омехта кардан лозим нест. На танҳо асосҳо, балки вандҳо ҳам сермаъно ва омофон мешаванд, ки намунаашро дар поён дар мисоли омоморфемаҳои пасванди **-а** овардаем.

Таркиби сарфии вожа низ як хел нест. Вожаҳое ҳастанд, ки танҳо аз як решаву як пасванд иборатанд, ки муайян кардани муносибату маънои онҳо вазифаи вожасозист. Дар забоншиносии тоҷик асосан ба таркиби сарфии ҳамин гуна вожаҳо эътибор додаанд. Аммо дар забон инчунин вожаҳое ҳастанд, ки морфемаҳои вожасози онҳо аз якто зиёданд, дар онҳо тарзҳои гуногуни вожасозӣ вомехӯранд. Масалан, истилоҳи **вокуниш** – repercussion аз як реша (асоси замони ҳозираи феъл – **кун**), пешванд (**во-**) ва пасванд (**-иш**) сохта шудааст.

Истилоҳҳои сохта бо ёрии пешвандҳо. Дар истилоҳоти сохтаи соҳаи рӯзноманигорӣ пешвандҳо камистеъмол мебошанд. Таҳқиқот нишон дод, ки танҳо ду пешванд – **бе-** ва **ҳам-** дар истилоҳофаринӣ сермаҳсултаранд.

1. Пешванди **бе-** набудани касе, ҳодисае ва ё предметро мефаҳмонад. Мисоли истилоҳҳои сохта, ки ин пешванд ба кор бурда шудааст:

бе+далел => **бедалел** – on one's bare word, **бе+**маслак **=> бемаслак** – indifference toward(s) politics, **бе+**ном **=> беном** – anonymous author.

2. Пешванди **ҳам-** танҳо дар калимасозии исм иштирок карда, аз исм исмҳое месозад, ки ҳамроҳӣ, шарикӣ ва муносибати дутарафаи шахс ва предметҳоро мефаҳмонад. Истилоҳоти сохтае, ки ба воситаи пешванди **ҳам-** сохта мешаванд: **ҳам+**монанд => **ҳаммонанд** – identification, **ҳам+**суҳбат => **ҳамсуҳбат** – interlocutor.

3. Бо пешвандҳои **бар-**, **дар-**, **но-** танҳо яктоӣ истилоҳи сохта дарёфт гардид. Истилоҳи «барнома» калкаи вожаи лотинии «program» аст. Пешванди **дар-** бо асоси замони гузаштаи феъл исмҳои номи амал месозад. Пешванди **но-** аз реша вожаи зидмаъно месозад: **бар+**нома => **барнома** – program, **дар+**хост => **дархост** – inquiry, **но+**мафҳум => **номафҳум** – abstractness.

Истилоҳҳои сохта бо ёрии пасвандҳо. Дар ин намуди гурӯҳбандӣ пасвандҳо ба тарзи фаровон истифода мешаванд ва ба истилоҳоти сохта тобишҳои маъноӣ мебахшанд. Пасвандҳои серистеъмолтарин **-а**, **-ак**, **-анда**, **-ат**, **-гар**, **-иш**, **-ия**, **-ият**,**-ӣ** (**-вӣ, -гӣ**), **-она**, **-от**, **-ча** буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ истилоҳ месозанд.

1. Пасванди **-а** дар забони тоҷикӣ якчанд омоморфема дорад. Омоморфемаи асосии он аз исмҳо исми нав месозад, ки он ба асоси вожа аз ягон ҷиҳат монанд будани вожаи сохтаро мефаҳмонад: девор**+а => девора** – diaphragm, сомон**+а** => **сомона** – site, ҳангом**+а** => **ҳангома** – sensation, шероз**+а** => **шероза** – headband.

Омоморфемаи дувуми пасванди **-а** аз феъл сифати феълии намуди якумро месозад, ки қисман маънои луғавии худро маҳфуз дошта, ба исм табдил меёбад. Дар онҳо асоси замони гузашта ё ҳозираи феъл ба сифати реша хизмат мекунад. Мисолҳо бо асоси замони ҳозираи феъл: намун**+а** => **намуна** – ideal, ханд**+а** => **ханда** – laugh. Мисолҳо бо асоси замони гузаштаи феъл: зад**+а** => **зада** – stress, фишурд**+а** => **фишурда** – thesis.

Ғайр аз омоморфемаҳои номбурда дар забони тоҷикӣ боз як омоморфемаи пасванди **-а** ҳаст, ки аз забони арабӣ ҳамроҳи вожаҳои иқтибосии арабӣ омадааст. Ин пасванд дар забони арабӣ вожаҳои ҷинси занона месозад. Дар забони тоҷикӣ ин пасванд аз исмҳо исмҳои нави мушаххас месозад: воқеъ**+а** => **воқеа** – event, қарин**+а** => **қарина** – context,

лавҳ+**а** => **лавҳа** – sketch, мақол+**а** => **мақола** – article, нақш**+а** => **нақша** – plan, саҳн**+а** => **саҳна** – scene, хотир+**а** => **хотира** – memoirs.

2. Пасванди **-гар** дар исмсозӣ исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногун доранд, аз исмҳои мушаххас исмҳои шахс месозад, ки истилоҳи касбу ҳунарро мефаҳмонанд: истеъмол+**гар** => **истеъмолгар** – communicant, таҳия+**гар** => **таҳиягар** – producer.

3. Пасванди **-ӣ** бо алломорфҳояш **-вӣ** ва **-гӣ** аз исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва ихтисос исмҳое месозад, ки номи амал ва соҳаи фаъолият ё ин ки мафҳумҳои муҷаррад (абстракт)-ро мефаҳмонанд: амиқ+**ӣ** => **амиқӣ** – depth, барбар+**ӣ** => **барбарӣ** – barbarism, зиё+**ӣ** => **зиёӣ** – intelligentsia, қаллоб+**ӣ** => **қаллобӣ** – infringement, муарриф+**ӣ** => **муаррифӣ** – presentation, саҳеҳ**+ӣ** => **саҳеҳӣ** – validity.

Дар баробари ин, пасванди мазкур аз исмҳо вожаҳое месозад, ки нишона, аломат, ҳолат ва хусусиятро ифода карда, ба сифат табдил ёфтаанд: иҷтимоъ+**ӣ** => **иҷтимоӣ** – social, эҳсос+**ӣ** => **эҳсосӣ** – emotional.

Зимнан агар реша бо садонокҳои **а** ва **и** (**ӣ**) хотима ёбад, пасванди **-ӣ** ба **-вӣ** ва **-гӣ** табдил меёбад: холи+**гӣ** => **холигӣ** (*фазои холӣ дар ороиши рӯзнома*) – air, фосила+**вӣ** => **фосилавӣ** – discreteness.

Пасванди –**ӣ** баъзан бо дигар пасвандҳои исму сифатсоз (**-вар**, **-вор**, **-гар**, **-гон**, **-нок**) омада, дар маҷмуъ исмҳои дорои мафҳумҳои ҷомеъ ва муҷаррад месозад: нав+**гон+ӣ** => **навгонӣ** – novelty, санад+**нок+ӣ** => **санаднокӣ** – argumentation, сӯг+**вор+ӣ** => **сӯгворӣ** – obituary, сухан+**вар+ӣ** => **суханварӣ** – rhetoric, тамоил+**нок+ӣ** => **тамоилнокӣ** – tendentious, таҳлил+**гар+ӣ** => **таҳлилгарӣ** – analytics, таъсир+**нок+ӣ** => **таъсирнокӣ** – dramatic effect, таъсир+**нок+ӣ** => **таъсирнокӣ** – expression.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо якчанд пасванд омадани вожаҳои сохта мушоҳида мешавад, ки тадриҷан воқеъ шудани раванди вожасозиро нишон медиҳад. Чунончи, дар истилоҳи **таъсирнокӣ** ду пасванд: **-нок** ва **-ӣ** дида мешавад, ки барои муайян намудани пояҳои вожасозии ин қабил вожаҳо ёрӣ мерасонад: **таъсир+нок+ӣ**. Пояи якуми вожасозӣ бо пасванди **-нок** ва пояи дуюми он бо пасванди **-ӣ** сурат гирифтааст. Агар дар пояи якум (**таъсирнок**) сифат сохта шуда бошад, дар пояи дувум (**таъсирнокӣ**) ин вожа ба исм табдил ёфтааст. Бояд гуфт, ки дигар истилоҳҳои дар боло овардаамон – **сӯгворӣ**, **суханварӣ**, **санаднокӣ** дар асоси ҳамин қолаб сохта шудаанд. «Ин тарзи калимасозӣ бо дигар суффиксҳо, ки исми шахс месозанд, ва суффикси **-ӣ** низ мушоҳида мешавад. Ин тарзи калимасозӣ хеле қадимӣ буда, торафт инкишоф ёфтааст. Дар натиҷаи таъсири ҳамдигарии асосу суффиксҳо протсесси якшавӣ ба амал омада, баъзеи онҳо, аллакай, ҳамчун суффикси мураккаб сурат гирифтаанд. Аз ин рӯ, дар забон калимаҳои шаклан якхелае вомехӯранд, ки яке дорои як суффикс ва дигаре дорои ду суффикс мебошанд. Ин ҳолат боиси он шудааст, ки дар муайян кардани асоси аслӣ, асоси сохта ва суффиксҳо дар байни забоншиносони тоҷик ақидаи ягона мушоҳида намешавад» [7, с.108].

4. Пасванди **-иш** аз асоси замони ҳозираи феъл исмҳо-истилоҳҳое месозад, ки номи амали муайянеро ифода мекунанд: арз+**иш** => **арзиш** – estimation, дон+**иш** => **дониш** – knowledge, нигор+**иш** => **нигориш** – survey, омез+**иш** => **омезиш** – syncretism, омез+**иш** => **омезиш** – synthesis, оро+**иш** => **ороиш** – design, оро+**иш** => **ороиш** – illustration, пурс+**иш** => **пурсиш** – interrogation, соз+**иш** => **созиш** – compromise.

5. Пасвандҳои –**ак** ва **-ча**, ки барои ифодаи хурдию навозиш ва болидахотирӣ хидмат мекунанд, бо исмҳои ғайришахс низ омада, мафҳумҳои нав месозанд: банд+**ак** => **бандак** – copula, бурут+**ча** => **бурутча** – cat’s whiskers, дебо+**ча** => **дебоча** – preamble, канор+**ак** => **канорак** – sidehead.

6. Пасванди –**анда** (**-янда**) бо асоси замони ҳозираи феъл сифати феълӣ месозад. Дар ин намуди сифати феълӣ маънои маҷозии иҷрокунандаи амал бартарӣ пайдо карда, аксаран вазифаи исмро иҷро мекунад. Ин гуна исмҳои сохта ба истилоҳ табдил ёфта, дар ин мавриди шахси иҷрокунандаи амали решаро мефаҳмонанд: намо+**янда** => **намоянда** – ombudsmen, соз+**анда** => **созанда** – constructive, шунав+**анда** => **шунаванда** – listener.

7. Пасванди –**она** бо вожаҳое меояд, ки на сифати ашёҳои мушаххас, балки аломати амал ва аломати аломатро эзоҳ медиҳанд ва дар ибораҳо сифати исмҳои амалу маъниро ифода мекунанд: холис+**она** => **холисона** – equity, холис+**она** => **холисона** – impartiality.

Вақтҳои охир ҳодисаҳои бо ин пешванд ба тарзи сунъӣ аз асоси замони ҳозира сохтани исм ба чашм мехӯранд: рас+**она** => **расона** – media.

8. Пасванди -**ият** аз решаҳои иқтибосии арабӣ ва ғайриарабӣ барои сохтани мафҳумҳои муҷаррад истифода мешавад: айн+**ият** => **айният** – identity, вазъ+**ият** => **вазъият** – situation, воқеъ+**ият** => **воқеият** – reality, касб+**ият** => **касбият** – professionalism, қобил+**ият** => **қобилият** – ability, маъмур+**ият** => **маъмурият** – administration, маъруф+ => **ҷамъият** – society.

Истилоҳҳои сохта бо ёрии ҳам пешванду ҳам пасвандҳо. Бархе истилоҳҳо дар як вақт ҳам бо пешванд ва ҳам бо пасванд сохта мешаванд:

а) пешванди **бар-** + асоси замони гузаштаи феъл + пасванди –**а**: **бар**+гузид+**а** => **баргузида** – elite;

б) пешванди **бо-** + исм + пасванди -**она**: **бо**+шуур+**она** => **бошуурона** – knowingly;

в) пешванди **боз-** + асоси замони ҳозираи феъл + пасванди -**ӣ**: **боз**+санҷ+**ӣ** => **бозсанҷӣ** – appeal;

г) пешванди **во-** + асоси замони ҳозираи феъл + пасванди -**иш**: **во**+кун+**иш** => **вокуниш** – repercussion;

д) пешванди **ҳам-** + исм + пасванди -**ӣ**: **ҳам**+оҳанг+**ӣ** => **ҳамоҳангӣ** – empathy.

Истилоҳоти сохта дар забони тоҷикию англисӣ якзайл нестанд, баъзе истилоҳоти сохтаи тоҷикӣ дар забони англисӣ бо вожаҳои мураккаб ва ё ибораҳо ифода мегарданд. Мисол, **шероза** дар забони тоҷикӣ истилоҳи сохта аст, вале дар забони англисӣ ин мафҳум вожаи мураккаб мебошад: **head+band headband.** Истилоҳҳои сохтаи **беном** ва **бурутча** дар забони англисӣ мувофиқан бо таркибҳои **anonymous author** ва **cat's whiskers** ифода мегарданд.

Вижагиҳои истилоҳсозӣ дар забони англисӣ бо роҳи аффиксатсия. Дар забони англисӣ дар сохтани вожаҳои нав вандафзоӣ (аффиксация) тарзи асосӣ аст. Ванд морфемаест, ки ба асоси вожа пайваст шуда, маънои он ва мансубияти онро ба ягон ҳиссаи нутқ тағйир медиҳад. Забоншиносон се дараҷаи вандафзоиро ҷудо мекунанд:

- дараҷаи сифр ба он вожаҳои нав нисбат дода мешавад, ки аз ҷиҳати сохтор ба вожаи пешина ҳамгуна (омоним) ҳастанд. Мисол: *a water – to water*.

- дараҷаи якуми вандафзоӣ ба он вожаҳои нав нисбат дода мешавад, ки ба воситаи як ванд сохта шудаанд. Мисол: *colour – colorful.*

- дараҷаи дуюми вандафзоӣ бо миқдори вандҳои пасиҳам пайвастшуда муайян карда мешавад. Мисол: *able – ability* [10, с.127].

1. Пешвандҳои **im-** ва **in-** мафҳуми инкорӣ доранд. Пешванди **im-** бо баъзе сифатҳо ва исмҳо истифода мегардад. Ин пешванд танҳо ба вожаҳое, ки бо ҳамсадоҳои *m* ва *p* оғоз мегарданд, замима мешавад. Пешванди **in-** аз забони лотинӣ гирифта шуда, аз исм исм месозад: **im**+mediacy => immediacy – фаврият; **im**+partiality => impartiality – холисона; **im**+portance => importance – муҳиммият; **im**+poser => imposer – саҳифабанд; **im**+print => imprint – маълумотномаи бароespecially; **in**+form => inform – хабаррасонӣ; **in**+formation => information – иттилоот; **in**+version => inversion – аз нав ҷобаҷокунӣ.

2. Пешванди **de-** ба вожа маънои зид медиҳад ё ки амали муқобилсамтро мефаҳмонад: **de**+nomination – ном; **de**+sign – ороиш.

3. Пешванди **re-** такрори амалро мефаҳмонад ва бо пешвандҳои тоҷикии *боз-*, *во-* муродиф аст. Пешванди мазкур лотинӣ аст. Дар ибтидо дар вожаҳои лотинӣ ба маънии «аз нав анҷом додани коре» ё «такрор ба такрор» пайдо шуда такрори амалро нишон медод. Илова бар ин, дар баъзе феълҳо пасванди бозгашти амал ё амали баръаксро нишон медод: **re**+hearsal => rehearsal – машқ; **re**+percussion => repercussion - вокуниш, акси садо; **re**+print => reprint – оттиск; **re**+search => research – таҳқиқ; **re**+verberator => reverberator – ревербератор; **re**+view => review – хулоса.

4. Пешванди **inter-** умумияти амалро ифода карда, бо пешванди таърихии тоҷикӣ *андар-* ҳамреша ва ҳаммаъно мебошад: **inter**+activity => interactivity – ҷолибсозӣ; **inter**+course => intercourse – муносибат; **inter**+face => interface – байни тарафҳои рӯй; **inter**+locutor => interlocutor – ҳамсуҳбат; **inter**+network => internet – интернет;

inter+polation => interpolation – воридкунӣ; **inter**+pretation => interpretation – маънидод; **inter**+rogation => interrogation – пурсиш; **inter**+view => interview – мусоҳиба; **inter**+viewer => interviewer – мусоҳибакунанда.

5. Пешванди **pre**- маънои «пеш аз», «то», «қабл аз»-ро мефаҳмонад: **pre**+amble => preamble – дебоча; **pre**+diction => prediction – пешгӯйӣ; **pre**+journalism => prejournalism – қаблазжурналистӣ.

6. Пешванди **post**- амали баъдтар иҷрошавандаро мефаҳмонад ва бо пешванди тоҷикии «пас» ҳамреша ва ҳаммаъно мебошад: **post**+script => postscript – паснавис.

7. Пешванди **ex**- маъниҳои «оғоз», «ибтидо», «берун», «собиқ»-ро мефаҳмонад: **ex**+clusive => exclusive – сарироҳӣ; **ex**+perience => experience – таҷриба; **ex**+position => exposition – ибтидо; **ex**+pression => expression – ифода.

8. Пешванди **mis**- ба вожа тобиши таҳқир ва пастзанӣ дода, мафҳуми хато ё нодурустро ифода мекунад: **mis**+information => misinformation – гӯлзанӣ.

Истилоҳҳои сохта: bind+**ing** => binding – муқова; brief+**ing** => briefing – кӯтоҳҷаласа; cast+**ing** => casting – кастинг; edit+**ing** => editing – таҳрир; market+**ing** => marketing – идоракунӣ; mean+**ing** => meaning – маъно; modell+**ing** => modelling – амсиласозӣ.

Истилоҳҳои мураккаби пасванддор: bread+board+**ing** – амсиласозӣ; broad+cast+**ing** – пахши барнома; fore+shorten+**ing** – ракурс; icon-paint+**ing** - нусхабардории асл; proof+read+**ing** – хонда ислоҳ кардан; type+sett+**ing** – ҳуруфчинӣ.

Ибораистилоҳҳои бепешоянду пасоянд: advertis**ing** agency – оҷонсии рекламавӣ; interest**ing** information – иттилооти ҷолиб; interest**ing** materials - маводи шавқовар; market**ing** research – таҳқиқи маркетингӣ; print**ing** day – рӯзи матбуот; publish**ing** house – нашриёт; thematic collat**ing** – интихоби мавзуъ; underly**ing** theme – зермаъно**.**

Пасвандҳои –**ence** ва – **ance** амал ва ҳолатро ифода мекунанд. Пасванди –**ance** аз забони фаронсавӣ гирифта шуда, дар забони англисӣ ҳамчун пасванди исмсоз маъмул аст: attend+**ance** => attendance – аудитория; correspond+**ence** => correspondence – мухбирнома; import+**ance** => importance – муҳиммият; occur+**ence** => occurrence – зуҳурот; refer+**ence** => reference – аз назар гузаронидан.

Пасванди исмсози –**ence** дар ибораистилоҳи (ибораи пешояндии) зерин амалро ифода карда, ҳамчун унсури ҷузъи асосии ибора хизмат мекунад: inductive infer**ence** – хулосабарории индуктивӣ.

Пасванди исмсоз –**ion** (**-sion, -ation, -fication**), ки амал ва ҳолатро ифода мекунад, дар сохтори истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ серистеъмолтарин мебошад ва ин гуна вожаҳо панҷяки шумораи умумии истилоҳҳои таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд: act+**ion** => action – саҳмия; ascript+**ion** => ascription – муайянкунӣ;; concept+**ion** => conception – консепсия; conclus+**ion** => conclusion – хотима; consult+**ation** => consultation – машварат; contradict+**ion** => contradiction – мухолифат.

Ин пасванд дар истилоҳҳои мураккаби пасванддор (*намуди* radio-compositi**on** – композитсияи радиоӣ; telecommunicat**ion** – иртиботи телевизионӣ) ва ибораистилоҳҳо (*ба монанди* televis**ion** centre – маркази телевизионӣ) хеле зиёд вомехӯрад.

Пасванди исмсози –**dom**, ки аломат, сифат ва ҳолатро ифода мекунад, дар ибораистилоҳҳои пешояндор истифода мешавад: free**dom** of press – озодии матбуот; free**dom** of speech - озодии сухан; free**dom** of the journalism – озодии журналистика. Аз рӯйи маъно пасванди **-dom** бо пасванди **-ism** хеле наздик аст. Муқоисаи ҷуфти исмҳои *gangsterdom – gangsterism*, *Nazidom – Nazism*, *attorneydom – attorneyism* нишон медиҳад, ки **-ism** низом, таълимотро ифода мекунад, ҳол он ки сохторҳо бо **-dom** мушаххастаранд ва умумияти одамон-намояндагонеро мефаҳмонанд, ки асос ба онҳо ишора мекунад [10, с.54].

Пасванди исмсози –**ness** аз исму сифат вожаҳои нави дорои мафҳуми муҷаррад месозад. Он аз забони англисии қадим гирифта шудааст. Вижагии ин пасванд дар он аст, ки он метавонад бо асосҳое, ки, аллакай, дар таркиби худ пасвандҳои ***-y*, *ous*, *-ive*, *-ed*, *-ish*, *-less*, *-ary*, *-ant*** доранд, ояд. Дар забони ҳозираи англисӣ пасванди сермаҳсул аст: aware+ness => awareness – хабардоршавӣ; abstract+ness => abstractness – мафҳумӣ; conscious+ness => consciousness – маърифат; discrete+ness => discreteness – фосилавӣ [4].

Пасванди **-ity** исмҳои маънии ҳолату сифат месозад ва бо пасванди исмсози тоҷикии –**ият** айният дорад. Он аз -ite-и фаронсавии қадим сарчашма гирифта, дар асл аз «itas»-и забони лотинии қадим пайдо шудааст. Пасванди **-ity** дар забони имрӯзаи англисӣ бо

пасванди –**ness** муродиф аст. Аз ин сабаб забоншиноси рус О. Д. Мешков ҳодисаҳои аз ҳамон як асос сохта шудани ҷуфти вожаҳо ҳам бо **-ity**, ҳам бо **-ity**-ро қайд кардааст [9, с.232]. Масалан: objectiv**ity** (холисият) ва objective**ness** (холисият).

Пасванди **-ity** ҳам метавонад бо асосҳое, ки, аллакай, дар таркиби худ пасвандҳои *-ic*, *-ar*, *-ary*, *-or*, *-ive* доранд (бо тағйироти фонетикии ин пасвандҳо), ояд. Истилоҳҳои рӯзноманигорӣ бо пасванди **-ity:** equ+**ity** => equity - холисона; ident+ **ity** => identity – айният; impartiali+**ity** => impartiality – холисона; interactiv+**ity** => interactivity – ҷолибсозӣ; mental+**ity** => mentality – ҳуввият; novel+**ty** => novelty – навгонӣ; popular+**ity** => popularity – маъруфият; public+**ity** => publicity – ошкорбаёнӣ.

Пасванди мазкур дар истилоҳҳои мураккаби пасванддор (*намуди* radio-actuali**ty** – репортажи радио) корбурд мешавад ва бо ҷузъи асосӣ ё тобеи ибораистилоҳҳо (*ба монанди* informatization of socie**ty** – иттилоотонии ҷомеа; intellectual proper**ty** – моликияти зеҳнӣ) омада, алоқаи тобеи муайянкунандаро таъмин мекунад.

Пасванди сифатсози **-ive** аз феълҳо вожаҳои ифодакунандаи аломату сифат месозад: construct+**ive** => constructive – созанда; exclus+**ive** => exclusive – сарироҳӣ. Ин гуна вожаҳои сохта дар ибораистилоҳҳо вазифаи муайянкунандаро иҷро мекунанд: creat**ive** laboratory – лабораторияи эҷодӣ; creat**ive** potential – иқтидори эҷодӣ; creat**ive** process – ҷараёни эҷодӣ; deduct**ive** conclusion – хулосабарории дедуктивӣ; execut**ive** secretary – котиби масъул; negat**ive** information – иттилооти манфӣ; qualitat**ive** press – матбуоти босифат.

Пасвандҳои сифатсози **-ent, -ant** низ аз феълҳо вожаҳои ифодакунандаи аломату сифат месозанд: communic+**ant** => communicant – истеъмолгар; oppon+**ent** => opponent – муқарриз; respond+**ent** => respondent – пурсидашаванда.

Пасванди сифатсози **-ic** аз исмҳо вожаҳои дорои аломату сифат месозад, ки бештар дар таркиби ибораистилоҳҳо омада, ҳамчун муайянкунандаи ҷузъи асосӣ хизмат мекунанд: graphic accent – задаи тасвирӣ; journalistic ethics - ахлоқи рӯзноманигорӣ; satir**ic** mode – образи ҳаҷвӣ; stylist**ic** analysis – таҳлили услубӣ; themat**ic** page – саҳифаи мавзуъ.

Вожаҳое, ки бо пасванди сифатсози – **al** сохта мешаванд, дар алоҳидагӣ мафҳумҳои муайянро фаҳмонанд ҳам, дар таркиби ибораистилоҳҳо ҳамчун сифат ҳолат, аломат ва хусусияти ҷузъи асосии ибораро шарҳ медиҳанд. Ин пасванд дар ибораистилоҳҳои бепешоянду пасоянд ба таври фаровон истифода мешавад: leg**al** entity - шахсони ҳуқуқӣ; lingu**al** rate – меъёри забон; monologic**al** speech - гуфтори нақлӣ; offici**al** reprimand – ҷазои маъмурӣ; person**al** text – матни худӣ; sociologic**al** information – иттилооти сотсиологӣ; technic**al** editor - муҳаррири техникӣ; textu**al** font – ҳуруфи матнӣ; virtual communities – гурӯҳи улфатон; voc**al** mode – тасвири овозӣ ва ғайра.

Пасванди сифатсози **-ous** низ аз исмҳо вожаҳои дорои аломату сифат месозад: autonym+**ous** => autonymous – номи асл; office+**ous** => officious – матбуоти нимрасмӣ; tendenti+**ous** => tendentious – тамоюлнокӣ. Дар ибораистилоҳҳо ин гуна вожаҳо ба вазифаи ҷузъи муайянкунанда меоянд: anonym**ous** author – беимзо; anonym**ous** letter – навиштаи беимзо; humor**ous** pathos – оҳанги танзомез.

Пасванди сифатсози –**ary** аз исм сифат месозад: supplement**ary** sheet – замимаварақ.

Пасванди феълсози –**ize** аз исмҳо феъл месозад: author+**ize** => authorize – муаллифият; ideal+**ize** => idealize – аз будаш зиёд тасвир кардан.

Пасванди зарфсози –**ly** бештар аз сифатҳо, инчунин аз исмҳо, шумораҳои тартибӣ ва сифати феълӣ зарф месозад: earnest+**ly** => earnestly – яқинан; knowing+**ly** => knowingly – бошуурона, дидаву дониста. Дар ибораистилоҳҳо: friend**ly** cartoon – шарж; week**ly** newspaper – ҳафтанома.

Хулоса, таҳлили сохтории истилоҳҳои рӯзноманигории забони тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷиҳати шакл ду намуди асосӣ доранд: Истилоҳҳое, ки аз вожаҳои алоҳида иборатанд (сода, сохта, мураккаб). Истилоҳҳое, ки аз гурӯҳи вожаҳо иборатанд (ибораистилоҳҳо, истилоҳҳои таркибӣ). Истилоҳҳои сохтаи забони тоҷикӣ ба тарзи вандафзоӣ бо пешвандҳои **бе-, ҳам-, бар-, дар-, но-** ва пасвандҳои –**а**, **-ак**, **-анда**, **-ат**, **-гар**, **-иш**, **-ия**, **-ият**,**-ӣ** (**-вӣ, -гӣ**), **-она**, **-от**, **-ча** аз ҳиссаҳои номии нутқ ё асосу шаклҳои феъл сохта мешаванд. Дар ин миён пешвандҳои **бе-, ҳам-** ва пасвандҳои **-а**, **-ӣ** сермаҳсул мебошанд. Дар забони англисӣ бошад чунин пешвандҳо **im-, in-, de-, re-, inter-,pre-, post-, ex-, mis-** ва пасвандҳои **-ing, -ion, -dom, -ity, -ive, -ent, -ous, -ize** хеле фаъол мебошанд.

I. Таҳлили сохтории истилоҳҳои рӯзноманигории забони тоҷикӣ нишон дод, ки истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷиҳати шакл ду намуди асосӣ доранд: 1. Истилоҳҳое, ки аз вожаҳои алоҳида иборатанд (сода, сохта, мураккаб). 2. Истилоҳҳое, ки аз гурӯҳи вожаҳо иборатанд (ибораистилоҳҳо, истилоҳҳои таркибӣ).

Муқарриз: ***Мамадназаров А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1: Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 355 с.
2. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 1: Фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1956. – 232 с.
3. Джаматов, С. Использование заимствованных слов при образовании морфологических терминов таджикского и английского языков / С. Джаматов // Актуальные проблемы современной филологии и методики преподавания иностранных языков высших учебных заведениях. – Душанбе, 2015. – С.58-61.
4. Иматшоева М. Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика / М. Иматшоева, М.А. Мамадназаров, М. Муродов. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 110 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Иборат аз ду қисм. Қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1984. – 327 с.
7. Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаи нутқ / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.
8. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. Нашри такмилшудаи сеюм / А. Мамадназаров. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 1016 с.
9. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: УДТ, 1982. – 104 с.
10. Мешков О.Д. Словообразование современного английского языка /О.Д. Мешков. – М.: Наука, 1976. – 248 с
11. Нуралиев, А. Журналистикаи Советии тоҷик / А.Нуралиев, А.Саъдуллоев, И.Усмонов, У.Гулмуродов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С.41-50.
12. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Таджикско-русский словарь / В.С. Расторгуева. – М.: Госиздат иностранных и национальных словарей, 1954. – С.530-570.
13. Султон, М.Ҳ. (Султонов М.Ҳ.). Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ: дар заминаи осори илмии асрҳои IX-XI / М.Ҳ. Султон. – Душанбе: Дониш, 2008. – 334 с.
14. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (материалҳо) / Қ. Тоҳирова. – Душанбе: Дониш, 1967. – 83 с.
15. Ҳалимов С.Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ). Васоити таълим / С.Ҳалимов, К.Шукурова. – Душанбе: УДТ ба номи В. И. Ленин, 1988. – 100 с.

РОҲҲОИ СОХТОРИ МОРФОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола роҳҳои асосии сохтории истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар мақолаи мазкур якчанд роҳу усули калимасозӣ омӯхта шудааст, ки асоси онро пешванду пасванд ташкил медиҳанд, вале дар ҳарду забон якхел нестанд. Истилоҳҳои сохтаи забони тоҷикӣ ба тарзи вандафзоӣ бо пешвандҳои **бе-, ҳам-, бар-, дар-, но-** ва пасвандҳои –**а**, **-ак**, **-анда**, **-ат**, **-гар**, **-иш**, **-ия**, **-ият**,–**ӣ** (**-вӣ, -гӣ**), **-она**, **-от**, **-ча** аз ҳиссаҳои номии нутқ ё асосу шаклҳои феъл сохта мешаванд. Дар ин миён пешвандҳои **бе-, ҳам-** ва пасвандҳои –**а**, –**ӣ** сермаҳсул мебошанд. Пасванди **-ӣ** баъзан бо дигар пасвандҳои исму сифатсоз (**-вар**, **-вор**, **-гар**, **-гон**, **-нок**) омада, дар маҷмуъ исмҳои дорои мафҳумҳои ҷомеъ ва танҳо месозад. Истилоҳҳои бо роҳи вандсозӣ сохтаи забони англисӣ бо пешвандҳои **im-**, **in-**, **de-**, **re-**, **inter-**, **pre-**, **post-**, **ex-**, **mis-** ва пасвандҳои **-ist**, **-ism, -er, -or, -ment, -ship, -age, -ing,** –**ence, -ance, -ion** (**-sion, -ation, -fication**), **-dom, -ness, -ity (-ty), -ive, -ent, -ant, -ic, -al, -ous, -ary, -ize, -ly** ба мисли забони тоҷикӣ аз ҳиссаҳои номии нутқ, зарфу феъл ва сифати феълӣ сохта мешаванд. Пешвандҳои **inter-**, **im-**, **ex-** ва пасвандҳои –**ion, -ity, -ing, -ive, -ism, -or** серистеъмол мебошанд. Пасванди исмсози –**ness** метавонад бо асосҳое, ки, аллакай, дар таркиби худ пасвандҳои *-y*, ***ous*, *-ive*, *-ed*, *-ish*, *-less*, *-ary*, *-ant*** доранд, ояд. Пасванди **-ity** ҳам метавонад бо асосҳое, ки дар таркиби худ пасвандҳои ***-ic*, *-ar*, *-ary*, *-or*, *-ive*** доранд (бо тағйироти фонетикии ин пасвандҳо), ояд. Ба мисли забони тоҷикӣ вожаҳои сохтаи забони англисӣ низ метавонанд дар як вақт ҳам пешванд ва ҳам пасванд (ҳатто 2 пасванд) дошта бошанд.

Калидвожаҳо: беном, барнома, воридкунӣ, дархост, истеъмолгар, маънидод, мусоҳиба, мусоҳибакунанда, номафҳум, пурсиш, таҳиягар, ҳамсуҳбат.

СТРУКТУРА И МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЖУРНАЛИСТСКИХ ТЕРМИНОВ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье рассматриваются основные структурные аспекты журналистской терминологии в таджикском и английском языках. В этой статье мы изучили несколько способов словообразования, основанных на префиксах и суффиксах, но не одинаковых в обоих языках. Термины таджикского языка образуются с приставками **бе-, хам-, бар-, дар-, но-** и суффиксами **-а, -ак, -анда, -ат, -гар, -иш, -ия, - ийат, -йи (-ви, -ги), -она, -от, -ча** от именных

частей речи или основ и форм глаголов. Среди них наиболее продуктивны приставки **бе-, -хам -и** суффиксы **-а, -и.** Суффикс –и, присоединяясь к суффиксам существительного или прилагательного (-вар, -вор, -гар, -гон, -нок), обычно образуют существительные в единственном и в множественном числе. В английским языком термины создаются с суффиксами **im-, in-, de-, re-, inter-, pre-, post-, ex-, mis-** суффиксами **-ist, ism, -er, -or, -ment, -ship, -age, -ing, -ence, -ance, -ion (-sion, -ation, -fication), -dom, -ness, -ity (-ty), -ive, -ent, -ant, -ic, -al, -ous, -ary, -ize, -ly,** как и в таджикском языке, состоят из именных частей речи, наречий и отглагольных прилагательных. Широко используются префиксы **inter-, im-, ex-** и суффиксы **-ion, -ity, -ing, -ive, -ism,** -or. Суффикс -ness может идти с основами, которые уже имеют суффиксы **-u, ous, -ive, -ed, -ish, -less, -ary, -ant**. Суффикс **-ity** также может сопровождаться основами, которые уже имеют суффиксы **-ic, -ar, -ary, -or, -ive** (с фонетическими вариациями этих суффиксов). Как и таджикские, английские слова могут иметь одновременно и префиксы, и суффиксы (даже 2 суффикса). Как и в таджикском языке, слова, созданные в английском языке, также могут иметь как предлог, так и суффикс (даже 2 суффикса) одновременно.

Ключевые слова: анонимный, вставка, запрос, интерпретация, интервью, интервьюер, неизвестный, интервьюер. опрос, приложение, потребитель, разработчик.

THE ANALYSIS OF MORPHOLOGICAL STRUCTURE OF JOURNALISTIC TERMS IN TAJIK AND ENGLISH

The article discusses the main structural aspects of journalistic terminology in Tajik and English. In this article, we have studied several ways of word formation based on prefixes and suffixes, but they are not the same in both languages. Tajik language terms are formed with the prefixes **бе-, хам-, бар-, дар, но-** and the suffixes **-а, -ак, -анда, -ат, -гар, -иш, -ия, - ийат, -йи (-ви, -ги**), **-она, -от, -ча** forming from nominal parts of speech or the bases and forms of verbs. Among them, the most productive prefixes are **бе-, хам** - and suffixes - **а, -и**. The suffix –и joining the suffixes of a noun or adjective (**-вар, -вор, -гар, -гон, -нок**) usually forms nouns in the singular and plural. In English, terms are created with the suffixes **im-, in-, de-, re-, inter-, pre-, post-, ex-, mis-** and the suffixes **-ist, -ism, -er, -or– -ment, -ship, -age, -ing, -ence, -ance– -ion** (**-sion, -ation, -fication**), **-dom– -ness, -ity (-ty**), **-ive, -ent, -ant, -ic, -al, -ous, -ary, -ize, -ly,** as and the Tajik language, consist of nominal parts of speech, adverbs and verbal adjectives. The prefixes inter-, im-, ex- and the suffixes **-ion, -ity, -ing, -ive, -ism, -or** are widely used. The -ness suffix can go with the basics that already have the suffixes **-u, ous, -ive, -ed, -ish, -less, -ary, -ant.** The suffix **-ity** can also be accompanied by bases that already have suffixes **-ic, -ar, -ary, -or, -ive** (with phonetic variations of these suffixes). Like Tajik English words, they can have both prefixes and suffixes (even 2 suffixes) at the same time. As in Tajik, words created in English can also have both a preposition and a suffix (even 2 suffixes) at the same time.

Key words: abstractness, anonymous author, communicant, inquiry, interlocutor, interpolation; interpretation; interrogation, interview, interviewer, program, producer.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ, факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rmahmadullo96@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-98-88-96**

Сведение об авторе: ***Рахматуллоев Махмадулло Саидуллоевич*** - Таджикского национального университета, докторант Ph.D кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **rmahmadullo96@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-98-88-96**

Information about the author: ***Rakhmatulloev Makhmadullo Saidulloevich*** - Tajik National University, Ph.D. Doctoral student of the Department of English and Comparative Typology Faculty at Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rmahmadullo96@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-98-88-96**

УДК: 491.437.5-400

ТАҲҚИҚИ ЛИНГВОСТАТИСТИКИИ ТОПОНИМИЯИ «БУХОРО» ВА «САМАРҚАНД» ДАР «ТАЪРИХИ БУХОРО»-И МУҲАММАД НАРШАХӢ

Қурбонзода Р.И
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Таҳқиқу баррасӣ ва омӯзиши номҳои ҷуғрофӣ яке аз ҷанбаҳои умдатарини забоншиносӣ маҳсуб меёбанд, зеро номҳои маҳал ё номҳои ҷуғрофӣ ва пайдоиши онҳо бо чандин воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ робитаи ногусастанӣ дошта, тавассути ин тадқиқот дар рушду инкишоф ва густариши хазинаи (фонди луғавӣ) забони тоҷикӣ саҳм гузошта метавонем. Зикр мегардад, ки "Вазъу мавқеи забон аз лиҳози илмиву адабӣ ва таърихӣ вақте рушан мегардад, ки агар маводи ономастикии асарҳои насри классикӣ ва эҷоду ашъори намояндагони илму адаб дақиқан омӯхта шаванд. Раванди мазкур тайи солҳои охир ба яке аз масъалаҳои дорои хусусияти умумидошта мубадал гардида, дар ин ҷода таълифоти зиёд аз ҷониби муҳаққиқони соҳа анҷом пазируфта шуданд" [2, 1 93].

Зимнан бояд гуфт, ки маҳз тавассути омӯзиши номҳои ҷуғрофӣ рақамҳои ғайрирасмӣ ва ё ба истилоҳ гумшудаи таърих ошкор мегарданд. Яъне, далоили таърихӣ, ки бо сабабҳои гуногун пинҳон ва ё, махсусан, ҳазф карда мешаванд, рӯйи кор оварда мешаванд, агар онҳо босамар коркард шаванд. "Номҳои ҷуғрофӣ ҷузъи хосса ва муҳимми таърихи миллат буда, дар ошкор сохтану равшан баён намудани даврaҳои мухталифи рушду инкишофи забону фарҳанг, таърих, расму оин, урфу одот ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти мардум нақши созгор доранд. Омӯзиши ин масъала, яъне номҳои ҷуғрофӣ, яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир ба шумор рафта, маҳз дар заминаи омӯзиши онҳо ҳаводиси мухталифи таърихӣ аз қаъри асрҳо ошкору возеҳ мегарданд ва бад-ин васила бештари арқому далоили дар таърих ғалат сабтгардида ислоҳ мегарданд" [3, с.58-59].

Муҳаққиқ В.А. Никонов иброз медорад, ки «Шаҳрҳо хароб гардиданд, давлатҳо барҳам хӯрданд, забонҳо ва худи халқҳо аз байн рафтанд, аммо номҳо боқӣ монданд...» [7, с.111]. Номҳои ҷуғрофӣ як ҷузъи таърихи миллат ва баёнгари даврaҳои мухталифи рушду инкишофи забону фарҳанги ҷомеа ба шумор мераванд ва омӯзиши онҳо яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир ба ҳисоб меравад, зеро номҳо маълумоти гуногунрангу мухталифҷанбаи таърихиро аз қаъри асрҳо ба мо мерасонанд.

Топонимшиноси тоҷик Д.Ҳомидов чунин менигорад: "Илми топонимика, ба қавли муҳаққиқон, «забони замин»- ро меомӯзад", ҳамзамон дар идома дар такя ба андешаи номшиноси рус Н.И. Надеждин [6], ки чунин гуфтааст, иброз медорад: "Топонимика забони замин аст, замин бошад, китобест, ки дар он таърихи инсоният бо феҳристу истилоҳоти ҷуғрофӣ сабт карда мешавад» [11, с.78].

Топонимия вобаста ба раванди инкишофи ҷомеа, дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ба вуҷуд меоянд ва бахшҳои муҳимтарини ҳаёти мардумро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, дар симои топонимҳо нақши соҳаҳои гуногуни илмҳои ҳозиразамон - забоншиносӣ, этнография, таърих, ҷуғрофиё ва ғайраро ҷустуҷӯ намудан мумкин аст. Номҳои ҷуғрофӣ ҳамчун ҷузъи устувору камтағйирпазири воҳидҳои забонии минтақаҳои гуногун нисбат ба забони зинда дар худ марҳалаҳои гуногуни рушди инкишофи забонҳои бостониро таҷассум менамоянд. Ин хусусияти муҳимми номҳои ҷуғрофӣ метавонад фаҳмиши моро дар бораи равандҳои гуногуни диахронӣ, аз ҷумла дарки масъалаҳои таърихи забон ва ташаккули миллат дар тули таърих густариш диҳад ва барои пажӯҳандагон имкониятҳои васеъ ва доманадорро дар бобати таҳия ва истифодаи усулҳои нави лингвистӣ муҳайё намояд.

Омӯзишу таҳқиқи номҳои маҳал ва пайдоиши онҳо кори хайр маҳсуб ёфта, дар кушодани маълумоти дар таърих сабт нашуда мусоидат менамояд. Бояд гуфт, ки номҳои ҷуғрофиро дар забоншиносӣ топонимика меомӯзад. «Бо масъалаҳои ном ва номгузорӣ, хосиятҳои калимаҳои ифодакунандаи номҳо, таърихи тавлид ва маънидоди илмии онҳо илми махсуси филологӣ-ономастика (юн.onoma-ном) машғул аст. Ономастика ба қисмҳои таркибии антропонимика (юн. antropos – одам, onoma - ном), этнонимика (юн. etnos–халқ,

onoma–ном), топонимика (topos-маҳал, onoma-ном), гидронимика (юн. hidro-об, onoma-ном) ва амсоли инҳо ҷудо мешавад» [7, с.6].

Зимнан бояд гуфт, омӯзиши номҳои ҷуғрофӣ дар омӯзиши таърихи инсоният низ самаровар аст. «Воқеан, номҳои ҷуғрофӣ дар омӯхтани таърихи инсоният аҳамияти ниҳоят калонро доро буда, дар он воқеаҳову ҳодисаҳои забонӣ, таърихӣ, диниву мазҳабӣ ва равонӣ (руҳи ва психологӣ) таҷассум гардидааст [11, с.78].

Номшиноси дигари рус Я.К. Грот, ки Д.Ҳомидов аз он зикр менамояд, иброз доштааст, ки "Номи топографӣ ҳеҷ гоҳ тасодуфӣ ва орӣ аз ҳар гуна маънӣ нест. Дар он бештар аз ҳама ё ягон аломати мавзеъ, ё хусусиятҳои ба худ хосси маҳал, ё ишорае перомуни ба вуқуъ пайвастани воқеаҳои вобаста ба ин мавзеъ ва ниҳоят ҳолате, ки бештар ё камтар барои заковат ё тасаввурот ҷолиб бошад, инъикос мегардад» [11, с.78].

Бояд эътироф кард, ки топонимикаи тоҷикӣ як ҷузъи забоншиносии тоҷикӣ буда, таърихи тулонӣ дорад. Маводи аввалинро доир ба ин илм аз луғату тазкираҳо ва осори таърихиву ҷуғрофӣ пайдо намудан мумкин аст. Зеро гузаштагони мо дар осори худ роҷеъ ба ин ё он маҳал сухан рондани шаванд, ҳатман ҷиҳати ҷуғрофии ин ё он маҳалро ба тафсил тасвир менамуданд. Бинобар ин, маводи топонимияи қадим иборат аз номҳои вилоят, дарё ва шаҳрҳо мебошад. Чунончи, дар асари ҷуғрофии «Ҳудуд-ул-олам» (асри XI) доир ба номҳои маҳал, муҳити ҷуғрофӣ, ҳайати этникӣ ва манбаъҳои зеризаминии мавзеъҳои гуногуни ҷаҳон маълумот дода мешавад, ки хеле ҷолиб буда, пеши хонанда нақшу тасвири воқеии он маҳал ҷилвагар мегардад.

Набояд фаромӯш кард, ки топонимикаи тоҷикӣ дар заминаи холӣ арзи вуҷуд накарда, заминаи қавии илмӣ дорад ва дар тули асрҳо таҳаввул намуда, дар ин бахш осори гуногунмавзуъ ва гуногунмундариҷа таълиф ёфтааст. Танҳо ин илм дар қарни XX-ум дар асоси таълифи асарҳои пурқимату боарзиши муҳаққиқони ин соҳа роҳу шеваи муайяни худро пайдо карда, аз дастовардҳои топонимикаи Русия ва Аврупо баҳрабардорӣ намуда, имрӯз дар рушду такомул аст.

Олимону муҳаққиқони хориҷию ватанӣ бо дарназардошти нуқтаҳои наомӯхта тадқиқотҳои густурдаву боарзиш анҷом дода, дар рушду таҳаввули топонимика саҳми арзишманд гузоштанд. Махсусан, аввали садаи XX аз ҷониби П.Е. Кузнецов асари «Сравнительный грамматический очерк таджикского и сартовского наречий» («Очерки грамматикии муқоисавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ва сортӣ») таълиф гардид, ки дар он доир ба забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он баъзе фикру мулоҳизаҳои муҳим баён мегардад. Дар тадқиқоти худ дар қисмати тақсимотии мавод номи мавзеъҳои тоҷикнишин, чун водии Қаротегин, Дарвоз, Ванҷ, Ҳисор, Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд ва амсоли инҳоро зикр менамояд ва доир ба ин мавзеъҳо маълумоти фишурда медиҳад [5, с.34].

Нигоштаву таълифоти академик В.В. Бартолд, топонимшиносон Э.М. Мурзаев, А.И. Попов, тоҷикшинос М.С. Андреев, лаҳҷашиносон В.С. Расторгуева, А.З. Розенфелд, В.С. Соколова, Р.Л. Неменова, Л.В. Успенская, суғдшиносон О.И. Смирнова, А.Л. Хромов ва чанде дигаронро зикр намудан зарур аст.

Дар баробари ин, зикри хидматҳои топонимшиносони тоҷик айни муддаост. Ба ин гурӯҳ нигоштаву тадқиқотҳои Р.Х. Додихудоев, А.Л. Хромов, С. Сулаймонов, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, А. Абдунабиев, Ш. Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, О. Маҳмадҷонов, М. Шодиев, Д. Ҳомидов, Б. Тураев, Р.Шоев-ро бояд шомил намуд, ки эшон дар таълифоти хеш топонимияи мавзеъҳои алоҳидаи тоҷикнишин ва истифодаи онҳо дар асари бадеиро мавриди тадқиқ қарор додаанд.

Ҳамин тариқ, дар омӯзиши топонимия ва дигар қабатҳои онимӣ дар Тоҷикистон, ки асосан аз солҳои 60-уми қарни гузашта маншаъ мегирад, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд. Дар ин таълифоти шогирдона мо низ ба таҳқиқи лингвостатистикии топонимияи "Бухоро" ва "Самарқанд" дар асоси маводи онимии «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ дар заминаи омӯзишҳои пайваста ва дар такя ба таҳқиқоти олимони соҳа таҳлилҳо анҷом додем.

«Таърихи Бухоро» яке аз шоҳкориҳои арзишмандтарини таърихи миллати тоҷик маҳсуб ёфта, таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асримиёнагии сарзамини тоҷик ва мардумони маскуни онро фарогир аст.

Муаллифи ин шоҳкорӣ, яъне «Таърихи Бухоро», Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ (899-959), ки яке аз донишмандони маъруфи замонааш аст, маҳсуб меёбад.

Номгузорӣ шуданаш ба исми Бухоро ба он хотир аст, ки ин шаҳр дар замони Сомониён маркази идории тамоми Мовароуннаҳру Хуросон буда, ҳамчунин баъзан мамлакати мазкур ба исми «Давлати Бухоро» дар сафаҳоти таърих ёд шудааст. Яке аз арзишҳои дигари ин таърихнома дар он аст, ки ахбори таърихии тоисломии Бухоро ва навоҳии он дар вай зикр шудааст, ки бидуни шак, чунин тарзи нигориш бар аҳамияти китоб меафзояд.

Мутобиқи далоили таърихӣ Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ «Таърихи Бухоро»-ро соли 332/943-44 ба забони арабӣ таълиф намудааст, вале асли арабии он аз миён рафта, то ҳанӯз хабаре аз он нест [1, с.2-3].

Дар идомаи таълифот гуфта шудааст: «Ин китоб бо номҳои мухталифи «Таърихи Бухоро», «Таърихи Наршахӣ», «Таърихи Наршахии ҷадид», «Ахбори Бухоро» ва ё «Таҳқиқи вилояти Бухоро» маълум аст [1, с.2-3].

Баъдан аввали соли 522/1128 «Таърихи Бухоро»-ро **Абӯнаср Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Наср Қубовӣ** аз арабӣ ба форсӣ тарҷума намуд. Тарҷума шудани онро чунин шарҳ додааст: «Ва чун бештари кас ба хондани китоби арабӣ рағбат нанамояд, дӯстон аз ман дархост карданд, ки «ин китобро ба порсӣ тарҷума кун» [1, с.4].

Дар қабати топонимияи «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ “Бухоро” ва “Самарқанд” дар ибтидо меистанд. Дар шумули чандомади топонимияи асар “Бухоро” 127 маротиба ва “Самарқанд” 93 маротиба истифода гардидааст, ки нисбати дигар номҳои ҷуғрофӣ бештар аст.

“Самарқанд”-у “Бухоро” яке аз шаҳрҳои қадимаи тоҷикон буда, тамаддуну фарҳанги гузаштаи миллати тоҷик дар ин шаҳрҳо бунёд ёфтаву шуҳраи олам гаштаанд.

Маъхазҳои илмӣ дар мавриди топонимияи “Бухоро” ва “Самарқанд” маълумоти гуногунҷанба пешкаш кардаанд. Тамоми паҳлуҳои ҷойномҳои мавриди назар, аз қабили маълумоти таърихӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ, забоншиносӣ ва амсоли инҳо рушан маънидод гардидаанд. Маълумоти ҷуғрофии “Бухоров”-у “Самарқанд” дар луғату фарҳангҳо мавқеи бориз доранд. Луғату фарҳангҳое ба забони тоҷикӣ, ки беш аз 210 ададро ташкил медиҳанду аз ҷониби ашхоси баландзавқу донишманд таълиф гардиданд: «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ, «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин ва амсоли инҳо дар қарнҳои мухталиф таълиф ёфтаанд ва дар онҳо роҷеъ ба ин ё он маҳаллу мавзеъ маълумоти муфид оварда шудааст, ки дар айни замон низ он маълумот арзиши худро гум накардаанд.

Сарчашмаҳо “Бухоро”-ро аз нигоҳи ҷуғрофӣ чунин шарҳ додаанд: «Бухоро шаҳри бузург аст ва ободонтарин шаҳрест андар Мовароуннаҳр ва мустақари малики машриқ. Ва ҷойи намнок аст ва бисёр меваҳо ва обҳои равон. Ва мардумони вай тирандозанд ва ғозипеша. Ва аз ӯ бисот ва фарш ва мусаллии намоз хезад наку, пашмин ва шӯра хезад, ки ба ҷойҳо бибаранд. Ва ҳудуди Бухороро дувоздаҳ фарсанг андар дувоздаҳ фарсанг аст. Ва деворе ба гирди ин ҳама даркашида боз якбора ва ҳамаи работҳо ва деҳаҳои он андаруни ин девор аст…» [8, с.68].

Дар «Ғиёс-ул-луғот» Муҳаммад Ғиёсуддин «Бухоро»-ро аз нигоҳи маънои луғавӣ ва ҷуғрофӣ чунин маъно намудааст: «Бухоро – номи шаҳр аз Турон, муштақ аз бухор, ки ба маънии илм аст. Чун дар он шаҳр уламо ва фузало бисёр буданд, ба Бухоро мавсум карданд (аз «Латоиф»); ва муаллиф гӯяд, ки бухор ба маънии илм дар кутуби дигар ба назар наёмада…» [9, с.119].

«Самарқанд шаҳри бузург аст ва ободон аст ва бо неъмати бисёр ва ҷойи бозоргонии ҳамаи ҷаҳон аст. Ва аз болои боми бозорашон яке ҷӯйи об равон аст аз арзиз. Ва об аз кӯҳ биёварда. Ва андар вай хонақои монавиён аст ва эшонро нағушок хонанд. Ва аз вай коғаз хезад, ки ба ҳама ҷаҳон бибаранд ва риштаи канаб хезад. Ва рӯди Бухоро бар дари шаҳри Самарқанд бигзарад…» [8, с.69].

«Самарқанд – муарраби Самарканд; соҳиби «Муайяд» ва «Кашф» навиштанд, ки дар «Таворихи Табарӣ» марқум аст, ки Самар номи подшоҳе ва қанд ба забони туркон шаҳро гӯянд»; ва маънии таркибии он шаҳри Самар аст, таммакаломуҳумо. Ва Ибни Ҳаллиқон дар «Таворих»-и худ ва Шарешӣ дар «Шарҳи «Мақомоти Ҳарирӣ» навиштаанд, ки ганд (ба кофи аҷамӣ) ба маънии хароб ва Самар номи подшоҳ, шаҳреро хароб карда буд, лиҳозо он шаҳрро Самарганд гуфтандӣ. Ҳоло муарраб карда Самарқанд гӯянд…» [8, с.435].

Ҷойномҳо ба ин услуб таҳлилу маънидод гардидаанд, агарчанде дар ҳамаи ин таҳлилҳо воқеият ифода нагардидааст, лекин то андозае боварибахш аст. Ин ба он хотир аст, ки номҳои мавриди назар таърихи ниҳоят бостонӣ дошта, дар асосу заминаи омӯзиши осори намояндагони илму адаби даврон ва тасвири онҳо дар осори эшон баррасӣ гардидаанд. Таҳлилҳои мазкур нахустин маълумоти топонимӣ дар забоншиносии тоҷикӣ маҳсуб меёбанд. Метавон фарҳангу луғатҳои нодири ба забони тоҷикӣ дар замонҳои гуногун таълифёфта ва асарҳои таърихию ҷуғрофиро бунёдгузори илмӣ топонимика донист. Ба қавли яке аз олимони тоҷик Алӣ Девонақул «Таърихи илму маданият на танҳо бо осори адабӣ, фалсафӣ, тиббӣ, силсилаи асарҳои ҷуғрофию шарқшиносӣ, бо сафарномаҳову фарҳангҳое низ дучор меоянд, ки дар онҳо тафсири асомии кишварҳо, вазъи сокинон, бойгариии табиию маънавии онҳо сабт ёфтаанд. Аз «Осор-ул-билод»-и Птоломей (Батлимус) шуруъ намуда, то ба «Ҳудуд-ул-олам»-и Ибни Фариғун ва «Аҷоиб-ул-булдон»-у «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ ёдгориҳои муътабари ақлии инсоният табдил ёфта, наслҳои минбаъдаро ба вазъи ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва таърихии ин ё он кишвар, мавзеъ, музофот ва кӯҳу дарёҳо шинос менамоянд. Дониши маърифатии мо на танҳо бо омӯхтани номҳо ва тағйироти мафҳуми луғавию истилоҳии онҳо такмил меёбад, балки ҳар як сайри дар гузашти дуру таърихи сабтгардида аз ҳолу аҳвол ва дараҷаи тамизу фаросат ва ақлу заковати халқ ваҳй меорад. Гарчанде аксар мероси оиниву кешӣ, таърихиву ҷуғрофӣ ва илмиву адабии моён тӯшаи ғоратгарони аҷнабӣ шудаанд, лекин мо бо ахборҳои пароканда ва зарраҳои дастрасамон гардида, тавонистем қисмати номҳои кишварамонро барои насли баъдӣ тавзеҳ бидиҳем» [10, с.4]. Ё ба маврид аст, қайди донишманди бузург Абурайҳони Беруниро, ки дар «Осор-ул-боқия» доир ба аз худ намудан ва ҳифз намудани осори пурқимати гузаштагонамон зикр намудааст, биоварем: «Искандар ҳар чӣ аз улуми марғуб ва саноеи бадеъ дар Эрон ёфт, ҳамаро туъмаи оташ гардонид. Ҳатто миқдори зиёди кутуби динро сӯзонд ва биноҳои рафеъро аз қабили сохтмоне, ки дар Истахр аст ва дар асари мо ба масҷиди Сулаймон ибни Довуд маъруф аст, хароб карду оташ зад ва мегӯянд, ки ҳанӯз аз оташсӯзии ашъор, қиссаву достон ва ёддошти халқамон ҳамчун гавзӣ дар ҷоҳое аз он бино боқӣ аст» [12, с.144], кофист, ки мо ин ривоятҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем ва рӯйи қоғаз биёварем.

Ҳамин тавр, баррасӣ ва омӯзиши топонимияи «Бухоро” ва “Самарқанд” дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ имкон фароҳам овард, ки зимни омӯзиши онҳо маълумоти тозае рӯйи даст биёяд ва дар хазинаи таҳқиқоти ҷойномҳои миллӣ маълумоти комиле ворид намоем. Дар ин таълифот чандомади номҳои Бухоро ва Самарқанд дар асар муайяну муқаррар карда шуд, ки натиҷаи муфид маҳсуб меёбад.

Муқарриз: ***Абдусамадзода Э.*** – номзади илмҳои филология,
дотсент, ДДК ба номи А.Рӯдакӣ.

АДАБИЁТ

1. Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ «Таърихи Бухоро» / Наршахӣ, Абӯбакр ибни Муҳаммад. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 424 с.
2. Давлатов Э.А. «Қасас–ул-анбиё» ва баъзе масъалаҳои ономастикаи он (маҷмӯи мақолаҳои илмии номшиносӣ) / Э.А. Давлатов. – Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2017. - 112 с.
3. Давлатов Э.А. Корбурди лингвостатистикии Марям ва Исо дар «Қасас-ул-анбиё» / Э.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои филологӣ). – 2018. - №2. - С.93-97.
4. Додыхудоев, Р.Х. Памирская микротопонимия: (Исследование и материалы) / Р.Х. Додыхудоев. - Душанбе: Ирфон, 1975. - 161 с.
5. Кузнецов П.Е. Сравнительный грамматический очерк таджикского сартовского наречий / П.Е. Кузнецов // Изв. Туркистанского отделения географического общества. - Т.2. - Вып. Х. – Ташкент, 1915. - 67 с.
6. Надеждин Н.И. (Опыт исторической географии русского мира / Н.И. Надеждин. - Библиотека для чтения. - Т.22. - Ч.2. - Спб., 1837.
7. Никонов В.А. Введение в топонимику / В.А. Никонов. - Изд. 2-е. - М.: Изд. ЛКИ, 2011. - 184 с.
8. Нуров А. Мулхақот бар «Ғиёс-ул-луғот». Ҷ.1. / А. Нуров. - Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
9. Нуров А. Мулхақот дар «Ғиёс-ул-луғот». Ҷ.2. / А. Нуров. - Душанбе: Адиб, 1988. - 416 с.
10. Нуров А. Мулхақот дар «Ғиёс-ул-луғот». Ҷ.3. / А. Нуров. - Душанбе: Адиб, 1989. - 304 с.
11. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2012. - 104 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.I. - М.: Сов. энцикл, 1969. - 951 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.2. - М.: Сов.энцикл, 1969. - 947 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Душанбе: ООО «Шуҷоиён», 2010. - 996 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - Душанбе: ООО «Шуҷоиён». 2010. - 1095 с.

ТАҲҚИҚИ ЛИНГВОСТАТИСТИКИИ ТОПОНИМИЯИ «БУХОРО» ВА «САМАРҚАНД» ДАР «ТАЪРИХИ БУХОРО»-И МУҲАММАД НАРШАХӢ

Мақола ба таҳқиқи лингвостатистикии топонимияи «Бухоро» ва «Самарқанд» дар «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ бахшида шуда, ҷойномҳои мазкур аз нигоҳи забонӣ ва корбурд дар асар баррасӣ гардидаанд. Муаллиф дар заминаи омӯзиши таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ масъаларо матраҳ намуда, мақом, корбурд ва моҳияти маъноии «Бухоро» ва «Самарқанд»-ро дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ муайян намудааст. Муаллиф мавқеи топонимияи «Бухоро» ва «Самарқанд»-ро аз нигоҳи чандомад нисбати дигар қабати топонимӣ дар «Таърихи Бухоро» муайян намуда, иброз медорад, ки "... Дар шумули чандомади топонимияи асар "Бухоро" 127 маротиба ва "Самарқанд" 93 маротиба истифода гардидааст, ки нисбати дигар номҳои ҷуғрофӣ бештар аст". Дар мақола таҳлили маъно ва шарҳи топонимияи «Бухоро» ва «Самарқанд» дар заминаи «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ, «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин ва дигар сарчашмаҳои луғавӣ – тадқиқотӣ истифода гардидаанд. Муаллиф дар таҳқиқоти ҳуд имкон ба даст овардаст, ки тавассути маълумоти тозаи мақола вобаста ба таҳқиқи ҷойномҳои "Бухоро" ва "Самарқанд" дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ дар хазинаи таҳқиқоти ҷойномҳои миллӣ маълумоти комиле ворид намояд. Дар мақола баробари шарҳи маъно ва истеъмоли топонимияи "Бухоро" ва "Самарқанд" дар асар, ҳамчунин ҷойномҳои мазкур аз лиҳозӣ мавқеи ҷуғрофӣ низ маънидод гардидаанд.

Калидвожаҳо: Бухоро, Самарқанд, тадқиқи лингвостатистикӣ, топонимия, таҳқиқу баррасӣ, номҳои ҷуғрофӣ, ҷойномҳо, «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ.

ЛИНГВОСТАТИСТИЧЕСКОЕ ИЗУЧЕНИЕ ТОПОНИМИИ «БУХАРА» И «САМАРКАНД» В «ИСТОРИИ БУХАРЫ» МУХАММАДА НАРШАХИ

Статья посвящена лингвостатистическому исследованию топонимов «Бухара» и «Самарканд» в «Истории Бухары» Абу Бакра Мухаммада ибн Джафара Наршахи, и эти работы рассматриваются с точки зрения языка и употребления. Автор рассматривает проблему на основе исследований отечественных и зарубежных ученых выявляет статус, применение и смысловое значение слов «Бухара» и «Самарканд» в «Истории Бухары» Мухаммада Наршахи. Автор определяет топонимическое положение «Бухара» и «Самарканд», с точки зрения хронологии, по отношению к другим топонимическим слоям «Истории Бухары», и констатирует, что «... в топонимии произведения слово "Бухоро" упоминаетя 127 и "Самарканд" 93 раза, что больше, чем другие географические названия". В статье анализируется значение и трактовка топонимов «Бухара» и «Самарканд» на основе «Словаря фурс» Асади Туси, «Тухфат-уль-Ахбоб» Хафиза Убахи, «Бурхани Котеъ» Мухаммада Хусайна Бурхана, "Гияс-ул-лугот» Мухаммада Гиёсуддина и других лексико-исследовательских источников. В своем исследовании автор смог предоставить достоверную информацию для пополнения архивного фонда национальных летописей по исследованию местоупотребления топонимов "Бухара" и "Самарканд" в «Истории Бухары» Мухаммада Наршахи. В статье наряду с объяснением значения и использования топонимов «Бухара» и «Самарканд» разъясняется географическое положение этих местностей.

Ключевые слова: Бухара, Самарканд, лингвостатистические исследования, топонимия, исследования, географические названия, месторасположение топонимов, «История Бухары» Мухаммада Наршахи.

LINGUOSTATISTIC STUDY OF TOPONYMY «BUKHARA» AND «SAMARKAND» IN THE «HISTORY OF BUKHARA» MUHAMMAD NARSHAHI

The article is devoted to the linguistic-statistical study of the toponyms «Bukhara» and «Samarkand» in the «History of Bukhara» by Abu Bakr Muhammad ibn Jafar Narshahi, and these works are examined from the point of view of language and use. The author examines the problem on the basis of research by domestic and foreign researchers, reveals the status, application and semantic meaning of the words «Bukhara» and «Samarkand» in the «History of Bukhara» by Muhammad Narshakhi. The author defines the toponymic position of "Bukhara" and "Samarkand" from the point of view of chronology in relation to other toponymic layers of the "History of Bukhara" and states that "... In the toponymy of the work, the word" Bukhoro "is mentioned 127 and" Samarkand "93 times, which more than other place names". The article analyzes the meaning and interpretation of the toponyms «Bukhara» and «Samarkand» on the basis of the «Dictionary of Furs» by Asadi Tusi, «Tuhfat-ul-Akhbob» by Hafiz Ubakhi, «Burkhani Kote» by Muhammad Husain Burkhan, «Giyas-ul-lugot» by Muhammad Giyosudd and other lexical research sources. In his research, the author was able to provide reliable information to replenish the archival Ford of national chronicles on the study of the place of use of the toponyms "Bukhara" and "Samarkand" in the "History of Bukhara" by Muhammad Narshakhi. In the article, along with an explanation of the meaning and use of the toponyms «Bukhara» and «Samarkand», the work also explains the geographical position of these areas.

Key words: Bukhara, Samarkand, linguistic-statistical research, toponymy, research, geographical names, location of toponyms, «History of Bukhara» by Muhammad Narshakhi.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонзода Рӯдоба Исмоил*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. Тел.: **(+992) 918-13-99-68**

Сведение об авторе: ***Курбонзода Рудоба Исмоил*** - Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, докторант PhD кафедры языкознании и истории языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров 16.
Тел.: **(+992) 918-13-99-68**

Information about the author: ***Kurbonzoda Rudoba Ismoil*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, PhD student of the Department of Linguistics and History of Language. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov 16. Tel.: **(+992) 918-13-99-68**

УДК: 491.550(09)

КАЛИМА ВА ИФОДАҲОИ МАҶОЗӢ ДАР ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Фозилова М.М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Маҷоз яке аз роҳҳои асосии инкишофи маънои калима ва образнок ифода намудани матлаб маҳсуб меёбад. Маҷоз ҳамчун воситаи муассири нутқ барои таъсирбахш баён кардани мақсаду нияти нигоранда ба кор бурда мешавад ва ба сухан қабои нав мепӯшонад. Маҷоз, ифодаҳои маҷозӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқону забоншиносонро ба худ ҷалб намудаанд, ки дар ин раванд дар асоси маводи осори адибону нависандагони классику муосир асару рисола, мақолаҳои илмӣ навишта шудаанд. Ҳар як муҳаққиқ ё забоншинос дар мавриди омӯзиши забон ва услуби ин ё он нависандаву адиб бевосита ба ин мавзуъ эътибор дода, махсусиятҳои истеъмоли ин қабати лексикаи забонро нишон додааст.

Ифодаҳои маҷозӣ яке аз роҳҳои инкишофи маъноии калимаҳо ва ба вуҷуд омадани ибораҳои таркибан устувор ва рехта буда, протсесси зиндаи тараққиёти забонро инъикос мекунанд. Ин протсессро дар забони асарҳои бадеӣ, дар лабораторияи эҷодии нависанда равшан мушоҳида кардан мумкин аст [7, с.68].

Забоншиноси варзида Б.Камолиддинов доир ба интихобии воситаҳои луғавии забони осори устод Айнӣ чунин ибрози андеша намудааст: “Устод Айнӣ ин имконоти услубии забони тоҷикиро бо мақсадҳои гуногун ба кор бурдааст: ба василаи мувозӣ овардани ифодаҳои аслию маҷозӣ матлабро возеҳ, образнок ва пуртаъсир ифода намудааст” [8, с.94].

Забоншинос Муъминов А. дар рисолааш (1972) дар мавриди сермаъноии калимаҳо ибрози андеша намуда, доир ба маҷоз ва навъҳои он ишора намудааст: метафора, метаномия, синекдоха [13, с.13].

Калимаҳои маҷозӣ ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ дар сарчашмаву фарҳангҳо шарҳу тафсир ёфтаанд: Маҷоз а. مجاز 1. кит. ғайри ҳақиқат, зидди ҳақиқат. 2. адш., збш. калима ва иборае, ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ кор фармудашуда ва он маънӣ аз ягон ҷиҳат ба маънии аслии калима монанд аст [16, с.870].

Муҳаммад Толиби Омулӣ дар мавриди маҷоз изҳори андеша намуда, чунин зикр намудааст: “Маҷоз истеъмоли калима аст дар ғайри он чӣ аз барои он вазъ карда бошанд ба таҳқиқ ва ин фасл ду қисмат аст: луғавӣ, ки онро маҷоз дар муфрад хонанд ва ақлӣ, ки онро маҷоз дар ҷумла гӯянд ва маҷози луғавӣ бар ду қисмат (аст): яке он ки роҷеъ ба маънии калима бувад ва дувум он ки роҷеъ бошад ба ҳукме, ки он калимаро собит кунад дар калом [14, с.38]”.

Забоншинос Саломов М. маҷозро аз рӯйи мавқеъ ва доираву дараҷаи истеъмол дар забон ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст:

1. Маҷози нутқи шифоҳӣ.
2. Маҷози нутқи адабӣ-бадеӣ.

Маҷози нутқи гуфтугӯӣ бештар дар қолаби калимаҳои сермаъно сурат мегирад, ки дар ин маврид монандии предметҳо ба инобат гирифта мешавад ва аксар бо воҳидҳои фразеологӣ ифода меёбад.

Маҷози адабӣ-бадеӣ бошад, хосси адабиёти бадеист ва ифодаи он дар забони осори бадеӣ хеле қавӣ буда, бо роҳҳои гуногун ифода меёбад [14, с.24-25].

Дарвоқеъ, маҷоз дар забони осори бадеӣ устувор буда, бо мақсадҳои услубӣ ба кор бурда мешавад. Ин воҳиди луғавӣ дар осори бадеӣ бештар мушоҳида мегардад. Ҳар як нигоранда бо мақсади пуробуранг ва образнок ифода намудани суханҳояш дар алоқамандии образу симои воқеии персонажҳо, тасвири ҳодисаву воқеаҳо маҷозро ба кор мебарад. Масалан, дар мисоли зерин ибораҳои маҷозии: **туҳмати хушк, ҳилаҳои сиёсӣ, хандасор шудан** истеъмол гардидаанд. Дар ифодаи маҷозии **туҳмати хушк** вожаи **туҳмат** маъмул аст. **Туҳмат хушку тар** намешавад, вожаи хушк ба вожаи туҳмат васл гардида,

маънои тамоман ботил будани туҳматро таъкид мекунад. Ибораи маҷозии **ҳилаҳои сиёсӣ, таркиби феълии хандасор шудан** низ ба маънои ғайриаслӣ, яъне маҷозӣ омадаанд: **Қатли ин одами машҳури** руҳонӣ бо **туҳмати хушк** ва аз ғайри исботи қонунӣ аз як тараф, дар байни рӯҳониён ва як қисм аҳолии диндор нисбат ба султон нафрат пайдо кунонида бошад... [2, с.19]. ...мақсади худро бо **ҳилаҳои сиёсӣ** ҳосил менамуданд [2, с.19]. Дар пеши мардум **обрӯйи ҳарбии худро барбод дода хандасор шуд** [2, с.19].

Ифодаҳои маҷозӣ ё метафорӣ воситаи ороиши сухан ва таъсирбахш ифода кардани фикр ба шумор мераванд. Ифодаҳои маҷозӣ ё метафорӣ хусусияти **тару тозагӣ** доранд. Бинобар ин ҳангоми шунидан диққати касро ба худ ҷалб мекунанд, ба назар чун сухани тоза менамоянд ва завқи бадеӣ мебахшанд. Сабаб ин ки ду калимаи тамоман гуногунро ба ҳамдигар васл мекунанд, ки он, аслан, ғайритабиист [9, с.104].

Бо роҳи маҷоз сермаъношавии калимаҳо, чунон ки мушоҳида мегардад, одатан, ба калимаҳои серистеъмоли аслан тоҷикӣ хос аст. Дар ҷумлаи зерин ибораи *сари савдо* ***ба маънои маҷозии андеша, фикр, мақсад омадааст:*** *Ҳарчанд* ***Чингиз сари савдои*** *ба халифа ёрӣ додан надошта...[2, с.20].*

Дар забони тоҷикӣ яке аз воситаҳои асосии сермаъно гардидани калимаҳо калимаҳои соматикии сар, чашм, дил, даст, пой ва ғайраҳо мебошанд. Дар мисоли зерин ибораи маҷозии **дасти рост** ва **муҷассамаи шуҷоат** истифода гардида, симои Ҷалолиддинро барҷастатар ифода намудааст. **Дасти рост** ба маънои сӯй, тараф, ҷониб: **дасти рост** [15, с.440]: ибораи маҷозии муҷассамаи шуҷоат ба маънои рамзи қаҳрамонӣ омадааст: *Дар ҳамин вақт писараш Ҷалолиддин, ки ҳақиқатан як* ***муҷассамаи шуҷоат*** *буд, аз* ***дасти рост*** *ба мадади падар расида, ӯро аз он таҳлука раҳоӣ дод [2, с.26].*

Маънои аслии вожаи гарм зидди сард аст. Гарму сӯзон чизе, ки дараҷаи гармиаш ба дараҷаи сӯзанда бошад [1, с.71]. Дар ҷумлаи зерин ибораи гармии ҷанг ба маънои маҷозӣ, яъне ҷӯши ҷанг, кулминатсияи он истеъмол гардидааст: *Дар натиҷаи бо одамони худ дар вақти* ***гармии ҷанг*** *аз саф баромада рафтани яке аз онҳо Ҷалолиддин дар он ҷанг шикаст хӯрд [2, с.28].* Ибораи маҷозии **аҳолии ҷонбоз** симои қаҳрамононаи мардуми Ҳиротро боз ҷаззобтар ва ифоданок тасвир намудааст: *Аммо* ***аҳолии ҷонбози*** *Ҳирот дар он рахна монанди сипарҳои оҳанин синаҳои худро рост карда истода, душманро ба шаҳр роҳ намедоданд [2, с.32].*

Ибора ва ифодаҳои маҷозӣ дар баъзе сарчашмаҳо бо истилоҳи “ифодаҳои ғайримантиқии маҷоз” зикр ёфтаанд, ки ин беасос нест. Чи тавре ки М.Саломов таъкид мекунад, дар онҳо “меъёрҳои лексикию грамматикӣ риоя намешаванд” [14, с.34]. Ин андешаро забоншиноси эронӣ Сируси Шамисо низ зикр намудааст: “маҷоз тафсири бемантиқи забон аст. Баҳси забон он ҷо пеш меояд, ки забон аз мантиқ хориҷ мешавад. Маҷоз дар забон бедод мекунад. Забон саршор аз анвои маҷоз аст, ҳазор сол аз таърихи забон гузаштааст ва дар тайи ин муддати мадид луғоти маонии сонавии мутааддад ёфтанд” [18, с.53].

Масалан, дар маводи гирдовардаи мо ибораи борони тир корбаст гардида, ки вожаи борон маънои маҷозӣ дошта, ишора ба боришоти борон аст: ...бо як ғазаби ваҳшиёна киштиҳоро дар зери **борони тир** гирифтанд [2, с.42].

Калимаи бодпой ба маънои: “**Бодпо(й) (ى) پا د با** 1. тезрав, тезрафтор, даванда: **аспи бодпо**. 2. *маҷ.* аспи тезрафтор” [16, с.227] истеъмол мешавад. Дар гуфтугӯ онро асосан ба асп мансуб медонанд, аммо нависанда бо мақсади ифоданок тасвир гардидани чолокиву тезрафтории ҷавонони қаҳрамонаш ба онҳо мансуб донистааст: *Ин ду нафар* ***ҷавони бодпой*** *ба тарафи мақсад рафта ба зудӣ баргашта омаданд [2, с.44].*

Дар ҷумлаҳои зерин ибораҳои маҷозии тирҳои дарёгардон, **қалъаҳои дарёгард** истифода гардиданд, ки вожаҳои **тир ва қалъа** ба маънои аслӣ омада, вожаҳои **дарёгардон, дарёгард** ба маънои маҷозӣ кор фармуда шудаанд: *...аз канори об дуртар - дар ҷое, ки* ***тири дарёгардони*** *Темурмалик ба он ҷо намерасид, рафта манзил кард [2, с.43]. ...балки* ***қалъаҳои дарёгард*** *- киштиҳои болопӯшида будаанд, ки онҳоро Темурмалики қаҳрамон ва донишманд эҷод карда будааст [2, с.45].*

Маҳорати забондонӣ, ҳунари суханофарии нависанда дар истифодаи ифодаҳои маҷозӣ, ибораҳои рехта, воситаҳои муассири забон: синоним, омоним, антонимҳо маълум мегардад, зеро чунин хусусият хосси забони осори бадеист. Садриддин Айнӣ аз зумраи

нависандагонест, ки аз ин ҳунар бархӯрдор буда, суханро бо мизони ақл баркашида, ба он ҷомаи маъниву муассирӣ пӯшонидааст. Нависанда ҳар як калимаву ибораи маҷозиро чунон бомаврид истифода намудааст, ки ифоданокии асарро таъмин намуда, ба зеҳни хонанда таъсир мегузорад. Чунончи, дар ҷумлаҳои зерин бо истифодаи ибораҳои маҷозии **хори асирӣ, синаро сипар кардан, нуткҳои оташин, синаи сӯзон ва дили бирён, лошаи муғулон, пуштаҳои куштаҳои муғулон, рӯз сафед шудан** вазъияти ҷанг, ҳолати руҳии қаҳрамонон, симои душман басо ҷолиб ва муассир тасвир ёфтааст. Ибораи ***хори асирӣ*** ба маънои **ҷабру ситам, азобу уқубати асирӣ кашидан**, сина сипар кардан ба маънои "***ба пешвози хатар нотарсона баромадан, ба мудофиаи касе пеш баромадан***" [17, с.254]; синаи сӯзон - аламнок, пурдард, дилозурда; дили бирён- дили ғамгин, қалби пурдарду алам, дили пурҳасрат, қалби ғамгин. Дар матни зерин ибораи маҷозии **лошаи муғулон** мушоҳида гардид, ки вожаи лоша ба маънои "1. Ҷасади мурдаи одамӣ ва ҷонварони дигар, ҷасади беҷон; худмурда. 2. Ҷовари суст, забун ва лоғар" [16, с.184] истифода мегардид. Нависанда барои ифодаи ҳисси бадбинӣ нисбат ба муғулон, тасвир намудани симои манфури душман, ғоратгарон ибораи маҷозии лошаи муғулонро кор фармудааст: *Дар ин ҷанг танҳо касе иштирок карда метавонад, ки нисбат ба душмани ваҳшии хунхор нафрату ғазаби бисёр дошта бошад, х**ори асириро ба худ ор дониста, ҷони худро ба кафи даст гирифта ва синаашро сипар карда** ба майдон даромада тавонад [2, с.62].Темурмалик бо **синаи сӯзон** ва **дили бирён** яккаву танҳо ҷанггоҳро давр мезад ва мурдаҳои ёрони ба ҷон баробари худро аз **лошаи муғулон** ҷудо карда ба канорае мебароварад [2, с.65].*

Дар ҷумлаи зерин ибораҳои маҷозии **пуштаҳои куштаҳои муғулон** ва **рӯз сафед шудан** истифода гардида, ки калимаи пушта ба маънои маҷозӣ, яъне ба зиёд будани мурдаҳои муғулон ишора мекунад. Ибораи маҷозии рӯз сафед шуд ишора ба дамидани субҳ аст: *Темурмалик бо ду рафиқи худ шабро дар он ҷо дар пеши **пуштаҳои куштаҳои муғулон** гузаронид ва баъд аз **рӯз сафед шудан** аз ҷанггоҳ як халтача талқон ва чанд дона қурут ёфта аз он чизҳо қути лоямуте карда ҳар се нафар ба роҳ даромаданд [2, с.65].*

Як хусусияти ибораву ифодаҳои маҷозӣ дар забони тоҷикӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар асоси монандии зоҳирӣ ё ботинӣ, зинда тасвир намудани ашёҳо, бо ёрии санъатҳои ташбеҳ, истиора, ташхис, муболиға ва ҳоказо ба вуҷуд меоянд. Чунончи, дар мисолҳои зер ибораҳои маҷозии байрақи қаҳрамонӣ, дарёи хуну оташ хусусияти ташбеҳӣ, монандкунӣ доранд. Ибораи байроқи қаҳрамонӣ ишора ба мардонагиву шуҷоатмандӣ; дарёи хуну оташ тасвири ваҳшонияти ҷанги муғулон, қатли оми мардуми Хуҷанд мебошад. Нависанда вожаи дарёро бо мақсади муассир тасвир намудан ба кор бурдааст. Зеро пеши дарёро гирифтан мушкил аст: *Дар ин миён ӯ шунид, ки писари Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ–Ҷалолиддин **байрақи қаҳрамонӣ ва ватанпарвариро баланд бардошта** дар ҳар ҷо бо мугулон меҷангад ва ба онҳо голиб мебарояд [2, с.74].–Оре, дар он **дарёи хуну оташ** зани Темурмалик ҳам монанди ҳазорон занон, бачагон, пирон ва беморон **гарқ шуда** рафт, аммо тифли навзоди ӯ саломат монд… [2, с.78].*

Забоншинос Б. Камолиддинов ифодаҳои маҷозиро аз ҷиҳати мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ чунин тасниф намудааст:

1.Ифодаҳои маҷозии исмӣ.

2.Ифодаҳои маҷозии сифатӣ.

3.Ифодаҳои маҷозии феълӣ [9, с.104].

Мо низ такя ба ин таснифот ибораву калимаҳои маҷозиро чунин гурӯҳбандӣ намудем:

1.Ифодаҳои маҷозии исмӣ. Дар ташкили ибораҳои маҷозии исмӣ нақши исмҳо калон аст, аммо дар маводи мо чунин навъи маҷоз кам мушоҳида гардид. Ибораҳои маҷозии ашки шодӣ (гиря аз хурсандӣ), айёми иқбол (даврони хушбахтӣ, давлат ва комёбӣ ба шахс), роҳи зулму бедодӣ (тарз, усули истифодаи ҷабру зулм), меваи озодӣ (натиҷа, самараи озодӣ) аз исмҳои моддӣ ва маънӣ ташкил ёфта, ба маънои ғайриаслӣ омадаанд: *–Ман падари ту мебошам!–гуфт қаландар дар ҳолате, ки **ашки шодӣ** аз чашмонаш мечакид [2, с.82]. Ӯ дар **айёми иқболи** худ ба ҳокими Табаристон шаш миллион танга супурда ва сеяки ин маблағро ба ӯ бахшида аҳд карда буд, ки дар замони бадбахтӣ ба ӯ паноҳ барад [2, с.129]. Бинобар ин, бармакиён ҳам пеши **роҳи зулму бедоди** Алӣ ибни Исоро баста наметавонистанд [2, с.185]. ...ҳокимияти худро дар аксари шаҳрҳо ва деҳаҳои*

Мовароуннаҳр бо номи «Ҳокимияти сафедҷомагон» ё бо номи «Ҳокимияти Муқаннаъ» ташкил карда, аз ***меваи озодӣ*** *андаке бошад ҳам, баҳравар шуданд [2, с.182].*

2. Ифодаҳои маҷозии сифатӣ. Ифодаҳои маҷозии сифатӣ дар натиҷаи ба ашёҳои беҷон нисбат додани аломат, хислат, характер ва сифатҳои маънавии шахс ва ё ба исмҳои маънӣ нисбат додани аломати ашёҳои мушаххас ба вуҷуд меоянд. Дар объекти таҳқиқи мо чунин навъи ифодаҳои маҷозӣ серистеъмоланд: ***нутқҳои оташин (2, с.38), тирҳои пӯлодпайкони синашикоф*** *(****2, с.****56),* ***дили ҳиҷронзада(56), нигоҳи пурҳасрате (2, с.57), манзараи даҳшатсамар (2, с.71),*** *аспи* ***оҳудави шертавон (2, с.71), марги муфти бехунбаҳо (2, с.73).***

Ибораи маҷозии **нутқҳои оташин** ба маънои маҷозии суханони пуртаъсир омадааст. *...аз тарафи дигар бо* ***нутқҳои оташини*** *худ ҳисси ватанпарварии онҳоро бедор ва зиёд мекард ва фоҷиаҳоеро, ки чингизиёни хунхори ваҳшӣ нисбат ба аҳолии ҷойҳои ишғолкардаашон ба вуҷуд оварда буданд [2, с.38*].

Нависанда бо ибораи маҷозии сифатии **тирҳои пӯлодпайкони синашикоф** хусусияти тирҳои Темурмаликро образнок тасвир намудааст:

Тирҳои пӯлодпайкони синашикоф *аз камонҳои ҷавонони тоҷики қодирандоз ҷаста аз даричаҳои киштӣ баромада монанди уқобони тезнохун, аммо бо суръати барқ дар ҳаво парвоз мекарданд ва бехато ба сина, шикам ва рӯву чашми мугулон зада чок-чок мегардонданд [2, с.42].*

Ибораҳои **дили ҳиҷронзада**, **нигоҳи пурҳасрате** ба маънои маҷозӣ омада ҳолати руҳии қаҳрамонро образнок тасвир намудааст: *...агар дар гарибӣ афтам, вай барои мани аз ватан дурафтода тасаллои* ***дили ҳиҷронзада*** *мешавад [2, с.56]. ба тарафи шаҳри тамоман сӯхтаи Хуҷанд* ***нигоҳи пурҳасрате*** *карда оҳи ҷонкоҳе кашид ва худ ба худ мазмуни ин байтро суруд [2, с.57].*

Бештари калимаву ифодаҳои маҷозии асар хусусияти ташбеҳӣ доранд. Масалан, дар ҷумлаи зерин барои ҷолиб нишон додани хусусияти асп нависанда калимашои **оҳудав, шертан**ро ба кор бурдааст: *Чун Темурмалик аз ҷанговарони худ ин суханҳои қаҳрамононаро шунид, ба онҳо таҳсину офарин гуфта ҳар кадомашонро як-як бағал кашида сару рӯяшонро падарона бӯсид ва онҳоро, ки аз сад нафар зиёд набуданд, ба пеши бору буна пиёда дар саф рост кард ва худ ба аспи* ***оҳудави шертавон*** *савор шуда дар пеш истод [2, с.73].*

Ифодаи маҷозии **манзараи даҳшатсамар** хосси услуби нависанда буда**,** ба маънои дар натиҷаи самараи даҳшат ба чунин ҳол омадани манзара, воқеаро ифода мекунад: *Вақте ки рафиқи нави Темурмалик он* ***манзараи даҳшатсамарар****о дид, сайҳаи ҷонкоҳе кашида ба рӯ афтод ва хомӯш шуд [2, с.71].*

Ибораи маҷозии **марги муфти бехунбаҳо** низ офаридаи нависанда буда*,* мақсадро ифоданок ва муассир тасвир намудааст: *Аммо ин аҳволи султон ӯро ба навмедӣ ва маъюсӣ андохт, ки ин вазъият барои ӯ* ***марги муфти бехунбаҳо*** *буд [2, с.73].*

Ибораҳои маҷозии сифатӣ дар асар серистеъмоланд ва нависанда онҳоро бо ғаразҳои услубӣ барои нишонрас ифода намудани суханонаш моҳирона ба кор бурдааст: **бӯсаҳои гармии муштоқона (2, с.83), сели ҷӯшон ва оташи хурӯшон (2, с.58), як ҷаҳон шодӣ (2, с.84), сафед шудан (2, с.84), ду алямрасидаи ғами ҳиҷронкашида (2, с.84), дарди дилҳои ғамдида (2, с.84), бо назари душманона (2, с.104), бо чашми ғазабу нафрати пуршиддат (2, с.104), ҷавоби заҳрдор (2, с.89)** ва ғайра. Дар ҷумлаи зерин вожаи буса ба маънои аслӣ ва сифатҳои гарми муштоқона ба маънои маҷозӣ истеъмол гардида, ҳолати руҳӣ, муносибати самимонаи падарро нисбати писар ҷаззобтар нишон додааст: *Падар ҳам сару гардани писарро аз* ***бӯсаҳои гармии муштоқона*** *саршор мекард [2, с.83].*

Дар ҷумлаи зерин ифодаҳои маҷозии **сели ҷӯшон** ва **оташи хурӯшон** бо оҳанги мутантан ифоданокии фикрро таъмин намуда, вазъияти равонии қаҳрамонро нисбат ба муғулон муассир тасвир намудааст: *Дар дили худ: «агар роҳи* ***сели ҷӯшон*** *ва* ***оташи хурӯшонро*** *бастан мумкин мебуд, аҷаб набуд, ки мугулон роҳи моро баста тавонанд [2, с.58].*

Як хусусияти услуби нависанда дар ифодаи фикр, истифодаи воситаҳои забонӣ, воситаҳои муассири нутқ дар он зоҳир мегардад, ки паси ҳам чанд синоним, ифодаҳои маҷозӣ, калимаҳои антонимӣ, вожаҳои фразеологиро ба кор бурда, суханашро таъсирбахштар ифода мекунад. Чунончи, дар ҷумлаи зерин чанд ифодаи маҷозӣ кор

фармуда шуда, мақсади нависандаро равшантару возеҳтар ифода намудаанд: ***сафед шудани рӯз (дамидани субҳ), як ҷаҳон шодӣ (шодии беинтиҳо, шодии зиёд), ду алямрасидаи ғами ҳиҷронкашида (ду нафари ранҷи дурӣ, ҷудоӣ кашида), дилҳои ғамдида:*** *Баъд аз рӯз* ***сафед шудан*** *пирамардон падару писарро бо* ***як ҷаҳон шодӣ*** *танҳо гузошта худашон рафтанд, то ки ин* ***ду алямрасидаи ғами ҳиҷронкашида*** *бо якдигар дарди* ***дилҳои ғамдидаи*** *худро гуфта ва шунида доди худро аз айёми дурӣ ва маҳҷурии гузашта ситонанд [2, с.84].*

Нависанда барои нишон додани нафрату ҳисси бадбинӣ нисбат ба муғулони истилогар ибораи **бо чашми ғазабу нафрати пуршиддат**ро истифода намудааст: *аҳолии маҳаллӣ, хоҳ дини исломро қабул карда бошанд ва хоҳ не, ба арабҳои истилогар бо назари душманонаи бисёр сахт ва* ***бо чашми ғазабу нафрати пуршиддат нигоҳ мекарданд****, ба хеҷ қавлу қарор ва аҳду паймони саркардагони араб бовар намекарданд [2, с.104].*

Ибораи маҷозии ***сухани ҷонгудоз*** ба маънои **сухани обдор, гапи таъсирбахш, гапи фасеҳу балеғ** ва ибораи ***ҷавоби захрдор*** ба маънои **сухани т**алх корбаст гардидааст: *Ӯ дар ҷавоби ин* ***сухани ҷонгудози*** *Темурмалик ягон* ***ҷавоби захрдор*** *ёфта гуфта, баъд аз он ба қатлаш фармон доданӣ буд [2, с.89].*

Ибораи маҷозии **ҳиссиёти арабдушманӣ** ба маънои ҳисси бадбинӣ нисбати арабҳо омадааст: *Лекин вай, чунон ки дар боло ишора шуд, хост, ки барои пешбарии кори худ аз* ***ҳиссиёти арабдушмании*** *Абӯмуслим ва мардуми маҳаллӣ фоида барад [2, с.117].*

3.**Ифодаҳои маҷозии феълӣ.** Дар ин навъи ибораҳои маҷозӣ ҳолат, вазъият, рафтор, кирдор ва амалиёти гуногуни инсон ба предметҳои беҷон ва ё исмҳои маънӣ нисбат дода мешаванд. Дар ҷумлаи зерин таркибҳои маҷозии ***қолабтиҳӣ шавад (2, с.78), шодикафак шавад (2, с.78*)** корбаст гардидааст, ки ҳолати руҳии қаҳрамонро муассир тасвир намудааст: *Темурмалик қариб буд, ки аз ин хабари шодиовари ногаҳонӣ* ***қолабтиҳӣ шавад*** *ва рӯйи фарзанди ба ҷон пайвандашро баъд аз наздик омадан ба ӯ надида* ***шодикафак шавад*** *[2, с.78].*

Таркиби феълии **мӯйлаб сабз кардан** дар асар ба маънои нав мӯйлаб баровардан омадааст: *Дар он ҷо як ҷавони баландқомати тахминан бисту дусола, ки нав* ***мӯйлаб сабз карда буд,*** *таом мехӯрд [2, с.81].*

Чун ифодаҳои маҷозии сифатӣ ифодаҳои маҷозии феълӣ низ дар объекти таҳқиқи мо серистеъмоланд: ***дилосо шуданд (2, с.82), баландовоз кардан (2, с.82), худро ба қалби душман задан (2, с.64), мугулкушӣ мекарданд*** *(****2, с.****43),* ***ҷангҳои хунин карданд (2, с.101), назорати сахт (2, с.103), зулмро чашидан (2, с.114)*** ва ғайра.

Чун мугулон наздик расиданд, Темурмалик нафарони худро ба ***тирборон*** *фармон дода, худаш ба тарафи мугулон асп монда худро дар* ***қалби душман зад*** *[2, с.64]. Баъд аз он ки падару писар аз бӯсаву огӯш* ***дилосо шуданд,*** *мӯйсафедон ҳам ба навбат Темурмаликро ба огӯш кашида аз канору бӯс* ***табли шодмониро баландовоз карданд****… Албатта, дар ҳар бори ин ҳуҷумҳо аҳолии маҳаллӣ ба муқобили арабҳо сахт истодагарӣ карда* ***ҷангҳои хунин*** *карданд [2, с.101]) …то ин ки арабҳо бо онҳо дар як ҷо зиндагонӣ карда, онҳоро* ***дар зери назорати сахт гиранд*** *[2, с.103]. Ин «филҳо» бошанд, бо суръати аввала дар ҳаракат буда дар ҳар ҷо, ки гурӯҳи серодами мугулонро медиданд, ҳамон ҷойро* ***тирборон менамуданд*** *ва тирҳояшон ҳам бехато* ***мугулкушӣ мекарданд*** *[2, с.43].*

Садриддин Айнӣ ҳангоми истеъмоли ифодаҳои маҷозӣ маъно ва мазмуни матнро ба эътибор гирифта, онҳоро бо ҳамаи тобишҳои маъноиашон ба кор мебарад. Тавассути ифодаҳои маҷозӣ ҳолати руҳии қаҳрамону персонажҳо, ҳодисаву воқеаҳо вобаста ба замону макон возеҳ тасвир ёфтаанд.

Муқарриз: ***Кенҷазода М.С.*** – номзади илмҳои филология,
дотсенти, ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 12. / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 563 с.
2. Айнӣ, С. Очеркҳои таърихии Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ва Исёни Муқаннаъ / С.Айнӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. - 254 с.
3. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 / Р. Ғаффоров, С. Ҳошимов, Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1995. – 191 с.
4. Давлатова М. Сермаъноии феълҳои содда дар “Зайнул-ахбор”-и Гардезӣ / М.Давлатова // Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1964. - С.116-139.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. - Душанбе: Маориф, 1982. - 263 с.

6. Калонтаров. Я.И. Принсипҳои асосии терминологи забони тоҷикӣ / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Дониш, 1971. – 103 с.
7. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. - Душанбе, 1967. – 185 с.
8. Камолиддинов Б. Ҳусни баён / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1989. – 117 с.
9. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 115 с.
10. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. - Ҷ.1. – 242 с.
11. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Сталинобод: Нашрдавлтоҷик, 1959. - 296 с.
12. Муҳаммадиев М. Лексикаи забони адабии тоҷик / М.Муҳаммадиев, Ҳ.Талбакова, Ю.Нурмуҳаммадов. - Душанбе, 1997. – 190 с.
13. Муминов А. Полисемия в таджикском языке: автор.канд.дис.фил.наук. - Душанбе, 1972. – 18 с.; Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 951 с.
14. Саломов, М. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М. Саломов. – Душанбе: Дониш, 2001. – 138 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 996 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2 – 946 с.
18. سیروس شمیسا. بیان. – تهران: انتشارات فردوسی، 1373.–276 ص

КАЛИМА ВА ИФОДАҲОИ МАҶОЗӢ ДАР ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Дар мақола калимаҳо ва ифодаҳои маҷозӣ аз ҷиҳати семантика таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дарвоқеъ, маҷоз дар забони осори бадеӣ устувор буда, бо мақсадҳои услубӣ ба кор бурда мешавад. Ин воҳиди луғавӣ дар осори бадеӣ бештар мушоҳида мегардад. Ҳар як нигоранда бо мақсади пуробуранг ва образнок ифода намудани суханҳояш дар алоқамандии образу симои воқеии персонажҳо, тасвири ҳодисаву воқеаҳо маҷозро ба кор мебарад. 1. Ифодаҳои маҷозии исмӣ. 2. Ифодаҳои маҷозии сифатӣ. 3. Ифодаҳои маҷозии феълӣ. Маҳорати забондонӣ, ҳунари суханофарии нависанда дар истифодаи ифодаҳои маҷозӣ, ибораҳои рехта, воситаҳои муассири забон: синоним, омоним, антонимҳо маълум мегардад, зеро чунин хусусият хосси забони осори бадеист. Садриддин Айнӣ аз зумраи нависандагонест, ки аз ин ҳунар бархӯрдор буда, суханро бо мизони ақл баркашида, ба он ҷомаи маъниву муассирӣ пӯшонидааст. Садриддин Айнӣ ҳангоми истеъмоли ифодаҳои маҷозӣ маъно ва мазмуни матнро ба эътибор гирифта, онҳоро бо ҳамаи тобишҳои маъноиашон ба кор мебарад. Тавассути ифодаҳои маҷозӣ ҳолати руҳии қаҳрамону персонажҳо, ҳодисаву воқеаҳо вобаста ба замону макон возеҳ тасвир ёфтаанд.

Калидвожаҳо: калима, маҷоз, ифодаҳои маҷозӣ, ифодаҳои маҷозии исмӣ, ифодаҳои маҷозии сифатӣ, ифодаҳои маҷозии феълӣ, воҳиди луғавӣ.

МЕТАФОРИЧНЫЕ СЛОВА И ВЫРАЖЕНИЯ В ИСТОРИЧЕСКИХ ОЧЕРКАХ САДРИДДИНА АЙНИ

В статье анализируется семантика слов и выражений. На самом деле метафора устойчива в языке художественного произведения и используется в стилистических целях. Эта лексическая единица чаще встречается в художественной прозе. Каждый писатель использует метафору для того, чтобы красочно и образно выразить свои слова в изображении реального образа героев, описания событий и происшествий. 1. Образные существительные выражения. 2. Качественные образные выражения. 3. Глагольные образные выражения. Известны языковые навыки, красноречие писателя в использовании образных выражений, идиом, действенных средств языка: синонимов, омонимов, антонимов, поскольку такая особенность характерна для языка художественной литературы. Садриддин Айни – один из писателей, владеющих этим искусством, взвешивающих речь мерой интеллекта и покрывающих ее осмысленной и эффектной окраской. При использовании метафоричных выражений Садриддин Айни учитывает смысл и содержание текста и использует их со всеми нюансами их значения. Метафоричные выражения четко описывают психическое состояние героев и персонажей, события и происшествия во времени и месте.

Ключевые слова: слово, метафора, метафорические выражения, именные метафоры, качественные метафорические выражения, глагольные метафоры, лексическая единица.

METAPHORICAL WORDS AND EXPRESSIONS IN HISTORICAL ESSAYS OF SADRIDDIN AYNI

The article analyzes the semantics of words and expressions. In fact, the metaphor is stable in the language of a work of art and is used for stylistic purposes. This lexical unit is more common in the artistic era. Each artist uses a metaphor to colorfully and figuratively express his words in the image of the real image of the characters, descriptions of events and incidents. 1. Figurative noun expressions. 2. Qualitative figurative expressions. 3. Verbal figurative expressions. Known language skills, the writer's eloquence in the use of figurative expressions, idioms, effective means of language: synonyms, homonyms, antonyms, since this feature is characteristic of the language of fiction. Sadriddin Aini is one of the writers who master this art, weighing speech with the measure of intellect and covering it with meaningful and spectacular clothes. When using metaphorical expressions, Sadriddin Aini takes into account the meaning and content of the text and uses them with all the nuances of their meaning. Metaphorical expressions clearly describe the mental state of heroes and characters, events and incidents in time and place.

Key words: word, metaphor, metaphorical expressions, nominal metaphors, qualitative metaphorical expressions, verbal metaphors, lexical unit.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Фозилова Муаззам Муйддиновна*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, унвонҷӯйи шуъбаи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21

Сведения об авторе: ***Фозилова Муаззам Муйддиновна*** **-** Института языка и литературы им. Рудаки, соискатель отдела таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21

Information about the author: ***Fozilova Muazzam Muiddinovna*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki, applicant for the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21

УДК: 80/81

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ДАР АШЪОРИ РӮДАКӢ ВА ҲАМАСРОНИ Ӯ

Қӯрғонов З.Д.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Забони тоҷикӣ дар тули таърих таҳаввулоти гуногунро пушти сар кардааст, ки ба далели ҳамин тағйирот забоншиносон онро ба се давраи асосӣ: форсии бостон, миёна ва нав (дарӣ) тақсим намудаанд. Профессор А.Ҳасанов (Ҳасанзода) чунин дастабандиро ба аломатҳои забонӣ ва маданӣ – таърихии онҳо пайванд дода, чунин мегӯяд: «… таърихи забонҳои эронӣ ба се давра тақсим карда мешавад ва чунин тақсимбандӣ ба аломатҳои забонӣ ва маданӣ – таърихӣ такя мекунад» [16, қ.1, с.21]. Аз ин назар, нақду пажӯҳиш дар бораи чигунагии ин дигаргуниҳову аломатҳои забонӣ ва анвои он бисёр зарурӣ ва дар айни ҳол дархӯри таваҷҷуҳ аст. Дар ин навишта кӯшиш мешавад ба баррасии яке аз унсурҳои забон, яъне пешояндҳо ва таҳаввулоту вижагиҳои онҳо дар заминаи ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, ки марбут ба давраи нави забон аст, пардозем. Инчунин раванди таҳаввул ва коркардҳои пешояндҳои ҷудогона дар давраи нав низ барои ошкор сохтани хатти ташаккулу тағайюри ин унсури забон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Чунин муқоиса бештар дар заминаи ашъори Лоиқ сурат гирифт.

Забони роиҷ дар давраи Сомониён забони форсии дарӣ буд. Дар бораи решаи ин забон чунин гуфта шудааст, ки асли он мутааллиқ ба минтақаи «Тайсафун» аст ва подшоҳону дарбориёни давраи Сосонӣ навиштаҳои расмии худро ба ин забон менигоштанд. Пас аз он ки Яздигурди савум ба далели ҳамлаи аъроб бо ҳамроҳи чандин ҳазор нафар аз дарбориён ночор ба тарки пойтахт шуд ва ба минтақаи шарқи Эрон гурехт ва дар шаҳри Марв сокин шуд, забони дарӣ дар ин минтақа нисбат ба дигар забонҳои хоразмӣ, суғдӣ, балхӣ ва ҳиравӣ ривоҷи бештаре ёфт [14, ҷ.1, с.279-281]. Албатта, ин назария низ вуҷуд дорад, ки «забони дарӣ дар оғози лаҳҷаи дар шарқи Эрон буда ва ба мурури замон, ин лаҳҷа бо лаҳҷаҳои дигари Эрон имтизоҷ ёфтааст, яъне ҳангоме ки Сосониён ба ҷойи портиён, ки дорои лаҳҷае аз лаҳҷаҳои шимолӣ буданд, ба ҳукумат расиданд, бахше аз вожагонро аз забони дарӣ вом гирифтанд. Ҳамин амр муҷиб шуд, ки забони форсии дарӣ аз Машриқзамин ба дарбори Сосонӣ роҳ ёбад» [3, с.62-64]. Пас аз ислом ин забон ҳамчунон дар ноҳияи Хуросон боқӣ монд ва забони расмии ҳукуматҳои Сомонӣ ва ҳукуматҳои пас аз он шуд.

Муҳаққиқон вижагиҳои забони шеъри давраи Сомониёнро чунин баршумурдаанд: калимоти арабӣ кам дорад, луғоти маҳҷури куҳан ва наздик ба паҳлавӣ дорад, дар он такрор дида мешавад ва бештар мубтанӣ бар эҷоз аст. Ҳамчунин ба забони гуфтор наздик аст ва вожагони маҳаллӣ бо басомади болоӣ – нисбат ба даврaҳои баъд – дар ин забон ривоҷ дорад [4, ҷ.1, с.360-361; с. 410; 1, с.290; 14, ҷ.3, с.32-35; с.381].

Забони форсии дарӣ аз лиҳози таърихӣ дунболаи забони паҳлавӣ (форсии миёна) аст. Ҳарчанд бо аъроби мусалмон то ҳудуди зиёди ҷуғрофӣ забони ин давра таҳти таъсири забони арабӣ қарор гирифт ва вожагони арабии бисёре дар насру назми тоҷикӣ роҳ ёфт, вале забони давраи мазкур ҳамчунон дорои вижагиҳое аз забони давраи паҳлавӣ (форсии миёна) аст ва ин забонро наметавон ба таври комил аз давраи пешини худ ҷудошуда донист.

Дар баробари пешояндҳои аслии сода истифодаи пешояндҳои номӣ бо тобиши маонии барзиёд дар осори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ ба назар мерасад. Забоншиносон оид ба ташаккул ва густариши маъноии ин навъи унсурҳои сервазифа чунин ақида рондаанд: «Пешояндҳои номӣ бо калимаи тобеъшаванда ба воситаи изофат пайваст шуда, бо ин калима якҷоя як воҳид ва ё таркиби яклухти ҷудонашавандаи лексикию морфологиро ташкил мекунанд» [7, қ.1, с.389].

Мусаллам аст, ки ҳиссаҳои ёвари нутқ аз маънои лексикӣ маҳрум буда, танҳо соҳиби маънои грамматикӣ мебошанд. Дар хусуси ин навъи калимот муҳаққиқ П.Н.Хонларӣ чунин гуфтааст: «Ҳуруф калимоте ҳастанд, ки худ ба худ маънии мустақиле надоранд,

аммо барои пайвастани аҷзои як ҷумла ба якдигар ё нисбат додан ва изофаи калимае ба ҷумла, ё рабт додани ду ҷумла ба якдигар ба кор мераванд» [14, с.73].

Яке аз пешояндҳои номии изофие, ки бо тобиши махсус дар ашъори шоирони ин давр истифода шудааст, пешоянди номии изофии «бари» мебошад. Маводи фактологии зери даст аз он нукта шаҳодат медиҳад, ки пешоянди мазкур дар осори манзуми даврои мавриди таҳлил бештар ба маънои «назди» омадааст:

Карона гузид аз сари тоҷу гоҳ,
Ниҳода **бари** худ сари он се шоҳ [13, ҷ.1, с.223].

Дар мавридҳои алоҳида фурӯгузор шудани пешояндҳои аслии сода пеш аз ин унсури забон равшан мушоҳида мегардад:

Омад **бари** ман. Кӣ? Ёр! Кай? Вақти саҳар.
Тарсанда зи кӣ? Зи хасм! Хасмаш кӣ? Падар [8, с.201].

Дар байти боло пеш аз пешоянди номии изофии «пеши» пешоянди аслии содаи «ба» ҳазф шудааст.

Пешоянди номии изофии «бози» дар даврои дарӣ барои ифодаи ҳиссаҳои мухталифи нутқ, аз ҷумла исм, сифат, пешоянд ва пешванд роиҷ буд. Корбурди ин унсури забон ба унвони пешоянд гувоҳи он аст, ки он бештар барои ифодаи маъноҳои «сӯй», «ҷониб», «зарфият» ва ғайра омада, баъзан ҳаммаънои калимаҳои мазкур мегардад. Мусаллам аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ корбурди пешоянди номии изофии «бози» барои маънои мавриди назар роиҷ нест. Калимаҳои «сӯ(й)и» ва «ҷониби» ҷойгузини он шудаанд:

Чу лашкар шуниданд овози ӯй,
Шуданд аз бари хастагон **бози** ӯй [2, с.304].

Мавқеи корбурди пешояндҳои номии таркибии изофӣ дар ашъори шуарои аҳди сомонӣ басо ҷолиб ва қобили мулоҳиза аст. Бояд гуфт, ки «Дар пешояндҳои таркибӣ маънои грамматикии пешоянди аслӣ бо маънои луғавии пешоянди номӣ зич вобаста мебошад, пешоянди номӣ маънои пешоянди аслиро аниқтар ва пурратар менамояд» [7, ҷ.1, с.390]. Забоншиносони дигар низ аз хусуси чунин навъи пешояндҳо ёдовар шуда, тарзи ташаккули онҳоро боз ҳам возеҳтар шарҳ додаанд: «Ҳарфҳои изофа ба сабаби корбурди фаровон ва ҳамчунин корбурди онҳо дар маъноҳои мутааддид барои далолат бар мафҳуми аслӣ заиф шуда, ниёзманди тақвият мешаванд. Ин тақвият ба ду сурат анҷом мегирад. Яке он ки ду ё чанд ҳарфи изофа ба ҳам мепайванданд ва дар ҳукми калимаи воҳиде дармеоянд. Дигар ин ки калимаи маънидоре ба ҳарфи изофа афзуда мешавад, ки бо ҳамдигар як ҳарфи изофаи тозае месозанд» [14, ҷ.3, с.292].

Забоншинос Х.Фаршедвард бар он ақида мебошад, ки дар оғози даврои дарӣ пешоянди аслии содаи «аз» бо ҳамроҳи калимаҳои «баҳри», «па(й)и» ва ғайра пешояндҳои номии таркибии изофӣ месохтааст ва имрӯз чунин шеваи корбурди пешоянди мавриди назар аз байн рафтааст [12, с.202]. Чунин хулосаи муҳаққиқ, бидуни шубҳа, ба забони муосири форсӣ рабт дошта, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз он истисно аст. Масалан, танҳо дар ашъори Лоиқ, аз рӯйи ҳисоби омории мо, пешояндҳои номии таркибии изофии «аз баҳри» 68 маротиба ва «аз па(й)и» 48 бор мавриди истиқболи шоир қарор гирифтааст [ниг.:18]:

Сӯзи одам дигару ҳукми дами марг дигар,
Мурдан **аз баҳри** ҳама ҳаст, вале зистан нест [18, с.20].

Лаънати ду ҷаҳон бар он кас бод,
К-**аз паи** ганҷу сарвати дунё
Панди модар шунида дар тифлӣ,
Мекунад фанд тифли инсонро! [18, с.172].

Ниҳоят, фикри Х.Фаршедвард дар зеҳни мо андешаеро тавлид менамояд, ки тибқи он забони тоҷикӣ нисбат ба забонҳои хеши худ (форсӣ, дарӣ) дар ҳифзи қолабҳои куҳани баён нисбатан муваффақ шудааст. Маҳз доир ба ҳамин масъалаи басо муҳим профессор А.Ҳасанов тадқиқоти судмандеро анҷом дода, натоиҷи ҷустуҷӯи чандинсолаи хешро дар доираи як рисолаи арзишманди илмӣ ҷамъбаст кардааст [ниг.:15].

Абёти шоҳиди зери даст аз он гувоҳӣ медиҳад, ки пешояндҳои номии таркибии изофии «аз баҳри» ва «аз па(й)и» дар даврои забони аҳди Сомониён ба маънои «барои» истеъмол мешуданд:

В-ин фажаҳ пир **зи баҳри** ту маро хор гирифт,
Бираҳонод аз ӯ Эзиди ҷаббор маро! [8, с.56].

Чу ин чор гавҳар ба ҷой омаданд,
Зи баҳри сипанҷӣ сарой омаданд! [13, ҷ.1, с.26].

Ай аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ,
Ранг **аз пайи** рух рабуда, бӯ аз пайи мӯ [8, с.213].

Ки имрӯз ман **аз паи** кини ӯй
Бионам аз ин чиниён хун ба ҷӯй [2, с.297].

Пешоянди номии таркибии изофии «аз бари» дар давраи мазкур ба ду маънии гуногун «аз канори» ва «рӯйи» (болои) мавриди корбурд қарор мегирифт, ки истифодаи он ба маънои дуюм (рӯйи; болои) дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ маҳдуд шудааст:

Фахри раҳӣ бад-он ду сияҳчашмакони туст,
К-омад падид зери ниқоб **аз бари** ду хад! [8, с.92].

Чу он номаи шахрёрон бихонд,
Нишаст **аз бари** гоҳу ёрон бихонд [2, с.309].

Пешоянди номии таркибии изофии «ба кирдори» ба маънои «ҳаммонанди; монанди» дар осори даврони Сомониён истеъмоли фаровон дошта, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бо чунин маъно аз истифода боз мондааст:

Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки **ба кирдори** сангу сандон буд [8, с.77].

Гирифтор з-ӯ дил шуда ноумед,
Равон ларз-ларзон **ба кирдори** бед [13, ҷ.1, с.38].

Ба кирдори дирафши ковиёнӣ,
Ба нақши вашшию кӯфӣ саросар [2, с.325].

Дар байни муҳаққиқон доир ба муайян кардани сурати аслии баъзе аз унсурҳои ёвари сервазифа, густариши маъноии онҳо ва мавқеи корбурди ин калимаҳо баҳсҳое ба назар мерасад, ки ҳар яке барои асоснок кардани афкори хеш далелҳои муайянеро ироа кардаанд. Масалан, яке аз пешояндҳои нисбатан қадимтар «батруни» мебошад, ки дар аҳди паҳлавӣ истифода гашта, дар давраи Сомониён, махсусан дар шеъри Рӯдакӣ, ба гунаҳои «батруни» ё «ба руни» мушоҳида мегардад. Лозим ба таъкид аст, ки пешоянди мазкур дар даврaҳои баъдӣ матрук шуда, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пешоянди таркибии номии изофии «ба ҷиҳати» ҷойгузини он шудааст. Муҳаққиқи шинохта А.Содиқӣ мақолаеро бо унвони «Батруни, батройи, баройи» навишта, баъзе аз андешаҳои забоншиносони дигарро, ки оид ба мушаххас ва муайян кардани асли ин калима пардохтаанд, ботил мешуморад. Бино ба андешаи ӯ, муҳаққиқон ҳангоми забти унсури «батрун» онро бемаъно шуморида, ба шакли «батройи» тасҳеҳ кардаанд. Оид ба масъалаи мазкур А.Содиқӣ чунин ибрози ақида мекунад: «Куллияи касоне, ки ин қисматро нақл кардаанд (баҳси Мақдисӣ оид ба забони нишобуриён ва марвиён – Қ.З.), «батруни» - ро ба «батройи» тасҳеҳ кардаанд, зеро «батруни» - ро фоқиди маънӣ дидаанд… Аз ҷумлаи ин касонанд марҳум Маликушшуаро Баҳор, марҳум дуктур Забеҳуллоҳ Сафо ва марҳум дуктур Парвиз Нотили Хонларӣ, ки аслан калимаро ба шакли «батройи» нақл кардаву мутазаккири асли он нашудаанд» [10, с.9].

Забоншинос А.Содиқӣ аз таърихи таҳаввул ва табаддули унсури луғавии «батройи» ёдовар шуда, исбот мекунад, ки ин калима бо тақдири вожаи «батруни» ҳамгун нест. Аз назари муҳаққиқи мазкур «Калимаи «батрой» мураккаб аст аз ҳарфи изофаи «бат» (pat**>**паҳлавии pad**>**) - «ро», «ё» - и миёнҷӣ ва касраи изофа. «Ро» дар забони паҳлавӣ барои ифодаи маънии сабабият ва барои нишон додани баҳраварии амали феъл ба кор меравад, монанди ēd rāy, яъне «барои ин; ба ин сабаб» ва čerāy «чаро?», яъне «барои чӣ?». Ин ҳарф бо ҳарфи изофаи pad ба сурати навъи ҳарфи изофаи мураккаби гусаста (қолабҳои пешояндиву пасояндӣ – Қ.З.) ба шакли **pad** … **rāy** низ ба кор меравад ва ҳамин корбурд

аст, ки дар форсӣ ба сурати «барои» даромадааст, яъне мадхули ин ҳарфи изофа ба ҷойи он ки миёни ду ҷузъи он қарор бигирад, баъд аз он омада ва дар натиҷа як касра ба поёни **padrāy** изофа шудааст. **P** баъдҳо ба **b** бадал шуда ва баъд аз ҳазфи **d** калима ба шакли «барои» даромадааст. Аммо калимаи «батруни» низ калимаи дигаре ба ҳамин маънӣ аст ва тасҳифи «батройи» нест. Ин калима мураккаб аст аз pat/d ва rōn, ки дар паҳлавӣ ба маънии «ҷиҳат», «сӯй» ва «ҷониб» аст, ки бо касраи изофа ҳамроҳ мешавад ва рӯйиҳам рафта ба маънии «барои» аст. Муодили ин таркиб дар забони форсӣ таркиби «ба сӯйи» аст, ки дар порае аз мутуни қадим ба маънии «барои» истеъмол шудааст» [10, с.9-10].

Муҳаққиқи мазкур ба нақл аз «Луғати фурс» - и Асадии Тӯсӣ байте аз ашъори Рӯдакиро, ки ҳамчун шоҳид дар шарҳи ин калима омадааст, барои намуна зикр кардааст:

Худ ғами дандон ба кӣ тавонам гуфтан?!
Заррин гаштам ба **руни** симин дандон [10, с.10]!

Пас аз он байтро чунин маънигузорӣ кардааст: «Яъне барои (ба хотири) дандони симин рӯям зард (заррин) шуд» [10, с.11]. Дар «Ашъор» - и Рӯдакӣ, ки соли 2007 – ум дар Душанбе нашр шудааст, дар баробари байти мазкур [8, с.300], боз байтеро бо корбурди ин калима дарёфт кардем:

Ҷаъдмӯён-т ҷаъд канда ҳаме,
Бибурида ба **руни** ту пистон [8, с.155].

Тартибдиҳандагони китоб маънои калимаи мазкурро «сабаб, иллат» [8, с.399] шарҳ додаанд.

Дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, ки забоншинос Н.Ғиёсов бо такя ба нашри Дабирсиёқӣ ба хатти кириллӣ баргардон кардааст, калимаи «рун» ба маънои «баҳри» забт шуда, байти шоҳид аз Унсурӣ оварда шудааст [11, с.382]. Муҳаққиқи мазкур дар ҳошияи фарҳанг ба таври аҳсан аз хусуси гунаҳои мухталифи вожаҳо, сермаъноии онҳо ба таври муфассал маълумоти судманд дода, таҳти ин вожа дар ҳошияи фарҳанг чунин меорад: «Дар АИ ҳам ба гунаи мо шарҳ шуда, ба ҷуз Унсурӣ боз аз Рӯдакӣ мисол оварда шудааст, дар Муҷтабоӣ, СФ, МҶ ва ФҚ ин вожа наёмадааст. Дар ТА **рун** «чунон бувад, ки гӯӣ: ба сабаби он» маънидод шудааст, дар БҚ **рун** ба маънии сабаб ва боис омадааст» [11, с.382].

Ҳамин тариқ, А.Содиқӣ дар баробари мушаххас кардани маънои ин унсури ёвари сервазифа ба ин мавзуъ низ ишора кардааст, ки пешоянди **рун** реша дар забони паҳлавӣ дошта, дар вожаҳое аз қабили «фарорун» ба маънои «парҳезгор» ва «аборун» ба маънои «гунаҳкор» ба кор рафтааст [10, с.11 – 13]. Аммо тартибдиҳандагони китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» байтеро, ки дар он унсури «фарорун» ба назар мерасад, оварда, калимаи мазкурро дар шарҳи калимаи «фирун» ҳавола мекунанд, ҳамчунин вожаҳои «баланд; воло» муродифи он (**Фирун** – фарорун, баланд, воло. – 2, с.468) шинохта шудааст:

Ҳасудат дид Баҳроми Фирун,
Назар зӣ ту зи Бирҷиси **фарорун** [2, с.348].

Навъи дигари пешояндҳоро қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ташкил мекунанд, ки дар осори ин давр бо нишонаҳои махсус зоҳир шудаанд. Бояд гуфт, ки вуҷуди чунин қолаб хосси ин давр набуда, ҳанӯз дар мутуни давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ ба назар мерасад. Ба назари мо, бори аввал аз хусуси вуҷуди қолабҳои пешояндиву пасояндӣ дар давраи мазкур аз ҷониби профессор А.Ҳасанов ишора шуда, тадқиқоти пуразриш анҷом дода шудааст, ки муаллиф ба таври муфассал ва бо овардани маводи фактологии мутааддид ин масъаларо ба доираи тадқиқ кашидааст. Бино ба андешаи профессор А.Ҳасанов: «Корбурди қолабҳои пешояндиву пасояндӣ яке аз аломатҳои боризи забони порсии дарӣ дар садаи Х ба шумор омада, чанде аз онҳо дар даврони баъдӣ низ идома ёфтанд, доираи корбурди бархе дигар маҳдуд гардид, силсилаи савум маҳҷур ё матрук шуд, вале як дастаи онҳо ба ҳамон гунаи пешин ё ба шакли таҳаввулёфта дар гӯйишҳои тоҷикӣ имрӯз низ мустаъмаланд... Лозим ба таъкид аст, ки чунин қолабҳо ҳанӯз дар **осори давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ** (таъкид аз мост – Қ.З.), аз ҷумла тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад» [15, с.215].

Қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ба сурати ҷуфт, аммо бо фосила аз якдигар меоянд ва вожа ё ибораҳое, ки бар он амал мекунанд, байни онҳо қарор мегиранд. Дар бархе маврид пешоянд ва ҷуфти он аз ҷиҳати маъно бо якдигар пайвастагӣ доранд ва, дарвоқеъ, ҷуфти пешоянд мафҳуми онро такмил медиҳад, аммо батадриҷ дар тӯли замон вожаи

дувум мафҳуми компоненти якумро заиф карда, бори аслии маъноиро ба дӯши худ мегирад.

Дар забоншиносии форсӣ барои забти ин қолаб истилоҳи «ҳарфи изофаи музоиф» дар гардиш қарор дорад, ки забоншинос М.Абулқосимӣ оид ба вижагиҳои корбурди он чунин мегӯяд: «Гоҳе як исм бо ду ҳарфи изофа ҳамроҳ мешудааст, ки яке аз ҳуруф пеш ва ҳарфи дигар пас аз исм қарор мегирифтааст. Дар ибтидо баёни як исм бо ду ҳарфи изофа барои нишон додани таъкид будааст, аммо андак – андак шоирон дар шеъри худ бавижа маснавӣ аз ин равиш (қолаби пешояндиву пасояндӣ – Қ.З.) барои эҷоди вазн баҳра мегирифтаанд. Баёни ду ҳарфи изофа бо ҳиҷо ва маънии хос вазни шеърро комил мекард. Албатта, имрӯз ташхиси ин ки дар кучо ду ҳарфи изофа барои таъкид ва дар кучо барои муроотӣ вазн ба кор рафта, амре душвор аст» [1, с.291].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ин шеваи баён матрук шуда, танҳо дар гӯйишҳои алоҳида, бахусус бахши Фарғонаи ғарбӣ, маҳфуз мондааст [15, с.215-217].

Ба андешаи П.Н.Хонларӣ, қолабҳои пешояндиву пасояндии роиҷ дар ин давра шомили «аз...бар», «ба...бар», «бар...андар», «ба...фаро», «ба...фароз», «аз қабили...ро», «аз ҷиҳати ...ро», «барои...ро» ва ғайра мебошанд [14, ҷ.3, с.32-35]. Ҳамон тавр ки мулоҳиза мешавад, ҷузъи якуми қолаби мавриди тадқиқ бештар пешоянди «ба» буда, гоҳе калимаҳои «бар» ва «аз» низ ба унвони пешоянд дар оғози ин тарзи баён меомадаанд:

Тани ӯ тир на, замон ба замон
Ба дил-**андар** ҳамегузорад тир [8, с.116].

Чу эшон бипӯшанд аз оҳан қабой,
Ба хуршеду моҳ - **андар** оранд пой [2, с.267].

Ба ҷонаш - **бар** аз меҳр гирён будӣ,
Зи бими ҷудоиш бирён будӣ [13, ҷ.1, с.45].

Ниҳоят, чунон ки ба мушоҳида мерасад, дар ин навишта ба баррасии пешояндҳо, чигунагӣ ва анвои онҳо дар шеъри Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, ки дар аҳди Сомониён умр ба сар бурдаанд, пардохта шуд. Ҳамчунин онҳо бо пешояндҳои мустаъмали забони адабии ҳозираи тоҷикӣ (махсусан дар заминаи ашъори Лоиқ) муқоиса карда шуд, то манзараи таҳаввулу тағайюри шакливу маъноии онҳо равшан мушоҳида карда шавад. Мулоҳиза мешавад, ки пешояндҳо дар давраи Сомониён нисбат ба забони меъёри имрӯз аз густардагӣ ва гуногунии маъно бархӯрдор будаанд. Дар ин давра пешояндҳое вуҷуд доштаанд, ки дар давраҳои баъдӣ ба таври кулл аз доираи меъёри забон берун шудаанд. Масалан, пешоянди «батруни» ба маънои «ба ҷиҳати», ки барои баёни «иллат; сабаб» ба кор мерафт, имрӯз ба ҳайси унсурҳои матрукшуда мансуб аст. Ҳамчунин корбурди пешоянди номии таркибии изофии «ба сӯйи» дар маънои «ба ҷиҳати», ки дар баёни иллат ба кор мерафтааст, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, барои ифодаи ин фаҳмиш, коҳиш ёфтааст.

Муқарриз: ***Олимҷонов М.О.*** – номзади илмҳои филология,
дотсент, ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосимӣ, М. Дастури таърихи забони форсӣ. Чопи шашум / М.Абулқосимӣ. – Теҳрон: Самт, 1387.
2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
3. Баручанӣ О.А. Забони дарӣ / О.А. Баручанӣ // Номаи порсӣ. – Теҳрон, 1378. - №1. – С.61-83.
4. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Ҷ.1-3. / М.Баҳор. - Теҳрон: Заввор, 1386. - Ҷ.1. - 496 с.; - Ҷ.2. -436 с.; - Ҷ.3. - 440 с.
5. Бозидов Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Бозидов. – Душанбе: Маориф, 1985. – 104 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Лексикология. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Маориф, 1982. – 461 с.
8. Рӯдакӣ Абӯабдуллоҳ. Ашъор. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.
9. Рӯдакӣ, А. Девони Рӯдакӣ / А.Рӯдакӣ. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. – Душанбе:Бухоро, 2015. – 334 с.

10. Содиқӣ, А. Батруни, батройи, баройи / А.Содиқӣ // Номаи фарҳангистон. – Теҳрон, 1382. – С.9-16.
11. Тӯсӣ, А. Луғати фурс. Муқаддима, таҳия, таълиқот, ҳошия, луғот ва феҳристи Нурулло Ғиёсов / А Тӯсӣ. – Хуҷанд:Нури маърифат, 2015. – 492 с.
12. Фаршедвард, Х. Ҷумла ва таҳаввули он дар забони форсӣ / Х.Фаршедвард. – Теҳрон: Амири кабир, 1390.
13. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома (Ахтарони адаб) / А.Фирдавсӣ. Ҷилдҳои 1-10. – Душанбе: Адиб, 2007 – 2010.
14. Хонларӣ, П.Н. Таърихи забони форсӣ. Давраи сеҷилдӣ / П.Н. Хонларӣ. – Теҳрон:Нашри нав, 1387.
15. Ҳасанов, А.А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои Х-Х111 дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) / А.А. Ҳасанов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - 253 с.
16. Ҳасанов, А. Таърихи забони тоҷикӣ. Иборат аз ду қисм / А.Ҳасанов. – Хуҷанд:Нури маърифат, 2004 – 2005.
17. Шафеӣ, М. Шоҳнома ва дастур / М.Шафеӣ. – Теҳрон: Нил, 1343.
18. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт / Лоиқ Шералӣ. Ҷилди 1. – Душанбе:Адиб, 2008. – 560 с.

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ДАР АШЪОРИ РӮДАКӢ ВА ҲАМАСРОНИ Ӯ

Мақола ба шарҳи маъноҳои грамматикии ҳиссаҳои номустақили нутқ (дар доираи пешояндҳои номӣ), ки ба вазифаи якдигар ва тобишҳои гуногуни маъноӣ дар ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ истифода шудаанд, рабт дорад. Таъкид гардидааст, ки то ин дам ба масъалаи мазкур ба ҷуз қайдҳои ҷудогона, ки танҳо дар баъзе дастурҳо ва луғатномаҳо мушоҳида мегардад, тадқиқоти густарда сурат нагирифтааст. Соҳиби мақола бо такя ба маводи фактологии мутааддид васеъшавии вазифаҳои ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пешояндҳои номиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муаллиф ба хулосае расидааст, ки пешояндҳо дар давраи Сомониён нисбат ба забони меъёри имрӯз аз густардагӣ ва гуногунии маъно бархӯрдор будаанд. Ҳамчунин дар ин давра пешояндҳое вуҷуд доштаанд, ки дар давраҳои баъдӣ ба таври кулл аз доираи меъёри забон берун шудаанд. Масалан, дар мақола таъкид шудааст, ки яке аз пешояндҳои нисбатан қадимтар «батруни» мебошад, ки дар аҳди паҳлавӣ истифода гашта, дар давраи Сомониён, махсусан дар шеъри Рӯдакӣ, ба гунаҳои «батруни» ё «ба руни» мушоҳида мегардад. Лозим ба таъкид аст, ки пешоянди мазкур дар давраҳои баъдӣ матрук шуда, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пешоянди таркибии номии изофии «ба ҷиҳати» ҷойгузини он шудааст. Ҳамин тариқ, корбурди пешояндҳои номӣ дар ашъори давраи Сомониён дар баробари пешояндҳои аслӣ мақоми хосса дошта, аз вижагиҳои зиёде бархӯрдор будаанд.

Калидвожаҳо: ҳиссаҳои номустақили нутқ, пешоянд, хелҳои пешоянд, пасоянд, ашъори Рӯдакӣ, шуарои ҳамасри Рӯдакӣ, Лоиқ, забони порсии қадим ва миёна.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОТТЕНКИ ИМЕННЫХ ПРЕДЛОГОВ В ПОЭЗИИ РУДАКИ И ЕГО СОВРЕМЕННИКОВ

В статье рассматривается интерпретация грамматических значений вспомогательных частей речи (в области именных предлогов), которые используются в функции друг друга с разными смысловыми оттенками в поэзии Рудаки и его современников. Было отмечено, что до настоящего времени по этому вопросу не проводилось обширных исследований, за исключением нескольких заметок, которые можно найти только в некоторых справочниках и словарях. Опираясь на ряд фактических материалов, автор статьи делает вывод о расширении функций вспомогательных частей речи, в том числе именных предлогов, и занимается всесторонним анализом именных предлогов в своей статье. Автор приходит к выводу, что предлоги саманидского периода были более разнообразны и имели разные оттенки значения, чем в современном литературном языке. А также в тот период существовали и предлоги, которые в более поздние периоды полностью вошли за рамки норм литературного языка. Например, в статье подчеркивается, что одним из самых древних предлогов является «батруни», который использовался в периоды пехлеви и Саманидов. Данный предлог часто встречается в поэзии Рудаки, и он употреблялся в форме «батруни» или «ба руни». Следует отметить, что в более поздние периоды этот предлог исчез и был заменен составным предлогом «ба чиҳати» (по причине) в современном таджикском литературном языке. Таким образом, употребление именных предлогов в поэзии саманидского периода занимает особое место, наряду с исконными предлогами, они отличались своими особенностями.

Ключевые слова: вспомогательные части речи, предлоги, виды предлогов, послелог, стихи Рудаки, современники Рудаки, Лоик, древнеперсидский язык, среднеперсидский язык.

THE SPIRITUAL PROSPECTS OF RUDAKI AND HIS CONTEMPORARIES

The article deals with the interpretation of the grammatical meanings of the dependent parts of speech (within the nominal prepositions), which are used for the function of each other and different prospect of meaning in the poetry of Rudaki and his companions. It was noted that so far no extensive research has been dedicated on this issue, except for a few notes, which can be found only in some manuals and dictionaries. Based on a number of factual materials, the author of the article focused attention to the expansion of the functions of dependent parts of speech, including nominal prepositions. The author concludes that the prepositions in the Samanid period had a wider range of meanings than the standard language of today. There were also prepositions in this period, which are later completely went beyond the norms of language. For example, the article emphasizes that one of the most ancient prepositions is “batruni”, which was used in the Pahlavi period and was used in the Samanid period, especially in Rudaki's poetry, as “batruni” or “ba runi”. It should be noted that this preposition usage was limited in later periods, and in the modern Tajik literary language the nominal preposition "ba jihati"

was replaced. Thus, the use of nominal preposition in the poetry of the Samanid period has a special place along with the original prepositions and has many features.

Key words: dependent parts of speech, prepositions, types of prepositions, suffix, Rudaki's poems, poets of Rudaki's period, Loiq, Old and Middle Persian.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кӯрғонов Зоҳид Деҳқонович*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузарг. Мавлонбеков, 1. E-mail: **Suhanvar1983@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-840-11-65**

Сведение об авторе: ***Кургонов Зохид Дехконович*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлянбеков, 1. E-mail: **Suhanvar1983@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-840-11-65**

Information about the author: ***Kurgonov Zokhid Dehqonovich*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of the Tajik language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov, Ave., 1. E-mail: **Suhanvar1983@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-840-11-65**

УДК: 811.111'22

РОҶЕЪ БА МУНОСИБАТҲОИ ГУНОГУНЗАМОНӢ ДАР ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ БО ПАЙРАВИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ҷӯраева М.Н.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар забоншиносии муосир ҷумла ва ҷумлаомӯзӣ маркази диққати бисёр забоншиносон гардида, ҳар яке аз онҳо кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ба он таърифи аниқ ва пурра диҳанд. Аз ҷиҳати сохтор ҷумлаҳо сода ва мураккаб мешаванд. Англисшиносон Л.С. Бархударов, Н.А. Кобрина, И.П. Иванова, М.Я. Блох ва забоншиносони тоҷик Ҳ.Ҳусейнов, Б.Ниёзмуҳаммадов, Д.Т. Тоҷиев, Ш.Рустамов ва дигарон оид ба мавзуи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ анҷом додаанд.

Англисшинос Н.А.Кобрина ҷумлаи мураккаби тобеъро чунин таъриф додааст: “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз ягон аломати расмӣ иборат буда, онҳо ба сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ҷудо карда мешаванд” [14, с.55].

Ба ақидаи Бархударов Л.С. ҷумлаи мураккаби тобеъ гуфта он ҷумлаи мураккабро меноманд, ки дар он яке аз аъзоҳои ҷумла (сараъзо ё аъзои пайрави ҷумла) дар навбати худ бо ҷумла ифода ёфта, вазифаи ягон аъзои ҷумларо иҷро мекунад. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дорои қисмҳои сараъзо ва аъзои пайрав аст. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳамеша яке аз ҷумлаҳои сода ба дигаре тобеъ мешавад [1, с.230].

И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почептсов андеша доранд, ки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ қисмҳои “асосӣ” ва “пайрав” мавҷуд мебошанд. “Асосӣ” ва “пайрав” дар ин ҷо шартан омадааст, зеро сохторҳое мешаванд, ки дар онҳо қисми асосӣ метавонад на ин ки бо сарҷумла, балки бо ҷумлаи пайрав ифода ёбад [3, с.237].

Ба ақидаи забоншиноси тоҷик Ҳ. Ҳусейнов “Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳои содаи таркиби он аз лиҳози семантикӣ нисбатан мустақил аст, ки онро сарҷумла меноманд” [12, с.62].

Ба қавли забоншинос Б. Ниёзмуҳаммадов “Ҷумлаи мураккабе, ки дар таркиби худ сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дорад, ҷумлаи мураккаби тобеъ номида мешавад. Сарҷумла ҷумлаи содаи мустақил ва эзоҳшаванда буда, ҷумлаи пайрав ҷумлаи тобеъ ва эзоҳдиҳандаи он мебошад” [7, с.229].

Инро дар мисолҳои поён дида мебароем.

An opportunity occurred one evening when she had gone for a short walk [20, с.247].

Вақте ки ӯ аз шомгоҳе ба сайругашти кӯтоҳе баромада буд, ӯро имконияте пеш омад [15, с.52].

Дар ҳар яки ин мисолҳо ду ҷумлаи сода мавҷуд аст:

Дар ҷумлаи англисӣ “**An opportunity occurred one evening”** ва **“when she had gone for a short walk”**. Дар ҷумлаи тоҷикӣ **“Вақте ки ӯ аз шомгоҳе ба сайругашти кӯтоҳе баромада буд” ва “ӯро имконияте пеш омад”**. Ҳангоми аз ҳамдигар ҷудо кардани ин ду ҷумлаҳои сода яке мустақилияти маъноии худро нигоҳ медорад, вале дигаре маънои нопурра зоҳир мекунад.

Сарҷумла метавонад як ё якчанд ҷумлаҳои содаро шарҳ диҳад, ки онро ҷумлаи пайрав меноманд. Ҷумлаҳои пайрав пурмазмунӣ ва саҳеҳии тарзи баён ва фикрро мусоидат менамоянд. Ҷумлаҳои пайрав дар ҳар ду забон ҳам мавриди тадқиқот қарор гирифта ва намудҳои гуногун доранд, ки калонтаринашро ҷумлаи пайрави замон ташкил медиҳад.

Ҷумлаи пайрави замон дар ҳар ду забон ҳам англисӣ ва ҳам тоҷикӣ ба саволҳои when? -кай?, кай боз?, аз кай?, то кай? ҷавоб мешавад. Ҷумлаи пайрави замон бо сарҷумла ба воситаи пайвандакҳо ва калимаҳои ба вазифаи пайвандак омада (вақте ки, пас аз он ки, пеш аз он ки ва дигарҳо) пайваст мешавад.

Ба ақидаи Н.А.Кобрина ҷумлаи пайрави замон аз нуқтаи назари замонӣ амалеро, ки дар сарҷумла ифода мешавад, тавсиф медиҳанд [14, с.220].

Забоншинос Ҳ. Ҳусейнов қайд мекунад, ки ҷумлаи пайрави замон нисбат ба сарҷумла вазифаи ҳоли замонро ба ҷо меорад ва замони содир гардидани амали сарҷумларо нишон медиҳад [12, с.11].

Дар забони англисӣ пайвандакҳои тобеъкунандаи *as, as soon as, as long as, when, whenever, while, now that, till, until, after, before, since* ба кор бурда мешаванд, ки вазифаи онҳо ба сарҷумла алоқаманд намудани ҷумлаи пайрави замон мебошад.

Дар забони тоҷикӣ бошад, пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави замон инҳоянд: *вақте ки, то он даме ки, пас аз он ки, чунки, ҳар вақте ки, гоҳе ки, ҳар гоҳ ки, пештар аз он ки, то ки, ҳамин ки, ҳар бор ки, баробари он ки* ва ғайраҳо.

В.С. Расторгуева дар хусуси ҷумлаҳои пайрави замон маълумот дода, ҷумлаи пайрави замонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад ва хусусиятҳои гуногуни мавзуъро шарҳ намедиҳад. Ӯ пайвандакҳои тобеъкунандаи замонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад, ки инро вобаста ба ҷойи ҷумлаи пайрав ҳисоб мекунад. Бо пайвандакҳои гурӯҳи аввал вақте ки, чун, ҳангоме ки, ҳамин ки, бо пайвандакҳои гурӯҳи дуюм ки, то ки, то ин ки -ро мансуб медонанд [11, с.569].

Ба ақидаи А.К. Овчинникова ҷумлаи пайрави замон дорои як қатор пайвандакҳои замонӣ буда, ба баъзеи онҳо ҳудуди муайян мегузорад [8, с.23].

Забоншинос Н.А. Маъсумӣ қайд менамояд, “ки аксар пайвандакҳо чи дар назм ва чи дар наср кор фармуда мешаванд” [5, с.53].

Хулоса, пайвандакҳои тобеъкунандаи замон дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ барои нишон додани алоқаи грамматикии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав нақши муҳим мебозанд. Онҳо дар таркиби ҷумлаи мураккаб аъзои ҷумла намешаванд, вале барои таъмин намудани алоқаи синтаксисии ҷумлаҳои бо ҳам тобеъ хизмати ниҳоят бузург доранд.

Ҷумлаи пайрави замон яке аз воситаи асосӣ ва равшану возеҳ ифода намудани муносибатҳои замонӣ маҳсуб меёбад. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон имкониятҳои васеи ифодаи муносибатҳои ҳамзамонӣ ва гуногунзамониро дорад.

Забоншинос А.Б. Бондарко қайд намудааст, ки дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон худи сохтори синтаксисии он муносибатҳои замониро возеҳ ифода менамояд [2, с.92].

Қобили тазаккур аст, ки муносибатҳои замонӣ ба ҳамзамонӣ ва пайиҳамзамонӣ ҷудо карда мешаванд.

Профессор М.Ю. Рябова низ ба мавҷудияти ду намуди муносибатҳои замонӣ-ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ ишора менамояд ва қайд менамояд, ки ҳамзамонӣ дар ду навъ ҷузъӣ ва куллӣ дида мешавад, гуногунзамонӣ бошад, аз пайиҳамӣ ва қаблият иборат аст [10, с.95].

Забоншиноси тоҷик Ҳ.Ҳусейнов муносибати ҳамзамониро дар ҷумлаи мураккаби тобеъ чунин шарҳ медиҳад: “Амалҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар он вақт муносибати ҳамзамониро нишон дода метавонанд, ки онҳо ду ё зиёда аз ду амал ё ҳолат буда, баробар дар як замони муайян рӯй дода, то як мавриди муайян ба таври параллелӣ давом кунанд” [12, с.65].

Ба ақидаи Ш.А. Рустамов муносибати замонӣ дар байни амалҳои ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб дида шуда, замони воқеъшавии амалҳои дохили ҷумларо дар ду намуди муносибати замонӣ- ҳамзамонӣ ва пайиҳамзамонӣ нишон медиҳад [9, с.41].

Ба ақидаи Ҳ.Ҳусейнов “Муносибатҳои замонӣ чунин муносибатҳое мебошанд, ки дар сохторҳои ҷумлаҳои гуногун дида шуда, тавассути шаклҳои ҳудудию замонии феъл ва пайвандакҳо ифода ёфта, дорои ду намуд - ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ мебошанд” [12, с.69].

Хулоса, муносибатҳои замонӣ чунин муносибатҳое ҳастанд, ки дар сохторҳои ҷумлаҳои гуногун, ки якчанд амал доранд, ба мушоҳида мерасанд ва тавассути шаклҳои ҳудудию замонии феъл ва пайвандакҳо ифода ёфта, дорои ду намуд - ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ мебошанд.

Гуногунзамонӣ як навъи муносибати замонии ҷумлаи мураккаби тобеъ маҳсуб ёфта, ду навъи он пайиҳамзамонӣ ва қаблият ҷудо карда мешавад.

Муносибати гуногунзамонӣ тавассути воситаҳои гуногун ифода мешаванд:

- Шакли перфектии феъл дар забони англисӣ ва муодилҳои тоҷикии он;
- Тартиби муайяни пайиҳамии хабари ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ;

• Пайвандакҳое, ки маънои пайиҳамӣ ё қаблиятии амалҳоро ифода мекунанд [10, с.56].

Амали ҷумлаи пайрав дар он вақт пеш аз амали сарҷумла воқеъ мегардад, ки мафҳуми замонии амали ҷумлаи пайрав нисбат ба амали сарҷумла муқаддамтар бошад. Дарк кардани чунин пайиҳамзамонии амалҳо аз мазмуни умумии ҷумла ва аз маънои замонии хабарҳо муайян мегардад:

Мисол: Баробари ин гӯянда сухани худро ба поён расонида буд, аз ҳар тарафи майдон садо баромад [16, с.25].

Дар забони англисӣ: ...dissipating his anger, he hung up the receiver [21, с.142].

Дар ҷумлаҳои болоӣ, аз мазмуни матн маълум аст, ки амали сарҷумла "**поён расонида буд**" ва "**hung up**" баробари ба итмом расидани амали ҷумлаи пайрав "**садо баромад**" ва "**dissipating**" воқеъ мегарданд. Вай нисбат ба амали ҷумлаи пайрав дер содир мешавад, яъне сарҷумла ва ҷумлаи пайрав муносибати гуногунзамонӣ доранд. Ғайр аз ин, амали ҷумлаи пайрав ифодаи замони гузаштаи дур, хабари сарҷумла ифодаи замони гузаштаро мефаҳмонад, ки ин ҳам мазмуни пас аз амали ҷумлаи пайрав воқеъ шудани амали сарҷумларо нишон медиҳад.

Баъзан хабарҳо дар ҷумла бар акси ҳолати боло ифода меёбанд:

Мисол: Having drawn the curtains over the windows she…sat down into table again [22, с.152].

Дар аввали инқилоб, вақте ки раиси ҷаноби олӣ гурехта ва раисхона гирифта бурда, "ягон рӯз даркор мешудагист" гӯён дар ҷое пинҳон карда монда будам [16, с.112].

Дар мисолҳои боло хабарҳои сарҷумла "**drawn**" ва "**гурехта**" бо замони гузаштаи дур, хабарҳои ҷумлаи пайрав "**sat**" ва "**пинҳон карда монда будам**" бо замони гузашта ифода ёфтааст. Аз мазмуни ҷумлаҳо бармеояд, ки амали сарҷумла пас аз амали ҷумлаи пайрав воқеъ гардидааст.

Ҳамин тавр, муносибати гуногунзамонии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, қатъи назар аз ифодаи амал ва ё ҳолат доштани ҷумлаҳо, қариб дар ҳамаи шаклҳои феълии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дида мешавад:

• **Дар забони англисӣ феъл - хабарҳои сарҷумла дар замони Future in the Past ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист:**

Мисол: Well, now while the ladies are in their rooms, I will venture down and get you something to eat [19, с.15].

Дар мисоди болоӣ амали сарҷумла "**while the ladies are**" ва амали ҷумлаи пайрав "**I will venture down**" паси ҳамдигар воқеъ шудани амалҳоро, яъне муносибати гуногунзамониро ифода карда истодааст.

• **Дар забони тоҷикӣ хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав дар шакли аорист. Пеш аз амали сарҷумла воқеъ гардидани амали ҷумлаи пайрав аз рафти амалҳо маълум мегардад:**

Мисол: Чун мард ба хона дарояд, осори ғаму қудурат бар ҷабҳаи кадбону мушоҳида кунад, ба воситаи хуби занушӯӣ тафтиши сурати ҳол кунад [15, с.125].

Дар мисоли болоӣ, сарфи назар аз ҳолат ё амал будани маънои тасвиршудаи ҷумлаҳо дар навбати аввал, амалҳои ҷумлаҳои пайрав, дар навбати дигар, амалҳои сарҷумлаҳо воқеъ мегарданд. Масалан, аввал мард ба хона медарояд, сонӣ, осори ғаму қудуратро дар ҷабҳаи кадбону мушоҳида менамояд.

• **Дар забони англисӣ хабари сарҷумла дар замони Future Indefinite, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ифода шуда метавонанд.**

Мисол: After he listened to them, he would sit in her room quietly [21, с.27].

Дар мисоли болоӣ амали ҷумлаи пайрав "**would sit**" аз амали сарҷумла "**listened**" пас аз амали ҷумлаҳои пайрав воқеъ мешаванд.

• **Дар забони тоҷикӣ хабари сарҷумлаҳо дар замони оянда ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист:**

Мисол: Ҳар гоҳ ки ин роҳи дур ба поён расад, вай Шодигулро хоҳад дид [17, с.132].

Дар мисоли болоӣ, бо вуҷуди ба замонҳои гуногун муносибат доштани амалҳо, паси ҳамдигар воқеъ шудани онҳо аз мазмуни матн маълум мешавад. Равшан аст, ки амали сарҷумла ё ҷумлаи пайрав содир нашудааст, аммо муносибати пайиҳамзамонии онҳо дар

назар дошта мешавад. Воқеъ шудани амали сарҷумла ба қатъ гардидани амали ҷумлаи пайрав вобаста аст.

Баъзан дар хабари ҷумлаи пайрав ба ҷойи шакли аорист кор фармуда шудани шакли феъли замони гузаштаро мебинем, ки дар ифодаи замон мазмунан бо аорист мувофиқат менамоянд:

Мисол: Вақте ки яроқи пинҳонкардаи шумоёнро ёфтаанд,худи шумоёнро ҳам зинда нахоҳанд гузошт [16, с.118].

- **Дар забони англисӣ хабари сарҷумла дар замони Past Indefinite ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ифода меёбад.**

Мисол: When the king awoke in the morning the women were gone [20, с.116].

Амали ҷумлаи пайрав як маротиба ба вуқуъ мепайвандад, аммо амали сарҷумла "**awoke**" ба итмом расидани ҷумлаҳои пайравро ифода карда истодааст ва замони **Past Indefinite- ро** ифода карда истодааст .

- **Дар забони тоҷикӣ хабари сарҷумла дар замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист.** Дар ин маврид шарти воқеъ гардидани амали ҷумлаҳои пайрав бо сабаб ё натиҷаи ба вуқуъ омадани амал ё ҳолати сарҷумлаҳо дида мешавад. Дар аввал амали ҷумлаи пайрав пас аз воқеъ гардидани амали сарҷумла дар назар дошта мешавад:

Мисол: Вақте ки маро ба сари беморе баранд, ман ба ҳар тарафи ҳавлие, ки бемор дар он хобидааст, чашм меандозам ва дар ин ҷо мебинам, ки аз пасмондаҳои хӯрокворӣ чӣ ҳаст [16, с.23].

То вақте ки аз фикри шумо имло кардани китобаш дур нагардад, ман ба вай гап намезанам [17, с.46].

Дар мисолҳои боло амали ҷумлаи пайрав "**меандозам, мебинам** " аз амали сарҷумла "**баранд**" муқаддам ва амали сарҷумлаҳо пас аз амали ҷумлаи пайрав воқеъ мешаванд. Хабари сарҷумла дар шакли аорист ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли замони ҳозира-оянда омада метавонад:

Мисол: Вақте ки давраи ягонакунӣ мерасад, деҳқон бояд, албатта, бо даст ягона кунад [18, с.56].

Амали ҷумлаҳои пайрав ва сарҷумлаҳо ҳам дар тарзи якум, ҳам дар шакли дуюм муносибати гуногунзамонӣ дошта,ба итмом расидани амали якум натиҷа, сабаб, ё шарти воқеъшавии амали дуюмро нишон медиҳад.

- **Дар забони англисӣ хабари сарҷумла дар шакли аорист ва хабари ҷумлаи пайрав дар замони Past Indefinite. Дар ин шаклҳои хабарӣ амали ҳеҷ кадом аз ҷумлаҳо, яъне сарҷумла ва ҷумлаи пайрав воқеъ намешавад, аммо воқеъшавии амалҳо вобастаи якдигаранд:**

Мисол: I saw in your eyes when I first beheld you [22, с.562].

Дар ин мисол ҷумлаҳои пайрав ба маънои замони оянда ҳамчун шарт кор фармуда шудаанд. Воқеъшавии амали сарҷумла "**saw**" бо тамомшавии замони амали ҷумлаи пайрав "**beheld**" вобастагӣ дорад.

- **Дар забони тоҷикӣ хабари сарҷумла дар шакли аорист, хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузашта ифода меёбад. Дар ин шакли хабарӣ шарти воқеъшавии амали сарҷумла ба тамомшавии амали ҷумлаи пайрав вобаста буда, амали сарҷумла пас аз амали ҷумлаи пайрав ба вуқуъ мепайвандад. Амалҳо байни худ муносибати гуногунзамонӣ дошта, ба вуҷуд омадани яке ба дигаре вобаста мебошад:**

Мисол: Ҳамин ки немис хобид, ба болояш гранат партоед [17, с.226].

Дар мисоли болоӣ ҷумлаҳои пайрав ба маънои замони оянда ҳамчун шарт кор фармуда шудаанд. Воқеъшавии амали сарҷумла "**хобид** " бо тамомшавии замони амали ҷумлаи пайрав "**партоед**" вобастагӣ дорад.

Дар ҳамаи мисолҳои болоӣ амалҳо гуногунзамонанд, аммо бо вуҷуди ин дар байни замони воқеъ гардидани ҳар яки он як марҳилае мавҷуд аст. Азбаски воқеъ гардидани амали сарҷумлаҳо натиҷаи амали ҷумлаи пайрав мебошад, муносибати замонии онҳоро дар ҳарду забонҳо муносибати гуногунзамонӣ мешуморем. Дар ифодаи гуногунзамонии амалҳо кор фармуда шудани дигар хел намудҳои гуногуни замонҳоро низ дидан мумкин аст. Азбаски дар бештарини онҳо танҳо муносибати гуногунзамонӣ мушоҳида карда мешавад, қайд кардани ҳамаи онҳоро аз эҳтиёҷ берун ҳисоб кардем.

Хулоса, муносибати замонӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини синтаксисии ҷумлаҳо буда, дар муайян намудани алоқаи грамматикӣ, алоқаи мазмунӣ, сохт ва таркиби ҷумлаҳои пайраву сарҷумлаҳо аҳамияти бузург дорад. Агар дар ягон ҳодиса, воқеа, амалу ҳолати ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки дар худ ҷумлаҳои пайрави замонро доранд, муносибати замонӣ вуҷуд надошта бошад, он ҷумла мазмун ва ифодаи худро доро намегардад. Бештари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки онҳо аз сарҷумлаю ҷумлаҳои пайрави ҳолшарҳкунанда иборат бошанд, муносибати замонӣ доранд. Аз ин ҷост, ки муносибати замонӣ яке аз хусусиятҳои муҳимми синтаксисӣ буда, барои то як дараҷа муайян кардани алоқаи грамматикии ҷумлаҳо нақши муҳим мебозанд. Муносибатҳои замонӣ ду хел мешавад: ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ. Ҷумлаи пайрави замон яке аз воситаҳои асосии ифодаи муносибатҳои ҳамзамонӣ мебошад.

Муносибати гуногунзамонӣ дар забони англисӣ бо шакли зерини феъл - хабарҳо ифода мегардад:

1. Феъл- хабарҳои сарҷумла дар замони Future in the Past ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист.
2. Хабари сарҷумла дар замони Future Indefinite, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист.
3. Хабари сарҷумла дар замони Past Indefinite ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ифода меёбанд.

Дар забони тоҷикӣ дар ифодаи муносибати гуногунзамонӣ чунин шаклҳои феъл-хабарҳо дида мешаванд:

1. Хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав дар шакли аорист.
2. Хабари сарҷумлаҳо дар замони оянда ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист.
3. Хабари сарҷумла дар замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист.
4. Хабари сарҷумла дар шакли аорист, хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузашта.

Ҳамин тариқ, шаклҳои гуногуни замонҳои феълӣ муносибати ҳамзамонии сарҷумлаю ҷумлаи пайравро нишон медиҳанд.

Муқарриз: ***Ҳайдарова Ф.*** – номзади илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С., Штелинг Д.А., Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - М.:Высшая школа, 1973. – 259 с.
2. Бондарко А.В. Грамматическая категория и контекст / А.В. Бондарко. - Л.: Наука, 1971 (а). – 116 с.
3. Иванова И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка / И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.П. Почепцов. - М.: Высшая школа, 1981. – 286 с.
4. Лингвистический энциклопедический словарь. – М., 1990. - 685 с.
5. Маъсумӣ Н.А. Дар бораи масъалаи ҷудокунии таркиби чумлаҳои мураккаб / Н.А. Маъсумӣ // Мактаби советӣ, 1957. - № 7. - С.149.
6. Нематуллоева М.Н. Типология выражения таксисных отношений / М.Н. Нематуллоева. – Худжанд, 2002. – 141 с.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони тоҷикӣ, К-П. Синтаксис барои синфҳои VII-VIII / Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Рустамов. - Душанбе: Маориф, 1981. - С.132.
8. Овчинникова А.К. Проблемы системного описания синтаксиса / А.К. Овчинникова. – М.: Высшая школа, 1974. – 156 с.
9. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. – Душанбе, 1968. - С.190.
10. Рябова М.Ю. Временная референция в английском языке (прагмасемантический аспект) / М.Ю. Рябова. - Кемерово, 1993. – 165 с.
11. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка / В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1954. – 569 с.
12. Ҳусейнов Ҳ. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ.Ҳусейнов. - Сталинобод, 1960. – 126 с.
13. Close R.A. A reference grammar for students of English. M: 1979, 352p.
14. Kobrina N.A., Korneeva E.A, Ossovskaya M.I. An English grammar. Morphology. Syntax- Spb, 1999, 456 p.
15. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 1 / С.Айнӣ. - Сталинобод, 1949. – 320 с.
16. Айнӣ, С. Ғуломон / С.Айнӣ. - Сталинобод, 1950. - 225 с.
17. Улузода, С. Навобод / С.Улузода. - Сталинобод, 1957. - 210 с.
18. Ҷалил, Раҳим. Одамони ҷовид / Раҳим Ҷалил. – Сталинобод, 1955. - 254 с.
19. Bronte Charlotte. Jane Eyre- Moscow, 1965-124 c.

20. Dickens Ch. Adventures of Oliver Twist. – Moscow, 1949-327 p.
21. Maugham W.S. The Moon and Sixpence.- Moscow, 1972,- I60p.
22. Mitchell Margaret. Gone with the wind.- New York, 2007-959 p.

РОҶЕЪ БА МУНОСИБАТҲОИ ГУНОГУНЗАМОНӢ ДАР ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ БО ПАЙРАВИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мусаллам аст, ки муносибатҳои замонӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини синтаксисии ҷумлаҳо буда, дар муайян намудани алоқаи грамматикӣ, алоқаи мазмунӣ, сохт ва таркиби ҷумлаҳои пайраву сарҷумлаҳо аҳамияти бузург дорад. Муносибатҳои замонӣ чунин муносибатҳое ҳастанд, ки дар сохторҳои ҷумлаҳои гуногун, ки якчанд амалҳо доранд, ба мушоҳида мерасанд ва тавассути шаклҳои ҳудудию замонии феъл ва пайвандакҳо ифода ёфта, дорои ду намуд- ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ мебошанд. Ҷумлаҳои пайрави замон яке аз воситаҳои асосии ифодаи муносибатҳои замонӣ мебошад. Таҳлили фактологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дод, ки муносибати гуногунзамонӣ дар забони англисӣ бо шаклҳои феъл- хабарҳои сарҷумла дар замони Future in the Past ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист, хабари сарҷумла дар замони Future Indefinite, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ва хабари сарҷумла дар замони Past Indefinite ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ифода меёбанд. Дар забони тоҷикӣ ифодаи муносибати гуногунзамониро дар шаклҳои феълии хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав дар шакли аорист, хабари сарҷумлаҳо дар замони оянда ва хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист, хабари сарҷумла дар замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист, хабари сарҷумла дар шакли аорист, хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузашта ифода карда мешаванд.

Калидвожаҳо: муносибати замонӣ, муносибати гуногунзамонӣ, ҷумла, ҷумлаи мураккаби тобеъ, пайрави замон, феъл, хабарҳо.

К ВОПРОСУ ОТНОШЕНИЯ РАЗНОВРЕМЕННОСТИ В СЛОЖНОПОДЧИНЕННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ С ПРИДАТОЧНЫМ ВРЕМЕНИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Доказано, что временные отношения являются одним из важнейших синтаксических признаков предложений и имеют большое значение в определении грамматической связи, смысловой связи, структуры и состава предложений. Временные отношения- это отношения, которые наблюдаются в структурах разных предложений, которые имеют несколько действий, выражаются через территориально-временные формы глаголов и союзов и имеют два типа- одновременные и разновременные. Фактологический анализ показал, что отношения разновременности в большинстве случаев выражаются в видо-временных формах сказуемого главного предложения в Future in the Past, сказуемое придаточного предложения в форме аориста, сказуемое главного предложения в Future Indefinite, сказуемое придаточного предложения в Past Indefinite и сказуемое придаточного предложения в форме аориста. В таджикском языке отношения разновременности выражаются в форме сказуемого главного предложения и придаточного предложения в будущем времени, сказуемое придаточного предложения в форме аориста, сказуемое главного предложения в настоящее-будущем времени, сказуемое придаточного предложения в форме аориста, сказуемое главного предложения в форме аориста, сказуемое придаточного предложения в прошедшем времени.

Ключевые слова: временные отношения, отношения разновременности, предложение, сложноподчиненные предложения, придаточные времени, глагол, сказуемое.

RELATION OF SEQUENCE IN COMPLEX SENTENCES WITH SUBORDINATE CLAUSE OF TIME IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

It has been proved that time relations are one of the most important syntactic features of sentences and are of great importance in determining the grammatical connection, semantic connection, structure and composition of sentences and clauses. Temporal relations are relations that are observed in the structures of different sentences, which have several actions, are expressed through territorial and temporal forms of verbs and conjunctions, and have two types- simultaneous and multi- temporal. Simultanious relations are divided into full and partial. After analyzing of factual material in English and Tajik languages we have found that verb predicate forms express full and part time relations. Factual material showed that in major cases relation of sequence in English are expressed in the verb forms of predicate of the main clause in Future in the Past tense and the predicate of subordinate clause in the form of aorist and predicate of the main clause in Past Indefinite Tense and predicate of subordinate clause in a form of aorist. In Tajik language relation of sequence expressed in a form of predicate of main clause and subordinate clause in future tense and predicate of subordinate clause in a form of aorist, predicate of main sentence in present- future tenses, predicate of subordinate clause in a form of aorist, predicate of main clause in a form of aorist. Predicate of subordinate clause in Past Tense.

Key words: time relation, relation of sequence, sentence, complex sentence, subordinate clause, verb, predicate.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Мунзифа Негматовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, докторанти Ph.D, кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузарг. Мавлонбеков, 1. E-mail: **mary-k-93@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-647-55-57**

Сведение об авторе: ***Джураева Мунзифа Негматовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры фонетики и лексикологии английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлянбеков, 1. E-mail: **mary-k-93@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-647-55-57**

Information about author: ***Juraeva Munzifa Negmatovna*** **-** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctoral Ph.D of the department of English language phonetics and lexicology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov, Ave., 1. E-mail: **mary-k-93@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-647-55-57**

УДК: 415.1

ТАҲАВВУЛОТИ МАЪНОӢ ДАР ВАЗИФАИ ГРАММАТИКИИ ПЕШОЯНДИ “АЗ”

Шодиев Б.Ғ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳадаф аз таҳқиқи ин мавзуъ нишон додани таҳаввулоти маъноии пешоянди «аз» дар осори адабиёти давраи классикӣ ва дар муқоиса бо забони матбуоти замони истиқлол мебошад. Ҳангоми таҳқиқ бештар ба осори давраи классикӣ аз ҷумла «Шоҳнома», «Таърихи Табарӣ», тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва инчунин аз маводи матбуоти имрӯза ба ҳафтаномаи соҳавии «Адабиёт ва санъат» ва рӯзномаи «Ҷумҳурият» такя намуда, мавзуъро таҳлилу баррасӣ намудем.

Пешоянди аслии содаи «аз» ба гурӯҳи пешояндҳои қадимтарин дохил мешавад ва дар назм ба тағйироти фонетикӣ дучор гардида, дар ду шакл *–зи* ва *з* кор фармуда мешавад [1, с.285].

Ин пешоянд дар осори классикӣ ба вазифаи дигар пешояндҳои аслии сода, аз ҷумла ба вазифаи пешояндҳои таркибӣ низ зиёд истифода гардидааст.

Пешоянди “аз” дар форсии бостон ва забони авестоӣ дар сурати hačā вуҷуд доштааст. Аз роҳи сарфи калимаҳо дар ҳолати ***азӣ*** ё ***Ablative*** низ робитаи наҳвии калимаҳо дар ҷумла ба роҳ монда мешудааст. Пешоянди “*аз*” дар алоқамандӣ бо калимаҳои мустақил маъноҳои гуногунро ифода карда, ба вазифаи пуркунанда ва ҳол меояд.

Забоншинос Шарифова Ф. ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзуи таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ ба хулосае меоянд, ки “Пешояндҳо дар забони форсии бостон воситаи грамматикии алоқаи байни калимаҳо мешуданд. Саҳми пешояндҳо дар ташкили робита дар ҷумлаи форсии бостон кам нест. Дар забони форсии бостон хелҳои мухталифи пешояндҳо мавҷуд буданд, ки маъноҳои гуногунро ифода мекарданд” [18, с.140].

Доир ба маънои пешоянди «аз» дар осори классикӣ баъзе муҳаққиқони соҳа назари хешро иброз намудаанд. Чунончи забоншинос Парвиз Хонларӣ дар китобашон “Таърихи забони форсӣ” 19 тобиши маъноӣ ва мавқеи истифодаи пешоянди “аз”-ро муайян намуда, қайд мекунанд, ки пешоянди “аз” нуқтаи оғози замонӣ ва маконiро ифода мекунад ва ин маънии аслии он аст [9, с.46].

Дар луғатномаи Алиакбари Деҳхудо бошад 44 мавриди корбасти пешоянди “аз” нишон дода шудааст, ки қисме аз ин тобишҳои маъноӣ дар забони матбуоти замони истиқлол доираи истеъмолашон маҳдуд ва ё архаизм шудаанд [2, с.1956].

Дар забони порсии дарӣ пешоянди “аз**”** чанд мавриди корбурд доштааст, ки дар забони матбуоти замони истиқлол имрӯз ба кор намераванд.

Аз ҷумла истифодаи пешоянди “аз**”** дар таркибҳои “*аз ногоҳ*”, “*аз ногаҳон*”, “*в-аз ногоҳон”, “в-аз ногоҳиён*” ва гоҳо бо ҳарфи алиф дар шакли “*з-ногоҳ*” мушоҳида мешавад:

...аз ногоҳ бонги сутурон ва мардумон ҳаме шуниданд; *Аз ногоҳ* аз дари боргоҳ даромад (Самак, 55); *Аз ногоҳ* ходиме бо чанд канизак даргузар омаданд (Самак, 25).

Дар забони матбуот ва услуби гуфтугӯйӣ барои ифодаи чунин матлаб на аз пешоянди “аз”, балки аз пешоянди “ба” ва ё беистифода аз чунин пешояндҳо корбаст мекунанд.

Ба ногоҳ бародарам ба хона даромад; Вале афсӯс, марги *ногаҳонӣ* ӯро барвақт, дар синни 59-солагӣ аз мо гирифт (А.с., 15.10.2020).

Забоншинос Б. Камолиддинов зикр намудаанд, ки ҳаммаъно ё ҳамвазифа шудани пешояндҳои аслии содаи ***аз, ба, бо, дар*** дар осори илмию адабии гузашта, ҳодисаи як дараҷа маъмул ба шумор мерафт. Айни ҳол дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ доираи ҳамвазифагии пешояндҳо хеле маҳдуд шудааст. Дар забони матбуоти имрӯз ба ҷойи як пешоянд кор фармудани пешоянди дигар на аз сабаби муродифоти пешояндҳо, балки бо иллати надонистани вазифаи грамматикии пешояндҳо рӯй медиҳад [4, с.21-22].

Дар осори даврони классикӣ ва ҳам дар матбуоти даврӣ ба хуби мушоҳида карда метавонем, ки пешоянди “аз” ба вазифаи дигар пешояндҳои аслии сода ва пасоянди аслии *-ро* омадааст:

-Ба. Муқаррар он аст, ки ин такаллуфҳо *аз* он ҷиҳат бикарданд (Падарон) то фарзандон аз он улфат шод бошанд *(Абулфазли Байҳақӣ)*.

-Бо.Диданд вақте дар ҳудуди Ҳиндустон, ки аз пушти пил шикор мекардӣ ва рӯйи пилро аз оҳан пӯшида буданд *(Абулфазли Байҳақӣ)*. Як ғариб хона меҷуст аз шитоб *(бо суръат)*.

-Дар// андар. Ҳимати ту аз баландии боми арш аст аз масал; Гар сипеҳр бартарин сояи аршасту бом *(Сӯзанӣ)*.

-Ро. Сипос аз Худованди хуршеду моҳ; Ки дидам туро зинда бар ҷойгоҳ (...).

Дар забони матбуоти имрӯз ба ҷойи як пешоянд кор фармудани пешоянди дигар низ мушоҳида мегардад:

-Ба. Ояндаи давлату миллат *аз* наслҳои ҷавон вобаста аст (А.с., 29.11.2018).

Забоншиноси нуктасанҷ М. Шакурӣ дар китобашон “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад” дар мавриди бемавқеъ кор фармудани як пешоянд ба ҷойи пешоянди дигар ибрози андеша намудаанд. Ибораҳои *вобаста аз* ва *вобаста ба* –ро дар маводи матбуот таҳлилу баррасӣ намуда, қайд мекунанд, ки сарчашмаи ин ибора забони русии *зависеть от* мебошад. Азбаски пешоянди *от* ба забони тоҷикӣ бо *аз* ифода меёбад, тарҷумонҳо фаромӯш кардаанд, ки дар ибораҳои тоҷикӣ пешояндро бояд феъли тоҷикӣ муайян кунад, на феъли русӣ. Дар ин маврид фақат бо пешоянди *ба* омадани *вобаста* дуруст аст, аммо бо пешоянди *аз* омадани он ҳаргиз дуруст нест [17, с.248].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, баръакси забони адабии давраи классикӣ шакли таркибии пешояндҳо на танҳо серистеъмол, балки аз воситаҳои асосӣ мебошанд [19, с.109]. Дар забони матбуоти замони иситиқлол ин пешояндҳо дар ҳамин шакли ишорашуда истифода бурда мешаванд. Як фарқи забони матбуоти замони иситиқлол аз забони адабии давраи классикӣ дар мавриди пешоянди “аз” дар ҳамин аст.

Ба маънои ***пешояндҳои аслии содаи*** *ба, бо, дар*, *бар* ***пешояндҳои таркибии ғайриизофии*** *пеш аз, баъд аз, пас аз, ғайр аз, назар ба, нисбат ба, доир ба, оид ба, роҷеъ ба, мансуб ба, пайваста ба* ***пешояндҳои номии изофии таркибии*** *ба пеши..., дар назди..., аз рӯйи..., аз паси..., аз ҷониби..., аз ҷиҳати..., аз тарафи..., аз нигоҳи..., аз ҷумлаи..., аз зумраи..., аз ситами..., аз тарафи..., аз сӯйи..., аз миёни..., аз тарси..., аз бими...*, *аз хусуси..., дар бораи..., дар ҳақи..., аз дасти..., аз аҳди..., аз баҳри..., аз ҳамаи..., аз маҷмуи..., аз рӯйи..., дар зулми...,* ва ***пешояндҳои содаи номӣ ё изофии*** *пеши..., назди..., рӯйи..., паси..., баъди..., барои..., баҳри..., сӯйи..., ғайри...* ва ***пасоянди-*** *ро* омадани пешоянди “аз” дар осори гузашта, хусусан дар назми ин давра зиёд мушоҳида мешавад.

Дар матни *Аз шоҳ ӯро бипурсид ва салом расонид* пешоянд ба маънои *аз ҷониби, аз тарафи, аз сӯйи...*; дар ҷумлаи “Мардон аз хирад сухан гӯянд” пешоянд ба маънои *мутобиқи, мувофиқи* ва ғайра омадааст. Дар забони матбуоти замони истиқлол имрӯз истифодаи худи тобишҳои маъноии пешоянди “аз” серистеъмол ва қобили қабул аст.

“Дар ягон марҳилаи инкишофи грамматикии забон пайдо шудани пешоянде ё сермаъноӣ серистеъмол шудани ягон воситаи грамматикӣ чунин маъно дорад, ки вай доираи маънои пешоянди дигареро танг намуда, дараҷаи истеъмоли онро коҳиш додааст” [4, с. 29].

Дар маводи матбуоти замони истиқлол пешоянди “аз” чунин тобишҳои маъноиро ифода кардааст:

1. Барои нишон додани мавқеи баромади амал аз предмет, аз дохили предмет ва ё аз сатҳи он равона шудани амал:

...ду дафъа аз Бухоро ва як дафъа аз Қарақамиш сафари ҳаҷ намудааст *(А.с., 29.11.2018)*; Ҳарчанд ки чандон сиҳат нашудааст, аз беморхона баромад *(А.с., 15.11.2018)*; 3 ноябри соли 1937 корвони мошинҳои боркаши болокушода, бо маҳкумшудагон аз деҳкадаи Поршнев ба роҳ баромад *(Ҷумҳурият, 13.01.2021);* Медонам, медонам, такрор накунӣ ҳам мешавад,-гуфтаму аз хона баромадем *(А.с., 15.10.2020)*.

2. Барои нишон додани гузаргоҳи чизе ва ё гузаштан аз ҳудуди чизе истифода мешавад, дар ин ҳолат тобиши махсус мегирад, дараҷа ва миқдорро ҳам нишон медиҳад:

Вақт аз ними шаб гузашта буд, вале хоб ба чашмони ӯ намеомад (*А.с., 12.12.2018*); Обро ба ҳавз гузоштам, ҳамин ки аз зону гузашт ба шумо хабар медиҳам (*А.с., 19.10.2018*); Онҳо аз пайраҳаи сангзор гузашта, ба мулки афсонавие расиданд *(А.с., 30.08.2018)*. Ин гуна трансформатсияи рамзҳову улгуҳои асотирӣ, ки аз як макон ба макони дигар, аз як оин ба оини дигар, аз як шахсият ба шахсияти дигар гузаштаанд,... *(А.с., 18.10.2018)*.

-аз чизе гузаронидан:

Сабӯсфурӯшҳои беинсоф чандин маротиба онро аз элак гузаронида, баъд ба бозор ба фурӯш баровардand *(А.с., 30.08.2018)*; Ҳар гоҳ, ки ҷомаашро нав мекард, тангаҳо аз ҷомаи куҳна ба ҷомаи нав мегузаштанд *(А.с., 29.11.2018)*.

3. Замони сар шудани амал ё ҳодисаро ифода мекунад:

Ин хислат аз бачагӣ, вақте ки аз дидори падар маҳрум гашт, ба табиати ӯ нишаста буд *(А.с., 15.11.2018)*; Аз субҳи содиқ то намози шом ва баъзан шабҳо низ дар равшании чароғи баркӣ ва карасинӣ эҷод менамуд ва хеле хушҳол буд (А.с., 30.08.2018); Аз имрӯз ба гузаштаи начандон дур назар кардан бас осон аст *(Ҷумҳурият, 30.07.2020)*.

-ишора ба замони дури муайян:

Дар ин раванд ва фарҳанги аз ниёгон меросмонда, дар тӯли ҳазорҳо сол сарзамин ва халқи тоҷикро зинда дошта, ... *(А.с., 29.11.2018)*; Аз ин далелҳо бармеояд, ки ливо аз замонҳои мозӣ арзи ҳастӣ кардааст *(А.с., 29.11.2018)*; ...решаҳои фалак ва пайдоиши онро аз анъанаҳои аҷдодии қадимии мо, аз замони Зардушт ва ватани онро Осиёи Миёна медонист *(А.с., 18.10.2018)*; Бахилӣ, кинагирӣ аз қадим мондааст *(А.с., 27.06.2018)*; Сурудхонии деҳқонон ҳамон нишонаи шодиву сурури тиргонӣ аз замонҳои бостон аст, ки то имрӯз расидааст *(Ҷумҳурият, 29.07.2020)*.

-ишора ба замони дури номуайян:

Ҳамаи ин амалҳо нишонаи ҷашни тиргон буда, аз рӯзгори дур то имрӯз расидааст *(Ҷумҳурият, 29.07.2020)*; Тоҷикистону Қирғизистонро анъанаҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамкории созанда ва дастгирии ҳамдигар, ки решаҳояшон аз умқи таърих маншаъ мегиранд, ба ҳам мепайванданд *(Ҷумҳурият, 29.07.2020)*;...бе ягон тарсу ҳарос онҳоеро, ки бо сабабе аз ягон ҷо ронда шудаанд, ба кор мегирифт *(А.с., 18.10.2018)*;

4. *Предмет ё маҷмуи предметҳо ва ё тоифаи муайяни одамҳое, ки аз онҳо қисме ҷудо мешавад, инчунин ба маҷмуъ мансубияти ҷузъро мефаҳмонад:*

-бархе аз:

Бархе аз бадарғашудаҳо ба сардиҳои водии Ғунд, даштҳои нопайдоканори Мурғоб ва шароити токатфарсо тоб наоварда, дар роҳ ҷон бохтанд *(Ҷумҳурият, 13.01.2021)*; Аммо баъзе аз деҳаҳои болооби Зарафшон ин суннатҳои хосси мардумро то ҳанӯз ҳифз кардаанд *(А.с., 30.08.2018)*;

-иддае аз:

Иддае аз онҳо зимни сафарҳояшон ба маҳрумиятҳо дучор омада, азоби руҳию ҷисмонӣ мекашиданд *(А. с., 30.08.2018)*;

-аз ҷумлаи:

Одина Ҳошим аз ҷумлаи он мардонест, ки абадуддаҳр дар дили ҳаводоронаш боқиву барҷой хоҳад монд *(А.с., 18.10.2018)*.

-аз зумраи:

Қайд шуд, ки Зеҳнӣ аз зумраи муҳаққиқоне мебошад, ки нигоштаҳои ӯ тамоми соҳаҳои илми филологияи тоҷикро фаро мегирад *(А.с., 29.11.2018)*.

-яке аз:

Камина ҳам яке аз онҳост (Ҷумҳурият, 28.07.2020); Рушди муносибатҳои дӯстона бо Тоҷикистон яке аз самтҳои устувори сиёсати хориҷии Ӯзбекистон мебошад *(Ҷумҳурият, 28.07.2020)*.

5. *Миқдори номуайяни касе ё чизе:*

-беш аз:

Агар ба тарзи дигар бигӯем, аз нуҳуним миллион сокинони Тоҷикистон беш аз нисфашон аз «Алифбо»-и Муҳаммадулло Лутфуллозода хондану навиштанро омӯхтанд *(Ҷумҳурият, 29.07.2020)*.

-бисёре аз:

Албатта, бисёре аз муҳаққиқон низ мавҷудияти баъзе камбуду иштибоҳҳо дар омори беморон ва фавтидагонро инкор намекунанд *(Ҷумҳурият, 05.09.2020)*.

-зиёда аз:

...дар маҷмуъ, зиёда аз 40 хатсайри нави сайёҳӣ омода ва роҳандозӣ шуд (Ҷумҳурият, 05.09.2020); Баъдан зиёда аз 10 сол дар мактаби № 25-и деҳаи Боғи Майдон ба толибилмон дарс гуфтааст *(А.с., 29.11.2018)*.

-аз саду чанд:

Амаки Азим аз саду чанд сомонӣ бист сомонӣ туҳфа карда буд *(А.с., 18.10.2018)*.

-аз чанд тан:

...табиати ӯро хуб медонистам ва ҳам аз чанд тани дигар низ ин ҳарфҳои содиқонаро шунида будам *(А.с., 15.11.2020)*.

6. *Ба маводе, ки предмет аз он сохта шудааст, ишора мекунад:*

Ин марди накукор Миршукур Умарови самарқандӣ буда, ҳунари зиёдеро медонист. Аз тахта дару тиреза, кату манҷа сохта метавонист *(А.с., 15.11.2018)*; Ба ҷойи кати роҳати дунафара лозим меояд зери салиби каҷи аз чӯби тӯс сохта дароз кашӣ... *(А.с., 18.10.2018)*; Хонаҳо дар Бадахшон аз санг сохта шудаанд.

-Вобаста ба маънои феъл ва ё сифат (ки серӣ, пурӣ, холигӣ ва ғайраро ифода мекунад) аз кадом предмет иборат буданро мефаҳмонад:

...аз ҳайбаташ роҳҳо аз роҳзанон холӣ ва дастҳо пур аз молҳои хориҷӣ... *(А.с., 04.10.2018)*; Чашмони пирамардро кӯр карданд, халтае пур аз ғизоро паҳлӯяш гузоштанду рафтанд пайи кори худ *(А.с., 29.11.2018)*; Ин ду корвони пур аз бор яке аз Самарқанду Бухоро, дигаре аз Хатлону Ҳисор... *(А.с., 04.10.2018)*; Пайкари фартути пур аз захмаш ларзиду боз аз ҳуш рафт *(А.с., 29.11.2018)*; Гоҳе пур аз роз буду гоҳе пур аз ниёз *(А.с., 18.10.2018)*;

- ба маънои маҷозӣ:

Ӯ зистан мехост, ҳанӯз аз зиндагӣ сер нашуда буд *(А.с., 29.11.2018);* -Э, укоҷон, ғами маро нахур, даҳ ангушти ману фарзандонам, аз ҳунар пур *(А.с., 15.11.2018);*

7. *Пешоянди аз барои ифода кардани соҳибият ба кор бурда мешавад*:

Аз ту-саҳифаи ашъор, аз ман-шишаи кӯрмор! *(А.с, 18.10.2018)*.

8. *Баъзе маъноҳои пешоянди аз аз семантикаи аввалинаш дур рафта, барои нишон додани объекте, ки амал ба он равона шудааст, кор фармуда мешавад:*

Акнун шиддати ҷӯши ҳаяҷон чунон зӯр буд, ки аз сару рӯяш ғӯра-ғӯра арақ шорид *(А.с, 18.10.2018)*.

9. Сарчашмаи амал ва ҳолатро далолат мекунад:

-Ман аз шумо бисёр миннатдорам *(А.с., 15.11.2018)*; -Канӣ, бачаҳо,-гуфт вай бо нармӣ,-кадоме аз шумо харгӯшҳоро дуздид… *(А.с., 18.11.2018)*; Бошад, ки руҳи шоир бо мутолиаи ин ҷилд аз мо шод гардад *(А.с., 04.10.2018)*; Ҳине ки додарам Саҳобиддин сечор сол дар Русия кор карда омад, шароити кори дохили нақбро аз ман пурсон шуд *(А.с., 27.06.2018*).

Дар ин сурат пешоянди “аз” вобаста ба маънои феъл тобиши гуногуни маъноӣ пайдо мекунад:

-Бо феълҳои типи**:** *харидан, ёфтан, гирифтан, талаб кардан, пурсидан, хабардор кардан, хабар гирифтан* ва ғайра сарчашмаи ба даст овардани предмет ё маълумотеро нишон медиҳад [3, с.75] :

Ҳама аз бозор гаҳвораи зебову хушсохтро харидан мехоҳанд *(Ҷумҳурият, 30.07.2020)*; Дарвоқеъ, вақте дар 88-солагӣ ӯ пайи навиштан қалам ба даст мегирад, аз омӯзгорон аҳвол мепурсад, ... *(Ҷумҳурият, 30.07.2020);* Кормандони милитсия аз дастгиршудаҳо маводи зиёди нашъаовар дарёфту мусодира карданд, ки ... *(Ҷумҳурият, 30.07.2020)*; Чанде аз онҳо бо халқи тоҷик унс гирифта дар кишвари мо монданд *(Ҷумҳурият, 05.09.2020)*; Баъди салому алейк аз ҳолу аҳволаш пурсон шудам *(А.с., 29.11.2018)*.

- Бо феълҳо ва исмҳое, ки ҳазар кардан, дуршавӣ, эҳтиёт ва ё ягон ҳиссиётро ифода мекунанд, аз ҷумла *тарсидан, бим доштан, пушаймон шудан, мулоҳиза кардан, маҳрум шудан, хафа шудан, ранҷидан, хандидан, хурсанд будан* ва ғайра сарчашмаи ҳиссиёт ва ё ки тарс ва ҳоказоро нишон медиҳад [3, с.75]:

Устоде, ки аз шодиву ифтихори омӯзгорон меболад, ҳама ҷо ва дар ҳар замон истеъдодҳоро мечӯяд, онҳоро то ҳадди имкон дастгирӣ мекунад... *(Ҷумҳурият, 30.07.202*0); ... муҳандисону устоҳо ҳар гоҳ ин ё он қисмати ГЭС-ро созанд, мисли фотеҳони қуллаҳои сарбаланд шодмонӣ мекунанд, аз фараҳ фарёд мекашанд... *(Ҷумҳурият, 05.09.2020)*; Ҳамзамон, аз дарду алам огоҳӣ мечӯяд, баробари онҳо азият мекашад, ... *(Ҷумҳурият, 30.07.2020)*; Ҳамин тавр, барои ба эътидол омадани вазъияти эпидемиологӣ, пешгирӣ аз воҳимаю таҳлука дар байни аҳолӣ, ... *(Ҷумҳурият, 05.09.2020)*; Шояд одамон аз ягон хатаре паноҳ бурда бошанд, ки дар шаҳр ғайр аз мӯйсафед касеро намебинам,-гуфтам *(Ҷумҳурият, 05.09.2020)*; Ҳамсоя аз ҳамсоя гурезон шуд, аз тарси марг

ба ҷанозаи наздикони худ рафта наметавонанд *(Ҷумҳурият, 05.09.2020)*.

10. *Баёни сабабро далолат мекунад*:

Париж аз гармию хушксолии рекордӣ дар ҳоли “сӯхтан” аст (Ҷумҳурият, 29.07.2020); Аз шодӣ дар пӯст намеғунҷид; Мулло ном ниҳодани писар аз муҳаббати зиёди падару модар баҳри дар оянда соҳиби донишу шахси муътабари ҷомеа гардидани фарзанд шаҳодат медиҳад (Ҷумҳурият, 30.07.2020).

Дар осори классикӣ дар баъзе маврид пешояди “аз” дар таркиби “аз баҳри” барои ифодаи ҳоли сабаб корбаст шудааст:

Ва он гоҳ Иброҳимро шӯр ба дил падид омад аз баҳри Ҳоҷар ().

Дар маводи матбуоти замони истиқлол ва услуби гуфтугӯйӣ худи пешоянди таркибии “аз баҳри” муродифи он “аз барои” барои ифодаи ҳоли сабаб зиёд корбаст мешаванд:

Аз барои шумо шуда, ман ба ин ҳол афтодам.

11. *Объекти муҳокима ва фикрро далолат мекунад*:

Суханамро аз чӣ шурӯъ кунам ва ба чӣ ба анҷом бахшам намедонам.

12. *Муқоисаи предмете бо предмет ва ё касеро мефаҳмонад*:

...вале бо вуҷуди ин кор кардан ба онҳо аз хонашинӣ дида беҳтар, шавқовартар буд (А.с., 29.11.2018); Ӯ дар ин кор аз чор писарони худ дида, ба Камол бештар эътимод дошт (А.с., 15.11.2018); Ба ту чӣ шуд? Назарам ранги рӯйи мани касал аз рангу рӯйи ту беҳ! (А.с., 15.11.2018); ...неруи барқаш дар миқёси давлатҳои Осиёи Миёна фаровон ва аз ҳама арзон (А.с., 15.11.2020).

- *асос, сифати бартарии чизе ё касе*:

Барои шоир муҳимтар аз ҳама шинохти инсону замон аст (А.с., 29.11.2018); Вале аксарият эътироф мекунанд, ҷаҳоне, ки мо ба он ворид шуда истодаем, ба таври бунёдӣ **аз** ҷаҳоне, ки қаблан вуҷуд дошт, фарқ хоҳад кард (Ҷумҳурият, 29.07.2020); Донишҷӯёни аълохони хатмкунанда бо либоси намунавӣ аз дигарон фарқ мекунанду дар асоси рейтинги хонишашон дар донишкада мақом доранд (Ҷумҳурият, 29.07.2020); Мувофиқи гуфтаи устод Гулназар Келдӣ забони шеъри Бозор Собир аз забони шеъри шоирони дигар ба куллӣ фарқ дорад (А.с., 29.11.2018); Рисолаи мазкур аз назари илми мусиқишиносӣ дар сатҳи баланд эҷод шуда, аз дигар асарҳои муосирон ва гузаштагонаш бартарӣ дорад (А.с., 29.11.2018); Ҳасани Самарқандӣ мисли Кавкабии Бухороӣ дар илми мусиқӣ аз нодираҳои замони худ мегардад (А.с.,); ...китобхонаи мазкур аз лиҳози таҳия аз чанд ҷиҳат афзалият дорад (Ҷумҳурият, 29.07.2020).

13. *Дараҷа, зина***:**

Диққати ҳама мақомоти аз поён то боло ба ин соҳаи заҳматталаб равона шуда буд (А.с., 15.11.2018); Аз хурд то калон аз субҳ то шом дар саҳро зери офтоби сӯзон кор мекард (А.с., 15.11.2018); Илми мусиқӣ ба таври силсила аз устод ба шогирд хаттӣ ва даҳонӣ омӯзонида мешуд (А.с., 29.11.2018); Ҳар куҷое кор кард, изҳор намуданд ҳамкоронаш, манфиати халқро аз ҳама боло мегузошт (А.с., 18.10.2018); Гавҳаршоҳ Худойдодов, зодаи ноҳияи Ванҷ, инсони қобилиятноку андешаманд, риёзидон дар Донишкадаи педагогии пойтахт аз устодони моҳиру мумтози кафедраи геометрия буд (А.с., 15.11.2018).

14. *Ҷудоӣ аз чизе ва ё дурӣ аз касе*:

... болои бом, кӯҳ баромада он бандро аз банди дастони худ кушода, ба ҳаво сар медиҳанд (Ҷумҳурият, 29.07.2020); Аз дарахт ба азоб раҳо карда, ба пордуми асп баста овардам (А.с., 18.10.2018); Ба сари турбати волидон мерасам, мехоҳам хешро болои хоктӯдаҳо, чӯбу чахси хушк партоям, бо онҳо васл шавам, аз танҳоӣ наҷот ёбам (А.с., 27.06.2018): Дар вазъияти имрӯза ин ягона роҳест, ки метавонад моро дар фасли зимистон аз мушкилӣ раҳонад (Ҷумҳурият, 29.07.2020); Хешу ақрабо аз хонаводаи Шоҳтемур канорағӯӣ мекарданд (Ҷумҳурият, 13.01.2021).

15. *Муодили “ҷой”, яъне дарун ва беруни чизе*:

Дар ҳамин вақт Камол нишонро аз даруни қуттӣ гирифта, дар назди усто Миршукурбобо ниҳод (А.с., 15.11.2018); ... мо, таҳти хандаҳои баланди паҳлавононаи Нурмуҳаммад аз бинои фурудгоҳ берун шудем (А.с, 18.10.2018); Маро бо худ бигирад, аз дарун фарёд дорам, зорӣ мекунам: модар, метарсам аз танҳоӣ! (А.с., 27.06.2018); ...ба утоқи кориаш даромаду дарро аз дарун баст (А.с., 29.11.2020).

16. *Васила ва воситаи ҷараёни феъл, ки дар ин маврид дар таркиби хабар меояд:*

-Ҳа, баччамард! Ин қадар пул аз куҷост?! (А.с., 18.10.2018); ...дар баробари аз байн рафтани забон миллат низ аз байн меравад (А.с., 15.10.2020).

17. *Баёни фикр ва вобастагӣ, ки бештар бо ҷонишини ишоратии он ба вазифаи пуркунандаи бавосита меояд*:

...як соат пештар аз он ҷониб омада буд ва андеша кард, ки ба хона бегоҳтар хоҳад рафт! (А.с., 18.10.2018); Пирамарде гӯё ҳар қадамашро шумурда, аз он тарафи гулгашт базӯр по мекашид (А.с., 18.10.2018); Масоҳати заминҳои обии ҳудуди ҷамоат 2 283 гектар буда, аз он 1 898 гектараш ба хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста шудааст (Ҷумҳурият, 28.07.2020).

18. *Ба маънои "аз ҷониби касе" ба вазифаи пуркунандаи бавосита меояд:*

Ин манзара аз чашми шоҳ пинҳон намонд (А.с., 30.08.2018); Ҷомӣ аз ӯ хоҳиш кардааст, ки нигоҳубини фарзандони Хӯҷа Аҳрори Валиро бар дӯши худ гирад (Ҷумҳурият, 28.07.2020).

19. *Ишора ба чизе*:

Намояндагони донишкадаи Порто аз ин маҷаллаи пешниҳодшуда хушҳолу арзи сипос гуфтанд, … (Ҷумҳурият, 29.07.2020).

20. *Монанд кардан*:

Инсоне, ки Ватан надорад, дар мулки бегона, агар зиндагии шоҳона дошта бошад ҳам, мисли кабкест, ки аз кӯҳистон оварда, дар қафасаш гузоштаанд (А.с., 0. 2018).

21. *Боло ё поён шудан аз чизе ё ҷое*:

Шоҳ аз асп поён шуда, серӣ об нӯшиду ташнагиашро шикаст (А.с., 30.08.2018); Пойҳои беқувват ҷисмашро бардошта наметавонистанд ва ӯ меафтиду даҳону ришаш хоколуд бо азоб бармехест аз ҷо (А.с., 29.11.2018); Салим аз болои кат ба поён ҷаҳид ва хост ба тарафи боғ гурезад, аммо ин барояш муяссар нашуд (А.с., 15.10.2020); Аскарон вазнин аз ҷой хеста, саф кашиданд (А.с., 18.10.2018).

22. *Аввалу анҷом:*

...бо амри тақдир аз нахустин духтароне буд, ки ба пойтахт омада ва таҳсилоти олӣ касб кард (А.с., 15.11.2018); Ҳам дар Сарбанд, ҳам дар Норак корро аз сифр сар кардам, акнун дар Роғун ҳам корро аз сифр оғоз менамоям (А.с., 15.11.2018); Пеш аз ҳама, чашмаш ба дарахтони сари роҳ афтод, ки дар даромадгоҳи деҳи калоне қад афрохта буданд (А.с., 29.11.2018); ...километр роҳ аз таъмир бароварда шуд (Ҷумҳурият, 29.07.2020).

23. *Таъкиди фикр*:

Иқрор бояд шуд, ки мамолики Аврупо дар рушди илму техника хеле пеш рафтаанд ва бояд аз онҳо омӯхту табодули таҷриба кард (Ҷумҳурият, 29.07.2020); Имрӯзҳо абарқудратон, сиёсатмадорон бо мақсадҳои муғризонаи худ ва бадном кардани ислом маҳз аз ҳамин нуқтаи заъф истифода бурдан мехоҳанд (Ҷумҳурият, 30.07.2020); Албатта, ҳамаи ин аз дастури Сарвари мост (А.с., 15.11.2018).

24. *Шарҳи чизе*:

Ин асар аз дебоча, дувоздаҳ мақом (боб) ва хотима иборат аст (А.с., 29.11.2018); Аз яке об мегузараду аз дигаре ҳаво, фаҳмонд сармуҳандис (А.с., 18.10.2018); Он рӯз ин ҳарфҳо аз даҳон ба даҳон паҳн шуда, ба шиори идонаи бинокорон табдил ёфт (А.с., 15.11.2018); Аскарон вазнашонро аз як пой ба пойи дигар партофта ҳамоно хомӯш меистоданд (А.с., 18.10.2018); Парчами пешниҳоднамудаи онҳо аз се ранг- сурх, сафед, сабз ва дар мобайн тоҷ бо ҳафт ситора иборат буд (А.с., 29.11.2018).

25. *Сатҳ ва умқи чизе*:

Аз он шукргузорӣ кард, ки диёраш неъматҳои Худодод-оби фаровон, табиати зебо, мардуми соҳибфарҳанг ва соҳибҳунар дорад, аз қаъри кӯҳ лаълу ёқут мерӯёнанд (А.с., 15.11.2018); Ин нидо ба хаёлам аз қаъри кӯҳ бурун омад (А.с., 18.10.2018); Вале агар ба ҳамин навиштаҳо ҳам аз ҷавҳари забон, заҳмати нависандагӣ ба хонанда қатрае расонида бошам, ... (А.с., 30.08.2018); Зери навоҳои фараҳангези дил ва аз баландии умри бобаракаташ ба рӯзгори хеш ва ба солҳои сипаригардида дида медӯхт (Ҷумҳурият, 29.07.2020).

26. *Такя ба сухани касе ё ниҳоде*:

…Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи муносибатҳои дӯстии байни ду халқ сухан гуфта, аз қавли Садриддин Айнӣ чунин изҳор дошт (Ҷумҳурият, 28.07.2020); Камол боре аз устобобо шунида буд: "кор кун, пас такя бар

Ҷаббор кун!” (А.с., 15.11.2018).

27. *Ками ё ҳиссаи ночизе*:

... Қалъаи Ямчун, Маъбади Зонг, ёдгории меъмории Карон, бозёфти Хазинаи Амударё чун қатрае аз баҳри сарватҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун мероси нодири фарҳанги ҷаҳонӣ пазируфта шудаанд (Ҷумҳурият, 30.07.2020); ...зеро зиндагӣ бо коронавирус ҷузъе аз фарҳанги нави ҳаёти ҷомеа хоҳад буд (Ҷумҳурият, 05.09.2020).

28. *Шуруи чизе*:

Вақте ки сармои зимистони 1937 аз омад-омади худ бо борону барф ва бодҳояш дарак медод, намояндагони НКВД дари Бобошоро ҳам кӯфт …. (Ҷумҳурият, 13.01.2021); Сафари кории гурӯҳ аз вохӯриву мулоқот бо намояндаи ваколатдори президенти Донишкадаи политехникии Портои Португалия, профессор Хосе Карлос Куадрадо …оғоз гардид (Ҷумҳурият, 29.07.2020).

29. *Муҳим, асосӣ*:

Мо аз нуқтаҳои доғ пайваста барномаҳоро омода мегардонем (А.с., 15.11.2018).

30. *Инкори фикр*:

Зоҳираш инчунин печ дар печ, вале маънияш аз сар то по ҳеҷ (А. с., 04.10.2018); ...чунин ташаббус бо ин гуна ҷасорати бузург пештар аз ҳеҷ сарвари давлат ба амал наомада буд ва таърих онро дар сафҳаҳояш бо ҳарфҳои заррин хоҳад навишт (Ҷумҳурият, 30.07.2020).

31. *Ифодаи самт*:

Аз дари байн ва охир бароед.

32. *Ифодаи дурӣ ё наздикӣ*:

Рӯзи кушодашавии сохтмони неругоҳи Роғун аз дуру наздик намояндагони касбу кори гуногун дар майдони собиқ деҳаи хурдакаки Ҷӯшон гирд омада, ... (А.с., 15.11.2018); Дар яке аз сафарҳо худ Ҷомӣ аз дидори Навоӣ дур буданашро ифода карда, номае фиристодааст (А.с., 18.10.2018); ...пеши чашмони хирааш ҳанӯз аз дуриҳо суроби деҳа намудор буд (А.с., 29.11.2018); Ҳар як кӯдаки Тоҷикистон орзу мекунад, ки як маротиба аз наздик Ҷаноби Олиро бубинад (А.с., 15.11.2018).

33. *Даромад ё баромадани чизе*:

...дар замонҳои бостон Меҳргон оғози соли Ҳахоманишӣ буда, дар тирамоҳ аз вуруди Хуршед дар бурҷи мизон оғоз мешудааст (А.с., 18.10.2018); Ҳамон рӯзе, ки саҳифаи шеърҳои наваш аз чоп баромад (А.с., 18.10.2018).

34. *Истифода аз чизе:*

Бо истифода аз фурсат мехоҳам ба Шумо изҳори итминон намоям, ки … (Ҷумҳурият, 29.07.2020).

35. *Соҳиб (молик) будан:*

Ин хона аз Оқил аст.

36. *Дур аз*:

Ба ду манзил аз Балх ҳарду сипоҳ.

37. *Мансуб ба:*

Ин духтар аз Бадахшон аст; Устоҳои кандакор аз шаҳри Истаравшананд.

38. *Фарзандӣ (аз насли, аз гавҳари)*

Инсоният дониши андӯхтаи худро аз як насл ба насли дигар ба мерос мегузорад.

39. *Ифодаи натиҷа***:**

Шириншоҳ аз издивоҷ бо Александра соҳиби 2 писар шуд (Ҷумҳурият, 13.01.2021).

40. *Огоҳ шудан аз чизе*:

Яке аз ҳадафҳои дигари сафари мо ба донишгоҳи мазкур аз наздик шиносоӣ пайдо кардан бо усули таълими устодон буд (Ҷумҳурият, 29.07.2020).

Пешоянди “аз” барои сохтани пайвандакҳои тобеъкунандаи сабаб: *аз сабаби он ки* ва пайвандакҳои тобеъкунандаи замон: *баъд аз он ки, пас аз он ки, пеш аз он ки, аз бозе ки* ва ғайра хизмат кардааст:

Ман аз сабаби он ки ба ин савол ҷавоб дода натавонистанам китф боло кашидам ва худи устод посух дод (А.с., 29.11.2018); Табиати одамӣ ҳамин аст, ки Камол қабл аз он ки писархонди ин марди ҳунар гардад, ятими кул буд (А.с., 29.11.2018); Ман пеш аз ин ки ба ин ҷо оям, каме архивро кофтам (А.с., 15.11.2018); Қабл аз он ки ба хонааш равон шавад, ба ҷавон, ҳамдеҳаи муаллим, таъкид кард (А. с., 30.08.2018); Пас аз он ки арӯс аз хонаи

падар ҷониби хонаи домод раҳсипор мешавад, ... (А.с., 30.08.2018);

Як гурӯҳ ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба воситаи пешоянди “аз” сохта шудаанд:

-*муттаҳид шудан*:

Мо тоҷикон, низ дар атрофи нишони давлатии хеш сарҷамъ ҳастем ва барои хидмат ба халқу ватани хеш аз як гиребон сар мебарорем (А.с., 29.11.2018).

-*ҳунарманд будан*

-Э, укоҷон, ғами маро нахӯр, даҳ ангушти ману фарзандонам, аз ҳунар пур (А. с., 15.11.2018).

-*самимона*

...аз сидқи дил кор кардам, дар ҳаққи камина суханони таъсирбахш гуфта, ҳатто маро ба риққат овард (А.с., 29.11.2018).

Хулоса, вижагиҳои маъноӣ ва вазифҳои грамматикии пешоянди “аз” дар матбуоти замони истиқлол хеле зиёд гардидааст. Ҳангоми таҳқиқу баррасӣ маълум гардид, ки ин пешоянд дар осори классикӣ ба вазифаи дигар пешояндҳои аслии сода аз ҷумла ба вазифаи пешояндҳои таркибӣ низ зиёд истифода мешудааст. Бояд зикр намуд, ки баръакси забони адабии давраи классикӣ шакли таркибии пешояндҳо серистеъмол ва аз воситаҳои асосӣ мебошанд. Ҳаммаъно ё ҳамвазифа шудани пешояндҳои аслии сода ва таркибӣ дар осори илмию адабии гузашта, ҳодисаи як дараҷа маъмул бошад, вале дар забони матбуоти имрӯз ба ҷойи як пешоянд кор фармудани пешоянди дигар на аз сабаби муродифоти пешояндҳо, балки бо сабаби надонистани вазифаи грамматикии пешояндҳо рӯй медиҳад.

Забон ҳамеша дар таҳаввулоту дигаргунӣ аст. Таҳти таъсири омилҳои гуногун таркиби луғавӣ ва сохтори грамматикии ҳар як забон низ ба тағйироту таҳаввулот дучор мешавад. Аслан, шаклҳои грамматикӣ тағйирпазир ва ё тағйирнопазир мешаванд, яъне нисбат ба гузашти замон зуд ё дер ба таҳаввулот дучор шудан ё нашудани қоида ва шаклҳои грамматикии забон ба ҳисоб гирифта мешавад. Бояд зикр намуд, ки таҳаввулоти грамматикӣ (сарфию наҳвӣ) нисбат ба таркиби луғавии забон суст тар ҷараён мегирад ва ин тағйироти ҷузъии ба вуҷуд омада, сохти грамматикии забонро дигар карда наметавонад.

Муқарриз: ***Шарифова Ф.*** – доктори илмҳои филология,
профессор, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
2. Деҳхудо, А. Луғатнома / А. Деҳхудо. Ҷ.5. – Теҳрон, 1328. - 2002 с.
3. Забони ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Қ.1. – Душанбе: Дониш, 1982.
4. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Пойтахт, 2015. - 102 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони тоҷикӣ / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2011. - 566 с.
6. Қосимова М.Н. Таърихи забони тоҷикӣ. Асрҳои IX-X / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2016. - 238 с.
7. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Дониш, 1976. - 75 с.
8. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011. - 252 с.
9. Хонларӣ П.Н. Таърихии забони форсӣ / П.Н. Хонларӣ. Ҷилди 1, 2 ва 3. – Теҳрон, 1366.
10. Хоҷаев Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1998. - 152 с.
11. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик / С. Ҳалимов. - Душанбе, 1979. - 95 с.
12. Ҳоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX / С. Ҳалимов. – Душанбе: Дониш, 1987. - 167 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Дар зери назари М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ). – М.: Саветская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 952 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Дар зери назари М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ). – М.: Саветская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. - 949 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. - Ҷ.1. - 949 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. - Ҷ.2. - 944 с.
17. Шакурӣ, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шакурӣ. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 400 с.
18. Шарифова Ф. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ / Ф. Шарифова. - Душанбе, 2012. - Қ.1. - 224 с.
19. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. - Ҷ.3. - 271 с.

Сарчашмаҳо

20. Адабиёт ва санъат, 2008-2020.
21. Ҷумҳурият, 2020-2021.

ТАҲАВВУЛОТИ МАЪНОӢ ДАР ВАЗИФАИ ГРАММАТИКИИ ПЕШОЯНДИ “АЗ”

Дар мақолаи мазкур бори аввал таҳаввулоти маъноӣ дар вазифаи грамматикии пешоянди “аз” дар

забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, таҳаввулоти вазифаи грамматикии пешоянди “аз” дар осори адабиёти классику муосир ва матбуоти даврии замони истиқлол нишон дода мешавад. Маълум гардид, ки баръакси забони адабии давраи классикӣ шакли таркибии пешояндҳо на танҳо серистеъмол, балки аз воситаҳои асосӣ мебошанд. Яке аз хусусиятҳои асосии таҳаввулоти пешояндҳо аз давраи қадим (классикӣ) то имрӯз васеъ шудан ва пайдо шудани маъноҳои нави онҳо мебошад. Инчунин яке аз таҳаввулотҳои назаррасе, ки дар забони матбуоти имрӯзаи тоҷик мушоҳида мешавад, тадриҷан танг гардидани доираи маънои грамматикии як миқдор пешояндҳо ва пайваста кам шудани дараҷаи истифодаи онҳо дар иборaю ҷумлабандӣ мебошад. Таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии забони адабии муосири тоҷикӣ пайваста дар таҳаввулоту тағйирот аст. Аслан, шаклҳои грамматикӣ тағйирпазир ва ё тағйирнопазир мешаванд, яъне бо мурури замон зуд ё дер ба таҳаввулот дучор шудан ё нашудани қоида ва шаклҳои грамматикии забон ба ҳисоб гирифта мешавад. Меъёрҳои забони адабӣ низ бо гузашти замон оҳиста-оҳиста ба таҳаввулот дучор шуда, сохти грамматикиашон боз ҳам такмил меёбад. Ҳолати имрӯзаи забон натиҷаи тараққиёту инкишофи чандинасра ва такмили шаклҳои он аст.

Калидвожаҳо: таҳаввулоти сарфию наҳвӣ, инкишофи грамматикии забон, вазифаи грамматикии пешояндҳо, пешояндҳои аслӣ, пешояндҳои таркибӣ, тобиши маъно, осори давраи классикӣ, матбуоти замони истиқлол ва ғайра.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ИЗМЕНЕНИЯ ЗНАЧЕНИЯ ГРАММАТИЧЕСКОЙ ФУНКЦИИ ПРЕДЛОГА “АЗ” (ОТ)

В данной статье впервые всесторонне исследована эволюция значения грамматической позиции приставки «аз» в таджикском языке. В частности, эволюция грамматической функции приставки “аз ” (от) находит отражение в произведениях классической и современной эпохи, а также в периодической печати периода независимости. Выяснилось, что, в отличие от литературного языка классического периода, составные предлоги являются не только самым распространенным, но и основным средством. Одной из основных особенностей эволюции предлогов от античности (классики) до наших дней является расширение и появление их новых смыслов. Также одним из значительных изменений в языке современной таджикской прессы является постепенное сужение диапазона грамматических значений ряда предлогов и постепенное уменьшение их использования во фразах и предложениях. Лексический состав и грамматическая структура современного таджикского литературного языка постоянно развивается. Фактически, грамматические формы становятся гибкими или неизменными, то есть правила и грамматические формы языка принимаются во внимание независимо от того, что изменятся ли рано или поздно правила и формы. Нормы литературного языка также постепенно меняются со временем, улучшается их грамматическая структура. Современное состояние языка - результат многовекового развития и совершенствования его форм.

Ключевые слова: грамматическая эволюция, грамматическое развитие языка, грамматическая функция префиксов, оригинальные префиксы, составные префиксы, смысловые нюансы, произведения классического периода, печать периода независимости и др.

SEMANTIC CHANGES IN THE MEANING OF THE GRAMMATIC FUNCTION OF THE PREPOSITION “Az” (OT)

In this article, for the first time, the evolution of the meaning in the grammatical position of the prefix “az” in Tajik language has been comprehensively studied. In particular, the evolution of the grammatical function of the prefix “from” is reflected in works of classical and modern times and in periodicals of the independence period. It became clear that, unlike the literary language of the classical period, the prepositions are not only the most widely used, but considered as the main means. One of the main features of the evolution of the precedents from antiquity (classical) to the present day is their expansion and the emergence of new meanings. Also, one of the significant changes in the language of the modern Tajik press is the gradual narrowing of the range of grammatical meanings of a number of prefixes and a gradual decrease in their use in phrases and sentences. The lexical structure and grammatical structure of the modern Tajik literary language is constantly evolving. As a matter of fact, grammatical forms become flexible or immutable, that is, the rules and grammatical forms of a language are taken into account whether or not the rules and forms change sooner or later. The norms of the literary language also gradually change over time, and their grammatical structure improves. The current state of language is the result of centuries of development and refinement of its forms.

Key words: grammatical evolution, grammatical development of language, grammatical function of prefixes, original prefixes, compound prefixes, nuances of meaning, works of the classical period, the press of the independence period, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Баҳодур Ғозиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ. 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 985-88-99-18**

Сведение об авторе: ***Шодиев Баходур Гозиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 985-88-99-18**

Information about the author: ***Shodiev Bahodur Gozievich*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate dotsent of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 985-88-99-18**

УДК: 811.21/.22(575. 3)

ҲАММАЪНОИИ ИБОРАҲОИ ИЗОФӢ ВА ҲАМРОҲӢ ДАР ЗАБОНИ МАТБУОТИ ТОҶИК

Исмоилова Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Алоқаи изофӣ дар забонҳои тоҷикию форсӣ (инчунин дар дигар забонҳои эронӣ) воситаи асосии ташаккули муносибатҳои атрибутивӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, муносибатҳои атрибутивӣ тавассути алоқаи ҳамроҳӣ – тартиби калима низ ифода меёбанд. Воқеияти он ки муносибатҳои атрибутивӣ бо роҳҳои гуногун метавонанд ифода шаванд, ба муродифоти наҳвӣ роҳ мекушояд. Мирзо Ҷаъфар қайд мекунад, ки "баъзан дар шеър сифат пеш аз исм (бе изофат) ба ҳамон маънӣ, ки пас аз он дорад, меояд. Масалан: *...ҷаҳон бар меҳану кеҳан бозгардад, хирадманд мардум чаро ғам хӯрад?* [6, с.40]. Ба андешаи муҳаққиқ Салтанат Қодирова исмҳо метавонанд дар баъзе ҳолатҳо сермаъно бошанд. Аз ҷумла номбурда қайд менамояд, ки "маъноҳои гуногунро ифода намудани ибораҳои исмӣ нишон медиҳад, ки дар афсонаҳои халқи тоҷик ибораҳои исмӣ бо сифат вобаста ба ҷузъҳо сермаъно мешавад" [7, с.63].

Муносибатҳои атрибутивӣ баъзан бо бандаки изофӣ ва гоҳе бе он (далели изофат) ифода меёбанд, дар баробари ин, ин қолабҳо аз ҷиҳати маъно фарқ мекунанд: *як хӯрдаи об – небольшое количество воды; як хӯрда об – капля воды;* ибораи *бештар мардумон* ба забони англисӣ *most men - большинство людей;* ибораи *бештари мардум greater part of the men – большая часть людей* тарҷума шудааст [8, с.444-449].

Аз мисолҳои овардаи ӯ бармеояд, ки қолаби изофӣ ҷудо кардани ҷузъ аз куллро таъкид мекунад. Е.Э. Бертелс бар он ақида аст, ки "ибораи *баландтарини хонаҳо – самый высокий из домов* муқоисаро ифода мекунад. Қайд мекунад, ки мавқеи препозитивии (дар аввали ибора омадан) сифат характери архаистӣ дошта, дар забони зинда корбаст намешавад" [3, с.201]. А.К. Арендс қайд мекунад, ки "сифат метавонад пеш аз исм ояд: *бечора деҳотӣ – бедный сельчанин.* Аммо бо муайяншаванда нисбат ба муайянкунандаи пас аз исм омада зичтар мутобиқат мекунад ва дар аксар маврид ин мутобиқшавӣ як калимаи нав, калимаи мураккаби маънои дигар доштаро ба вуҷуд меорад. Муқоиса кунед: *хонаи гарм - теплый дом* ва *гармхона – теплица, оранжерея*" [2, с.45].

Дар қатори муҳаққиқони дигар М. Муин афтидани бандаки изофӣ (факки изофат) ва изофати ҷойивазкунӣ (изофати мақлуб) – ро чун роҳи аз ибораҳои изофӣ ба калимаҳои мураккаб гузаштан арзёбӣ мекунад:"калимаи мураккаб як калима маҳсуб ёфта, ҷузъҳои он мустақилияташонро аз даст медиҳанд" [9, с.4-152). Дар гуфтаҳои Муин масъалаи назарияи ибора ва калимасозӣ омехта карда шудаанд. Мусаллам аст, ки баъзе ҷузъҳои воситаҳои наҳвӣ дар байни калимаҳо ҳангоми сохтани калимаҳои мураккаб ҳам боқӣ мемонанд, вале ғалат мебуд, агар афтидани бандаки изофиро чун ба вуҷуд омадани калимаи мураккаб шарҳ диҳем: қисматҳои калимаи мураккаб на дар қолабҳои изофӣ, балки мувофиқи қонунияти калимасозӣ пайдо мешаванд.

Ба ақидаи Л. С. Пейсиков, "дар аксари ибораҳои забони форсӣ тартиби калима ба мундариҷаи нутқ вобаста нест ва афтидани задаи мантиқӣ ба яке ибораҳои изофӣ маъниро тағйир дода наметавонад: *хонаи баланд*. Аммо ибораҳои навъи *пешқадамтарин ғоя, бадкирдортарин одам* аз қолаби ҳаммаънои *ғояи пешқадамтарин; одами бадкирдортарин* бо маънои услубӣ (дар қолабҳои аввал таъкид ҷой дорад) фарқ мекунанд".

Ҳамин тариқ, Л.С. Пейсиков чунин мешуморад, ки "ибораҳои изофию беизофаи забони форсӣ, асосан, ба сохтор, яъне муносибати бевосита ба шакли ибораҳо, ба воситаҳои наҳвии дохили онҳо вобастаанд" [10, с.19].

Ибораҳои изофию беизофа аз ҷониби мураттибони зиёди грамматикаи забони тоҷикӣ тасниф карда шудаанд.

Аз ҷумла С. Ализода қайд намудааст, ки "баъзан аломат пеш аз муайяншаванда омада, ба бандаки изофӣ ниёз надорад: *некмард, дарозқад, хушбӯй*. Аслан, ин калимаҳои мураккаб аз ибораҳои зерин сохта шудаанд: *марди нек, қади дароз, бӯйи хуш"* [1, с.39]. Бояд қайд намуд, ки *хушбӯй* ва *бӯйи хуш* воҳидҳои гуногунсатҳи забон (калимаи мураккаб ва

ибора) буда, ба қисматҳои гуногуни забон тааллуқ доранд ва дар мавриди аввал аломат, дар мавриди дуюм мафҳумро ифода мекунанд.

Забоншинос Д.Т. Тоҷиев чунин мешуморад: “муайянкунандае, ки бо сифат ифода ёфтааст, бояд пас аз муайяншаванда ҷой гирад. Вале дар забони адабии тоҷикӣ мо баъзан мушоҳида мекунем, ки муайянкунанда – сифат пеш аз муайяншаванда омада, задаи мантиқӣ мегирад, зеро дар забони тоҷикӣ агар муайянкунанда пеш аз муайяншаванда омада, задаи мантиқӣ нагирад, ба муайяншаванда васл шуда, калимаи мураккаб месозад: *Фозилҷонро ба шумо баста мемонам, вай бисёр таҷриба дорад,* ***доно одам***.

“Ибораҳои *беҳтарин номзадҳо; нахустин шахс*, - менависад Д.Т.Тоҷиев, - ғайр аз он ки шакли архаистианд, ягон талаботи функсионалии забонро ифода намекунанд. Азбаски инверсия аз тартиби муқаррарии калима фарқ мекунад, пас ин ибораҳо сарбории махсуси услубӣ пайдо мекунанд: бо истифодаи дараҷаи олии сифат ва исми шумораи ҷамъ дар ибораи изофӣ матлаб муъҷаз ифода ёфта, маънои таъкид зуҳур мекунад” [12, с.22-23].

Дар мисоли овардашуда забони зинда ба забони адабӣ таъсир расонидааст ва баъзе муҳаққиқон ин роҳи ифодаи аломатро чун яке аз воситаҳои услубӣ баҳо додаанд [12, с.240; 10, с.167-168].

Ба муайянкунандаи пеш аз муайяншаванда омада васл шудани бандаки изофӣ ба хусусиятҳои семантикӣ ва грамматикии он (муайянкунанда) вобаста аст. Баъдан, сифатҳои навъи *доно; азиз* субстантиватсия шуда, мафҳуми предметӣ гирифтаанд (муқоиса кунед: хусусияти пасванди ҷамъбандӣ гирифтани онҳоро: *доноён, азизон*); сифатҳои *бечора; мискин; девона; раҳматӣ* ҳам бештар чун исм истифода мешаванд. Табиист, ки дар чунин мавридҳо онҳо имконоти ба худ васл кардани муайянкунандаи изофиро пайдо мекунанд. Бинобар ин, истифода набурдани бандаки изофӣ ё инверсияи муайянкунанда барои ҷудо ва таъкид намудани муносибати ҷузъ ба кулл ва ифоданокии нутқ (бештар дар назм) хизмат мекунад. Бо вуҷуди ин, на ҳамаи муайянкунандаҳо бе изофат ё пеш аз муайяншаванда истифода мешаванд. Омилҳои пеш аз муайяншаванда омадани муайянкунанда: **1. омилҳои семантикӣ, 2. калимасозӣ, 3. шаклӣ – сохторӣ** ва **4. услубӣ.**

1. Омилҳои семантикӣ. Сифатҳои *ягона; аҷоиб; хуш; кам* ва ғайра чи пеш аз муайяншаванда ва чи пас аз он истифода мешаванд; онҳо ба муайяншаванда ё бо ёрии бандаки изофӣ, ё бо алоқаи ҳамроҳӣ алоқаманд мегарданд. Алоқаи семантикии чунин сифатҳо бо муайяншаванда ва бо дигар аъзои ҷумла гуногун аст. Калимаҳои мазкур на танҳо барои эзоҳи муайяншаванда, балки барои муайян кардани дигар аломатҳои муайяншаванда ва ҳатто муносибати он бо дигар аъзои ҷумла хизмат мекунанд. Сифатҳои ба мисли *азиз; фосиқ;* сифатҳои феълии *хонасӯхта; сабилмонда* танҳо ба муайяншаванда мансубанд.

Сифати ***ягона*** метавонад ҳам пеш ва ҳам пас аз муайяншавандае, ки бо исм ифода ёфта, мафҳуми шахс ё ғайришахсро мефаҳмонад, ояд: *Рашид ягона ҳунарманде буд, ки барои офаридани нақши шоир ҳамаи аъзои гурӯҳи корӣ ҷонибдор буданд (Адабиёт ва санъат, 5.08.2012) – ягона ҳунарманд; Писари ягонааш аз мусофират баргашт, ин давлати калоне барояш буд (Адабиёт ва санъат, 12.08.2012) – писари ягона*.

Маънои хоссагии калимаи *ягона* ва мавқеи пеш аз муайяншаванда омадани он ба ҷудо кардани аломати мувофиқ ба он мутобиқат мекунад: *Дидори гарми писарони раҳдурашро дидан ягона умеди Норгул буд(Адабиёт ва санъат, 5.08.2012)- ягона умед.*

Калимаи ***ягона*** пеш аз муайяншаванда ҷойгир шуда, аломати тамоми ибораро муайян мекунад: *ягона дӯсти меҳрубон; ягона инсони боваринок;* дар чунин мавриди ***ягона*** муайяншавандаро дар маҷмуъ бо дигар муайянкунандаҳо шарҳ додааст. Пеш аз муайяншаванда омадани калимаи мазкур ба дақиқии ифода мусоидат мекунад. Пас аз муайяншаванда ҷой гирифтани он матлабро чандон табиӣ ифода намекунад. Муқоиса кунед: *ягона дарахти тут –дарахти ягонаи тут, дарахти тути ягона (?); ягона инсони боваринок - инсони ягонаи боваринок (?) - инсони бовариноки ягона (?)*.

Калимаи ***ягона*** ба мустақилияти муайяншаванда мутобиқат мекунад: *ягона дӯсти даврони бачагӣ.*

Ғайр аз ин, сифати ***ягона***-и пеш аз муайяншаванда омада бештар ба он ишора мекунад, ки калимаи муайянкардаи он тавассути ҷумлаи пайрав муфассал шарҳ дода

хоҳад шуд. Ҳамин тариқ, он аз рӯйи вазифаи худ ба калимаи хулосакунанда наздик мешавад: *ягона касе, ки...*

Сифати ***дигар*** чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

а) дар мавриди пеш аз муайяншаванда ҷой гирифтан, ки ба забони зинда хос аст, таъкид саҳеҳ ифода меёбад: *дигар одамон – одамони дигар, дигар рӯзҳо – рӯзҳои дигар.*

б) дар пайвастагӣ бо муайяншавандаҳои *илоҷ, чора; роҳ* ва ғайра сифати мазкур ба сохтори наҳвии тамоми ҷумла таъсир мерасонад ва дар ин маврид хабар дар шакли инкорӣ корбаст мешавад: *Дигар илоҷ не.* Ба корбасти шакли инкории хабар артикли ***-е*** низ метавонад таъсир расонад: *Ба ғайр аз шумо дигар касе надид, рост мегӯед? (Адабиёт ва санъат, 12.08.2012) – дигар касе.*

Мавқеи муайянкунанда на танҳо ба таъкиди матлаб таъсир расонда, фақат ба меъёру муқаррарот алоқаманд аст, балки ба сохта шудани калимаҳои мураккаб низ мутобиқат мекунад. Ҳамин тариқ, силсилаи муродифӣ бо вариантҳо ба вуҷуд меояд: *бори дигар – дигар бор – дигарбора.*

Сифатҳо мутобиқи маънои луғавӣ ва ба туфайли алоқа бо дигар калимаҳо дар ҷумла, инчунин бо зарурати ба матн илова намудани обуранги ҳиссӣ муносибати мутакаллимро нисбат ба гӯянда ифода мекунанд: дар ин ҳолат инверсия воситаи асосии баёни ҳиссиёт ва муносибати субъективӣ маҳсуб меёбад.

Забоншиносони рус Василева Н.М., Шелкова Л.В. дар ибораҳои бо сифат дар ин шакл омада, мавҷудияти таъкиди маъноиро қайд кардаанд: «Алоқамандии пешмавқеӣ ва пасмавқеии сифат бо калимаи муайяншаванда, бахусус алоқаи зичи маъноӣ ва синтаксисии сифат дар ҳолати пасмавқеӣ боиси хусусиятҳои гуногунро доро гардидани шаклҳо мегардад» [4, с.4].

Сифатҳо дар мавқеи препозитивӣ на танҳо барои шарҳи муайяншаванда меоянд, балки муносибати онро ба дигар аломатҳо ва нисбат ба аъзои дигари ҷумла муайян мекунанд. Чунончи, сифатҳои *аҷаб, аҷиб, аҷоиб* дар ибораҳои изофӣ ва беизофа вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд: *зиндагии аҷоиб* бештар чун воҳиди номинативӣ истифода мешавад. Ҳол он ки *Аҷоиб зиндагӣ!*– ҷумлаи мустақил аст. Дар мисоли аввал баҳои субъективӣ тира, вале дар мисоли дуюм маънои ҳисси хурсандӣ дақиқ ифода ёфтааст ва ин ҳолат бештар дар матн истифода мешавад: *Аҷоиб зиндагӣ! Ҳама чиз фаровон...- Аҷаб мардум. Наемонанд, ки дар хонаи худат осуда хоб кунӣ(Адабиёт ва санъат, 16.09.2012).*

Барои сифатҳои ***аҷоиб*** ва ***аҷиб*** мавқеи постпозитивии изофӣ, барои сифати ***аҷаб*** ҳолати препозитивӣ, ки дар он таъкиди муносибати субъективӣ ифода шудааст, характернок аст: *Аҷаб одаме будӣ ту, намедонӣ, ки ин кӣ аст?! (Адабиёт ва санъат, 15.06.2011).* Ҳисси ҳайрат бо ёрии артикли***–е*** таъкид меёбад: *Аҷаб одаме!* Дар ин маврид на танҳо маънои луғавии сифат, балки оҳанг, задаи мантиқӣ, ист ва суръати талаффуз низ аҳамияти калонро дорост: *Аҷа – аб корҳое! Аҷо – оиб корҳое!*

Сифатҳои ***кам, бисёр, хуш*** ва ғайра, ки пеш аз муайяншаванда истифода шудаанд, барои ифодаи маънои модалӣ созгоранд. Маънои модалии баҳодиҳӣ дар ин сифатҳо на фақат ҳангоми ифодаи аломати ашё, балки дар ифодаи аломати амал ё ҳолат низ зуҳур мекунад, аз ин рӯ, он ба тамоми матн дахл дорад:

–Кори имрӯза барои ту сарбории зиёдатӣ набуд, -Раҳматҷон?!

– Ту, Носирҷон, худат хуб медонӣ, ки ман бе ин хел корҳо наметавонам.

–Ҷони одам ту, не гуфта ҳам наметавонӣ, дурӯғ гуфта ҳам наметавонӣ!*(Адабиёт ва санъат, 25.07.2010)*

Дар ин матн ибораи ***Ҷони одам*** на фақат мафҳуми *одами хуб,* балки ҳиссиёти нек ва самимии мутакаллимро нисбат ба мухотаб ифода мекунад.

Муайянкунанда дар забони тоҷикӣ бо як қатор воситаҳои наҳвӣ: тартиби калима, оҳанг ва дигар васоити алоҳидае, ки дараҷаи гуногуни таъкидро ифода мекунанд, ҷудо карда мешавад. Одатан, инҳо сифатҳои аслиеанд, ки аломатҳои зоҳирию ботинии инсон ё манзараҳои табиатро ифода мекунанд: *меҳрубон модар; зебо кишвар* дар баробари ифодаи аломат, обуранги услуби баландро соҳибанд, бинобар ин, хосси забони назманд.

Ибораи *азиз омӯзгор* назар ба ибораи ҳаммаъноияш *омӯзгори азиз* ғайритабиӣ менамояд, аммо дар матни зерин маҳз ибораи аввал бамаврид аст: *Миннатпазир аз азиз*

омӯзгорам. Заҳматҳои пайвастаи ӯ буд, ки имрӯз муваффақ дар зиндагӣ, дар ҷойи кор ҳастам (Адабиёт ва санъат, 12.06.2014).

Қолаби *азиз омӯзгор* ба нутқи мутантани ифодакунандаи ҳам самимият, ҳам эҳтиром ба омӯзгор, тарбиятгар аст. Ибораи хосси баромади расмӣ–*Омӯзгори азиз* ин маъноҳоро ифода карда наметавонад.

Сифатҳои аслӣ дар баробари тавсифи объективии шахс дар бисёр маврид муносибати салбӣ (манфӣ) ва эҷобии (мусбат) мутакаллимро пурра ва муассир ифода мекунанд. Дар қолаби пеш аз муайяншаванда омадани сифат обуранги ҳиссӣ бештар таъкид меёбад ва пурқувват мегардад. Муқоиса кунед: *Ҳоли бечора кӯдак дар ин шабу рӯз, дар ин сардии ҳаво чӣ мешуда бошад (Адабиёт ва санъат, 10.12.2014)- бечора кӯдак; Бечора модар 40 сол ин гаму гуссаро дар дил нигоҳ дошт, сабр кард, ба умеде, ки рӯзи неке пас ин азобҳо меояд (Адабиёт ва санъат, 10.12.2014) – бечора модар.*

Дар мисоли аввал иваз кардани ибораи *бечора кӯдак* ба *бечораи кӯдак* ё *кӯдаки бечора* ба ифодаи муътадили матлаб ё ба аз байн рафтани таъкид оварда мерасонад. Аммо дар ҳолати дуюм - ***бечора модар*** ин ивазкунӣ ба мазмуни тамоми матн халал ворид мекунад. Бар замми ин, мавқеи препозитивии муайянкунанда воҳиди коммуникативиро талаб мекунад. Муқоиса кунед: ***Бечора омӯзгор****. Заҳмати тамоми рӯз бо хонанда, меҳнати шабона барои омодагӣ ба дарс, ташвиши рӯзгор, зиндагӣ, тарбияи фарзандони мардум, масъулияти фарзандони худ – ҳамаи инро таҳаммул мекунад. Воқеан, кори мушкил (Адабиёт ва санъат, 29.05.2014) – бечора омӯзгор.*

Қолабҳои изофӣ ва беизофа бо мундариҷаю ифодаи матлаб ба ҳам хеле наздиканд, бинобар ин, баробар истифода мешаванд: *Устоҳои бечора тамоми рӯз гурусна кор кардаанд, танҳо вақти шом Қурбоналӣ якдаҳанӣ нонашон ёфта овардааст(Адабиёт ва санъат, 29.05.2014) – устоҳои бечора; Бечора бача то саҳара хоб нарафтааст, таб карда баромад, як духтурхонаву духтури наздик ҳам набошад, мушкил будааст (Адабиёт ва санъат, 13.02.2014) – бечора бача.*

Одатан, аз қолаби препозитивӣ дар баёни шиддати ҳиссиёт истифода мебаранд, аз ин рӯ, он ҳангоми дуоҳои неку бад истеъмол мегардад:

- Хонаобод Шокир, *парвои дигарон надорӣ –а, намегӯйӣ, ки баъди ман мардуми дигар ҳам баҳра баранд, ба ягон дармондаи дигар ҳам ҳамин кӯпруки чӯбин даркор мешавад (Адабиёт ва санъат, 19.07.2012) –* ***хонаобод Шокир****;* ***Падарсаг сагера*** *ба дастам афтад, худам медонам, чӣ кораш кунам, аз кори кардагиаш ҳазор пушаймон нашавад…(Адабиёт ва санъат, 8.10.2012)-* ***падарсаг сагера.***

Ҳиссиёти ниҳоят манфӣ бо ёрии сифатҳои *лаънатӣ, ҷавонмарг* ва сифатҳои феълии *гарданшикаста, гӯрсӯхта* ва ғайра ифода меёбанд: ***Лаънатӣ гурба*** *як бурида гӯшти ризқи бачаҳоро аз халта канда бурдааст, як ҷойи дигари бобаринок надорам (Адабиёт ва санъат, 19.07.2012).*

… ***гӯрсӯхта мӯйсафед*** *ба пушту пешаш нигоҳ намекунад, гап назанӣ, рӯйирост даромада омада истодааст (Адабиёт ва санъат, 19.07.2012)-****гӯрсӯхта мӯсафед****.*

Фарқи байни истеъмоли ин сифатҳо бо алоқаи изофӣ ва беизофа дар дараҷаи ҷудо намудани аломат аст: ифодаи *мӯйсафеди гӯрсӯхта* обуранги ҳиссии манфӣ дорад, вале ифодаи *гӯрсӯхта мӯйсафед* ҳиссиёти баланди субъективиро доро буда, хосси забони гуфтугӯйист. Дар матн ин фарқи маъноӣ барҳам мехӯрад: *Дирӯз то ними шаб танҳо шолӣ тоза кардам,* ***гӯрсӯхта мӯйсафед*** *пушташиро гардонида хоб рафт, як бор нагуфт, ки чӣ кор карда истодаӣ, намедонам чӣ бало дорад, ин қадар бемеҳр шудааст (Адабиёт ва санъат, 27.08.2015); Танҳо дар ин даштӣ васеъ чӣ кор мекунӣ, о* ***мӯйсафеди гӯрсӯхта****атро нагуфтӣ, ки худаш биёяд, молҳояшро худаш шинохта ҷудо карда барад (Адабиёт ва санъат, 27.08.2015).*

Сифатҳое, ки таҳқиру мазаллатро ифода мекунанд, метавонанд чун муайянкунандаҳои чида истифода шаванд; обуранги ҳиссии онҳо ҳангоми истифодаашон пеш аз муайяншавандаи ***як*** боз ҳам зиёдтар мегардад: *Шумо ин хел фикр накунед, Мунаввар* ***як дилсоф одам*** *аст, ин қадар сол боз ҳамкорӣ карда, кина дар дил гирифтани ӯро ман надидаам (Адабиёт ва санъат, 14.05.2015) –* ***як дилсоф одам;*** *Муназзама аз ин гуфтугузор хабар ҳам надорад ва аз ӯ бадгумон шудан кори хуб нест, ӯ* ***як беозор инсон*** *аст (Адабиёт ва санъат, 12.03.2010) –* ***як беозор инсон****.*

Муайянкунандаҳои чида бо мақсади таъкиди хурдию ҳақирии муайяншаванда пеш аз он ҷойгир мешаванд: *Дар зери дарахти тут бо мақсади паноҳ аз боду борон* ***пойлуч духтарчае*** *меистод (Адабиёт ва санъат, 16.06.2015)*.

Барои ифодаи мафҳуми мазкур артикли *–**е***-и дар таркиби муайяншаванда буда низ мадад мерасонад. Як қисми ибораҳои исмии изофӣ пеш аз муайяншаванда омада, хусусияти рехтагӣ пайдо кардаанд, чунончи: ***рости гап****.* Аммо ибораи ҳаммаънои он ***гапи рост*** воҳиди фразеологӣ нест. Дар чунин ибораҳои ҳаммаъно дар бисёр маврид ҷузъи асосӣ бо исми хос ифода меёбад: *Шуморо гуфта* ***шербача Анварҷон*** *аз худи деҳа як гӯсфанд бардошта овард, боз чӣ мехоҳед? (Адабиёт ва санъат, 12.03.2010) –* ***шербача Анварҷон****.*

Пеш аз муайяншаванда – исми хос, ҷой гирифтани муайянкунанда дар ҳамаи мисолҳои овардашуда ба ғарази услубӣ вобаста аст. Бинобар ин, ҳангоми сохтани ибораҳои исмӣ на танҳо омилҳои семантикӣ, инчунин талаботи салосати калом низ ба назар гирифта мешавад. Дар ибораҳои исмӣ чун муайянкунанда на фақат сифатҳои аслӣ, балки сифатҳои феълӣ ва ибораҳои он низ истифода бурда мешаванд: *Бо шароб* ***мехӯрдагӣ андаке газак*** *гуфта гирифта овардам, бе ин ҳам намешавад (Адабиёт ва санъат, 12.03.2010)* ***- мехӯрдагӣ андаке газак****.*

Истифодаи сифати феълӣ чи бо алоқаи изофӣ ва чи алоқаи ҳамроҳӣ тибқи қонунияти забон сурат мегирад, истеъмоли ибораҳои сифати феълии препозитивӣ дар забони адабӣ (махсусан дар забони хаттӣ) кам вомехӯрад. Дар ин мавридҳо, одатан, ҷумлаи пайрави муайянкунанда истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, дар забон чунин қолабҳои ҳаммаънои ибораҳои исмӣ ба назар мерасанд:

(1) **“исм + -и + сифат”**: *одатҳои аҷоиб.*

(2) **“сифат + исм”**: *аҷаб коре.*

Ин қолаб бештар дар назм вомехӯрад ва ҷойивазкунии аъзои ҷумла дар он мувофиқи қонун аст. Онро зарурати таъкиди аломат, сохтори наҳвӣ ва талаботи услубӣ (оҳанги гуфтор) муайян мекунад: *Ҷойи кор таъйин, маош сари вақт меомад,* ***хуш ҳоле*** *доштанд мардум, танҳо ба қадраш мерасиданд, кифоя буд (Адабиёт ва санъат, 12.03.2010) –* ***хуш ҳоле****; Мошини хизматӣ дар зери по, ташвиши зиёдатӣ нест,* ***мухташам қасре*** *дар ихтиёр, давлат аз ин зиёд чӣ мешавад? (Адабиёт ва санъат. -12.03.2010) –* ***муҳташам қасре.***

(3) **“сифат + -и + исм”**: Ин қолаб дар асоси қолаби (2) аз рӯйи талаботи салосати нутқ ба вуҷуд омадааст. Дар ин навъ ибораҳо матлаб муассир ва воқеӣ ифода меёбад, аз ин рӯ, он ҳангоми дуои бад истифода мешавад: *Ба* ***ҷавонмарги Диловар*** *гӯй, ки афташро набинам, хешу табории мо тамом! (Адабиёт ва санъат, 27.03.2012) –* ***ҷавонмарги Диловар;*** *Сад бор ба ту гуфтам, ки ҳамин* ***сабилмондаи шароб****ро дигар нанӯш, охир ба ҷони худат ҷабр кардӣ (Адабиёт ва санъат, 10.07.2014)-* ***сабилмондаи шароб.***

Маводи забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ҷузъи тобеи ибораҳои исмӣ, ки бо категорияҳои муайяни калимаҳои ифодакунандаи аломат ё хусусият ифода шудаанд, маънии худро бо воҳиди номинативии додашуда маҳдуд накарда, балки ба сохтори ҷумла таъсир мерасонанд. Бинобар ин, чунин хулоса кардан ғалат аст, ки алоқаи изофӣ танҳо хосси воҳидҳои номинативист. Муайянкунанда пас аз муайяншаванда омада ва ба он бо воситаҳои гуногуни наҳвӣ алоқаманд шуда, дар ҷумла сатҳи сохтории муайянро ташкил медиҳад.

Имконоти услубии воҳидҳои номинативӣ дар забони тоҷикӣ доманадор буда, он махсусан дар забони зинда ва забони адабиёти бадеӣ падидор мегардад.

2. Омилҳои калимасозӣ. Ба вазифаи муайянкунандаҳои изофӣ ва беизофа чунин навъҳои калимаҳои сохта истифода мешаванд:

1) Калимаҳои ба мисли *аввалин (нахустин, якумин), охирин.* Ин калимаҳо бо мафҳуми луғавии худ (ифодаи тартиб ҳангоми шумур) барои ифодаи тақсимбандии актуалӣ хизмат мекунанд. Ҳангоме ки онҳо мавзуи баёнро ҷудо мекунанд, пеш аз муайяншаванда оварда мешаванд: *Бале, мардуми тоҷик фаромӯш нахоҳанд кард, ки 9 сентябр* ***нахустин рӯзе*** *буд, ки Тоҷикистон ба ҳастии мустақилонааш огоз бахшид (Адабиёт ва санъат, 12.03.2010)-****нахустин рӯзе****;* ***Аввалин иқдоме*** *буд, ки аз ҷониби мо анҷом дода шуд, аммо ҳоло касе аз он ёд ҳам намекунад, боке нест (Адабиёт ва санъат, 10.07.2014)-* ***аввалин иқдоме.***

Дар ин маврид муайяншаванда артикли – **е** гирифта, тавассути ҷумлаи пайрав шарҳи минбаъдаи аломатро талаб мекунад. Чунин муайянкунандаҳои беизофа вазифаи эзоҳдиҳандаро бар дӯш дошта, барои нишон додани ҳудуди семантикии он, ки маълумоти минбаъда бо ҷумлаи пайрав шарҳ дода мешавад, хизмат мекунанд.

Дар ҳолатҳои дигар ин калимаҳо аломати аввалин ё охирини ашёро таъкид менамоянд. Ин хусусияти услубиро ҳангоми муқоисаи ибораҳои зерин равшан дидан мумкин аст: *охирин саҳифаи китоб* ва *саҳифаи охирини китоб:* ***Охирин саҳифаи китоб*** *монд, як дам сабр кунед, ҳозир ба охир мерасонам, гуфтам-ку саҳифаи охирин, охирин, - таъкид кард Омина барои ба даст овардани боварии комили Меҳроб (Адабиёт ва санъат, 12.03.2010).*

Дар мисоли аввал муайянкунандаи ***охирин*** пеш аз муайяншавандаи ***саҳифаи китоб*** омада, задаи мантиқӣ гирифтааст. Ин ҷо равшан таъкид шуда истодааст, ки ҳамагӣ як саҳифа мондааст. Ҳангоми такрори ин матлаб ҳоҷат ба таъкиди он нест. Чунин муайянкунандаҳо пеш аз ҳар як муайяншавандаи чида такрор ёфта, таъкид мешаванд ва задаи мантиқӣ мегиранд: *Ин лаҳза ман агар дар канори ту мешудам, ин* ***аввалин гули сияҳгӯш****, ин* ***аввалин рамзи баҳор****ро ба зулфони зебои занҷирии ту мегузоштам, то ин баҳор ва сад баҳори дигар бо ҳам бошем (Адабиёт ва санъат, 21.04.2011)-* ***ин аввалин гули сияҳгӯш, ин аввалин рамзи баҳор.***

Дар ибораҳое, ки ҷузъи асосиашон исмҳои ифодакунандаи мафҳуми шахсу ғайришахс аст, калимаҳои ***аввалин, охирон*** ҳамчун аъзои мустақили ҷумла – муайянкунандаҳо хизмат мекунанд ва бештар пеш аз муайяншаванда, бе бандаки изофӣ меоянд: *Дари* ***охирин сарпаноҳаш*** *– хонаи падар ҳам ба рӯйи ӯ баста буд (Адабиёт ва санъат, 4.08.2011).–****охирин сарпаноҳ****,* ***аввалин тайёрӣ, нахустин достонҳо****,* ***якумин муаллим.***

Табиист, ки қолабҳои изофӣ низ дар забон вомехӯранд: ***Китоби навиштаи аввалинаш*** *“Нолаи мурғи саҳар” ҳам, аллакай, аз чоп баромада буд (Адабиёт ва санъат, 21.04.2011) –* ***китоби навиштаи аввалин****;* ***Маълумоти охирин****и аз сарчашмаҳо ба дастомада далели ин гуфтаҳост (Адабиёт ва санъат, 21.04.2011)-* ***маълумоти охирин****.*

Дар забони матбуот ин воситаи ифода хеле серистеъмол аст, ки он ба тамоюли махсуси инкишофи забон вобаста аст.

2) Сифатҳои нисбии аз зарфҳои замон ва пасвандҳои *– о, - ина, - ӣ, - гӣ (- ангӣ)*: *имрӯз, дирӯз, ҳозир, имсол;* аз таркибҳои *ҳар рӯз, ҳар сол, 16 соат, шаш – ҳафт соат,* аз ибораҳои *чанд рӯз, як шабу як рӯз* сохташуда. Ин сифатҳо бо исмҳои ифодакунандаи амал ё ҳолат алоқаманд шуда, давомнокии амалу ҳолат ё дигар мафҳумҳои замонии онҳоро, ки ҳамчун аломат ҳисобида мешавад, мефаҳмонанд. Ибораҳои бо чунин сифатҳо сохташуда ҳам изофӣ ва ҳам беизофа мешаванд: *ду–сесола таҳсил; мусофирати сесола; якҳафтаина музд: Натиҷаи* ***ду-сесола таҳсил****от, ин қадар азоб кашида хонданат чӣ мешавад, ту фикр накардӣ?! (Адабиёт ва санъат, 16.02.2012).*

Ҳаммаънои ин қолабҳо ибораҳои пурраи тафсилианд: *имрӯза воқеа; воқеаи имрӯз рӯйдода* ё *воқеае, ки имрӯз рӯй дод – Аз* ***имрӯза воқеа*** *хабар доред, ба шумо касе чизе нагуфт, нагуфт, ки ман дар байни мардум ӯро чӣ кор кардам? (Адабиёт ва санъат, 14.04.2011).*

Сифатҳое, ки маънои замонӣ доранд, метавонанд мафҳуми васеи ифодакунандаи ҷараёни амал, ҳолат ва вазъиятро дошта бошанд. Бо вуҷуди ин, байни ин сифатҳои бо пасвандҳо сохташуда фарқ мавҷуд аст. Чунончи: ***имрӯзангӣ*** назар ба сифати ҳаммаъноях ***имрӯза*** мафҳуми нисбатан танг ва мушаххасро ифода мекунад: *Кори имрӯзаро ба фардо магузор.*

Ин ҷо ибораи ***кори имрӯза****ро бо синонимаш* ***имрӯза кор*** иваз кардан мумкин аст, вале на бо ***имрӯзангӣ кор***. Сифати нисбии ***имрӯзангӣ*** хосси гуфтугӯ буда, ба меъёри забони адабӣ ҷавобгӯ нест. Дар забони адабӣ сифатҳои ифодакунандаи миқдор ва давомнокии замон, ки бо пасвандҳои зерин сохта шудаанд, истифода мешаванд:

1) ***–а*** – сифатҳое, ки замони дақиқро ифода мекунанд: *якрӯза роҳ, ҳикояти якшаба; Мошин ки омад, якрӯза роҳ дар як соат тай мешудагӣ гардид, ин навигариҳо боз ягон мушкили дигари моро осон мекардагиянд, албатта (Адабиёт ва санъат, 14.04.2011);* тахмин: *панҷ – шашсола хизмат, сӯзишвории ду – семоҳа, заҳри ҷудоии чандрӯза, чандсоата хоб – Бовар кунед, ин масҳи чанддақиқагии шумо баробари* ***хоби чандсоата*** *шуд (Адабиёт ва санъат, 27.05.2010);*

2) ***-ина*** *– якҳафтаина музд; чандрӯзина хӯрок;*

3) *–* ***ӣ****(-* ***гӣ****) Машаққати 16-соатаро лаззати 15-дақиқагии ифтор аз димоғҳо хоҳад бароварда; Бовар кунед, ин* ***масҳи чанддақиқаги****и шумо баробари хоби чандсоата шуд (Адабиёт ва санъат, 27.05.2010).*

Дар забон дар баробари ибораи *шаш – ҳафтсоатина роҳ* ифодаҳое ҳам вомехӯранд, ки дар онҳо ҳамбастагии шумораю исми ифодакунандаи мафҳуми замон ба назар мерасад: *шаш – ҳафт соат роҳ.*

Ҳамин тариқ, муносибатҳои ифодакунандаи замон тавассути қолабҳои зерин ифода меёбанд:

1. **“исм + -и + сифат (шумораи номуайяни миқдории касрӣ ё зарф) + (мафҳуми замон) + пасвандҳо (-** ***а, -ӣ (-гӣ), -ина, -ангӣ*****);”**

2. **“сифат + исм”**;

3. **“исм + -и + сифат”;**

4. **“исм + ки + ҷумлаи пайрави пуркунанда”.**

Дар силсилаи синонимии мазкур, вобаста ба ин ё он талаботи семантикӣ ва услубӣ, имконоти гуногуни ифодаи фикр зуҳур мекунад. Аммо роҳҳои дигари ифодаи мафҳумҳои замонӣ низ вуҷуд доранд: *ба як шаб иҷозат гирифта – якшаба иҷозат (иҷозати якшаба).*

Ҳамин тариқ, дар байни ибораҳои изофию беизофаи иборат аз сифатҳои мафҳумҳои замонии аломатро ба тарзи муъҷаз ифодакунанда ва ибораҳои сифати феълии ҳамин аломатҳоро муфассал баёнкунандаю ҷумлаҳои пайрав қаробате мавҷуд аст: ***Ҷанги якҳафтагии ҳамсояҳо*** *ҳам гузашт, ҳар ду тараф гӯё ором шуданд (Адабиёт ва санъат, 27.05.2010) –****ҷанги як ҳафта давомкардаи ҳамсояҳо****.*

Дар забони тоҷикӣ арзиш, дараҷаи зоҳиршавии аломат, ҳаҷм ва мафҳумҳои ченак бо роҳҳои мухталиф ифода меёбанд: *14 ҳазорсумина корҳо, якунимметра оҳану бетон.* Муқоиса кунед: *ҳазорсумина маблағ- ба маблағи ҳазор сӯм (ба миқдори ҳазор сум маблағ).* Байни ифодаҳои *як миллион сӯм зиён* ва *як миллион сумина зиён* чунин тафовутҳо мавҷуданд: Мисоли якум воҳиди коммуникативӣ буда, ҳаммаънои ҷумла аст: *Як миллион сӯм зиён дид.*

Мисоли дуюм воҳиди номинативӣ буда, маънои предикативӣ надорад. Аз ин рӯ, ифодаи *14 сумина корҳо* қобили қабул буда, ифодаи *14 ҳазор сум корҳо* фикри томро дар бар намегирад. Қонунияти калимасозии чунин навъи сифатҳо ҳам ба ҳамин зуҳурот алоқаманд аст: *намии ҳаждаҳ – бистфоиза*; муқоиса кунед ибораҳои: *ҳаждаҳ – бистфоиза намӣ* ва *намии ҳаждаҳ – бист фоиз.*

Ҳамин тавр, сифатҳои нисбии гуногун, ки бо ёрии пасвандҳо сохта шудаанд, чи дар ҳолати постпозитивии изофӣ ва чи препозитивии беизофа истифода мешаванд ва ба вуҷуд омадани силсилаи синонимӣ мусоидат мекунанд. Баъзе ҳолатҳои баҳснок дар ташаккул ва истифодаи қолабҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки пайдоиши вариантҳою қолабҳои ҳаммаънои наҳвӣ бевосита ба ҷараёни фаъоли грамматикии (калимасозӣ низ) таҳаввулоти забони адабии муосири тоҷик алоқаманд аст.

3. Омилҳои шаклӣ ва сохторӣ. Сифатҳои аслии ифодакунандаи андоза, ҳаҷм, ки бо ёрии пасванди ***-тарин*** дараҷаи олиро мефаҳмонанд, пеш аз муайяншавандаҳои ифодакунандаи ашё, ҳодиса, шахс ва ғайра истифода мешаванд. Дар ин маврид ашёи ифодакунандаи аломатҳои номбаршуда аз байни ашёҳои ҳамҷинсаш ҷудо карда мешавад; аз ин рӯ исми ба он мутобиқ дар шумораи ҷамъ истифода мешавад ё бо исми ҷомеъ ифода меёбад: *беҳтарин варзишгарон; калонтарин корхонаҳо.* Дар мисолҳои овардашуда аз байни намунаҳои ба ҳам монанд қисми ками онҳо ҷудо карда мешаванд; вақте аз байни ашёҳои ҳамҷинс яке ҷудо карда мешавад, исм дар шумораи танҳо меояд: *беҳтарин туҳфа.* Ба ҷудо кардани муайяншаванда бо аломати махсус дар чунин қолабҳо омилҳои зерин таъсир мекунанд:

а) **Мафҳуми луғавии сифати аслии чи ба маънои аслӣ ва чи маҷозӣ истифодашуда, ба бузургию муҳиммии ашё метавонад ишора кунад:** ***бузургтарин китобхона*** *– Ин махзани адаб* ***бузургтарин китобхона*** *дар Осиёи Миёна маҳсуб мешавад (Адабиёт ва санъат, 17.11.2011);* ***бузургтарин адиби туркман*** *– Ҳамин тариқ, ин асари муҳташами адабиёт бо дасти* ***бузургтарин адиби туркман*** *иншо гардид (Адабиёт ва санъат, 5.03.2012).*

б) **Инверсия.** Муқоиса кунед: *бадтарин қаҳрамонӣ; бадтарин гумон – Бадтарин гумони Наргис аз ман дидани ҳамин дуздӣ буд, ҳол ки он рӯз ман дар шаҳр набудам ва ин гуна "ҳунар" ҳам надоштам (Адабиёт ва санъат, 17.11.2011).*

в) **Истифодаи як қатор муайянкунандаҳои чида дар дараҷаи олӣ:** *аҷоибтарин, серошӯбтарин ва мароқангезтарин ҷо.*

Муайянкунандаи бо сифати дараҷаи олӣ ифодаёфта, ки пеш аз муайяншаванда ҷой гирифтааст, ба он ва ба ҳамаи муайянкунандаҳои баъд аз он омада тааллуқ дорад: *калонтарин марказҳои илмии Русия;* дар ҳолати постпозитивӣ ин қолаб чунин шакл мегирад ва он камистеъмол аст: *марказҳои калонтарини илмии Русия.* Вақте ки муайяншаванда бо дигар муайянкунандаҳои бо исм ифодаёфта тафсил ёфта бошад, муносибати ҷузъ ба кулл равшан ифода меёбад: *баландтарин қуллаҳои кӯҳ; беҳтарин фарзандони халқ; саховатмандтарин сарзамини ҷаҳон; дурахшонтарин рӯзҳои ҷавонии ман.*

Гарчанде ки байни муайянкунанда ва муайяншавандаҳои ***қулла*** ва ***кӯҳ, фарзанд*** ва ***халқ, сарзамин*** ва ***ҷаҳон, рӯзҳо*** ва ***ҷавонӣ*** таносуби маъноӣ нест, дар мисолҳои овардашуда муносибати ҷузъ ба кулл ба назар мерасад. Ҳангоми ифодаи муносибати ҷузъ ба кулл нақши ёварро калимаҳои *ҳисса, қисм, ҷузъ: камбағалтарин қисми аҳолӣ;* ғайр аз ин, муносибати ҷузъ ба кулл бо ёрии бандаки изофӣ низ ифода ёфта метавонад: *камбағалтарини аҳолӣ* ё *қисми камбағалтарини аҳолӣ.*

Чи хеле ки дар боло қайд шуд, дар баробари қолаби **"сифат + исм"** қолаби **"сифат + -и + исм"** ҳам мавҷуд аст: *Ман намедонистам, ки ин рӯз* ***хурсандибахштарин рӯзи зиндагии ман*** *аст (Адабиёт ва санъат. -17.11.2011)-* ***хурсандибахштарин рӯзи зиндагӣ****; Дар* ***гамангезтарин лаҳзаҳои ҳаёт****аш ҳам аз ту фаромӯш накардааст, дар гӯшаи хаёл ва хотироташ танҳо ту ҷовидона будӣ (Адабиёт ва санъат, 20.08.2015)- гамангезтарин лаҳзаҳои ҳаёт.*

Дар ҳар ду маврид ҳам аломати бо сифати дараҷаи олӣ (бо пасванди – *тарин*) ифодаёфта, бартарияти махсуси муайяншавандаро мефаҳмонад. Аммо дар қолаби изофӣ таъкид дар силсилаи ашёҳои якҷинса нисбатан муассир ва барҷаста ифода меёбад.

Фактҳои забонӣ шаҳодат медиҳанд, ки таъкиди шахс ё ашё тавассути ишора ба ягон аломати махсус низ сурат мегирад: *...****аз ҳама*** *дӯстони Акрам ӯ* ***ҷавонмардтар*** *аст (Адабиёт ва санъат, 20.08.2015) – аз ҳама ҷавонмардтар.*

Дар мисоли мазкур таркиби ***аз ҳама*** дараҷаи олии аломатро нишон дода, бо пасванди ***-тарин*** ҳаммаъност, муқоиса кунед: *...аз ҳама ҷавонмардтар ё ҷавонмард.*

Дар муқоиса бо алоқаи муъҷази изофӣ қолаби дар боло овардашуда нисбатан образнок аст. Ҳангоми истифода аз роҳи муъҷази ифода овардани дараҷаи олии сифат ҳатмист: *Зеботарин ва хушманзаратарин гӯшаи диёр зодгоҳи ман аст (Адабиёт ва санъат, 27.11.2014) -* ***зеботарин ва хушманзаратарин гӯшаи диёр****.*

Ҷудо кардани ашё аз гурӯҳи ҳамҷинсонаш бо ёрии пешоянди содаи ***аз*** ва пешояндҳои таркибии ***аз қабили, аз ҷумлаи*** ва ғ. бе ҷонишинҳои муайянии ***ҳама, тамом*** сурат мегирад: *аз ҷавонмардтарин дӯстон*. Асосан, чунин қонуният низ вуҷуд дорад: дар ҳолати препозитивии беизофӣ сифатҳои маҳдуд ба мисли *беҳтарин; наздиктарин; бузургтарин; баландтарин* дар алоқаи изофӣ гурӯҳи калонтари сифатҳо, ки дар шумораи ҷамъ омадани муайяншавандаро талаб мекунанд, истифода мешаванд.

Чунон ки қайд карда гузаштем, дар мавриди истифодаи сифатҳои дараҷаи олии чида маънои таъкид дучанд мегардад:

Ман ба ҳамаи шартҳои шумо розӣ мешавам, агар бароям имконияти дидор бо зеботарин, гулрухтарин, таннозтарину дар баробари ин, донотарин духтари дунёро бидиҳед (Адабиёт ва санъат, 24.11.2010).

Дар қолаби мазкур бештар такрори луғавӣ ё семантикии яке аз ҷузъҳои ибора ба назар мерасад: *Тозатарини қалбҳо қалби модар аст ва беолоиштарин муҳаббат муҳаббати модар (Адабиёт ва санъат, 24.11.2010).*

Такрори маънии айни ҳамон калима дар шаклу вазифаҳои гуногун чи дар вазифаи муайянкунанда ва чи муайяншаванда воситаи муҳим ва муассири услубӣ маҳсуб меёбад: *Ишқи ӯ барои ман аз маҳбубтарини маҳбубҳо буд (Адабиёт ва санъат, 24.11.2010).*

Ҳангоми истифода аз қолабҳои мазкур бояд бо кадом роҳ ифода ёфтани дараҷаи олии сифат ва таносуби маъноии ҷузъҳои худи ибора ба назар гирифта шавад. Агар

ибораи *дурусттарини сухан* матлабро саҳеҳ ифода кунад, ҳоҷат ба сохтани қолабҳои *дурусттарин сухан* ё *аз суханҳои дуруст сухани дурусттаринаш* нест.

4. Омилҳои сохторӣ-услубӣ. Чунон ки пештар қайд карда шуд, дар ибораҳои беизофии ба мисли ***дигар коре***, ***дигар чизе*** танҳо як ҷузъ ҷудо карда мешавад; дар баробари ин, калимаи ***дигар*** талаб мекунад, ки муайяншаванда бо ҷузъи мутаносиби дигар шарҳ дода шавад: *ба ғайр аз китобхонӣ дигар коре* (1) ва *ғайр аз китобхонӣ кори дигаре* (2) – *Ба ғайр аз порае нон* ***дигар хӯрдание*** *надоштем (Адабиёт ва санъат, 17.11.2010) – Ба ғайр аз порае нон* ***хӯрдании дигаре*** *надоштем.* Аз ин мисолҳо қолаби аввал бо ҷудо намудани мафҳуми ҷузъи асосӣ фарқ мекунад.

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ шеваҳои тасвири Қуръон, тафсир бо нақл ё аҳодис ва тафсир бо ақл каломи арабӣ ва баёни он забонро донистани шоирро шаҳодат медиҳад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо ҳамин тартиб, дар ғазал ба хутбаҳои бузурги арабӣ ва нузули оёти Қуръонӣ таваҷҷуҳ мекунад, зеро назарияи азим дар боби ишқ Қуръон ва ҳадис аст: ҳадис андешаҳои мухталифро ба Қуръон меафзояд. Оёти қуръонӣ ва ҳадис, ки маънои ҳақиқии онҳо нишонгари ишқ ба худованд аст, аз тариқи имон иброз мешавад.

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ анвоҳи истифодаи Қуръону ҳадис дар маъонӣ ва баён ташреҳ ёфтааст. Дар ғазали шоир маъонӣ ва баён барои баёни санъати адабӣ аз қабили истиора, маҷоз, ишора, талмеҳ, тамсил, иқтибос ва амсоли инҳо аз оёти қуръонӣ мисол овардан аст:

Ба мусҳафи рухсори ту хурдем қасамро,
Ҷуз мадди хаёлот накашам ҳеҷ рақамро.
Ҷон дар пайи савдои ту аз хеш чунон рафт,
Мушкил, ки қисмат барадаш хоби адамро… [9, с.259].

Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ зимни «сафар» нигошта шудааст: «сафар» ин ҳаракат аз ватан ба сӯйи мақсади хос, бо пушти сар гузоштани манзил аст. Яъне, барои руҳ маъонии ҳаракат аз ватан ба сӯйи мақсади хос ду мақсад: моддӣ ва маънавӣ аст:

То он бути танноз ба ман дар сухан омад,
Сад бор равон аз тану ҷон аз бадан омад.
Мо маҳви хаёли санами ҳурмисолем,
К-Озар зи рухаш бутшикану бутфикан омад.
Гуфтори ман лаззати шакаршиканӣ кард,
Мазмун бар он пистаи шакаршикан омад.
Аз ҷинси кудурат чи қадар буд ин ҷо,
Дар кулбаи ман боиси пинҳон шудан омад.
Эй маҳви тамошо, чи қадар ҳарзанигоҳӣ,
Як мижа тааммул, ки видои ватан омад… [9, с.314-315].

«Сафар» дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ низ чаҳоргона аст. Сафари аввал «аз халқ ба сӯйи Ҳақ» аст, ки дар ин ҳолат байни раҳраву ҳақиқати ӯ ҳиҷобу пардаҳо* вуҷуд доранд [10, с.14]. Аслан ин ҳиҷобҳо се қисманд: ҳиҷобҳои зулмонӣ (нафсонӣ), ҳиҷобҳои нуронӣ ва ҳиҷобҳои нуронии ақлӣ:

… Назокатҳои ҳуснат аз савдои хат ҳувайдо шуд,
Физояд нури маҳ, ҳар гаҳ фитад дар шоми зулмонӣ.
Агар хоҳӣ, ки нури дидаи аҳли назар бошӣ,
Чу шамъ аз хештан бигзар, шавӣ то шахси нуронӣ [9, с.386].

Яъне, ҳар гоҳе, ки раҳрав (инсон) аз ин се мақом болотар меравад, ҳиҷобҳои сегона низ аз байн мераванд. Бо аз байн рафтани ҳиҷобҳо раҳрав (раҳрави ҷамоли ҷалил) ҳазрати Ҳақро назора карда аз зоти хеш фано меёбад:

Шаш ҷиҳат гар бингарӣ, қонуни ибрат дар навост,
Гӯш мебояд кунад фаҳме, ки ин ғулғул чарост.
Зери домони тағофул ҷумла сар печидаем,
В-арна хоби ин ҳама ибраткаши роҳи фаност.
Сурати мижгонкушоӣ рамзи баъс ангехта,
Ҷунбиши боди нафас бар нафҳаи машҳар гувост.
Пардаи сози зуҳури мо фаноовозааст,
Нестиро худ далел аз рафтани савти садост [9, с.389].

Асари ҷустуҷӯи Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ буд, ки мероси гаронбаҳои ирфонӣ дар ғазали ӯ ҷилва дорад, ки мақоми расидани раҳравро ба мақоми баланди инсоният ва комёб шудани инсонро ба қудрати ҳазрати Ҳақ ва сайру сафари шаҳри ишқро дорад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ раҳрави ишқро ба сӯйи камол ҳидоят намудааст. Ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ранҷҳову дардҳоро, ки инсон (раҳрав) дар «сафари» душвори руҳонӣ устодона ва зебо баён намудааст, ки шарҳи матлаби он дар тасвир душвор аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ водии ишқро бо иродаи устувор шарҳ медиҳад ва онро душворбаён менамояд:

… Олами ҳастӣ барои хештан гум кардан аст,
Бар абас бошад таманнои халосӣ з-ин мағок.
Субҳ ҳамчу ман аз ин водӣ ба нокомӣ гузашт,
Як даме оҳе кашиду ҷайби ҳастӣ кард чок.
Суҳбати арбоби дунё нотавононро балост,
Синаи парвин зи меҳри чарх дорад иштибок …

* Ҳар монеае, ки боиси қабули таҷаллии Ҳақ таъоло дар байни ошиқу маъшуқ аст, ҳиҷоб аст. Ҳар он чизе, ки касе ё чизеро аз назари раҳрав пинҳон мекунад, дар ирфон парда меноманд (ниг. Саидҷаъфар Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғот ва истилоҳоту таъбироти ирфонӣ. – Теҳрон, 1370 ҳ.ш. – С.167).

Гавҳари дил дар тилисми обу гил гум гаштааст,
Дида гар равшан шавад, ойина аст аз занг пок.
Ҳар кас ин ҷо, Хоҷӣ, аз коре баландовоза аст,
Шуҳрати моро баландӣ доди хоҳи дарднок [9, с.343].

Пинҳон нагузоштани ишқ ба Худо дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ низ ҳиҷоб аст. Аслан пинҳон кардани ишқ ба Худо дар ғазали шоир раиҷ нест, зеро неруи ишқ аз ҳар неруи дигар боқудрат аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ султони ишқ аст, ӯ худро ба ин истеҳком ва субот мебахшад. Ӯ ҳеҷ гоҳ ишқи худро пинҳон намекунад, зеро забони ишқ забони ҳоли ғазалӣ Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аст. Ишқ бо қудрати маънавиаш ба қалби ӯ ғалаба дорад. Ҳар гоҳ, ки рози ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ фаҳмида мешавад, дарк мегардад, ки ишқ барои ӯ рашку ҳасад меоварад. Ҳарчанд, ки зикри номи ӯ оварда намешавад, аз фироқу ҷудоӣ тамоми аъзои бадани Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз овозаи ишқ меларзад. Пинҳон гузоштани ишқ, рози нигоҳдории исми ӯ аст, ки бо ақлу шур суруда мешавад:

Ба оламе, ки дар ӯ офтоб мебофанд,
Қумоши нур чу зуллат ҳиҷоб мебофанд.
Дар ин баҳор, ки турки хазон камонгир аст,
Зи ҷайби ғунча даридан ниқоб мебофанд…
Ба водие, ки нафас доғи норасоиҳост,
Зи ваҳми ташналабиҳо сароб мебофанд.
Чу мумкин аст ниҳон айби мо шавад, Ҳоҷӣ,
Чу шишаи кисвати мо беҳиҷоб мебофанд [9, с.297-298].

Инсоне, ки дар роҳи ҳақиқат руҳи қудсӣ дорад, нафси табии ва сиришти ӯ аз назари қудрат ва тавоноӣ бо руҳи қудсӣ неруманд аст. Нафс, ки ойинаи тамоми бадани инсон аст, дар мавқеи зарурӣ ва изтироб қарор мегирад, ҳамон руҳи қудсӣ аст. Агар ин руҳ қудсӣ намебуд, ҳеҷ гоҳ нафси инсон ба тавҳид канор намегирифт. Пас, хостаи руҳи қудсӣ бо таваҷҷуҳе, ки ба мақоме, ки дар нафс дорад, ҳиҷоб аст [13, с.201]. Бардоштани ин ҳиҷоб дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бисёр мушкил аст ва ҳар инсон наметавонад онро ба канор гузорад, зеро ҳиҷобро Ҳақ таъоло бо нури нубувват мунаввар сохтааст:

… Хушат бод, эй таманно, он бути паймоншикан имшаб,
Кулаҳ бишкаста, баҳри рухсати дидор меояд.
Баҳори офият дар боғи имкон нест нопайдо,
Ҳаводис дорад ошӯбе, ки бетакрор меояд.
Барои ганҷи дунё дасту пойи орзу бишкан,
Ки ангушти тамаъ ин ҷо ба коми мор меояд.
Чи ҳикмат дар мизоҷи фитрати олист одамро,
Ки шаҳбозест қудсӣ, дар пайи мурдор меояд… [9, с.313].

Инсон чун ориф ва худшинос, ки дар аҳкоми ишқ аст, дар мухолифат бо ҳиҷоб (парда) аст. Инсон ба худованд изҳори муҳаббат мекунад ва дар ин роҳ ба Худо дар итоат аст. Ин ҳолат дугуна аст, зеро дар муҳаббат ва ишқ вуҷуд дорад. Ошиқ хоҳони он аст, ки дар парда, ақлу руҳ ба Худо ашк бирезад:

Гар ба ин шур аст ашки дидаи гирёни мо,
Оламе дар об хоҳад рафт аз тӯфони мо,
Ҳеҷ асрори азал маълуми тӯри мо нашуд,
Фикри мо гумроҳи мову ақли мо ҳайрони мо.
Кай тавон дар парда монад рози мо пӯшида, кай,
Чун саҳар чоки гиребон аст то домони мо.
З-ин муаммо дил ба хун афтоду маънӣ во нашуд,
К-аз чӣ рӯ ин гушаи вайрона шуд зиндони мо…[9, с.257].

Ҳамин тариқ, дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҳиҷобҳои зиёде вуҷуд доранд, ки худовандро аз муҳаббаташ ҷудо мекунанд. Назарияи ҳиҷоб дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ва адабиёти ирфонии тоҷик бисёр машҳур аст, ки асоси он дар ҳадисе аст, ки чунин баён ёфтааст: «Ҳафтод ҳиҷоби нур аз зулмат инсонро аз худованд ҷудо мекунад. Модоме ки инсон ба мақоми ваҳдат нарасида аст, ҳиҷобҳои байни ӯ ва маҳбубаш

(худованд) аз миён намеравад»[†]. Баъзе ҳиҷобҳо латифтар ва нуронитар ҳастанд ва ҳар гоҳ инсони ошиқ ҳиҷобро медарад, сайъ мекунад, ки ҳиҷоби дигарро бидарад, то ин ки ба марҳилаи ваҳдат бирасад. Охирин ҳиҷоб ин аст, ки ошиқ замоне ки маҳбубашро интизор аст, зоти худро бояд бинад.

А Д А Б И Ё Т

1. Қодиров К. Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ. Ғазали ишқ / К. Қодиров. – Душанбе: “Нашри Камол”, 2020. – 248 с.
2. Қодиров К. Сайри ишқ дар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ / К. Қодиров. – Душанбе: Маориф, 2021. – 264 с.
3. Мирзо Абдулқодири Бедил. Сад барги ғазал. Интихоби Одинамуҳаммад Одинаев. Мирзо Абдулқодири Бедил. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 98 с.
4. Исрофилниё Ш.Р. Хамриёти Ҳофиз / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2010. – 164 с.
5. Салими Хатлонӣ. Тасвири най дар эҷодиёти Ҷалолиддини Румӣ / Хатлонӣ, Салим. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 102 с.
6. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт (Виростар ва созмондиҳандаи матн гиллазадаи Меҳронӣ ва Аминхуҷаи Абдураҳим) / Кангуртӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 346 с.
7. Суфиев Ш. Вино в персидско-таджикской литературе: эволюция смысла / Ш. Суфив. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 311 с.
8. Шайх Маҳмуди Шабистарӣ. Гулшани роз / Шабистарӣ, Шайх Маҳмуд // Муқаддима, тасҳеҳ, шарҳу тавзеҳоти Шодимуҳаммад Сӯфизода. – Душанбе: Дониш, 2015. – 298 с.
9. Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ. Ғазалистон. – Душанбе: Адиб, 2018. – 398 с.

Адабиёт бо забонҳои хориҷӣ (форсӣ)

10. Абдураҳимов Б. Ишқи илоҳи дар ирфони исломӣ / Б. Абураҳимов. – Теҳрон, 1388ҳ.ш. – 112 с.
11. Беҳруз Соҳиби Ихтиёрӣ. Ганҷинаҳои ирфони исломӣ / Ихтиёрӣ, Беҳруз Соҳиб // Маҷалаи “Кайҳони андеша”. – Теҳрон, 1371ҳ.ш. шумораи 13.
12. Ибни Арабӣ. Ишқ ва ирфон. - Теҳрон. 1375ҳ.ш. – 341 с.
13. Ибни Арабӣ. Маҷмӯаи расоили ирфонӣ. – Теҳрон. 1378ҳ.ш. – 341 с.
14. Саидмуҳаммад Ошно. Сухане аз боби ишқ / Ошно, Саидмуҳаммад // Маҷаллаи “Субҳи умед”. – Теҳрон, 1368ҳ.ш. – С.16-29.
15. Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ / Саҷҷодӣ, Сайид Ҷаъфар. – Теҳрон, 1370ҳ.ш. – 746 с.
16. Сируси Шамисо. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Шамисо Сирус. – Теҳрон, 1379ҳ.ш. – 246 с.
17. Саид Аббос Ҳусайни Қоиммақомӣ. Шарҳе бар сафари ишқ / Қоиммақомӣ, Саид Аббос Ҳусайн // Маҷалаи “Кайҳони андеша”. – Теҳрон, 1371ҳ.ш. шумораи 11. – С.24-39.

ТАСВИРИ БАДЕИИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҳамчун воситаи иртиботи инсон бо офаридгор таҷассум ёфтааст ва бо бадеияти ҷаззоб суруда шудааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чун пайрави ғазали Мирзо Абдулқодири Бедил ба тавсифи ишқ пардохтааст ва ғазалро дар асри XIX ба дараҷаи идеал расонидааст. Дар тасвири бадеии ишқ ирфон дар таҳаввулот ва такомули ғазал нақши муҳим дорад. Орифи аҳли дил ва соҳибзавқ Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ пайваста дар фазои хаёлот ва эҳсосот ғазали худро тавонист бо бадеияти зебову дилкаш эҷод кунад. Ғазали ирфонии ӯ бо шӯру шавқи худ василаи муҳимми таҷассуми андешаҳои ирфонӣ гашт. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ байни ишқ ва Офаридгор робитаи муштараки бадеӣ мушоҳида мегардад. Таъкид карда мешавад, ки ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ лутф ва зебоӣ, маънӣ ва вижагиҳои ирфонӣ дорад ва бо завқи ирфонӣ ба Офаридгор навишта шудааст. Ғазали ӯ ҷаҳд ва шӯри ғаноӣ дорад. Ғазали ғаноии ӯ маҳмили бештар барои эҳсоси ирфонӣ аст. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чизе, ки ҳамеша талошу таҷзияву муқовимат мекунад ишқ аст. Ишқ дар тасвири бадеӣ гиёҳест, ки таъсири шомили он ба зебоӣ ва ҳақиқат якдаста шудааст ва танҳо маҳзури Офаридгор аст. Ҳамин аст, ки дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мавзуи тасвири бадеии ишқ бо дарёфту шинохти Офаридгор, ғолибан бо забону ифодаҳои ирфонӣ баён мегардад. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ишқ ҷамоли офаридгор аст. Ишқ як усули иттиҳод ва фано аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ишқро бо забони дигар баён мекунад. Ҷамоли ишқ ёди Худост ва ҳар он чизе, ки дар олами зоҳир зебоист танҳо партавгузорӣ ва ҷамоли ёди Худост. Инсон ба сӯзи ишқи ӯ манзил мекунад, то аз диданаш ҷамол ёбад. Дар тасвири бадеии ишқ вазифаи инсон бо худаш ва бо ҷаҳон ва бо Худо баён меёбад ва аз ин ҷиҳат, ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ лафзи латиф ва маънии бадеии баланд дорад, ки дар он инсон дар сояи лутфи Офаридгор нишони хеш меёбад. Тафсирҳои ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо бадеияти хос ҷавҳари маънӣ дошта ҷилвадиҳандаи маънии ишқи ирфонӣ аст.

Калидвожаҳо: Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ғазал, ишқ, ирфон, инсон, Офаридгор, маънӣ ҷамол, симо.

ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ОПИСАНИЕ СУБСТАНЦИИ ЛЮБВИ В ГАЗЕЛИ ХОДЖИ ХУСЕЙНА КАНГУРТИ

[†]Раҳим Нажодсалим. Ваҳдати вуҷуд дар ирфони исломӣ / Маҷалаи «Кайҳони андеша». – Теҳрон, 1381 ҳ.ш., шумораи 41. – С.100.

«Любовь» в газели Ходжи Хусейна Кангурти выступает орбитой очеловечивания человекоподобных существ. Ходжи Хусейн Кангурти, как последователь Мирзо Абдулкодира Бедиля, воспевает любовь, и в XIX веке своим индивидуальным мастерство служил развитию газели. Ходжи Хусейн Кангурти воспевает «любовь», и газель в этом процессе играет более важную роль, так как и ирфан в немалой степени послужил развитию газели. Искренний ариф Ходжи Хусейн Кангурти сумел создать такую газель, которая служила ирфану, так как в газели между «любовью» и Богом возникала духовная взаимосвязь. Подчеркивается, что газель Ходжи Хусейна Кангурти глубоко содержательна и обладает другими свойствами высокой поэзии ирфанического содержания. Ходжи Хусейн Кангурти воспевает божественную любви, вместе с поэтическими толкованиями ирфанической символики. Газели Ходжи Хусейна Кангурти отличаются глубиной содержания и просветленной направленностью замысла, волнующего мелодичностью художественных особенностей и качествами как нельзя более необходимыми для описания ирфанических настроений. В ирфанической газели Ходжи Хусейна Кангурти, в центре событий, противоречий, и воспевания стоит любовь. «Любовь» Ходжи Хусейна Кангурти напоминает растение, внутреннее воздействие которого находится в связи с красотой и истиной, Творцом и человеком. «Любовь» в понимании Ходжи Хусейна Кангурти предстает красотою Бога, и все, что в реальном мире сотверено богом, таково. «Любовь» в газели Ходжи Хусейна Кангурти предстает своеобразным художественным способом восприятия, стремления к вечности, любовь присутствует во всевозможных актах рождения и творения. В газели Ходжи Хусейна Кангурти художественное описание Бога дано как красота, совершенная красота, что мысль о Боге совершенная красота любви и всякое проявление красоты в телесном мире – это лишь отражение этой мысли. «Любовь» в газели поэта - это космическая сила и внутренняя энергия разума, которая стремится к совершенству и воссоединению.

Ключевые слова: Ходжи Хусейн Кангурти, газель, любовь, ирфан, человек, Бог, смысл, красота, образ**.**

ARTISTIC DESCRIPTION OF THE SUBSTANCE OF LOVE IN THE GAZELLE OF KHOJA HUSSEIN KANGURTI

"Love" in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti acts as an orbit for the humanization of humanoid beings. Khoja Hussein Kangurti, as a follower of Mirzo Abdulkodir Bedil, sings of love, and in the 19th century he developed a gazelle with individual skill. Khoja Hussein Kangurti sings "love" and the gazelle plays a more important role in this process, because irfan has not only contributed to the development of the gazelle. The sincere arith of Khoja Hussein Kangurti managed to create such a gazelle that served the irfan, since a spiritual relationship was formed between “love” and God in the gazelle. It is emphasized that in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti is deeply meaningful and has other properties of high poetry of irfanic content. Khoja Hussein Kangurti praises divine love as well as poetic interpretations of irfanic symbolism. The gazelles of Khoja Hussein Kangurti are distinguished by the depth of content and the enlightened direction of the concept, the exciting melody of the artistic feature and the qualities that are most necessary for the introduction of irfanic moods. In the irfanic gazelle of Khoja Hussein Kangurti, love is at the center of contradictions, actions and chanting. "Love" by Khoja Hussein Kangurti resembles a plant, the internal influence of which is in agreement with beauty and true, through the means between the Creator and man. "Love" in the understanding of Khoja Hussein Kangurti appears as the beauty of God, and everything that appears as God in the real world is like that. "Love" in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti appears as a kind of artistic way of perceiving the striving for eternity, love is present in all kinds of acts of birth and creation. In the gazelle of Khoja Hussein Kangurti, the artistic description of God is portrayed as beauty, perfect beauty, that the thought of God, the perfect beauty of love and every manifestation of beauty in the bodily world is only a reflection of this thought. "Love" in the poet's gazelle is a cosmic force and internal energy of the mind, which strives for perfection and reunification.

Key words: Khoja Hussein Kangurti, gazelle, love, irfan, man, God, meaning, beauty, image.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор. **Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **Karimjon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

Сведение об автора: ***Кодиров Каримджон*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **Karimjon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

Information about the author: ***Kodirov Karimjon*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Karimjon@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

УДК: 8 Т 2 (075)

ВИЖАГИҲОИ АНВОИ АДАБӢ ДАР НАСРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Ӯлмасова З.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Истиқлолияти миллӣ тамоми рукнҳои ҷомеаро ба ҷунбиш овард. Дигаргуние, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик ба миён омад, ба адабиёт низ бетаъсир намонд. Дар ин давра сохт ва сифати адабиёт дигаргун гашт. Насри даврони истиқлол бо вуҷуди пайванди амиқ доштан бо адабиёти замони шӯравӣ тозакориҳоро ба худ касб кард. Ин дигаргуниҳо дар интихоби мавзуъ, мазмун, сабку услуб, шарҳи зиндагиномаи қаҳрамонон ва омилҳои дигар маълум гардид.

Жанрҳои ҳикоя, сафарнома, ёддошт, ки дар адабиёти форсу тоҷик маъмул буд, бо мавзуву муҳтавои нав ба адабиёти муосири тоҷик ворид гашт. Ҳанӯз дар солҳои 20 ва 30-юми садаи XX ба шарофати устод Садриддин Айнӣ ду жанри нави адабӣ, яке повест дигаре роман ба вуҷуд омад. Садриддин Айнӣ дар навиштани повест аз нависандаи Эрон Зайнулобидини Мароғаӣ «Саёҳатномаи Иброҳимбек» бардошт карда, дар эҷоди роман ба нависандаи араб Ҷурҷи Зайдон, ки силсилароманҳо дар бораи Муҳаммади пайғамбар (с)-ро ба миён овардааст, такя намудааст.

Дар даврони истиқлолият нависандагони тоҷик аз маҳорати нигорандагии Садриддин Айнӣ ва мактаби адабии вай бардошт намуда, ҳикоя, повест ва романҳои ҷолибро ба майдони адабиёт ворид сохтанд. Яке аз навъҳои маъмули адабӣ дар ин замон ҳикоя ба шумор мерафт, ки дар равнақу ривоҷи ин жанр Ӯрун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Ҷонибек Акобир, Сорбон, Баҳманёр, Равшани Ёрмуҳаммад, Муҳиддин Хоҷазод, Мубинҷон Юсуфӣ, Анвар Олим саҳми шоиста гузоштанд. Ҳатто бархе аз шоирони замони истиқлол Гулназар, Гулрухсору Фарзона, ки дар навиштани шеър маҳорати баланди шоирӣ доранд, ба наср рӯ оварданд. Онҳо бо сабку услуби хос ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик ва мардумони кишварҳои бурунмарзиро ҳам дар шакли ҳикоя ҳам дар шакли сафарномаву роман мавриди баррасӣ қарор доданд.

Баҳманёр дар адабиёти тоҷик яке аз аввалин нависандагоне буд, ки жанри нави ҳикоя-муамморо ба майдони адабиёт ворид сохт. Вай дар асари “Сармаддеҳ” шакл, мазмун ва муҳтавои тозаи тасвири воқеиятро ба роҳ монд. Таҳлилу ҷамъбасти бадеиро ҷустуҷӯ намуд, ки ҳикоя-муаммо натиҷаи ковишҳои вай ба шумор меравад. Ин навъи ҳикоя хонандаро ба фикр кардан водор сохт, ақлу заковатро ба ҳаракат овард, то моҳият ва ҷавҳари асосии муаммо дар ҳикоя кушода шавад.

Марҳалаи нави рушди повест дар адабиёти тоҷик ба солҳои истиқлолияти давлатӣ рост омад. Дар даврони истиқлолият озодии сухан густариш ёфт, мавзуъҳои мамнуъ дар адабиёт ва санъат боқӣ намонданд. Дар ин давра навъҳои гуногуни повест ба монанди повести ҷадид ё ҳозирамавзуъ, повести таърихӣ, мустанад, фантастикӣ, афсонавӣ, ҳаҷвӣ, повести моҷароҷӯӣ, лирикӣ ва ғайраҳо ба миён омаданд. Зиёдии миқдори повест ҳаргиз нишонаи футуроти мазмун ва мундариҷаи онро намедиҳад. Сабки фардии ҳар як нависанда ташаккул ёфта, самараҳои дилхоҳ ба бор овард. Ғановатмандии насри муосири тоҷикӣ дар адабиёти даврони истиқлол эҳсос гардид, ки он ба қалами Сорбон, Абдулҳамид Самад, Ӯрун Кӯҳзод, Ҷонибек Акобир, Аъзам Сидқӣ, Баҳманёр, Равшани Ёрмуҳаммад, Карорматуллоҳи Мирзо, Диловари Мирзо, Зариф Ғулом, Мирзонасриддин, Маъруф Бобоҷон, Давлатшоҳи Тоҳирӣ, Мубинҷон Юсуфӣ, Маҳкам Пӯлод, Муқим Воҳид, Матлуба Ёрмирзоева тааллуқ дорад.

Дар замони истиқлолият навъи пешрафтаи жанри адабӣ повести таърихӣ ба ҳисоб рафт. Бояд таъкид кард, ки дар ин давра повести таърихӣ сифатҳои тозаи худро ба зуҳур овард. Он хеле мушаххас гардид, ҳудуди дарбаргирии воқеаҳо муайян шуд, доираи ҷуғрофияи ин навъи адабӣ рӯшану возеҳ ба зуҳур омад, асосҳои воқеӣ ва мустанад пайдо кард, ҳаёт шахсиятҳои маълуму машҳури таърихӣ, сиёсӣ ва адабиро ба миён овард ва нависанда онро мавриди тасвир қарор дод. Повести таърихӣ моҳияти амиқи таҳлилӣ пайдо кард. Намунаи боризи он дар эҷодиёти Диловари Мирзо, Равшани Ёрмуҳаммад, Давлатшоҳи Тоҳирӣ ва дигарон равшан ба зуҳур омадааст.

Агар повести Диловари Мирзо “Борон изҳоро мешӯяд” воқеаҳои ибтидои қарни XX-ро фарогир бошад, “Данонир”-и Равшани Ёрмуҳаммад ҳодисаҳои соли 803 мелодиро таҷассум намудааст. Сужети повест мураккаб набуда, дар он рӯзгори ҳунарии санъаткори мумтоз Данонир нақл мешавад. Нависанда бо сабку услуби фардии худ ба таҳқиқи бадеӣ ва тасвири густурдаи на танҳо қаҳрамони марказӣ балки ба муҳити иҷтимоиву фарҳангии Бағдоди он замон рӯ овардааст.

Давлатшоҳи Тоҳирӣ дар повестҳои таърихии худ, ки ба дувоздаҳ адад мерасанд, рӯйдодҳои замони пеш аз истилои араб, лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ, замони Сомониён ва ҳаводиси зиёди таърихи кишвари тоҷикро баррасӣ намудааст. Повестҳои таърихии ӯ “Деваштич”, “Суғдидухтари уднавоз”, “Меванча”, “Дуои модар”, “Ситораи Рӯдак”, “Ишқи шаҳбону”, “Дарё ва шоир”, “Саъдиё! Шерозиё!”, “Дили Бедил”, “Ҳазрати Одам”, “Санги фалахмон”, “Апома духти Испетамон” бозгӯкунандаи таърихи миллати тоҷик буда, ба воситаи он хонанда ба ҳаводиси давраҳои гуногуни таърихи мардумамон ворид мешавад.

Дар баробари повест дар асри XX1 роман ба яке аз жанрҳои маъмултарин ва муҳташами адабӣ мубаддал гашт. Дар сӣ соли истиқлолият навъҳои зиёди роман ба миён омаданд, ки маҳсули эҷоди нависандагонро нишон медиҳад.

Дар даврони истиқлолият романҳои нав ё роман-модерн ба вуҷуд омаданд, ки фарогири якчанд замон ҳастанд. Жанри романи таърихӣ ҳамчун навъи пурғунҷоиши ҳамосавӣ пайваста таҳаввул меёбад, пеш меравад, воқеият, сужет ва қаҳрамонони нави таърихиро дар бар мегирад. Дар ин давра роман-модерн ба вуҷуд омад, ки аз якчанд хатти сужет иборат буда, ҳар яки он ифодакунандаи як, ду ё се давраи таърихӣ ба ҳисоб мераванд. Дар асоси доминантаи бадеӣ – ғояи асосии асар, ки қабои бадеӣ дар бар гирифтааст, се замон - замони тоисломӣ, давраи сомониён ва солҳои аввали истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ғунҷоиши вусъати замону маконро дар романи Ю.Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ғояи мубориза дар роҳи истиқлолияти миллӣ се замонро ба ҳам пайваста воқеабандии сужетро низ қавӣ гардонидааст.

Сужети романи Баҳманёр «Шоҳаншоҳ» (2007), ки низ пайванди замонҳои гузашта ва даврони моро дар бар мегирад, бештар дар заминаи тахайюли бадеӣ эҷод шудааст. Қаҳрамонони он - шоҳ Аршик, муқаррабони ӯ Комус, Зармеҳр, инчунин Аҳриман, Ҳурмузд, Ҷомосп, Меҳргон, Гардия ва ҳамзамонони мо Сито ва Чисто, ашхоси асотирӣ, нимасотирию нимтаърихӣ ва тахайюлӣ мебошанд. Ин аст, ки ӯ аз асарҳои таърихнависони асримиёнагӣ низ бо таҳрифоти зиёд истифода бурда, барои фаъолияти қаҳрамони худ фазои васеъ ва макони бепоён фароҳам овардааст. Баҳманёр ин вижагиҳоро махсусияти романи модерн ба шумор меорад ва дар анҷоми роман «Аз муаллиф» гӯён чунин менависад: «Ин роман бар ҳасабаи матолиби «романи нав» навишта шудааст. Аз ин рӯ, ба назари хонандагоне, ки бо ин раванд огоҳ нестанд, шояд каме ғайриоддӣ ва шигифтангез намояд. Хосса дар хатти дуюми роман, ки «торихӣ» менамояд, ман иқтибосҳои пӯшидаи айнӣ ва таҳрифӣ аз осори муаррихон овардаам ва сохтаву бофтаҳои худро бар он афзудаам» [3, с.160].

Вазифаи сужет эҷоди воқеаҳоест, ки дар худ мантиқи азобу изтиробу ҳаяҷони иштирокдорони роман ва муошират онҳоро фаро мегирад. Хушбахтона, сужети романҳо майлу рағбат ва мароқи хонандаро нисбат ба сеҳри ҳикоятҳое, ки дар онҳо тасвир мешаванд, ҷалб менамояд. Ҳикоятҳо дар сужет ба таври муътадил, бидуни дахолати муаллиф инкишоф меёфтанд.

Нависандагони тоҷик ҳаракат мекунанд, ки воқеаҳои бисёршумори сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар иртиботи ҳамдигар ба риштаи тасвир кашида, ҳаёти шахсии қаҳрамонони худ, олами зебои ишқу муҳаббати онҳоро низ дар риштаи сужет, нишон бидиҳанд.

В.Г.Белинский имкониятҳои бепоёни романро дар тасвиру таҳқиқи ҳаёти ҷомеа ба назар гирифта навишта буд:

«Роман и повесть стали теперь во главе всех других родов поэзии… это самый широкий, всеобъемлющий род поэзии; В нем соединяются все другие роды поэзии лирика как излияние чувств автора по поводу описаемого им события, и драматизм как более яркий и рельефный способ заставлять высказываться данные характеры. Отступления, рассуждения, дидактика, нетерпимые в других родах поэзии, в романе и повести могут иметь законное место» [5, с.371].

Аз таҳқиқи жанри роман дар ин давра муайян гардид, ки панҷ навъи маъмултарини ин навъи адабӣ вуҷуд дорад: романи таърихӣ, романи иҷтимоӣ, романи тарҷумаиҳолӣ, романи ахлоқӣ, романи психологӣ, ки онҳоро ба тариқи мухтасар шарҳу эзоҳ медиҳем:

1.Романи таърихӣ. Дар замони истиқлолият, ки сензура бардошта шуд, озодии сухан фаро расид. Худогоҳии миллӣ пайваста бо тафаккури таърихӣ инкишоф ёфт. Дар ин давра жанри романи таърихӣ на танҳо ривоҷ ёфт, дар ин жанр на фақат ҷаҳиши бесобиқа рух дод, балки вай мазмунан ва шаклан ҳам ғанӣ гардид, ки дар натиҷа анвои мухталифи он арзи ҳастӣ кард: романҳои таърихии сиёсӣ, иҷтимоӣ, биографӣ, публитсистӣ, ҳаҷвӣ, маишӣ, моҷароӣ ва ғайра ба миён омаданд. Романи таърихӣ махсусиятҳои худро дорост: Қабл аз ҳама, вай аксаран аз гузаштаи дур ҳикоят мекунад, ба гузаштаи наздик ҳам мурочиат менамояд, ба шарте, ки воқеаҳои тасвиршаванда моҳияти таърихӣ дошта бошанд. Мазмун ва характери замон, равандҳои асосии сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии он, муборизаи неруҳои гуногуни ҷомеа, бархӯрдҳои шадиди қуввахои дохилӣ ва хориҷӣ, ватанхоҳон ва истилогарон, зиддиятҳои равияҳои сиёсӣ, динӣ ва мазҳабӣ, азму талоши оммаҳои халқ, роҳбарони хирадманд ва фарзандони тавонои он дар ҷодаи истиқлолияти миллӣ, ҳақиқат ва адолати иҷтимоӣ ва бисёр масъалаҳои дигари тақдирсоз маҳз дар роман, бахусус романи таърихӣ, ғунҷоиш ёфтанд. Романи таърихӣ чунин шакли ҳамосавие гардид, ки воқеияти замонҳои қадим, гузаштаи дур, асрҳои миёна ва давраи навро дар нимаи аввали қарни XX объективона, реалистона, одилона ба риштаи тасвир кашида тавонист.

Шаклҳои нави романи таърихӣ ба тақозои тасвири воқеаҳои муҳимми таърихии халқи тоҷик, роҳҳои зиндагӣ ва талошу муборизаҳои шахсиятҳои таърихӣ, муҳити рӯзгори эшон, урфу одат, рафтору кирдор, руҳу равон, ахлоқу одоби давраи мушаххаси таърихӣ зуҳур нашуданд. Муҳимтарин вижагиҳои романи таърихӣ – тафаккури таърихӣ ва ҳаққонияти тасвири бадеии воқеият дар бисёр асарҳои нависандагони тоҷик равшану возеҳ ба назар мерасанд. Онҳо макону замони воқеаҳо ва характери одамон, бахусус қаҳрамонони худро, нағз ба инобат мегиранд, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар таълифоти худ руҳи замонро, хислатҳои хосси одамон ва муносибатҳои шахсию ҷамъиятии онҳоро ҳатталимкон инъикос намоянд.

Яке аз масоиле, ки дар романи таърихии замони истиқлол мавриди тасвир қарор гирифт, ин таърихи ташаккули давлатдории сирф тоҷикӣ мебошад. Ба эътибори муҳим будани мавзуи мазкур аҳли адаб ба мушаххасот ва ҳаводиси ин ҳодисаи муҳим бештар мутаваҷҷеҳ гардиданд, то омилҳои ин ҳодисаи муҳимми таърихиро дарк ва бозгӯ карда бошанд. Ташаккули давлати Сомониён ва поягузори он Исмоили Сомонӣ аз мавзуи муҳимми адабиёти муосири тоҷик, бахусус насри он будааст. Ба ифтихори 1100 – солагии давлати Сомониён романи Муҳаммадзамони Солеҳ «Девори Хуросон» (1999) интишор ёфт, ки ин аввалин асари бузурги хамосавӣ дар бораи кору пайкори асосгузори Давлати Сомониён амир Исмоил маҳсуб мешавад. Ва ин мавзуъ ҳусни таваҷҷуҳи дигар адибонро ба таърихи давлати Сомониён ва поягузори он бедор кард ва паси ҳамдигар романҳои Юсуфҷон Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» (2001) ва «Мунтасир»-и Аброри Зоҳир (2001) ба нашр расиданд. Ҳар кадоме аз ин навиштаҳои таърихӣ вижагиҳои ба худ хос доранд. Ҳарчанд ки дар маркази се романи мазкур таърихи Давлати Сомониён ва фаъолияти гуногунҷабҳаи амир Исмоил, муносибати тарафайни Насру Исмоил, воқеаҳои дарбори Самарқанду Бухоро, муҳити сиёсии он замон, усули давлатдорӣ, ҷангу ҷидолҳо барои ҳокимият, хислатҳои шахсии қаҳрамонони асарҳои номбурда, масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва монанди инҳо қарор гирифтаанд, аммо он романҳо аз ҳамдигар чи аз лиҳози гузориши мавзую муаммо, чи аз ҷиҳати ҳаллу фасли бадеии масъалаҳо, чи аз тариқи образофаринӣ ва сабки нигориш аз якдигар фарқ мекунанд.

Романи Сорбон «Достони писари Худо» чунон бузургҳаҷм аст, ки он ду муҷаллад ва шаш китобро фаро мегирад.

Асари Л.Толстой «Ҷанг ва сулҳ», ки бисёр муҳаққиқони рус онро роман-эпопея номидаанд, аз чаҳор ҷилд ва ҳабдаҳ қисм иборат аст. Манзараҳои ҳаёт ва набарду корзор, ишқу муҳаббат бо тамоми мураккабот ва тафсилоташ реалистона инъикос ёфтаанд. Аммо асари номбурдаи Сорбон на аз ҷиҳати ҳаҷм ҳамоса-эпопея ба шумор меояд, на аз фарогирии манзараҳои қаҳрамонӣ ва саҳнаҳои оммавӣ, балки сохтори жанрии он назар ба романи муқаррарӣ фарқ дорад. Вай тараққӣ карда, ба пояи сифатан нав расидани

романро ба исбот мерасонад. Роман-эпопея хусусиятҳои умда дорад, вай такомули ғоявию эстетикии роман аст. «Роман-эпопея – это произведения большого масштаба, в котором частная жизнь связана с историей народа, - справедливо пишет А.В.Чичерин.- В романе-эпопее сопоставлены и противопоставлены разные классы общества; при изображении смены поколений семья приобретает социальный, исторический смысл; в числе других изображены лучшие мыслящие люди своего времени, в сознании которых осмыслены и трагедии, и мечты их современников» [12, с.37].

Вижагиҳое, ки А.В.Чичерин нишон медиҳад, дар роман-эпопеяи Сорбон «Достони писари Худо» ба назар мерасанд. Асари Сорбон боз сифатҳои дигари наву тоза дорад. Дар он образи инсон дар байни воқеаҳои бисёр ноаён намегардад, балки комилтару мушаххастар мешавад. Ҳаҷми бузурги роман-эпопея имконият додааст, ки нависанда олами ботинии иштирокдорони онро рӯшан намояд, муомилаю муносибат ва иртиботи тарафайни онҳоро пурратар ба тасвир орад, Сорбон рангорангии давру замон ва мазмуну моҳияти онҳоро тавассути галлереяи образҳои инсонӣ нишон медиҳад. Талошҳо дар роҳи ба даст овардани ҳокимият ва ҷангҳо бо мақсади ҳокими мутлақи тамоми ҷаҳон шудан чеҳра ва хислатҳои Искандари Мақдунӣ ва ёрону ҳамсафони ӯро нопадид накарданд, балки рӯшантар ба зуҳур оварданд. Ҳаминро дар бораи шоҳони эронӣ ва дигар персонажҳои роман-эпопея низ гуфтан мумкин аст. Дар асари Сорбон ҷаҳонбинии одамон ва мақсаду муроди онҳо дар зиндагӣ низ инъикос ёфтааст. Аз ин лиҳоз, вай на танҳо вижагии таърихӣ дорад, балки моҳияти фалсафӣ низ пайдо кардааст. Шакл ва тарзи баёни роман-эпопея имконият додааст, ки хусусиятҳои таърихӣ ва фалсафии он пурратар намоён гардад. Таърихдонии нависанда ва афкори дақиқу рӯшани ӯ дар ин ҷода кумак кардаанд. «Достони писари Худо» ҳамчун роман-эпопея сервоқеа ва серсужет аст. Чунон ки дар «романҳои халқӣ»-и насри ривоятии форс-тоҷик ҳикоят андар ҳикоят, қисса андар қисса дида мешаванд ва тақдири қаҳрамонон низ ба ҳамдигар вобастаанд, ҳамин вижагиҳо дар асари ҳамосавии Сорбон низ ба назар мерасанд.

Афзунии матолиби ривоятӣ, таърихӣ, ёддоштҳои таърихшиносону мардумшиносон, аз як тараф, вусъати воқеаҳои тоза ва сужетҳои иловагӣ оид ба саргузашти қаҳрамони асосии асар, аз тарафи дигар, сабаб гардиданд, ки Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин қиссаро ривоҷ дода, ба роман табдил диҳанд. Дар натиҷа, романи таърихии «Шоҳроҳи абрешим» (2004, 2005) иборат аз ду бахш интишор ёфт. Беихтиёр суханони В.Г. Белинский ба ёд меояд, ки гуфта буд: «Наздик шудани санъат бо ҳаёт ва хаёл бо ҳақиқат дар асри мо махсусан дар романи таърихӣ ифода ёфтааст» [5, с.62].

Муаллифон ғарқи воқеаҳои таърихӣ ва мафтуни корномаҳои ватанхоҳонаи аҷдоди халқи тоҷик гардиданд. Асарҳои худро таҳти унвони «Асрори таърих» эҷод намуда, силсилаи романҳои таърихӣ офариданд, ки китоби сеюми он «Садди Суғд» (2004) ва китоби чаҳорумаш «Дижи Хатлон» (2005) ном доранд. Соли 2007 нависандагон романи таърихиеро бо номи «Озар из Устурушаны или Меч Спартака» ва соли 2012 асари таърихии «Ошибка Тамерлана»-ро низ аз дасти таълиф баровардаанд.

2. Романи иҷтимоӣ. Дар навишти романи иҷтимоӣ нависанда бояд ҳам пажӯҳишгар ҳам сиёсатмадор бошад. Муҳимтар аз ҳама, ӯ ба ҳаводиси наве, ки дар ҷомеа ба миён меояд, бодиққат бошад. Вижагиҳои ин навъи роман аз он иборат аст, ки мафҳум, моҳият ва масъалаҳои ҷомеа дар дарунмояи ин навъи роман корбаст мешаванд.

Абдумалик Баҳорӣ, Абдулҳамид Самадов, Сайф Раҳимзоди Афардӣ, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Карорматулло Мирзоев, Ҷонибек Акобиров, Мансур Суруш, Абдурофеъ Рабиев, Муллонасриддин, Равшани Ёрмуҳаммад ва дигарон осори худро ба ҳаёти иҷтимоии мардум бахшида, муаммоҳои замонро дар асарҳояшон инъикос намудаанд. Кӯшишҳои эҷодиву бадеии Карорматуллоҳи Мирзоро мусаввири иҷтимоъгаро низ мегӯянд. Дар аксарияти асарҳои худ нависанда кӯшиш мекунад, ки гоҳо ба тавассути барҳӯрдҳои иҷтимоӣ ва гоҳо низоъҳои моҷароӣ баъзе ҳолатҳои тақдири инсони муосирро мунъакис намояд ва барои мақсади худ услуби моҷароиро дар «Шабе дар Кабудҷар» интихоб мекунад.

Романи «Дар орзуи падар»- и Карорматуллоҳи Мирзо дар мавзуи зиндагии иҷтимоӣ ва русуми мардумӣ таълиф шудааст. Муҳити иҷтимоӣ ва маънавӣ дар ин асар монанди дигар таснифоти Карорматуллоҳи Мирзо аз ҳаёти мардуми деҳот, аз моҷароҳои оилавӣ, тинату хислати афроди замони мо сар задааст. Мавзуи асосии асар ба моҷарои заношӯӣ,

хонадорӣ ва тақдири фарзанд пайваста буда, лаҳзаҳои асосии он дар аксари мавридҳо дар шакли наву тозае тасвир шудаанд. Риштаи воқеии асар аз оғози хонадории Нозимии рӯзноманигору нависанда бо Мушарраф ном дӯшизаи ҷавон, ҷудо шудан ва издивоҷи навашон, инчунин, вазъи зиндагонии фарзандони онҳо- Меҳрубону Мижгон пайваст гардидааст.

Нависанда дар романи зикршуда се гурӯҳи одамонро ҳамчун ашхоси маъмули замон ба тасвир гирифтааст. Модароне, ки чашмашон аз меҳри фарзанд нобиност, оқибат хатои авфнопазир содир менамоянд. Дигар, ашхосе, ки танҳо манфиати шахсӣ меҷӯянд ва сеюм, одамони сахтдил, якрав ва худбин, ки ҷуз худ атрофиёнро намебинанд. Дар шахсияти ин се гурӯҳ нависанда нуқтаи назари худро нисбати муҳити иҷтимоӣ, фаҳмиш ва тафаккури афрод ифода кардааст. Вай нисбати инсони муосир, фаҳмиш ва сарнавишти ӯ, ахлоқи ӯ назари танқидӣ дорад ва нуқсонҳои зиндагӣ ва ахлоқи гурӯҳеро мазаммат мекунад. Мавзуи асосии асари Кароматуллоҳи Мирзо - «Дар орзуи падар» тасвири зиндагии афроди як оила дар муҳити иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосир буда, дар он моҷароҳои заношӯӣ, муаммоҳои оила ва тақдири фарзандон хеле муассиру боварибахш мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Дар асоси сюжети асар ва бандубасти дохилии он тақдири як оила ва дар симои он оилаҳои ба ин монанд ва оқибатҳои фалокатбори он гузошта шуда, ба ин маънӣ қиссаи мазкур тасвири фоҷиаест, ки ба сари оилаи Нозимию Мушарраф омада ва ба ҳалокати маънавӣ оварда расонидааст. Беҳуда нест, ки ҳанӯз аз оғози китоби якуми «Дар орзуи падар» бӯйи оғози фоҷиа меояд.

Нависандагони ин даврон дар асарҳояшон нишон медиҳанд, ки дар мавридҳои мушаххас ва вазъиятҳои мураккаби зиндагӣ мафҳумҳои одаму одамгарӣ, масъалаҳои некию накукорӣ, меъёрҳои ҳалолию покизагӣ, фаҳмиши нангу ор, ченакҳои шарафу номус ва пойдории ахлоқи ҳамидаю одоби писандида дар бархӯрд алайҳи бадию зиштӣ, разолату хиёнат, душманию адоват, рашку ҳасад, ҷаҳлу торикӣ ва зулм хосиятҳои тоза кашф намуда, арзишҳои навро ба вуҷуд меоранд, андозаҳо тағйир мепазиранд. Ин намуди тасвирпазирӣ дар насри замони истиқлол барҷаста ҳувайдо гардида, симои қаҳрамонҳо, хислату характери онҳо тавъам бо ҳаёти иҷтимоӣ созгор омадааст.

3. Романи тарҷумаиҳолӣ - ё романи ҳасбиҳолӣ яке аз навъҳои мураккабтарини роман ба ҳисоб меравад. Сужети ин гуна асарҳо маҳз робитаи қаҳрамонро бо ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар, муносибатҳои тарафайни ашхосе, ки ба синф ва табақоти гуногун мансубанд, нишон медиҳад. Хусусияти ин жанр дар он аст, ки вай на танҳо рӯзгори шахси алоҳидаро фарогир аст, балки замон, ҳудуди ҷуғрофӣ, воқеаҳои дар он замон ба вуқуъ пайвастаро инъикос мекунад.

Дар романҳои биографии тоҷикӣ ҳаёти хусусии қаҳрамонон, эҳсосоти ошиқона ва умуман муносибати ошиқу маъшуқ дар даврaҳои то истиқлолияти миллии Тоҷикистон бояду шояд ба тасвир намеомад, дар сужет ҷойгоҳи шоиста надоштанд.

Романҳои биографӣ дар бораи шахсиятҳои бузурги таърихӣ аз маҳдудаи ҷараёни зиндагии онҳо хеле берун мебароянд, ҳаёти мураккаб ва густурдаи ҷомеаро фаро мегиранд, мавзуву масъалаҳои бузурги давлатиро аз лиҳози бадеӣ ба тасвиру тадқиқ мерасонанд, ташаккули халқ ва манфиатҳои миллии онро баррасӣ менамоянд.

Ҷараёни зиндагӣ, мавқеъ ва мақоми шоирон дар ҳаёти ҷамъият, дахолат ва иштироки фаъолонаи онҳо ба корҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, риштаҳои ошиқонаи эшон ё муносибатҳои ошиқонаи дигарон нисбат ба онҳо ба романҳои таърихӣ сужетҳои нав ворид намуда, драматизми онҳоро тезу тунд гардондаанд.

Дар адабиёти замони истиқлол як силсила романҳои биографӣ дар бораи шоирони бузурги тоҷик ба майдон омаданд, ки вижагиҳои тозаи романи таърихиро нишон медиҳанд. Шубҳае нест, ки муаллифони ин гуна романҳо аз таҷрибаи адабии С.Улуғзода («Фирдавсӣ») ва Р.Ҳодизода («Ситорае дар тирашаб», «На ситораҳо мерезанд») бебаҳра намондаанд. Ҳамзамон онҳо кӯшиш ба харҷ додаанд, ки чи дар мундариҷа ва чи дар шакли осори худ нақше аз навҷӯиҳо ба кор бурда бошанд. Асарҳои А.Сидқӣ «Пайроҳаи қисмат» ва «Захми қасос», Сорбон «Туғрал», Р.Ёрмуҳаммад «Ишқи Рӯдакӣ» аз ҷиҳати сохт ва банду баст, сужет ва таҳаввули он, тасвири олами маънавӣ ва муносибатҳои ишқии қаҳрамони асосӣ назар ба романҳои таърихе, ки дар бораи Исмоили Сомонӣ, Искандари Мақдунӣ навишта шудаанд, фарқ мекунанд.

М.Бахтин, адабиётшиноси маъруфи рус, дар бораи сужети романҳои биографӣ ва робитаи он бо ҳаёти қаҳрамони асар изҳори фикру андеша карда, чунин менависад: «Между характером героя и сюжетом его жизни должно быть глубокое органическое единство. На нем зиждется биографический роман. Герой и окружающий его объективный мир должны быть сделаны из одного куска» [2, с.116].

Агар аз ҳамин нуқтаи назар ба романи Аъзам Сидқӣ «Пайроҳаи қисмат» назар афканем, мебинем, ки байни характери Камоли Хуҷандӣ ва сужети ҳаёти ӯ ягонагии қавӣ мушоҳида намешавад. Зеро Камоли Хуҷандӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии мамлакат фаъолона дахолат намекунад, душманонаш бо супориши ҳокими Хуҷанд маҳбубаи шоирро ба нобудӣ расонда бошанд ҳам, осори шӯру исёне дар рӯзгори ӯ падид наомад [7, с.66].

Таҷрибаи тараққиёти романи таърихӣ ва аз он ҷумла яке аз навъҳои он романи биографӣ, ба исбот мерасонад, ки сужети онҳо маҳз робитаи қаҳрамонро бо ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар, муносибатҳои тарафайни ашхосе, ки ба синф ва табақоти гуногун мансубанд, ташаккулу тараққиёти қаҳрамон ва тақдири онро дар бар мегирад.

Сужети зиндагиномаи қаҳрамон дар робита бо манзараҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, фарҳангӣ, воқеаҳои драмавӣ ва романтикӣ ба риштаи тасвир меояд. Сужети романи Сорбон «Туғрал» [11] аз воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ, романтикӣ, драмавӣ ва фоҷиавӣ фароҳам омадааст. Хизмати шоир Туғрал дар кумитаи замин-манзараи иҷтимоӣ, ҳамкориаш бо ҳукумати нави шӯравӣ ва сарбозону қумондонҳои инқилобӣ-воқеаи сиёсӣ, муошиқати ӯ бо маҳбубаи самарқандӣ Тӯтихон қиссаи романтикӣ ва қатли шоир фоҷиаи ҳақиқист. Ин фоҷиа танҳо аз бадқасдона кушта шудани Туғрал иборат нест, балки ҷанги дунёи наву куҳна, набарди бунёдкорони ҳаёти нав ва неруҳои сиёҳи иртиҷоӣ ба шумор меояд. Нависанда имкониятҳои романи биографиро васеъ карда, дар сужети он ҳамаи воқеаҳои номбурдаро ғунҷонида тавонистааст.

4. Романи ахлоқӣ. Ин навъи роман аз даврaҳои пешин арзи ҳастӣ кард ва он дар тамоми адабиёт эътироф шудааст. Романи мазкур дар тули солҳои мавҷудияташ дигаргуниҳои зиёдеро паси сар карда, ба масъалаҳои воқеии рӯзгор наздиктар шуд. Муҳаққиқон даъват ба амал меоранд, ки вазифа ва шакли романи ахлоқиро якгуна карда, мавзуъ ва муҳтавои онро бо замони имрӯз, яъне дар шароити нави фарҳангӣ баррасӣ кунанд.

5. Романи психологӣ. Романи психологӣ як жанри адабиест, ки ҳадафи муаллиф омӯзиши «ҷаҳони ботинии инсон» аст. Нависанда дар тасвири ин навъи роман бояд санъати руҳшиносиро корбаст намояд. Махсусиятҳои романи мазкур тасвиру таҳлили ҳолатҳои руҳӣ, хислату характер, равишу амал, олами маънавӣ, фикру андеша, эҳсосоту ҳаяҷон – хулоса диалектикаи руҳи инсон аст.

Насри бадеии тоҷик дар ин давра, махсусан, дар арафаи қарни XXI ба бисёр сифатҳои хуби услубиву бадеӣ соҳиб гаштааст. Бавижа, падид омадани равияҳои нави услуби бадеӣ, вусъат ёфтани навъҳои тасвири психологӣ, омезиш додани унсурҳои тасвири романтикиву реалистӣ, зиёдтар таваҷҷуҳ намудан ба олами ботинии инсон, истифода аз арзишҳои маънавии халқ, ба кор бурдани ҷузъҳои таркибии устуравию ривоятӣ дар дохили сюжет ва ғайраҳо аз ҷумлаи он сифатҳои навоваронае мебошанд, ки дар ин давра тамоми эҷодиёти нависандагони тоҷикро фаро гирифта, боиси пешрафти адабиёти муосир гардидаанд. Дар ин замина, махсусан, кӯшиши адибони ин давра Абдулҳамид Самадов, Сайф Раҳимзоди Афардӣ (руҳаш шод бод), Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Карокатулло Мирзоев, Ҷонибек Акобиров, Мансур Сурӯш, Абдурофеъ Рабиев, Равшани Ёрмуҳаммад ва дигарон хеле зиёд аст. Нависандагони фавқуззикр бо дилу назари тоза ба воқеоти иҷтимоӣ ва маънавии муосир назар андӯхта, муҳимтарин муаммоҳои ҳаёти муосирро бо ҳама ихтилофҳояшон зери тасвири бадеӣ қарор додаанд ва дар тарзи тасвир ва кушодани хислату характери муосирони мо ба муваффақиятҳои калон ноил гардидаанд.

Сохтани сужети психологӣ душвор аст, аммо дохил намудани унсурҳои моҷаройавантюрӣ ба нависандаи соҳибистеъдод даст медиҳад. Бинобар ин, Равшани Ёрмуҳаммад се риштаи сужет мураттаб сохтааст, ки аз психологизм барӣ бошанд ҳам, каме воқеаҳои авантюриро дар бар гирифтаанд. Риштаи якум муносибати Рӯдакӣ ва Арғушт. Бачагӣ ва наврасии онҳо дар Панҷрӯд гузашта, духтарак бо мурури вақт ба Рӯдакӣ ошиқ мешавад,

вале шоир ишқи ӯро напазируфт. Ин як сужети маҳзуни холӣ аз драматизм аст, зеро Арғушт низ духтари фаъол нест. Ӯ дар ишқи Рӯдакӣ пир шуда бошад ҳам, ҳолатҳои руҳӣ-психологии ӯ рӯшану барҷаста ба тасвир наомадааст.

Риштаи дувуми сужет аз меҳру муҳаббати тарафайни Рӯдакӣ ва Лола иборат аст. Ишқи онҳо ва ҳусни Лола дар байни мардум овоза пайдо кард. Вазъиятҳои драмавӣ дар байни Рӯдакӣ ва Лола дида намешаванд, ба ишқи онҳо касе халал намедиҳад, вале ошиқу маъшуқ ба мурод нарасида, ногаҳон воқеаи авантюрӣ-моҷароӣ рух медиҳад: рақиби ноаён Лоларо медуздад ва ӯ дигар пайдо намешавад. Дар ин сужет, мутаассифона, азоби рӯҳии Рӯдакӣ хуб тасвир наёфтааст.

Меҳру муҳаббати Рӯдакӣ ва Гулсум, канизи зархариди Рӯдакӣ дар аввалҳои шиносоӣ ва ҳамчун каниз дар хонаи шоир ба сар бурдани духтар хуб ба тасвир меояд, зеро Гулсум бо Лола як себу ду тақсим буд. Вале ба висоли ҳамдигар расидан ва зиндагии оилавии онҳо дар роман танҳо ишора мешаваду бас. Ҳиссиёту ҳаяҷони мусалсали эмотсионалӣ, ки вижагии намоёни романҳои ошиқона мебошанд, дар романи «Ишқи Рӯдакӣ» возеҳ ба қалам наомадаанд.

Тасвирҳои Равшани Ёрмуҳаммад, бар хилофи тасвири манзараҳои пурҳаяҷон ва драмавии ошиқона дар романҳои Сорбон, мелодрамавӣ мебошанд. Ҳолатҳои психологӣ низ примитивӣ буда, эҳсосот ва тарафайни ошиқу маъшуқ сода ва ҳатто содалавҳона (муносибати Арғушт ва Рӯдакӣ) [6] ба назар мерасанд.

Дар се сужети ишқӣ, ки баррасӣ шуданд, на ҳаракатҳои чашмрас, на шӯру шар, на ҷазабаю ҷунуни ошиқона ба тафсил тасвир нашудаанд.

Бо камоли бовару эътимод метавон гуфт, ки махсусиятҳои жанри замони истиқлол дар навъҳои гуногуни адабӣ, махсусан романи таърихӣ, дар даҳаи охири асри XX ва даҳаи аввали қарни XXI ба пояи баланди тараққиёт расид. Вай комёбии назарраси адабиёти тоҷик дар давраи истиқлолияти миллӣ ба шумор меояд. Дар давраи ҳозира нависандагони таърихнигор мавзуъ ва масъалаҳои тозаи таърихиро, ки то имрӯз мавриди тасвиру таҳқиқи бадеӣ қарор наёфта буданд, ба адабиёти бадеӣ ворид намуда, имкониятҳои жанрҳои адабиро боз ҳам тавсиф мебахшанд.

Дар хулоса ҳамин нуктаро бояд қайд намоем, ки мо дарунмояи жанрҳои адабиро дар иртибот бо ҳунари нигорандагии нависандагон мавриди баррасӣ қарор додем. Аммо баррасии ғанои жанрӣ, дар сабку услуби фардӣ эҷод шудани асарҳо ва забону тарзи баёни хосси анвои адабӣ бозгӯкунандаи ҷустуҷӯҳои самарабахши адибони тоҷик ва омодагии онҳо ба бозёфтҳои ҳунарии нав ба нав маҳсуб мешаванд, ки дар ин роҳ ба онҳо тавфиқ мехоҳем.

А Д А Б И Ё Т

1. Бахтин, М.М. Вопросы литературы и эстетики: исследования разных лет / М.М. Бахтин. - М.: Худ. лит., 1975. – 504 с.
2. Бахтин, М.М. Проблемы поэтики Достоевского / М.М. Бахтин. – М.: Советская Россия, 1979. – 318 с.
3. Баҳманёр. Шоҳаншоҳ / Баҳманёр. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 262 с.
4. Белинский, В.Г. Несколько статей: Письмо к Гоголю / В.Г. Белинский. – Сталинабад: Таджгосиздат., 1961. – 86 с.
5. Белинский, В.Г. Собрание сочинений: в 9т. / В.Г.Белинский – М.: Худ. лит., 1982. – 8 т.
6. Ёрмуҳаммад, Р. Ишқи Рудакӣ / Р.Ёрмуҳаммад. – Душанбе: Афсона, 2008. – 360 с.
7. Сидқӣ, А. Пайроҳаи қисмат / А.Сидқӣ. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1997. – 271 с.
8. Солеҳ, М. Девори Хуросон / М.Солеҳ. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 339 с.
9. Сорбон. Достони писари Худо. Дар 2 ҷ. – Душанбе: Адиб, 2005. - Ҷ.1. – 704 с.
10. Сорбон. Достони писари Худо: дар 2 ҷ. – Душанбе: Адиб, 2005. - Ҷ.2. – 627 с.
11. Сорбон. Куллиёт: Зарафшон, Туғрал. -Ҷ.VI. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 432 с.
12. Чичерин, А.В. Возникновение романа-эпопеи / А.В. Чичерин. – М.: Советский писатель, 1975. – 375 с.

ВИЖАГИҲОИ АНВОИ АДАБӢ ДАР НАСРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Муаллифи мақола таъкид бар он дорад, ки дар даврони истиқлолият нависандагони тоҷик аз маҳорати нигорандагии Садриддин Айнӣ ва мактаби адабии вай бардошт намуда, ҳикоя, повест ва романҳои ҷолибро ба майдони адабиёт ворид сохтанд. Яке аз навъҳои маъмули адабӣ дар ин замон ҳикоя ба шумор рафт, ки дар равнақу ривоҷи ин жанр нависандагони зиёде хизмати шоиста намуданд. Баҳманёр аз аввалин нависандагоне буд, ки дар адабиёти тоҷик жанри нави ҳикоя-муамморо ба майдони адабиёт ворид сохт. Муаллифи мақола дар баробари повест дар асри XXI романро ба яке аз жанрҳои маъмултарин ва муҳташами адабӣ мубаддал гаштанашро таъкид сохт. Дар сӣ соли истиқлолият навъҳои зиёди роман ба миён омаданд, ки маҳсули эҷоди нависандагонро нишон медиҳад. Дар даврони истиқлолият романҳои нав ё

роман-модерн ба вучуд омаданд, ки фарогири якчанд замон ҳастанд. Дар хулосаи мақола қайд шудааст, ки дарунмояи жанрҳои адабиро дар иртибот бо ҳунари нигорандагии нависандагон мавриди баррасӣ қарор дода, баррасии ғинои жанриро дар сабку услуби фардӣ эҷод шудани асарҳо ва забону тарзи баёни хосси анвои адабӣ бояд донист.

Калидвожаҳо: насри замони истиқлол, анвои адабӣ, вежагиҳои ҳикоя, махсусиятҳои повест, романҳои таърихӣ

ХАРАКТЕРИСТИКА ЛИТЕРАТУРНЫХ ТИПОВ В ПРОЗЕ ЭПОХИ НЕЗАВИСИМОСТИ

Автор статьи подчеркивает, что в период независимости таджикские писатели, приняв мастерство Садриддина Айни и искусство его литературной школы, внедрили в область литературы интересные рассказы, повести и романы. Одним из самых популярных видов литературы в это время был рассказ, в котором многие писатели внесли значительный вклад в развитие этого жанра. Бахманёр был одним из первых писателей, представивших новый жанр повествования в таджикской литературе. Наряду с повестью автор статьи отметил, что в XXI веке роман стал одним из самых популярных и престижных литературных жанров. За тридцать лет независимости появилось множество типов романов, отражающих творчество писателей. В заключении статьи говорится о том, что следует рассматривать содержание литературных жанров применительно к творчеству писателей, а также рассматривать изучение жанров в индивидуальном стиле произведения и языке выражения литературных жанров.

Ключевые слова: проза периода независимости, литературные жанры, особенности рассказов и повестей, исторические романы.

CHARACTERISTICS OF LITERARY TYPES IN THE PROSE OF INDEPENDENCE

The author of the article emphasizes that during the period of independence, тajik writers, having adopted the skill of Sadriddin Aini and the art of his literary school, introduced interesting stories, novels and novels into the field of literature. One of the most popular types of literature at this time was the short story, in which many writers made significant contributions to the development of this genre. Bakhmaner was one of the first writers who introduced a new genre of narration in Tajik literature. Along with the story, the author of the article noted that in the 21st century the novel has become one of the most popular and prestigious literary genres. During the thirty years of independence, many types of novels have appeared that reflect the work of writers. In the last decade, attempts have been made by some writers to create new types of historical novels. In conclusion, the article states that the content of literary genres should be considered in relation to the work of writers, as well as the study of genres in the individual style of the work and the language and style of expression of literary genres.

Key words: prose of the period of independence, literary genres, features of short stories and novels, historical novels.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ӯлмасова Замира*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузарг. Мавлонбеков, 1. E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-771-44-70**

Сведение об авторе: ***Ульмасова Замира*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, доктор филологических наук, профессор кафедры современной таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлянбеков, 1. E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-771-44-70**

Information about the author: ***Ulmasova Zamira*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Philology, Professor of the Department of Modern Tajik Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov, Ave., 1. E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-771-44-70**

УДК: 891.550

МУХТАССОТИ САБКИ ФАРДИИ ФАРЗОНА ДАР САТҲИ ЗАБОНӢ

Қосимзода С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баъид аст, ки аз адабиёти даврони истиқлол осори шоир ва ё нависандае ба андозаи осори Фарзона мавриди таваҷҷуҳ ва пажӯҳиши густарда қарор гирифта бошад. Шеъри Фарзонаро на танҳо гирифторони сеҳри сухан меомӯзанду мехонанд ва аз зеру бамаш мегӯянд, балки осори ӯ ҳамвора дар бахшҳои алоҳидаи забоншиносӣ ва адабпажӯҳишӣ мавриди таҳқиқ қарор дорад.

Ҳамин ҷост, ки дар боби шеъри Фарзона дидгоҳҳо ва хулосаҳои ҷолиби илмиро пайдо кардан заҳмат наметалабад. Муҳаққиқон ва адабиётшиносон Фарзонаро ба сифати падидаи нодири ҳунар эътироф карда, дар мавриди ҳунари шоирии ӯ [3], нуфузи Мавлоно ба шеъри Фарзона [1], вижагиҳои забон ва тозакориҳои шоир дар сатҳи забонӣ [12], вуфури мазомини иҷтимоӣ [11] ва ирфонӣ [6] ва ҷойгоҳи ороёҳои бадеӣ дар шеъри ӯ ва дар боби баёни намодгароёна [10] ва мутафовити Фарзона назароти судманд ва ҷолиби таваҷҷуҳеро ироа кардаанд.

Бо ин ҳама маводи пажӯҳишӣ, ки дар боби шеъри Фарзона дорем, масъалаи шинохти сабки ӯ ҳанӯз мубрам ва дастнохӯрда боқӣ мондааст. Албатта, агар нукоти муҳимми тамоми пажӯҳишоти анҷомшуда дар мавриди ашъори ин бонуи шеърро як ҷо ҷамъ оварем, шояд бисёре аз мушаххасоти сабки фардии ӯро дарёбем.

Аммо чунин кор аз назари сабкшиносӣ нуқси зиёдеро дар пай хоҳад дошт. Зеро дар ин ҳолат шояд нукоте ҳам дар назар гирифта шаванд, ки фақат дар робита ба дигар бахшҳои адабпажӯҳӣ гуфта шуда бошанд. Дар сурате ки сабкшиносӣ ҳамчун шохаи мустақили адабиётшиносӣ бояд бо истифода аз равишҳо ва рӯйкардҳо, бо такя ба назарияҳои қабулшудаи сабкшиносӣ осори адабиро баррасӣ карда, он гоҳ натиҷаи ин баррасиро бо ёфтани мушаххасоти сабкӣ хулоса кунад. Дар ин бахши кор мо маҳз ба ҳамин амал дастёб хоҳем шуд.

Аз дидгоҳи сабкшиносии роиҷ дар шеъри адабиёти форсии тоҷикӣ дар қадами аввал бояд сатҳи забонӣ, дар пайи он сатҳи адабӣ ва фикрии сабки фардии Фарзона пажӯҳиш шавад. Ин мақола ҳамон сатҳи аввал, сатҳи забонии сабки Фарзонаро бидуни пешдаромад ва баёни назарии мавзуъ ба таҳқиқ мегирад.

Аз назари сабкӣ, яке аз тафовутҳои боризи шеъри Фарзона забони мутафовити ӯст. Ин тафовути забони шеъри ӯ аз чӣ чизҳое сарчашма мегирад?

1. Ғановати луғавӣ. Тавфиқи Фарзона, пеш аз ҳама, дар ин аст, ки аз имконоти воқеан беинтиҳо ва беназири забони тоҷикӣ истифодаи беҳин ва фарогире доштааст. Дар ин мавриди лозим медонем, ки тавоққуфи бештаре дошта бошем.

Аввалин зарбаи муҳками сиёсати «содасозии забон» ғановати луғавии забони тоҷикиро ба нобудӣ расонид. Танҳо мурур ба осори адабиёти шӯравӣ кофист, ки ҳадду андозаи ин талафотро тасаввур кунем.

Паёмади ин сиёсат буд, ки шоирону нависандагон хоставу нохоста аз истифодаи вожагони «барои оммаи мардум нофаҳмо» даст кашиданд ва ҳатто ба ҷойи бисёре аз луғоти адабӣ ва таърихӣ муодилҳои лаҳҷавӣ ва забони кӯчабозории замони худро ҷойгузин карданд.

Агарчи забони тоҷикӣ баъди солҳои шастуми асри гузашта, баробари рӯйи кор омадани насли Муъмин Қаноат дар шеър ва Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар наср аз ин вартаи ҳалокат дур шудан гирифт, аммо то ҳанӯз адабиёти мо ба ғановати луғавии забонамон даст наёфтааст.

Аз ин ҷост, ки вақте ашъори Фарзонаро мехонем, дучори вожагоне мешавем, ки агарчи куҳна ва ё ҳамон архаистӣ нестанд, аммо дар осори дигарон корбурде надоранд ва ё корбурди онҳо чашмгир нест. Фарзона ҳам аз калимоте истифода мекунад, ки дар адабиёти классикӣ роиҷ будаанд, ҳам аз вожагоне, ки дар форсии имрӯз маъмул шудаанд, ҳам аз луғоти забони тозаи забони адабии тоҷик. Дар баробари ин, вожасозӣ ва вожаофаринӣ яке аз фаъолиятҳои ҳунарии Фарзона аст, ки дар ин мавриди борҳо таъкид кардаанд [12, с.220].

Аммо, ба назари мо, агарчи вожасозӣ яке аз омилҳои ғановати забони шеъри Фарзона шудааст, аммо маҳз огоҳии жарфи шоир аз фарҳанги забони форсии тоҷикӣ забони осорашро пурранг сохтааст. Ба назар мерасад, ки Фарзона дар истифодаи калимот пеши худ монеа намегузорад ва аз тарафи дигар, ӯ устодона аз вожагони ғайримаъмул истифода мекунад.

Албатта, бояд бар ин нукта таъкид кард, манзур аз корбурди калимоти ғайримаъмул ва камистеъмол дар осори Фарзона истифодаи ҳамон вожагонест, ки на дар забони адабии имрӯза, балки фақат дар шеъри муосири тоҷик бисёр кам ба назар мерасанд. Ин ҳолатро сабаб ин аст, ки бисёре аз шуаро боварманд бар инанд, ки шеър забони хоссаи худро дорад ва ҳар вожаву калимоте наметавонад дар он корбурд дошта бошад. Аз тарафи дигар, баъзе аз калимоти забони тоҷикӣ дар шеъри имрӯз дучори камтаваҷҷуҳӣ шудаанд ва фақат муродифи роиҷи онҳо корбурд мешаванд. Ба унвони мисол, вожаи «мунир» дар забони имрӯзаи тоҷикӣ истифодаи бисёр маҳдуд дорад ва муродифи он - «равшан» бештар маъмул аст. Аммо Фарзона дар шеъри худ ҳамин вожаи «мунир»-ро дубора зинда карда, ба таври густарда аз он истифода мебарад.

Барои исботи иддаои боло метавон ба намунае аз шеъри ӯ мурочиат намуда, басомади вожагони худсохт ва вожагони мавҷуди забонро баррасӣ кард:

Аз қазо як нафар осудабахти шодкомае хонавайрон шуд.
Ҳама гуфтанд, ки айби ину ҷурми он шуд.
Он яке гуфт: мард заҳра надошт,
Дигаре таъна зад, ки бонуи хона
Ҳусни худро бурун кашидаву дар музояда бигзошт.
Савумин ҳукм бароварда, ки ин
Хонавори сутаносир
Мавриди озмоиши ҳазрати Яздон шуд.
Ой, ёрон, бо кадом имтиёз мову шумо
Рухсати доварӣ ба худ додем?
Мо ҳам охир ҳубоббунёдем.
Касе замонати бахти абадиро
Ба мо намебахшад.
Касе ба ҳастии ғафлаттанидаи ману шумо
Башорати бақо намебахшад.
Кош, медонистем,
Ки на танҳо он ду бахтбаргаштаи тираситара,
Балки мову шумову ҷумла халқи сайёра
Ҳар дақиқа
Мавриди озмоиши Ҳазрати Аллоҳем.
Бо як арзан тавба
Саф зада баҳри харидории сад хирмани гуноҳем [9, с.265].

Дар ин шеър вожагони камистифодаи зерин корбурд шудаанд: ***шодкома, музояда, хонавор, сутаносир, имтиёз, замонат, бахтбаргашта.***

Вожагони зерини шеъри боло сохтаи худи шоир аст: ***осудабахт, ҳубоббунёд, ғафлаттанида, тираситара.***

Барои мутмаин шудан ба дурустии дидгоҳи матраҳшуда дар ҷадвали поён басомади вожагони камистеъмол ва вожагони сохтаи Фарзонаро дар чанд шеъри ӯ муайян кардем:

Ҷадвали басомади вожагони камистеъмол дар ашъори Фарзона

Унвони шеър	Вожагони камистеъмол	**Вожагони сохтаи шоир**
«Мезанад атри гули ток шабехун ба машомам» [7, с. 328]	хусрав, музҳик, ҳидоят	–
«Дилам як вақтҳо дурҷи муҳаббат буд, акнун нест» [7, с. 95]	дурҷ, обдаст, урдубиҳишт, ботаҳорат, маъзул, рутба	васловасл, ҳаҷроҳаҷр, руҳпаймо.
Симфониёи роз [9, с. 162]	Симфониё, иртибот, кашола, пойкӯб, ҳолиё,	Нотаслим, бесаодат, сабзмарг.

	нимарӯз, умрдароз.	
Духтари маҷнунбед [8, с. 351]	Нафҳа, мастур, Ҳурмузд, Зарвон, таҷаддуд, наҳзат, ҷаъд, набот (ба маънии рустанӣ – С. Қ.), ақрабак, муташанниҷ, иршод, гароиш, утубус, мазҳар, ҷавф, мунир.	–
Гули зардолу мерезад [8 с. 144]	Ширинком, нӯшонӯш ҷаҳонҷӯ, уруҷ, авранг, тавҳид.	Сабзоғӯш, шавқзо, гармхоб
«Ишқ карашма мезанад дар нигаҳи мунири ман» [7, с. 354]	Мунир, замир, ногузир, шергир, алафи газанда, абас.	Бешабоҳатӣ.
Авфнома [9, с. 347]	Фурӯғ, муҳр, сӯ-сӯ, иршод, муҳосира, ҳай (ба маънои будан – С. Қ.), фархунда, бозхост, авфнома.	Гавҳарнигин, боронтарин, боронтанин, бороннигин, оинамазҳаб, хуршедмашраб.

Ҳамин тавр, дида мешавад, ки Фарзона аз ганҷинаи беинтиҳои забони форсии тоҷикӣ огоҳона истифода мебарад. Фарҳанги вожагони ашъори Фарзона ғаниву рангин аст. Тафовути умдаи забони шеъри ӯ аз забони шоирони дигар дар истифода аз вожагонест, ки дар сабки роиҷи замонаш корбурди маҳдуд доранд.

«Як вижагии боризи шеъри Фарзона, – менависад муҳаққиқи ҷавон Хуршеди Эҳсон, - ин аст, ки шоир бештар аз калимоти пок ва мусбат кор гирифтааст, ки тамоюли шадиди шоирро ба некӣ ва покию шодоб нишон медиҳад. Ҳатто дар шеърҳое, ки лаб ба шикоят ва эътирозу интиқод мекушояд, калимоти манфӣ ва хашинро бисёр андак ба кор мебарад» [14, с.7].

2. Вожасозӣ. Вожасозӣ ва ё офариниши вожагони тоза бо истифода аз имконоти забон ва тачриботи гузаштагон аз тарафи Фарзона диққати тамоми пажӯҳишгарони шеъри ӯро ба худ кашидааст. Забоншиносоне, ба мисоли А.Ҳасанов [12], М. Олимҷонов [5], С. Ҳоҷиев [13], С. Ғанизода [2] ва адабпажӯҳоне чун Н. Нурзод [4], М. Мирзоюнус [3] дар атрофи масоили вожасозӣ ва вожаофаринӣ дар шеъри Фарзона таҳқиқоти ҷолибу судмандеро анҷом додаанд.

Нуралӣ Нурзод бар ин нукта аҳамият додааст, ки Фарзона дар офариниши вожагони тоза «аз ҳамон шеваи бедилонаи сохтмони калимот» [4, с.60] кор мегирад. Забоншинос А. Ҳасанов дар пажӯҳиши арзишманди «Ҳарфи тозаи Фарзона» [12, с.220-229] чанде аз вижагиҳои забони ашъори шоирро зикр намудааст. Ин муҳаққиқ чунин натиҷагирӣ мекунад, ки бо ҷонишин ва шумора ҳамроҳ гардидану сохта шудани дараҷаҳои қиёсӣ ва олии сифат [12, с.221]; ба маъниҳои дар давраи ҳозира ғайримаъмул мавриди истифода қарор гирифтани вожаҳои ёвар (масалан, пайвандаки «ки») [12, с.222]; ба воситаи ашъори нобаш эҳё намудани силсилаи калимаҳо [12, с.223]; ба кор гирифтани калимаҳои дар гузашта маъмул [12, с.226]; сохтани вожаҳои нави сохтаву мураккаб [12, с.226] аз хасоиси забонии ашъори Фарзона аст.

Ба ҳар ҳол, вожасозӣ ва вожаофаринӣ яке аз муҳимтарин аҷзои шеъри Фарзона аст, ки дар шинохти сабки фардии ӯ мусталзами таваҷҷуҳ бояд шинохта шавад. Ҳамчунон ки ишора рафт, вожагони тоза дар шеъри ӯ аз тариқи гуногун ҳосил мешаванд. Ҳоло бо овардани мисол муҳимтарин роҳҳои сохтмони вожа дар ашъори Фарзонаро номбар мекунем:

1) Сохтани калимаҳои мураккаб бо истифода аз пасванди «-ӣ». Пурбасомадтарин навъи вожасозӣ дар осори Фарзона ҳамин навъ аст. Албатта, аз назари забоншиносӣ ин роҳи вожасозиро ба навъҳои зиёде ҷудо кардаанд, ба мисли сифат+ӣ, пешванд+исм+ӣ ва монанди инҳо. Аммо барои мо муҳим ин аст, ки бидонем Фарзона бо истифода аз ин тариқи вожаофаринӣ чӣ тобишҳои маъноиеро ба даст овардааст.

Вожагоне, ки аз ин тариқ сохта шудаанд, дар шеъри Фарзона бештар сифатро ба вуҷуд овардаанд. Мисол:

Кӯҳнасавдоӣ
Ҳарзапаймоӣ
Ёваҳо гуфтӣ
Дили ёбоӣ [8, с.251].

Эй дил, эй дил, ***бетаманноӣ*** накун,
Гул ба гул зан, ***баргпартоӣ*** накун.
Мард шав, яклахт шав, садлахти ман,
Одамӣ кун боз, ***Ҳаввоӣ*** накун [8, с.250].

Ё чунин тарзи вожасозӣ исми ҳолатро ба вуҷуд овардааст:

Худкушӣ ҳам осон нест аз ***худофариниҳо,***
Боядам раҳе бикшод аз ***гирехҷабиниҳо***.

Дер шуд, шояд дар ин ***бефасливу бемавсимӣ***
Тавба кардан ҳам гуноҳ аст [9, с.225].

Ҳамон гуна ки таъкид кардем, бештарини вожагони офаридаи Фарзона маҳз бо истифода аз пасванди «-ӣ» сохта шуда, сифот ва исми ҳолоти тозаеро маънидод мекунанд.

Агарчи Фарзона бо роҳҳои дигар ҳам вожагони тоза ва нав офаридааст, аммо дар масъалаи сабкшиносӣ маҳз ҳамин тариқи вожаофаринияш ҳамчун шохисаи боризи сабки фардии ӯ метавонад шинохта шавад.

2) Сохтани сифати олӣ тариқи ҷамъбандии исм бо пасванди «-тарин»:

Ай ***офтобтарино***, ай ***офтобтарин,***
Бизӣ, ки ҳар нахи ҷонат ғулувви эҷоз аст [7, с. 78].

Кай ***оҳувонатарин*** лаҳзаро нигаҳ дорам,
Ки ин камандгусаста ҳамора дартоз аст [7, с. 78].

3) Сохтани вожаи тоза бо истифода аз ҷамъбандии ду вожаи мавҷуд:

Шабе дорам саҳарваш аз ***шакарбарф***
Лабе дорам пуропур аз ***шакарбарф*** [9, с. 437].

Бо ту шаҳри ***чашмбандон*** шаҳри ***дилбандон*** шавад,
Лолаи лоҳутии мо оқибат хандон шавад [8, с. 449].

Ба пеши табибон шудам ***аҷзбар***
Мани ***камниёзи фалакбехабар*** [8, с. 205].

4) Истифода аз пасванди «-истон» дар сохтани исми макон:

Ту яктогавҳарӣ дар ***гавҳаристон,***
Ту шириншаккарӣ аз ***шаккаристон***.
Чу фарвардин расидӣ сабз дар сабз,
Ба зери вусъати ***нилуфаристон***.
Рафоҳ овард овози ҳалимат,
Ба ин бозоргоҳи ***маҳшаристон***.
Пур аз имону бовар мужда додӣ,
Аз ин шакзору з-ин ***нобоваристон***.
Саодатманд зӣ, эй моҳи заррин,
Миёни ин ***фаристону заристон***.
Биё, аз файзи Рӯҳулқудс дам зан,
Ки Марямгунаӣ дар ***кофаристон***.
Бурун о аз садаф, эй гавҳари ноб,
Ки дунёро намоӣ ***гавҳаристон*** [7, с. 362].

Ҳамин тавр, вожасозӣ яке дигар аз мухтассоти сабки фардии устод Фарзона аст.

1. **Истифодаи вомвожаҳоро** аз дигар хасоиси сабки ӯ бояд донист, ки дар ин маврид ҳам дар корҳои зикршудаи А. Ҳасанов ва М. Олимҷонов матолиби ҷолиберо пайдо кардан мумкин аст.

Яке аз ҳолоте, ки истифодаи калимоти бегонаро дар шеъри Фарзона аз дигар шоирон мутамойиз мекунад, ба овошиносии забони тоҷикӣ мутобиқ сохтани вожагони вомгирифта аз ҷониби ӯст. Ба забони дигар, истифодаи вожагони бегона аз мухтассоти сабки фардии Фарзона нест, чун дар тамоми ашъори шоирони замони мо ин падида роиҷ аст, балки истифодаи чунин калимаҳо бо татбиқи овошиносии форсии тоҷикиашон дар шеъри ӯ тафовутзананда аст:

Дар замони ***компутар*** ҳамчу шохи ***динозавр***
Дар ***музей*** ҳам набвад устухони Маҷнунҳо.
Духтаре маро гӯяд, ин баҳор, эй хоҳар,
Дар ҳаётам афзун шуд чаҳ-чаҳи ***телефунҳо*** [7, с.53].

Лек ҳоло ба ҷои савғотӣ
Ба кӯдакони интизорам
На ***чупа-чупсу твиксу рафаэлло***
Балки
Халта-халта зуғол хоҳам бурд.
Ба осмон аломати суол хоҳам бурд [8, с.215].

Чун себаргаву сунбул
Бо се ҷузъу бо як кул
(бе ***паролу*** бе ***самбул***)
Меравад ҳама мавҷуд
Ҷониби Фариди худ [9, с.190].

Ман ***нотаи*** офтобро медонам,
Шабзамзами моҳтобро медонам…
Одреси дили туро намедонам ман,
Кай он раҳи касмаёбро медонам [7, с.329].

Забони шеъри Фарзона ба ҷуз аз ҳолатҳои таҳқиқшуда вижагии барҷастаи дигаре надорад. Масалан, ҳатто дар шеъри сапеди Фарзона шикастани мавқеи маъмулӣ ва роиҷи мубтадову хабар ё сифат бо исм, ки дар шеъри сапеди дигарон бештар дучор мешаванд, дида намешавад. Ё ба далели баёни воқеан самимона ва табиӣ сатҳи овоии калимоти шеъри шоир аз назари мусиқоӣ ва ҳамхонӣ ҷолибият надоранд.

Мо намунаҳои ашъореро дорем, ки ноҳамхонии мусиқоии калимот онҳоро то андозае ба забони наср наздик кардааст. Аммо фазои бисёр отифӣ ва ҳассос, баёни бадеъ ва самимӣ, маонии баланд ва тозаи шеъри Фарзона хонандаро ба ҳадде даргир ва маҳви дунёи худ месозанд, ки дигар пайванд ва ҳамхонии байниҳамии калимоти алоҳидаи шеър на танҳо ки аҳамияти худро гум мекунад, балки адами он ба самимияти худи шеър меафзояд.

Ҳамин се хасоиси мутафовити забони шеъри ӯ – ғановати луғавӣ, вожасозӣ ва бо татбиқи овошиносии забони тоҷикӣ истифода бурдани вомвожаҳо сатҳи забонии сабки фардии Фарзонаро шакл додаанд.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1.Аҷамӣ, М. Дар қаламрави шеъри Мавлоно / М. Аҷамӣ. – Душанбе: Маориф, 2006. – 288 с.
2.Ғанизода С. Окказионализмҳо дар «Девон»-и Фарзона / С. Ғанизода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд. – 2019. - №1. - С.110-116
3.Мирзоюнус, М. Шарҳи шаст шеъри Фарзона. Монография / М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 244 с.
4.Нуров, Н. Таҳаввул ва таҷаддуди суннатҳои адабии мактаби Бедил дар ашъори Фарзона / Н. Нуров // Паёми Суғд. – 2014. - № 11. - С.50-64.
5.Олимҷонов, М. Калимасозиҳои нодири ашъори Фарзона / М. Олимҷонов // Сухан аз гавҳариёни сухан (Маҷмуаи мақолоти илмӣ). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С.246-253.
6.Сатторзода, А. Аз фарши иҷтимоъ то арши кибриё (меъроҷи шеър) / А. Сатторзода // Ҳақиқати Суғд. – 2014. - № 69 (17302). – 24 июл. - С.3.
7.Фарзона. Девон. Панҷсад ғазали дилангез. – Хуҷанд: Хуросон, 2014. – 540 с.

8.Фарзона. Ҳама гул ҳама тарона. Дар 2 ҷилд. Ҷ.1. – Хуҷанд: Хуросон-медиа, 2014. – 504 с.
9.Фарзона. Ҳама гул ҳама тарона. Дар 2 ҷилд. Ҷ.2. – Хуҷанд: Хуросон-медиа, 2014. – 500 с.
10. Хосейни С. Особенности поэтики стихов Фарзоны Худжанди и её литературные отношения с иранскими поэтессами: Парвин, Форуг и Симин: автореф. дисс. канд. филол. наук: 10.01.03 / С. Хосейни. – Душанбе, 2012. – 26 с.
11.Ҳакимова, С. Ҷилваҳои ҳунарӣ ва мазомини иҷтимоии ашъори Фарзона: [Сомонаи интернетӣ] / С. Ҳакимова. – Дастрасӣ: https://farzonakhojaeva.wordpress.com/андешахо/ (Санаи муроҷиат: 08.10.2021).
12.Ҳасанов, А. Ҳарфи тозаи Фарзона / А.Ҳасанов // Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ (Маҷмӯаи мақолаҳои забоншиносӣ). - Хуҷанд: Ношир, 2017. - С.220-229.
13.Ҳоҷиев, С. Пасванди «-истон» ва мавридҳои корбурди он дар ашъори Фарзона / С. Ҳоҷиев // Гулшани андеша (Мунтахаби мақолоти илмии дотсент С. Ҳоҷиев ва меҳрномаи ҳамкорону шогирдон). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - С.164-183.
14. Эҳсон, Хуршед. Ҷаҳони шодмонаи Фарзона / Хуршеди Эҳсон // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2020. – № 41. – С.2.

МУХТАССОТИ САБКИ ФАРДИИ ФАРЗОНА ДАР САТҲИ ЗАБОНӢ

Агарчи осори Фарзона дар нақди адабии ватанӣ ва ҳамчунин дар пажӯҳишоти густардаи хориҷӣ аз ҳар ҷиҳат мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор гирифтааст, боз ҳам дар мавриди сабки фардии ӯ, мухтассот ва мушаххасоти он, пешина ва фароянди шакл гирифтани сабки фардии ӯ таҳқиқоти комил анҷом нашудааст. Мақолаи ҳозир сатҳи забонии сабки фардии Фарзонаро мавриди пажӯҳиш қарор дода, мушаххасоти онро дар ин сатҳ ба гунаи зерин муайян кардааст: ғановати луғавӣ, вожасозӣ, истифода аз вожагони ифодакунандаи падидаҳои мусбат, бо татбиқи овошиносии забони тоҷикӣ истифода бурдани вожагони бегона аз ҷумлаи мухтассоти сабки фардии Фарзона дар сатҳи забонӣ ба ҳисоб мераванд. Муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки забони шеъри Фарзона ба ҷуз аз ҳолатҳои таҳқиқшуда вижагии барҷастаи дигаре надорад ва ҳатто шеърҳои дар қаволиби тоза гуфтаи ӯ ҳам аз ин қоида истисно нестанд.

Калидвожаҳо: сабк, сабки фардӣ, Фарзона, сатҳи забонӣ, вожагон, луғавӣ, жанр, ҳолат, ҳунар.

ЯЗЫКОВЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ИНДИВИДУАЛЬНОГО СТИЛЯ ФАРЗОНЫ

Несмотря на то, что поэтические произведения Фарзоны были изучены и исследованы во всех их аспектах отечественными и зарубежными литературными критиками, до сих пор не было проведено исследования, касательно её индивидуального стиля, специфики и сущностных характеристик, культурной основы и процесса формирования её индивидуального стиля. В данной статье исследуется лингвистический уровень индивидуального стиля Фарзоны и определяются его характеристики. Среди особенностей индивидуального стиля Фарзоны на лингвистическом уровне обнаруживаются лексическое богатство, поэтическое словообразование, использование слов, выражающих позитивные явления, использование иностранных слов с фонологическим применением таджикского языка. Автор приходит к выводу, что язык поэзии Фарзоны не имеет никаких существенных особенностей, кроме изученных случаев, и даже стихи, написанные ею в новых жанрах, не являются исключением из этого правила.

Ключевые слова: стиль, индивидуальный стиль, Фарзона, языковой уровень, лексика, словообразование, жанр, обстоятельство, мастерство.

LANGUAGE CHARACTERISTICS OF INDIVIDUAL STYLE OF FARZONA

Even though Farzona's works have been studied and researched in all aspects of domestic literary criticism, as well as in extensive foreign studies, so far there have been no studies of her individual style, its specificity and characteristics, its cultural basis, and the process of forming her individual style. This article examines the linguistic level of Farzona's individual style and determines its characteristics. Among the features of Farzona's individual style at the linguistic level, lexical richness, poetic word formation, the use of words expressing positive phenomena, the use of foreign words with phonological use of the Tajik language are found. The author concludes that the language of Farzona's poetry does not have any significant features, except for the cases studied, and even the poems written by her in new genres are no exception to this rule.

Key words: style, individual style, Farzona, Farzona's individual style, language level, lexical, word formation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қосимзода Солеҳ Салим*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, дотсент, сардори раёсати таълим. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **soleh_76 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-583-76-76**

Сведение об авторе: ***Косимзода Солех Салим*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, начальник учебной управления. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **soleh_76 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-583-76-76**

Information about the author: ***Qosimzoda Soleh Salim*** **-** Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor, head of the educational department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **soleh_76 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-583-76-76**

УДК: 891.550

БАҲРОМ ФИРӮЗ ВА НАҚДИ АДАБӢ

Каримов Х.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пешрафти адабиёт ва фарогир шудани ҳар асари ҷудогонаи ҳунарӣ бастагӣ ба омилҳои пуршумор дорад. Шояд нахустин омил ба кайфияти асар, ба ҳунару истеъдоди нависанда, умқу густураи ҷаҳонандешӣ, биниши вай вобаста бошад. Сурату сохтор ва асбобу абзори созандаи он низ дар ин замина нақши махсус доранд. Вале тамоми ин ҷанбаҳо замоне дар маърази дид қарор мегираду эҳсос мегарад, ки ҳамрадифи адабиёт нақди адабии корсоз мавҷуд бошад. Нақди адабӣ дар тамоми адвори адабиёт мавҷуд буда, ҳарчанд ҳамеша ҷавобгӯи талаботе набуда, ки пешорӯ доштааст.

Нақд дар тӯли замон ҳам аз ҷониби ноқидони ҳирфаӣ ва ҳам ғайри он сурат гирифтааст. Вазифаи як ноқид шарҳу арзёбии осори адабии имрӯз ва гироишҳову ҷараёнҳои тозаи адабӣ дар бистари адабиёт мебошад.

Як ҳунарманд зимни офариниши асари хеш ба сарзаминҳое қадам мегузорад ва даргири масоиле мешавад, ки шояд хеш ҳаргиз чистӣ, моҳияту сиришти онҳоро дарк насозад. Танҳо ноқидон ҳастанд, ки бо зеҳнияти фарроху ҷӯёи худ дар асари ҳунарманд маъноҳои тоза пайдо мекунанд, аҳамияту ҷойгоҳи асарро муайян месозанд.

Нақди адабӣ пайванди мустаҳкам бо вазъияти иҷтимои замон дорад. Аз ин рӯ, аҳамияти он танҳо дар нақши ҳунариву зебошинохтии он хулоса намешавад, балки нақд метавонад, бозтоби воқеияти замон, ҷомеаи мавриди назар бошад. Яке аз ҷанбаҳои мухими нақди адабӣ таъсиргузорӣ бар афкори ҳамагонӣ, ҷазби назари ҷомеа ба ин ё асари ҳунарист. Албатта, дар ин росто сатҳи донишу мутолиот, касбият ва ҷаҳони андешаи ноқид низ бисёр муҳим аст.

Дар ин мақола ҳадафи мо баррасии нақди касби нест, балки ибрози назар атрофи нақдест, ки дар адабиётшиносии муосир бо номи нақди завқӣ ёд мешавад.

Муаллифони чунин нақде ашхоси гуногун, вале ағлаб худи нависандагону адибон мебошанд. Гоҳо дар ҷомеаи адабӣ чунин андеша манзур мегардад, ки нақди завқиро набояд ҷиддӣ гирифт. Ба ин масъала то ҷойе метавон мувофиқат намуд. Танҳо аз мурури нақдҳои мавҷуд дар ин замина равшан мегардад, ки гоҳо намунаи нақдҳои завқӣ дорои сурату муҳтавои инсиҷом ёфта, таҳлилҳои фарогиру амиқ ва ҷанбаи арзишманди илмиву маърифатианд. Аз сӯйи дигар зиндагӣ дар як мухити адабӣ, ошноӣ бо осор, шеваву сабки ҳамдигар, ба адибон имкон медиҳад, ки ҷузъиёти офаридаҳои ҳамқаламони хешро амиқтар аз дигарон бишносанд.

Ба андешаи мо иқтизои як муҳити адабӣ қабл аз ҳам дар он хулоса мешавад, ки аҳли он дар нақду арзёбии таълифоти ҳамдигар бетараф, бетафовут набошанд. Зуҳуру шаклгирӣ, камолу дурахшиши як нависанда, як адиб дар қонуни адабии хосе сурат мегирад ва бетардид ин ҳамзистӣ, ҳамкорӣ дар шинохту дарки ҷузъиёти сабку офаринандагии якдигар бетаъсир буда наметавонад. Натиҷа ин мешавад, ки ағлаб як адаб, ки ба нақди асари ҳамкори худ мепардозад аз нигоҳи дарку маърифати қиммату арзиши ҳунарӣ, ҳунари нависандагӣ бо кори як мунаққиди касби паҳлӯ мезанад.

Аксари шоирону нависандагони муосири тоҷик дар ҷараёни фаъолияти эҷодии худ каму беш ба кори нақд пардохтаанд, ки баррасии корномаи бархе аз онҳо барои адабиётшиносии тоҷик пур аҳаммият хоҳад буд.

Баҳром Фирӯз аз ҷумлаи адибоне маҳсуб мешавад дар масири рӯзгори эҷодии ҳамеша ба нақду масоили марбут ба он майлу иштиёқи хос доштааст. Нақду назариёти интиқодии мавсуфро метавон дар чанд замина тарҳу арзёбӣ намуд. Масалан яке аз мавзӯъхое, ки миёни афкори интиқодии вай беш аз ҳама ҷалби назар мекунад, арзёбии шебу фарози насри муосир, вижагиҳои наср дар маҷмӯъ, ҷойгоҳи наср дар ҷомеа ва иқтизои иҷтимои инсонӣ аз осори мансур мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки бахше аз андешаҳои нависанда зимни мубоҳисаҳову нишастҳои адабӣ баён гардидаанд. Бахши дигар дар мақолаҳои алоҳида, суханрониҳои расмӣ дар иртибот бо маҳфилҳои хоси адабӣ инъикос гардидаанд. Қисмати дигаре аз назариёти адиб ба таври мустақим ба вазъияти нақди замонаш, заъфи мунаққидон дар

бархурд ба осори адабиву таҳлилу арзёбии он ихтисос дорад. Шодравон Баҳром Фирӯз дар мақолае изҳор медорад, ки дар осори гурӯҳе аз нависандагони муосир аносире, ки гӯёи вуҷуди ҳунар, бозтоби донишу маърифат, намунаи мушоҳидаи нозуки адибона ва ҷаҳонбинии хос бошад, ба назар намерасад. Дар ин амр танқиди адабиро гунаҳкор меҳисобад. Риштаи муҳиме аз улуми адабӣ, ки дучори заъфи фарогир аст.

Нависанда изҳор медорад, ки «гилагузорӣ аз танқиди адабии имрӯз аз он вақҳ ҷоиз аст, ки аксари мунаққидони мо ҳанӯз ҳам осори ҳунар ва беҳунарӣ, зебо ва зишт, ҳақиқат ва дурӯғ, ҳамдиёрбозиву гурӯҳбандӣ ва хидмати ҳалолу бетамаъро дар адабиёт камтар тафовут мекунанд. Аз ин сабаб китобхонон ба қавми бисёр мунаққидон эътимод надоранд, ба баҳои онон бовар намекунанд» [12, с.111].

Шигифт ин аст, ки матлаби тарҳнамудаи мавсуф имрӯз низ тағйиру дигаргунии қобили мулоҳизаеро мутаҳаммул намудааст. Гузашта аз ин ба андозае бефурӯғу беруҳ гашта, ки гоҳо вуҷудаш эҳсос намешавад.

Ба ақидаи Баҳром Фирӯз танҳо нақди адабӣ аст, ки адабиётро адабиёт мекунад.

Ба рисолату ҷойгоҳи он истеҳкому самт мебахшад. Нақши онро дар зеҳну ҳуши мардум решадор месозад. Вазифаи нақд бозгӯйи камбуду норасоӣ, таъкиди нуқтаи заъфи як асар нест, балки бо зикри норасоиҳо, нишондоди шеваву роҳҳои бурунрафт ба сӯйи камолу пухтагӣ мебошад. Аз масъулияти Баҳром Фирӯз дар иртибот бо нақди имрӯз ва масъулиятивижааш дар ин амр бисёре аз муҳаққиқону адибони тоҷик изхори матлаб намудаанд [3].

Масъалаи дигаре, ки миёни андешаҳои нависанда қобили зикр аст ифрот дар арзёбии корномаи як ҳунарманд аст. Гоҳо мунаққидон ба хотири ташвиқи як нависанда дар ситоишу такрими ӯ по ба марзи ифрот мерасонанд. Ба гунае забони таъриф боз мекунанд, ки нависанда ба нубуғу истеъдоди фавқулодаи худ бовар ҳосил мекунад ва як эҳсоси худкомагӣ, ягонаву дурдона будан дар ниҳодаш бедор мешавад. Эҳсосе, гоҳо муҷиби нузулу нобудии ҳунару истеъдоди мавҷуд мегардад.

Муаллиф барои исботи матлабаш менависад: «мегӯянд, ки ғуломро бо «ҳой баракааллоҳ» куштанд. Ба фикрам Сорбонро дӯстонаш бо таърифҳои беасос баъзан саргардон карданд. Ӯ марди ғайратманд, заҳматписанд ва пуркор аст ва ғолибан тойифае аз ёронаш баъзан бехудаю баҳуда ӯро таҳсин кардаанд, ҷойи он ки аз рӯйи ғамхорӣ, дӯстона ҳақиқати корашро ба вай ошкоро бигӯянд, боракаллоҳгӯ буданд» [3, с.112].

Баҳром Фирӯз муътақид буд, ки истеъдодро дар ниҳоди як ҳунарманд костану нобуд сохтан мумкин нест. Касе ба ин мақдур нест, вале аз ҷониби дигар ӯ итминон дошт, ки ҳунару малака, қобилияти андакро метавон сару сомон бахшид, соҳиби онро ба роҳи рост ҳидоят намуд.

Тавре ки аз навиштаҳои Баҳром Фирӯз бармеояд шодравон ба таври пайгир нозири раванди пешрафти масоили адабӣ, нашри адабиёти бадеӣ ва кайфияту каммияти он буд. Нашри селобвори осори пучи бадеӣ ӯро водор мекарда, ки ба мунаққидони вазифашиносу воқеъбин ручуъ намояд, то онҳо ба хотири дифоъ аз манфиати адабиёт ва дилсард насохтани мухотабон аз каломи бадеъ вазифаи ҷонии худро иҷро намоянд. Аз нигоҳи вай агар адабиёти муосири миллии мо натавонад ҳушу зеҳни мухотабони моро ҷазб созад, ин корро адабиёти дигар қавму миллатҳо ба дӯш мегиранд.

Диду биниши Баҳром Фирӯз перомуни аносири созандаи адабиёти бадеӣ, яъне бозигарони асар низ ҷолибу арзишманд аст. Бозтоби зоҳиру ботини қаҳрамони як асари ҳунарӣ бо шумори тамоми ҷузъиёташ, рафтору кирдораш, нигоҳаш ба муҳити перомун, ақидаву талаққиаш ба масоили зиндагӣ, мавқеияташ дар бистари замон, ҳузураш дар матни зинадагӣ, вобастаи ҳунару истеъдоди нигорандагии нависанда аст.

Ба қавли Б.Фирӯз қаҳрамони асар набояд «миёни хасу хокрӯбаи пургӯиҳо ва бехудатафсириҳо» гум гардад. Як қаҳрамон замоне дерпойю мондагор мешавад, ки аз навоқиси мазкур орӣ бошад ва дар меҳвари воқеоти зиндагӣ қарор гирад.

Аслан дар мабоҳиси адабиётшиносӣ қаҳрамононро ба мусбату манфӣ ҷудо месозанд ва мусаллан аст, ки бештар ба қаҳрамони мусбат ҳамчун ҳомили хусусиёти неку инсондӯстона мутако ҳастанд ва ин гувоҳи он аст, ки нисбат ба қаҳрамони манфӣ назари нек надоранд.

Алорағми ин Б. Фирӯз нақши қаҳрамони манфиро низ дар беҳсозии шеваи зиндагии инсонҳо бисёр корсоз мешуморад: «қаҳрамон фақат образи инсони некукор не, балки

тимсоли инсони зишту нобакор низ метавонад буд, агар мардумонро ба ҳаёти зебо ва иқдоми зиндагисоз талқин созад. агар ин тимсол бо андешаю амали худ дар дили хонанда эҳсоси нафрату ғазаб ба вуҷудаш оварад, матлаби адиб муяссар ва муроди ӯ аз эҷодкорӣ метавон гуфт, ки ба даст омадааст.

Қаҳрамони ибратомӯз, образи мафтункунандае, ки хонанда пайрави он бошаду дар рӯзгор ҳар лаҳза ба он тақлид кунад, боист ки инсони донишманд, бофаросат, дорои маърифату маданияти баланди башарӣ» [3, с.108].

Матлаби дигаре, ки дар робита ба ин муаллиф бар он таъкид меварзад сатҳи андешаву хираду ҷаҳоннигарии нависанда аст. Ӯ муътақид аст, ки нависандаро донишу мутолиоти амиқу густурда лозим аст, то битавонад симои хостании қаҳрамони мавриди назарро биофаринад.

Муҳаққиқ У.Сафар зимни тарҳи ин масъала зикр намуда, ки «нерӯмандӣ тавониҳои корсоз дар мухити адабӣ бастагӣ ба донишу хирад, завқу салиқа, дунёи фикру андеша ва истеъдоду малакаи нависанда ё адиб дорад, дар адабиёти муосири мо камтар ҳунарваре дорем, ки мисли шодравон Баҳром Фирӯз дар ҷомеаи адабии замонаш ҳузури комил дошта бошад» [7, с.28].

Таҳсину ситоиши сатҳӣ, бепоя ва қавми нависанда барои ҳунарманде, ки ба шахсияту мавқеияти ҳунарии худ эҳтиром мегузорад, на таҳсин, ки таҳқир аст. Адиби соҳибҳунару соҳибсабк бидуни шак ҷонибдори нақди баҷову асоснок аст. Дар ҷойи дигар менависад, ки «тоифае аз муҳаққиқони адабиёт ба дарди маҳалгаро печида, васофи беҳунари ҳамдиёрони худ гаштаанд. Баъзе худро мунаққиди назм мешуморанд, даъвоҳои бузург доранд, аммо вазни шеърро чунонки боист, намедонанд. Агар мухаққиқи адабиёт нозукиҳои арӯзро пай набарад, беҳтар он аст, ки аз вачҳи ҳусну қубҳи шеър хомӯш бошад ва агар аз таҳлили наср оҷиз аст, насрро ба ҳоли худ гузорад. Ҳунар пинҳон намемонад. Илму адабиёт мисли ҳама даъвогарони козибро дер ё зуд берун оварда ва дар ин бозор ҷав фурӯшони рӯшани гандумнамоӣ дуру дароз равнақ наёфтаанд» [11, с.71].

Ҳунари навиштан аз нигоҳи Б. Фирӯз пеши нависанда талаботи зиёдеро мегузорад. Агар ҳадафи нависанда аз эҷоди асар ислоҳу тарбияти иҷтимоии инсонӣ ва нишондоди шеваи дурусту шоистаи зиндагӣ аст, пас ин ислоҳу тарбият бояд аз шахси нависанда оғоз гардад. Холиқи асар набояд побанди ниёзҳои моддӣ ва эҳтиёҷоти рӯзгори шахсии хеш бошад. Мутеъ будан ба хоҳишҳои фардӣ, дилбастагӣ ба давранишиниҳову дӯстангорӣ, камбуди калидиест, ки дар марҳилаи нахустин шахси нависанда бояд худро аз он раҳо созад. Қазовати корномаи як адиби халлоқ бояд аз ҷониби ӯ бо чашму зеҳни дигарон сурат бигирад. Агар чунин амр сурат пазирад, «он гоҳ ҳарчи менависад, ҳама даркорӣ, муҳим ва дар мақоми худ меояд» [11, с.66].

Хусусияти дигари нависандагӣ аз нигоҳи Баҳром Фирӯз ба шеваи муносиботу бархурдаш ба ҳақиқату ростӣ, воқеият гиреҳ мехӯрад. Дар коргоҳи эҷодии адибе, ки адолату ростӣ, канор зада мешавад, қобилияту тавонмандиҳои эҷодӣ фурӯ мерезанд.

Ҳамон гуна ки дар боло зикр намудем, адиби арҷманд Баҳром Фирӯз дар аксари таълифоти интиқодиаш ба нақшу рисолати мақулаҳои адабиёт ишоратҳои ҷолиб намудааст. Дар шинохти номбурда адабиёт нерӯи бузургест, ки зеҳнияти инсон, маънавияти ӯро тавонманду пурзарфият месозад. По ба пойи адабиёт мардум имкон пайдо менамояд, то пешинаи хешро, фарҳангу тамаддуни ниёгонашро бишносад, эмону эътимоди хешро қавиву тавонманд созад. Нерӯи ҳидоятгари адабиёт инсонҳоро бармеангезад, то ба ҷониби адолату инсоф ҳақиқату ростӣ рӯй ованд, алорағми фиребу найранг, нобакорӣ, мубориза кунанд. Ӯ таъкид меварзад, ки «адабиёт бояд, ки дар қалби одамон қаҳру нафрат, шарм, хиҷолат, рӯҳи ҷонмардию ҷасорат барангезад.

Адабиёт ба ҳамин минвол бояд, ки ба инсон ёрдастӣ кунад, то ӯ хушбахт бошад. Агар ӯ ба шарофати мутолиа аз қайди бухлу ҳасад, кинаву адоват, фиребу парастӣ аз чанбари тамаъ тарс, бедардию бераҳмӣ раҳоӣ ёбад, магар вай инсони хушбахт нахоҳад буд?» [11, с.72].

Миёни таълифоти интиқодии нависанда бахше ба нависандагону шоирони муосири тоҷик бахшида шудаанд. Вижагии ин даста аз нақдҳо иборат аз он аст, ки дар матни бархе аз онҳо ба таври мустақим ашъору осори адиби мавриди назар баррасиву арзёбӣ гардидааст. Дар дигар мавридҳо нависанда бидуни нақди осори муайяне афкору назариёташро перомуни ин ё он нависандаи соҳибмактаб баён доштааст.

Аз ин нигоҳ мақолаи «Сабақи устод», ки дар пайванд бо мақому мартабаи С.Улуғзода навишта шудааст, ҷалби назар менамояд.

Дар ин мақола мавсуф таъкид менамояд, ки С.Улуғзода аз маъдуд нависандагони тоҷик аст, ки осораш барозандаи номи эшон аст. Касоне, ки осори ӯро мутолиа намудаанд, дарк кардаанд, ки аз пушти каломи ӯ ҳамеша симои ӯ ҳувайдо мегардад. С. Улуғзода ҳаргиз аз марзи воқеият, тарсими ҳақиқату ростӣ по фаротар наниҳодааст.

Аз ҳақиқат, аз адолату инсоф, аз инсоният сухан гуфтан, кори осоне нест. Ин амр аз нависанда ҷасорату покниҳодӣ, усулият, азхудгузаштагиро тақозо менамояд. Ба андешаи Б. Фирӯз устод С.Улуғзода «зиндагиро ба торикиву равшанӣ қисмат намекунанд ва бо ду ранг сафеду сиёҳ тақсим намудани рӯзгорро ҳаргиз ба худ муносиб надидаанд, зеро зиндагии воқеӣ бо ҳазору як ранг ҷилва мекунад» [11, с.136].

Дидгоҳҳои Б.Фирӯз хосатан дар атрофи нависандаи номдори тоҷик шодравон Ф.Муҳаммадиев аз аҳамияту арзиши вижае бархӯрдоранд. Яке аз ҷанбаҳои намоёну барҷастаи корномаи фардиву эҷодии Ф.Муҳаммадиев тибқи диду талаққии Б.Фирӯз нақши биловасфи ӯ дар тарбияти насли нави нависандагони тоҷик аст. Хидмати бузурги вай дар он зоҳир мегардад, ки ҳамеша осори нависандагонро бо сабру тааммул бо камоли масъулиятшиносӣ хондаву таҳрир намуда, шеваҳои нозуку ранҷталаби нигорандагиро бозгӯ намуда ва хулоса роҳро барои бисёре аз қаламбадастон ҳамвор намудааст. Адиби номвар Кароматулло Мирзо ба ин маънӣ таъкид намуд, ки «Баҳром Фирӯз дар бораи қиссаҳо ҳикояҳоям мақолахо навишта буд, ҷонибдориям мекард, шахсе, ки борҳо дар зиндагӣ дастгирам гашта» [3, с.15].

Шодравон аз зумраи бузургоне буд, ки меъёри инсони ҳунарпешаро дар истеъдоду ҳунар, вичдони бузург мешуморид.

Бо шумори ранҷу машаққате, ки устод Ф. Муҳаммадиев дар масири эҷодии хеш, дар мухити адабии мо мутаҳаммил шуда, Баҳром Фирӯз чунин изҳор доштааст: «агар саҳву ғалатфаҳмиҳои дигаронро муаллим ислоҳ намекарданд, дар тасаввур овардаи муҳим аст, дар адабиёти мо чи харҷу марҷе даврон мекард, чи дағдағаю дағалбозиҳое барпо мегашт. Ф. Муҳаммадиев бо осори адабии худ на фақат тамоми он каломи дуруғиншукуҳ ва хасакиро инкор карданд ва барои дидани моҳияти аслии осори бадеъ чашми хонандагонро гушоданд, балки тарзи эҷодкориро низ ба мо омӯхтанд» [12, с.101].

Матлаби дигаре, ки дар коргоҳи нависандагии Б. Фирӯз атрофаш баррасии мунтақидоне сурат гирифта мавзӯи истеъдоду маҳорат ва ҳунари нависанда аст.

Мавсуф мисли дигар донишмандони адабиёт ва мунтақидони ҳирфаи вуҷуди ин ҳасосиро барои як ҳунарманди эҷодкор бисёр мухим мешуморад.

Нахустин нуктаи омӯзанда пазириши ин қавмест, ки сарчашма ё заминаи маҳорати як ҳунарвар ранҷу заҳмат ва таҷриба аст. Яъне, маҳорат мисли як вуҷуди зинда ба рушду камол, вусъатёбӣ, такмил ниёзманд аст. Аз сӯйи дигар абзорҳое, ки маҳоратро фароҳам меоваранд аз бинишу андешаи тоза, шеваи хоси нависандагӣ, равшаниву зеҳнишинии асар, шавқовару қобили дарк будани он иборатанд. Муҳаққиқ дар радифи маҳорат аз мақулаи истеъдод ном мебарад. Мазкур бар ин бовар аст, ки истеъдод фитрӣ, табиӣ аст ва ҳаргиз иктисобӣ нест. Адами он сади бузургест дар роҳи расидан ба мақсуд.

Ӯ менависад: «агар истеъдод нест, каломи суханвар дилрас ва тафдор намеояд, афкори ӯ агарчи тоза аст, ҷилову дурахше надорад, касеро ҷазб намесозад. Бе истеъдод инсон дар ҳунар моил буда наметавонад, агарчи солҳои зиёд ранҷ мекашад. Истеъдод марҳуми мустакилест, ки роҷеъ ба он фақат дар перомуни қонунияти худи он метавон муҳокима ронд» [12, с.172].

Дар ҷодаи эҷод барои як ҳунарвар ӯ иттиҳоди чанд унсурро, ки ҷомеияти аносири корсозро ба зуҳур мерасонанд, муҳим медонад. Нависанда дар ҳар риштае аз ҳунар зимни эҷод бояд ба тамоми ҷузъиёти матнсоз, сабку услуб, фасоҳату балоғат, ороишҳои бадеӣ, нозукиҳои забонӣ таваҷҷуҳ дошта бошад. Дар чунин ҳолат ҷомеияти фикру андеша, ҳисси нависандагӣ камолу пухтагӣ касб мекунад.

Бояд ёддовар шуд, ки Б.Фирӯз ҳамчун шоир ба арсаи адабиёти тоҷик гом ниҳод. Ба навиштаи муҳаққиқ У.Сафар «Баҳром Фирӯз ба таври расмӣ нимаи аввали даҳаи шастум вориди майдони адабиёт шуд. Замоне, ки дар адабиётшиносии тоҷик ҳамчун марҳилаи тозае дар рушду камоли шеъри тоҷикшинохта шудааст» [7, с.9].

Аз оғози солҳои ҳафтодуми қарни гузашта насрро ҷиддӣ гирифт. Дар робита ба ин бояд зикр гардад, ки номбурда зимни ибрози афкори интиқодияш дар чанд маврид мавқеияти осори мансурро болотар аз назм тавсиф намудааст. Дар дарку шинохти вай дунёи имрӯзинро, ки дар ҳар лаҳзае дучори таҳаввулоту дигаргуниҳои чашмгире мегардад, дар чаҳорчӯби осори мансур инъикос намуданд, пӯшиш додан имконпазир аст.

Башар имрӯз беш аз ҳар вақти дигаре ниёзҳои отифии хешро аз зарфиятҳои бепоёни наср бароварда месозад. Б.Фирӯз бо эътимоди хосе баён дошта, ки «тасвири фарох ва ҷомеаи рӯзгори ҷамъият, хулоса ва ҷамъбасти чунин айёми мухиме, ки ба таҳаввулоти азим моил омадааст, бештар аз вазифаи наср аст. Дар ҳамаи кишварҳои мутамаддини олам мардумон бештар аз наср ба саволҳои худ ҷавоб меҷӯянд. Насри ҳақиқӣ ҳамсуҳбати оқил, устоди маслиҳатбахш андар ин дарёи пурталотуми рӯзгорон раҳнамои инсон аст» [12, с.74].

Дар поён лозим ба тазаккур аст, ки дидгоҳҳои нависандаи арҷманд Б.Фирӯз танҳо дар доираи он матолибе, ки дар мақола тарҳ шуд, хулоса намешаванд. Бахше аз онҳо бевосита ба шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти фаннӣ, аз ҷумла мақулаҳои адабиётшиносӣ ихтисос доранд, ки тарҳу арзёбиашон фурсату замони дигарро мехоҳад. Дар маҷмӯъ назариёти Б.Фирӯз дар бораи масоили адабиётшиносӣ, нақди адабӣ дар амри омӯзишу шинохти паҳлӯҳои гуногуни адабиёти муосири тоҷик аз аҳаммияту қиммати хоса бархӯрдоранд.

Муқарриз: ***Сафаров У.***– доктори илмҳои филологӣ,
профессор, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав) / Х.Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
2. Бақозода Ҷ. Нависанда ва идеали замон / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Адиб, 1987. - 256 с.
3. Дарёи меҳр / Мураттиб Пайванди Гулмурод. – Душанбе: Адиб, 2009. – 136 с.
4. Машрафи Марям. Шеваномаи нақди адабӣ. – Теҳрон: Нашриёти «Сухан», 1375. – 210 с.
5. Муллоҷонов, М. Нависанда ва замон / М. Муллоҷонов // Садои Шарқ, 1969. - №7.
6. Мурон Бруно. Назарияҳои адабиёт ва нақд / Бруно Мурон. – Теҳрон: Интишороти «Нигоҳ», 1338. – 407 с.
7. Сафар, Умар. Торикравшани шинохт (Нигоҳе ба зиндагӣ ва масири эҷодии Б. Фирӯз) / Умар Сафар. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 108 с.
8. Сафар, Умар. Фалсафаи дӯст доштан / Умар Сафар. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – 253 с.
9. Фарзод, Абдулҳусайн. Дар бораи нақди адабӣ / Абдулҳусайн Фарзод. – Теҳрон: Нашри «Қатра», 1376. – 320 с.
10. Фирӯз, Баҳром. Ғафлатзадагон / Баҳром Фирӯз. – Хуҷанд: Хуросон, 2009. – 447 с.
11. Фирӯз, Баҳром. Ғафлатзадагон / Баҳром Фирӯз. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 447 с.
12. Фирӯз, Баҳром. Саҳнаи гардон / Баҳром Фирӯз. – Душанбе: Адиб, 1993. – 350 с.
13. Шамисо, Сирус. Нақди адабӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Интишороти «Фирдавсӣ», 1378. – 392 с.
14. Шакурӣ, М.Б. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ / М.Б. Шакурӣ. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. – 132 с.
15. Шукуров, М. Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.

БАҲРОМ ФИРӮЗ ВА НАҚДИ АДАБӢ

Мақола ба омӯзишу таҳқиқи андешаҳои адабии нависандаи номдори тоҷик Баҳром Фирӯз бахшида шудааст. Фаъолияти адабии Б. Фирӯз дар солҳои 60-ми асри гузашта оғоз гардид. Адабиётшиносон ин даврараро яке аз давраҳои муҳим зикр намудаанд. Ба ақидаи бархе аз олимон маҳз дар ҳамин давра дар майдони адабиёти тоҷик насли наве аз нависандагону шоирон ворид гардид, ки дорои биниши наву тафаккури бадеӣ буд, зери таъсири фаъолияти ин насл таҳаввуле дар қавонини адабиёт махсусан шеър ба амал омад. Яке аз вижагиҳои хоси ин насл аз он иборат буд, ки мехост аз як тараф асолату шукуҳи пешини адабиётро бозгардонад, онро ба сарчашмаҳои асилаш пайванд занад, аз ҷониби дигар пуле миёни адабиёти тоҷику ҷаҳон бошад. Яке аз намояндагон машҳури ин насл Баҳром Фирӯз буд. Ӯ соҳиби беш аз даҳ маҷмуи манзуму мансур мебошад. Баҳром Фирӯз ҳамзамон дар хилоли замон ба нақди адабӣ машғул буд. Нависанда бисёре аз андешаҳои интиқодии хешро дар мақолаҳои алоҳида перомуни адабиёту масоили мухталифи адабиёт баён доштааст. Бо назардошти қиммату ақидаву дидгоҳҳои адабии шоир дар ин мақола таҳлилу арзёбии онҳо сурат гирифт.

Калидвожаҳо: адабӣ, ҳунар, нависанда, наср, шеър, нақд, мунаққид, адабиёти ягона, таҷдид.

БАХРОМ ФИРУЗ И ЛИТЕРАТУРНАЯ КРИТИКА

Статья посвящена анализу литературных воззрений известного современного таджикского писателя Бахрома Фируза. Творческая деятельность Бахрома Фируза началась в 60-ые годы прошлого века. Литературоведы данный период считают особым. По мнению некоторых ученых именно в этот период на литературную арену Таджикистана вышло новое поколение писателей и поэтов, обладавшее новым видением, творческим мышлением.

Под воздействием творческой деятельности этого поколения произошла трансформация старых литературных канонов, особенно в поэзии. По-другому также стало осмысливаться значение поэта. Одна из характерных черт этого поколения заключалась в том, что оно хотело, с одной стороны, возродить славное прошлое таджикской литературы, возвратить ее к своим истокам, по-новому взглянуть на сложившиеся веками традиции стихосложения, а с другой, навести мосты между таджикской и мировой литературой. Одним из представителей этого поколения является поэт и писатель Б. Фируз. У Б. Фируза более десятка поэтических и прозаических сборников. Наряду с этим он занимался литературной критикой. В рамках отдельных статей представил свои художественные воззрения относительно литературы и проблем литературоведения. Учитывая научно - литературную ценность его воззрений, в данной статье исследовано его литературно - критическое наследие.

Ключевые слова: литература, поэт, писатель, проза, поэзия, критик, критики, литературоведение, традиции, обновление.

BAHROM FIRUZ AND LITERARY CRITICISM

The article is devoted to the analysis of literary views of the famous modern Tajik writer Bahrom Firuz. The creative activity of Bahrom Firuz began in the 60s of the last century. Literary scholars are usually considered special during this period. According to some scientists, it was in this period that a new generation of writers and poets entered the literary arena of Tajikistan, possessing a new vision and creative thinking. The transformation of old literary canons, especially in poetry, came under the influence of the activities of this generation. According to another, the recognition of the poet also began to be considered. One of the characteristics of this generation was that it wanted on the one hand to revive the glorious past of Tajik literature, to return it to its origins, to take a new look at the tradition of versification that has developed for centuries, and on the other to build bridges between Tajik and world literature. One of the representatives of this generation is poet and writer B. Firuz. B. Firuz has more than a dozen poetry and prose collections. Along with this, he was engaged in literary criticism. Within the framework of individual articles. he presented his artistic views on literature and the problems of literary criticism. His literary critical heritage is investigated given the scientific literary value of his views on this article.

Key words: literature, poet, writer, prose, poetry, critic, critics, literary criticism, tradition, renewal.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримов Хуррамшоҳ Рамазонович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **karimov-kh95@mail.ru.** Tel.: **(+992) 112-11-90-00**

Сведение об авторе: ***Каримов Хуррамшо Рамазонович*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **karimov-kh95@mail.ru.** Tel.: **(+992) 112-11-90-00**

Information about the author: ***Karimov Khuramshoh Ramazonivich*** – Tajik National University, Assistent of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **karimov-kh95@mail.ru.** Tel.: **(+992) 112-11-90-00**

УДК: 891.550

АНДЕШАИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК НИСБАТИ ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Беронов Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Носири Хусрав дар таърихи адабиёти тоҷик дар шеърофаринӣ ва суханпардозӣ аз зумраи намоёнтарин шоирони шеърофари тоҷик маҳсуб ёфта, шеъри ӯ ғӯтавар дар фалсафа ва ҳикмат дониста шудааст. Шояд ӯ аз аввалин саромадони сухан бошад, ки дар шеъри ноби форсии тоҷикӣ мазмуни фалсафӣ ва ҳикматӣ ворид кардааст:

Ба шеъри Ҳуҷҷат пур гашт дафтар аз ҳикмат,
Ки хотираш дари панд асту маъдани ҳикам аст [7, с.194].

Ашъори манзуми шоир, ё худ шеъри Носири Хусрав дар девони ашъораш ҷамъоварӣ шуда, он дар қолаби қасида, қитъа, рубоӣ ва ду маснавӣ гуфта шудааст. Маҷмуаи осори назмии шоирро муҳаққиқон 11000 ё худ 11048 байт ҳисоб кардаанд, ки аз он 592 байт маснавии «Равшаноинома» ва 300 байт маснавии «Саодатнома» аст. Гарчанде сарчашмашиносон мисли Байзовӣ (асри XII) ашъори ӯро ба 30 ҳазор ва Ризоқулихони Ҳидоят (асри XVI) 13 ҳазор гуфтаанд, аммо то имрӯз ин қадар байт аз Носири Хусрав боқӣ мондааст. Маҷмуи мавзуъҳои асосии шеъри Носири Хусрав масъалаҳои фалсафӣ, динӣ, ҳасбиҳолӣ, иҷтимоӣ ва панду ахлоқиро фаро мегирад.

Чунонки маълум аст, қасида аз паҳншудатарин ва маъмултарин шакли шеърӣ дар назми классикии форсӣ-тоҷикии асрҳои X-XI ба шумор рафта, бештар хусусияти мадҳӣ ва ситоишгарӣ дошт ва дар он корнамоиҳою бузургӣ ва саховатмандии амирону шоҳону сарватмандон бо мақсади дарёфти молу мақом бо суханҳои тавсифии ниҳоят баланду муболиғаомез васф карда мешуданд. Аммо дар қасоид Носири Хусрав ҳамчун донишманди парҳезгору ростқавл ва озодандеш масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ахлоқию маънавиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар зимни онҳо ба тавсифи бузургии инсон, дин, ақл, хирад ва дониш диққати махсус медиҳад. Ӯ чунин шоирони маддоҳу тамаллуққорро бо суханҳои дурушт мазаммат намуда, онҳоро то ҳатто шеърфурӯшу дурӯғпардоз меномад:

Эй шеърфурӯшони Хуросон, бишиносед:
Ин жарфсуханҳои маро, гар шуароед!
Бар ҳикмат мирӣ зи чӣ ёбед, чу аз ҳирс
Фитнаи ғазалу ошиқи мадҳи умароед? [7, с.66].

Дар хусуси арзиш ва чигунагии шеъри Носири Хусрав суханшиносони аҳди мухталиф андешаҳои хешро иброз доштанд ва ин чиз яке аз суннатҳои бостонӣ дар таърихи адабиёти тоҷик аст. Ҳаким Носири Хусрав на танҳо аз зумраи пайравони росихи ин суннати қадима аст, балки ба ин мавзуъ дар ҳар маврид, хоҳ мустақиман (дар «Сафарнома», «Хонул ихвон» ва ғайра) ва хоҳ ғайри мустақим, ба хусус, дар қасида, ки аз умдатарин бахшҳои осори ӯ маҳсуб мешавад.

Чӣ навъе ки дар «Девон»-и Носири Хусрав ва навиштаҳои дигари ӯ ба мафҳуми шеър, ки мақбули хотири ӯст, мушоҳида менамоем ва шоир ин гуна шеърро бо алфози «хубсухан», «сухани хуб», «сухани хуш», «сухани нек» «сухани софу бедиранг» зикр менамояд. Пас лозим ба зикр аст, ки ҳадафи шоир аз ин ишораҳо дар чӣ аст? Барои Носири Хусрав, қабл аз ҳама, мазмуни шеър дар ҷойи аввал меистад ва муҳтавои «сухани хуб» ба андешаи ӯ панду андарз, ҳикмат (хираду дониш) зуҳд (андешаҳои динӣ) аст.

Набинад дида з-ин сон шеъри дилбанд,
Ки бошад зевари ӯ ҳикмату панд [7, с.165].

Ё ки:

Дари дурҷи сухан бикшой аз панд,
Ғазалро дар ба дасти зӯҳд барбанд [7, с.167].

Аз рӯйи андешаи муҳаққиқин Носири Хусрав ҳар шеъреро, ки дар он мавзуи панду ҳикмат ва зуҳд гуфта шуда бошад, бо алфози «шеъри ҳикмат» ва «сухани динӣ» ёд карда, писандидааст ва ашъори берун аз ин мавзуъҳоро «гуфтори беҳуда» ва «урёнсухан» номидааст [4, с.156].

Аз назари донишманди тоҷик Абдунабӣ Сатторзода: «Ҳамин қисм бори дигар таъйид гардид, ки манзури Носири Хусрав аз хубсухани гуфтани пандном, ҳикамиёт ва зуҳдиёт мебошад. Дар иртиботи ин ҳикамиёт ин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки муроди нависанда аз ин навъи шеър, ҳамон тавре ки хилоли гуфтаҳои ӯ бармеояд, баёни матолиби фалсафӣ ва илмии суннатӣ набуда, балки баёни ба истилоҳ «суханони динӣ» ё илми ҳақиқат мебошад» [1, с.138]. Инчунин бино ба қавли устод А.Сатторзод: «Яке дигар аз сифатҳои зотии хубсухани Носири Хусрав зебоӣ, маҳкамӣ, тозагӣ ва покию равшании он аст» [1, с.139].

Аз назари Носири Хусрав шеъри тозаву пок он аст, ки аз лаҳву лааб ва мадҳу ситоиш ва аз сухани дурӯғ ва фаҳш дар канор бошад. Аз ин лиҳоз, ӯ ин гуна шеърро ба дебои румӣ ва хази Адкан, товуси баҳор ва ба арӯс ташбеҳ дода, аз ҷиҳати покиву беолоишиаш ба офтоб, ба рӯз ва оби зулол монанд мекунад.

Сухан беҳ зи шаккар, к-аз ӯ мардро
Зи дарди фурӯмоягӣ беҳтарист.
Сухан дар раҳи дин хирадмандро
Сӯи саъд раҳбартар аз Муштарист.
Гуле ҷуз сухан дид ҳаргиз касе,
Ки бе обу бе нам ҳамеша тарист?
Биёмӯз гуфтору кирдори хуб,
К-ат ин ҳар ду бунёди некахтарист [7, с.137].

Аз шеъри Носири Хусрав равшан аён аст, ки ӯ асоси шеърашро бар пояи хирад гузошта, ба хонанда таъкид мекунад, ки ба сухани ӯ эроду узр нагиранд, зеро ки бунёди шеъри ӯро ҳикмат ташкил медиҳад ва он барои чашми хирадии инсон доруест бисёр муфид:

Бар сухани Ҳуҷҷат магзин сухан,
З-он ки сухан бар хирадаш ошност.
Гуфтаи ӯ бар тани ҳикмат сар аст,
Чашми хирадро суханаш тутиёст [7, с.101].

Носири Хусрав ба шаклу маънӣ, зоҳиру ботини шеър ҷиддӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ба ибораи ӯ шакл (лафз)-ҷома ва маънӣ – астари он ҷома, ё лафз –мушк ва маънӣ – бӯйи мушк аст, яъне лафзи бе маънӣ дар шеър арзишманду пазируфтанӣ нест:

Мушк бошад лафзу маънӣ бӯйи ӯ,
Мушки бебӯй, эй писар, хокистар аст [7, с.160].

Таваҷҷуҳ ба шеъри Носири Хусрав ҳанӯз аз асрҳои миёна аз ҷониби шоирон ва сарчашмашиносони форсу тоҷик ҷалб шуда, муҳаққиқони адабиёти тоҷик ва махсусан, носиршиносони ватаниву хориҷӣ дар мавриди шеър ва сухани Носири Хусрав андешаҳояшро баён сохта, онро аз шеъри сареҳ, соҳиби маънӣ ва мазмуни баланд қаламдод кардаанд. Ҳанӯз Абдурраҳмони Ҷомӣ-шоири асри XV-и тоҷик дар асараш «Баҳористон» шеъри Носири Хусравро чунин тавсиф кардааст: «Дар саноати шеър моҳир буд ва дар фунуни ҳикмат комил. Аммо дар сӯйэътиқод ва майл ба зандақа ва илҳод муттаҳам шуда буд ва ӯро «Сафарнома»- ест, ки дар аксари маъмура сафар карда ва маҳоваротe, ки бо афозил карда буд, дар он ҷо ба назм оварда…» ва абёте, ки дар идомаи он оварда аст, аз қасидае, ки бо матлаи:

Худоё арзу тули оламатро,
Тавонӣ дар диле муре кашидан…» [3, с.67].

мебошад ва тибқи тадқиқотҳои минбаъда қасидаи мазкур мансуб ба Носири Хусрав аст ва он сирфан моли Носири Хусрав нест. Дар ишораҳои шоир ва нобиғаи асри XV Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки аз Носири Хусрав ёд мекунад, саҳв ва андешаҳои берун аз ҳақиқат низ ҷой доранд. Аввалан, дар боби муттаҳам будани шоирро ба «илҳоду зандақа» ва сониян абёти овардаи Ҷомӣ, ки то ҳанӯз дар баҳси он фикрҳои гуногуни моли Носири Хусрав набудани он мавҷуд ҳастанд ва мувофиқи андешаҳои олимони асрҳои минбаъда ҷанбаи илмӣ дошта наметавонад. Вале ишорае, ки дар сатри аввал: «дар саноати шеър моҳир буд ва дар фунуни ҳикмат комил» [3, с.87] меоварад, ба маҳорати баланди шоирӣ ва дар илми ҳикмат (фалсафа) комил бадани ӯ аз ҷониби муҳаққиқони осори шоир исбот гардидааст, андешаи дуруст ва илмӣ аст.

Ҳамчунин дар сарчашмаҳои таърихӣ ва тазкираҳо дар бораи манзалати шеър дар назди Носири Хусрав ва шеърофаринии ӯ андешаҳо баён карда шудаанд ва дар ин замина

таҳқиқотҳои илмӣ доир ба осор ва афкори адабии шоирони классикӣ оғоз гардид. Ҳанӯз аз нимаи дувуми асри XIX оғоз шуда, осор ва ашъори шоирони бузурги форсу тоҷик зери назари илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ қарор гирифт. Дар баробари таҳқиқи ашъори шоирони бузурги классикӣ осор ва ашъори Носири Хусрав дар нимаи дувуми асри XIX аз тарафи олимони эронӣ, ғарб ва рус таҳқиқот оғоз шудааст. Махсусан, таваҷҷуҳи олимони Рус ба монанди Жуковский В. А., Семенов А.А., Крымский В. А., Бертельс А. Е., Иванов аз аввалинҳо шуда ба осори ин саромади сухан мутаваҷҷеҳ гардида, осори ӯро зери таҳқиқ ва нашр қарор додаанд. Аз ҷумла шарқшиноси Рус Никитина В. Б. аз забони шоир дар бораи манзалати шеъри шоир менигорад: «Шоир дар таърифи шеъри худ, дар ситоиши хирад ва дониш ва ҳамчунин дар гуфторҳои ахлоқии худ образҳои абстракти шоиронаро аз қабили «бодияи ҷаҳл» ва «оби дониш» кор мефармояд. Дар айни замон параллелизмҳои наҳвӣ, ҷумлаҳои муъҷази возеҳ, ки кас ба охири ҳар яке аз онҳо аломати нидо монданро мехоҳад, ба калимаи «нест» қофиябандӣ шудани ҳар як мисраъ дар мисраъҳо дуруст оварда шудани радифҳо ва қофияҳои дохилӣ дар шеърҳо оҳанги баланди махсус дода, онҳоро бо ҳиссиёт пур мекунанд, ки ин барои ваъзгӯӣ характернок мебошад» [9, с.114].

Дар баробари ин, аз ҷониби олимони эронӣ ва аврупоӣ низ осори Ҳаким Носири Хусрав зери таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, аввалин шуда, олимони аврупоӣ ба монанди Шифер, Этте, Браун ва олимони эрон Сайид Ҳасани Тақӣ, Тақизода, Маҳдии Муҳаққиқ ва дигарон тадқиқотҳои илмӣ ва нашри осори шоир ба сомон расонида шуда, дар давраҳои минбаъда идома ёфт.

Донишманди тоҷик Камол Айнӣ, ки яке аз аввалинҳо шуда, ашъори Носири Хусравро дар Тоҷикистон омодаи чоп намуд, дар бораи сухани ин шоири дақиқназар андешаронӣ карда, ӯро ҳакими дақиқназар ва олими фасеҳгӯ номидааст: «Ҳакими дақиқназар, олими фасеҳгӯ Носири Хусрав дар эъҷози сухан ва камоли андеша, шахсиятест, ки ҳамтавони фикри ӯ будан моро ба дарозои маънӣ мебарад, яъне дар марзи ҳунари шоирӣ назири худро дар адабиёт кам дорад. Каломи мавзуни ӯ, ки фарогири баҳсҳои ахлоқӣ-фалсафӣ, инъикоси воқеаҳои ҳаётӣ ва ҳикмати пири хирад дар рӯзгори инсон мебошад, бо нигоҳи мунаққидона нигаристан ба масъалаҳои шинохти ҷаҳонро ба мо тақозо менамояд» [4, с.75].

Маълум аст, ки шеъри фасеҳ ва соҳибтафаккур тавассути ин ҳакими озодандеш олами фалсафа ва ахлоқро баён сохта, воқеияти ҳаётро дар ашъораш ҷой додааст. Бино ба андешаи адабиётшиноси тоҷик Худоӣ Шариф: «Носири Хусрав шоири шеъри ғиноист. Андешае дар сари чуну чарои ҳастӣ, маърифати дунё, мақоми инсон дар олам, хулқу тинати мардум аз ҷаҳонбинии мазҳабӣ ва илмиаш бармеояд. Муносибаташро ба ҷаҳон, рози ҷаҳонро бо сардии андешаи ҳакимона, вале хоҳишу даъвоҳои қалбию равонӣ ва назари мардумӣ дар қолаби суханҳои матин, бо камоли ҳунару завқи шоирона иброз медорад. Ӯ дар шеър дорои услуби хосси худ буда, сухани ӯ сода, бе ороиши санъат ва дар заминаи муҳокимаи мантиқию пояи илмӣ ҷараён дорад, ба ороишу пероиши маҳз ва суханпардозиҳои зиёд майл намекунад.

Шеъри Носири Хусрав аз дидгоҳи адабӣ ба шахсияти инсон дар доираи ҳастӣ бевосита алоқаманд мебошад. Ӯ чун мутафаккири соҳиби андешаи илмӣ ва системаи ҷаҳонфаҳмӣ мавқеи инсонро ба ҷаҳон ба монанди «мӯри донакаш» танҳо дар талоши ризқу рӯзӣ ва нигаҳ доштани тани худ намебинад. Ҷаҳон ҷойи шинохти худ ва ҷустану ёфтани роҳи саодату абадӣ ва ба он ҷода рафтан аст. Инсонеро, ки Носири Хусрав дар ашъораш меҷӯяд ва ба шинохтанаш талқин мекунад, як шахси ҳакиму доно ва аз ҳама муҳим соҳиби андешаи ҷӯянда аст» [12, с.23].

Абдунабӣ Сатторзода, ки шеъри Носири Хусравро хубсухан ва орӣ аз ҳар гуна олоишот медонад, ишора мекунад: «Дар фазилати шеър (сухан, ё гуфтор, ё қавл) ва чигунагии он сухан рондани шоирон як суннати қадимӣ аст дар таърихи адабии порсии дарӣ. Ҳаким Носири Хусрав на танҳо аз ҷумлаи пайравони росихи ин суннати қадима буда, балки дар шумори ононе низ мебошад, ки ба ин мавзуъ дилбастагии хоссе доштаанд» [1, с.148].

Қобили тазаккур аст, ки манзур аз сухани суннати қадим, шояд ба сабк ва услуби хуросонӣ эҷод кардани шеър аз ҷониби Носири Хусрав бошад, зеро сабку услуби ӯ ба сабки шоирони аҳди Сомониён сахт марбут аст.

Шоҳзамон Раҳмон дар мавриди эҷоди сухан ва шеъри хаёлангези ин ҳакими жарфандеш менависад: «Ҳакими Қабодиёнӣ ҳам аз нахустин қадамҳои эҷодиёти худ шеър гуфта, вопасин сухани хирадмандонаашро низ бо шеър анҷом пазируфта бошад. Ӯ шеъри бо хирад, хаёлангез, шеъри замираш бо чароғи ақл фурӯзону даргирифтаро дӯст медошт. Яъне, шеър барои ӯ чизе буд, ки тавассуташ ақлу идроки мардумро навозиш мекард. Шеърҳои озодандешӣ, шӯрангезӣ, зидди хурофотии ӯ, мисли шамшер ё силоҳи абарқудрат хизмат менамуд.

Шеър дар эҷодиёти вай ҳусни нави маънавӣ ба вуҷуд меовард. Дар шеър одат он аст, ки асли ҳақиқати ҳаёт аз буду дороияш зиёд, гоҳе дар шакли муболиғаву ғулув ифода карда мешавад. Носири Хусрав бо асарҳои манзуми худ шеъри тафаккуриву мантиқиро ба дараҷаи баланд расонид, дар назми интеллектуалӣ қуввату дармони нав ворид кард. Ҳақиқатҳои илмию тавоноии шеърро афзун менамуд. Шеър дар назари ин ҳакими донишманд мабдаи бештари ҷавлонгоҳи маънӣ, зурваи баланди ғояҳои олӣ, рангину дурахшанда будани ақлу хирад, маъниҳои мазҳабию ботинӣ шуд [Ҷумҳурият, 6 сентябри соли 2003, саҳ. 2].

Аз сухани худи шоир дақиқан ба назар мерасад, ки шеърҳои ӯ тафаккурӣ, ақлонӣ ва динӣ-фалсафӣ ҳастанд. Носири Хусрав як навъи шеъре ба қалам дод, ки ҳикмату мазмунҳои таҳтонӣ доштанд. Мантиқи сухан ва мазмунҳои ботинӣ асоси ин гуна шеърҳоро ташкил менамуданд. Шоир Лаълҷуба Мирзоҳасанов шеъри шоирро динӣ-дунявӣ ва дунявӣ-динӣ ҳисоб мекунад: «Шеъри Носири Хусрав ба андешаи мо динӣ-дунявӣ ва дунявӣ-динист. Агар ӯро гӯяндаи шеър дар дарбор донем, пас шеъри ӯ аз мазмуни динӣ ба ҷониби дунявӣ майл мекунад ва агар ӯро шоири дарборӣ нагӯем, пас шеъри ӯ аввал дунявӣ баъд динист» [6, с.426].

Бояд гуфт, ки мардумон дар хилват нисбат ба шеърҳои эҳсосотӣ хондани ашъори мутафаккиронаро авлотар медонистанд ва Ҳаким Носири Хусрав низ ҳамин равияро писандидааст.

Аз рӯйи андешаи муҳаққиқон ва тадқиқотчиёни осори Носири Хусрав равшан мегардад, ки дар шеъри ӯ мавқеияти динӣ назар ба замон ва абнои он, ахлоқ, олам, замону макон, хубию зиштӣ бо диди мутобиқ ва аз мавқеи мухолифи замон инъикос ёфтааст. Аз диди ин андешамандон Носири Хусрав дар заминаи эътиқодоту русуми замон, қоидаҳои рафтор ва намуди ихтилофоти ҷаҳони табиӣ ва маънавӣ аз пайи ҷустуҷӯи инсони баркамоле рафтааст.

Равшан аст, ки шеъри шоир як навъ шарҳу дифоъ аз назару биниши ӯ дар шакли густурда ва намоиши айнӣ ба назар мерасад. Аз диди назари донишманд ва адабиётшиноси тоҷик Худоӣ Шариф: «Шеъри Носири Хусрав маърифати ҳастӣ ё дидгоҳи ӯ ба зиндагист, ки аз мавқеи дониш ва таҷрибаҳояш ҳосил шудааст. Хусрав ҳикмати худро ба кирдори оламӣ мепайвандад ва дар ҳамин нукта шеъри ӯ аз фалсафааш фарқ мекунад ва омезиши назару амал сифати асосии шеър аст» [11, с.10].

Дар шеъри Носири Хусрав ақидаҳои пандуахлоқӣ дар бораи муносибати байни одамон, меҳнат ва аҳли меҳнат, авлиё ва ҳукамо, ақл ва имон, дар бораи танҳоӣ, тарки дунё ва қаноат, мазаммати синфи ҳокиму муфтхӯрон ва амсоли он ақидаҳои арзишманд изҳор шудаанд.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҷанбаҳои гуногуни шеъри Носири Хусрав омӯхта нашудааст ва муҳаққиқон бар он бовараанд, ки шеъри ӯ бояд аз рӯйи се самти асосӣ дар оянда омӯхта шавад: аввалан омӯхтан, шинохтан ва таъйин намудани маъхаз ва манобеи гуфтори ӯ дар девони ашъор; дувум, чеҳраи динӣ, фалсафӣ ва мардумии ашъори Носири Хусрав ва савум омӯхтан ва шинохтани ҳунари шоирӣ аз лиҳози забону услуб, вазну қофия ва махсусан ҳунари шоирии шеъри Носири Хусрав ҳанӯз пурра ва ҳаматарафа кушода нашудааст.

Муқарриз: ***Офаридаев Н.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдунабӣ Сатторзода. «Хубсухани» Носири Хусрав: андешаҳои ӯ дар перромуни шеър / Сатторзода, Абдунабӣ // Куҳна ва нав. – Душанбе: Адиб, 2004. - С.135-156.
2. Абдунабӣ Сатторзода. Кӯҳна ва нав / Сатторзода, Абдунабӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. - 251 с.
3. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / Ҷомӣ, Абдурраҳмон. – Душанбе: Ирфон, 1966. - 279 с.
4. Бертелс А.Е. Носири Хусрав ва исмоилия / А.Е. Бертелс. - Теҳрон, 1375. – 400 с.
5. Расул Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз / Ҳодизода, Расул. - Душанбе: Адиб, 1988. - 288 с.

6. Носири Хусрав. Девони ашъор. Бо кӯшиши Саид Насруллои Тақво. - Теҳрон, 1372.
7. Носири Хусрав. Девони ашъор. Дар ду ҷилд. Бо кӯшиши Амрияздони Алимардон ва Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. - 1400 с.
8. Семёнов. А.А. Противоречия в учении о переселении душ у памирских исмаилитов и у Насыр-и – Хусрова / А.А. Семенов. Бюллетення Средне-Азиатского Государственного Университета. - № 9. – Тошкент, 1925. - 16 с.
9. Рейснер М.Л. Поэтический язык как средство проповеди концепции Благого Слова в творчестве Насира Хусрава / М.Л. Рейснер, Л.Р. Додыхудоева. - Москва: Наталис, 2007. - 340 с.
10. Субҳон Аъзамзод. Мунозираҳо роҷеъ ба Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар Тоҷикистон (солҳои 20-30 юми саддаи бисти мелодӣ) / Аъзамзод Субҳон // Маҷмуаи мақолот, ҳамоиши Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ. - Теҳрон: Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, 1394. - 20-12 урдибиҳиштмоҳ. - С.1132-1144.
11. Худоӣ Шарифзода. Таърихи адабиёти тоҷик / Шарифзода, Худоӣ, Нарзиқул, Мисбоҳиддин. - Душанбе: ТоРус, 2017. - 415 с.
12. Худоӣ Шарифов. Рози ҷаҳон (нақд ва баррасии шеъри Носири Хусрав) / Шарифов, Худоӣ. – Душанбе: Бухоро, 2016. - 329 с.
13. Шерзамон Фируз. Фалсафаи ахлоқии Носири Хусрав ва решаҳои он / Фируз, Шерзамон. – Покистон, 1371. - 1993. - 431 с.

АНДЕШАИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК НИСБАТ БА ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Мусаллам аст, ки таҳқиқоти илмӣ доир ба осор ва афкори шоирони классикии форсу тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шуда, пешравиҳои наве дар соҳаҳои илм ба вуҷуд омаданд. Махсусан дар соҳаи адабиётшиносӣ комёбиҳои бузурге дар ҷодаи таҳқиқотҳои илмӣ ба сари кор омаданд. Дар замони собиқи шуравӣ давра ба давра нисбати осори шоирони классикӣ тадқиқотҳои зиёде ба сомон расонида шуданд. Аз ҷумла, доир ба осор ва ашъори Носири Хусрав тадқиқотҳои зиёде рӯйи кор омада, тамоми ҷанбаҳои осори шоир зери таҳқиқот қарор гирифтанд. Шеъри Носири Хусрав, ки як ҷанбаи умдаи осори ӯ маҳсуб меёбад, аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик зери таҳқиқоти илмӣ ҳанӯз аз солҳои 30 асри ХХ ба вуҷуд омад ва дар даврахои минбаъда идома ёфт. Дар мақолаи мазкур, ки дар бораи назари муҳаққиқони тоҷик нисбати шеъри Носири Хусрав сухан меравад, бо далелҳо ва таҳлилҳои мушаххас андешаронӣ шудааст. Муаллиф дар баробари таҳлили назари муҳаққиқони тоҷик дар бораи шеъри Носири Хусрав, пеш аз ҳама, манзалати шеъру суханро аз забони шоир бо мисолҳое аз осори ӯ баён сохта, аз андешаи сарчашмашиносони пешин ёдовар мешавад ва назари муҳаққиқони бурунмарзиро мавриди баррасии илмӣ қарор дода, ба таҳлили андешаи муҳаққиқони замони шӯравӣ ва муосири тоҷик таваҷҷуҳ намудааст ва онро ҳамаҷониба таҳлил ва шарҳу тавзеҳ додааст.

Калидвожаҳо: Носири Хусрав, шеъру шоирӣ, девони ашъор, муҳаққиқон, ашъор, сухани манзум.

ТОЧКА ЗРЕНИЯ ТАДЖИКСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ О ПОЭЗИИ НОСИРИ ХУСРАВА

Очевидно, что научные исследования творчества классических персидских и таджикских поэтов проводились отечественными и зарубежными исследователями, и были достигнуты успехи в области науки. Большие успехи были достигнуты в области литературоведения. В постсоветский период было проведено множество исследований произведений поэтов-классиков. В частности, подвергались исследованию произведения Носири Хусрава, были изучены почти все аспекты его творчества. Поэзия Носири Хусрава, являющаяся одним из основных направлений его творчества, подвергалась исследованию таджикскими исследователями с 30-х годов XX века, которое продолжалось в последующие периоды. В данной статье рассматриваются взгляды таджикских исследователей на поэзию Носири Хусрава и выводы потверждаются конкретными доказательствами. Наряду с анализом точки зрения таджикских исследователей по отношению к поэзии Носири Хусрава, автор, прежде всего, описывает значение стиха и слова в понимании самого поэта на примерах из его же произведений, вспоминает взгляды бывших ученых и всесторонне анализирует взгляды зарубежных, советских и современных таджикских исследователей.

Ключевые слова: Носири Хусрав, поэзия и стихосложение, Диван стихов, исследователи, поэзия.

THE POINT OF VIEW OF TAJIK RESEARCHERS ON THE POETRY OF NOSIRI KHUSRAV

It is obvious that scientific research of the creativity of classical Persian and Tajik poets was carried out by domestic and foreign researchers, and new advances were made in the field of science. Especially, great successes have been achieved in the field of literary criticism. In the post-Soviet period, many studies have been carried out on the works of classical poets. In particular, the works of Nosiri Khusrav were studied, almost all aspects of his work were studied. The poetry of Nosiri Khusrav, which is one of the main directions of his work, has been studied by Tajik researchers since the 30s of the twentieth century and continued in subsequent periods. In this article, the attitudes of Tajik researchers towards the poetry of Nosiri Khusrav are examined and analyzed with specific evidence. Along with the analysis of the point of view of Tajik researchers in relation to the poetry of Nosiri Khusrav, the author, first of all, describes the meaning of poetry and the word in the understanding of the poet himself using examples from his own works, recalls the views of former scientists and comprehensively analyzes the views of foreign, Soviet and modern Tajik researchers .

Key words: Nosiri Khusrav, poetry and poetry, Divan of poetry, researchers, poetry.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Беронов Ҷумъа*** - Дошингоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёт. **Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Ленин, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Сведение об авторе: ***Беронов Джумъа*** - Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой литературы. **Адрес**: 736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул.Ленина, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Information about the author: ***Beronov Jum'a*** - Khorog State University. M. Nazarshoeva, candidate of philological sciences, head of the Department of Literature. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Lenin Str., 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-97-27-74**

УДК: 8 Т2

ҒОЯИ ИНСОНИ КОМИЛ ДАР АШЪОРИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Аҳророва Г.У.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ҷомеаи инсонӣ ҳамеша ниёзманди рукну меҳвари асосӣ- инсони комилу тарбиятдида ва дорои ахлоқи ҳамидаву мустаҳсан мебошад. Барои тарбияи маънавӣ ва ахлоқии инсон дар тули ҳазорсолаҳо шахсиятҳои ҳушманду хирадманд кӯшишҳои зиёд ба харҷ додаанд. Миллати тоҷик, ки ба унвони ақвоми соҳибтаърих, соҳибфарҳангу соҳибтамаддун дар қаламрави тамаддуни башарӣ эътироф гардидааст, бо эҷоди ин арзишҳои олӣ дар тарбияи инсонгароӣ нақши муассир мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардаанд: “Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огаҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонанд” [9, с.5]. Маҳз маданияти баланди инсонгароӣ, дӯст доштани зиндагӣ ва ҳаёт, эҳтиром ва поси хотири одам, ба қадри ҳамдигар расидан, одоби меҳмондорӣ ва меҳмоннавозии халқи сарбаланди тоҷик онро тарбиятдиҳандаи қавму миллатҳои дигар гардонид, ки он боиси дар доираи фарҳанги ҷаҳонӣ мақоми хосса ишғол намудани миллатамон гардид. Ба гуфти М.Шакурӣ “яке аз ҳадафҳои миллӣ дар замони мо бозофариниши ахлоқи миллист, соҳиб шудан ба чунин хулқу одоб аст, ки решаҳои таърихӣ дошта, дар айни ҳол дархости дунёи имрӯзаро посухгӯй бошад. Меъёрҳои миллии ахлоқ аз тарзи хосси зиндагии миллат ҳосил гардида, фаҳмишу биниши ӯро ифода мекунад ва барои ин ки зисту маишат осонтар сурат гирифта бештар мазмуни инсонӣ дошта бошад, кумак менамояд” [14, с.76].

Шоирону мутафаккирони шинохтаи тоҷик дар асарҳои безаволи хеш ғояҳои маъмули тарбияи инсони комилро инъикос кардаанд. Густариши насри ахлоқӣ дар асрҳои XI-XVI ва таълиф шудани осоре аз қабили “Панднома”-и Абумансур Муҳаммади Мотурудӣ, “Қобуснома” – и Унсурмаолии Кайковус, “Насиҳат-ул-мулук” –и Муҳаммади Ғаззолӣ, “Ахлоқи Носирӣ” – и Насируддини Тӯсӣ, “Ахлоқи Ҷалолӣ” – и Ҷалолуддини Даввонӣ, “Кашф-ул-маҳҷуб”- и Ҳаҷвирии Ғазнавӣ, “Гулистон” -и Саъдии Шерозӣ, “Баҳористон”- и Абдурраҳмони Ҷомӣ, “Футувватномаи султонӣ” ва “Ахлоқи Муҳсинӣ” – и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва ғайраҳо далели ин гуфтаҳост.

Мавлоно Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз шахсияти барҷастаи илму адаби асри XV тоҷику форс мебошад, ки мероси адабии ӯ дорои ғояи баланди афкори ахлоқист. Мавлоно Ҳусайн аз воизони бебадали аҳди худ будааст. “Барои ваъз гуфтан дар мавзуоти динию ахлоқӣ дониши фаровон дар ҳавзаи дину ирфон ва адаб доштан лозим аст, то битавон мардумро ба гуфтори худ мутамоил сохт” [8, с.220]. Чунончи, ҳамасри Кошифӣ Алишер Навоӣ навиштааст: “Мавлоно бағоят зуфунун, пуркор воҷеъ шуда ва кам фанне бошад, ки онро дар он дахле набошад. Хусусан ваъз ва иншо, нуҷум, ки ҳаққи ӯст ва дар як аз ин корҳое машҳур ва мутаайян вуқуфи тамом медорад” [7, с.7]. Ҳамасри дигари Кошифӣ Муҳаммад Қазвинӣ фазилати волои воизии Мавлоно ва саҳми ӯро дар инкишофи нуҷум ва хосса, илми ахлоқ зикр намудааст: “Мавлоно, чунон ки ҳамаи касро маълум аст, воизе дар ғояти хубӣ аст ва дар олам аз бани одам воизе ба хубии ӯ набуда ва нест... Мавлоно дар ҷамъи аснофи улум моҳир буда ва дар илми нуҷум хусусан фариди даҳр ва воҳиди аср менамуда... кутуб ва тасонифи ӯ дар илми ахлоқ машҳуру беназир аст, бисёр хубу дилпазир ва марғуби сағиру кабир” [7, с.258].

Дигар аз ҳамасри Мавлоно Кошифӣ муаррихи машҳур Хондамир дар китоби “Ҳабиб-ус-сияр” менигорад: “Мавлоно Камолиддин Ҳусайн-ал-Воиз” дар илми нуҷум ва иншо бемисли замони худ буд ва дар соири улум низ ба амсон ва акрон даъвии баробарӣ менамуд. Бо овози хуш ва савти дилкаш ба амри ваъз ва насиҳат мепардохт” [11, с.341].

Дар мақолаи мазкур дар заминаи асарҳои Кошифӣ “Футувватномаи султонӣ” ва “Ахлоқи Муҳсинӣ” баъзе паҳлуҳои таълимоти ахлоқии мутаффаккир, хосса мавзуи инсони комил мавриди таҳқиқ фаро гирифта шудааст. Дар фарҳангу, тамаддуни тоҷику

форс тарбияи инсони комил, ҷавонмардӣ, инсони тавонову донишманд яке аз ғояҳои асосӣ маҳсуб меёфт. Кулли рукнҳои фарҳанг, ҳикмату фалсафа, адабиёту санъат, мусиқӣ ва дигар бахшҳо маҳз ба тарбияи инсони комил нигаронида шудааст.

Кошифӣ мақом ва манзалати инсони комилро бо обуранги бадеӣ нишон додааст. Ӯ зикр менамояд, ки "мисоли он ки офтоби хандон боғу роғро шукуфон, рӯйи заминро равшану гулшан месозад, ё ки санги хоро ба дасти ҳунарманд расад, ба гавҳар мубаддал мешавад, ба ҳамин монанд, инсон низ чун аз илми ахлоқ огоҳу баҳраманд шуд, таълиму тарбияи устодони донишмандро гирифт, фазилати ҷавонмардӣ ва инсони комилро касб менамояд" [4, с.74]. Аз назари Кошифӣ таълиму тарбия, хосса тарбияи ахлоқӣ аз овони кӯдакӣ бояд оғоз гардад. Бинобар ин, кӯшиш бояд кард, ки ба кӯдакон аз хурдӣ хулқу хӯи некро омӯзонид, то ки гуфтору рафтори писандида одати онҳо гардад. Онҳоро қатъиян аз муҳити бад ва таъсири он эмин бояд дошт "Ҷавҳари ҳақиқати ӯро ба ҳар чӣ майл диҳанд, моил гардад. Пас, бо зарурат ба тарбияти ӯ саъй бояд фармуд, то ба сифатҳои писандида мутаассиф гардид ва аз хислатҳои накуҳанда мунҳариф шавад" [15, с.103]. Зеро "бунёди маънавии инсон, сират, ҷавҳари одамиро одоб, хӯи нек ташкил медиҳад" [3, с.13]. Ба ақидаи Мавлоно одамият, сирати аслии инсон маҳз ба туфайли одобу хулқи нек муайян мегардад. Бунёди маънавии инсон, сират, ҷавҳари одамиро одоб ва хӯи нек ташкил менамояд, на зоҳир ва сурати вай:

Ҳар кӣ ӯ дар сирати некӯ бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.
Некии мардум на накӯрӯйӣ аст,
Хӯи некӯ мояи некӯйӣ аст [12, с.133].

Ё худ:

Рӯйи хуб асту камоли ҳунару домони пок,
Лоҷарам ҳиммати покони ду олам бо ӯст [12, с.133].

Мавлоно беҳтарин суннатҳои таълимоти ахлоқии ниёгонро пайгирӣ ва инкишоф дода, ахлоқро ҳамчун арзиши олӣ баррасӣ карда, зебогии инсонро низ дар одобу рафтори шоиста мебинад. "Ахлоқи сутуда ва авсофи писандида одамиёнро зебо ва мустаҳсан менамояд" [12, с.125].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ мафҳуму фазилатҳои асосӣ ва бунёдии ахлоқ, ба монанди раҳму шафқат, сабру таҳаммул, шарму ҳаё, адолат, иффат, шуҷоат, фаросат, аҳду вафо, ҷидду ҷаҳд, хоксориву фурӯтанӣ, саховату эҳсон, садоқату дӯстӣ, олиҳиммативу адолат ва ғайраро таҳлилу баррасӣ намуда, мазмуну моҳияти онро баён сохтааст:

Ҳиммат баланд дор, ки назди худову халқ,
Бошад ба қадри ҳиммати ту эътибори ту [12, с.135].

Кошифӣ ба мавзуи одоби муошират эътибори калон додааст. Зеро одоби муошират, фарҳангу маданияти рафтор зуҳуроти воқеии ахлоқро ифода менамояд. "Инсони оқил ва комил, бояд бидонад, ки чӣ гуна бо одамон муошират намояд ва ҳар касеро мутобиқи шаъну манзалаташ эҳтиром гузорад" [2, с.87]. Дар одоби муошират маънавият, фарҳангу маданияти ҳар як шахс зоҳир мегардад. "Футувватномаи Султонӣ"-и Кошифӣ паҳлуҳои гуногун ва хеле зиёди одоби муоширатро фаро мегирад. Ин масъала низ дар панду ҳикматҳои Воизи Кошифӣ мақоми махсус дорад ва дар ин маврид гуфтааст: "Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар кӣ дар нутқ адаб риоя накунад, аз ин шараф бебаҳра бошад" [12, с.77]. Ба ин маънӣ Кошифӣ чунин гуфтааст:

Ба ширинзабониву лутфу хушӣ,
Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ [12, с158].

Мавлоно чунин зикр кардааст: "Барои он ки нутқ ба савоб (сухани рост) бояд ва илло хомӯшӣ беҳ, аз он бувад. Агар пурсанд, ки адаби ғолибон дар сухан гуфтан чанд аст, бигӯй, шаш: аввал, он ки сухан фароҳури (муносиби) ҳоли кас гӯяд:

Бо ёри нав аз ғами куҳан бояд гуфт,
Бо ӯ ба забони ӯ сухан бояд гуфт [12, с.78].

Дуюм, он ки ба лутф сухан гӯяд, на ба унф (дуруштӣ). Сеюм, он ки дар вақти сухан гуфтан хандон ва шукуфта бошад, на туршрӯю гирифта. Чаҳорум, чандон сухан ба мустамеъи (шунавандаи) он гӯяд, ки ба малоли хотири эшон наанҷомад. Панҷум, сухан гӯяд, ки манфиати дунё дар он бошад. Шашум, то сухане тамом баиёр (қадр) набошад, бар забон наронад, ки сухани бузургон ба масобаи (монанди) тухм аст ва агар тухм фосиду

бемағз бошад, дар ҳар замин, ки афтад, нарӯяд ва аз ӯ манфиате ба ҳосил нарасад” [12, с.78].

Мардум барои он ки ба сухани гӯянда гӯш диҳанд, бояд ба ӯ эътимод дошта бошанд ва ӯро дурусту ростгӯ ва донову самимӣ, хайрхоҳу меҳрубон бидонанд ва арҷманду гиромӣ доранд. Махсусан, хоксориву фурӯтанӣ бояд яке аз хислатҳои муҳимми ҳар як шахс, бахусус мутахассиси соҳибмаърифат қарор гирад. Агар шахс бо кибру ғурур ба мардум сухан гӯяду худписандӣ ва худситоӣ кунад, иззати нафси эшонро меранҷонад. Суханвар дар гуфтору кирдори худ саҳву иштибоҳе карда бошад ва иқрор кунаду бахшиш пурсад, дар назди мардум басе арҷманд хоҳад буд. Ба ин маънӣ Кошифӣ гуфтааст:

Кам гӯю гузида гӯй чун дур,
То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур.
Лоф аз сухани чу дур тавон зад,
Он хишт бувад, ки пур тавон зад.
Об арчи басе зулол хезад,
Аз хӯрдани пур малол хезад [12, с.78].

Яке аз хислатҳои наҷиби инсони комил ин ташаккули ҳисси дӯстию рафоқат мебошад. Ба андешаи Кошифӣ, бо он касе дӯстӣ кардан лозим аст, ки агар дорои панҷ хислати неку бошад: аввал, боақл бошад; дуюм, рафтору одоби нек дошта бошад; сеюм, ҳар шахс бояд ҳадди нафсашро шиносад ва бо одамони бадкор дӯстӣ накунад; чаҳорум, агар инсон дунёдӯсту гурусначашм бошад, ҳеҷ гоҳ дӯсти ҳақиқӣ шуданаш мумкин нест; панҷум, ҳар касе, ки ростгӯ набошад, аз дӯстии вай ҳеҷ умеде нест. Ба ин маънӣ ӯ гуфтааст:

Як гули мақсуд дар ин бӯстон,
Чида нашуд бе мадади дӯстон [12, с.173].

Ростиву наҷобат, некиву покизагӣ, дилу нияти поку беолоиш ба кас рӯйи сурху саодатро ба армуғон хоҳад овард. Аз хусусиятҳои назарраси таълимоти Кошифӣ ин аст, ки мағз андар мағзи афкори ахлоқию сиёсии ӯро шарти инсондӯстӣ ташкил менамояд. Мутафаккир меъёри ахлоқи ҳамида ва сиёсати одилонаро дар эҳтироми инсон ва ҳифзи ҳуқуқи ӯ, хосса ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои табақаҳои поёни халқ, раъият, омма, мардум, муҳтоҷону заифонро такрор ба такрор зикр менамояд. Ин аз майли зиёди мутафаккир ба ғояи халқпарварӣ низ гувоҳӣ медиҳад. Кошифӣ ҳамчун мутафаккири бузург мақоми ахлоқро дар бунёди ҳастии ҷомеа хуб дарк намуда, ахлоқу одоби ҳамида ва хулқи накуро барои кулли ҷомеа ҳатмӣ донистааст. Дар ин маънӣ ӯ фармудааст: “Мурод аз хулқ ва ғараз аз рафқ нармиву дилҷӯӣ ва яке аз созгорӣ бошад, ба мулотифат (нармӣ) ва яке корсозӣ ба мадоро ва мулоимат ва аммо хулқ некутарин неъмате ва зеботарин хислатест” [12, с.157].

Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ,
Ҳеҷ аҳлият беҳ аз хулқи наку [12, с.157].

Аз ҷумлаи фазилатҳои зарурӣ барои инсони комил аз назари Кошифӣ шукргузориву сипосмандӣ, сабру таҳаммул, шарму ҳаё, иффат, покӣ, саъйи комил аст. Ӯ зикр менамояд, ки:

Сабр беҳтар мардро аз ҳарчӣ ҳаст,
То биёбад бар муроди хеш даст[12, с.127].

Гар ҳаё набвад, барафтад расми исмат аз миён,
В-ар ҳиҷобе дар миён аст, аз тақозои ҳаёст [12, с.130].

Касе, к-ӯ шуд ба номи нек машҳур,
Пас аз маргаш бузургон зинда донанд.
Вале онро, ки бадфеъл асту бадном,
Агарчи зинда бошад, мурда хонанд [12, с.220].

Одобу ахлоқ бунёди маънавии инсон ва ҷомеа мебошад. Саодатмандӣ дар зиндагӣ, пирӯзӣ дар кору фаъолият, комёбӣ дар таҳсилу хониш бевосита аз одобу фарҳанг вобастаанд. Рисолати тарбиявии одобу ахлоқ дар инсон сифатҳои волои маънавӣ, раҳму шафқат, адлу инсоф, шуҷоату далерӣ, иффату покӣ, одамгариву инсондӯстиро парваридан аст. Чи хеле ки В.А. Сухомлинский таъкид кардааст, “вақте сухан аз симои маънавии одам

меравад, калимаҳои *муқаддас* ва *устувор* маънои муайян пайдо мекунанд: ин ҳамон чизест, ки одам онро мисли шаъну шараф ва қадру эътибораш азиз медонаду ба ҳеҷ ваҷҳ аз баҳраш гузашта наметавонад. Одаме, ки мо тарбияаш мекунем, бояд ҳақиқати муқаддас, номҳои муқаддас, принсипҳои муқаддас ва қоидаҳои муқаддасу баҳснопазир ва пойдори хулқу одоб дошта бошад" [10, с.129].

Ахлоқи писандида ва хушхӯй аввалан дар муносибат ва одоби муошират зоҳир мегардад. Услубу одоби муомила ва одоби муошират паҳлуҳои хеле гуногун доранд. Он одоби салом, одоби сухан, одоби роҳ рафтан, одоб ба волидайн, одоб бо устодон, одоб бо дӯстону ошноён, одоб бо ҳамсоягон, одоби хариду фурӯш, одоби ба бозор рафтан, одоб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

Қонуну қоидаҳои ахлоқи ҳамида ва одоби муоширатро ҳар як инсон дониставу риоя карданаш заруру ҳатмӣ ва фарзу суннат аст. Барҳақ аст, ки зебоиву ҳусну ҷамоли инсон аз ахлоқ ва одоби муошират ӯст. Ин маъниро мутафаккир ва адиби бузург Бадриддини Ҳилолӣ низ шоиронаву хирадмандона зикр кардааст:

Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,
Баҳоре дар камоли эътидол аст.

Аломати аввалини ахлоқи ҳамида, хушхӯй дар одоби салому алейк зоҳир мегардад. Касе, ки дар оила, дар мактаб таълиму тарбияи хуб гирифтааст, худро шинохтааст, ҳатман шартҳои салому алейкро риоя мекунад.

Ало, эй ҳушманди хубкирдор,
Бигӯям бо ту рамзе чанд аз асрор.
Нахустин ростиро пеша кардан,
Чу некон аз бадӣ андеша кардан.
Ҳама касро ба ёрӣ доштан дӯст,
Нагуфтан он яке мағзу дигар пӯст.
Зи банди нафси бад озод будан,
Ҳамеша пок бояд чашму доман.
Макун бад бо касе, к-ӯ бо ту бад кард,
Ту некӣ кун агар ҳастӣ ҷавонмард.
Муроди номуродонро баровар,
Ки то ёбӣ муроди хеш яксар.
Футувват чист? Доди халқ додан,
Ба пойи дастгирӣ истодан.
Адабро гӯш дор андар ҳама ҷой,
Макун бо беадаб ҳаргиз муҳобой.
Чу сахтӣ пешат ояд кун сабурӣ,
Дар он ҳолат макун аз сабр дурӣ.
Чу меҳмон даррасад, ширинзабон шав,
Ба сад алтоф пеши меҳмон шав.
Ба эҳсону карам дилҳо ба даст ор,
К-аз ин беҳтар набошад дар ҷаҳон кор.
Футувватдор чун шамъ аст дар ҷамъ,
Аз он сӯзад миёни ҷамъ чун шамъ.

Кошифӣ муносибати шахсро нисбат ба хешу табордорӣ сутуда, дар асарҳояш меъёрҳои гуногуни муносибатро дар ҷомеа пешниҳод намудааст. Пеш аз ҳама ӯ тавсия мекунад, ки ҳар фард дар тӯли зиндагиаш бо хешу табор дӯстии қавӣ барқарор намояд ва то охири умр эшонро гиромӣ дорад. Ӯ ҳафт шароити одобро бо хешовандон муқаррар карда гуфтааст: аввал, он ки бо эшон пайванд (дӯстӣ) кунӣ, ки силаи раҳм дар умр биафзояд. Дуюм, бо мол ба эшон кумак кунӣ. Сеюм, ба шодии эшон шод гардӣ ва ба ғами эшон ғамгин гардӣ. Чаҳорум, дар вақти мададгорӣ тариқи муованат (дастгирӣ) фурӯ нагзорӣ. Панҷум, ҳарчанд бо ту ҷафо кунанд, дар мукофоти он, вафо ба ҷой орӣ. Шашум, бо душманони эшон дарнасозӣ. Ҳафтум, қасди мол ба арзи эшон накунӣ, ки ту низ беномус ва беқадр мешавӣ.

Таҷриба собит кардааст, ки ҳар як халқ табиати махсуси мантиқии тарбияро дорад, ки дар он ормонҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои тарбияи миллӣ ва умумиинсонӣ татбиқ карда мешаванд. Ба гуфти профессор Ш. Шарофов «муҳтавои тарбия, таълим ва инкишоф ҷузъи

муҳимми сохтории технологияи педагогӣ мебошад» [13, с.129]. Тарбия метавонад ба тақдири ҳозираи инсон ва ояндаи ӯ таъсир расонад. Бинобар ин, табиату моҳияти тарбияро бояд дарк намуда ҳадаф, вазифаҳо, усул ва воситаҳои тарбияро муайян кардан зарур аст.

Ҳамин тавр, дар таърихи тамаддуни тоҷику форс яке аз ормон ва ғояҳои марказӣ ин тарбия намудани инсони комил, ҷавонмард, инсони тавонову донишманд маҳсуб меёфт. Тамоми осори адибони тоҷику форс ба тарбияи инсони комил нигаронида шудааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз зумраи адибонест, ки мақом ва манзалати инсони комилро бо обуранги бадеӣ дар асарҳояш, ба монанди “Футувватномаи султонӣ” ва “Ахлоқи Муҳсинӣ” нишон додааст. ӯ зикр менамояд, ки одамияту маънавияти комил соҳибмаърифатӣ, масъулиятшиносӣ, хушахлоқӣ, хирадмандӣ, ватандӯстӣ, дигар фазилатҳои волои инсониро таҷассум менамояд. Чун инсон соҳиби одоби писандида, одамияту маънавият шуд, дар таҳсили илму фан, касбу кор, зиндагиву рӯзгор ба пирӯзиву комёбӣ, сарфарозиву саодатмандӣ муяссар хоҳад гашт. Мусаллам аст, ки мавзуи инсони комил ва шоҳи одил аз ҷумлаи мавзуъҳои марказии фалсафа, ҳикмату адабиёти тоҷик маҳсуб меёфт. Кулли рукнҳои асосии фарҳанги миллӣ маҳз ба тарбия, ташаккулу такомули инсони комил нигаронида шудаанд. Зеро чӣ хеле ки Кошифӣ қайд кардааст:

Хӯи нек ар додат эзид, ҳеҷ дигаргӯ мабош,
Хӯи нек, эй одамӣ, аз ҳар чӣ дорӣ беҳтар аст [12, с.34].

Муқарриз: ***Оқилова С.*** – номзади илмҳои филология, дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмадов М. Насри ахлоқӣ-тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / М.Аҳмадов. - Душанбе, 1994.
2. Зиёев И.Ғ. Ахлоқ ва зебоишиносӣ / И.Ғ. Зиёев, З.И. Зиёева. – Душанбе: Донишварон, 2019. – 480 с.
3. Мирбобоев М. Ахлоқ ва одоби муошират / М.Мирбобоев, Ф.Рустамова. - Хуҷанд, 2018. - 120 с.
4. Мирбобоев М. Ахлоқи ҷавонмардии ниёгон (асрҳои XV-XVI) / М.Мирбобоев. – Хуҷанд, 2021. – 196 с.
5. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Аз давраи қадим то асри XIII. Китоби 1 (1) / Х.Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1987. – 448 с.
6. Муродӣ, Н. Инсони комил ва ифодашавии он дар “Бӯстон”-и Саъдӣ / Н.Муродӣ. – Хуҷанд, 1998. – 76 с.
7. Навоӣ, Алишер. Нафоис-ул-маҷолис / Алишери Навоӣ. - Теҳрон, 1323.
8. Назар, М. Арзиши адабии “Тафсири Ҳусайнӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / М.Назар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. - №4.
9. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. - Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
10. Сухомлинский В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷилди сеюм / В.А. Сухомлинский. - Душанбе: Маориф, 1988. – 672 с.
11. Хондамир. Ҳабибу-ус-сияр. - Теҳрон, 1355.
12. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи “Ҳотамия” / Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. - Душанбе: Адиб, 1991. - 320 с.
13. Шарофов Ш. Муошират ва худшиносӣ / Ш.Шарофов. - Хуҷанд, 2017. - 302 с.
14. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо (Маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон) / М.Шакурӣ. - Душанбе: Оли Сомон, 1997. - 292 с.
15. Энсиклопедияи насри тоҷику форс. Ахлоқи Муҳсинӣ. Саргузашти Ҳотам. Тӯтинома. – Душанбе, 2009.

ҒОЯИ ИНСОНИ КОМИЛ ДАР АШЪОРИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Дар мақола муаллиф баъзе паҳлуҳои таълимоти ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, хосса ғояи инсони комилро дар заминаи асарҳои “Футувватномаи султонӣ” ва “Ахлоқи Муҳсинӣ” мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар фарҳангу тамаддуни тоҷику форс яке аз ормон, ғояҳои марказӣ тарбияи инсони комил, ҷавонмардӣ, инсони тавонову донишманд маҳсуб меёфт. Кулли рукнҳои фарҳанг, ҳикмату фалсафа, адабиёту санъат, мусиқӣ ва дигар бахшҳо маҳз ба тарбияи инсони комил нигаронида шудааст. Дар мақола қайд гардидааст, ки Кошифӣ мақом ва манзалати инсони комилро дар асарҳояш бо обуранги бадеӣ нишон додааст. Аз назари Кошифӣ таълиму тарбия, хосса тарбияи ахлоқӣ аз овони кӯдакӣ бояд оғоз гардад. Ӯ зикр менамояд, ки одамияту маънавияти комил соҳибмаърифатӣ, масъулиятшиносӣ, хушахлоқӣ, хирадмандӣ, ватандӯстӣ ва дигар фазилатҳои волои инсониро таҷассум менамояд. Чун инсон соҳиби одоби писандида, одамияту маънавият шуд, дар таҳсили илму фан, касбу кор, зиндагиву рӯзгор ба пирӯзиву комёбӣ, сарфарозиву саодатмандӣ муяссар хоҳад гашт. Маҳз маданияти баланди инсонгароӣ, дӯст доштани зиндагӣ ва ҳаёт, эҳтиром ва поси хотири одам, ба қадри ҳамдигар расидан, одоби меҳмондорӣ ва меҳмоннавозии халқи сарбаланди тоҷик ӯро тарбиятдиҳандаи қавму миллатҳои дигар гардонид, ки он боиси дар доираи фарҳанги ҷаҳонӣ мақоми хосса ишғол намудани миллатамон гардид. Муаллиф ба хулосае меояд, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ беҳтарин суннатҳои таълимоти ахлоқии ниёгонро пайгирӣ ва инкишоф дода, ахлоқро ҳамчун арзиши олӣ баррасӣ карда, зебогии инсонро низ дар одобу рафтори шоиста мебинад.

Калидвожаҳо: инсони комил, ҷавонмард, донишманд, накукор, хушахлоқ, масъулиятшинос, одоби муошират, хирадманд, инсондӯстӣ, ахлоқ.

ОБРАЗ ИДЕАЛЬНОГО ЧЕЛОВЕКА В ПОЭЗИИ ХУСАЙН ВОИЗИ КОШИФИ

В статье автор исследует некоторые аспекты морального учения Хусайна Воизи Кошифи, особенно образ совершенного человека, на основе его произведений “Футувватномаи султони” и “ Ахлоки Муҳсини”. В культуре таджикского народа центральным образом совершенного человека считался именно молодой, сильный, образованный, воспитанный человек. Все стороны культуры, мудрости и философии, литературы и искусства, музыки направлены именно на воспитание совершенного человека. В статье отмечается, что Кошифи в своих произведениях продемонстрировал статус и облик совершенного человека в художественном виде и цвете. С точки зрения Кошифи, образование и воспитание, особенно нравственное воспитание, должны начинаться с детства. Он отмечает, что человечность и духовность воплощают в себе воспитание, ответственность, жизнерадостность, мудрость, патриотизм и другие высшие человеческие качества. Человек, обладающий нравственностью, человечностью и духовностью, в учебе, профессии, на работе, в жизни и в быту достигнет победы, успехов и счастья. Именно высокая культура гуманизма, любовь к жизни, уважение и забота о человеке, взаимное восхищение, гостеприимство таджикского народа сделали его воспитателем других народов , что привело к тому, что наша нация стала занимать особое место в мировой культуре. Автор приходит к выводу, что Хусайн Кошифи развивал лучшие традиции нравственных учений предков, рассматривая нравственность как высшую ценность, а также созерцает красоту человека в достойной манере и поведении.

Ключевые слова: совершенный человек, мужественный человек, учёный, благодетель, человек с добрым нравом, ответственный, этика общения, мудрый человек, человеколюбие, нрав.

THE IMAGE OF THE IDEAL PERSON IN THE POETRY OF HUSAIN VOIZI KOSHIFI

In the article, the author explores some aspects of the moral teachings of Husain Voizi Koshifi, especially the image of a perfect person, based on his works “Futuvvatnomai sultoni” and “Akhloki Muhsini”. In the culture of the Tajik people, the central image of a perfect person was considered to be a young, strong, educated, well-mannered person. All aspects of culture, wisdom and philosophy, literature and art, music are aimed specifically at educating a perfect person. The article notes that Koshifi in his works demonstrated the status and appearance of a perfect person in artistic form and color. From the point of view of Koshifi, education and upbringing, especially moral education, should begin from childhood. He notes that humanity and spirituality embody education, responsibility, cheerfulness, wisdom, patriotism and other higher human qualities. A person with morality, humanity and spirituality will achieve victory, success and happiness in his studies, profession, work, life and everyday life. It is the high culture of humanism, love of life, respect and care for a person, mutual admiration, hospitality of the Tajik people that made him an educator of other peoples, which led to the fact that our nation began to occupy a special place in world culture. The author comes to the conclusion that Husain Koshifi developed the best traditions of the moral teachings of his ancestors, considering morality as the highest value, and also contemplates the beauty of a person in worthy manners and behavior.

Key words: perfect person, courageous person, scientist, benefactor, person with a good disposition, responsible, ethics of communication, wise person, philanthropy, disposition.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аҳорова Гулчеҳра Усмоновна*** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. **Суроға:** 735700,ҶумҳурииТоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё.И.Сомонӣ, 169. E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.**
Тел.: (**+992) 92-742-25-65**

Сведение об авторе: ***Ахорова Гулчехра Усмоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.И.Сомони, 169.
E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.** Тел.: (**+992) 92-742-25-65**

Information about the author: ***Ahrorova Gulchehra Usmonovna*** - Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce, PhD in Philology, Associate Professor of Candidate of the Department of Tajik and Russian Languages. **Adress**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I.Somoni, Ave., 169.
E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.** Tel.: (**+992) 92-742-25-65**

УДК: 891.550-8

НАҚДУ БАРРАСӢ ВА АНДЕШАҲОИ АДАБИВУ ИНТИҚОДӢ ДАР “ТАЗКИРАИ НАСРОБОДӢ”

Маҳмадшоев М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҳар як давраи таърихӣ вобаста ба вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, инкишоф, ё инқирози соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, авзои илмиву фарҳангӣ, вижагиҳои хосси хешро дорад ва муҳим ҳамон аст, ки мавҷудияти шароити мусоиди сиёсиву иқтисодӣ метавонад боиси инкишофи ҳаёти илмиву фарҳангӣ гардад. Яъне шароити таърихии мавҷуда индикатор-нишондиҳандаи вазъи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятист, ки дар осори адабӣ низ акс меёбад, бо ибораи дигар, шеъри шоир садои баланди ҳамовозии амиқ ва ё эътирози шадид нисбат ба вазъи ҳукмфармост, ки ин таъсири мутақобилаи адабиёти бадеӣ ва ҷомеаро таъмин менамояд [6, с.168].

“Тазкираи Насрободӣ”, ки ба қалами суханвари мумтози исфаҳонӣ Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ, мутаалиқ аст, дар шарҳи ҳол ва осори наздик ба 1000 шоири асри сафавӣ навишта шудааст. Муаллиф тазкираашро ба номи шоҳ Сулаймони Сафавӣ бахшидааст [5, с.176].

Бино ба маълумоти сарчашмаҳои адабиву таърихӣ аз Насрободӣ ғайр аз ин тазкира боз рисолаи “Гулшани хаёл”, рисолаи “Гули раъно”, рисолаи “Миръот-ул-ҷамол”, муншаот, рисолаи “Иншо дар таърифи ҳашт биҳишт” ва миқдоре ашъори пароканда боқӣ мондааст, ки ҳар яке дорои арзиши адабии ба худ хос мебошанд.

“Тазкираи Насрободӣ” фарогири як муқаддима, панҷ саф ва хотима мебошад. Ҳар саф ба чанд фирқа ва хотима низ ба ду бахш тақсим шуда, ки дар бораи шарҳи ҳоли шоҳону шоҳзодагон ва содот, нуҷабову уламо ва хушнависон, дарвешону шоирон маълумот медиҳад. Муаллиф дар сафи панҷум зиндагиномаи худ ва аквомашро овардааст. Хотима низ шомили ду бахш буда, дар онҳо намунаҳои зиёди моддаи таърих ва луғз гирдоварӣ шудааст.

Инчунин дар асари Тоҳири Насрободӣ бобе роҷеъ ба рӯзгору ашъори шоирони Мовароуннаҳр ҷудо карда шудааст, ки муаллиф саҳеҳии далелҳоро зимни мулоқоташ аз тазкиранигори маъруфи ҳамзамонаш Малеҳои Самарқандӣ пурсидааст [13, с.189].

Бино бар ишораи муҳаққиқони адабиёти тоҷику форс Насрободӣ тазкираи худро бо ҷумлаҳои насри маснӯъ дар ҳамди Худованд оғоз намуда, сипас бо насри сода аз фазилати сухани манзум баҳс мекунад ва зимни зикри тазкираҳои пешин ва муосири худ, ки ба назар мерасад дар таълифи тазкирааш аз бархе онҳо хусусан аз “Туҳфаи Сомӣ” бо иродат ва таъсирбахшии амиқ ёд намуда, сабаби таълифи китобро зикр мекунад [2, с.89].

Дар поёни дебоча ва пеш аз баёни фаслҳои китоб шоҳ Сулаймони Сафавиро мадҳ мегӯяд. Фаслҳои тазкира иборатанд аз:

-Муқаддима, дар бораи шоҳону шоҳзодагони сафавӣ, ки шеър сурудаанд.

-Сафи аввал, дар бораи амирону мулозимони дарбори сафавӣ ва темуриёни Ҳинд, муштамил бар се фирқа; амирони сафавӣ, амирони Ҳиндустон, вазирону муставфиён.

-Сафи дуюм, дар зикри содоту нуҷабо ва ашъори онҳо.

-Сафи сеюм дар бораи донишмандону хушнависон ва мутасаввифа, ки шеър низ гуфтаанд, муштамил бар се фирқа: олимону фозилон, хушнависон ва дарвешон.

-Сафи чорум, дар шарҳи аҳволи шоирон, иборат аз се даста: шоирони Ироқу Хуросон, шоирони Мовароуннаҳр, шоирони Ҳиндустон.

-Сафи панҷум, дар бораи хешони муаллиф ва зиндагиномаву ашъори худи муаллиф.

-Хотима, дар зикри модаи таърих ва луғзу муаммоҳои мутақаддимону муосирони муаллиф, иборат аз ду гурӯҳ, гурӯҳи аввал онҳое, ки муаллифи мушаххас доранд; гурӯҳи дуюм онҳое, ки муаллифашон номаълум мебошанд.

Ҳар гурӯҳ худ ба се ҳарф тақсим шудааст. Ҳарфи аввал дар бораи моддаи таърих, дуюм дар бораи луғз ва сеюм дар бораи муаммо.

Насрободӣ тавсия кардааст, ки дигарон агар нуктае ба назарашон расид ба тазкираи ӯ изофа кунанд.

Шарҳи аҳволи шоирон дар ин тазкира муъҷаз ва мухтасар аст. Муаллиф бештар ба хулқу атвор ва рафтор, ҳайъати зоҳирии афрод таваҷҷуҳ кардааст; осор, шуғл, мансаб, хешону дӯстон, устодони онҳо ва гоҳ ҳодисаи муҳиммеро, ки дар зиндагияшон рӯй дода, монанди фавти фарзанд ё ишқу ҷунуни онҳо зикр кардаву аз ҳар шоире як ё чанд байт нақл кардааст. Гоҳо низ ба шакли иборае ба нақди ашъори онҳо пардохтааст [8, с.224].

Дар сафи аввал ва дуюми китоб зимни он ки бархе аз хонадонҳои ашроф ва содоти аҳди сафавӣ, ки дар идораи кишвар даст доштаанд, муарифӣ шудаанд, бисёре аз мансабҳову унвонҳои идорӣ ва ҳукумати он давра низ зикр шудааст. Ва шумораи чунин мансабҳои зикршуда наздик ба яксаду бист адад аст, ки бархе аз онҳо дар сарчашмаҳои дигари адабиву таърихӣ ба назар намерасад .

Тазкираи “Насрободӣ” нишон медиҳад, ки бисёре аз шоирони замони зикршуда барои тиҷорат ва ё барои пайвастан ба дарбори подшоҳони Ҳинд ба он сарзамин рафтуомад доштаанд. Бо омилҳои гуногун шуморе аз ин суханварон муддате умри хешро дар ҳамин сарзамини афсонавӣ гузаронидаанд.

Тибқи маълумоти баъзе муҳаққиқон “Ахбори ин китоб дар бораи шоҳ Аббоси аввал фаровон аст. Аз эътинои ӯ ба уламову дарвешон гирифта то бархӯрдаш бо шоирон ва базлагӯиҳое, ки бо вай шудаву ӯ ҷавоб дода ва монанди инҳо. Аз тазкираи мазкур бармеояд, ки маҷлиси шароб, аз лавозими салтанати шоҳ будаву аз назари худаш ба ҳеҷ рӯй мунофирате бо диндориаш надоштааст [11, с.57].

Дар ин тазкира аз қаҳвахонаҳо, марказҳои адабӣ ва бисёре аз ҷойҳои таърихӣ ёд шуда дар баррасии фарҳангу адаби омма ва таърихи иҷтимоии замони зикршуда андешаронӣ шудааст, ки шоёни таваҷҷуҳ аст. Моддаи таърихҳо, ки дар хотимаи тазкира оварда шудааст, арзиши таърихии онро афзудааст.

Тибқи навиштаҳои муҳаққиқон тазкираи ёдшуда сарчашмаи асосии бисёре аз тазкираҳои даврони сафавӣ буда, донишномаест бузург ва фарогири иттилооти бисёру арзишманд дар бораи иҷтимоиёт, одобу русум, адабиёту фарҳанг, вазъ ва аҳволи таърихию сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии замони салтанати сафавиён. Дар ин тазкира бобати шуғл ва пешаи шоирон, номи хушнависон, мусиқидонон, қиссахонон, наққошон, ҳаккокон, меъморон, саҳҳофон, нақшбандон, дарвешон иттилоот дода шудааст.

Инчунин оид ба меъморӣ ва таърихи биноҳои Исфаҳон, мадорис, растаҳои китобфурӯшӣ, рустоҳо ва маҳаллаҳои гуногуни ҳамон айём маълумот дода, номи зиёда аз 150 китобу рисола ва девонро зикр намудааст [10, с.23].

Насрободӣ қариб 8400 байт шеър аз шоирони мухталиф ҳамчун далел оварда, тазкираашро ба гулчине аз беҳтарин такбайтҳои аҳди зикршуда табдил додааст [8, с.226]. Насрободӣ дар китоби хеш аз манбаъҳои зиёди адабиву таърихӣ истифода намудааст.

Муҳимтарин сарчашма ин шунидаҳои мустақимаш аз худи шоирон ба шумор меравад. Насрободӣ шоирони зиёдеро дидаву аз гуфтаҳои эшон дар тазкирааш истифода кардааст. Манбаи дигар ашъори шоирон аст, ки тибқи дархости Насрободӣ ба ӯ дастрас шудаанд. Мувофиқи навиштаҳои муаллифи тазкираи зикршуда, вай аз аксари суханварони замони хеш дархост кардааст, ки намунаҳои шеърашонро барои ӯ бифиристанд. Ба қатори манбаъҳои дигар девонҳои шоирони дар дасташ қарор дошта, инчунин шунидаҳо, нақли ашхоси гуногун, ки бо онҳо ҳамсуҳбат нагаштааст, шомил мешаванд.

Афкори интиқодӣ ва андешаҳои адабиву ахлоқии Насрободиро аз рӯйи навиштаҳояш дар тазкираи мазкур ба гурӯҳҳои зерин метавонем табақабандӣ намоем:

1. Назарҳои интиқодӣ перомуни ахлоқи шоирон

Яке аз муҳимтарин мавзуъҳои адабиёти классикии моро баёни афкори тарбиявию ахлоқӣ ташкил медиҳад гӯем ҳам, муболиға нахоҳад шуд, зеро аз устод Рӯдакӣ то адабиёти муосир ин яке аз мавзуъҳои меҳварии адабиёти тоҷику форс ба ҳисоб меравад [7, с.18].

Насрободӣ низ монанди Соммирзои Сафавӣ ба масъалаи ахлоқи шоирон аҳамияти хосса зоҳир намуда, дар мавридҳои зиёд ин нуктаро таъкид намудааст, ки намунаҳои зерин аз далели гуфтаҳои мо мебошад:

“Қосимхон-...одамисират ва машрабе буда [9, с.15], Козимо-...сулукаш одамиёна аст [9, с.15], Мирзо Козим- ...аз хубиҳои зот ва покизагиҳои сифот тавфиқи тарки дунё ёфта [9, с.184], Ҳоҷӣ Амин -....ҷавони одами солеҳе аст дар ниҳояти мулоимату ҳамворӣ ва камоли

шарму бурдборӣ [9, с.184], Араб Оқо-....марди дарвеши бетааллуқе аст дар камоли гузаштагӣ [9, с.15], Музаффар Ҳусайн-...дар зоҳир муътакифи дайр, аммо дар ботин ломаконсайр [9, с.242], Мулло Муҳаммади Кашмирӣ-...ба сабаби саркашӣ ва ғиноии табъ ба бадхӯи шуҳрат карда [9, с.244], Мулло Муқим-...дар камоли ҳамворӣ ва мулоимат буд [9, с.266], Мирзо Абулҳасан-...ҷавону мардумтинати фариштахулқ [9, с.268], Мулло Абдулбоқӣ-...бисёр холиқу меҳрубон буда [9, с.296], Мулло Шукӯҳӣ-...аз Ҳамадон аст, дар мардумиву одамият ҳамадон буда [9, с.343], Муқимо-...марди содалавҳи хушзоте буда [9, с.359], Шуҳудӣ- ...бисёр халиқу меҳрубон ва зиндадил буд [9, с.415], Муллло Ҳоҷимуҳаммад- ...дар камоли одамияту мардумӣ ва ниҳоят орому оҳистагӣ аст” [9, с.491].

Насрободӣ суханварони зикршударо **мулоимсухану фариштахулқ, солеҳу меҳрубон, мардумтинату зиндадил** номида, ситоишу васф кардааст ва баробари ин, гурӯҳи дигарро **саркашу бадхӯ, бепарвову содалавҳ** ҳисобида ба ашъорашон баҳо додааст, ки поёнтар ҷиҳати арзиши адабии ашъорашон низ андешаронӣ хоҳем намуд.

Баробари ин, муаллифи “Тазкираи Насрободӣ” ба тахаллуси қисмате аз шуарои даврони хеш таваҷҷуҳ намуда, бо истифода аз тахаллуси эшон ба нақди ахлоқӣ пардохтааст [8, с.232] монанди:

“Мирзо Асад - ...чун худро аз либоси такаллуф ва тааллуқ орӣ сохта “Урён” тахаллус мекунад [9, с.190], Насиро - ....бар хайли ҳавову ҳавас насиру носир гардида ва доман аз хори тааллуқ барчида [9, с.280], Ҳоҷӣ Муҳаммадҷони Машҳадӣ-Қудсӣ тахаллус мекард, ҳаққо ки қудсихулқ ва мардумтинат буд [9, с.325], Мир Абдулол - ...бағоят фонимашраб ва дарвештабиат аст, ба вуфури ахлоқи ҳамида ороста, чун аз банди тааллуқот наҷот ёфта, “Наҷот” тахаллус дорад [9, с.484]. Мир Ҷамолиддин Муҳаммад - ...сайиду одамисифат аст дар камоли покии тинат, каломаш марғубу хаёлоташ маҳбуб, бо вуҷуди оромӣ “Ваҳшат” тахаллус дорад [9, с.486].

Ба ҳамин васила Насрободӣ дар бораи тахаллусҳои як қисм суханварон андешаҳояшро иброз намуда, хислату рафтор ва хулқи онҳоро бо вожаҳои **одамсифат, дарвештабиат, фонимашраб, қудсихулқ, мардумтинат** тасвир сохтааст.

2. Андешаҳои интиқодӣ оид ба шеъри шоирон

Бахши дигари афкори Насрободиро андешаҳои интиқодии вай дар бораи шеъри шоирони дар тазкира зикршуда ташкил менамояд, ки онро метавонем ба чанд даста тақсим намоем:

а) дар бораи табъи шоирон:

Дар аксари тазкираҳо муаллифон ҳангоми овардани маълумот ва нақду баррасии ашъори шуаро бобати табъи онҳо, маҳорати сухансароӣ ва арзиши ашъорашон назари хешро баён доштаанд. Насрободӣ низ монанди муаллифи “Туҳфаи Сомӣ” табъи шоирон, арзиши абёташонро бо таъбиру ибороти зерин **чун табъи латиф, табъи пурқудрат, табъи боназокат, табъи бо лутф, табъи шӯх, табъи намакин, табъи рангин, табъи бодиққат, табъи мавзун, табъи пок, табъи шикаста** [8, с.228] нақду баррасӣ намудааст, ки намунаҳояшро дар поён меоварем:

“Мирзо Муҳаммадтоҳир - ...табъаш ниҳоят шӯхиву қудрат дорад [9, с.18], Мирзо Довуд - ...табъаш ниҳоят назокат дорад [9, с.19], Сайид Муборак - ...дар тартиби назм табъаш холӣ аз лутфе нест [9, с.40], Мирзо Шуҷоъ - ...табъаш дар суханшиносӣ ва маънипардозӣ камоли қудрат дорад [9, с.52], Сайидхонбек - ...табъаш дар туркиву форсӣ холӣ аз лутфе нест [9, с.55], Алиёрбек - ...дар тартиби назм табъаш намакину рангин аст [9, с.93], Мирзо Муҳаммадшафеъ - ...табъаш дар тартиби наср мисли баҳрест [9, с.99], Мирзо Муҳаммадалӣ - ...табъаш дар тартиби назм ба эътибор нисбат ба ҷадду падар ниҳоят намаку лутф дорад [9, с.127], Мирзо Шамсиддин Муҳаммад - ...табъаш холӣ аз диққате нест [9, с.144], Мирзо Муҳсин - ...дар тартиби назм табъаш камоли шӯхӣ дорад [9, с.171], Ҳаким Шифоӣ - ...табъаш дар камоли истиғно буд ва дар ҳеҷ замоне шоире ба он эътибор ва ғиноии табъ набуда [9, с.309], Муҳаммадқулӣ Салими Тахаллус - ...табъаш латифу салиқааш дар ғояти ангез аст [9, с.327], Мулло Нодим - ...табъаш дар ниҳояти шӯхиву ангез ва аз шӯри каломаш растохез зоҳир буд, табъаш ниҳоят шукуфтагӣ зоҳир мекард [9, с.344], Қавсии Табрезӣ - ...шикастагӣ дар табъ дошт, ба зоҳираш асар намуда, хеле хам ба қадаш расида [9, с.397], Мулло Ғурурӣ -...табъаш ниҳоят покиву шикастагӣ дошт [9,с.410], Фориғи Астарободӣ - ...ангезе дар табъ дошта, некусухан буд [9, с.429], Мулло Муқим - ...табъаш камоли ҳолат ва кайфият дошта [9, с.494],

б) назарҳои куллии ӯ дар бораи шеъри шоирон:

Агар Насрободӣ бобати ашъори як қисм шоирон ба шакли умумӣ сухан гуфта бошад, боз ҳолатҳое вомехӯранд, ки вай ба тарзи мушаххас афкорашро иброз намуда, бидуни ҳеҷ гуна истилоҳи хос ё ибораи нав дар бораи шеъри шоирон назарҳои куллӣ ва пӯшидаи интиқодиро меоварад:

“Султон Алибек - ...дар ақсоми шеър қудрат дошт [9, с.88], Таҳмосбхон – холӣ аз фанни шеърӣ набуда [9, с.114], Мирзо Юсуф -...назмаш реша дар замини дилҳо давонида [9, с.133], Мирзо Халил - ...дар назму наср қодир ва моҳир буд [9, с.163], Мирзо Муҳаммадалӣ - ...дар тартиби назм гулҳои рангин аз гулзори маънӣ чида [9, с.165], Яҳёи Сабзворӣ - ...дар назм қудрате ва дар фанни иншо ҳам дасте дошта” [9, с.375],

Дар баъзе мавридҳо аз забони дигарон накд кардааст, монанди он ки вақте аз Асмихон ном шоир ёдовар шудааст, мефармояд, ки “Охунд Ақило мегуфт, ки шеъри бисёр гуфта ва хуб гуфта” [9, с.538].

в) дар бораи шеъри шоирон ҳамроҳ бо истилоҳоти нақди он даврон:

Насрободӣ низ монанди аксари тазкиранигорони даврони хеш аз истилоҳу таъбирҳои замони худ огоҳии комил дошта, ҳангоми нақди ашъори суханварон онҳоро бештар истифода намудааст, амсоли **шеъри якдаст, шеъри обдор, рутаб ва ёбис, шеъри намакин, тозагӯй, ба кайфият навиштан, шеъри ҳамвор, тарзи тоза, шеъри рангин,** ки намунаҳояш чунин аст:

“Муҳаммад Қосимбек - ...суханонаш дар камоли обдорист [9, с.50], Мирзо Ҷалил - рутаб ва ёбис дар каломаш бисёр ҳаст [9, с.138], Зулолӣ - ... дар тозагӯӣ ва намаки калом фард аст, рутаб ва ёбис дар каломаш бисёр аст [9, с.341], Мулло Закии Ҳамадонӣ - ...тарзаш ба тарзи муосирин нисбате надорад [9, с.339], Мир Муҳаммади Муъмин - ...хуштабъ ва ғарибхаёл аст [9, с.413], , Мир Шавқӣ - ...рутаб ва ёбис дар каломаш бисёр аст [9, с.471], Боқиро- шеъраш якдаст ва ҳамвор аст [9, с.472], Ноҷии Табрезӣ- ...гоҳе мисраи рангин мегуфт [9, с.514], Абӯтуроббек - ...ашъораш аксар ошиқона ва якдаст аст [9, с.515], Фузулии Бағдодӣ - ...дар назму наср даст дошта ва рисолаи ҳусну ишқро бисёр ба кайфият навишта” [9, с.544].

г) накд бобати қолабҳо ва ё мазмунҳое, ки шоирон дар онҳо шеър гуфта буданд:

Насрободӣ дар аксар мавридҳо ба нақди қолабҳо ё мазомине, ки шоирон шеър месурудаанд, мепардозад, зеро ин қолаби накд дар аксари тазкираҳои пешина низ ба чашм мерасад. Дар баробари ин, вай дар кадом жанри шеърӣ қудратманд будани суханварони зикршударо нишон додааст:

“Ҳоҷӣ Муҳаммадҷони Машҳадӣ- ...дар қасида хеле қудрат дорад, маснавие ҳам муштамил бар ғазавоти подшоҳ ба назм оварда, бисёр ба қудрат гуфта [9, с.325], Зулолӣ - ...дар фанни маснавӣ тарзи тозае ба арса оварда, ки касе татаббуи он натавонад кард [9, с.331], Оқо Шопур - ...дар фанни қасида камоли қудрат дорад [9, с.340], Ғиёсии Ҳалвоӣ - ...дар фанни қасида ва ғазал қудрати комил дошта [9, с.341], Мир Муғайис-...дар фанни рубоӣ кам аз саҳобе нест [9, с.367], Фазлии Ҷарбодқонӣ - ...рубоиҳои хуб дорад, дар фанни ғазал ҳам холӣ аз лутф набуда [9, с.374], Мир Рафеи Дастур- ...дар фанни рубоӣ табъаш ғарибхаёл аст [9, с.383], Оқо Исмоил - ...дар ҳаҷв хеле қудрат дошт ва аз он тариқ мардумро ранҷонид, дар ғазал ҳам камӣ надошт [9, с.511], Мулло Муҳаммадалӣ - ...маснавӣ гуфта ва азбаски хуб гуфта, аксари ёрон мегӯянд, ки аз ӯ нест [9, с.518], Бобо Муҳаммадалии Исфаҳонӣ - ...дар фанни маснавӣ табъаш холӣ набуд, аммо ба эътибори фақру масканат гумном буд [9, с.61], Мулло Алиризо -...дар назми қитъа равиши қудамо дорад” [9, с.613].

ғ) накдҳо бобати тақлид ё татаббуи шоир аз суханварони дигар:

Насрободӣ дар баъзе мавридҳо аз суханвароне ёд кардааст, ки ба ашъори шоирони дигар тақлиду татаббуъ намудаанд ва ё дар пайравии мазомини ашъори онҳо абёт сурудаанд. Асосан вай онҳоеро интиқод намуда, ишороти киноявоне ба эшон мазанад, ки худро беҳтар аз шоирони дигар ҳисобидаанд. Шумори чунин шоирон дар тазкира зиёд аст, аммо лозим донистем, ки чанд нафарашонро ба ҳайси намуна ин ҷо пешниҳод намоем:

“**Ҳаким Ҳозиқ** - ...худро беҳ аз Анварӣ медонад [9, с.87], Мулло Восиқи Нишопурӣ - ...табъаш шӯрангезу диловез ва савдое дар сар дошт, чунончи татаббуи суханони надими

Борӣ Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ намуда [9, с.448], Улфатӣ - ...табъаш дар камоли шӯхиву намак буд, шеъри ҳамворе мегуфт, аммо худро беҳ аз Анварӣ медонист" [9, с.464].

Дар мавридҳои дигар аз гурӯҳи дигари адибон ёд карда, назари хешро бобати шеъри онҳо, татаббуъ ва тақлидашон аз суханварони дигар дар шакли пӯшидатар иброз намудааст, монанди:

"**Мустафо Мирзо** - ... татаббуи ашъори қудамо ва мутааххирин намуда [9, с.416], Сароҷои Наққош - ...татаббуи бисёр аз мутақаддимин ва матааххирин намуда [9, с.14], Туробо - ...татаббуи ашъори мутақаддимин намуд, шеърро хуб мефаҳмад [9, с.200] ва ..."

д) нақдҳои бебокона ва возеҳ бидуни истифода аз истилоҳи хос перомуни шеъри шоирон:

Муаллифи тазкираи мазкур ба равиши Соммирзои Сафавӣ такя намуда, нақдҳои бебокона нисбати ашъори қисме аз шоирон намудааст. Ҳарчанд нақди ӯ ба пояи нақди Соммирзо дар бебокиву возеҳӣ нарасад ҳам, аммо вай кӯшидааст, ки ба ашъори баъзе аз суханварон баҳои ҳаққонӣ ва рӯирост диҳад, ки хело муҳим аст ва барои бозгӯии арзиши адабии осори суханварони аҳди сафавӣ аз аҳамият холӣ нест. Чанде аз ин нақдҳоро меоварем:

"Алӣ Акбарбек - ... ғазале гуфтаву шикоят аз маъшуқи хаёлӣ карда ва порае киноя ба фақир ва ёрон гуфта мисраи сонии матлаъро хуб гуфта ва он ин аст: (Ҳарфи ошиқ дилнишини хотират хоҳад шудан/ Ботине дорад муҳаббат зоҳират хоҳад шудан) [9, с.298], Мирзо Тақӣ - ...агарчи дар назми ашъор дасте дошт, аммо ғазали ихтироиро хуб намегуфт [9, с.74], Масеҳо - ...дар назму насри арабӣ ва форсӣ хаёлаш камоли қудрату ғаробат ва ниҳоят малоҳату салосат дорад, аммо дар назми арабӣ дандон ба форсӣ намегузорад, чунончи дар шикоргоҳ муншаоти арабӣ ба дӯстон ирсол дошта буданд, ки ғизолони алфозаш бекаманд сутури қомус ва саҳоҳ ба тасарруфи ҳеҷ хотире дарнаёяд. Ибороти вассоф нисбат ба алфозаш муколамаи рустоиву туркӣ ва ба сурату маънӣ дилнишини кӯчаку бузург [9, с.251], Мулло Надим - ...ба ғайр аз ғазал шеъре аз ӯ дида нашуд. Он чи ба назари фақир расид ҳазор байт, аммо тамом латиф [9, с.344], Мулло Завқии Урдистонӣ – дурустсалиқа буда, агарчи шеъраш кам аст, аммо он чи ҳаст ба ду девон баробар аст [9, с.389], Хизрии Қазвинӣ – шоири хубе аст, аммо Хизри Лорӣ ва Хизрии Хонсорӣ ба ӯ намерасанд [9,с.400], Сарварии Кошонӣ - ...ба ғайр аз рабти шеър, татаббуи луғоти форсӣ ҳам намуда, чунончи фарҳанге дар он боб навишта, агарчи ба унвони иштибоҳ такроре дар луғат воқеъ шуд, аммо хеле заҳмат кашида [9, с.412], Ҳоҷӣ Содиқ - ...бо вуҷуди гӯёӣ дар маънӣ Сомит тахаллус дорад [9, с.492], Мулло Алии Шағол - ... дар фанни иҳом дасти аҷибе дорад, чунончи каммуаммоии ӯ аз латифи иҳом холӣ аст" [9, с.4 24].

Аз таҳлилу баррасии нақди Насрободӣ ва андешаҳои адабиаш ба хулосае расидан метавон, ки вай дар аксари мавридҳо шеваи кори муаллифи тазкираи "Туҳфаи Сомӣ"-ро пешаи хеш қарор додааст. Тоҳири Насрободӣ низ бино ба баҳои муҳаққиқону адабиётшиносон ҳамчун Соммирзои Сафавӣ дар шумори мунтақидони мумтози аҳди хеш будааст. Шеваи кори ҳарду дар заминаи нақд бисёр ба якдигар наздик аст ва дарвоқеъ, ҳамон матолибе, ки дар бораи нақдҳои "Туҳфаи Сомӣ" гуфта шуд дар ин тазкира низ бархӯрд намудан мумкин аст.

Насрободӣ дар баробари нақди ашъори суханварони даврони салтанати сафавия дар боби алоҳида аз суханварони Мовароуннаҳри ҳамон даврон ёд кардаву маълумот додааст ва намунаҳои ашъорашонро овардааст, ки барои муҳити ҳамон давра ва пас аз он хело муҳимму арзишманд ба ҳисоб меравад. Вай дар суҳбат бо тазкиранигори тоҷик Малеҳои Самарқандӣ бобати корҳои анҷомдодааш сухан ронда, дурустии маълумотҳои дар даст доштаашро бобати суханварони мовароуннаҳрӣ пурсон шудааст, ки аз робитаи ногусастании адабиёти муштараки мо дарак медиҳад. Ва бори дигар собит месозад, ки новобаста аз вазъи сиёсиву иҷтимоии ҳамон даврон пайванди адабӣ миёни суханварон ва маҳфилу марказҳои адабӣ идома меёфт.

Бино ба навиштаҳои адабиётшиносону таърихнигорон ва олимони соҳаи адабиёт "Тазкираи Насрободӣ"-и Тоҳири Насрободӣ ба ҳайси сарчашмаи муҳимму арзишманд, аз шумори тазкираҳои эътирофшудаи замони сафавиён буда, бобати вазъи иҷтимоӣ адабиёту фарҳанг, мазмуну мундариҷаи ашъори суханварони даврони хеш ва суханварони мовароуннаҳрӣ иттилои судманде дода шудааст. Баробари овардани намунаҳои эҷоди шуаро аз касбу кор, фаъолияту машғулияти онҳо маълумот дода шудааст. Инчунин, асмои

хушнависон, мусиқидонон, қиссахонон, наққошон, ҳаккокон, меъморон, саҳҳофон, нақшбандон, дарвешон зикр шудааст.

Ҳоло ба таври хулоса аз махсусиятҳо ва вежагиҳои ин тазкира ёдовар мешавем. Тазкираи “Насрободӣ” ойинаи тамомнамоест аз авзову аҳволи таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асри сафавӣ. Дуюм он ки дар он ному нишон ва ашъори наздик ба ҳазор суханвар зикр шудааст. Сеюм, бознамоии бисёре аз одобу русум ва фарҳанги мардум зарбулмасалҳо, ҳикоёт, таркиботи бадеиву дилангез ва истифода аз истилоҳоти хушнависиву мусиқӣ дар он ҷой ёфтааст. Чорум, бобати фарҳанги фарогир аз шуғлҳои ҳамон даврон нақл мекунад. Панҷум, донишномаест фарогири номи ҳунармандон, шарҳи ҳоли шоирони маҳаллии Эрон, Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ ва Осиёи Миёна. Шашум, таҳлили ашъори суханварони дар тазкира зикршуда, истилоҳоти китобдориву китобшиносӣ ва ғайра. Ҳафтум, доштани иттилооти ҷомеъ дар бораи таърихи сиёсиву иҷтимоии Исфаҳони ҳамон даврон. Ҳаштум, баёни моддаи таърихҳо, луғзҳо ва муаммоҳои бисёр дар поёни китоб, ки арзиши таърихии китобро зиёд намудааст.

Муқарриз: Ҳамробоев Н. – доктори илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмад Гулчини Маонӣ. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Ҷ.1. - Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1348.
2. Аҳмад Гулчини Маонӣ. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Ҷ.2. - Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1350.
3. Бобокалонова, Ҷонон. Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик / Ҷонон Бобокалонова. - Душабе: Ирфон, 2003. - 360 с.
4. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ошноӣ бо нақди адабӣ / Абдулҳусайн Зарринкӯб. - Теҳрон: Интишороти “Сухан”, 1383. - Чопи ҳафтум.
5. Каримов, Усмон. Адабиёти тоҷик дар асри XVI / Усмон Каримов. - Душанбе: Дониш, 1980. - 228 с.
6. Маҳмадшоев, М. Омилҳои ташаккул ва рушди нақди адабӣ дар адабиёти асрҳои XVI – XVII / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - №6. - 2021. - С.167-175.
7. Маҳмадшоев, М. Шеваҳои ривоҷи нақди ахлоқии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). - №1-4 (92). – 2021. – С.17-21.
8. Маҳмудфутуҳи Рудмаъҷанӣ. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ / Рудмаъҷанӣ, Маҳмудфутуҳи. – Теҳрон: Интишороти “Сухан”, 1385. - 430 с. - Чопи аввал.
9. Насрободӣ, Муҳаммад Тоҳир. “Тазкираи Насрободӣ” / Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ. - Теҳрон: Интишороти “Асотир”, 1378 - Чопи аввал.
10. Сайфиев Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) / Н.Сайфиев. - Душанбе: Бухоро. - 660 с.
11. Сутуда, Ғуломризо. Марҷаъшиносӣ ва равиши таҳқиқ / Ғуломризо Сутуда. - Теҳрон: Интишороти “Самт”, 1374. - Чопи чаҳорум.
12. Фахриддин Алии Сафӣ. Латоифуттавоиф. Таҳия, пешгуфтор, шарҳи луғатҳо ва тавзеҳоти Абдушукури Абдусаттор, Бурҳон Сайфиддинов. – Душанбе: Адиб, 2011. - 336 с.
13. Ҳодизода Расул. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри бист / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. - Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.
14. Ҳолл Вернон. Таърихчаи нақди адабӣ / Вернон Ҳолл. – Теҳрон, 1379. – 320 с.

НАҚДУ БАРРАСӢ ВА АНДЕШАҲОИ АДАБИВУ ИНТИҚОДӢ ДАР “ТАЗКИРАИ НАСРОБОДӢ”

Андешаҳои адабиву ахлоқӣ ва ашъори зиёда аз ҳазор шоир дар “Тазкираи Насрободӣ”-и Тоҳири Насрободӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар заминаи омӯзиши мавзуъ исбот шудааст, ки аз ҷониби Насрободӣ ашъори суханварони аҳди сафавия, Шибҳи Қораи Ҳинд, Моваруннаҳру Хуросон нақду баррасӣ гардидааст. Тибқи ахбори овардаи муаллифи мақола Насрободӣ дар аксари мавридҳо шеваи кори муаллифи тазкираи “Туҳфаи Сомӣ”-ро пешаи хеш қарор дода, бино ба баҳои муҳаққиқону адабиётшиносон ҳамчун Соммирзои Сафавӣ дар шумори мунтақидони мумтози аҳди хеш қарор доштааст. Баъдан таъкид намудааст, ки Насрободӣ дар баробари нақди ашъори суханварони даврони салтанати сафавия дар боби алоҳида аз суханварони Моваруннаҳри ҳамон даврон ёд кардаву маълумот додааст ва намунаҳои ашъорашонро овардааст, ки барои муҳити ҳамон давра ва пас аз он хело муҳимму арзишманд ба ҳисоб меравад. Муҳиммияти мақола дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф тавонистааст бо овардани далелҳо нишон диҳад, ки “Тазкираи Насрободӣ” ба ҳайси сарчашмаи муҳимму арзишманд, аз шумори тазкираҳои эътирофшудаи замони сафавиён маҳсуб шуда, бобати вазъи иҷтимоӣ адабиёту фарҳанг, мазмуну мундариҷаи ашъори суханварони даврони хеш ва суханварони моваруннаҳрӣ иттилои судмандеро доро мебошад. Дар ҷараёни баррасӣ муаллиф ба хулосае расидааст, ки Насрободӣ баробари овардани намунаҳои эҷоди шуаро аз касбу кор, фаъолияту машғулияти онҳо маълумоти судманд дода, номи хушнависон, мусиқидонон, қиссахонон, наққошон, ҳаккокон, меъморон, саҳҳофон, нақшбандон, дарвешонро зикр кардааст.

Калидвожаҳо: тазкира, нақд, Насрободӣ, шоирон, адабиёт, “Тазкираи Насрободӣ”, Соммирзо, андешаҳои адабӣ, маълумот, сарчашма.

КРИТИКА И ЛИТЕРАТУРНО-КРИТИЧЕСКИЕ МЫСЛИ В "ТАЗКИРАИ НАСРОБОДИ"

В «Тазкираи Насрободи» Тохира Насрободи рассматриваются литературно-нравственные идеи и стихи более тысячи поэтов. С точки зрения изучаемой темы, доказывается, что Насрободи анализирует стихи поэтов эпохи сефевидов, индийского субконтинента, Мавераннахра и Хуросона. По мнению автора статьи, Насрободи часто следовал стилю автора летописи «Тухфаи Соми» и, по мнению ученых и литературоведов, Соммирзои Сафави был одним из самых откровенных критиков своего времени. Далее он подчеркивает, что Насрободи, наряду с критикой стихов поэтов сефевидского периода, в отдельной главе упоминает и сообщает о поэтах Мавераннахра того периода и приводит отрывки их стихов, которые очень важны и ценны для среды того периода и позже. Значимость статьи заключается в том, что автору удалось доказать, что «Тазкираи Насрободи» является важным и ценным источником, одной из наиболее признанных летописей сефевидского периода, информирующей о социальном положении, литературе, культуре, содержании стихов поэтов Мавераннахра. В ходе исследования автор приходит к выводу, что Насрободи, наряду с описанием поэзии о профессиях, деятельности и занятиях, упоминает имена каллиграфов, музыкантов, сказателей, живописцев, гравёрщиков, архитекторов, плотников, художников, дервишей.

Ключевые слова: летопись, критика, Насрободи, поэты, литература, «Тазкираи Насрободи», Соммирзо, литературные идеи, информация, источник...

CRITICS AND LITERARY-CRITICAL THOUGHTS IN “TAZKIRAI NASROBODI”

In Tohir Nasrobodi`s **“**Tazkirai Nasrobodi**”** is investigated literary-moral ideas and poems of more than thousand poets. Based on studying topic is proved that Nasrobodi had analyzed poems of sefevids` period, Indian subcontinent, Movarounnahr and Khuroson. According to the view of article`s author Nasrobodi often followed the style of the author of memorial “Tuhfai Somi” and according to the opinion of scientists and literary workers, as Sommirzo Safavi, was one of most open-minded critics of the time. Further he underlines that Nasrobodi, among the critics of poets` poems of sefevids` period, mentions about poets of Movarounnahr of that period in a separate part and brings passages of their poems which were important and valuable in that period and afterwad. The significance of the article consists of the author`s effort to improve the Nasrobodi`s “Tazkirai Nasrobodi” as a valuable and important resource, as one of the more acknowledged memorial of sefevids` period which informs about social state, literature, culture, content of poems of Movarounnahr poets. During the investigation the author comes to conclusion that Nasrobodi along with describing poems about professions, activities and occupations underlines the names of calligraphers, musicians, tellers, artists, engravers, architects, carpenters, painters, dervishes.

Key words: memorial, critic, Nasrobodi, poets, literature, «Tazkirai Nasrobodi», Sommirzo, literary ideas, information, resource...

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-874-80-00**

Сведение об авторе: ***Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-874-80-00**

Information about the author: ***Mahmadshoev Mahmadsho Mirzoshoevich*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at Department of Tajik Classical Literature. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand, Str. Mavlonbekov, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-874-80-00**

УДК: 82-2

УСУЛИ НАҚЛ (РИВОЯТ) ДАР ҚИССАИ «ҶӮГӢ»-И СОРБОН

Ҳошимова Х.А.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Эҷодиёти насрнависони ҷавони солҳои 70-уми асри XX адабиёти муосири тоҷикро М. Шукуров таҳқиқ намуда ба хулосае омад, ки дар ин солҳо насли ҷавон дар повестҳои аввалини худ бештар ба маводи нави ҳаётӣ ва мавзуъҳои тоза таваҷҷуҳ намудаанд. Онҳо ба зоҳир намудани моҳияти аслии замон ва мураккаботу ихтилофҳои он дар мавриди офаридани образҳои ҳамзамонони худ ба характерҳои қаҳрамонона ва шахсиятҳои зӯрманд бештар майл намудаанд. Дар ин маврид аз қиссаи «Ҷӯгӣ»-и Сорбон ёдовар шудааст [19, с.162]. Воқеан, дар марҳалаи дувуми эҷодиёти худ Сорбон ба тасвири чеҳраҳои ҷудогона, нишон додани олами ботинии онҳо, характеру муносибати онҳо ба ҷомеа ва таъсири дигаргуниҳои ҳаётӣ ба зиндагии онҳо, мураккабӣ ва мушкилоти зиндагӣ бештар таваҷҷуҳ менамояд. Дар маҷмуаҳои «Занги аввал» (1970), «Санги сипар» (1971) ва «Ҷӯгӣ» (1973) Сорбон ҳаёти шахсони воқеиро дар пояи реализм объективона ба тасвир гирифта, ташаккули характери онҳоро зимни ҳодисаҳо аз зовияи диди қаҳрамонҳо ва усули нигориши ба худ хос ба тасвир гирифтааст.

Ба ақидаи М. Хоҷаева «Сорбон дарду алами ҷӯгиёнро дуруст дарк кардааст, ӯ хуб мефаҳмад, ки ҷараёни ҳазорсолаи зиндагии ҷӯгиёнро якбора ба самти муқобил равондан кори басо мушкил аст ва на ҳар кас ба чунин тағйирот қобилу омода аст. Лекин аз тарафи дигар, ба тамоюли пешрав ва ғолиб садди роҳ шудан имконнопазир буд ва ҳар кас, ки чунин ҳақиқати азиятовару талхро барои хеш дарк кард, дигар аз сар ба сар задан бо он неруи тундрав даст кашид. Аммо one, ки чунин ҳақиқатро дарёфта ва ё пазируфта натавонист, ногузир шикаст хӯрд, чунон ки Худойқул» [16, с.49].

М. Шукуров дар он назар аст, ки «дар «Ҷӯгӣ» бо таъсири воқеияти сотсиалистӣ дигар шудани мазмуни ҳаёт ва шуури ин гуна шахсият дар маркази диққат аст. Иқтидори воқеияти нави сотсиалистӣ лӯлизан Чиниро ба худ тобеъ кард ва қувваи азими ботинии ӯро ба манфиати ҷомеа равона сохт, аммо Ҳайдарқули ваҳшисимо, ки «одам нест» ва «фақат барои худаш зиндагӣ мекунад», бо он ҳама қувваи ҷисмонӣ ва руҳи саркаш ба ҳаёти нав муқобилат карда натавонист ва маҳв шуд....» [19, с.164]. Вобаста ба мазмуну муҳтаво ва мундариҷаи қиссаи «Ҷӯгӣ» М. Турсунзода [13], А. Сайфуллоев [8], М. Шукуров [17], Х. Асозода [1], А. Набавӣ [6], Ш. Солеҳов [9], М. Хоҷаева [15], Д. Қаюмова [4] ва дигарон изҳори назар кардаанд. Баъзе донишмандон И.С. Брагинский, М. Боршаговский, Д.М. Молдавский, Н.Н. Кладо низ мухтасар андешаронӣ намудаанд.

М. Турсунзода комёбиҳои нави насри тоҷикро маҳз дар алоқамандӣ ба пешрафти эҷодии Сорбон дониста, аз ин сабаб ба нашри нахустповести нависанда «Занги аввал» ишорат мекунад. Повести дувуми нависанда «Санги сипар» ҳамчунин дар мақолаи «Нависанда ва даъвати ҳаёт»-и М. Турсунзода мусбат арзёбӣ шудааст. М. Шакурӣ дар мақолаи «Қаҳрамони ҳаёт – қаҳрамони адабиёт» оид ба маҳорати нависандагии Сорбон, назари нависанда ба воқеияти зиндагӣ баъзе мулоҳизаҳои хешро баён мекунад. А. Сайфуллоев мазмуну мундариҷаи қиссаи «Ҷӯгӣ»-ро таҳлил намуда, аз ҷумла мегӯяд: «...Нависанда торафт пурқувват шудани низои байни гурӯҳҳои пешқадам ва консервативии ҷӯгиҳоро нишон медиҳад ва дар рафти муборизаи наву куҳна пурра ба зуҳур омадани хислат ва характерҳои мухталифи қаҳрамононашро нишон медиҳад» [8, с.54].

Қиссаи «Ҷӯгӣ»-и Сорбон дар эҷодиёти нависанда таҳаввулоти наверо ба вуҷуд овард, ки то ин замон дар адабиёти тоҷик яке аз офаридаҳои пуразиши нависанда шинохта шудааст. Дар қисса ҳаёти қабилаи ҷӯгиён бо тамоми бурду бохт дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъди он ба тасвир омадааст, ки заминаи воқеӣ дораду аз мушоҳидаҳои нависанда ба саргузашти хоҳарон – Норҷон ва Райҳона ба миён омадааст. Нависанда дар қисса сайъ намудааст, ки мавқеи иҷтимоии қабилаи ҷӯгиён, ҳаёти мураккабу печдарпечи онҳо, расму русум, тарзи зисту зиндагонӣ ва олами ботинии онҳоро дар симои Чинӣ, Худойқул, Умматкул, Биҷону Онакалон, Адҳам, Саидқул, Норҷон, Райҳона, Гавҳар, Саидқул, Шариф ва дигарон дар алоқамандӣ бо муҳити давр

(замони шӯравӣ) амиқ тасвир намояд. Ҳадафи нависанда аз навиштани қиссаи «Ҷӯгӣ» нишон додани душвориҳои солҳои ҷанг ва баъди он мебошад, ки дар саргузашти мураккаби хоҳарон, тарзи зисту зиндагонии қабилаи ҷӯгиёни дар миёни мардуми тоҷик зистаро ба тасвир гирифтааст. Нависанда нишон медиҳад, ки қабилаи ҷӯгиён дар миёни мардуми тоҷик зиндагонӣ карда, аз таъсири низоми иҷтимоиву сиёсии он замон дар канор монда наметавонистанд. Барпо кардани колхозҳо, ки дар давраи шӯравӣ аз солҳои 30-юми қарни XX оғоз ёфта буд, ба қавми ҷӯгиён низ мушкилоти иҷтимоиро ба миён овард. Тағйироти шуури иҷтимоиро нависанда дар чеҳраи Умматқул – писари Ҳайдарқул ва Чинӣ барҷаста нишон додааст, ки ба модараш мегӯяд: « − Мо мардуми беномус, оча, − боз ба гӯши Талъат овози ҷавон расид, − номусамонро ба як каф ҷаву гандум ва ба як бурда нони қоқ фурӯхтаем. Аз гадоӣ шарм намедорем... » [12, с.52]. Вазъияти онвақта ба колхоз рӯ овардани қавми ҷӯгиёнро тақозо мекард, зеро бо вуҷуди он ки қавми ҷӯгиён худро «озод» мешуморанду итоат карданро ба худ ор медонистанд, берун аз низоми ҷомеа арзи вуҷуд дошта наметавонистанд. Гузашта аз ин, замони ҷанг ва баъди он ҷӯгиён бо душвориҳо ва таънаҳои зиёд аз мардум ризқу рӯзии хешро талаб мекарданд.

Дарвоқеъ, дар адабиёти муосири тоҷик дар бораи мазмуну мундариҷа, характеристикаи қаҳрамонҳо ва аҳамияти қиссаи «Ҷӯгӣ» зиёд гуфта шудааст, аммо масъалаҳои тасвири бадеии воқеият, тарзи нақл, банду басти ин асар, яъне поэтикаи он дар адабиёти муосир то кунун баррасӣ нашудааст. Бинобар ин, баррасӣ намудани тарзи сохтани банду басти қисса ва дигар унсурҳои тасвири бадеии қисса, натанҳо тарҳрезиву усулҳои бадеӣ, балки тарзи нигоришу сабки Сорбонро муайян хоҳад кард. Дар назарияи поэтика ду шакли сохти асари бадеӣ (композитсия) яке **берунӣ** (*архитектоника*), дигаре **дохилӣ** (*усули нақли муаллиф*) фарқ карда мешавад. Қиссаи «Ҷӯгӣ»-и Сорбонро низ аз ҳамин меъёри муайяншуда мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Қиссаи «Ҷӯгӣ»-ро нависанда ба 22 фасл тақсимбандӣ намуда, қабл аз оғози воқеа, пеш аз фасли аввал ривоятеро дар бораи ҷӯгидухтаре, ки дар замоне подшоҳ ба ӯ ошиқ шуда, ӯро ба занӣ гирифта буд, иқтибос меорад ва он *эпиграфи қисса* маҳсуб меёбад. Дар ин ривоят нависанда хулқу атвор ва сиришти ҷӯгиҳоро дар симои ҷӯгидухтар тавсиф намудааст. Бо вуҷуди он ки ҷӯгидухтарро подшоҳ ба занӣ гирифта буду ӯ дигар ба ҳеҷ чиз ниёз надошт, чун зани шоҳ ҳеҷ шоду масрур набуд. Нависанда маҳз ба ҳамин чиҳати масъала таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб карданӣ шудааст, ки чаро ҷӯгидухтар бо вуҷуди зани подшоҳ шудан, хушбахтиро эҳсос намекунад. Ҷузъиёти муҳимме, ки нависанда ба он таваҷҷуҳ намуда ба мушоҳида гирифтааст, табиат, яъне сиришти инсонии ҷӯгизан мебошад. Дар ин маврид нависанда мақоли машҳури «Хӯе, ки бо шир ба тан дарояд, ба ҷон барояд»-ро хеле мувофиқ ба матни қисса ба кор бурдааст, яъне ҷӯгидухтар наметавонист аз сиришти инсонии аҷдодони хеш даст кашад, ки боиси ҳазиниву маъюсии ӯ гашта буд. Ин ривоят матни қиссаи «Ҷӯгӣ»-ро аз як тараф, шарҳу тавзеҳ намуда, таваҷҷуҳи хонандаро ба воқеаи дар қисса нақлшуда ҷалб намояд, аз тарафи дигар, ғояи асосии қиссаро ташкил додааст.

Қисми дохилии сохти асари бадеиро дар қиссаи «Ҷӯгӣ» нависанда аз тасвири чеҳра (портрет)-и Норҷон, яке аз унсурҳои устухонбандии асар, ба тариқи зайл оғоз менамояд: «Ӯ ба ҷӯгӣ монанд буд, вале на халта дошту на асо. Ороиш ва зебу зиннаташ ҷӯғиёна буд: ҳалқаҳои қатор дошт, дар рухсораҳояш холҳои кабуд канда буд. Дар ҳар ангушташ як ва ё ду ангуштарӣ гузаронида буд, тавқи гардан ва хафабанд ҳам дошт. Ва дар ҳавои тафсони тобистон яктаки рах-рах пӯшида камарчаҳояшро ба ҳам баста буд» [12, с.7]. Ҳамин тариқ, Сорбон нақлро аз тасвири чеҳраи қаҳрамони марказӣ ҷӯгидухтар Норҷон оғоз намуда, барои идома додани баёни воқеа, аз нақли *ретроспективӣ*, яке аз усулҳои композитсионӣ бо унсури *муколама* (диалог)-и ҷӯгидухтар Норҷон ва пирамарди навадсола Муҳаммадӣ ва унсури *монологро* дар мавриди ба андеша рафтани Норҷону пирамард истифода бурдааст. Тамоми хатти сужети қисса бо ҳамин ду унсури *композитсионӣ*, яъне банду баст, яке *диалог* (муколама) ва дигаре *монолог* сурат мегирад, ки поэтикаи асарро ташкил медиҳад. Нависанда зимни нақли саргузашти ҷӯгидухтар аз зовияи диди хеш дар таггуфтори дарунӣ ё ки монолог ҳолату вазъи руҳӣ ва муҳокимаҳои ӯро ба тасвир гирифтааст. Воқеаи қисса бо объективияти тасвир бо усул ва унсурҳои банду басти бадеӣ, ки дар фавқ зикрашон рафт, оварда шудааст. Нависанда оид ба эҷоди қиссаи «Ҷӯгӣ» чунин изҳори назар кардааст: «Он чӣ дар «Ҷӯгӣ» гуфтам, ҳама буда ва шуда. Қиссаи

хоҳарон, ки аз деҳаи мо буданд ва қисмат, рӯзгори носолим онҳоро ба чунин рӯзгор оварда, маро водор кард, то ин асарро нависам. Ғараз аз «Ҷӯгӣ» дарду ранҷи азоби солҳои ҷанг ва баъди онро гуфтан буд. Агар ҷӯгӣ набуд, ман саҳнаи набарди одаму сагро намегуфтам, аспи сагхӯрдаро хона бурдани Ҳайдарқулро наменавиштам, ки гумон мекунам яке аз саҳифаҳои хуби эҷодиёти ман аст» [3, с.303].

Дар таҳкияи қисса баъд аз тасвир шудани чеҳраи ҷӯгизан Норҷон то замони бо ҳам шинос шудани пирамарди навадсола Маҳаммадӣ ва дар диалогу монолог зимни андешарониҳои онҳо нависанда ҳамчун *ноқил* ё ки *ровӣ* баромад мекунад. Пас аз ошкор шудани асли шахсияти Норҷон барои пирамард Муҳаммадӣ, ки ҳамсояи аҳли хонаводагии онҳо буду дар солҳои қаҳтиву гуруснагӣ ба ҳалокат расидани модарашро ба ӯ нақл мекунад, таҳкияи қиссаро нависанда аз зовияи диди қаҳрамони марказии асар Норҷон бо истифода аз *усули ретроспективӣ* ба тариқи зайл идома медиҳад: «Рӯзе саллона-саллона мегаштам, ки роҳамро гум кардам. Хеле гаштам. Ақлам нагирифт, ки аз ягон кас пурсам. Аз тарсу ҳарос пушти Чорбоғ гузаштам. Дар паноҳгоҳе мунга карда менишастам, ки чанд ҷӯгӣ омад...» [12, с.16].

Бояд гуфт, ки дар хатти сужети қисса аз нимаи фасли аввал то фасли 21-ум нависанда фақат дар фасли дувум Норҷонро тасвир мекунад. Баён дар шакли таҳкияи персонажи марказии воқеаҳо сурат гирифта, тамоми ҳаёт, расму русум, бо ҷузъиёти маишии қавми ҷӯгиҳо, тавсифи характеру сиришти инсонии онҳо ба риштаи тасвир гирифта шудааст. Аз зовияи диди Норҷон, ки дар солҳои ҷанг бар асари аз даст додани падару модар бо қавми ҷӯгиён иҷборан ҳаёт мепайвандад, нависанда дар пайдарҳамии таҳкия сарнавишти ҷӯгиёнро дар чеҳраҳои мушаххаси Чинӣ, Худойқул, Умматкул, Биҷону Онакалон, Адҳам, Саидқул, Норҷон, Райҳона, Гавҳар, Саидқул ва дигарон воқеъгарона тасвир мекунад.

Ба ақидаи Д. Қаюмова ««Ҷӯгӣ» фарогири зиддиятҳои гуногуни иҷтимоист. Зиддияти нахустин созгор набудан ва наомадани ҳаёти онҳо бо мардуми бумӣ мебошад. Тазоди дигар ихтилофи падару писар – Ҳайдарқулу Умматкул аст, ки ба сохти нави сиёсиву иҷтимоӣ созиш кардан намехоҳад, вале баръакси ӯ, писар зарурати унс гирифтан бо талаботу қонуниятҳои замони навро талқин менамояд. Мехоҳад, ки ҷӯгиён ҳам ба парвариши зироатҳои гуногун, мисли ҷаву гандуму тамоку машғул шаванд ва аз талбандагӣ ҳазар намоянд» [4, с.140]. Дар илова бояд гуфт, ки Умматкул барои умуман аз байн бардоштани оину суннати ҷӯгиён дар талбандагӣ талош мекунад. Ӯ мехоҳад, ки қавми ҷӯгиён низ бо меҳнати худ рӯзгордорӣ кунанд ва бо ҳамин аз кашидани бори миннати мардум халос шаванд. Дар вуҷуди ӯ нангу номус имкон намедод, ки ба урфу одати гузаштагони худ созиш кунад. Аз ин рӯ, нависанда зиддияти ду характери бо ҳам зидро дар сиришти падару писар равшану возеҳ тасвир менамояд.

Дар қисса маҳорати нависанда дар тавсифи характери персонажҳои асар, тарзи зисту муҳит ва сарсонии қавми ҷӯгиён, ки ризқу рӯзиашон «аз азал дар миёни мардум», аз вазъи замонаву сокинони маҳалла вобастагӣ дошт, зоҳир мешавад. Нависанда дар эҷоди ин қисса даст ёфтааст, ки аз зовияи диди қаҳрамони марказӣ ҷаҳони ҷӯгиёнро дар таҳаввули шуур ва ахлоқи онҳо бо ҷузъиёти алоҳида воқеъгарона нишон диҳад. Ба ин қавм дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи шӯравӣ, замони авҷи ҳаёти колхозӣ бетаъсир намемонад ва дар қисса дар баробари тасвири ҳаёти ҷӯгиён замони қаҳтиву гуруснагии замони ҷанг ва баъд аз он, азиятҳои руҳии персонажҳо дар муносибатҳои оилавӣ (дар муносибати Ҳайдарқул ва писараш Умматкул, занаш Чинӣ) ва сокинони маҳалла (ҳангоми талбандагӣ кардан), нангу номуси ҷӯгиёна дар раванди воқеаҳо, монеаҳои зиндагӣ равшану барҷаста ба тасвир оварда шудааст. Хусусан, воқеаи маслухи аспро аз даҳони сагон рабудани Ҳудойқул ва овардани он ба қабилаи хеш дар ниҳояти қаҳтизадагӣ ва гуруснагӣ қарор доштани қавми ҷӯгиён дар замони ҷанг ва аз мардум бар асари замона талбида натавонистани рӯзқу рӯзии хеш аз вазъи душвору қаҳтизадагӣ ва вазнини он солҳо шаҳодат медиҳад. Барои Норҷон мутобиқ шудан ба тарзи ҳаёти ҷӯгиён ва қабул намудани урфу одати онҳо, аз як тараф, аз ноилоҷиву дармондагӣ бошад, аз ҷониби дигар, надоштани қувваи муқобилат бо сабаби синну сол ва мавҷудияти тарс ниҳоят мушкил буд.

Дар фасли дувуми қисса, чунонки дар фавқ ишора шуд, дар таҳкияи идомаи саргузашти Норҷон нависанда якбора ба тасвири ҳоли худи ӯ мегузарад: «Норҷон солҳои қаҳтию гуруснагӣ ҳамроҳи онҳо буд. Ӯ ба чаҳордаҳ даромад. Гӯё ҷӯгии ғирт шуд. Гапу талаффузаш ҳам ҷӯгиёна. Доим ҳамроҳи Чинӣ мегардад. Чинӣ аз гардиш наменомад.

Ҳатто ӯ духтарчааш Гавҳарро дар роҳ таваллуд кард...» [12, с.28]. То фасли 21-уми қисса таҳкияи сарнавишти мураккаби Норҷонро нависанда аз зовияи диди ӯ нақл мекунад, гоҳе дар рафти таҳкия муаллиф манзара ё ки сурату симои персонажро тасвир мекунад. Дар фасли 21-ум нависанда ҳамчун ровӣ ҳолат ва андешаронии Норҷонро дар бораи саргузашт ва умри гузаштааш оварда, матлаби асосии ӯро, ки барои ҷӯстуҷӯи хешу табор ба деҳа омада буд, ба хонанда ошкор мекунад: «...Имшаб Норҷон мижа таҳ накард. Тамоми саргузашт ва умри рафтаро бори дигар аз лавҳи хотир гузаронд, вале касе наёфт, ки ҳикоят кунад. Шаби дароз дилаш ваҳм кард. Парешон шуда, аз сари девор мӯйсафеди Муҳаммадиро ҷеғ задан хост, вале боз раво надид. Аввал тақдири бад ва баъд шавҳараш Адҳамро нафрат хонд, сипас бархоста саҳни ҳавлиро гашт, палакҳои имрӯз обдодаашро хабар гирифт... Дами чой набаромада пирамард омад» [12, с.119]. Сипас, нависанда муколамаи Норҷон ва пирамардро оварда, матлаби асосии ҷустани хешовандон ва сабаби аз шавҳар, қавми ҷӯгиён фирор кардани Норҷонро барои хонанда ошкор мекунад. Дар фасли охири 21 қисм нависанда бевосита ҳамчун ровӣ вазъият ва ҳолати меҳмонони ба хонаи Норҷон ташрифоварда ва хоҳарон Норҷону Райҳонро чунин тасвир кардааст: «На танҳо Норҷону Райҳон хомӯш буданд, ҳама: ҳам ҷӯгиён ва ҳам меҳмонон хомӯш буданд ва то андозае аз Адҳам тарс ҳам доштанд. Ва Норҷон баъд аз гапи Адҳам карахт шуд, наметавонист ба меҳмонон гӯяд, ки раванд. Хеле истод, баъд дасту пояш ба ларза даромад. Хоҳараш ин аҳволи ӯро пай бурда, зуд аз банди дасташ дошт ва баъд оғӯш кард...» [12, с.130]. Дар ин фасл сарнавишти Норҷону Райҳон хотима меёбад, дар фасли 22-юм фарҷом нависанда тараддуди тӯйи Умматқул барои писараш ва гузаштани он ва ҳангоми бузкашӣ баромадани садои тир, ки Шарифро Саидқули ҷӯгӣ кушта буд ва Гавҳар, духтари Чинӣ болои сари Шариф нолиш мекард, қиссаро анҷом медиҳад. Дилбастагии Гавҳар сабаби ба ҳалокат расонида шудани Шариф мегардад, ҷавонписари тоҷик, техникуми хоҷагии қишлоқро хатм карда, ба ҷӯгиён дар таъсиси колхоз кумак мерасонд.

Ҳамин тавр, нависанда дар сохтори берунии бандубасти қисса *эпиграфро* истифода бурда, дар сохтори дохилии *композитсия* (устухонбандӣ) *руҷӯи лирикӣ* ва *таҳкияи* қаҳрамони марказии қисса аз номи шахси аввал Норҷон, сарнавишти мураккаби хоҳаронро, ки бар асари замони қаҳтию гуруснагӣ ба ҳаёти ҷӯгиён мепайвандад, бо истифода аз *усули ретроспективӣ* зимни хотираҳо ба тасвир меорад. Дар зимни ривояти қисса *муколама* ва *монологи* ботинии персонажҳо, руҳу ботини онҳо тасвир шуда, дар баъзе лаҳзаҳо муносибати субъективии нависанда дар тасвири характери персонажҳои марказӣ ва фазои замон ба назар мерасад. Дар тасвири бадеии воқеият, додани характеристикаи персонажҳо зимни таҳкияи сарнавишти мураккаби духтарони тоҷики ҷӯгишуда, нависанда бо истифодаи *усул* ва *унсурҳои* композитисонии дар фавқ номбурда, барои офаридани қиссаи хуб даст ёфтааст.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филология, профессор, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Х. Осори адабии Сорбон / Х. Асозода // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.37-44.
2. Демидчик, Л.Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Насри солҳои 30. Иборат аз 2 ҷ. / Л.Н. Демидчик. – Душанбе: Дониш, 1978. – Ҷ.1. – 260 с.
3. Зан барои парастиш ва назокат аст (Суҳбат бо журналист Ҳакими Азиз) // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.298-306.
4. Қаюмова, Д. Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон / Д. Қаюмова. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – 232 с.
5. Масъалаҳои насри муосир // Садои Шарқ, 1988. - № 7. - С.92-124.
6. Набавӣ, А. Камолоти суханвар / А.Набавӣ // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.45-49.
7. Сайфуллоев, А. Уфуққои тозаи наср / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2006. – 768 с.
8. Сайфуллоев, А. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / А.Сайфуллоев // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.50-57.
9. Солеҳов, Ш. Адиби инсонгаро ва одамшинос / Ш.Солеҳов // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.58-64.
10. Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 448 с.
11. Сорбон. Куллиёт. Ҷ.1. Повест / Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 488 с.
12. Сорбон. Куллиёт. Ҷ.II. Повест / Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 444 с.
13. Турсун, С. Забон сурати тафаккур аст / С. Турсун // Адабиёт ва санъат. – 2011, 23 июн. – С.11–12.

14. Турсунзода, М. Дар китоби Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ / М.Турсунзода. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.8.
15. Хоҷаева, М. Масъалаҳои сабкшиносӣ. / М. Хоҷаева. – Хуҷанд: Омор, 1994. – 224 с.
16. Хоҷаева, М. Таҳқиқи услуби осори адабӣ / М. Хоҷаева. – Хуҷанд: нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1994. – 229 с.
17. Шакурӣ, М. Дар шинохти суханварон / М.Шакурӣ // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.9.
18. Шакурӣ, М. Масъалаҳои насри муосир / М. Шакурӣ // Садои Шарқ, 1988. - № 2. - С.105-117.
19. Шакурӣ, М. Таърихи адабиёти советии тоҷик: насри солҳои 1941 –1974. Ҷ.4 / М. Шакурӣ. – Душанбе, 1980. - 379 с.
20. Шукуров, М. Тавоноии инсон ва ё яъсу ноумедӣ / М.Шукуров // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.73-84.

УСУЛИ НАҚЛ (РИВОЯТ) ДАР ҚИССАИ «ҶӮГӢ»-И СОРБОН

Дар мақола усули нақл дар қиссаи «Ҷӯгӣ»-и Сорбон баррасӣ шудааст. Ба ақидаи муаллиф диди нависанда дар қисса тавассути мушоҳида дар мутобиқати Норҷон ба ҳаёти қабилаи ҷӯгиёни «озоду, беҳуқуқу ватан ва оворагард» ҷилвагар шудааст. Дар мақола сохтори асар, банду баст, истифодаи унсур ва усулҳои композитсионӣ дар асар ва дигар унсурҳои бадеии хосси илми поэтика баррасӣ шудааст, ки то кунун дар адабиёти муосири тоҷик ин қисса мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Омӯзиш ва таҳқиқи банду баст ва усулҳои нақли қисса, ки яклухтии асарро ташкил медиҳанд, ба муайян кардани сабки нигориши нависанда низ имкон медиҳад. Сорбон сабки нигориши хоссе дорад, ки он дар қиссаи «Ҷӯгӣ» ва баъдан дар дигар асарҳои нависанда ба назар мерасад: тасвир намудани саргузашти қаҳрамони асосии асар зимни нақл ва фикру андешаҳо, олами ботинӣ ва таҳлилу хулосабарориҳои амиқ аз воқеияту рӯйдод. Аз ин рӯ, дар мақола муаллиф банду басти қиссаи Сорбон, истифодаи усул ва унсурҳои бадеиро, ки мавзуи баҳси илми поэтика мебошад, дар асоси мазмуну мундариҷаи қисса баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: устухонбандӣ, усули нақл, унсури ривоят, усулҳои бадеӣ, сохти асар, муколама, монолог.

ПРИЕМЫ ПОВЕСТВОВАНИЯ В ПОВЕСТИ СОРБОНА «ЦЫГАН»

В статье рассматривается прием повествования в повести Сорбона «Цыган». По мнению автора статьи, взгляд писателя вҷражается посредством наблюдения, в соответствии с условиями жизни племени «вольных, бесправных, не имеющих родины скитальцев - цыган». В повести описывается беспорядочный образ жизни цыган от имени главной героини Норджан. В статье рассматривается композиция повести, приемы повествования и другие художественные приемы, являющиеся предметом изучения поэтики повести, которая в современной таджикской литературе не исследовалась с точки зрении построения. Изучение и исследование композиции и приемов повествования повести, организующих целостность художественного описания, позволит также определить стиль писателя. Сорбон имеет особый стиль описания в повести «Цыган» и позднее это также наблюдается в других его повестях: описание судьбы главного героя при повествовании и монологе, при описании внутреннего его мира и тщательном анализе происходящих событий. Также автор статьи попыталась рассмотреть композицию повести Сорбона, художественные композиционные приемы и элементы, относящиеся к науке поэтики.

Ключевые слова: композиция, приемы повествования, элементы рассказа, художественные приемы, структура произведения, диалог, монолог.

THE NARRATIVE TECHNIQUE IN THE STORY OF SORBON "GYPSY"

The article discusses the narrative techniqueof the story of Sorbon "Gypsy". According to the author of the article, the writer's view in the story is presented through the observation of Norjan's compliance with the living conditions of the tribe of "free, disenfranchised, without a homeland and wanderers" Gypsies. On this basis, the story describes the disorderly lifestyle of Gypsies on behalf of the main character Norjan. The article examines the composition of the story, the narrative technique and other artistic techniques that are the subject of poetics, a story that has not been studied in modern Tajik literature from the point of construction. The study and research of the composition and narrative techniques of the story, organizing the integrity of the artistic description, also allow to determine the style of the writer. Sorbon has a special style of description in the story "The Gypsy" and later this is also observed in his other stories: a description of the fate of the protagonist in narration and monologue, when describing his inner world and careful analysis and conclusions from the events taking place. In view of this, the author of the article tried to consider the composition of the story of Sorbon, artistic compositional techniques and elements related to the science of poetics.

Key words: composition, narrative technique, narrative elements, artistic techniques, structure of the work, dialogue, monologue.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хошимова Хуршеда Абдуманноновна*** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосир. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **hurshedah@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-401-30-33**

Сведение об авторе: ***Хошимова Хуршеда Абдумановна*** - Института языка и литературы им. Рудаки Национальная академия наук Таджикистана, кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник отдела современной литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **hurshedah@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-401-30-33**

Information about the author: ***Khoshimova Khursheda Abdumanonovna*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Philology, leading researcher of contemporary literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **hurshedah@mail.ru**. Tel.: **(+992) 93-401-30-33**

УДК: 891.550

«ЗАХИРАТ-УЛ-МУЛУК» – БУЗУРГТАРИН АСАРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Асозода Ҳ.Р.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-1386) намояндаи бузурги илму адаб ва фалсафаю ҳикмати асри XIV Машриқзамин буда, дар ривоҷу нумуи як қатор улуми замони хеш саҳми босазо доштааст. Ин орифи шаҳир бо офариниши асарҳои пурмазмуну баландғоя, аз қабили «Чиҳил асрор», «Захират-ул-мулук» [12], «Даҳ қоида», «Минҳоҷ-ул-орифин», «Мақомоти сӯфия», «Одоб-ул-машоих», «Авроди фатҳия» [13], «Авроди асрия» ва амсоли инҳо дар осмони маърифат ва илму адаб то кунун чун ситораи дурахшон нурпошӣ менамояд.

Мавзуъ ва мундариҷаи ин осор ниҳоят бой ва гуногунҷабҳа аст. Мавзуи панду ахлоқ аз масъалаҳои асосии осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст. Ӯ чун носеҳони илму адаби гузашта дар ҳамаи асарҳояш ахлоқи ҳамидаро ситоиш ва ахлоқи замимаро зери танқид қарор додааст. Тадқиқи осори адиб собит сохт, ки ақоиди пандуахлоқӣ, аз ҷумла ростиву росткорӣ, ҳалимию фурӯтанӣ, собирию шикебоӣ, раҳму шафқат, иффат, назокати гуфтор ва амсоли инҳо дар тамоми осори ӯ чун сифатҳои ибратбахши инсонӣ ба чашм мерасанд. Ин осор мардумро пайваста ба ваҳдат, иттифоқу иттиҳод, дӯстию бародарӣ, накукорию амонатдорӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ даъват менамояд.

Дигар мавзуе, ки дар осори Алии Ҳамадонӣ мавқеи хос дорад, мавзуи зан ва оила, мақоми зан дар ҷомеа мебошад. Нигоҳи равшани ин шахсияти беназир бар хилофи ақидаи атеистон ва ҷомеашиносони даврони шӯравӣ, ки гӯё зан дар таълифоти олимони диншиноси гузашта мавқеъ надошта бошад, мартабаи занро хеле баланд медонад. Масалан, дар «Захират-ул-мулук» мутафаккири бузург бо овардани оятҳои каломи раббонӣ ва гуфтаҳои саҳобаҳои пайғамбари Ислом мақому мартабаи баланди зан-модарро таъкид месозад [8, с. 96].

Дар миёни ин асарҳои хурду бузург «Захират-ул-мулук» ҳам аз рӯйи мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати фарогирии масоили зиндагӣ дар ҷойи асосӣ меистад. Ин асар дар нусхаҳои гуногун то замони мо расидааст. Яке аз он нусхаҳое, ки умри беш аз 100-сола дорад, дар хазинаи Осорхонаи мероси адабӣ ва осори хаттии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамдонии ш. Кӯлоб маҳфуз мебошад.

Чуноне ки зикр шуд, «Захират-ул-мулук» асари машҳури аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буда, дар китобхонаҳои калонтарини ҷаҳон, аз ҷумла Эрон, Ӯзбекистон, Англия, Русия, Амрико ва дигар кишварҳо маҳфуз мебошад. Нусхае аз ин китоб дар Академияи Миллии Илмҳои Тоҷикистон дар хазинаи собиқ Институти шарқшиносӣ ва осори хаттӣ таҳти рақами 546 дар варақҳои $1^б$ то $156^б$ нигоҳдорӣ мешавад.

Оид ба соли таълифи «Захират-ул-мулук» [12] дар маъхазҳо ва сарчашмаҳои илмии дар ихтиёри мо қарордошта маълумоти дақиқе нест.

Аз унвони китоб ҳам ошкор аст, ки асоси мундариҷавии ин асари пуразришро, пеш аз ҳама, панду насиҳати шоҳону ҳокимон ташкил медиҳад. Ба панди шоҳону ҳокимон рӯ овардани Алии Ҳамадонӣ бесабаб набудааст. Замоне ки ин марди фозил зиндагӣ ва эҷод намудааст, ба даврони ҳукмронии сулолаи Темуриён иртибот дорад. Ҳамчунон ки таърих гувоҳ аст, ҳокимони ин сулола дар сафаҳоти таърих номи хешро бо ахлоқи замимаашон чун қатлу ғорат, зулму истибдод «муаррифӣ» намудаанд.

Ҳарчанд ки муносибати Амир Темур ва бештари намояндагони хонадони ӯ ба аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хуб набуд ва пайваста аз ҷониби онҳо озору шиканҷа медид, ин шахси ҷасур ва муборизи роҳи Ҳақ забон аз насиҳати онҳо боз намедошт ва бе тарсу ваҳм ба шоҳону ҳокимони замонаш сухани ҳақро иброз медошт. Ин ҳама фошгӯиҳо ва ҳақиқатхоҳиҳо оқибат боиси фирору гирифторӣ ва мусибату азияти ӯ гардиданд. Орифи бузург бар ин аст, ки агар подшоҳону ҳокимон аз аҳли хираду адаб бошанд, ба салтанати раият ҳақ доранд вагарна не.

Китоб аз муқаддима, даҳ боб ва хулосаи кӯтоҳе таркиб ёфтааст. Ҳар бобе ба масъалаи муҳимме бахшида шудааст.

Масалан, ақидаи шоҳи одил ва раиятпарвар дар боби панҷуми асар, ки «Дар аҳкоми вилоят ва салтанат ва иморат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат ва хатари уҳдаи он ва вуҷуби адл ва эҳсон» номгузорӣ шудааст, хеле муфассал таҳлил гардидааст. Ҳаким бо мақсади нишонрас гардидани андарзҳои хеш аз зиндагии ҳокимони одили гузашта, аз рӯзгору хилофати хулафои ислом ва паёмбарони мурсал мисолҳои фаровон овардааст. Инак, як мисол: «Ва аз замони Одам, алайҳиссалом, илалон чанд каси маъдуд беш набуданд аз акобири анбиё, чун Юсуф ва Мӯсо ва Довуд ва Сулаймон ва Муҳаммад, алайҳимуссалом ва аз хулафо чун Абӯбакр ва Умар ва Усмон ва Алӣ, ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаин, ки сирри ин мансаб дар вуҷуди шарифи эшон зуҳур кард ва эшон ба адои ҳуқуқи он, чунонки мебоист, қиём намуданд ва сиратҳои эшонро бар золимони ҷофӣ ва ҷоҳилони осӣ ҳуҷҷат гардониданд. Пас, ба ҷиҳати танбеҳи золимони фоҷир ва фосиқони ҷобир, ки салтанат ва ҳукумати аҳли исломро сармояи тақаббур ва такаббур сохтанд ва иморат ва вилоятро доми шаҳвати нафс ва ҳаво гардонида ва зулм ва шурурро салтанат пиндошта ва фиску фуҷурро расми бузургӣ намуда, ҳикояте чанд аз аҳволи салтанат ва вилоят ва хилофати анбиё ва авлиё ва осори ҳукумати атқиёи хулафои рошидин дар ин боб эрод карда ояд, то тазкира бувад толибони саодати онҷаҳониро ва ҳуҷҷат гардад бар тобеони васовиси шайтонӣ ва окифони маҳовии нафсонӣ, иншоаллоҳу таъоло» [12, с. 36].

Ҳидоят ба накукорӣ, адолату инсоф, пайравии ақоиди ҳамидаи инсонӣ ва дигар хислатҳои ҳамида дар тамоми боби мазкур чун хатти сурх ба назари хонандаи нозукбин мегузарад. Алии Ҳамадонӣ ба такрор таъкид менамояд, ки шоҳону ҳокимон пайваста пайи беҳзистии раият кӯшиш намоянд ва ин салтанати чандрӯза насибашон гаштаро сабаби балову офати ухравияшон нагардонанд: «Эй азиз, чун аз ин ҷумла, ки гузашт, маълум кардӣ, ки анбиё ва хулафои рошидин, разияллоҳу анҳум, дар салтанат ва подшоҳӣ чӣ гуна будаанд ва чӣ гуна зиндагонӣ кардаанд, бо вуҷуди қудрат ва подшоҳӣ ва хазоин чӣ гуна бар нафси худ танг мегирифтаанд ва дар меҳнати дунё ба сабр зиндагонӣ мекардаанд ва дар нашри осори маъдалат ва шафқат ва эҳсон бар халқ мекӯшиданд ва бо ин ҳама аз хатароти вилоят ва ҳукумат эмин набуданд, то бидонӣ, ки мубошарати вилояти мусулмонон кори азим аст ва иштиғол ба ҳукумат амри хатир аст. Ва ҳоким ва подшоҳ чун бар наҳҷи адл ва эҳсон бувад ва дар иқомати ҳудуди шаръ ва нифози аҳкоми дин кӯшад, дар замин ноиби баргузидаи Ҳақ ва сояи Илоҳӣ ва халифаи Раҳмон бошад. Ва чун тариқаи адл ва эҳсон бигузорад ва бар бандагони Ҳақ шафқат накунад ва мутобаати нафс ва ҳаво кунад ва эҳмоли иқомати ҳудуди шаръ раво дорад, вай, ба ҳақиқат, ноиби даҷҷол ва душмани Худой ва Расули Худост ва халифаи шайтон аст. Ва гӯйи саодати абадӣ аз майдони ҳукумат ва салтанат касе барад, ки аз сари инсоф тааммул кунад ва бидонад, ки аз куҷо омадааст ва охир ба куҷо хоҳад рафт ва аз омадани ӯ бад-ин олам мақсуд чист» [12, с.132].

Нусхаи дастраси мо аз 308 саҳифа иборат буда, соли 1905 дар чопхонаи шаҳри Лоҳур [12] ба табъ расидааст ва аз чопи асар зиёда аз сад сол гузашта бошад ҳам, он дар шакли хуб маҳфуз мондааст. Ин нусха аз рӯйи ишораи саҳифаи охир, бар асоси нусхаи чаҳорсадсола нашр гардидааст. Дар бораи арзиши таърихии асар ва сайю кӯшиш дар чопи навбатии китоб аз забони Ҳоҷӣ Зулфиқор ном шахс чунин ишорае омадааст: **«…** бо саъйи бисёр ва кӯшиши бешумори бандаи хатокор Ҳоҷӣ Зулфиқор валади марҳуми мағфур Оқои Шермуҳаммадхон. … умед аз нозирини ин китоби мустатоб файзи истисоб он аст, ки баъд аз истифодаи хайр мусанниф ва муҳаррирро ба дуои хайр ёд фармоянд, ки аз нусхаи чаҳорсадсола нақл карда ба касрати вақт барои фоидаи муъминони қадрдони аҳли ислом…» [12, с.135].

Нусхае дигареро аз «Захират-ул-мулук» донишманди эронӣ Сайид Маҳмуди Анварӣ соли 1980 ба чоп омода намудааст. Хонандаи тоҷик бори нахуст соли 1991 тавассути китоби чопнамудаи қиблагоҳи бузургворам Раҷаб Асозода ва муаллифи ин сатрҳо таҳти унвони «Шаммае аз «Захират-ул-мулук» ба таври мухтасар огаҳӣ пайдо намуда буд [1].

Соли 1993 бошад, мухтасари дағ боби ин китоб дар таҳияи муаллифи ин сатрҳо бо пешгуфтори муфассал ва пурмуҳтавои Раҷаб Асозода пешкаши хонандагони гиромӣ гардонида шуд [2].

Ва, инак, фурсате фаро расид, ки оид ба мазмуну муҳтавои ин асар барои дӯстдорони каломи фасеҳи ин абармарди осмони илму адаби асри XIV ҷумлае чанд матраҳ созем.

Асар бо ҳамду санои Ҳазрати Самадият оғоз мегардад. Алии Ҳамадонӣ дар мавриди таълифи асар чунин нигоштааст: «Муддате буд, ки ҷамъе аз мулук ва ҳукамои аҳли ислом ва амоҷид ва ашрофи навъи аном, ки дар истилоҳи аҳли дин эҳтимом мекунанд,… ба сабаби ақидаи муҳаббат ва робитае, ки бо ин заиф доштаанд, аз ин фақир ҳар вақт илтимоси тазкираи муфид мекарданд ва боиси азм дар ибрози он маънӣ мутараддид буд…» [12, с.2].

Шарқшиносони рус «Захират-ул-мулук»-ро «Сокровище государей» тарҷума намудаанд. Воқеан, ҳангоме ки кас бо мазмуну мундариҷаи ин аср шинос мегардад, онро як рисолаи пуразришу пурмуҳтаво ва роҳнамои ҳақиқии ҳокимону салотин мебинад.

«Захират-ул-мулук» аз даҳ боб иборат аст бад-ин тартиб:

1. Боби аввал. Дар шароит ва аҳкоми имон ва лавозими камоли он, ки сабаби наҷоти банда аст аз азоби абадӣ ва василати вусули ӯ ба давлат ва наими сармадӣ.
2. Боби дуввум. Дар адои ҳуқуқи убудият.
3. Боби саввум. Дар макорими ахлоқ ва ҳусни хулқ ва вуҷуби тамассуки ҳоким ва подшоҳ ба сирати хулафои рошиддин.
4. Боби чаҳорум. Дар ҳуқуқи волидайн ва завҷ ва завҷа ва авлод ва абид ва ақориб ва асдиқо.
5. Боби панҷум. Дар аҳкоми салтанат ва вилоят ва аморат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат ва хатари уҳдаи он ва вуҷуби адл ва эҳсон.
6. Боби шашум. Дар шарҳи салтанати маънавӣ ва асрори хилофати инсонӣ.
7. Боби ҳафтум. Дар баёни амри маъруф ва наҳйи мункар ва фазоил ва шароит ва одоби он.
8. Боби ҳаштум. Дар баёни ҳақоиқи шукри неъмат ва зикри аснофи инъом ва ифзоли Ҳазрати Самадият.
9. Боби нуҳум. Дар баёни ҳақиқати сабр бар макореҳи масоиби дунявӣ, ки он аз лавозими умури вилоят ва салтанат аст.
10. Боби даҳум. Дар мазаммати такаббур ва ғазаб ва ҳақиқати он. Ва хатми китоб.

Аз муқоисаи сабки нигориши асар чунин бармеояд, ки забони он содда буда, дар услуб ва тарзи баён ба «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ ва ба «Гулистон»-и Саъдӣ шабоҳат дорад.

Олими эронӣ Маҳдии Дурахшон «Захират-ул-мулук»-и Сайид Алии Ҳамадонӣ ва «Ахлоқи носирӣ»-и Насируддин Тӯсиро дар як радиф ва услуби нигориши ин ду шоҳасарро ба услуби нигориши «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ баробар медонад [7, с. 69].

Ба қавли муҳаққиқи дигари эронӣ Сайд Маҳмуди Анворӣ, ин ду асар дар зери таъсири яке аз шахсиятҳои шинохтаи олами ислом ва руҳонии бузург Абӯҳомиди Ғаззолӣ (1058-1111) таълиф гардидаанд. Ҳатто бархе аз масоили «Захират-ул-мулук», ба қавли Анворӣ, тарҷума ва рӯйнависи «Эҳё-ул-улум»-и Ғаззолӣ мебошанд. Албатта, ин нукта баҳсталаб аст. Дар «Захират-ул-мулук»-и Алии Ҳамадонӣ низ масъалаҳои ахлоқ, иҷтимоиёт, дин ва тасаввуф васеъ баррасӣ гардидааст. Ин асар ҷаҳонбинӣ ва умуман, консепсияи суфияи ӯро равшан мегардонад.

Мутаассифона, асари мазкур то кунун, чуноне месазад, омӯхта нашудааст. Фақат муҳаққиқин ҳангоми дар бораи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сухан рондан нисбати ин ва ё он тарафи асар ақоиди хешро баён намудаанд.

Масалан, шарқшиноси олмонӣ Этте бобҳои 5 ва 6 уми асарро бобҳои асосӣ ва ҷавҳари асосии китоб дониста менависад: «Дар аввали ин китоб сухан дар бораи эътиқоду дуо меравад, сипас, мубоҳиса доир ба вазифаҳои аъзоёни оила ва дар бобҳои панҷуму шашум, ки қисматҳои муҳимми асар ба ҳисоб мераванд, дар бораи қонунҳои идоракунии ҳукумат ва мақсаду усулҳои давлати ҷудогона ба назар мерасад…» [15, с.3-4].

Дар пайравии баъзе аз нуктаҳои «Захират-ул-мулук» дигар адибону файласуфон асарҳои ҷолиб офаридаанд [10, с.74]. Далели равшани ин бобҳои асосии «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш дар мавриди салтанат ва раият мебошад.

Устод Алиасғари Ҳикмат оид ба ин асар дар мақолаи худ дар маҷаллаи «Яғмо» чунин мефармояд: «Яке аз осори латифаи насри форсӣ дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ китобест бо номи «Захират-ул-мулук», ки то ҳанӯз дар пардаи ихтифо (пинҳонӣ) мастур мебошад ва чун шоҳидони хубрӯй дар гӯшаи китобхонаҳо чеҳраи зебои худро аз дидаи ошиқони

маърифат пӯшида аст» [Ниг.: 7, с.152].

Дар ин китоб мусанниф дар баъзе мавридҳо ба «Гулистон» ишорат карда ва таркиботи китоби шайхи Шерозро ҳам мавриди тақлил қарор додааст. Баҳсҳои ирфонии «Захират-ул-мулук» шабоҳат ба нигориши «Кашф-ул-маҳҷуб»-Ҳиравӣ, «Эҳёи улумиддин» ва «Кимиёи саодат» -и Ғазолӣ дорад.

Муаллиф дар миёни матолиби мухталиф ашъоре ҳам овардааст, ки ба кавли устод Алиасғари Ҳикмат шояд ҳамаи ашъор аз худи Алии Ҳамадонӣ бошад ва ӯ ин корро шояд дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ карда бошад. Он чи мусаллам аст, се байт аз ғазали Алии Ҳамадониро бо матлаъи зер дар ин китоб метавон ёфт:

З- ин харобӣ гар ту мехоҳӣ ободӣ шавӣ,
Ҷаҳд кун, то бандаи фармони озоде шавӣ [12, с.34].

Муҳтавои ин китоб ду баробари «Гулистон»-и Саъдӣ аст ва табиист, ки матолиби нав аз арзанда дар он зиёд мебошад. Ба қавли муҳаққиқи дигари эронӣ Сайд Маҳмуди Анварӣ ин ду асар дар зери таъсири яке аз шахсиятҳои шинохтаи олами ислом ва руҳонии бузург Абӯҳомиди Ғаззолӣ (1058-1111) таълиф гардидаанд. Ҳатто бархе аз масоили «Захират-ул-мулук», ба қавли Анварӣ, тарҷума ва рӯйнависи «Эҳё-ул-улум»-и Ғаззолианд. Албатта, ин нукта ифрот ва баҳсталаб аст. Агар гӯем, ки сабки нигориши асар дар услуб ба «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ ва «Гулистон»-и Саъдӣ шабоҳат дорад, айни ҳақиқат мебуд.

Чуноне ки дар фавқ зикр намудем, мазмуну мундариҷаи «Захират-ул-мулук»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ иборат аст аз васфи маърифату ҳикмат, тараннуми ахлоқи ҳамида ва мазаммати ахлоқи замима, тарғиби дӯстию рафоқат, ҳуқуқи убудият, ҳидоят ба сабру таҳаммул дар муқобили ранҷу машаққат, шукру сипоси неъмат. Дар маҷмуъ, ин асари рангину диққатҷалбкунанда хонандаро ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Андарзҳои ҳакимонаи ин марди фозил дар тамоми давру замон барои тарбияи ахлоқи башарият кумак хоҳанд намуд. Масалан, ба одоби пӯшонидани либос барои фарзандон, ба қавли Алии Ҳамадонӣ, волидайн бояд аз синни хурдсолии онҳо таваҷҷуҳ намоянд. Волидайн аз хурдӣ дар ниҳоди фарзанд одоби пӯшидани либосро ба тавре талқин намоянд, ки эшон аз хурдӣ дарк намоянд, ки пӯшидани ҷомаҳои рангину мунаққаш хосси мардон набуда, боиси пайдо гардидани тафохур ва кибр, ҳасад ва намима барин хислатҳо замима мегардад. Ва ин аъмоли номашрӯъ дар ҳаёти минбаъдаи фарзанд таъсири манфӣ хоҳад расонид: «…ва аз пӯшидани ҷомаҳои рангину абрешим манъ кунад ва ӯро огоҳ кунад, ки ин пӯшиши занон ва муханнасон аст. Ва фарзандро аз суҳбати кӯдаконе, ки ба ҷомаҳои рангин ва абрешимин пӯшидан ва танаъум карда бошанд, албатта, нигоҳ дорад, ки фасодии ахлоқи бештари атфол аз ин аст. Ва бад -он сабаб бештарин сифоти муҳлика аз дурӯғ ва намима ва ҳасад ва уҷб ва кибр ва ҳирсу бухл ва макру ғадр дар ниҳоди кӯдак росих меёбад…» [12, с.78].

Алии Ҳамадонӣ чун носеҳони илму адаби гузашта сифати ахлоқро ба ду навъ ҷудо менамояд: ахлоқи ҳамида ва ахлоқи замима. Ахлоқи ҳамида, яъне хислатҳои нек аз қабили ростию парҳезкорӣ, қаноатмандию сабурӣ ва ғайраҳо хеле барвақт аз синни хурдсолӣ дар фарзандон бояд тарбият ёбанд. Дар анҷоми ин амали хайр, яъне тарбияи ахлоқи ҳамидаи фарзандон саҳми падару модар ва устоду муаллим бағоят бузург аст. Фарзандон оинаеро мемонанд, ки муҳити худро, ки маҷмуи аъмоли падару модар, устоду муаллим аст, дар худ инъикос менамоянд. Падару модар, устоду муаллим, ки гавҳари ҳақиқати тифл маҳсуб мегарданд, тифлро ба кадом тарафе мутамоил созанд, ӯ ба ҳамон тараф моил гашта, ҳамон тавр тарбият хоҳад ёфт.

Агар модару падар ва устоду муаллими ӯ аз аҳли салоҳ бошанд, осори салоҳи эшон дар ниҳоди фарзанд пайдо ва росих мегардад ва илму тақвою парҳезкорӣ, шарму ҳаё самараи он тарбия хоҳад буд ва ин фарзандро некбахти ду ҷаҳон мегардонанд. Ва баръакс, агар модару падар, устоду муаллими ӯ фосиқу ғофил ва ҷоҳил бошанд, осори зулму фисқ, фитнаю носавобии эшон дар ниҳоди фарзанд ҷо гирифта, дар аъмоли ҳаррӯзаи ӯ ҳувайдо хоҳад гардид, ки натиҷаи он аъмоли ғайриинсонӣ фарзандро шақӣ намуда, бадбахти ҳарду ҷаҳонаш мегардонад. Ва дар ин бадбахтӣ, чи тавре ки адиб менигорад, падару модар ва устоду муаллим шарик ва саҳим мебошанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъкид менамояд, ки одоби хӯрок хӯрдан, либос пӯшидан, сухан гуфтан ва амсоли ин бояд аз синни хурдӣ тарбия карда шавад. Тарбияи ин

қонунҳои оддитарини зиндагӣ дар ояндаи фарзанд манфиати калон дорад. Масалан, яке аз сифатҳои замима, ки кӯдаконро дар тифлӣ пайдо гардида, то охири умрашон домангирӣ менамояд, ин аз ҳад зиёд хӯрдани таом мебошад. Ва тариқи одоби таом хӯрданро аллома чунин меорад: «…бояд ки одоби таом хӯрдани ӯро таълим кунад. Ва бисёр хӯрданро дар чашми ӯ зишт гардонад ва аз захира кардани таом манъ кунад ва ба исор фармоянд ва кӯдакони бисёрхореро дар пеши ӯ сарзаниш кунанд ба бисёр хӯрдан, то он сифат дар вай шикаста шавад…» [12, с.63].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ асрҳо пеш умр ба сар бурда бошад ҳам, тавонистааст нисбат ба ҳама табақоти инсонӣ аз хурд то бузург ва новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ бе тарсу ҳарос ақоиди ахлоқии хешро иброз намояд. Аз ҷумла, ӯ афъоли нописандидаи мардумони сарватманд ва ҳокимони давлатмандро зери тозиёнаи танқид қарор дода, бо овардани оёту ҳадиси саҳеҳ ва ривоёти ҷолиб аз зиндагии хулафои рошидин ва дигар ашхоси соҳибмартаба ба гурӯҳҳои муҳтоҷи тарбия андарзҳои пурмаънофеъ баён кардааст. Чунончи: «Нақл аст, ки чун Умар, разиаллоҳу анҳу, ба хилофат бинишаст, иттифоқ карданд, ки нафақаи аёли ӯ аз байтулмол бидиҳанд, қабул накард ва гуфт:

– Қуввати касб дорам, маро бад-он эҳтиёҷ нест. Чун намози ишроқ бигузоридӣ, ба девон бинишастӣ ва миёни мусалмонон ҳукумат кардӣ то чошти баланд. Чун аз девон бархост, колбад бардоштӣ ва ба тарафи буқъа рафтӣ ва хишт задӣ ва ба масҷид омадӣ ва имоматии мусалмонон кардӣ, ва боз ба сари кори худ рафтӣ то вақти намози аср. Ва қутти худ ва аёлони худ аз он ҳосил кардӣ…» [12, с.57].

Роҷеъ ба Алии Ҳамадонӣ ва «Захират-ул-мулук»-и ӯ сухан ронда, набояд фаромӯш созем, ки мутафаккир фарзанди замони хеш буд ва бешак, фармонбари идеологияи ҳукмрони ҷомеаи худ буд. Сарчашмаи асосии таълифоти Амири Кабир ин, пеш аз ҳама, Қуръон ва аҳодиси набавӣ маҳсуб мегардиданд.

Аллома дар баёни таълимоти тасаввуфии хеш аз осору эҷод ва ғояҳои намояндагони машҳури ҷараёнҳои мухталифи адабу тасаввуф, аз қабили Абӯҳомиди Ғаззолӣ, Шайх Фаридуддини Аттор, Ибни Арабӣ, Саноӣ, Наҷмуддини Кубро, Маҳмуди Шабистарӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва монанди инҳо фаровон истифода намудааст.

Аз таълифи асар 700 сол гузашта бошад ҳам, ин ганҷи пурбаҳои маънӣ аҳаммияти таърихии хешро гум накардааст.

Муқарриз: ***Бобомаллаев И.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Р. Шаммае аз Захират-ул-мулук / Р. Асозода, Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1991. – 82 с.
2. Асозода, Р. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Р. Асозода, Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1993. – 160 с.
3. Асозода, Ҳ. Таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва адабии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Ҳ. Асозода. – Душанбе, 2015. – 315 с.
4. Бертельс, Е.Э. Суфизм и суфийская литература / Е.Э. Бертельс. – М.: Наука, 1965. – 524 с.
5. Ғаззолии Тӯсӣ, Абуҳомид Имом Муҳаммад. Кимиёи саъодат. Ҷ.1 / Абуҳомид Имом Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ. – Теҳрон, 1375. – 556 с.
6. Ғаззолии Тӯсӣ, Абуҳомид Имом Муҳаммад. Кимиёи саъодат. Ҷ.2 / Абуҳомид Имом Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ. – Теҳрон, 1375. – 738 с.
7. Зарринкӯб, А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / А. Зарринкӯб. – Душанбе, 1992. – 345 с.
8. Муллоаҳмадов, М. Инсон, адабиёт, фарҳанг / М. Муллоаҳмадов. - Душанбе: Адиб, 1999. – 336 с.
9. Мухаммедходжаев, А. Гнесеология суфизма / А. Мухаммедходжаев. – Душанбе: Дониш, 1990. – 116 с.
10. Олимов, К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ / К. Олимов. – Душанбе, 1988. – 136 с.
11. Раҳмонов, М. Қасоиди ахлоқӣ дар адабиёти асрҳои XIII-XIV тоҷику форс / М. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 151 с.
12. Ҳамадонӣ, Мир Саид. Захират-ул-мулук / Мир Саид Алии Ҳамадонӣ. – Лоҳур, 1905. – 307 с.
13. Ҳамадонӣ, Мир Саид. Авроди фатҳия / Мир Саид Алии Ҳамадонӣ. – Душанбе, 1997. – 17 с.
14. Ҳодизода, Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе, 1966. – 188 с.
15. Эте, Ю. Назаре ба фалсафаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Ю. Эте // Садои дил. – 1994. – С.3-4.

«ЗАХИРАТ-УЛ-МУЛУК» – БУЗУРГТАРИН АСАРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола гуфта шудааст, ки «Захират-ул-мулук» яке аз шоҳкориҳои мутафаккири бузурги Шарқ Мир Саид Алии Ҳамадонӣ аст. Ин асар аз даҳ боб иборат буда, дар онҳо муаллиф мавзуъҳои гуногуни фалсафӣ ва бадеиро ба тасвир гирифтааст. «Захират-ул-мулук» дар заминаи таъсири «Эҳё-ул-улум»-и

Абуҳомиди Ғаззолӣ (1058-1111) таълиф шудааст. Муаллиф иброз медорад, ки мавзуъ ва мундариҷаи ин осор ниҳоят бой ва гуногунҷабҳа аст. Мавзуи панду ахлоқ аз масъалаҳои асосии осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст. Ин асар масъалаҳои ахлоқи ҳамида, эътиқоди иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ ва тасаввуфии ҳамон замонро бозгӯ менамояд. Аз таълифи асар 700 сол гузашта бошад ҳам, ин ганҷи пурбаҳои маънӣ аҳаммияти таърихии хешро гум накардааст. Инчунин, муаллиф таъкид бар он дорад, ки роҷеъ ба Алии Ҳамадонӣ ва «Захират-ул-мулук»-и ӯ сухан ронда, набояд фаромӯш созем, ки мутафаккир фарзанди замони хеш буд ва бешак, фармонбари идеологияи ҳукмрони ҷомеаи худ буд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ асрҳо пеш умр ба сар бурда бошад ҳам, тавонистааст нисбат ба ҳама табақоти инсонӣ аз хурд то бузург ва новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ бе тарсу ҳарос ақоиди ахлоқии хешро иброз намояд.

Калидвожаҳо: таҳқиқ, Ҳамадонӣ, «Захират-ул-мулук», шоҳасар, ахлоқи ҳамида, волидайн, тасаввуф, бобҳои асар, муҳтаво, монандӣ, хусусият.

«ЗАХИРАТ-УЛ-МУЛУК» – ВЕЛИКОЕ ПРОИЗВЕДЕНИЕ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В статье говорится, что «Захират-ул-мулук» - одно из выдающихся произведений великого восточного мыслителя Мир Саида Алии Хамадани. Произведение состоит из десяти частей, и в них автор излагает различные философские и художественные темы. «Захират-ул-мулук» написано под воздействием произведения Абдухамида Газоли (1058-1111) «Эхё-ул-улум». Автор отметил, что тема и содержание этой работы очень богаты и разнообразны. Тема нравственности является одной из главных в творчестве Мир Сайида Али Хамадони. Произведение также широко освещает вопросы нравственные, социально-общественные, вопросы религии и суфизма того времени. Хотя с момента создания этого произведения прошло 700 лет, это драгоценное сокровище смысла не утратило своего исторического значения. Также автор подчеркивает, что, говоря об Али Хамадони и его “Захират-ул-мулук”, нельзя забывать, что мыслитель был дитя своего времени и несомненно подчинялся господствующей идеологии своего общества. Хотя Мир Сайид Али Хамадони жил много веков назад, он мог без страха выражать свои нравственные убеждения во всех сферах жизни, независимо от социального положения.

Ключевые слова: исследование, Хамадани, «Захират-ал-мулук» шедевр, мораль, родители, суфизм, основные главы, содержание, сходство, особенность.

"ZAKHIRAT-UL-MULUK" - THE GREAT WORKS OF MIR SAYYID ALI HAMADANI

The article says that "Zakhirat-ul-Muluk" is one of the outstanding works of the great oriental thinker Mir Said Aliya Hamadani. The work consists of ten parts, and in them the author sets out various philosophical and artistic themes. "Zakhirat-ul-muluk" was written under the influence of the work of Abdukhamid Gazoli (1058-1111) "Ehyo-ul-ulum". The author noted that the theme and content of this work are very rich and varied. The theme of morality is one of the main ones in the work of Mir Sayyid Ali Hamadoni. The work also widely covers moral, social and social issues, issues of religion and Sufism of that time. Although 700 years have passed since the creation of this work, this precious treasure of meaning has not lost its historical significance. The author also emphasizes that, speaking of Ali Hamadoni and his “Zakhirat-ul-Muluk”, one should not forget that the thinker was a child of his time and undoubtedly obeyed the dominant ideology of his society. Although Mir Sayyid Ali Hamadoni lived many centuries ago, he could express his moral convictions without fear in all spheres of life, regardless of social status.

Key words: research, Hamadani, "Zahirat-al-Muluk" masterpiece, morality, parents, Sufism, main chapters, content, similarity, peculiarity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асозода Ҳотам Раҷаб*** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми филология, докторант, директори генералии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб». **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **hamadoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-63-37-45**

Сведение об авторе: ***Асозода Хотам Раджаб*** – Институт языка и литературы им. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, кандидат филологических наук, аспирант, генеральный директор ГУ «Кулябский республиканский музейный комплекс». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, д. 21. E-mail: **hamadoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-63-37-45**

Information about the author: ***Asozoda Hotam Rajab*** - Institute of Language and Literature. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, candidate of philological sciences, graduate student, general director of the State Institution "Kulyab Republican Museum Complex". **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **hamadoni@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-63-37-45**

УДК: 891.71.09

АШЪОРИ Ф.ТЮТЧЕВ ДАР ТАРҶУМАИ ФАРЗОНА

Раҳимова Н.Қ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Тарҷума дар радифи дигар рукнҳои адабиёт дар даврони истиқлолият ба пояҳои баланд ноил гардид. Он дар адабиёту фарҳанг таърихи дуру дароз дошта, марҳилаҳои гуногунро аз сар гузаронидааст. Маҳз ба воситаи тарҷумаи ин ё он асар, оид ба тарзи зиндагӣ, маданият, урфу одат ва анъанаҳои халқҳои дигар ошноӣ пайдо мекунем. Лекин гуфтан ҷоиз аст, ки тарҷумонӣ дар Тоҷикистон аз асри XIX оғоз ёфта, дар асри XX пояҳои устувор пайдо кард. Зуҳури ҷараёни маорифпарварӣ, сафарҳои олимони рус ба Осиёи Миёна, ривоҷи муносибатҳои тиҷоратӣ сабаби ворид шудани афкори адабии рус ба тафаккури маънавии халқи тоҷик гардид. Аввали солҳои 20-уми асри XX давраи сукути тарҷумаи тоҷик ба ҳисоб рафта, солҳои 30-50-ум мутарҷимон аллакай осори пешазинқилобӣ ва баъдазинқилобии адабиёти русро омӯхта ба тарҷума намудани он шурӯъ карданд. Бинобар ин шоирони тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор, Фарзона ба ин навъи адабӣ рӯй овардаанд. Мутарҷимон кӯшидаанд, ки созгории руҳи тарҷумаро бо руҳи забон ва миллат таъмин намоянд. Дар ин хусус, профессор А.Сайфуллоев менависад, «тарҷума дар адабиёти халқе замоне таъсири мусбат дошта метавонад, ки он дуруст, бо қалами моҳири шахси бо адабиёт ошно ва донандаи нозукиҳои ҳар ду забон ба амал омада бошад» [8, 144].

Дар радифи чунин донандагони назми тоҷик шоири маҳбуб Фарзона меистад, ки бо тарҷумаҳои хеш дар адабиёти тоҷик саҳми босазо дорад. Навпардозиву калимаороии Фарзона инсонро ба олами рангини андешаҳо ворид месозад. Эшон баробари жанрҳои адабии ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ба тарҷумаи ашъори адибони хориҷи кишвар шуғл меварзанд. Истеъдоди нотакрори Фарзона бозгӯкунандаи маҳорати баланди тарҷумонии ӯ буда, ба фазои адабиёти тоҷик ворид шудани ашъори ин адибони бурунмарзиро далолат мекунад. Диққати шоираро асосан эҷодиёти адибони рус А.Пушкин, Ф.Тютчев, А.Ахматова, М.Светаева, С. Есенин ва А.Блок ҷалб намудааст.

Аз тарҷумаҳои Фарзона маълум мегардад, ки ӯ пеш аз он ки ба тарҷумаи ашъори адибон шуруъ намояд, онро бодиққат меомӯзад, ҳар як калимаи асл, идеяҳои аслиро дарк мекунад, вазну қофияи шеърро коркард менамояд, то мазмуну муҳтавои он дигаргун нагардад. Дар ин бора пажӯҳишгари эронӣ Абдулҳасан Наҷафӣ чунин ибрози ақида намудааст: тарҷума дар он вақт муваффақ шуда метавонад, ки тарҷумон калима ва ибороти аслии шеърро дарк намуда, маҳорати зарурӣ дошта бошад.

Дар ҳақиқат, таъсири адабиёти рус ба ашъори Фарзона бениҳоят бузург аст. Ба ақидаи шоира адабиёти рус баъзе сужаҳое дорад, ки фаромӯшношуданист, мисли тасвири табиат, тавсифи фаслҳои сол, кулбаи чӯбину деҳаҳои зебоманзари рус, ҷавзорҳову дарахтони санавбар ва онҳо ҷаззобияти худро дар ашъори адибони рус дарёфтаанд.

Фарзона дар маҷмуаи ашъораш “Найсон”, ки соли 2019 нашр шудааст, аз эҷодиёти шоири ширинкаломи рус Фёдор Иванович Тютчев чанд шеърҳояшро аз қабили “Обҳои баҳорӣ” [13, с.244], “Мефитад сояи дароз аз кӯҳ” [13, с.245], “Ҳар қадар ҳам дӯст дорӣ беҳисоб” [13, с.245], “Водии хуфта барфдомон аст” [13, с.246], “Ҳанӯз орзуи зиндаи манӣ” [13, с.246], “Ҳар чӣ андӯхтам ман аз дунё” [13, с.246], “Нест рӯзе, ки дил алам накашад” [13, с.247], “Барои дӯстам Я.П. Полонский” [13, с.247] бо сабку забони шево тарҷума намудааст.

Фёдор Тютчев яке аз шоирони классики адабиёти рус буда, бо ашъори гаронбаҳояш машҳури ҷаҳон гаштааст. Мусаллам аст, ки адиби рус дар шуури хонанда ҳамчун тараннумгари манзараҳои зебои табиат ва таҷассумгари хусусиятҳои аслии он нақш бастааст. Дар нигоҳи шоир инсон қисми ҷудонашавандаи ҷаҳони бузурги табиат аст. Мунтахаби ашъори адиби рус соли 1989 бо унвони “Весенние воды” дар нашриёти “Детская литература” нашр шудааст.

Фарзона ҳамчун тарҷумони моҳир дар интихоби услуб, калимаву иборот, санъатҳои бадеӣ ва дигар воситаҳои забонӣ эҳтиёткор буда, кӯшидааст, ки аз асли шеър дур нарафта

мақсаду маром, маъниҳои баланди онро нигоҳ дорад. Ба қавли адабиётшинос Абдурашид Самадов “Фарзонабону кӯшидаанд, ки тарҷумаи эшон ба ҳар хонандаи тоҷик фаҳмою наздик бошад ва чун моли адабиёти худ онро хонад. Чунин амонатдорӣ ба Фарзона аз устод Лоиқ мерос мондааст. Устод Лоиқ низ дар тарҷумаи ашъори Есенин то ҳадде содиқият нишон дода, ки аслро бидуни тарҷума будани он хонанда хонад, моли шоири тоҷик медонад” [9, с.74].

Мисоли боризи он дар шеъри Фёдор Тютчев “Обҳои баҳорӣ” (“Весенние воды”), ки аз тарафи Фарзона тарҷума шудааст, ба силки таҳқиқи бадеӣ кашида шудааст:

Асли шеър:

Еще в полях белеет снег,
А воды уж весной шумят
Бегут и будят сонный брег,
Бегут, и блещут, и гласят…
Они гласят во все концы:
«Весна идет, весна идет!
Мы молодой весны гонцы,
Она нас выслала вперед!
Весна идет, весна идет!
И тихих, тёплых, майских дней
Румяный, светлый хоровод
Толпится весело за ней!...” [12, с.21].

Тарҷумаи Фарзона:

Гарчи ҳанӯз хилъати саҳрост нуқрагун,
Бар обҳо бубин, ки шикастанд хоби дай.
Дар соҳилони хуфта давиданд нағмахон
Ин қосидони поки баҳори ҳуҷастапай.

Дар ҳар карона ҳамчу мунодии хушхабар
Ово заданд: тозабаҳорон расиданист.
Оре, ба гӯши одаму олам муборак аст,
Ин муждаи азиз, ки хеле шуниданист.

Инак, баҳор мерасад аз раҳ, баҳори сабз,
Урдибиҳишт ояду рӯзони пурнишот.
Рақсобарақс қофилаи тоза мерасад,
Бо парниёни ишқу фараҳ бар куҳанработ [13, с.244].

Федор Тютчев мухлиси вафодори табиати рус буд. Қисми асосии эҷодиёти ӯ ба манзараҳои зодгоҳаш бахшида шудааст. Шеъри «Обҳои баҳорӣ»-ро Тютчев ҳанӯз дар айёми ҷавониаш соли 1830 навишта шуда буд ва он дарҳол шуҳрат пайдо карда, номи шоири тасвирпардозро машҳур намуд. Федор Тютчев сохтори шеъри себандаро, ки ба эҷодиёти ӯ хос аст, истифода мебарад. Дар банди аввал аломатҳои аввалини баҳори наздикшуда тасвир шудааст. Зимистон ҳанӯз нарафта бошад ҳам («белеет снег»), аммо дар табиат, аллакай, дигаргуниҳо зиёд аст. Онҳо бо обшавии устувори барф алоқаманд буда, дар пайдоиши аввалин ҷӯйчаҳо ифода ёфтаанд, ки бо садоҳои тамоман нави зафарбахш («шумят», «гласят») корбаст шудаанд. Ҳунари баланди тасвирпардозии шоири рус низ дар он аст, ки «Обҳои баҳорӣ» -и табиатро аз хоби тулонӣ берун оварда, рамзи эҳёи табиат ва қуввати нав буданро таъкид менамояд.

Дар банди дуюм бошад садои ҷӯйборон ба як даъвати фараҳбахш муттаҳид мешаванд: “Весна идет!” (“Баҳор меояд!”). Онҳо ҳамчун муждадиҳандагони асосии баҳор амал мекунанд, ки барои огоҳ кардани табиат дар бораи тағйирёбии муъҷизавӣ пешбинӣ шудаанд. Рафти баҳоронро бо пайдо шудани маликаи сеҳрноке монанд кардан мумкин аст, ки фиристодагонаш хабари омадани ӯро дар ҳама ҷо паҳн мекунанд.

Дар банди сеюм боз як гурӯҳи сеҳрноки образҳо пайдо мешаванд, ки ҳамсафари баҳор ҳастанд ва ба дастгирӣ ва мустаҳкам намудани қудрати вай даъват шудаанд. «Хоровод... майские дни» аз паси маликаи сеҳрнок меравад. Аввали баҳор ҳанӯз бо боқимондаҳои қувваи зимистон маҳдуд аст: барф, шабнам, шамолҳои хунук. Фақат дар

моҳи май зимистон ниҳоят аз ҳуқуқи худ даст мекашад ва табиат бо тамоми шукӯҳи худ гул мекунад. Адиби рус тамоми хусусиятҳои зимистон ва баҳори зодгоҳашро бо ҷаззобияти хос эҳсос намуда, рӯйи қоғаз овардааст.

Дар тарҷумаи Фарзона низ шеъри «Обҳои баҳорӣ» дар руҳ эҳсосоти баланди шодиву равшанӣ эҷод мекунад. Табиати саҳро ба худ “хилъати нуқрагун” ба бар карда, аз омадани “баҳори ҳуҷастапай” обҳои хуфтаро хабардор мекунад. “Обҳои баҳорӣ” муждадиҳандаи арӯси сол буда, одаму оламро муборакбод мекунанд. Омадани баҳор рамзи бедорӣ ва гул-гулшукуфии на танҳо табиат, балки неруи зиндаи инсонро низ ифода менамояд. Онҳо бо илҳоми тозаи эҷодӣ ва умед ба ояндаи дурахшон алоқаманданд.

Истифодаи калимаву ибораҳои “хилъати саҳро”, “хоби дай”, “соҳилони хуфта”, “баҳори ҳуҷастапай”, “рӯзони пурнишот”, “парниёни ишқу фараҳ”, “нуқрагун”, “урдибиҳишт”, “рақсобарақс” [13, с.244] ниятҳои гӯянда ва тарҷумонро ба ҳам пайванд кардааст. Бо истифодаи санъатҳои бадеии ташбеҳ, тавсиф ва истиора тарҷумаи шеър ба забони тоҷикӣ боз ҳам ҷолибу таъсирбахш баромадааст. Бедории табиатро ба “шикастани хоби дай”, обҳои баҳориро ба “қосидони поки баҳори ҳуҷастапай”, моҳи майро ба “урдубиҳишт”, рӯзҳои шодро ба “парниёни ишқу фараҳ” [13, с.244] монанду тавсиф намудааст.

Адабиётшинос ва тарҷумон Абдурашид Самадов дар асараш “Мактаби тарҷума” оид ба истеъдоди тарҷумонии Фарзона чунин навиштааст: “Кас гумон мекунад, ки баъзе шеърҳои маҷмӯаи “Найсон” бо усули таҳтуллафзӣ баргардон шудаанд, вале вақте тарҷумаҳоро бодиққат мутолиа мекунед, мебинед, ки тарҷума мукаммалу оҳангнок ва бо дарки руҳу қудрати нусхаи аслӣ иҷро шудааст. Пайдост, ки Фарзонабону вожа ба вожа амонатдории худро ҳис мекунад” [10, с.68]. Дуруст аст, ҳангоми мутолиа намудани тарҷумаҳои Фарзона, асари тарҷумавӣ будани онро эҳсос намекунем, чунки дар сатҳи баланди касбӣ тарҷума шуда, ба дили хонанда фараҳмандӣ меорад. Ба ин монанд шеъри дигари адиби рус Федор Тютчев “Яркий снег сиял в долине” (“Водии хуфта барфдомон аст”) мебошад, ки соли 1836 эҷод шуда, асли он чунин аст:

Аз Федор Тютчев:
Яркий снег сиял в долине,-
Снег растаял и ушел;
Вешний злак блестит в долине,-
Злак увянет и уйдет.

Но который век белеет
Там, на высях снеговых?
А заря и ныне сеет
Розы свежие на них! [12, с.41].

Тарҷумаи Фарзона:
Водии хуфта барфдомон аст,
Барф ҳам дергаҳ намепояд.
Хӯшаи сабзгуна мерахшад,
Боз ҳам бар завол меояд.

Баъди мо низ барф меборад
Дар сари қуллаи амомасафед.
Боз дар пои кӯҳ мекорад,
Гули садбарги сурхро хуршед [13, с.246].

Аз сарчашмаҳо маълум аст, ки адиби рус 22 сол дар Аврупо зиндагӣ кардааст. Лекин ӯ ҳамеша бо анъанаву суннатҳои миллати рус тавъам буда, аслашро аз хотир намебароварад. Мавзуи асосии шеърҳои ӯ табиат ва ҳодисаҳои табиӣ мебошад. Федор Тютчев бо як руҳияи баланди эҷодӣ дигаргун гаштани манзараҳои кӯҳу водиҳои зодгоҳашро бо таркибу ибораҳои “яркий снег”, “вешний злак”, “высях снеговых”, “свежие розы” [11, с.46] тасвир намудааст. Шоир барои ифодаи фикр вожаву таъбироти душворро истифода намебарад, баръакс ӯ чунон тавсифҳоеро мепазирад, ки фаҳмову оддианд ва ба қалби ҳар хонанда наздиканд. Табиат дар назари шоир доимо дар ҳаракат аст, дигаргуншавии ҳодисаҳои табиат, фаслҳои сол, ҷойи шабро гирифтани рӯз ва ғайра.

Фарзона дар навбати худ ҳолати руҳӣ, шавқу завқи шоирро ба назар гирифта, эҳтиёткорона бо истифодаи калимаву таркибҳои “водии хуфта”, “хӯшаи сабзгуна”, “қуллаи амомасафед”, “гули садбарги сурх” [13, с.246] моҳияти аслии шеърро ифода намудааст. Таҳлил нишон дод, ки Фарзона тарҷумаи таҳтуллафзӣ накарда, ба ҷойи баъзе калимаву ибораҳо таркибҳои тозаэҷоди хешро истифода намудааст. Ба монанди “сиял в долине”-“водии хуфта барфдомон”, “но который век белеет”-“баъди мо низ барф меборад”, “на высях снеговых”-“сари қуллаи амомасафед” ва ғайра.

Ба тарҷумаи байти охир нигоҳ мекунем:

Аз Федор Тютчев:
А заря и ныне сеет
Розы свежие на них!... [12, с.41].

Дар тарҷумаи Фарзона:

Боз дар пои кӯҳ мекорад,
Гули садбарги сурхро хуршед [13, с.246].

Дар мисраи охирин калимаи “сурх” илова карда шудааст. Агар дар асл шоири рус “садбарги тозаву тар”-ро дар назар дошта бошад, Фарзона онро обуранги тоза бахшида, “садбарги сурх” овардааст. Калимаи ”заря” бо калимаи “хуршед” ҳаммаъно шуда, ба тарҷума як ҷило, тобиш ва таровати тозае зам намудааст. Зимни тарҷума Фарзона мазмуну моҳияти шеърро дарк намуда, манзараҳои дилфиреби табиат, ҳассосияту ҷозибаи руҳии адиби русро тараннум кардааст.

Ашъори пурмазмун ва пурмуҳтавои адиби рус диққати шоирони тоҷикро ба худ ҷалб намудааст. Ба ин мазмун шоири тоҷик Доро Наҷот низ дар маҷмуаи ашъораш “Гулчӯшаҳо”, ки соли 2016 нашр шудааст, аз тасвирҳои манзараҳои Тютчев илҳом гирифта, 18 шеърҳои чормисрагии ӯро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст.

Аз Федор Тютчев:

Не то, что мните вы, природа:
Не слепок, не бездушный лик –
В ней есть душа, в ней ест свобода,
В ней есть любовь, в ней есть язык… [12, с.42].

Тарҷумаи Доро Наҷот:

Табиатро махон беёду беҳуш,
Табиатро магӯ, ки бениёз аст,
Басо ҷону басо озодӣ дорад,
Дар ӯ бас ишқу бас изҳори роз аст [3, с.507].

Шоир Доро Наҷот шеъри адиби русро бо сабку услуби ба худ хос тарҷума намудааст. Тарҷума сатр ба сатр набуда, бо иловаи калимаву ибораҳо, ба монанди “беёду беҳуш”, “бениёз”, изҳори роз” [3, с.507] оварда шудааст. Маълум мешавад, ки шоир аз рӯйи раводиди худ табиатро тасвир намудааст. Дар коргоҳи мутарҷим хусусияти табиат “В ней есть любовь, в ней есть язык” дар сифати шоиронаи тоҷикӣ “Дар ӯ бас ишқу бас изҳори роз аст” бадал шуда, ифодаи “в ней есть язык”, “бас изҳори роз аст” тарҷума шудааст. Мутарҷим кӯшидааст, ки ба абёти тарҷума ҷузъиёти тоҷикӣ ворид намояд. Аз муқоисаи ин ашъори Тютчев вижагиҳои баргардонии Фарзона ва Доро Наҷот маълум мегардад. Агар тарҷумаҳои Фарзона ба асл наздик бошанд, дар тарҷумаҳои Доро Наҷот ин наздикӣ он қадар дида намешавад.

Эҷодиёти Федор Тютчев на он қадар зиёд аст. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо шоир беихтиёр дар зери таъсири табъу кайфият ё идеяҳое, ки ӯро ногаҳон пахш мекард, беихтиёр эҷод кардааст. Дар ин хусус И.С. Тургенев дуруст қайд кардааст, ки ашъори Федор Тютчев бо ҳаёти ӯ комилан ягона аст. Ҳар як ҳодисаву воқеоти ҳаёташ дар шеърҳояш инъикос ёфтаанд. Бинобар ин, мавзуъҳои абёташ ҳолати руҳӣ ва шахсии ӯро ифода намуда, гуфтугӯи файласуфонаи ботинӣ ва арзиши образҳои бадеӣ мебошанд. Шоир тараннумгари танҳо табиат набуда, осори ишқ ва эҳсосоти руҳии инсонро низ дар офаридаҳояш таҷассум намудааст. Шеъри “В разлуке есть высокое значенье” (Ҳар қадар ҳам дӯст дорӣ беҳисоб) ба мавзӯи ишқ ва ҷудоӣ, моҳи августи соли 1851 навишта шудааст, ки ба асли он таваҷҷуҳ менамоем.

Аз Федор Тютчев:

В разлуке есть высокое значенье:

Как ни люби, хоть день один, хоть век,
Любовь есть сон, а сон - одно мгновенье,
И рано ль, поздно ль пробужденье,
А должен наконец проснуться человек…[12, с.66].

Тарҷумаи Фарзона:

Ҳар қадар ҳам дӯст дорӣ беҳисоб,
Аз ғами ҳичрон чунин маънӣ биёб.
Ишқ як аср аст ё як рӯзу бас,
Ишқ як хоб аст, хоби як нафас.
Дер ё зуд аз ҳамин хоби мунир
Сӯи бедорӣ биёӣ ногузир [13, с.245].

Қаҳрамони лирикии шеъри мазкур худи шоир аст. Шоир онро ба завҷааш Эрнестина Фёдоровна бахшидааст. Дар ин вақт, муносибати байни ҳамсарон сард буд ва барои дилгарм кардани Эрнестина Тютчев ин шеърашро ба шаҳри Овстуг фиристодааст. Дар маркази шеър мафҳумҳои «ишқ» ва «ҷудоӣ» гузошта шудаанд. Аллакай, дар сатрҳои аввал ӯ изҳор мекунад, ки дар ҷудоӣ "арзиши баланд" вуҷуд дорад. Ӯ боварӣ дорад, ки ҳатто муҳаббати бузургтарин рӯзе ба охир мерасад. Ин андешаи шахси баркамолест, ки на як бору ду бор, ҳам ишқ ва ҳам ҷудоиро аз сар гузаронидааст. Шоир ишқро “орзу” меномад. Чунин монандкунӣ беихтиёр моро ба ибораи машҳури Педро Калдерон “зиндагӣ орзу аст” водор месозад. Ишқ мисли хоб то абад давом карда наметавонад, “одам бояд бедор шавад” (“Должен наконец проснуться человек»). Шеър бо ҳамин суханон ба охир мерасад. Пӯшида нест, ки суханони дар оғоз ва охири суҳбат гуфташуда бештар дар хотир мемонанд. Тютчев ба гуфтаҳои муҳаббат абадӣ нест, диққати махсус медиҳад.

Шоир на танҳо андешамандии қаҳрамони лирикиро нишон медиҳад, балки хонандаро ба мулоҳиза дар бораи суханони гуфташуда водор мекунад. Муаллиф хонандаро тадриҷан ба чунин ақида меорад, ки ишқ ҷуз орзу беш нест. Сохтори шеър панҷмисрагӣ буда, тамоми эҳсосоти адибро ифода кардааст. Дар ин ҷо ба назар чунин менамояд, ки дар тарҷумаи Фарзона тавсифҳои баландтару ҷолибтаре сурат гирифтаанд, нисбат ба асли шеър. Масалан, ифодаҳои “дӯст дорӣ беҳисоб” ба ҷойи “как ни люби”, “хоби як нафас” ба ҷойи “сон одно мгновенье”, “ишқ як хоб аст” ба ҷойи “любовь есть сон” истифода шудааст. Ба қавли худи Фарзона “барои он ки вуҷуди ишқ аз қайдҳои замону макон, мазҳабу кеш озод аст, ишқ зангиву фарангиву хуросонӣ нест, моли ҷопонӣ нест... Ишқ зеботарин хулосаи тамоми маърифатҳост, ишқ таркиби Худост”. Бинобар ин, ба тарҷумаи шеърҳои ишқӣ Фарзона тобишу ҷилои тоҷикона мебахшад. Шоираи тоҷик байти охиринро хеле хушоҳангу пурҷило тарҷума намудааст:

Аз Федор Тютчев:

И рано ль, поздно ль пробужденье,
А должен наконец проснуться человек… [12, с.66].

Дар тарҷумаи тоҷикӣ:

Дер ё зуд аз ҳамин хоби мунир
Сӯи бедорӣ биёӣ ногузир [13, с.245].

Ифодаи “должен наконец проснуться”-ро бо ифодаи “сӯи бедорӣ биёӣ ногузир” тарҷума намудааст, ки ин боиси пуробуранг ва таъсирбахш баромадани он гардидааст. Дар тарҷума мушоҳидаи нозуки зиндагӣ, хоҳиш ва ормонҳои шоири рус саҳеҳ нигаҳдорӣ шуда, равобити фалсафии ду адиб мустаҳкам шудаанд.

Таваҷҷуҳи Фарзонаро он шеърҳои адиби рус Федор Тютчев ҷалб намуданд, ки ҷанбаи воқеӣ, эҳсосӣ ва оҳангҳои ошиқонаи бештаре доштанд. Федор Тютчев миёни хонандагони рус ҳамчун шоири шӯридадил, ошиқи шайдо, баёнгари эҳсосҳои нозук шуҳрат ёфта буд. Маҳз тавассути тарҷумаи ашъори адибони рус хонандаи тоҷик аз адабиёти гаронбаҳои он огаҳӣ пайдо мекунад ва дар баробари он аз маҳорати баланди тарҷумонии мутарҷим лаззати адабӣ мегирад.

Таъсири адабиёти рус ба ашъори Фарзона хеле воло буда, он дар ашъори тарҷумавии ӯ таҷассум ёфтааст, ки намунаи олии онро дар мақолаи фавқуззикр ба силки таҳқиқ кашидем.

Муқарриз: ***Улмасова З.*** – доктори илмҳои филология,
профессор, ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Давронов, А. Адабиёт ва воқеият: Маҷмӯи мақолаҳо / А. Давронов. - Душанбе: Ирфон, 2003. – 258 с.
2. Давронов, А. Адабиёт ва замон:Масъалаҳои равобити адабӣ ва тарҷумаи бадеӣ / А. Давронов. - Душанбе: Ирфон, 1996. – 54 с.
3. Доро, Н. Гулҷӯшаҳо / Маҷмӯаи шеърҳо / Н.Доро. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 558 с.
4. Ғаффоров, У. Дурдона ва дарё / У.Ғаффоров. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 164 с.
5. Лирика Тютчева [манбаи электронӣ].http;//rushist.com (санаи мурочиат 18.12.2021)
6. Мавод аз Википедия-донишномаи озод [манбаи электронӣ] https;//tg.wikipedia.org (санаи мурочиат 10.12.2021)
7. Мирзоева С. [манбаи электронӣ].f.vestnik-tnu.com (санаи мурочиат 18.02.2022)
8. Сайфуллоев, А. Фурӯғи маънавият / А. Сайфуллоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р.Ҷалил, 2003. - 616 с.
9. Самадов, А. Шигардҳои тарҷума / А.Самадов. - Душанбе: Графика Принт, 2019. – 160 с.
10. Самадов, А. Мактаби тарҷума / А.Самадов. – Душанбе: Графика Принт, 2020. – 175 с.
11. Султанова Э. “Себарга”-“Трилестник” сердца поэта Фарзоны / [манбаи электронӣ]. www.hum.vestnik.tj (санаи мурочиат 18.12.2021)
12. Тютчев, Ф. Весенние воды. Лирика / Ф. Тютчев. - Москва: Детская литература, 1989. - 127 с.
13. Фарзона, Найсон. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 320 с.
14. Фарзона, Себарга. – Хуҷанд: Ношир, 2011. – 436 с.
15. Фарзона, Двадцать лепестков [тарҷумаи Т.Смертина]. – Москва: Советский писатель, 1990. – 173с.

АШЪОРИ Ф.ТЮТЧЕВ ДАР ТАРҶУМАИ ФАРЗОНА

Дар мақола фаъолияти тарҷумонии шоираи барҷастаи адабиёти тоҷик Фарзона мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Истеъдоди нотакрори Фарзона бозгӯкунандаи маҳорати баланди тарҷумонии ӯ буда, ба фазои адабиёти тоҷик ворид шудани ашъори адибони бурунмарзиро далолат мекунад. Диққати шоираро эҷодиёти адибони рус аз он ҷумла Федор Тютчев ба худ ҷалб намудааст, ки намунаи боризи он дар мақола бозгӯ шудааст. Аз тарҷумаҳои Фарзона маълум мегардад, ки ӯ пеш аз он ки ба тарҷумаи ашъори адибон шуруъ намояд, онро бодиққат меомӯзад, ҳар як калимаи асл, идеяҳои аслиро дарк мекунад ва баъдан бо корбасти калимаҳои баландмазмун ба силки таҳқиқи бадеӣ мекашад. Дар асоси таҳқиқи муқоисавии тарҷумаи шеърҳои Федор Тютчев ба забони тоҷикӣ аз ҷониби мутарҷимони гуногун, аз ҷумла Доро Наҷот ва Фарзонаи Хуҷандӣ бартарии тарҷумаи Фарзона собит карда шудааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки тарҷума дар ашъори Фарзона ҷойи махсусро ишғол намуда, байни шеъри форсу тоҷик ва адабиёти ҷаҳон пайванде ба вуҷуд овард. Фарзона ба воситаи тарҷумаи бадеӣ баъзе хусусиятҳои кори тарҷумониро такмил бахшидааст, ки боиси дастгирист.

Калидвожаҳо: адабиёти муосири тоҷик, назми даврони истиқлол, Фарзона “Найсон”, Доро Наҷот “Гулҷӯшаҳо”, тарҷумаи бадеӣ, эҷодиёти Федор Тютчев “Обҳои баҳорӣ”, шеъри аслӣ ва тарҷума.

СТИХИ Ф.ТЮТЧЕВА В ПЕРЕВОДЕ ФАРЗОНЫ

В статье анализируется переводческая деятельность выдающегося поэта таджикской литературы Фарзоны. Уникальный талант Фарзоны отражает ее высокое переводческое мастерство и свидетельствует о вхождении стихов зарубежных писателей в пространство таджикской литературы. Внимание поэта привлекает творчество русских писателей, в том числе Федора Тютчева, описанное в статье. Из переводов Фарзоны видно, что прежде чем приступить к переводу стихов поэтов, она внимательно их изучала, вникала в каждое исходное слово, исходную мысль, а затем, опираясь на художественный поиск, использовала многозначные слова. На основе сравнительного изучения переводов стихов Федора Тютчева на таджикский язык различными переводчиками, в том числе Доро Наджот и Фарзоны Худжанди, доказано преимущество переводов Фарзоны. Автор приходит к выводу, что перевод занимает особое место в поэзии Фарзоны и создает связь между персидско - таджикской поэзией и мировой литературой. Фарзона улучшила некоторые черты своей переводческой работы за счет художественного перевода.

Ключевые слова: современная таджикская литература, поэзия периода независимости, Фарзона «Найсон», Доро Наджот «Гулджушахо», художественный перевод, творчество Федора Тютчева «Весенние воды», оригинал стихов и перевод.

POEMS BY F. TYUTCHEV IN FARZONA'S TRANSIATION

The article analyzes the translation activities of the outstanding poet of Tajik literature Farzona. Farzona's unique talent reflects her high translation skills and testifies to the entry of poems of foreign writers into the space of Tajik literature. The poet's attention is drawn to the works of Russian writers, including Fyodor Tyutchev, a vivid example of which is described in the article. From Farzona's translations, it is clear that before she begins to translate the poems of the writers, she carefully studies them, understands each original word, the original ideas, and then draws on the artistic research using high-meaning words. Based on a comparative study of the translation of Fedor Tyutchev's poems into Tajik by various translators, including Doro Najot and Farzonai Khujandi, the advantage of Farzona's translation has been proven. The author concludes that translation has a special place in Farzona's poetry and has created a link between Persian and Tajik poetry and world literature. Farzona has improved some features of her translation work through literary translation, which has led to support.

Key words: Modern Tajik literature, poetry of the period of independence, Farzona, "Nyson", Doro Najot, "Guljushaho", belles letters translation, creativity of Fyodor Tyutchev "Spring waters", original poem and translation

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимова Наргис Қаҳоровна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи адабиёти муосири тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар.Мавлонбеков 1. E-mail: **nargis.1984@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 92 778-98-55**

Сведение об авторе: ***Рахимова Наргис Кахаровна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, соискатель кафедры современной таджиксой литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, про.Мавлонбекова 1. E-mail: **nargis.1984@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 92 778-98-55**

Information about the author: ***Rakhimova Nargis Kaharovna*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, applicant for the department of modern Tajik literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1. E-mail: **nargis.1984@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 92 778-98-55**

УДК: 820: 891.550

САҲМИ МУҲАҚҚИҚОНИ АНГЛИС ДАР ОМӮЗИШИ ҲАЁТ ВА ОСОРИ АЙНӢ

Давлатов Ҷ.Ё.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академия миллии илмҳои Тоҷикистон

Бояд гуфт, ки адабиёти ҷаҳон дар ҳамаи даврaҳо ва зинаҳои таърихии худ новобаста аз ҳаводису воқеаҳои мухталиф бо ҳамдигар равобити қавӣ дошта, навовариҳо ва самтҳои зиёди тозаро ба даст даровардааст. Пас, меҳвари асосии он маҳз равобити адабиёти миллӣ ва бадеии Шарқу Ғарб мебошад. Дар баробари равобити адабӣ ҳарчанд пешравиҳои зиёди адабӣ-бадеӣ ба даст меомаданд, ягон халқу миллати соҳибфарҳанг ва соҳибтамаддун арзишҳои миллии худро аз даст надодаанд.

Робитаҳои гуногунҷабҳаи форсии тоҷикӣ ва англисӣ таърихи куҳан дорад ва онҳо қариб ба нуҳсад сол мерасанд. Дар ин бора олим ва муҳаққиқи бузурги англис Вилям Ҷонс (William Jones (1746-1794) чунин андешаронӣ намудааст: «Шурӯъ аз асрҳои XII-XIII тоҷирон ва сайёҳони англис ба омӯхтани сарзамини Форс, тарзи ҳаёт, маданият ва фарҳанг машғул буданд» [12, с.31].

Дар ин замина таҳқиқи фарҳанги мухталиф дар доираи масъалаҳои байнифарҳангии халқу миллат, пеш аз ҳама, фарҳангу маданият ва адабиёти худро ҷустуҷӯ менамояд. Вобаста ба ин, адабиёти форсии тоҷикӣ ва англис аз даврaҳои қадим равобити адабӣ-бадеии хуб дошта, ҳатто аз ҳамдигар таъсир мебардоштанд.

Бояд гуфт, ки Садриддин Айнӣ аз зумраи адибони тоҷик мебошад, ки робитаи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва англисро нигоҳ доштааст, зеро шоҳкориҳои ин нависандаи бузург ба забони англисӣ борҳо тарҷума ва нашр гардид. Маҳз тарҷумаҳо нахуст дар асоси асарҳои аслии худи нависанда ва баъдан зимни таҳқиқоти илмии олимон ва муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба ин масъала донишмандон И.С. Брагинский, Ю.И. Бобоев, Х. Отахонова, Х. Асозода, Ш. Раҳмонов, А. Кӯчарзода, М.С. Имомов, А. Маҳмадаминов ва дигарон хизматҳои шоён кардаанд.

Бузургии шахсияти Садриддин Айнӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқон бисёр ба назар мерасад. Вобаста ба ин, шарқшинос ва донишманди рус И.С. Брагинский дар асараш зери унвони «Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ» чунин ибрози андеша намудааст: «Манбаи асосии марҳилаи аввали эҷодиёти С. Айнӣ назми классикии тоҷик мебошад. Ҳангоми шарҳу тавсифи манбаъҳои илҳоми С. Айнӣ марҳилаи аввали эҷодиёти ӯ дар назар дошта мешавад. Маҳз дар ибтидои фаъолияти адабии С. Айнӣ қувваи анъанакориҳо ба намунаҳои қадимӣ бештар пай бурда мешавад. Маҳз ҳамин манбаи адабӣ дар ибтидо аз манбаъҳои дигар бартарӣ дошт ва дар хосияту моҳияти нахустин асарҳои С. Айнӣ зуҳур карда буд» [6, с.12].

Маҳз Садриддин Айнӣ пас аз шоирони классики форсии тоҷикӣ, бахусус пас аз Абдурраҳмони Ҷомӣ адабиёти тоҷикиро на танҳо нигоҳ доштааст, балки ба ҷаҳониён муаррифӣ намудааст.

Ҳамчунин муҳаққиқи тоҷик Ю.И. Бобоев дар асари худ зери унвони «Садриддин Айнӣ» чунин навиштааст: «Садриддин Айнӣ яке аз симоҳои барҷастаи маданияти пешқадами ҷаҳон мебошад. Ӯ ҳамчун асосгузори адабиёти тоҷик сазоворона ба саромадони адабиёти сермиллати шӯравӣ ва ҷаҳон дар як саф мавқеъ ишғол кардааст» [5, с.3].

Воқеан, устод Айнӣ нахустин адиб ва нависандаи адабиёти муосире мебошад, ки дар ҳар анҷуман (съезд), ҳамоиш ва конфронсҳои шӯравӣ ва ҷаҳонӣ адабиёти тоҷикро муаррифӣ намудаанд.

Албатта, гуфтаҳои боло ба он равона шудаанд, ки муҳаққиқ устод Айниро дар сафи на танҳо адибони сермиллати собиқ шӯравӣ, балки ҷаҳон лоиқ донистааст. Устод Айнӣ бештар бо тарҷумаҳои англисии «Ёддоштҳо»-и худ дар ҷаҳони Ғарб нуфуз пайдо кардааст. Дар ин бора адабиётшиноси варзидаи тоҷик М. Имомов дар монографияи илмиаш зери унвони «Тафаккури бадеӣ ва поэтикаи насри Садриддин Айнӣ» чунин андешаронӣ кардааст: «Ёддоштҳо» бузургтарин асари С. Айнӣ аз ҷиҳати ҳаҷму сохт ва

бардошти маънӣ маҳсуб мешавад. Ҳаҷми бузург, иштироки персонажҳои зиёд, маҷмуи воқеаҳо, ҳикояҳои ҷудогона сохти асарро мураккаб гардонидааст» [7, с.14].

Ҳамчунин «Ёддоштҳо» асари нодиртаринест, ки ба ғайр аз маълумоти шарҳиҳолӣ, муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабии шоир (охири асри XIX ва аввали асри XX) ва тасвири манзараҳову воқеаҳои гуногуни таърихӣ, дорои маълумоти энсиклопедӣ мебошад. Дар ин бора донишманди маъруфи тоҷик М. Шукуров чунин ибрози ақида намудааст: «Ҳоло «Ёддоштҳо»-ро энсиклопедияи ҳаёти халқи тоҷик дар охирҳои асри XIX меноманд ва дар ҳақиқат чунин аст» [13, с.55].

Дарвоқеъ, ин асари шарҳиҳолӣ вазъу воқеаи пас аз классикиро дар саҳифаҳои таърих возеҳу дуруст сабт менамояд. Ҳар нуктае, ки устод Айнӣ ба риштаи сухан кашидааст, воқеаҳои воқеии онвақтаро дар бар мегиранд. С. Айнӣ кӯшиш менамояд, ки таърихи халқи тоҷик зимни ин асари баландмазмун навишта ва ҷовидона нигоҳ дошта шавад.

Гуфта метавонем, ки бо доштани маъно ва арзиши волои асари Садриддин Айнӣ «Ёддоштҳо» таваҷҷуҳи мутарҷимон ва муҳаққиқон бештар гардид.

Тарҷумаҳои англисӣ пас аз тарҷумаҳои русӣ дар ҷойи дувум меистанд, зеро маҳз тавассути ин тарҷумаҳо Садриддин Айнӣ дар мамолики гуногуни Шарқу Ғарб шинохта шуд. Ҳатто дар заминаи мазкур дар анҷуман, конфронс ва даҳаҳои гуногуни адабиёти тоҷик роҷеъ ба осори Садриддин Айнӣ ба забони англисӣ нуктаҳои дақиқ ироа гардиданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мавзуву муҳтавои мақолаи мазкур аз он иборат аст, ки омӯзиши равобити адабӣ-бадеӣ на танҳо барои таърихи адабиёти миллӣ, балки барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои фарҳангӣ, адабӣ ва бадеии муосири Тоҷикистон ва Англия аҳамияти махсус дорад. Адабиёти форсии тоҷикӣ ҷиҳати доштани арзишҳои баланди миллӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва адабии худ, қисми муҳимтарини на танҳо сарзамини Шарқ, балки Ғарб ба ҳисоб меравад. Нуктаи мазкур барои ташаккули минбаъдаи адабиёти форсии тоҷикӣ ва англис хизмат мекунад. Маълум аст, ки таъсирпазирии як адабиёт ба адабиёти дигар, пеш аз ҳама, тавассути тарҷума ба вуқӯъ пайваста, фарҳангу маданияти халқу миллатҳоро ба ҳамдигар наздик месозад.

Омӯзиш ва тарҷумаи осори ниёгонамон, бавижа осори адибони муосир дар Англия таҳқиқоти ҷиддӣ ва илмиро ба миён овард, зеро мубрамияти мавзуи онҳо ҷолиби диққати ҳамагон гардидааст. Яке аз чунин симоҳои адабии ҷаҳон устод Садриддин Айнӣ буда, дар ҳар гуна мавзуъҳои илмӣ, бадеӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ фикру ақидаҳои волоро офаридааст.

Тарҷумаи осори шоирони тоҷикӣ ба забони англисӣ аз умқи асрҳо ба вуҷуд омада, то ҳол идома меёбад. Бояд қайд кард, ки аз асри XIX шурӯъ шуда, дар адабиёт ва доираҳои адабии Англия таваҷҷуҳ ба осори Садриддин Айнӣ (1878-1954), бавижа ба «Ёддоштҳо» («The Sands of Oxus» by Sadriddin Ayni) зиёд буд. То замони мо «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ чандин маротиба ба таври кӯтоҳ ва мукаммал ба забони англисӣ тарҷума ва нашр шудааст.

Дар Аврупо, маҳз дар Англия муҳаққиқон ва олимон чун Ҷон Р. Перри ва Речел Леҳр ва дигарон ба омӯзиш ва тарҷумаи осори устод Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳи хосса доштанд.

Роҷеъ ба шоирони классикии форсии тоҷикӣ дар Англия корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом ёфтаанд, ки маҳз тавассути чунин таҳқиқоти ҷиддӣ ниёгонамон шуҳрати ҷаҳониро касб намуданд. Аммо то ҳол тарҷума ва омӯзиши англисии осори Садриддин Айнӣ, ки мактаб ва марказҳои зиёди «айнишиносӣ» бунёд намудааст, аз тарафи ягон муҳаққиқи дохиливу хориҷӣ анҷом наёфтааст. Таҳқиқи омӯзиш ва тарҷумаи осори Садриддин Айнӣ, бахусус «Ёддоштҳо» равобити адабии форсии тоҷикӣ ва англис ва таъсирбахшии адабиёти форсии тоҷикӣ ба адабиёти англис нишон медиҳад, ки он аҳамият ва муҳиммияти рисолаи мазкурро ташкил медиҳад.

Тарҷумаи англисӣ аз ҷониби Ҷон Р. Перри (John R. Perry) ва Речел Леҳр (Rachel Lehr) хеле хуб анҷом ёфтааст. Мутарҷимон кӯшиш мекунанд, ки матни аслиро ба аҳли илм ва адаби англисзабонон пурра баён намоянд. Масалан, тарҷумонҳои англис Ҷон Р. Перри ва Речел Леҳр дар муқаддимаи китоб бузургии устод Садриддин Айниро чунин шарҳ медиҳанд: «Sadriddin Aini is a modern classic of Tajik literature. During most of the period in which the Soviet Union was the only viable matrix for the cultural expression of its «captive nations». S. Aini oeuvre – written in the traditional Perso-Arabic script of his homeland» [14, с.12].

Тарҷума: «Садриддин Айнӣ намояндаи классикии адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, ки бештари ҳаёти ӯ гузаштааст, яке аз заминагузорони фарҳанг ва адабиёти ғании халқи худ ба шумор мерафт. Садриддин Айнӣ арзиши маънавӣ, маданӣ ва фарҳангии нигораҳои форсӣ-арабиро дар ватани худ навиштааст».

Ё дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ чунин тарҷума шудааст: «Every morning in the mosque, after the dawn prayer, the older ***Khojas*** used to chant aloud a prayer with its own peculiar cadence called the ***avrodi fathiye*** the sick and the no-so-well from outlying villages would gather here every morning in hopes of being cured merely by hearing this prayer» [14, с.32].

Дар «Ёддоштҳо”-и аслии тоҷикӣ чунин навишта шудааст: «Хоҷагони солхӯрда ҳар пагоҳ дар масҷид баъд аз намози бомдод бо овози баланд «***авроди фатҳия***» ном дуоеро бо як овоз ва бо оҳанги махсусе мехонданд. Бо умеди ин дуоро шунида «шифо ёфтан» беморон ва нимбеморон аз деҳоти атроф ҳар пагоҳ ба ин ҷо гирд меомаданд» [1, 6].

Пас гуфта метавонем, ки ҷиҳати вуҷуд надоштани баъзе вожаҳо дар адабиёт ва фарҳанги англис мутарҷимон вожаҳои аслӣ, чун ***Khojas, avrodi fathiye*** ва ғайраҳоро дар тарҷумаҳояшон истифода намудаанд.

Бояд зикр кард, ки баъзе истилоҳоти русие, ки Садриддин Айнӣ истифода кардааст, вожаҳои байналмилалӣ маҳсуб меёбанд. Вожаҳои байналмилалӣ – вожаҳои лотинӣ (англисӣ) мебошанд. Ба мисли ***револютсия*** *(revolution)*, ***консерт*** *(concert)*, ***банкет*** *(banquet)*, ***километр*** *(kilometer or kilometre)*, ***сотсиализм*** *(socialism)*, ***феодал*** *(feudalist)*, ***компания*** *(company)* ва ғайра. Масалан: «After Qarabek's death, work on his mansion came to a halt; builders and laborers went their separate ways, and the yard and rooms were strewn with bricks, plaster, paint, and all sorts of construction materials. The ***amlokdor*** of Ghijduvon locked it up and took possession of it for the emirate. The ruins of this building remained until the time of the ***revolution*** in Bukhara, after which the people demolished it and carted off the bricks and woodwork to put to their own use, declaring that at last each had gotten his due» [14, с.187].

Дар асари шарҳиҳолии Садриддин Айнӣ чунин омадааст: «Баъд аз марги Қарабек иморати ҳавлии ӯ хобид, устову мардикорҳо ба ҳар тараф пароканда шуда рафтанд. Дар рӯйи ҳавлӣ ва даруни хонаҳо монанди хишт, гач ва ранг масолеҳи иморат ҳамчунон чош-чош монд. Амлокдори Ғиждувон он ҳавлиро қуфл карда гирифта ба ҳисоби моли подшоҳӣ гузаронид (харобаи ин иморат то рӯзҳои ***револютсияи*** Бухоро буд. Баъд аз ***револютсияи*** мазкур мардум харобаи он биноро тамоман вайрон карда чӯбу хиштҳояшро кашонда ба эҳтиёҷи худ сарф карданд ва дар байни худ мегуфтанд: "Охир ҳақ ба ҳақдор қарор гирифт») [1, с.214].

Ҳарчанд сарчашмаҳо ва тарҷумаҳо ба забони англисӣ теъдоди кам бошанд ҳам, онҳо нишондиҳандаи шуҳрати Садриддин Айниро дар Англия басо қавӣ нигоҳ доштаанд ва албатта, ҳам дар адабиётшиносии тоҷик ва ҳам дар шарқшиносии ҷаҳонӣ осори Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи ӯ ба сифати объекти асосӣ ва монографияи алоҳида анҷом дода нашудааст. Ба қадри имкон роҷеъ ба ҳаёт ва осори Садриддин Айнӣ, ба вижа «Ёддоштҳо» ва «Бухоро» дар Англия мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мавҷуд ҳастанд, ки дар марказҳо ва мактабҳои айнишиносӣ ба табъ расиданд.

Бояд ёдовар шуд, ки «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ асари ёддоштӣ буда, дар он ду давраи ҳаёти нависанда (давраи тоинқилоб ва шӯравӣ), аз давраи кӯдакӣ то охири ҳаёти ӯ таҷассум ёфта, дар бораи аҳволи мардум, расму русум, фарҳангу маънавиёт, сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёти мардуми тоҷик маълумоти пуразриш дода мешавад. Барои пурра баён намудани сухан нависандаи бузург бештар аз таҷрибаи ҳаёт ва дониши соҳаҳои мухталиф, касбу ҳунар, сиёсату иҷтимоиёт, илму фарҳанг, мусиқӣ, кишоварзӣ, дину мазҳаб истифода намудааст.

Ҳамчунин мақолаи мазкур ба масъалаҳои гуногуни «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ бахшида шуда, дар он таҳлилҳои адабӣ истифода гардиданд.

Боиси зикр аст, ки дар асри XIX, осори Садриддин Айнӣ дар Англия бисёр тарҷума шудаанд, ки тавассути он фарҳанги воло ва тамаддуни баланди Шарқро ба аврупоиён шинос намуданд. Барои собит намудани фикрҳои дар боло зикргардида чунин номгӯи тарҷумаҳо басо заруранд.

Мутарҷимони англис дар пешгуфтори китоби «The Sands of Oxus by Sadriddin Ayni» чунин ибрози ақида намудаанд: «Sadriddin Aini (1878-1954), trained amid the medieval

cloisters of a Bukhara madrasa (religious college), used his talents in the service of reform and revolution, fictionalizing his youthful memories for critical and didactic effect even before he recorded them in factual form» [14, c.2].

Тарҷума: «Садриддин Айнӣ (1878-1954), ки дар назди диндорони асримиёнагии мадрасаи Бухоро таълим гирифта буд, истеъдоди худро дар хизмати ислоҳот ва инқилоб истифода бурдааст. Дар ин росто хотираҳои ҷавонии худро ҳанӯз қабл аз ба шакли дақиқ сабт карданаш барои таъсири интиқодӣ дар сохтори нав истифода кардааст».

Боиси зикр аст, ки тарҷумонҳои англис Ҷон Р. Перри ва Речел Леҳр дар баробари тарҷума кардани «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба таҳқиқи зиндагиномаи ӯ даст задаанд ва онро дар пешгуфтори китоби мазкур ҷой додаанд. Дар ин бора чунин менависанд: «… Aini had attained the status of an exemplary hero among the Soviet nationalities, the founder of modern Tajik literature and one of the leaders of the cultural revolution in Uzbekistan and Central Asia at large» [14, c.2].

Тарҷума: «... Айнӣ дар байни миллатҳои шӯравӣ мақоми қаҳрамони асил, асосгузори адабиёти муосири тоҷик ва яке аз пешвоёни инқилоби фарҳангии Ӯзбекистон ва умуман Осиёи Миёнаро касб карда буд».

Ҷиҳати баъзе монандиҳо дар асарҳои бадеии адабиёти тоҷикӣ ва англис, мутарҷимон онҳоро волотар тарҷума намудаанд. Маҳз чунин тарҷумаҳои дуруст адабиёти тоҷикро ба халқу миллатҳои дигар зудтар ва беҳтар муаррифӣ менамояд. Масалан, баъзе занҳои ҷасур ва далерро “***зани оҳанин” (the Iron Lady), шоҳи бузург*** (***great king***) ва ё мардҳоро бо ҳунарашон ном мебурданд, ки дар адабиёти англис низ ҷойгоҳи хоссаро доранд. Устод Айнӣ чунин ба қалам додаст: “Болои Ҳавз раҳсипор шуда ба гузари ***Усто-Руҳӣ*** расидем, ки ҳавлии ***Рӯзӣ-Бадбурут*** дар ҳамин гузар будааст. Дар вақте мо ба он ҷо расидем, ки ***Махдуми Гав*** дар пеши масҷиди гузар бо мӯйсафедони он ҷо гуфтугузор дошт” [1, с.271].

Ҳамчунин одамонро ба унвони бузургон ном мебаранд. Чунончи, “***одами донишманд***”-ро ***Эйнштейн, Арасту*** ё ***Сино*** мегӯянд; ***“ошиқу маъшуқ”***-ро ***Лайливу Маҷнун*** ва ғайра.

Ё дару хона, ашёҳову лавозимоти хона ва замини гирди онро ***манзил*** мегӯянд, ки ин калима дар асарҳои адибони англис ***ownplace*** аст: “Мо ба ***манзил*** рафта хобида пагоҳонӣ боз ба сайргоҳ омадем. Дар сарҳавз он зинати дирӯзаи дӯкондорон намонда бошад ҳам, ба ҳар ҳол асарҳои сӯхторро барҳам дода, як дараҷа ба тартиб даровардаанд. Мо дар чойхонаи сарҳавз ба чойнӯшӣ нишастем, намад ва гилемҳои чойхона ҳам порча-порча шуда, шакли сояи дарахти сафедорро гирифта буданд” [1, с.271].

Касбияти тарҷумонии Ҷон Р. Перри (John R. Perry) ва Речел Леҳр (Rachel Lehr) ба он дараҷа баланд аст, ки онҳо баъзе вожаҳо ва сухани нависанда, ба мисли ***бузургвор***, ***давлатманд***, ***нуронӣ, деҳқонӣ, похсагӣ*** ва ғайраро дар шакли англисӣ хуб тарҷума намудаанд. Масалан, «Бинобар ин, ин деҳа аз ҳад зиёд қашшоқ буда, аксари хонаҳояш ***похсагӣ*** буд. Дар ин деҳа ***як-ду нафар бойи калон*** ва ду-се нафар деҳқонони ***миёнаҳол*** буда, боқимондагони аҳолӣ имрӯзро ёбанд, фардоро намеёфтанд. Касби асосии аҳолии ин ҷо деҳқонӣ бошад ҳам, зиндагонии ҳеҷ як аз оммаи аҳолӣ аз ***деҳқонӣ*** намегузашт, ҳатто аз деҳқонӣ зарар кашида, ҷойи ин зарарро бо касбҳои дигар пур мекарданд» [1, с.6]. «This village was thus extremely poor. Most of the houses were of ***mud brick***. There were ***one or two rich landlords (boi)*** and a few farmers of ***middling means***, but everybody else lived from hand to mouth. Though agriculture was the basic means of livelihood, it was not sufficient for the general run of the inhabitants, who farmed at a loss and had to make up for it by other activities» [1, с.33].

Бо вуҷуди қадимӣ будани халқҳои соҳибтамаддуну соҳибфарҳанги тоҷик ва англис адабиёти онҳо ҳам то дараҷаи воло рушдёфта аст. Рушди адабиётро, албатта, сухани бадеъ ва теъдоди вожаҳои асил ташкил медиҳанд.

Дар маҷмуъ, таҳлилҳои илмӣ-адабӣ оид ба мавзуъ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳам дар адабиётшиносии форсии тоҷикӣ ва ҳам англис таҳқиқоти ҷиддӣ дар шакли монография, ки дар он бояд масъалаҳои тарҷума ва омӯзиши осори Садриддин Айнӣ ҳаллу фасл мешуд, вуҷуд надорад. Бинобар ин, мақолаи мазкур нахустин кори илмӣ маҳсуб ёфта, дар оянда масъалаҳои зиёдро роҷеъ ба ҳаёту фаъолият ва шуҳрати Садриддин Айнӣ дар Англия таҳлилу таҳқиқ хоҳем намуд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки шахсияти бузургон ва осори гаронбаҳои онҳо маҳз тавассути тарҷумаҳо ба ҷаҳониён муаррифӣ мешаванд. Бинобар ин, Садриддин Айнӣ маҳз зимни заҳматҳои ин гуна мутарҷимон дар Ғарб, ба вижа дар Англия маъруфият пайдо намуд.

Ҳамин тавр, таҳқиқ ва таҳлили адабии «Ёддоштҳо» нишон медиҳад, ки он бо тамоми равонӣ, тасвирҳо аз асарҳои ҳамасрони ӯ фарқ мекунад. Забони асар аз баёни содаю фаҳмо ва сухани равон таркиб ёфтааст. Ин асар намунаи барҷастаи насри адабии ҳозираи тоҷик маҳсуб меёбад.

Чун суханвари ҳақиқатгӯи таърих С. Айнӣ саъю кӯшиш намудааст, ки ҳар чӣ бештар забони хосси мардуми тоҷикро истифода карда, калимаҳои оммафаҳми русӣ ва ӯзбекиро низ мавриди истеъмол қарор диҳад. Бинобар ин қайд кардан ба маврид аст, ки ҳар гуна мавзуъ дар осори С. Айнӣ нисбат ба шоирону нависандагони ҳамаср ва баъдӣ ҷаззобтар ва рангингтар нишон дода шудааст.

Дар «Ёддоштҳо» сухани тасвирӣ бо истифода аз калимаҳои содаву равон ифода ёфтаанд, ки дар рафти омӯзиш ва таҳқиқ диққати махсус дода шудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи мақолаи мазкур аз он иборат аст, ки сатҳу сифати тарҷумаи осори Садриддин Айнӣ, бахусус «Ёддоштҳо» ва омӯзиши он аз ҷониби муҳаққиқони англис омӯхта шаванд.

Муҳимтарин сарчашмаи рисолаи мазкурро таҳлилҳои амиқи ҳаёт ва осори Садриддин Айнӣ, ба хусус «Ёддоштҳо» ташкил дода, бештар ҷиҳатҳои назариявиро дар бар мегиранд. Албатта тарҷумаи ин гуна асарҳо натанҳо шахсият ва осори С. Айниро ба англисзабонон шинос менамояд, балки ҳаёти халқи тоҷикро дар даврaҳои минбаъда нишон медиҳад.

Муқарриз: ***Шозиёева Г.Н.*** – номзади илмҳои филология.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 467 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.5 / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1958. - 321 с.
3. Асозода Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли Устод Айнӣ / Х. Асозода. - Душанбе, 2004. - 90 с.
4. Бектош Н. Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ / Н. Бектош. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1933. - 123 с.
5. Бобоев Ю.И. Садриддин Айнӣ / Ю.И. Бобоев. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 36 с.
6. Брагинский И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ / И.С. Брагинский. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 194 с.
7. Имомов М.С. Тафаккури бадеӣ ва поэтикаи насри Садриддин Айнӣ / М.С. Имомов. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 411 с.
8. Мардонӣ,Т. Ақвоми Шарқ дар осори Садриддин Айнӣ / Т.Мардонӣ. - Душанбе, 2018. - 110 с.
9. Маҳмадаминов А. Садриддин Айнӣ – олим / А. Маҳмадаминов. - Душанбе: Истеъдод, 2010. - 63 с.
10. Тихонов Н. Симои фаромӯшнашаванда Тоҷикистони советӣ / Н.Тихонов, 1978. - 18 апрел. - № 91 (15.786). - С.2.
11. Шукуров М., Бақозода Ҷ. Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил Ҷашнномаи Айнӣ, Ҷузъи 3 / М.Шукуров, Ҷ.Бақозода. - Душанбе: Дониш, 1966. - С.151-158.
12. Энтони Шерли. Сэр Энтони Шерли: его отношение к его путешествию в Персию. - Лондон, 1613. - 47 с.
13. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и Устод С. Айнӣ / М. Шукуров. - Душанбе: Дониш, 1966. - 252 с.
14. John R. Perry, Rachel Lehr. The Sands of Oxus. Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini / R. Perry John, Lehr Rachel. - USA: California, 1998. -290 p.
15. Holly Smith. Sadriddin Ayni / Smith Holly. - Moscow: Raduga Publishes, 1986. -391 p.

САҲМИ МУҲАҚҚИҚОНИ АНГЛИС ДАР ОМӮЗИШИ ҲАЁТ ВА ОСОРИ АЙНӢ

Муаллиф дар мақолаи мазкур ҳаёт ва осори Садриддин Айниро дар адабиёти англис мавриди таҳқиқи худ қарор додааст. Заминаи муҳимтарини масъалаи мазкурро саҳми муҳаққиқон ва донишмандон дар омӯзиши осори бадеии тоҷикӣ, бахусус бузургони пас аз марҳалаи классикӣ ташкил медиҳад. Таърих гувоҳ аст, ки шоҳкориҳои муҳимтарини адабии Шарқ дар Англия нақши ҳазорсола дорад. Роҷеъ ба саҳми муҳаққиқони англис ба осори классикии ниёгонамон як қатор корҳои илмӣ вуҷуд доранд. Дар омӯзиши масъалаи мазкур донишмандони рус ва тоҷик низ афзалият доранд, ки онҳо таърихи ҳар ду ҷонибро омӯхта, пажӯҳишҳои амиқро пешниҳод намудаанд. Шарқшиносони ҷаҳон, бахусус олимони рус, тоҷик ва англис, мавод ва корҳои илмии вобаста ба осори Садриддин Айниро дар пажӯҳишҳои худ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ меомӯхтанд. Муаллифи мақола собит намудааст, ки дар муддати даҳсолаҳо муҳимтарин нуктаҳои осори Садриддин Айнӣ (тарҷумаҳо, таҳқиқот ва омӯзиш) ташаккул ёфтаанд. Дар ин замина илм, маданият, ҳунар, санъат ва дигар арзишҳои Шарқ, бавижа ба Ғарб таъсири калон расонид.

Калидвожаҳо: Шарқ, мавқеъ, таърих, Англия, тамаддун, забони форсии тоҷикӣ, Ғарб, Садриддин Айнӣ, адабиёт, муҳаққиқ, маънавӣ, нобиға.

ВКЛАД АНГЛИЙСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ В ИЗУЧЕНИЕ ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА САДРИДДИНА АЙНИ

В этой статье автор исследует жизнь и творчество Садриддина Айни английскими учеными. Важнейшей основой этого вопроса является вклад английских исследователей и ученых в изучение таджикско-персидских поэтов, в том числе средневековых. История показала, что средневековые шедевры в Англии сыграли важнейшую роль. Существует ряд научных работ, посвященных вкладу английских исследователей в изучении классического наследия наших предков. Главное преимущество изучения этого вопроса состоит в том, что многие российские и таджикские ученые, изучали историю обеих стран и представили глубокие исследования. Ученые-востоковеды мира, особенно русские, таджики и англичане, изучали материалы и научные труды, касающиеся личности и творчества Садриддина Айни на основе исторических источников. Автор статьи доказывает, что на протяжении многих десятилетий сформировались самые важные направления изучения творчества Садриддина Айни, особенно переводы исследования. В этом контексте большое влияние оказали наука, культура, искусство, ремесла и другие ценности Востока и Запада.

Ключевые слова: Восток, положение, история, Англия, цивилизация, таджикский язык, персидский язык, Восток, Запад, Садриддин Айни, литература, исследователь, духовный, гений.

CONTRIBUTION OF ENGLISH RESEARCHERS TO THE STUDY OF SADRIDDIN AINI'S HERITAGE

In this article, the author explores the heritage of the most talented Tajik poet Sadriddin Aini in English literature. The most important basis of this issue is the contribution of researchers and scientists to the study of Tajik Persian poets, especially the great medieval ones. History has shown that the most important medieval masterpieces of the Middle Ages in England played a role for thousands of years. There are a number of scholarly works devoted to the contribution of English researchers to the classical heritage of our ancestors. The main advantage of studying this issue is that there are many Russian and Tajik scholars who have studied the history of both sides and presented in-depth studies. Researchers of scientists and orientalists of the world, especially Russians, Tajiks and British, studied materials and scientific works according of Sadriddin Aini's heritage and the based on historical sources. The author of the article proves that over the several decades, the most important points of Sadriddin Aini's heritage have been formed, especially translation, research and research. In this context, science, culture, arts, crafts and other values of the East, especially the West, have greatly influenced.

Key words: East, position, history, England, civilization, Tajik Persian, East, West, Sadriddin Aini, literature, researcher, spiritual, genius.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатов Ҷамшед Ёрович*** - Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, докторант PhD. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 33. Тел.: **(+992) 988-53-52-57**

Сведение об авторе: ***Давлатов Джамшед Ёрович*** - Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, докторант PhD. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рӯдаки 33.
Тел.: **(+992) 988-53-52-57**

Information about the author: ***Davlatov Jamshed Yorovich*** - Institute of studying of the issues of the Asian and European countries, Doctor PhD. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33.
Tel.: **(+992) 988-53-52-57**

УДК: 891.550 (09)

АЗ ТАЪРИХИ НАШР, ТАРҶУМА ВА ШАРҲИ МЕРОСИ АДАБИИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Маҳмудзода О.Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар таърихи адабиёти тоҷику форс ҳарчанд Назирии Нишопурӣ ба унвони шоири ғазалсаро эътироф гардида, асосан эҷодиёташро ин навъи суннатии шеърӣ ба вуҷуд овардааст, вале аз мероси бозмонда аз ӯ ба мо маълум мегардад, ки баробари ғазал дар сурудани рубоӣ, қасида, қитъа, тарҷеъбанду таркиббанд низ маҳорати ҳунарии хешро таҷриба намудааст. Аз ин сабаб, дар феҳристҳои осори хаттӣ ва чопшудаи форсӣ дар кишварҳои мухталиф дар баробари зикри девони шоир, мо ба унвони куллиёти Назирӣ ҳам дучор меоем ва ин, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти дигари навъҳои шеърӣ дар таркиби ин китобҳо ишорат мекунад.

Агар ба сайри таърихии нашри мероси адабии Назирии Нишопурӣ таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки дар қаламрави Шибҳи Қораи Ҳинд аз оғози чопи осори шоир бештар аз 150 сол сипарӣ мешавад. Бино ба иттилои феҳристнигори маъруф Орифи Навшоҳӣ дар китоби «Китобшиносии осори форсии чопшуда дар Шибҳи Қораи Ҳинд» аввалин бор мероси адабии Назирӣ таҳти унвони «Куллиёт»-и Назирӣ дар матбааи Гонпури Ҳинд соли 1854 ба чоп расидааст, ки дар умум 415 саҳифаро фаро мегирад. Соли 1857 бошад, ба эҳтимоли зиёд аз рӯйи ҳамин нашр дар Пешовар куллиёти Назирии Нишопурӣ ба чоп расидааст, ки ба он ҳам Орифи Навшоҳӣ ишорат намудааст [6, с.2224].

Соли 1874 дар матбааи Нувалкишури Лакҳнав «Куллиёт»-и Назирии Нишопурӣ ба чоп расида, дар саҳифаи охири нашри мазкур дақиқан ишорат шудааст, ки ин китоб бо кӯшиш ва саъйи бевоситаи муншӣ Нувалкишур, ки баъдан ин матбаа номи ӯро гирифтааст, ба зевари табъ ороста шудааст [7, с.415]. Куллиёт аз ду бахш иборат буда, бахши аввали он ғазалиёт унвон гирифта, қисмати дуюм қасоид номгузорӣ шудааст. Қисмати дуюм ҳарчанд танҳо қасоид унвон гирифтааст, аммо ба мушоҳида мерасад, ки қитъа ва дигар навъҳои шеърии шоир низ ҳамин ҷо бо зикри дақиқи навъи шеърӣ дар қисмати болоии он ҷой гирифтаанд. Дар умум куллиёти мазкур аз 415 саҳифа таркиб ёфтааст. Дар саҳифаи 302 дақиқан сабт гардидааст: «Ихтитоми девони Назирӣ ва оғози қасоиди Назирӣ» [7, с.302]. Яке аз вижагиҳои муҳимми ин нашр дар он зоҳир мешавад, ки дар ҳошияи он ғазалҳо шарҳ дода шудаанд. Ба таъбири дигар, куллиёти мазкур дар як вақт фарогири маҷмуи ашъори шоир ва шарҳи ғазалиёти девони ӯ ба шумор меравад, зеро чунин тавзеҳот дар қисмати дуюми он дида намешавад.

Бештари дигари нашрҳои анҷомёфта дар Шибҳи Қораи Ҳинд девони ғазалиёти Назирии Нишопурӣ ба шумор меравад. Аз ҷумла, соли 1920 дар Лоҳур бо номи ғазалиёти Назирӣ дар матбааи Каримӣ, ба фармоиши тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ ба чоп расидааст, ки аз 252 саҳифа иборат мебошад.

Таъкиди як нукта ин ҷо муҳим аст, ки дар аксари нашрҳои анҷомшуда таркиби «тоҷири китоб» нисбат ба фармоишгарони чопи девон ё баргузидаҳои ғазалиёти шоир истифода шудааст. Аз рӯйи ин ишорат маълум мешавад, ки дар навбати аввал ин нафарон тоҷири китоб будаанд, ки бо супориши онҳо бевосита китобҳои мазкур ба чоп мерасидаанд. Яке аз чунин шахсиятҳо Шайх Муборак Алӣ мебошад, ки бештари нашрҳои Девон ва мунтахаби ашъори Назирӣ бо супориши ӯ ба чоп расидаанд. Аз сӯйи дигар, ишорати ин нукта дар саҳифаи аввали девону маҷмуаҳои ашъор аз нуфузи шеър ва ҷойгоҳу мақоми Назирии Нишопурӣ дар ин сарзамин дарак медиҳад. Баробари ин, тазаккури нуктаи мазкур дар баробари таъкид бар мақоми шоир аз пурфурӯштарин китобҳои даврони мазкур ба шумор рафтани Девони Назирии Нишопурӣ ва маъруфияти ашъори вай дар миёни мардум мебошад.

Соли 1923 дар ҳамин матбаа нашри дигаре анҷом шудааст, ки он аз ҷониби Мавлавӣ Насруддин ва бо хати Муҳаммад Шарифи Гакхурӣ сурат гирифта, 252 саҳифаро дар бар мегирад. Дар саҳифаи аввали он мушаххасан тоҷири китоб будани фармоишгари он навишта шудааст, аммо ин матлаб дар феҳристи таҳиянамудаи Орифи Навшоҳӣ таъкид нагардидааст [1, с.1].

Дар соли 1924 бошад мунтахаби ғазалиёти Назирӣ ба тасҳеҳ ва изофаи фарҳанги Мавлавӣ Қудратуллоҳбек мутахаллис ба «Род» мударриси форсии мадрасаи олияи Фурқонияи Лакҳнав дар ҳаҷми 80 саҳифа ба чоп расидааст. Ҳамин гуна, як мунтахаби дигар, соли 1925 дар Лоҳур ба дастури Шайх Ҷонмуҳаммад Валлоҳбахши Гуноӣ бо муқаддима ва фарҳанги Шаҳзода Султон Алӣ Дурронӣ рӯйи чоп омадааст, ки аз 254 саҳифа таркиб ёфтааст.

Зери унвони «Интихоби ғазалиёти Назирӣ» соли 1925 дар матбааи «Анворулматобеъ»-и шаҳри Лакҳнав ва ба эҳтимоми Муҳаммад Ҳасан, ки ба таъкиди Орифи Навшоҳӣ соҳиби ҳамин матбаа ба шумор меравад, гузидаи ғазалиёти шоир дар ҳаҷми 62 саҳифа рӯйи чоп омадааст. Ба ишорати Орифи Навшоҳӣ ин китоб «гузидае аст барои имтиҳони «муншӣ»-и Донишгоҳи Аллоҳобод [5, с.2224]. Аз ин равшан мегардад, ки гузидаи мазкур барои донишҷӯёне, ки дар риштаи китоб ва нусхабардорӣ таҳсил мекунанд, ҳамчун намунаи хат ва маводи таълимӣ ҷиҳати тадрис ба пешаи муншӣ, яъне котиби нусхаҳои хаттӣ ё муншии чунин чопхонаҳо нашр ёфтааст. Ҳаҷми ками он низ аз ҳақиқати ин амр гувоҳӣ медиҳад.

Нусхаи дигаре, ки он ҳам мунтахаби девони ғазалиёти Назирӣ дониста мешавад, соли 1926 дар матбааи «Анвори Аҳмадӣ»-и шаҳри Аллоҳободи Ҳиндустон ба кӯшиш ва фарҳанги Сайид Абдувосеи Ҷаъфарӣ ба чоп расидааст. Ин нашри анҷомёфта аз 128 саҳифа таркиб ёфтааст. Ба мушоҳида мерасад, ки ҳангоми муаррифии аксари нашрҳои анҷомёфта устод Орифи Навшоҳӣ ибораи «ба кӯшиш ва фарҳанги»… истифода намудааст [6, с.2224]. Ҳангоми мушоҳидаи худи нашрҳо равшан мегардад, ки аксари таҳиягарони матнҳои мазкур дар охири китоб фарҳангномаи мухтасаре ҳам мураттаб кардаанд, ки вожаву таркибҳои муҳимми ғазалиёти Назириро шарҳу тафсир намудаанд. Дар ҳамин нашр, зимни мутолеа равшан гардид, ки баъди зикри ғазалҳо бо ишораи «Фарҳанги ғазалиёти Назирӣ» [2, с.77] шарҳи ин вожагону таъбирот бо зикри дақиқи шумораи ғазалҳо сурат гирифтааст. Маълум мешавад, ки мусаннифи ин фарҳанг Сайид Абдулвоеи Ҷаъфарӣ аст ва равиши ҷолиберо пеш гирифтааст. Бештари маврид ибораҳои шоирона, ё талмеҳот ва таъбирҳои қобили андеша шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Аз ҷумла, аз ғазали шумораи дуюм, ки матлаи он дар ин нашр чунин аст,

Эй аз карам нарехта хуни сабилро,
В-аз лутф ид карда азои Халилро [2, с.2-3].

Ибораи хуни сабилро чунин шарҳ додааст: «Хуни сабил, хуни баде, ки рехтани он раво бошад» [2, с.79]. Дар шарҳи ибораи «азои Халил» бошад, чунин навиштааст: «Мотами Халилуллоҳ, ранҷу ҳузни Ҳазрати Иброҳим ва он ду бор пеш омада буд, боре чун фармони забҳи писари худ Ҳазрати Исмоил ёфта ва дигар бор чун аз ҳукми Намруд дар оташ андохта шуда буд ва ҳар ду бор ғамаш мубаддал ба шодӣ гашт» [2, с.79].

Бо такя бар чунин шеваи эҷоди фарҳангҳо, ки дар нашрҳои мазкур ба мушоҳида мерасад, бо итминон метавон гуфт, ки дар баробари шарҳҳое, ки дар ҳошияи куллиёти шоир ба мушоҳида мерасад ва ба он дар боло ишорат рафт, таҳияи чунин фарҳангномаҳои кутоҳи ғазалиёти шоир мураттибон ва таҳиягарони девони Назирӣ мактаби шарҳнависии девони ғазалиёти шоирро низ равнақ бахшидаанд, ки он баъдан заминае барои зуҳури шарҳномаи мустақили сурудаҳои суханвар фароҳам овардааст.

Соли 1928 бошад, бори дигар бо номи «Девони ғазалиёти Назирӣ» дар матбааи «Каримӣ», ба фармоиши тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ маҷмуаи ашъори шоир ба чоп расидааст, ки аз 232 саҳифа иборат мебошад. Ба эҳтимоли зиёд китоби мазкур шояд такрори ҳамон нашре бошад, ки соли 1923 чоп шудааст. Дар китоби Орифи Навшоҳӣ нашри дигаре аз ин китоб ҳам муаррифӣ гардида, ки соли чопи он 1932 нишон дода шудааст, вале унвон ва шумораи саҳифаҳои он бо нашри соли 1928 мутобиқат доранд.

Китобе, ки соли 1934 дар Лоҳур бо номи «Девони ғазалиёти Назирии Нишопурӣ» ба чоп расидааст, ба таъкиди Орифи Навшоҳӣ чопи дуюми ҳамон нусхаест, ки ба дастури Шайх Ҷонмуҳаммад Валлоҳбахш рӯйи чоп омадааст [6, с.2226]. Аммо нашри дуюми он аз 214 саҳифа таркиб ёфтааст ва тавре ишорат мешавад, ба он муқаддимае бо забони урду навишта шудааст. Ин муқаддима «Мухтасари ҳолоти Мулло Назирии Нишопурӣ» унвон дошта, ба қалами Ходимушшуаро Шоҳзода Султоналии Дурронӣ, мутахаллис ба Султон навишта шудааст. Аз ишорати дар саҳифаи охири китоб омада равшан мегардад, ки Шайх Ҷонмуҳаммад Аллоҳбахш тоҷири кутуби улуми машриқии кашмирӣ будааст.

Дар соли 1935 таҳти унвони «Девони ғазалиёти Назирии Нишопурӣ» дар матбааи «Оламгир пресс»-и Лоҳур ҳамон нусхае дигарбора ба чоп расидааст, ки ба фармоиши тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ иборат аз 252 саҳифа қаблан чоп шуда буд. Моҳи августи худи ҳамон сол як китоби дигаре бо номи «Ғазалиёти Назирии Нишопурӣ» аз чоп баромадааст, ки аз 118 саҳифа иборат буда, танҳо ғазалиёти радифи «алиф» то «ро»- ро дар бар мегирад. Ин нашр бо эҳтимоми Малик Назир Аҳмад дар матбааи «Оламгир пресс» сурат гирифтааст.

Соли 1936 дар Лоҳур дар матбааи «Ҳиҷозӣ пресс» «Девони ғазалиёти Назирӣ» ба чоп расидааст, ки аз 124 саҳифа иборат аст.

Ҳамчунин, дар ҳамин сол тариқи матбааи «Оламгир электрикпресс» девони ғазалиёти Назирӣ интишор ёфтааст, ки аз 214 саҳифа таркиб ёфтааст. Бо гузашти ду сол аз ин нашрҳои анҷомёфта китоби дигаре бо номи «Девони ғазалиёти Назирии Нишопурӣ» бо фармони тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ ва тасҳеҳи Мавлавӣ Ғулом Ҷелонӣ дар ҳаҷми 119 саҳифа ба чоп расидааст, ки танҳо ғазалиёти шоирро бо радифи «алиф» то «ро»-ро фаро мегирад. Ҳарчанд унвони девон ба ин нашри маҷмуаи ғазалиёти шоир дода шудааст, аммо аз тавзеҳи Орифи Навшоҳӣ маълум мешавад, ки он девони комил нест.

Дар соли 1949 тавассути нашриёти китобхонаи «Сулаймония»-и Деҳлӣ ба эҳтимоми Аҳмад Ҳасани Савотии Чаҳорбоғӣ «Ғазалиёти Назирӣ» рӯйи чоп омадааст, ки он ҳам фарогири қисмати ғазалиёти «алиф» то ба «ро»-и шоир мебошад ва ҳамагӣ 130 саҳифа мебошад. Соли 1945 бошад ҳамон қисмати ғазалҳои «алиф» то ба «ро»-и нашри бо супориши тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ аз дасти чоп баромад, ки аз 114 саҳифа иборат мебошад. Соли 1948 бахши ғазалиёти радифи «алиф» то ба «ро»-и нашри қаблан аз сӯйи Ҷонмуҳаммади Аллоҳбахш анҷомёфта низ дар 120 саҳифа ба чоп расидааст.

Дар асари «Китобшиносии осори форсии чопшуда дар Шибҳи Қораи Ҳинд»-и Орифи Навшоҳӣ аз панҷ нашри дигари китобҳои девон ва ғазалиёти Назирии Нишопурӣ ёд мешавад, ки дар шаҳрҳои Ҳайдаробод, Лакҳнави Ҳинд ва Карочиву Лоҳури Покистон ба чоп расидаанд [6, с.2225]. Дар баробари ин, дар чанд мавриди дигар аз гузидаҳое аз ашъори суханварони адабиёти классикии тоҷик ёдовар шудааст, ки дар ин сарзамин рӯйи чоп омада, дар онҳо низ дар баробари дигар шоирон намунаҳое аз сурудаҳои Назирии Нишопурӣ ҷой гирифтаанд.

Аз ин матолиб равшан мешавад, ки дар муҳити шибҳи Қораи Ҳинд бо сабаби истиқболи шоистаи ашъораш Назирии Нишопурӣ маҳбубияти тамом дошта, ин шуҳрат боис ба нашри бештари девони комил ва маҷмуаҳои ашъори вай гардидааст. Адабиётшинос Саидҷаъфаров Озод яке аз сабабҳои маҳбубияти шоирро дар сувари хаёл ва тафаккур ва эҳсоси баланди шоирии Назирӣ рабт медиҳад, ки омил ба эҷоди образҳои шоирии маъшуқ гардид, ки дар натиҷа тавассути онҳо шакл ва усулҳои маърифати киноявву рамзҳоро дар сабки ҳиндӣ ба вуҷуд овард [11, с.7].

Нашри нисбатан мукаммали девони Назирии Нишопурӣ дар асоси ду нусхаи хаттӣ ва ду нусхаи чопӣ бо тасҳеҳ ва таҳияи Муҳаммадризои Тоҳирӣ соли 1379 дар интишороти «Нигоҳ»-и шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон нашр гардидааст. Агар аз рӯйи ин нашр муқаррар намоем, маълум мешавад, ки мероси адабии мавҷуд дар таркиби ин девони шоир аз 564 ғазал, 3 қитъа, 138 рубоӣ, 41 қасида, 2 тарҷеъбанд ва 8 таркиббанд иборат аст. Аз муқаддимаи Муҳаммадризо Тоҳирӣ маълум мешавад, ки қабл аз ӯ ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо нашри дигари девони Назирӣ соли 1320 тавассути интишороти «Амири Кабир» ва «Заввор» ду маротиба чоп шудааст [8].

Ҳамзамон, Муҳаммадризо Тоҳирӣ дар ҷараёни кори хеш аз чопи нашри Лоҳур, ки ба кӯшиши профессор Иноятуллоҳ ва фармоиши тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ истифода кардааст, ки қаблан дар бораи он сухан рафт [9, мим].

Дар бораи ин нашри Муҳаммадризо Тоҳирӣ дар мақолаи ҷудогонаи муаллиф ба таври муфассал сухан рафтааст ва аз ин рӯ, ин ҷо бо зикри маълумоти мазкур аз шарҳи бештари он худдорӣ мекунем [5].

Дар баробари ин, тарҷумаи ғазалиёти Назирии Нишопурӣ ба забони урду аз солҳои чилуми асри ХХ шурӯъ шудааст. Феҳристнигори покистонӣ Орифи Навшоҳӣ аз ду тарҷумаи ғазалиёти Назирии Нишопурӣ ёдоварӣ кардааст, ки аввалин маротиба бо кӯшиши Муҳаммад Исмоил мусаллами Ҳошимӣ сурат гирифта, он ғазалҳои аз «алиф» то ба «ро»-и девони шоирро фаро мегирад [6, с.2226]. Соли нашри ин тарҷума зикр

нашудааст ва ба эҳтимоли зиёд тахмин намудан мумкин аст, ки он аз рӯйи чанд девоне анҷом шудааст, ки фарогири ғазалиёти аз «алиф» то ба «ро» чоп шудааст, ки аз 232 саҳифа иборат мебошад. Дар асоси ин тарҷума нашри дигаре низ анҷом ёфтааст, ки Орифи Навшоҳӣ номи онро «Кайфиёти баъзе ғазалиёти Назирӣ» радифи «мим» ва маа тарҷума, шарҳи савонеҳи ҳаёт ва табсираи калом» зикр намудааст. Ин китоб дар Лоҳур дар ҳаҷми 100 саҳифа рӯйи чоп омадааст.

Соли 1945 бошад матни нисбатан мукаммали тарҷумаи девони ғазалиёти Назирии Нишопурӣ дар шаҳри Лоҳур, дар матбааи «Оламгир электрикпресс» ба чоп расидааст, ки аз 328 саҳифа таркиб ёфта, он ба дархости тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ анҷом шудааст. Вале дар бораи тарҷумони он маълумоти дақиқ мавҷуд нест. Як тарҷумаи дигари ғазалиёти Назирӣ, ки танҳо фарогири ғазалҳои радифи «алиф» мебошад, аз ҷониби Оғо Муҳаммади Боқир сурат гирифтааст. Ин китоб ҳам ба дархости тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ ба нашр расида, аз 128 саҳифа таркиб ёфтааст.

То кунун дар қаламрави Покистон ба девони Назирии Нишопурӣ чанд шарҳ ҳам навишта шудааст, ки яке аз онҳо ба кӯшиши Ҳофиз Абдулмаҷид соли 1945 ба фармоиши тоҷири китоб Малик Башир Аҳмад ба чоп расидааст. Ба иттилои Орифи Навшоҳӣ ин шарҳ аз ду ҷилд иборат буда, аввал фарогири тафсири ғазалҳои радифи «алиф» то «хо» ва бахши дуюм шарҳи ғазалҳои радифи «дол» то «ро» мебошад [6, с.2226]. Соли 1945 танҳо ҷилди аввали он дар 242 саҳифа чоп шудааст. Соли 1948 бошад ҷилди дуюми шарҳ дар ҳаҷми 166 саҳифа ба нашр расидааст.

Профессор Маҳбуб Илоҳӣ ва Мавлавӣ Муртазо Ҳасани Фозил дар соли 1964 китоберо бо номи «Шарҳи ғазалиёти Назирӣ» ба қалам оварданд, ки он танҳо фарогири тафсири ғазалҳои радифи «алиф» мебошад. Китоби мазкур дар Лоҳур бо дархости Шайх Муборак Алӣ дар ҳаҷми 215 саҳифа рӯйи чоп омадааст.

Шореҳи дигари ғазалиёти Назирӣ Оқо Бедорбахшхон китобе бо номи «Матлабпазирии баъзе ғазалиёти Назирӣ маа шарҳи радифи «мим» навиштааст, ки дар баробари накду баррасии маънишиносии баъзе ғазалҳои шоир шарҳи ғазалиёти радифи «мим»-ро фаро мегирад. Ин китоб ду маротиба чоп шудааст, ки аввал дар ҳаҷми 96 саҳифа ва баъдӣ дар ҳаҷми 94 саҳифа мебошад ва ба эҳтимоли зиёд қисмати кӯтоҳе аз он дар нашри дуюм ихтисор шудааст.

Як шарҳи ҷомеи девони Назирии Нишопурӣ дар Ҳинд аз ҷониби Маҳбуб Илоҳӣ, профессори Коллеҷи Фатҳпурии Деҳлӣ навишта шудааст [4]. Ин шарҳ «Нафаҳоти абирӣ» унвон дошта, аз ду ҷилд иборат мебошад. Ҷилди аввали он соли 1940 ва дуюмаш соли 1945 рӯйи чоп омадааст. Ин шарҳ ба забони урду навишта шуда, шореҳ ашъори шоирро нахуст ба забони форсӣ зикр намуда, онро тарҷума ва баъдан бо зикри вожаи «ташреҳ» ба шарҳ пардохтааст.

Ҳарчанд дар маҷаллаву китобҳои алоҳида намунаҳое аз ашъори Назирии Нишопурӣ рӯйи чоп омадаанд, вале то кунун маҷмуаи сурудаҳои ин шоири маҳбуб ба таври куллӣ дар Тоҷикистон интишор наёфтааст. Воқеан, имрӯз зарурати он пеш омадааст, ки ҳадди ақал дар ибтидо нашри оммавии девони шоир ба чоп расад, то аҳли мутолеа ба ашъори рангину ҷаззоби ин суханвари мумтоз ва аз пешравони тарзи тоза дар қаламрави Ҳинд ошно гарданд.

Таваҷҷуҳ ба таърихи нашри осори Назирӣ дар Шибҳи Қораи Ҳинд худ баёнгари возеҳи ин матлаб аст, ки бештар аз 150 сол инҷониб осори ин шоири шуҳратёр нашру тарҷума ва шарҳ мешавад. Шумораи зиёди нашрҳои девон ва куллиёти шоир, инчунин тарҷума ва шарҳои он бо забони урду дар кишварҳои Ҳинду Покистон ва Эрон аз он дарак медиҳад, ки шеъру андешаи шоир дар ин қаламрав маҳбубияти тамом доштааст ва ихлосмандони суханвар зиёд будаанд. Дар баробари ин, тавре таъкид гардид, дар саҳфаи аввали аксари нашрҳо таъкиди ин нукта, ки бо дархости ин ё он тоҷири китоб нашр шудааст, гувоҳи нуфузи ашъори шоир дар миёни мардум ба шумор меравад, зеро бо дархости чунин тоҷирон, ки ба нашр ва фурӯши китоб машғул будаанд, ба нашр расидани осор аз рӯйи дархост ва талаботи мардум сурат мегирад. Бо такя ба ин аснод ва далоиле, ки роҷеъ ба нашри осори Назирӣ таъкид шуд, метавон бо итминон изҳор дошт, ки имрӯз зарурати нашри девони шоир дар Тоҷикистон низ мавҷуд аст. Ҳоло дар ин самт корҳои муайяне ба анҷом расида истодааст ва тасмими мо ҳам он аст, ки дар фурсатҳои наздик бо такя бар нашрҳои мазкури анҷомёфта дар навбати аввал барои нашри оммави девони

шоир ва баъдан матни илмӣ-интиқодии он иқдом намоем, зеро ҳамакнун имкони дастрасӣ ба нусхаҳои фаровони хаттии девони Назирӣ дар китобхонаҳои олам мавҷуд мебошад.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзадиилмҳои филология, дотсент, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғазалиёти Назирӣ. Ба тасҳеҳи Мавлавӣ Насируддин Соҳибмуншии Фозил. Бо фармоиши тоҷири китоб Шайх Муборак Алӣ. – Лоҳур, 1923. – 252 с.
2. Ғазалиёти Назирӣ маа ҳавошии муфид. Ба эҳтимоми Саид Абдулвосеи Ҷаъфарӣ. – Аллоҳободи Ҳинд, 1926. – 128 с.
3. Ғазалиёти Назирӣ. Ба фармоиши Мавлавӣ Аҳмад Ҳасан Савотии Чаҳорбоғӣ. – Деҳлӣ, 1939. – 120 с.
4. Илоҳӣ, Маҳбуб. Нафаҳоти абирӣ. Шарҳи ғазалиёти Назирӣ. Ҷ.1 / Маҳбуб Илоҳӣ. - Деҳлӣ, 1945. - 180.
5. Маҳмудзода О.Б. Мероси адабии Назирии Нишопурӣ ва тавсифи анвоъи ашъори ӯ / О.Б. Маҳмудзода // Суханшиносӣ (Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ). Маҷаллаи илмӣ. –Душанбе, 2020. - №2. - С.93-104.
6. Навшоҳӣ, Ориф. Китобшиносии осори форсии чопшуда дар Шибҳи Қораи Ҳинд (Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш). Ҷ.3 / Ориф Навшоҳӣ. – Теҳрон: Маркази пажӯҳиши Мероси мактуб, 1391. – 1545 с.
7. Нишопурӣ, Назирӣ. Куллиёт. Чопи сангӣ / Назирии Нишопурӣ. – Лакҳнав: матбааи Нувалкишур, 1954. – 413 с.
8. Нишопурӣ, Назирӣ. Девон / Назирии Нишопурӣ. Аз рӯйи нусхаи муътабари хаттӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳу танзим ва ҷамъу тадвини. Мазоҳири Мусаффо. – Теҳрон: Амири Кабир, 1340. - 748 с.
9. Нишопурӣ, Назирӣ. Девон / Назирии Нишопурӣ. Тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Тоҳирӣ. - Теҳрон: Нигоҳ, 1389. - 672 с.
10. Нишопурӣ, Назирӣ. Девон / Назирии Нишопурӣ. Шомили 23 қасида, 3 таркиббанду тарҷеъбанд ва рубоиёт. Нусхаи дастнависи китобхонаи Маркази Мероси хаттии назди Раёсати АМИТ, зери шумораи шартии 328. – 786 с.
11. Саидҷаъфаров О.Ш. Стиль персидско-таджикской газели в XVI- XVII вв. (на примере творчества Фигани, Назири и Саиба): диссертация на соискание ученой степени доктора филологических наук, по специальности 10.01.03 – Литература стран зарубежья (таджикская литература) / О.Ш. Саидҷаъфаров. – Душанбе, 2015. - 300 с.
12. Саиджафаров О.Ш. Философия любви и концепция «единства бытия» в газелях Назири Нишапури / О.Ш. Саидҷаъфаров // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: Сино, 2014. – №3/8 (150). – С.174-177.
13. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 5/1 / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон, 1386. - 633 с.
14. Сафо, Забеҳуллоҳ.Таърихи адабиёт дар Эрон.Ҷилди 5/2 / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон, 1383. - С.635-1420.
15. Сафо, Забеҳуллоҳ.Таърихи адабиёт дар Эрон. ҷилди 5/3 / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон, 1383. - С.1439-2012.
16. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи донишгоҳи Истамбул. Гирдоварандагон Тавфиқ Субҳонӣ, Ҳисомиддин Оқсу. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолеоти фарҳангӣ, 1374. – 754 с.

АЗ ТАЪРИХИ НАШР, ТАРҶУМА ВА ШАРҲИ МЕРОСИ АДАБИИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Мақола ба таҳқиқу баррасии таърихчаи нашру тарҷума ва шарҳи мероси адабии Назирии Нишопурӣ бахшида шудааст. Дар заминаи баррасиҳои анҷомёфта муаллиф муваффақ бар он гардидааст, ки нашрҳои то кунун дар кишварҳои Ҳинду Покистон ва Эрон анҷомёфтаи куллиёт ва девони Назирии Нишопурӣ, инчунин гузидаҳои ғазалиёти ӯро муаррифӣ намуда, муқаррар намояд, ки нуфузи нашри осори шоир яке аз омилҳои муҳимми шуҳрати шеър ва андешаи ӯ дар сарзаминҳои мазкур ба шумор меравад. Таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ ва шарҳ ба ашъори Назирии Нишопурӣ низ гувоҳ бар он аст, ки дар доираҳои адабиву фарҳангӣ ба сурудаҳои вай аҳли мутолиа дилбастагии шоистае доштаанд ва дар ҷараёни нашри осори ӯ ба шарҳи маъниҳои абёт ва ё вожаву таркибҳо дар ҳошияи девонҳову маҷмуаҳои баргузида мепардохтанд. Бо дархости тоҷирони китоб рӯйи чоп омадани маҷмуаҳои ашъори Назирӣ низ дар навбати худ яке аз омилҳои шуҳрати шеъри шоир дар ҳавзаҳои мухталифи адабӣ, хосса Шибҳи Қораи Ҳинд дониста шудааст. Муаллифи мақола бо такя бар ин афзунии нашрҳои анҷомёфтаи девони Назирии Нишопурӣ натиҷагирӣ намудааст, ки имрӯз зарурати нашри оммавӣ ва илмӣ - интиқодии мероси бозмондаи ин шоири шаҳир дар Тоҷикистон пеш омадааст, ки бояд дар наздиктарин фурсатҳо ба анҷом расад.

Калидвожаҳо: Назирии Нишопурӣ, девон, мероси адабӣ, шоир, нусхаҳои хаттӣ, таърих, шеър, дастхат, гузидаҳои ғазалиёт.

ИЗ ИСТОРИИ ИЗДАНИЯ, ПЕРЕВОДА И ИНТЕРПРЕТАЦИИ ЛИТЕРАТУРНОГО НАСЛЕДИЯ НАЗИРИ НИШАПУРИ

Статья посвящена рассмотрению истории создания, перевода и интерпретации литературного наследия поэта Назири Нишапура. В данной статье автору удаётся на основе своего исследования проследить литературное наследие Назири Нишапури, в том числе газели, изданные в Индии, Пакистане и Иране. Интерес к творчеству Назири Нишапури свидетельствует о том, что в литературно-культурном обществе и в кругу читателей возрастает интерес к его поэзии, так как распространение и публикация его произведений способствует раскрытию смысла его стихов: каждого слова, выражения и понятия. Таким образом, автор подчёркивает в статье, что литературное наследие Нишопури становится доступным для читательского круга, благодаря усилиям книготорговцев, а издание сборников способствует признанию поэта в различных

литературных кругах, особенно в Шибхе в Индии. При изучении некоторых произведений поэта, автор приходит к выводу, что уже сегодня существует потребность в общественно-научном издании наследия поэта в Таджикистане, которое должно быть завершено в ближайшее время.

Ключевые слова: Назири Нишапури, деван, литературное наследие, поэт, рукопись, история, поэзия, газели.

FROM THE HISTORY OF NAZIRII NISHOPURI`S PUBLICATION, TRANSLATION AND INTERPRETATION HIS LITERARY LEGACY

The article dwells on the study beset with the history of Nazirii Nishopuri`s publication, translation and interpretation of his literary legacy. Proceeding from the adduced results, the author manages to present Nazirii Nishopuri`s publications, his collection of compositions which have been published in India, Pakistan and Iran. As well as, the author determines his selected ghazals and the sway of the poet`s creations publication the fact that is considered to be one of the crucial factors aimed at the poet`s poem popularity and his thoughts in the mentioned countries. It is worth stressing that researchers` and commentators` interest in Nazirii Nishopuri`s poetry is a testimony of the fact that in the literary-cultural circles his readers are of enormous interest in his poems and in the process of publishing his works they explain the meanings of versified words and phrases. At the request of booksellers the publication of Naziri`s poems collections is considered to be one of the factors in the poet`s versified works popularity in various literary circles, namely the Peninsula of India. Relying on Nazirii Nishopuri`s publication of his selected collection of compositions, the author of the article comes to the conclusion that today there is a need for a public and scientifico-critical publication of the poet`s literary legacy in Tajikistan, which should be completed in the nearest future.

Key-words: Naziri Nishopuri, devon, literary heritage, poet, copy of manuscripts, history, poem, manuscript, selected ghazals

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмудзода Обидҷони Бекназар*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121. Тел.: **(+992) 985-72-81-01**

Сведение об авторе: ***Махмудзаде Обиджони Бекназар*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры теории и истории литературы таджикского филологического факультета. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. Тел.: **(+992) 985-72-81-01**

Information about the author: ***Mahmudzoda Obidjoni Beknazar*** - Tajik State pedagogical University named after S. Ayni, candidate of philological sciences, lecturer of department of theory and history of literature. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. Tel.: **(+992) 985-72-81-01**

УДК: 891.550-1

МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ ҒАЗАЛИЁТИ САИД ИМОДУДДИН НАСИМӢ

Сулаймонова Н.С.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳанӯз аз асрҳои IX инҷониб ҳазорҳо шуоирону адибони соҳибқаламро бо офаридаҳои беҳамтою ҷовидонаашон ба ҷаҳониён муаррифӣ намудааст.

Дар мақола мазмун ва муҳтавои ғазалиёти яке аз шоирони сермаҳсули адабиёти охирҳои асри XIV ва ибтидои асри XV Саид Имодуддин Насимии озарӣ мавриди таҳқиқу пажӯҳиши муаллиф қарор гирифтааст.

Халқи Озарбойҷон дар миқёси адабиёти ҷаҳон устодони зиёди назму насри барҷастаро муаррифӣ намудааст. Яке аз он нобиғаҳои назми классикии шарқӣ, асосгузори назми фалсафӣ дар адабиёти Озарбойҷон Саид Имодуддин Насимист, ки ӯро аксари муҳаққиқон яке аз бунёдгузорони адабиёту забони адабии озарӣ низ меноманд.

Саид Имодуддин Насимӣ бо эҷодиёти ғаниву гуногунмазмуни худ на танҳо ба адабиёти асри худ, балки ба ҷараёни минбаъдаи адабиёт низ таъсир гузоштааст.

Имодуддин Насимӣ тахминан солҳои 1369 - 1370 дар шаҳри Шимохии Озарбойҷон таваллуд шудааст. Номи аслии ӯ Саид Имодаддин буда, бо тахаллусҳои адабии Насимӣ ва Ҳусейнӣ шеър гуфтааст.

Саид Имодуддин Насимӣ шоир ва орифи барҷастаи мактаби ҳуруфия буда, таълимоти ин маслакро аз устоди худ, асосгузори ҷараёни ҳуруфия Наимии Астарободӣ гирифтааст.

Шоир маълумоти ибтидоиро дар мадрасаи Шимохии Озарбойҷон гирифта, донандаи хуби улуми замони хеш буд. Насимӣ бар иловаи забони модарии худ боз бо забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркӣ низ сухан мегуфтааст. Инро метавон аз мероси адабии боқимондаи шоир муайян намуд. Ҳамчунин бояд зикр кард, ки яке аз девонҳои ғазалиёти шоир бо забони форсӣ ба чоп расидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз бунёдгузорони адабиёту забони озарӣ Саид Имодуддин Насимӣ девони комили ғазалиёт, маснавиёт ва қитъаотихешро бо забонҳои гуногун навишта, ба мерос гузоштааст. Девонҳои шоир бо забони озарӣ, ки тахминан 9000 байт, бо забони форсӣ - тоҷикӣ, ки муштамили зиёда аз 5000 байт буда, то ба замони мо омада расидаанд. Аз ашъори парокандаи шоир маълум гардид, ки дар миёни онҳо шеърҳои бо забони арабӣ навиштаи шоир низ ба чашм мерасанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки шоир бо забони арабӣ низ шеър гуфтааст ва дар ин ҷода то ҷое муваффақ шудааст:

... Ай ориф, аз мақоми Аналҳақ сухан магӯй,
Сарҳо бубин, ки бар сари дор аст вассалом.
Ҳаблу-л-матину урвату-л-вусқои аҳли ҳақ,
Он ҷаъди зулфи ғолиябор аст вассалом... [4, с.83].

Имодуддин Насимӣ дар жанрҳои гуногуни ғиноӣ, аз қабили қасидаю маснавӣ ва ғазалиёту қитъаот шеърҳо эҷод намудааст. Аммо ғазал дар эҷодиёти Насимӣ мақоми хосса дорад. Ӯ низ ба мисли дигар шоирони ғазалсарои форсу тоҷик дар рушду инкишофи ин жанри адабӣсаҳм гузоштааст. Ин аст, ки дар эҷодиёти шоир ғазал мавқеи воло дошта, мавзую мундариҷаи онҳоро асосан яккаву ягона донистани Худованд, эҳтиром ба арзишҳои миллию динӣ, инсондӯстию меҳанпарварӣ, ишқи поку самимии инсонӣ, тавсифи табиат ва фаслҳои сол ва монанди инҳо ташкил медиҳад. Ба таври мушаххас муайян намудани мазмуну муҳтавои ғазалиёти Насимӣ хело мушкил менамояд, чунки аксари ғазалиёти шоир хусусияти ҳамоҳангӣ доранд. Дар онҳо ишқ, ҷому бода, дину оин, васфи табиат, ғаму ғусса, танқиди замона, мардию мардонагӣ, молу ҷоҳпарастӣ, вазъи иҷтимоии замона, беадолатию золимии ҳокимони давр, фиребу дасисакорӣ ва амсоли инҳо мавриди тасвир қарор дода шудааст.

Ишқу муҳаббат аз нигоҳи Имодуддин Насимӣ ҳиссиёти сарсарию рӯякӣ набуда, як омили муҳимми ҳастии оламу одам мебошад. Маҳз ба шарофиати муҳаббати поки инсонӣҳаёт мазмуни нав касб мекунад. Дар ашъори Насимӣ низ ба мисли дигар шуарои

пешин мавзуи ишқ, хислатҳои писандидаи инсонӣчавонию нишоти ҳаёт мавқеи назаррас дорад:

Мақоми ишқи маҳрӯён диле пурдард мебояд,
Дили пурдарди ҷонбозон зи ҳастӣ фард мебояд.
Тариқи ишқи он дилбар ба бозӣ кай тавон рафтан,
Раҳи мардони мард аст ин, дар ин раҳ мард мебояд.
Дилу доман зи олоиш нигаҳ дор, эй дили ошиқ,
Ки аз занг ойина софиву раҳ бегард мебояд [4, с.93].

Дар ғазали мазкур шоир мавзуи ишқ, сӯзу фироқи ошиқу васфи маъшуқа, дар раҳи пурпечутоби муҳаббат матонату ҷавонмардии дилдору ишқи поку беолоиши дилдодагонро васф карда, таъкид месозад, ки муҳаббат мисли ойина бояд софу тоза бошад. Дар ин роҳи пурпечутоб бояд мардонавор қадам зад ва барои ба мақсад расидан ба ҳамаи азобу шиканҷаҳо тоб овард.

Агар ба ин ғазал аз нигоҳи фалсафию ирфонӣ нигарем, мақсад ҳамон ишқи пок ба холиқи ягона аст, ки дигар шоирони аҳли тасаввуфи адабиёти классики форсу тоҷик дар эҷодиёташон нигошта буданд.

Дар ғазали зерини шоир мавзуи ишқу муҳаббати самимии инсонӣ бо ҳунари баланди шоирона тасвир ёфтааст. Шоир афсурдагию раҳпойиҳои ошиқро ба сармои зимистону лаззати дидори маҳбубаро ба шукуфтанҳои фасли баҳор ташбеҳ додааст:

Дами сармои дай гарчӣ чаманро кард афсурда,
Барои навбаҳори гул замони барг мебояд.
Биё, бо мӯраи ишқаш ду оламро бибоз, эй дил,
Ки ишқаш покбозонро аз ин сон нард мебояд.
Насимиро ба дарди худ давое бахшу дармон кун,
Ки ҷони дардмандонро ҳамеша дард мебояд [4, с.93].

Дар шеъри дигари худ шоир аз санъати ташбеҳ моҳирона истифода намуда,рӯйи дилбарро ба офтобу моҳтоб монанд кардааст. Зебогию сиёҳии зулфи маъшуқаро бошад, ба шаби деринтизор - шаби қадр монанд кардааст:

Эй сари зулфат, ки рӯяш кас намебинад ба хоб,
Дар таб аст аз тобиши хуршеди рӯят офтоб.
Олам аз нури тачаллӣ кард нуронӣ рухат,
Гарчи зулфат чун шаби қадр асту рӯят моҳтоб [4, с.54].

Шоир дар суннати ғазалсароӣ бештар ба барҷастатарин шоирони классикии форсу тоҷик Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ,аз ҷумла ба Ҳофизи Шерозӣ пайравӣ намудааст.

Ҳофизи Шерозӣ:

Киштишикастагонем, эй боди шурта, бархез,
Бошад, ки боз бинем дидори ошноро [10, с.41].

Имодуддин Насимӣ:

Агарчи киштии тан бишканад чӣ бок онро,
Ки боди шуртаи фазли ту бар карон андохт? [4, с.68].

Ҳофизи Шерозӣ:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр [10, с.237].

Имодуддин Насимӣ:

Такя кун бар фазли Ҳақ, эй дил, зи ҳичрон ғам махӯр,
Васли ёр ояд шавӣ з-он хуррам, эй ҷон, ғам махӯр [4, с.151].

Кулли адибону шоирони адабиёти классики ҷаҳон дар осори худ ғояи инсондӯстиро дар мадди аввал гузошта, тамоми хислатҳои бади инсонӣ, аз қабили ҳарисӣ, ҳасаду бухл, худписандию золимиро маҳкум намуда, мавриди танқиду мазаммат қарор додаанд.

Аз таҳқиқи масъала маълум гардид, ки дар ашъори Имодуддин Насимӣ мавзуи ишқу муҳаббати инсонӣ мавқеи хосса дошта, баъзан шеърҳои шоир мазмуну оҳангҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқӣ касб намудаанд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки шоир нишоту тараб ва неъматҳои зиндагиро маҳкум месозад. Аммо дар асл Насимӣ тавассути ашъори гуногунранги худ одамонро ба худшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, адолату накукорӣ ҳидоят мекунад:

Гавҳари дарёи ваҳдат одам аст, эй одамӣ,
Гар чу одам сирри асморо бидонӣ, одамӣ.
Ҷон агар хонам туро, бошад бад-ин маънӣ дуруст,
К-аз сари таҳқиқ медонам, ки ҷони оламӣ.
Дар рухи одам, ки ҳаст ойинаи гетинамо,
Сурати ҳақро ба чашми ҷон бубин, гар маҳрамӣ [4, с.178].

Шоир таъкид месозад, ки ҳаёти одамӣ ҳамеша якмаром нест, дар он рӯзҳои гарму сард, пастию баландиҳо, шодию тараб ва андуҳу ноумедиҳо пайдарҳаманд. Шоир таъкид месозад, ки аз ҳама сарвати қиматтарину арзишманд барои инсон ин маънавиёту фарҳанг ва саломатию тандурустист. Вале баъзе касон ин неъматҳои инсониро нодида гирифта, қудрату тавоноии худро дар айшу ишрат ва мардумозорӣ мебинанд. Аз ин рӯ, бояд шахс хазинаву сарвати худро аз маърифату кирдорҳон нек ғанӣ гардонад, чунки ҳама чиз гузарандаву ҳаёт бебақост:

Аз хаёли бешу кам фориғ шаву осуда бош,
То ба кай дар фикри он бошӣ, ки бешӣ ё камӣ.
Ранги Фиръавниву Намрудиву Даҷҷолӣ чу рафт,
Ҳам Халилу ҳам Калиму ҳам Масеҳи Марямӣ.
Дар биёбони таҳайюр волаву саргаштаанд,
Ҳайдариву Аҳмадиву Жандапӯшу Адҳамӣ.
Гар бубинӣ сурати худро ба чашми маърифат,
Равшанат гардад, ки ҳам Ҷамшеду ҳам Ҷоми Ҷамӣ.
Кай шавад равшан ба хуршеди рухи ӯ чашми ту,
К-аз муҳити маърифат нодида чун як шабнамӣ [4, с.178].

Имодуддин Насимӣ зиндагии хоксоронаю фақиронаро беҳтар аз ҳамаи сарвату боигарӣ медонад. Ба ақидаи шоир тамоми ҷангу низоъҳои дунёӣ ба хотири ҳамин пулу мол ва сарвати ночиз сар мезанад.Дар ашъори шоир ақлу хираду комили инсонӣмавқеи аввалиндараҷа дорад.

Ба қавли шоир инсон бояд дар ҳама ҳолат далеру шуҷоъ ва муборизи қисмати худ бошад. Насимӣ ин ҷасоратро дар худшиносӣ ва шинохтани ҳақ меҳисобад. Рӯҳи инсон чун як муаммои сарбаста дорои ҳазору як асрори нуҳуфта аст, ки касе то ба ҳол он асрорро кушода наметавонад.

Шоир тавассути осори гаронарзиши худ одамонро ба илмомӯзию маърифатнокӣ ва ҷасурию ғаюрӣ даъват менамояд ва таъкид месозад, ки тамоми гирудори ҳаёт омӯхтанист ва бояд баҳри расидан ба орзую омолҳои худ кас бояд саъю талош намояд.

Аз нигоҳи шоир инсон бояд фикри молу сарватро аз сараш дур карда, айёрию диловариро пеша намояд:

Муштоқи гул аз сарзаниши хор натарсад,
Ҳайрони рухи ёр зи ағёр натарсад.
Айёри диловар, ки кунад тарки сари хеш,
Аз ханҷари хунрезу сари дор натарсад.
Ай толиби ганҷу ҳунар, аз мол маяндеш,
Ганҷу гуҳар он бурд, ки аз мор натарсад [4, с.80].

Саид Имодуддин Насимӣ ашъори худро дар муқоиса бо дигар шоирони ҳамзамонаш эҷод намуда, шоир бештар ба масоили муҳимми афкори иҷтимоию фалсафӣ ва адабию бадеӣ рӯ овардааст.

Имодуддин Насимӣ яке аз шоирони аҳли тасаввуф ва баъдан аз пайравони ҷараёни ҳуруфия буд. Яъне, ақоиди ҳуруфӣ ва ғояҳои фалсафию тасаввуфӣ ба ашъори шоир таъсири хеле назаррас гузоштааст.

Саид Имодуддин Насимӣ шефтаю ҷонибдори мазҳаби Мансури Ҳаллоҷ буда, дар ашъораш аз ӯ ёд кардааст. Ба қавли Атоуллоҳи Тадайюн “Насимӣ аз шефтагони мактаби Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ буду сароҳати лаҳҷаро ба қавли Ҳамид Муҳаммадзода, ки девонашро чоп кардааст, ба ҷое мерасонад ва сирри Аналҳақро он қадар фош мегӯяд, ки аз Мансур низ мегузарад ва ба қавли шоир, агар Мансур зинда буд, аз сари тақсири вай намегузашту ба хунаш фатво медод!” [5, с.38].

Ин аст, ки худи шоир дар ин хусус чунин байте дорад:

Гар аналҳақҳои моро бишнавад Мансури маст,

Ҳам ба хуни мо диҳад фатвову ҳам дор оварад [4, с.88].

Имодуддин Насимӣ нерую ҷаҳонбинӣ ва донишу малакаи инсонро беохиру баландмоя баҳогузорӣ намудааст. Яъне, ҳамин донишу хирад аст, ки шаъну шарафи инсониятро боло бардошта, дар замираш ҳисси худшиносиро зинда гардонида, ниҳоят ӯро ба Ҳақ мерасонад.

Тибқи ақоиди ҳуруфиён Инсон худ Худост. Ва Саид Имодуддин Насимӣ низ ҷонибдори ин ақида буд. Шоир қайд мекунад, ки Худо дар тамоми ашёву ҳастии олам таҷассум ёфтааст:

Ман ба тавфиқи Худо раҳ ба Худо ёфтаам,
Фонӣ аз худ шудаву раҳ ба худо ёфтаам.
Дар шифохонаи Руҳал-қудс аз дасти Масеҳ,
Хӯрдаам шарбати шофиву шифо ёфтаам.
Агар аз Каъба ба бутхона равам айб макун,
Ки худоро ба ҳақиқат ҳама ҷо ёфтаам [4, с.166].

Имодуддин Насимӣ таъкид мекунад, ки агар инсон хоҳад бо ақлу заковат ва қудрати худ метавонад дунёи дигареро созад:

Он к - ӯ назар ба рӯйи ту карду Худо надид,
Маҳрум шуд зи ҷаннату анду лиқо надид.
Бино набуд маърифат, эй ҷон, куҷо шавад
Он дидае, ки дар ҳама ашё туро надид?! [5, с.9].

Ба ақидаи Насимӣ, ҳар касе, ки ба дарки ҳақиқат расидан мехоҳад, бояд кӯшиш намояд, ки инсон ва майлу кӯшишҳои ӯро ба ҷониби зебоиву накукорӣ дарк намояд. Зеро инсон барои Насимӣ меҳвари олам ва сириштаи аслии мавҷудияти он мебошад [8, с.68].

Гавҳари ганҷи ҳақиқат ба ҳақиқат моем,
Нури зоти ҷабурутем, ки дар ашёем.

Гар талабгори Худоеду надоред инкор,
Аз сари сидқ биёед, ки то бинмоед.
Гар сари ришта дуто шуд, макун андеша ғалат,
З-он, ки дар олами тавҳид ҳама яктоем.
Ай, ки аз кӯйи ҳақиқат хабаре металабӣ,
Бар дари маърифат о, то, ки дарат бикшоем.
Ай Насимӣ, чу шудӣ нуқтаи паргори вуҷуд,
Чанд чун доираи чархи ҷаҳонпаймоем? [4, с.161].

Тасвири табиату фаслҳои сол яке аз мавзуъҳои меҳварию марказии осори адибони форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, онҳо дар осори худ зебоиҳои табиат ва фаслҳои солро васфу тараннум намудаанд. Насимӣ низ чун дигар шоирон дар ин мавзуи анъанавӣ суханпардозӣ намудааст.

Масалан, шоир дар шеъри зерини худ фасли зеботарини сол – баҳорро бо ҳама зебоию тароваташ чунин васф намудааст:

Баҳор омад, баҳор омад, баҳори сабзпӯш омад,
Раҳо кун фикри хом, эй дил, ки май дар хум ба ҷӯш омад.
Лаби соқиву ҷоми май, миёни боғу фасли гул,
Ғанимат дон, ки аз ғайбам саҳаргаҳ ин ба гӯш омад [4, с.85].

Шоир омадани фасли баҳори сабзпӯшро бо шавқу завқи хосса ва нишоту хушҳолӣ тасвир намуда, хонандаро аз омадани баҳори дилоро мужда медиҳад. Насимӣ тавассути ин гуна ашъори васфияомези худ одамонро таъкид месозад, ки аз банди фикру ташвишҳои рӯзгор раҳо ёфта, барои оромиши руҳу қалби худ рӯ ба табиат оварда, аз накҳату таровати табиати биҳиштосо, гулу чаҳ - чаҳи булбул лаззат баранд.

Насимӣ даридомаи ғазал баъди тасвири манзараҳои табиат, баёни афкори фалсафии ошиқона, ба мавзуи маю бодапарастӣ рӯ оварда, таъкид менамояд, ки баҳору зебогиҳои онро бидуни савти ҳазору ҷамоли дилбарони дилфиреб ва сархуш шудан аз маю бода набояд сипарӣ кард:

Маро бе ишқи маҳрӯён бақои сар намебояд,
Ки сар беишқ бар гардан кашидан бори дӯш омад.

Макун оҳ, эй дили пурғам, бипӯш асрори дил маҳкам,
Ки номаҳрам хатобин аст, мебояд хамӯш омад.
Насимӣ, толаби ҷонону ҷоми май бувад дигар,
Ба зуҳди хушки беҳосил нахоҳад сирфурӯш омад [4, с.85].

Хулоса,Саид Имодуддин Насимӣ аз шоирони маъруфи замони худ буда, ӯро метавон бо осори гаронмояш яке аз муаллимони маъруфи сухану маънӣ дар ҷаҳони пайравони ҳуруфия ном бурд. Ӯ бо осору хизматҳои худ дар илму адаби Шарқ мақоми воло ва босазоеросазовор гаштааст. Осори шоир то имрӯз ба забонҳои туркӣ, русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, итолиёӣ ва олмонӣ тарҷумаю ба нашр расидаанд.

Имодуддин Насимӣ бо тарзу услуби нигориши худ дар таърихи адабиёти форсу тоҷикмақоми хосса дошта, ӯро ҳамчун устоди ғазалсаро мешиносанд. Дар ашъори Саид Имодуддин Насимӣ ғазал мавқеи асосӣ дошта, мазмун ва муҳтавои он маъноҳои зиёдеро фаро гирифта, бо корбурди санъатҳои гуногуни лафзию маънавӣ ва вазну қофиябандии суннатии адабиёти классикии форсу тоҷикэҷод шудаанд.

Насимӣ ҳамчун шоири ғазалсаро дар ашъори худ ба хираду заковати инсон боварӣ дошта, тамоми ҳаёт бар зидди ҷоҳилию беадолатиҳои замон бо сухан ва иродаи комил мубориза бурдааст. Қобили зикр аст, ки осори шоир ба фонди захираҳои фарҳангии ҷаҳонӣ шомил буда, офаридаҳои ӯ имрӯзҳо мавриди омӯзишу таҳқиқоти адабиётшиносону файласуфон ва забоншиносон қарор гирифтааст.

Муқарриз: ***Собиров Ҳ.*** – номзади илмҳои филология, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Восеъ, Қ. Ойини риндӣ ё маслаки Ҳофиз / Қ.Восеъ. - Душанбе: Ирфон, 1991. - 192 с.
2. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. - Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
3. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р.Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
4. Насимӣ. Девон. Таҳия ва таҳқиқи Қурбон Восеъ ва Рухшона Восеъ. - Душанбе: Эр-граф, 2019. - 252 с.
5. Насимӣ, Имомиддин Сайид Алӣ. Боғи чашм (дафтаре аз ғазалу рубоиёт) / Имомиддин Сайид Алии Насимӣ. Таҳия, тадвин ва муқаддима аз Исфандиёр. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 112 с.
6. Самад, В. Насими атрогин / В.Самад // Маориф ва маданият, 1973, №9.
7. Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷ.2 / З.Сафо. - Душанбе, 2003. - 318 с.
8. Нуъмонпур, Ш. Даҳ санаи ачиб аз зиндагонии шоири бузург Имодуддин Насимӣ / Ш.Нуъмонпур // Адаб, 2019. - №2.
9. Ҳазратқулов М. Тасаввуф / М.Ҳазратқулов. – Душанбе, 1987. – 128 с.
10. Ҳофизи Шерозӣ. Девон. Дар таҳия ва таҳрири Шарифмурод Исрофилниё ва Мубашшир Акбарзод. - Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.
11. Ҳодизода, Р. Тасаввуф дар адабиёти форс - тоҷик / Р.Ҳодизода. - Душанбе, 1999. – 187 с.
12. Ҳазор ғазал аз сад шоир. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 599 с.
13. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик [асри Х] / С. Ҳалимов. – Душанбе, 1979. - 101 с.
14. Ширинбонуи Исматуллоҳ. Дафтари ишқ [Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ] / Исматуллоҳ Ширинбону. – Душанбе: Ирфон, 2007. - 144 с.
15. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992 – 184 с.
16. Саидҷаъфаров О.Ш. Вожаҳои калидӣ ва нақши онҳо дар офариниши мазомини нав дар ғазалиёти Саъдӣ / О.Ш. Саидҷаъфаров, М.А. Абдулманнонзода // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - №2. – С.186-193.

МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ ҒАЗАЛИЁТИ САИД ИМОДУДДИН НАСИМӢ

Имодуддин Насимӣ тахминан солҳои 1369-1370 дар шаҳри Шимохии Озарбойҷон таваллуд шудааст. Номи аслии ӯ Саид Имодаддин буда, бо тахаллусҳои адабии Насимӣ ва Ҳусейнӣ шеърҳо эҷод кардаю машҳур гардидааст. Саид Имодуддин Насимӣ шоир ва орифи барҷастаи мактаби ҳуруфия буда, таълимоти ин маслакро аз устоди худ, асосгузори ҷараёни ҳуруфия Наимии Астарободӣ гирифтааст. Аз осори шоир ду девон бо забонҳои озарӣ ва форсӣ, ки фарогири ғазал, қитъа, маснавӣ, фард, рубоӣ ва дубайтӣ мебошанд, ба мерос мондааст. Ҳамчунин, дар эҷодиёти Имодуддин Насимӣ байтҳои пароканда бо забони арабӣ низ дида мешавад, ки ишора ба соҳиби девони арабӣ будани шоир мебошад. Имодуддин Насимӣ дар жанрҳои гуногуни ғиноӣ, аз қабили қасидаю маснавӣ ва ғазалиёту қитъаот шеърҳо эҷод намудааст. Аммо ғазал дар эҷодиёти Насимӣ мақоми аввалиндараҷа дорад. Мавзуоти асосии ғазалиёти шоирро асосан Худою Инсон, ишқ, ҷому бода, дину оин, зебогиҳои ҳаёт, танқиди замона, мардию мардонагӣ, молу ҷоҳпарастӣ, вазъи иҷтимоии замона, беадолатию золимии ҳокимони давр, фиребу дасисакорӣ ва амсоли инҳо дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: адабиёти озар, ашъори Насимӣ, ғазал, дини ислом, ҷараён, тасаввуф, ҳуруфия, Худо, Инсон, мавзуъ, ишқ, табиат, беадолатӣ, ҷому бода.

ТЕМА И СОДЕРЖАНИЕ ГАЗЕЛЕЙ СЕИДА ИМАДЕДДИНА НАСИМИ

Имадеддин Насими родился в 1369-1370 году в городе Шемахе, в Азербайджане. Сеид Имадеддин Насими первые свои произведения подписывал псевдонимом Хусейни и Сеййид. Начало творчества

Насими совпало со временем распространения в Азербайджане идей хуруфизма. Насими, подобно своего учителю Наими, стал последователем хуруфизма. Из творчества этого известного поэта и мыслителя до нас дошли его два «Дивана» на персидском и азербайджанском языках, которые состоят из фарда, рубаи, дубайти, кит'а, газелей и других лирических жанров. Произведения Имададдина Насими также содержат отдельные стихи на арабском языке, и это указывает на то, что у поэта также был «Диван» на этом языком. Насими стал первым поэтом в истории азербайджанской литературы, писавшим любовные лирические стихи, то есть газели на азербайджанском языке. Газель занимает видное место в творчестве Насими. Основными темами газелей поэта являются бог, человек, любовь, жизнь, мужественность, социальная ситуация, тирания и несправедливость. Поэзия Насими, создающая полное представление о политической картине эпохи с силой философско-художественного мышления, - это уникальный, грандиозный мир, освещающий темные страницы истории. В творчестве Насими воплощаются человек и Вселенная, самое высочайшее художественно-философское выражение духовного мира человека.

Ключевые слова: азербайджанская литература, ислам, течение, мистицизм, хуруфия, Бог, Человек, поэзия Насими, газель, тема, любовь, природа, несправедливость.

GAZELLE THEME OF SEYID IMADEDDIN NASIMI

ImadeddinNasimiwas born in 1369-1370 in Shamakhi city of Azerbaijan. SeyidImadeddinNasimi signed his fist works with the pseudonym Husseini and Seyyid. The beginning of Nasimi's work coincided with the spread of the ideas of Hurufism in Azerbaijan. From the work of this famous poet and thinker, his two "Divans" in Persian and Azerbaijani reached us, which consist of farda, rubai, dubayti, kit`a, gazelles and other lyric genres. The works of ImodaddinNasimi also contain separate verses in Arabic, and this indicates that the poet also had a "Divan" in this language. Nasimi became the first poet in the history of Azerbaijan literature, who wrote love lyric poems (gazelles) in Azerbaijani language. Gazelle occupies a prominent place in Nasimi's work. The main themes of the poet's gazelles are God, Man, love, life, manhood, the social situation, tyranny and injustice. Nasimi's poetry, which creates a complete representation of political picture of the era with the power of philosophical and artistic thinking, is a unique, grandiose world that illuminates the dark pages of history. Nasimi'swork incarnate the Man and the Universe – the highest artistic and philosophical expression of the spiritual world of a Man.

Key words: Azerbaijani literature, Islam, movement, mysticism, Hurufiya, God, Man, Nasimi poetry, gazelles, theme, love, nature, injustice.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сулаймонова Насима Салоҳиддиновна*** – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, мутахассиси бахши маркетинги иҷтимоии Хадамоти ректор, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ. **Суроға:** 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 139. Тел.: **(+992) 918-59-57-83**

Сведение об авторе: ***Сулаймонова Насима Салохиддиновна*** – Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибн Сино, специалист отдела социального маркетинга ректората, соискатель кафедры теории и истории литературы ТГПУ им. С. Айни. **Адрес:** 734017, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 139. Тел.: **(+992) 918-59-57-83**

Information about the author ***Sulaymonova Nasima Salohiddinovna*** - Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino, specialist of the social marketing department of administration, applicant for the department of theory and history of literature TSPU named after S. Aini**. Address:** 734017, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 139. Tel.: **(+992) 918-59-57-83**

УДК: 8 т.82+1/14

САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ АЗ НИГОҲИ ШИБЛӢ ВА ШАМИСО

Баёнов М.Б.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Доир ба ҳаёту эҷодиёти рубоисарои машҳур Саҳобии Астарободӣ дар «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ [11], «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ [1], «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробан Доси Хушгӯ, «Сарви озод»-и Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар [8], «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва «Риёз-ул-орифин»-и Ризоқулихони Ҳидоят [13, 15], «Таърихи адабиёти форсӣ»-и Ҳерман Эте [12], «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо [9, с.10], «Фарҳанги суханварон»-и Хайёмпур, «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ»-и Сируси Шамисо [17], «Шеър-ул-аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ [4, 5, 6, 7], Энсиклопедияи советии тоҷик» [18] ва дар дигар манбаъҳои адабию таърихӣ ва илмӣ маълумот оварда шудааст. Мутаассифона, қариб ҳамаи сарчашмаҳои фавқуззикр такрори якдигаранд. Аммо тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ доир ба Саҳобӣ маълумоти бештару эътимодноктар медиҳад. Аллома Шиблии Нуъмонӣ ва Сируси Шамисо дар таҳқиқоти илмии худ дар радифи дигар шуаро ба Саҳобӣ низ баҳои баланд медиҳанд. Дар сарчашмаҳои дар боло зикршуда Саҳобии Астарободӣ ҳамчун шоир, ориф ва файласуф зикр гардида, бешак шоири машҳури рубоисаро мавриди эътирофи ҳамзамонон ва шоирони баъдӣ будааст. Аммо нуктаи мавриди таваҷҷуҳ он аст, ки Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам», ки аз ҷониби олимони Ғарбу Шарқ таҳқиқоти пуразриш эътироф гардидааст, Саҳобиро дар қатори Мавлавӣ, Ироқӣ, Аттор, Саноӣ, Авҳадӣ, Урфӣ, Назирӣ, Носири Хусрав ва дигар бузургон зикр карда, баҳои баланд медиҳад. Ҳамчунин, Шиблӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» масъалаҳои гуногуни фалсафиро мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода, дар чанд маврид аз рубоиёти Саҳобӣ барои исботи фикраш оид ба ин ё он масъала далелҳо низ пеш меовард, ки баёнгари таваҷҷуҳ доштани ин олим ва адабиётшиноси машҳур ба ашъори вай мебошад. Масалан, ӯ масъалаи ҷабру қадарро мавриди баҳс қарор дода, онро бо як байти фалсафии Саҳобӣ ҷамъбаст намудааст. Чунончи: «Дар масъалаи ҷабру қадар арбоби ихтиёр баъд аз ғавру фикри зиёд чунин истидлол кардаанд, ки ирода чун феълест ихтиёрӣ, лизо наметавон инсонро маҷбур донист, вале Саҳобӣ пардаи ғалат будани ин истидлолро чунин фош кардааст:

Бе ҳукмаш нест ҳарчи сар зад аз мо,
Маъмураи ӯст нафси аммора» [7, с.211].

Воқеан шоир қазову қадарро марбут ба Худо медонад. Аммо ӯ ин масъаларо дар дигар рубоиёташ ба баҳс мекашад, ки чаро Худованд некиҳоро ба худ марбут гардонид? Ҷаҳонбинии Саҳобӣ ба мисли ҷаҳонбинии Хайём нест, ки инсонҳоро ҳамеша ба шодию нишот ташвиқ намояд, аммо гоҳ-гоҳ мушоҳида мешавад, ки дар рубоиёташ ба ҷаҳонбинии Хайём такя мекунад. Албатта, ин масъала мавзуи баҳси дигар аст.

Шиблии Нуъмонӣ дар боби «Шоирии файласуфона» ва бахши «Аз миён рафтани ҷангу низоъ бар асари тарки худӣ» андешаҳояшро баён намуда, байте аз Саҳобӣ истинод мекунад: «Дар миёни афроди инсон ё милалу ақвом ҷанг ва низое, ки дида мешавад, иллати аслии он дар аксари мардум худхоҳӣ ва худпарастист. Як нафар бад-ин ҷиҳат бо душман меҷангад, ки барои ӯ сар фуруд намеовард, аз нуктачинӣ барои ин норозӣ ва ранҷидахотир мешавад, ки дар камолаш хадша меояд. Дигаронро барои ин таҳқир мекунад, ки то азаматаш собит бишавад. Бинобар ин, агар инсон аз худӣ ва шахсият бозбиёяд, тафриқаи байни дӯсту душман, ягонаву бегона ё неку бад бакуллӣ аз миён меравад. Саҳобӣ ин нуктаро чунин адо кардааст:

Рафтам зи миён ману яке шуд ду ҷаҳон,
Девор фитод, он сӯю ин сӯй намонд» [7, с.570].

Дар бахши “Таҳқири фуқаро ва мазаммат аз давлатмандӣ” низ пас аз таҳлилу баррасиҳо як байт аз Саҳобӣ мисол оварда, чунин хулоса кардааст: “Ин ки умаро бенавоёнро таҳқир мекунанд, шакке нест, ки ба воситаи нахват ва ғурури онҳост, лекин фуқаро, ки сарват ва давлатро ҳақир мешуморанд ва ин корро ҳамчу тасаввур мекунанд, ки бар асари назари баланд ва улувви ҳиммати онҳост, ин ҳам саҳеҳ нест ва ҳақиқат ин

аст, ки инсон ҳар чиро, ки фоқид аст бар он ҳасад мебарад ва ин зоҳир аст, ки неъмату иззат, айшу ишрат ё ҷоҳу ҳашмате, ки барои умаро ҳосил аст, фуқаро аз он маҳрум ва бебаҳраанд ва лизо табиати инсонӣ худ ба худ омода мешавад, ки ин чизҳоро ҳақир собит кунад, то аз садама ва ранҷи фуқдони он худро халосӣ бахшад. Саҳобӣ ин нуктаро дар як рубоӣ адо карда, ки шеъри дувумаш ин аст:

Алқисса, ки ағроз агар бишносӣ,
Бар фақр зи кибру бар ғано аз ҳасад аст" [7, с.562].

Ҳамчунин, Шиблӣ дар бахши "Дар баёни умури олами ғайб" дар баробари истифода аз ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, инчунин аз Саҳобӣ низ истифода кардааст: «Аммо ҳазароти суфия он чӣ аз умур ва вақоеъ марбут ба олами ғайб аст, мегӯянд фаҳму идроки мо дар он роҳ надорад ва аз фаҳми ҳақиқати он оҷизем. Зеро ки ақли инсонӣ сивои маҳсусот чизеро наметавонад тасаввур кунад ва ҳарф ин ҷост, ки олами ғайб ва бад-ин ҷиҳат вақоеъ ва умур он ҷо дар перояи маҳсусот адо шудааст. Румӣ онро чунин ташбеҳ мекунад:

Чун ки бо кӯдак сару корат фитод,
Ҳам забони кӯдакӣ бояд кушод.
Кам нагардад фазли устод аз улӯ,
Гар «алиф чизе надорад», гӯяд ӯ.

Яъне, агар як нафар устоди олимақом ба бача ҳангоми омӯхтан бигӯяд, «алиф холӣ», ба фазлу камолаш садама намерасад. Саҳобӣ чунин мегӯяд:

Гар з-он ки падар забони кӯдак гӯяд,
Оқил донад, ки он падар кӯдак нест» [7, с.540].

Аз иқтибосоти боло маълум мегардад, ки Шиблӣ бо ашъори Саҳобӣ ошноии амиқ дошта, барояш писандида будааст, ки ҷиҳати исботи афкори фалсафиаш аз онҳо ба маврид истифода кардааст. Таърифу тавсифаш низ нисбат ба ӯ бардошт аз навиштаи дигарон набуда, балки шоирро аз мутолиаи худ ва қазоваташ баҳо додааст.

Шиблӣ дар мавриди аз қайди дунё ва шуҳратталабӣ озод будани шоирони мутасаввиф андешаронӣ намуда, Саҳобии Астарободиро дар қатори Мавлавӣ, Ироқӣ, Мағрибӣ мисол меовард. Чунончи: «Таъсироти гуногуне, ки тасаввуф дар шеъру шоирӣ бахшида, шарҳи он бад-ин қарор аст: Шуарои мутасаввифа чун аз қайди дунё ва шуҳратталабӣ фориғ ва озод буданд, лизо қасидагӯӣ, ки саросари он хушомад ва тамаллуқ буд, мавқуф гардид. Мавлавӣ, Ироқӣ, Мағрибӣ ва Саҳобӣ ҳар кадом девоне, ки доранд, дар он девон қасида ҳеҷ нест. Ҷомӣ қасоиди зиёде гуфта, лекин камтар забонашро ба мадҳи ашхос олуда кардааст» [4, с.121].

Дарвоқеъ, Саҳобӣ шоири маддоҳ нест ва шеърро василаи маош қарор надодааст. Дар ашъори ӯ мадҳи боён, амирону подшоҳони давр дида намешавад. Ҳатто дар маснавии ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидааш низ мадҳу ситоиши шоҳ ба назар намерасад, балки мазмуни ин маснавӣ пандуахлоқист.

Шиблии Нуъмонӣ Саҳобиро яке аз шоирони файласуфи замонаш, яъне охири асри XVI ва аввали асри XVII эътироф мекунад: «Баъд аз Низомӣ афкор ва хаёлоти фалсафӣ умумият пайдо намуд, лекин ба воситаи ҳамалоти тотору муғул то сесад сол иғтишош ва ноамнӣ дар Эрон ҳукмфармо буда ва лизо ҷараёни шоирии фалсафӣ мутаваққиф гардид. Вақте ки хонадони Сафавия ба рӯйи кор омаданд, он вақт фалсафа дар ҳама ҷо бинои ишоат ва интишорро гузашт. Ҳарчанд дар ин вақт касе аз ҳайси фалсафа ба шоирӣ намепардохта, лекин агар шуаро он чӣ мегуфтанд, дар сибғаи фалсафа будааст. Хусусан дар каломи Саҳобӣ, Урфӣ, Назирӣ ва Ҷалоли Асир дар ҳар маврид ранги фалсафа намоён аст. Алфози фалсафӣ ба касрат дар забонҳо дохил гардид, ки агар онҳоро ҷамъ кунанд, фарҳанги мухтасаре дар фалсафа хоҳад буд» [4, с.180]. Дар ин маврид Сируси Шамисо бо истинод ба китоби «Тарабхона»-и Ҳумоӣ менависад, ки Саҳобии Астарободӣ охирин шоири маъруф аст, ки рубоиёти фалсафӣ гуфтааст.

Тавре ки зикр карда шуд, Саҳобӣ рубоисарои хеле машҳур аст. Дар бобати рубоисароии Саҳобӣ тазкиранигорон ва муҳаққиқон фикрҳои гуногун ироа карда, шумораи рубоиёти ӯро 6 000, 12 000, 20 000, 50 000 ва ҳатто аз 70 000 то 170 000 навиштаанд. Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ иддае аз шоирон ба сабаби зиёд будани рубоиёташон ё ба сабабҳои дигар, девони махсуси рубоиёт тартиб додаанд. Масалан, Аттори Нишопурӣ бо номи «Мухторнома» девони рубоиёт дорад. Ҳамчунин,

Авҳадуддини Кирмонӣ маҷмуаи рубоиёти алоҳида дорад, ки аз маҷмуаи рубоиёти ӯ нусхаҳои башумор мондааст ва ахиран соли 1366 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба кӯшиши Абумаҳҷуб чоп шудааст. Ва ё Зуҳурии Туршезӣ маҷмуаи махсуси рубоиёт дорад, ки соли 1388 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд рӯйи чоп омадааст. Саҳобии Астарободиро низ девони рубоиёташ ҷудо аз девони ғазалиёташ аст. Дар эҷодиёти ӯ рубоӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад, агарчи дар жанрҳои ғазал, маснавӣ ва ҳатто наср низ қувва озмудааст, вале асосан бо рубоиёти ошиқонаву орифонааш машҳур аст ва дар кулли сарчашмаҳо ҳамчун рубоисаро номбар мешавад ва гоҳе дар баробари рубоисарои машҳур таъкид шудан, ғазалсароияш низ таъкид гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки аксари орифон андешаҳои ҳакимонаи худро тавассути рубоӣ баён доштаанд, зеро қолаби рубоӣ барои изҳори андешаҳои орифона мувофиқ ва мутобиқ аст. Ҳамин аст, ки Саҳобӣ дар даврони чандон гарм набудани бозори рубоӣ рӯ ба ин жанри адабӣ овардааст. Дар «Шеър-ул-Аҷам» масъалаи мазкур чунин матраҳ шудааст: «Рубоӣ дар асри мазбур тараққиёти босазо намуд, ки ҳатто метавонад он аз ин имтиёз бар худ биболад. Тамоми масоили фалсафа дар рубоӣ баён шуд. Саҳобии Астарободӣ, муосири Акбаршоҳ ва дар Наҷаф муътакиф буд, дасткам ҳафтод ҳазор рубоӣ навишт, ки саросар мамлӯ аз фалсафа аст. Яке аз мунтахаботи ӯ ҳовии ҳафт ҳазор рубоӣ дар назди мо мавҷуд аст ва мо дар бахши чаҳоруми китоб («Шеър-ул-Аҷам») дар ҷое, ки дар шоирии фалсафиёна баҳс мекунем, аз каломи ӯ ба таври интихоб пеш хоҳем кашид» [5, с.18]. Аз иқтибоси боло маълум мегардад, ки Саҳобӣ воқеан дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ шоире мебошад, ки рубоии зиёд сурудааст. Таҳқиқи мо дар куллиёти Саҳобии Астарободӣ, ки дар Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллии Эрон таҳти №1087 маҳфуз аст, исбот намуд, ки воқеан Саҳобӣ рубоиёти зиёд сурудааст. Дар ин дастхат 6 255 рубоии шоир мавҷуд буда, дар аввали он рисолаи «Урват-ул-вусқо» ва дар охири он маснавии кӯтоҳе мавҷуд аст. Ин девони рубоиёт бо ҳуруфи хурд навишта шуда, аз 265 саҳифа иборат мебошад. Сируси Шамисо барҳақ зикр мекунад, ки аз қарни VIII ба баъд, ки давраи таназзули сабки ироқист, ба рубоӣ таваҷҷуҳ нашуд. Ҳатто аз Ҳофиз низ ба монанди Саъдӣ рубоиёти хубе дар даст нест. Дар сабки ҳиндӣ низ рубоӣ ҷилвае надошт, зеро шоирони ин сабк бештар ба ғазал ва муфрадот таваҷҷуҳ доштанд ва дар банди он буданд, ки абёти парокандаи баланд биофаранд. Ҳол он ки рубоӣ шеъри ваҳдат аст ва ҳар чаҳор мисраи он дар хидмати як мазмун аст. Бо ин ҳама дар ин давра исми Саҳобии Астарободӣ дар рубоипардозӣ маъруф аст [17, с.46]. Ҳамчунин, Шамисо дар китобаш «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ» менависад: «Валҳақ бархе аз рубоиёти ӯ (Саҳобӣ; Б.М.) латиф аст» ва ду рубоии ӯро истинод кардааст:

На меҳри ту дар дили ҳазин мегунҷад,
На номи ту дар ҳеҷ нигин мегунҷад.
Ҷонат хонам, агарчи бешӣ, чӣ кунам,
Дар қолаби гуфтор ҳамин мегунҷад.

Эй даъвии ишқ карда, оини ту ку?
Қатъи назар аз ақл дилу дини ту ку?
Эй дам зада аз доғи сафо лоласифат,
Пироҳани чок-чоки хунини ту ку? [17, с.107].

Сируси Шамисо дар мавриди омезиши рубоиёти Хайём ва Саҳобӣ андеша ронда, дар такя ба «Тарабхона»-и Ҳумоӣ ишораи ҷолибе дорад: «Рубоиёти Саҳобӣ ба тарзу услуби рубоиёти Ҳаким Умари Хайём мебошанд. Ба ин ҷиҳат, ҷамъе аз маҷмуанависони мутааххир ба иштибоҳ афтода ва қисме аз гуфтаҳои ӯро ба Хайём нисбат додаанд» [17, с.108]. Тибқи таҳқиқоти Сируси Шамисо чанд рубоии Аҳлии Шерозӣ ва Саҳобии Астарободӣ ба номи Хайём шуҳрат ёфтаанд [17, с.194]. Баъзе рубоиёти Саҳобиро ҳатто дар миёни рубоиёти Абӯсаиди Абӯлхайр, Бобо Афзалуддини Кошонӣ низ дучор шудан мумкин аст. Масалан, рубоии зер ҳам дар «Девони ғазалиёт»-и Саҳобӣ ва ҳам дар «Девони ашъор»-и Ибни Ямин бо каме тағйирот дар мисраи якум, сеюм ва чорум сабт гаштааст:

Аз девони Саҳобӣ:

Як лаҳза чароғи орзуҳо пуф кун,
Қатъи назар аз ҷамоли ҳар Юсуф кун.
З-ин шаҳд як ангушт ба коми ту кашам,
Дар лаззат агар маҳв нагардӣ, туф кун [11, с.592].

Аз девони Ибни Ямин:

Якчанд чароғи орзуҳо пуф кун,
Қатъи назар аз ҷамоли ҳар Юсуф кун.
З-ин шаҳд як ангушт ба *комат даркаш*,
Аз лаззат агар маҳв нагардӣ, туф кун [2, с.697].

Саид Нафисӣ рубоии зайлро, ки дар китоби «Рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ» мавҷуд аст, мансуб ба Умари Хайём, Шоҳ Санҷони Хофӣ ва Саҳобии Астарободӣ медонад:

Хоҳӣ, ки туро рутбаи аброр расад,
Мапсанд, ки касро зи ту озор расад.
Аз марг маяндешу ғами ризқ махӯр,
К-ин ҳар ду ба вақти хеш ночор расад [3, с.130].

Бояд тазаккур дод, ки мансуб донистани баъзе «рубоиёти сайёр» ба Саҳобӣ аз ҷониби муҳаққиқон, алалхусус Шамисо, аз рубоисарои машҳур будани ӯ шаҳодат медиҳад. Инчунин, аз мутолиаи рубоиёти Саҳобӣ маълум мешавад, ки аз ҷиҳати нигориш ва ҳунари шоирӣ рубоиёти ӯ аз Хайём бартарӣ надошта бошанд ҳам, дар зоти худ аз онҳо кам нестанд:

Аз Саҳобӣ:

Май нӯш, ки маслиҳат дар ин аст туро,
Май васвасашӯи куфру дин аст туро.
Аз ҳушёрӣ ҳама гумон мехезад,
Мастист, ки сар ба сар яқин аст туро [21, с.541].

Аз Хайём:

Моему маю мутрибу ин кунҷи хароб,
Ҷону дилу ҷому ҷома пур дурди шароб.
Фориғ зи умеди раҳмату бими азоб,
Озод зи хоку боду аз оташу об.

Ба далели наздикии сабки ӯ бо Хайём аксари рубоиёти ӯро метавон аз ҷиҳати муҳтаво фалсафӣ номид. Назар ва андешаҳои мутафаккирони мо оид ба рубоиёт дар адабиёти тоҷик гуногун аст. Хусусан, рубоиёти Саҳобии Астарободӣ бештар матраҳкунандаи ғояҳои фалсафӣ, ирфонӣ ва ишқию ахлоқӣ мебошанд. Маҷмуан, дар осори Саҳобии Астарободӣ масъалаҳои ҷаҳоншиносӣ, аз он ҷумла унсурҳои тафаккури фалсафӣ, масъалаҳои ахлоқ, масъалаи арзишҳо амиқ мушоҳида карда мешаванд.

Охируламр, аллома Шиблии Нуъмонӣ ба нобиға будани Саҳобии Астарободӣ таъкид мекунад: «Фалсафа ва тасаввуф он қадар, ки дар форсист, дар арабӣ вуҷуд надорад. Ҷалолуддини Румӣ, Аттор, Саноӣ, Саҳобӣ, Ироқӣ, Авҳадӣ кадом шоири арабро ба ин навобиғ метавон муқобил намуд, куҷо дар араб чунин давоҳӣ вуҷуд доштааст? Мо аз Муҳйиддини Акбар ва Ибни Форис беиттилоъ нестем, лекин шоирии онҳо ҳеҷ қобили муқоиса бо шоирии ин бузургон нест» [6, с.175].

Аз баррасиҳо маълум мегардад, ки Саҳобии Астарободӣ аз ҷониби аллома Шиблии Нуъмонӣ нобиғаи шеъри адабиёти форсии тоҷикӣ эътироф гардидааст, ки бозгӯкунандаи шоири тавоно будани ӯ мебошад. Саҳобӣ дар жанрҳои рубоӣ, ғазал, маснавӣ ва наср қувваозмоӣ карда, осори хубу хондании ва мондагор офаридааст. Аз ин рӯ, месазад, ки осори Саҳобӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор бигирад. Дар баробари ин, барои ҳарчи беҳтар омӯхтани таърихи адабиёт, алалхусус адабиёти асрҳои XVI-XVII, сабкшиносӣ, анъанаву навоварии асрҳои мазкур аз ҷониби муҳаққиқон иқдоми ҷиддӣ сурат бигирад.

Муқарриз: *Қосимов Ҷ.* – номзади илмҳои филология,
дотсент, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Амин Аҳмад, Розӣ. Ҳафт иқлим / Амин Аҳмади Розӣ. – Теҳрон: Суруш, 1378. – Ҷ.2. –1443 с.
2. Ибни Ямин, Фарюмадӣ. Девони ашъор / Ибни Ямини Фарюмадӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳусайналии Бостонирод. – Теҳрон: Чопхонаи Ҳайдарӣ, 1344. – 733 с.
3. Нафисӣ, Саид. Рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ / Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Пахш ва интишороти Форобӣ, 1363. – 199 с.
4. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Чопи сеюм. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1336. - Ҷ.5. - 196 с.

5. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Теҳрон: Ширкати саҳомии чопи рангин, 1334. - Ҷ.3. - 191 с.
6. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Чопи дуюм. – Теҳрон: Ширкати саҳомии чопи рангин, 1336. - Ҷ.4. - 254 с.
7. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам (ҷилди савум, чаҳорум ва панҷум) / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ, таҳияи Абдухолиқ Набавӣ. - Душанбе: ДОТТ, 2015. - 576 с.
8. Озар, Лутфалибеки Бекдилӣ. Оташкада / Лутфалибек Озари Бекдилӣ. Ба тасҳеҳ, таҳия ва таълиқоти Ҳ.С. Носирӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1337. – 944 с.
9. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Бахши 1 / Забеҳулло Сафо. –Теҳрон: Фирдавс, 1373. – Ҷ.3. – 704 с.
10. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Бахши 2 / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1373. – Ҷ.3. – 1461 с.
11. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёт / Саҳобии Астарободӣ. Ба кӯшиши А. Беҳдорванд. – Теҳрон: Заввор, 1387. – 602 с.
12. Ҳерман, Э. Таърихи адабиёти форсӣ / Э. Ҳерман. Тарҷумаи Ш. Ризозода. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. – 361 с.
13. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо / Ризоқулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши М. Мусаффо. – Теҳрон: Амири Кабир, 1339. – 486 с.
14. Ҳидоят, Ризоқулихон. Равзат-ус-сафои носирӣ / Ризоқулихони Ҳидоят. – Теҳрон, 1339. – 504с.
15. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин / Ризоқулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши Меҳралӣ Гургонӣ. – Теҳрон: Заҳро, 1344. – 631 с.
16. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ: Аз оғоз то имрӯз / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1375. – 312 с.
17. Шамисо, Сирус. Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1374. – 392 с.
18. Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1987. – Ҷ.7. – 634 с.

САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ АЗ НИГОҲИ ШИБЛӢ ВА ШАМИСО

Дар ин мақола андешаҳои Аллома Шиблии Нуъмонӣ ва муҳаққиқ Сируси Шамисо бобати рӯзгору эҷоди Саҳобии Астарободӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз баррасиҳо маълум мегардад, ки Саҳобии Астарободӣ аз ҷониби Аллома Шиблии Нуъмонӣ нобиғаи шеъри адабиёти форсии тоҷикӣ эътироф гардидааст, ки бозгӯкунандаи шоири тавоно будани ӯ мебошад. Шиблӣ ва Шамисо дар таҳқиқоти илмии худ дар радифи дигар шуаро ба Саҳобӣ низ баҳои баланд медиҳанд. Дар сарчашмаҳои дар боло зикршуда Саҳобии Астарободӣ ҳамчун шоир, ориф ва файласуф зикр гардида, бешак шоири машҳури рубоисаро эътироф мегардад. Ҳамчунин, муаллиф дар ин мақола пешниҳод менамояд, ки зарур аст осори Саҳобӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор бигирад. Дар баробари ин, барои ҳарчи беҳтар омӯхтани таърихи адабиёт, алалхусус адабиёти асрҳои XVI-XVII, сабкшиносӣ, анъанаву навоварии асрҳои мазкур аз ҷониби муҳаққиқон иқдоми ҷиддӣ сурат бигирад. Зеро Саҳобӣ дар жанрҳои рубоӣ, ғазал, маснавӣ ва наср қувваозмоӣ карда, осори хубу хонданӣ ва мондагор офаридааст. Муаллиф дар такя ба сарчашмаҳо таъкид мекунад, ки дар асри XVI ва аввали асри XVII, хусусан дар каломи Саҳобӣ, Урфӣ, Назирӣ ва Ҷалоли Асир дар ҳар маврид ранги фалсафа намоён аст. Саҳобии Астарободӣ шоири ориф аст. Ашъори шоир ишқи поку беолоиш, некиву накукорӣ, дӯст доштани ватан, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардани инсонҳоро бозгӯ мекунанд.

Калидвожаҳо: Саҳобии Астарободӣ, Шиблии Нуъмонӣ, Сируси Шамисо, фалсафа, файласуф, тасаввуф, нобиға, шоир, ориф, рубоӣ, маснавӣ, адабиёт, «Шеър-ул-аҷам».

САХОБИ АСТАРОБОДИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ШИБЛИ И ШАМИСО

В данной статье рассматриваются взгляды Аллома Шибли Нуъмони и Сируса Шамисо относительно жизни и творчества Сахоби Астарободи. Из исследования определяется, что стихи Сахоби Астарободи были признаны выдающимися произведениями персидско-таджикской литературы, отражающими всю мощь поэтических высказываний поэта. В своих научных исследованиях Шибли и Шамисо дают высокую оценку творчеству Сахоби и ставят его имя в один ряд с выдающимися поэтами. В первоисточниках Сахоби Астарободи упоминается не только как поэт, мыслитель и философ, но и бесспорно признается прославленным исполнителем рубаи. Исходя из этого, автор в данной статье вносит предложение о необходимости всестороннего исследования трудов Сахоби. Наряду с этим автор делает вывод, что для наиболее углубленного изучения истории литературы, особенно литературы XVI – XVII веков, стилистики, новаторских традиций данного периода со стороны исследователей необходимо приложить ещё больше усилий. Ввиду того, что Сахоби пробовал свои творческие силы в таких жанрах, как рубаи, газели, маснави и художественная проза, он создал прекрасные, читаемые и долговечные произведения. Опираясь на источники, автор подчеркивает, что в XVI и начале XVII веков влияние философии в лирических произведениях таких поэтов, как Сахаби, Урфи, Назири и Джалоли Асир, является весьма значительным и видимым. В стихах выражается истинная любовь, гуманизм, любовь к Родине, стремление жить в справедливости.

Ключевые слова: Сахоби Астарободи, Шибли Нуъмони, Сирус Шамисо, философия, философ, мистицизм, гений, поэт, мыслитель, рубаи, маснави, литература, «Шеър-ул-аджам».

SAHOBI ASTARABODI FROM THE POINT OF VIEW OF SHIBLI AND SHAMISO

This article discusses the views of Allama Shibli Nu'mani and researcher Sirus Shamiso on the life and work of the Sahabi of Astarabodi. From the reviews it is clear that Sahobi Astarabodi was recognized by Allama Shibli Nu'moni as a genius of Tajik Persian poetry, which reflects his ability as a powerful poet. Shibli and Shamiso, in their scientific research, along with other poets, also highly value Sahabi. In the above-mentioned sources, Sahobi Astarabodi is mentioned as a poet, sage and philosopher, and is undoubtedly recognized as a well-known poet of the rubaisa. Also, in this article, the author suggests that the works of Sahobi should be thoroughly studied. At the same time, researchers should take serious steps to better study the history of literature, especially the literature of the XVI-XVII centuries, stylistics, traditions and innovations of these centuries. Because Sahabi competed in the genres of rubai, ghazal, masnavi and prose and created a well-read and enduring work. Relying to the sources the author emphasizes that in 16th and early 17th centuries the place of philosophy in the lyric works of Sahabi, Urfi, Naziri and Jalali Asir very significant and visible. The poems of the poet express the pure love, kindness and benevolence, love of the homeland, living in the way of truth and truth.

Key words: Sahabi Astarabodi, Shibli Nu'mani, Sirus Shamiso, philosophy, philosopher, mystic, genius, poet, arif, rubai, masnavi, literature, "Poem-ul-ajam" (Sheer-ul-Ajam).

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович*** **-** Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аспирант. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 33. E-mail: **bayoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-26-80-92**

Сведение об авторе: ***Баёнов Махмаднаби Бачаджонович*** – Институт языка и литературы им. Рудаки Академии наук Республика Таджикистан, аспирант. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. E-mail: **bayoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-26-80-92**

Information about the author: ***Bayonov Mahmadnabi Bachajonovich*** - Institute of Language and Literature. Rudaki Academy of Sciences Republic of Tajikistan, graduate student. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. E-mail: **bayoni@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-26-80-92**

УДК: 891.550-7

БАҲРАГИРИИ ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК АЗ ТАҲАВВУЛИ САБК ДАР АДАБИЁТ

Қосимзода С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Агар дар таҳаввули бесобиқаи шеъри форсии Эрон дар садаи гузашта адабиёти Фаронса дасти дарозе дошта бошад [17, с.56-59], пас таҳаввули шеъри тоҷик якбора аз ду сарчашмаи мутафовит бархурдор будааст, яъне ҳам таъсири таҳаввули шеър дар Эрон ва ҳам ошноӣ ва баҳрагирӣ аз адабиёти рус. Як омили дигари таъсиргузор дар таҳаввули шеъри муосири тоҷик ин адабиёти Аврупо аст, аммо ин омил на ба таври мустақим ва бевосита, балки аз тариқи тарҷума ва роҳ ёфтан ба забонҳои форсӣ ва русӣ ба ҷаҳонбинӣ ва диди адабии шоирони тоҷик таъсири чашмрасе доштааст.

Бисёре аз мунаққидони тоҷик шеъри “Марши ҳуррият”-и устод Садриддин Айниро аввалин кӯшиши дастёб шудан ба сабки нави шеърӣ дар тамоми қаламрави адабиёти форсии тоҷикӣ донистаанд [3]. Баҳси ин шеъри устод Айниро Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдунабӣ Сатторзода, Рустам Ваҳҳобзода ва дигар адабиётшиносони тоҷик дар мақолаҳои худ ба таври комил ва густарда баррасӣ карда, дар боби навоварӣ ва тозакориҳои ин шеър нуқтаи назари худро доранд.

Адабиётшинос ва шоири соҳибназар Рустам Ваҳҳобзода ҳанӯз соли 2007 дар мақолаи “Айнӣ ва Нимо” дар баробари зикри “Марши ҳуррият” боз ду қитъаи дигари устод Айниро, ки берун аз қоидаи шадиди арӯз ва қолабҳои мақбули шеъри классикии тоҷик гуфта шудаанд, оварда, Садриддин Айниро аввалин касе донистааст, ки шеъри нав гуфта, на Нимо ё Лоҳутӣ ва дигарон [7].

Он ду порчае, ки мавриди назари ин адабиётшинос қарор гирифтаанд, дар “Куллиёт”-и устод Айнӣ, яке бо таърихи соли 1907, дигаре бо зикри санаи 19-уми майи соли 1918, ба таври зер дарҷ гардидаанд:

Субҳоналлоҳ!
Имрӯз ба мо ҳодисаи саъб расид,
Гаштем хароб.
Аз гардиши чархи фалаки дӯлобӣ.
Пурсанд зи сол
Оҳи бепоён каш
Баргӯ бад ҳол... [1, с. 68].

Эй Ватан,
Ғайр аз харобии ту дигар нест корашон,
Онҳо, ки иддаи валои ту мекунанд... [1, с.154].

Аммо дар баробари ин, Рустам Ваҳҳобзода бар ин нукта таъкид мекунад, ки агарчи “Марши ҳуррият”-и Садриддин Айнӣ “аввалин намунаи бомуваффақияти шеъри нав” бошад ҳам, “тафовути усулӣ дар он хулоса мегардад, ки манзури устод Айнӣ қабл аз ҳар чизи дигаре таъмини оҳанги инқилобӣ ва анҷоми хидмат ба инқилоби иҷтимоӣ буд ва баръакс, ҳадафи Нимо Юшиҷ дар зимни эҷоди “Афсона” худогоҳона ва ба таври барномаӣ эҷоди як инқилоби адабӣ буд” [7].

Ин назари Рустам Ваҳҳобзода, агарчи дар Эрон ба таври густарда қобили пазириш наафтода бошад ҳам, то ҳанӯз аз тарафи ҳеҷ яке аз пажӯҳишгарони шеъри нави форсӣ рад ҳам нашудааст.

Аммо шоир ва муҳаққиқи эронӣ Шамси Лангарӯдӣ Абулқосим Лоҳутиро гӯяндаи аввалин шеъри нави форсӣ медонад [7]. Мешавад ба таври хулоса ин нуктаро пазируфт, ки дар адабиёти давраи нави тоҷик бе ҳеҷ шакку тардиде Садриддин Айнӣ сарояндаи аввалин намунаҳои шеъри нав аст, аммо дар тамоми қаламрави забони форсӣ кӯшишҳои дақиқ кардани ба чӣ кас нисбат доштани аввалин намунаи шеъри нав ҳанӯз ҳам идома дошта, муҳаққиқон иҷмои назар надоранд.

Масалан, адабиётшиноси Эрон Алиризо Музаффарӣ Тақии Рифъатро аз саромадони шеъри нави форсӣ медонад, ки каме пештар аз Садриддин Айнӣ фаъолияти адабии худро оғоз карда буд [16, с.21].

Аммо ба назари мо, муҳим дарёфти аввалин шеъри нав дар қаламрави забони форсиву тоҷикӣ нест, балки шинохти аввалин муаллифест, ки дар шеър ва шинохти шеъри адабиёти мо инқилобе ба по карду барои ҳамеша абъоди шеъри моро паҳновартар сохт ва то бекаронаҳои берун аз қайду басти қавонини шадиди шеъри классикӣ бурд. Ин корро дар адабиёти форсу тоҷик ҳамон шеъри “Афсона”-и Нимо Юшиҷ анҷом дод.

Маҳз ҳамин шеър буд, ки баҳси шеъри нав ё нимоӣ ба таври густарда доман зад, радду қабулҳои шоирону адабиётшиносон дар мавриди шеъри навро ба миён овард ва билохира сабаб шуд, ки шеъри адабиёти ҳазорсолаи мо ба фазои дигаре ворид шуда, аз ҳавои дигаре нафас кашад ва тавонмандиву шукӯҳу шаҳомати забонӣ ва маъноии худро дубора ва дар партави дигар намоиш диҳад.

Хидмати бузурги Нимо Юшиҷ танҳо дар гуфтани шеъри нав нест, балки кӯшишҳои хастагинопазири ӯ дар роҳи шарҳу баён, нақду баррасӣ ва шиносонидани шеъри нав аст. Маҳз корҳои пажӯҳишии ӯ ва пайравонаш дар нақду баррасӣ ва шинохти шеъри нав буд, ки адабиёти пурғановати форсӣ шеъри нимоиро чун падидаи нав пазиро шавад ва дар заминаи коркарду бозёфтҳои ӯ дар ин роҳ мушаххасот ва вижагиҳои бунёдии шеъри нимоиро таъйин ва бозшиносӣ кунад. Худи Нимо дар ҷое менависад: “Шеър бояд забони худро пайдо кунад ва ин забонро лозим дорад. Якшаба наметавон забонеро ба шеър таҳвил кард” [18, с.8].

Агар аз як тараф, адабиёт зиндагонии инсониятро оинадорӣ мекунад, аз тарафи дигар аз рушду таҳаввул ва тараққии рӯзгори бани башар ҳамеша истифода мекунад, то барӯз бишавад ва ҷавоби чашмдорӣ ва интизориҳои имрӯзу фардои одамиро дода тавонад. Табодул ва робитаҳои байналмилалӣ ва байниқавмии сад соли охирро ба ҳеҷ ваҷҳе наметавон бо табодул ва робитаҳое, ки ақвому милали ҷаҳон то асри ХХ доштанд, муқоиса кард. Муколамаи фарҳангҳо ва равобити маънавии миллатҳо дар асри мо ончунон густарда ва дар айни ҳол як масъалаи печидаест, ки даҳсолаҳои охир ҳатто мушкилеро ба номи “хатари ҷаҳонишавӣ” рӯйи кор овардааст.

Аммо бояд ин нуктаро пазируфт, ки адабиёти ҷаҳон аз ин равобити маънавӣ ва муколамаи фарҳангҳо суде бардоштааст безиёну зарар. Аз он ҷо, ки худи адабиёти бадеӣ дар айни пешаи ҳунарӣ будан, таҷаллигоҳи диду боздидҳои зебоишинохтии инсонҳост, наметавонад чизи нозебо ва номақбулеро ба оғӯш бигирад. Яъне адабиёт билохира танҳо чизеро мепазирад ва мондагор мекунад, ки аз ҳар ҷиҳат, чи аз ҷиҳати ҳунар, чи аз ҷиҳати маъонӣ ва чи аз ҷиҳати зебоишинохтӣ ва эҳсосу отифа, зебову дилпазир бошад.

Аз ин ҷост, ки давоми робитаҳои адабии танготанг адабиёти як қавм баробари ба адабиёти ҷаҳон додани барҷастагиҳо ва нодираҳои миллии худ, баъзе унсурҳо ва шохисаҳои зебову писандидаи як адабиёти дигарро, ки дар худ надоштааст, қабул ва дар чаҳорчӯбаи ҳофизаи таърихии худ ҳазм мекунад.

Шеъри замони истиқлоли Тоҷикистон якбора ҳам аз таҳаввули дарунии худи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳам аз таҳаввули адабиёти Эрон, ҳам аз таҳаввули адабиёти ҷаҳон бархурдор гашта, аз унсурҳои ҷудогонаи ин таҳаввулот дар баробари аносири таърихии адабиёти тоҷик барои офаридани шеъри мондагор ва хонданӣ истифода кардааст.

Як назари иҷмолӣ ба офаридаҳои даврони истиқлол кифоя аст, ки мо дар шеъри адибони ҳамзамони худ дар баробари дучор шудан ба сабкҳои суннатии адабиётамон ва ё сабкҳои мушаххасшудаи адабиёти муосир, ба сабкҳои наву бозшиносӣ нашуда ҳам бархӯрем. Мо дар ғазалҳои Озарахш унсурҳои сабки хуросонӣ, дар ғазалҳои Озар Салим унсурҳои сабки ироқӣ, дар офаридаҳои Шавкат Бадеъзода мушаххасоти сабки ҳиндӣ, дар шеърҳои Доро Наҷот мушаххасоти шеъри сафед, дар сурудаҳои Фарзона вижагиҳои шеъри озод, дар ҳойкуҳои Бахтиёр Аминӣ сабки куллан тозаи адабӣ, дар зулолҳои Аъзами Ҳуҷаставу Фирдавси Аъзам кӯшишҳои дарёфти роҳҳои хоссу ҷадиди эҷодро метавонем дарёбем. Барои муайян кардани ин нукта, ки шеъри даврони истиқлол аз таҳаввули шеъри адабиётамон чӣ бардоште кардааст, беҳтар аст мо тағйири сабкҳои шеъриро дар доираи қолабҳои муайяни шеърӣ, аз қабили ғазал, шеъри озод, шеъри нимоӣ, шеъри зулол ва ҳойку баррасӣ кунем.

Ғазал. Ғазал ин ғизоли ягона ва ромшудаи адабиётамон ҳанӯз ҳам дӯстдоштатарин қолаби шеърӣ барои шоирон боқӣ мондааст. Ғазали даврони истиқлол, барҳақ, ба комёбиҳои беназире даст ёфта, шевотару дилнишинтар гаштааст. Беҳтарин намунаҳои

ғазали даврони истиқлолро метавон ба Фарзона, Озарахш, Озар Салим, Абдуҷаббори Суруш нисбат дод. Ин шоирон дар ғазал бо ин ки баъзе аз унсурҳои сабкҳои суннатии шеърамонро ба кор бурдаанд, аммо дар умум сабки тоза ва фарқкунандае доранд. Мо вақте ғазалҳои эшонро мехонем, сароҳатан дармеёбем, ки ин ғазалҳо маҳсули замони мо ҳастанд. Аз ин миён шояд Озарахш аз саромадони касонест, ки сабки фардиашон аз сабки умумӣ пешӣ гирифтааст. Ба фарзи мисол:

Зебоғазали ман ту набошӣ, ғазалам нест,
Ширинасали ман ту набошӣ, асалам нест.
Маҷнун масале монд ба унвони ман, аммо,
Лайломасали ман ту набошӣ, масалам нест...
Паҳнои ҷаҳон дар назарам танг намояд,
Рӯзе, ки дилат бар бағали камбағалам нест...[9, с.152].

Ё аз як ғазали дигар:

Чун нигоҳам бо нигоҳат ҳамнигоҳе ҳаст, нест?
Некбине, покбозе, хайрхоҳе ҳаст, нест?...
Гуфта будӣ, гоҳ-гоҳе ёд меорӣ зи ман,
Гоҳ-гоҳе дар хаёлат гоҳ-гоҳе ҳаст, нест? [9, с.201].

Муҷозот барои хабарҳои бардурӯғ дар бораи ниҳодҳои давлатӣ ба мисли Қонун барои маълумоти бардурӯғ дар бораи Қувваҳои мусаллаҳи Россия ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст - ҷарима ба маблағи то 1,5 миллион рубл ё зиндон ба муҳлати аз як то се сол барои шаҳрвандон ва аз панҷ то даҳ сол. барои шахсони мансабдор. Агар паҳншавии хабарҳои қалбакӣ ба оқибатҳои вазнин оварда расонад, пас муҳлати ҳабс метавонад то 15 солро ташкил диҳад.

Агар қонуншиканӣ бо истифода аз мақоми хидматӣ, ғаразнокӣ ё бо ангезаҳои бадбинии сиёсӣ, идеологӣ ё мазҳабӣ содир шуда бошад, қонун ҷазои то даҳ соли зиндон ё ҷарима ба маблағи то 5 миллион рублро пешбинӣ мекунад [12].

Бояд зикр кард, ки ҳанӯз соли 2019 Федератсия Россия дар СММ бо ташаббуси пешгирӣ аз ҷиноятқорӣ дар Интернет баромад карда буд. Аз ҷумла, 18 ноябри соли 2019 Кумитаи сеюми СММ қатъномаи Россияро “Дар бораи муқобилият ба истифодаи иттилоот ва фанноварихои мухобиротӣ бо ҳадафҳои ҷиноятӣ” дар як раъйдиҳӣ қабул кард. Ҷумҳурии Беларус ҳаммуаллифи ин қатънома буда, Чин, Венесуэла, Никарагуа, Эрон, Индонезия ва дигар кишварҳо аз ин тарҳ ҷонибдорӣ карданд. ИМА, Иттиҳоди Аврупо дар симои Финляндия, инчунин Канада ва Ҷопон дар миёни кишварҳое буданд, ки мухолифи қабули тарҳи қатънома овоз доданд.

Ба қавли ИМА қатъномаи бо ташаббуси Россия таҳияшуда оид ба ҷиноятҳои интернетӣ талош барои роҳандозии назорати давлатӣ дар Интернет аст ва хатари аз ҷониби Маҷмаи кулли СММ қабул шудани он вуҷуд дорад. 20 декабри соли 2019 Радиои «Озодӣ» навишта буд, ки қатъномаи мазкур роҳро барои эҷоди як созиши нави марбут ба ҷиноятҳои интернетӣ аз ҷониби Россия боз мекунад [6].

Ҳамон вақт Радиои «Садои Америка» низ ба қатъномаи пешниҳодкардаи Россия зид будани ИМА-ро аз номи як нафар корманди департаменти давлатӣ изҳор дошта буд.

Ба қавли манбаъ "Россия мехоҳад як навъ бастани фазои Интернетро амалӣ кунад. Он озодиҳоеро, ки Иёлоти Муттаҳида қадр мекунад, ба таври куллӣ маҳдуд кунад. Тарси ҷиддӣ вуҷуд дорад, ки кӯшиши Россия барои эҷоди як созишномаи навбатӣ оид ба ҷиноятҳои кибернетикӣ танҳо як воситаи таҳкими дидгоҳи худ дар бораи фазои интернетӣ дар тамоми ҷаҳон хоҳад буд" [3].

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон низ яке аз муаллифони қатъномаи мазкур буда, он 18 ноябри соли 2019 дар ҷаласаи 50-уми Комитети сеюм лоиҳаи қатъномаи A/C.3/74/L.11/Rev.1 бо ҷонибдории 88 кишвар ва зид 58 давлат қабул гардид. Намояндаи 34 узви СММ аз овоздиҳӣ худдорӣ карданд. Баъдан 29 июни соли 2021 лоиҳаи Конвенсияи СММ “Дар бораи муқобилият ба истифодаи иттилоот ва фанноварихои мухобиротӣ бо ҳадафҳои ҷиноятӣ” пешниҳод гардид.

Воқеан, соли 2019 Ширкати Би-Би-Си ва Донишгоҳи Оксфорд гузориши ноумедкунандаро дар бораи мубориза бо маълумоти бардурӯғ нашр карданд.

Соли 2017 Фейсбук тасмим гирифта буд, ки ба хабарҳои қалбакӣ мубориза барад ва аз муштариёни таблиғоти сиёсӣ талаб кард, ки макон ва шахсияти худро ошкор кунанд. Тибқи гузорише, ки дар бораи муқовимат бо маълумоти бардурӯғ, ки Донишгоҳи Оксфорд дар якҷоягӣ бо Би-Би-Си нашр кардааст, ин чандон кумак накард.

Муаллифони тадқиқот қайд мекунанд, ки ин тадбирҳо аз як тараф ба ҳифзи институтҳои демократӣ мусоидат мекунанд. Аз сӯи дигар, онҳо барои қабули қонунҳои саркӯбкунанда алайҳи озодии баён ва муборизаи одилонаи сиёсӣ истифода мешаванд [5].

Охири моҳи марти соли 2022 сиёсатшинос Дмитрий Дробнитский дар барномаи муаллифии "Шом бо Владимир Соловёв" дар Шабакаи телевизионии "Россия 1" дар бораи расонаҳои ғарбӣ ва озодии зоҳирии онҳо ибрози назар кард.

Дробнитский таъкид кард, шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ба мо ҳамчун платформаи озодии бемаҳдуд гуфта мешуданд, "васоити сензура ва ғайриозодтарин дар ҷаҳон" шудаанд.

Ба эътиқоди коршинос, аз истифодаи вожаи "фактчекинг" дар робита ба расонаҳои ғарбӣ даст кашидан лозим аст. "Ҳар коре, ки онҳо мекунанд, дурӯғ асту дурӯғ [11].

Сарфи назар аз гуногунии платформаҳо ва идеологияҳои сиёсӣ, ки дар ҷаҳон мавҷуданд, ҷонибдорони ин ё он ақида ҳеҷ гоҳ аз нақшаи тарғиби ҷиддии манфиатҳои худ дар хориҷа даст намекашанд. Бо дарназардошти он, ки шабакаи ҷаҳонии Интернет аллакай қариб тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, ҳисоб кардани шумораи каналҳо барои паҳн кардани ақидаҳо, аз ҷумла тавассути хабарҳои дурӯғин ғайривоқеӣ менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Власти Австрии запретили вещание RT на территории страны/Россия сегодня. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://russian.rt.com/world/news/980772-avstriya-zapret-rt (Санаи мурочиат: 24.03.2022).
2. В ЦРУ заявили об информационном "проигрыше" России/ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2687535 (Санаи мурочиат: 10.03.2022).
3. Госдепартамент: Россия пытается навязать всему миру свое видение Интернета/Голос Америки. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.golosameriki.com/a/russia-cyber-security/5212815.html (Санаи мурочиат: 24.03.2022).
4. Еврокомиссия опубликовала план по борьбе с дезинформацией из России/ Известия. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://iz.ru/820498/2018-12-05/evrokomissiia-opublikovala-plan-po-borbe-s-dezinformatciei-iz-rossii (Санаи мурочиат: 03.04.2022).
5. Запретный лот: как Европа борется с fake news/Известия. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://iz.ru/915640/ignat-shestakov/zapretnyi-lot-kak-evropa-boretsia-s-fake-news (Санаи мурочиат: 05.04.2022).
6. ИМА: Қатъномаи ҷиноятҳои интернетии Русия озодиҳоро маҳдуд мекунад/RFE/RL. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/30335577.html (Санаи мурочиат: 25.03.2022).
7. Муқимов М. А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ/М. А. Муқимов. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/2. – С. 266 – 271. ISSN 2413-516X
8. Муқим Ҷовид. Расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА/ Ҷовид Муқим. - Душанбе: ДДЗТ, 2021. – 177 с.
9. Муратова Н. Fake news: дезинформация в медиа. Пособие/Н. Муратова, Н. Тошпулатова, Г. Алимова. – Ташкент: “Innovatsion rivojlanish nashriyot-matbaa uyi”, 2020. –104 с.
10. Немецкие власти решили штрафовать соцсети за фейки и агрессию/ББС. -2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.bbc.com/russian/news-39501584 (Санаи мурочиат: 28.03.2022).
11. "Политолог: самые "свободные" западные медиа оказались самыми подцензурными/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2695634 (Санаи мурочиат: 29.03.2022).
12. Президент подписал закон, касающийся фейков о российских госорганах/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2694449 (Санаи мурочиат: 25.03.2022).
13. Против журналиста Александра Невзорова возбуждено дело о фейках/RFE/RL. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL:https://www.svoboda.org/a/protiv-zhurnalista-aleksandra-nevzorova-vozbuzhdeno-delo-o-feykah/31765332.html (Санаи мурочиат: 22.03.2022).
14. Путин подписал закон об уголовной ответственности за фейки о действиях ВС России/ lenta.ru. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL:
https://lenta.ru/news/2022/03/04/otvetstvennost/ (Санаи мурочиат: 04.03.2022).
15. Российским СМИ не хватает свободы бюджета/ Kommersant.ru. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.kommersant.ru/doc/5239569?from=main (Санаи мурочиат: 03.03.2022).
16. Скабеева, Симоньян, Кеосаян, Лукашенко в санкционном списке Австралии/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2693962 (Санаи мурочиат: 25.03.2022).
17. Украина подготовила более миллиона фейков о "российской агрессии"/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2683173 (Санаи мурочиат: 28.02.2022).
18. Украинская генпрокуратура завела дело против Киселева и Скабеевой/Россия сегодня. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ntv.ru/novosti/2698280/ (Санаи мурочиат: 28.03.2022).
19. Фейки с Украины: ложь на грани подлости/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2693106 (Санаи мурочиат: 23.03.2022).
20. Фейки от Форин-офиса: как Лондон поставил фабрикацию новостей на поток/Известия. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://iz.ru/859410/kirill-senin/feiki-ot-forin-ofisa-kak-london-postavil-fabrikatciiu-novostei-na-potok (Санаи мурочиат: 23.03.2022).

21. Budget Submissions/ US agency for global media. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/our-work/strategy-and-results/strategic-priorities/budget-submissions/ (Санаи мурочиат: 02.04.2022).
22. Facebook тамғагузории хабари расонаҳои зери назорати давлатҳоро оғоз кард/RFE/RL. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/z/538 (Санаи мурочиат: 02.04.2022).
23. Global Digital 2022: вышел ежегодный отчёт об интернете и социальных сетях — главные цифры/Sostav.ru. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.sostav.ru/publication/we-are-social-i-hootsuite-52472.html (Санаи мурочиат: 03.04. 2022).
24. Euronews призывает соблюдать статью 19 Всеобщей декларации прав человека ООН о свободе СМИ/ Euronews. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://ru.euronews.com/2022/03/22/euronews-russia-statement (Санаи мурочиат: 22.03.2022).
25. Instagram и Facebook запрещены в России/ВГТРК. – 2022.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/hitech/article/2692421 (Санаи мурочиат: 21. 03. 2022).
26. Hunter Biden Paid Tax Bill, but Broad Federal Investigation Continues/ The New York Times Company. - 2022.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.nytimes.com/2022/03/16/us/politics/hunter-biden-tax-bill-investigation.html (Санаи мурочиат: 16.03.2022).
27. Now that Joe Biden's president, the Times finally admits: Hunter's laptop is real/ NYP Holdings, Inc. - 2022.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://nypost.com/2022/03/17/the-times-finally-admits-hunter-bidens-laptop-is-real (Санаи мурочиат: 17.03.2022).

МУБОРИЗАҲОИ ИТТИЛООТӢ БАРОИ ИДОРА КАРДАНИ АФКОРИ ОММА

Дар мақолаи мазкур дурӯғпарокании расонаҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Истифодаи тарғибот ва дурӯғпароканӣ барои идора кардани тафаккури омма аз қадимулайём аз ҷониби давлатҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор роҳандозӣ мешавад. Масалан, Моҳи октябри соли 2020 рӯзномаи «New York Post» дар бораи далелҳои наве навишт, ки дар парвандаи Ширкати нафту гази "Burisma" оид ба фаъолияти Ҷо Байден ва писари ӯ Ҳантер дар Украина алоқаманд аст. Дар ҷараёни маъракаи интихоботии соли 2020 дар ИМА ҷонибдорони Доналд Трамп, ки он замон мақоми раҳбари давлатро дошт, Ҷо Байденро ба фасод муттаҳам карданд. Ба ақидаи онҳо, сиёсатмадор, ки ноиби президенти маъмурияти Барак Обама буд, тиҷорати писараш Ҳантерро дар Украина сарпарастӣ мекард. Он вақт аксари расонаҳои маъруфи Америка дар бораи фаъолияти коррупсионии номзад ба маснади президенти ИМА Ҷо Байден огоҳ бошанд ҳам, вале барои ном шудани президент Д. Трамп дар интихобот иттилои мазкурро аз мухотабони худ пинҳон доштанд. Имрӯз на танҳо дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, балки дар хабарҳои расонаҳои ҷиддии электронӣ иттилои бардурӯғ зиёд паҳн карда мешавад. Махсусан, имрӯз, ҳангоми амалиёти махсуси ҷангии Федератсияи Россия ҷонибҳои даргир ба манфиати худ аз хабарҳои дурӯғин ба таври фаровон истифода мекунанд. Хабарҳои қалбакӣ барои давлат ва ҷомеа, албатта, хатари бузург ва эҳтимолӣ дорад. Мардум ба ғайбат, хабарҳои қалбакӣ ва постҳо ба осонӣ бовар карда, назарашон нисбат ба ин ҳодисаҳо дигар мешавад. Мақсад аз паҳн кардани хабари дуруғ, дидаю дониста ба касе ё чизе зарар расондан, бо маълумоти дуруғ бедор кардани шубҳа ва нобоварӣ дар байни мутахабон нисбат ба давлат, ягон ташкилоту идора ва шаҳрвандон мебошад. 4 марти соли 2022 барои пешгирӣ кардан аз паҳншавии хабарҳои дурӯғ дар бораи Нерӯҳои мусаллаҳи Россия ба Кодекси ҷиноятии Россия тағйирот ворид карда шуд.

Калидвожаҳо: ВАО, хабари дурӯғ, фейк, фактчнкинг, интернет, блогер, шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷанг, "Инстаграм", "Фейсбук", "Ню-Йорк Таймс" "Ню-Йорк Пост", Россия, Украина, ИМА.

ИНФОРМАЦИОННАЯ БОРЬБА РАДИ УПРАВЛЕНИЯ ОБЩЕСТВЕННЫМ МНЕНИЕМ

В этой статье исследуется ложь, которую распространяют некоторые СМИ. Использование пропаганды и лжи для управления общественным мнением давно практикуется государствами и заинтересованными сторонами. Например, в октябре 2020 года газета "New York Post" сообщила о новых доказательствах по нефтегазовому делу "Burisma" в отношении Джо Байдена и его сына Хантера в Украине. Во время предвыборной кампании 2020 года в США сторонники тогдашнего президента Дональда Трампа обвинили Джо Байдена в коррупции. По их данным, политик, который был вице-президентом администрации Обамы, поддерживал бизнес своего сына Хантера в Украине. В то время большинство видных американских СМИ знали о коррумпированной деятельности кандидата в президенты США Джо Байдена, но для провала президента Д. Трамп на выборах скрывали эту информацию от своей аудитории во время выборов. Сегодня не только в Интернете и социальных сетях, но и в новостях серьезных электронных СМИ распространяется много недостоверной информации. Особенно сегодня, в ходе военной спецоперации Российской Федерации в Украине, конфликтующие стороны используют много ложной информации в своих интересах. Фейковые новости безусловно представляют большую потенциальную опасность для государства и общества. Люди легко верят сплетням, фейковым новостям, постам и меняют свое отношение к этим событиям. Целью распространения ложной информации является заведомое причинение вреда кому-либо или чему-либо, возбуждение подозрительности и недоверия у аудитории с помощью заведомо ложных сведений о государстве, какой-либо организации, учреждении или гражданине. 4 марта 2022 года в Уголовный кодекс России внесены поправки, направленные на предотвращение распространения ложных сведений о Вооруженных Силах России.

Ключевые слова: СМИ, ложные новости, фейк, фактчекинг, Интернет, блогер, социальные сети, война, "Инстаграм", "Фейсбук", "Нью-Йорк Таймс" "Нью-Йорк Пост", Россия, Украина, США.

INFORMATION FIGHT TO CONTROL PUBLIC OPINION

This article explores the lies that some media outlets are spreading. The use of propaganda and lies to manipulate public opinion has long been practiced by governments and stakeholders. For example, in October 2020, “The New York Post” reported new evidence in the Burisma oil and gas case against Joe Biden and his son Hunter in Ukraine. During the 2020 US election campaign, supporters of then-President Donald Trump accused Joe Biden of corruption. According to them, the politician, who was a vice president of the Obama administration, supported his son Hunter's business in Ukraine. At that time, most of the prominent American media knew about the corrupt activities of US presidential candidate Joe Biden, but for the failure of President D. Trump in the election, they hid this information from their audience during the election. Today, not only on the Internet and social networks, but also in the news of serious electronic media, a lot of false information is being circulated. Especially today, during the military special operations of the Russian Federation in Ukraine, the conflicting parties use a lot of false information to their advantage. Fake news certainly poses a great and potential danger to the state and society. People easily believe gossip, fake news, posts and change their attitude towards these events. The purpose of spreading false information is to knowingly cause harm to someone or something, to incite suspicion and distrust in the audience with deliberately false information about a state, any organization, institution or citizen. On March 4, 2022, the Russian Criminal Code was amended to prevent the spread of false information about the Russian Armed Forces.

Key words: Mass media, false news, fake, factchecking, Internet, blogger, social networks, war, “Instagram”, “Facebook”, “The New York Times”, “New York Post”, Russia, Ukraine, USA.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамадӣ Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК: 07(575.3)

ТОҶИКИСТОН ДАР ОИНАИ АГЕНТИИ ИТТИЛООТИИ БАҲРАЙН

Қаландаров С.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити зудтағйирёбандандаи ҷомеаи муосир ва авҷ гирифтани ҷангҳои байниҳамдигарӣ дар бархе аз нуқтаҳои дунё нақши ВАО нисбат ба солҳои қаблӣ хеле бориз ва муҳим гаштааст. Ҷаҳони имрӯзаи иттилоотӣ воситаҳои ахбор имконияти фаровон дорад ва дар самти таҳким ва густариши муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муҳим бозида метавонад. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки нақши Агентии иттилоотии Баҳрайнро роҷеъ ба муаррифии Тоҷикистон дар олами араб, баррасии рӯйдоду воқеаҳои кишварамон ва тарзу услуби пешниҳоди мавод мавриди баҳс қарор диҳем. Вобаста ба ин мавзӯъ то ҳанӯз аз нигоҳи илмӣ коре анҷом дода нашудааст.

Дар ҳоли ҳозир, элитаҳои ҳукмрони кишварҳои Шарқи Наздик аз ҷумла давлатҳои арабии халиҷи Форс давраи мушкили тағйири наслиро аз сар мегузаронанд. Ба ҷойи роҳбарони давлатҳое, ки дар тӯли даҳсолаҳо дар сари қудрат буданд, ҷойгузинони (ворисон) наве меоянд, ки гарчанде таҷриба ва салоҳияти пешгузаштагони худро надоранд, аммо омодаанд ислоҳоти амиқи ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодиро анҷом диҳанд. Баҳрайн низ дар байни кишварҳое, ки таҳти таъсири ин раванд қарор гирифтааст, истисно нест. Ин давлати ҷазиравӣ ба худ ихтилофҳои зиёдеро на танҳо барои минтақаи Шарқи Наздик, балки ҷаҳони ислом тамаркуз кардааст. Махсусан ташаннуҷ байни равияҳои сунниву шиа, сабабгори нооромиҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ин кишвар мегардад [7, с.209]. Қобили тазаккур аст, ки дар пайравӣ ба ҳаводиси «Баҳори араб» (инқилобҳо дар Тунис ва Миср, 14 феврали соли 2011) охири соли 2012 дар Баҳрайн низ эътироз ва ошӯбҳои оммавӣ ба амал омадаанд, ки Ҳукумат маҷбур шуд аз қувваҳои қудратии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ёрӣ пурсад [22].

Шоҳигарии Баҳрайн (مملكة البحرين) давлати ҷазиравӣ (33 ҷазира) буда, дар халиҷи Форс (Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ) ҷойгир аст. Аз ҷиҳати масоҳат (770 км мураббаъ) байни давлатҳои арабӣ (Лигаи давлатҳои араб (ЛДА), 23 давлат) хурдтарин ба шумор меравад. Шумораи аҳолиаш 1 млн.420 ҳазор (омори соли 2017). Таърихи мухтасари Баҳрайн чунин аст: асрҳои IV-VI дар ҳайати Империяи Сосониён; сипас Хилофати Араб; асрҳои IX-XI маркази давлати Қарматиён; миёнаи асри XIII истиқлолият ба даст овард, вале дер давом накард; солҳои 1521-1602 таҳти тасарруфи Португалия; асрҳои XVII-XVIII дар ҳайати давлати Сафавиёни Эрон; соли 1780 дуюм бора мустақил гардид; аз соли 1871 то замони ба даст овардани истиқлолият (14.08.1971) мустамликаи Англия буд [25].

Сохти давлатдории Баҳрайн монархияи конститутсионӣ мебошад. Сардори давлат подшоҳ аст (то соли 2002 - амир) ва Ҳукуматро сарвазир идора мекунад. Девони вазирон аз 23 вазир иборат аст. Парлумони ду палатагӣ дорад. Палатаи поёнӣ - Палатаи вакилон бо овоздиҳии умумихалқӣ интихоб карда мешавад ва Палатаи болоӣ - Шӯрои Машваратӣ (Маҷлиси аш-Шура) аз ҷониби подшоҳ таъин карда мешавад. Ҳарду палата аз 40 нафар вакил иборат аст. Ҳизбҳои сиёсӣ манъ аст.

Баъди аз байн рафтани давлати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Шоҳигарии Баҳрайн яке аз иттифоқчиёни муҳими сиёсӣ ва низомии Амрико дар Халиҷи Форс ва Ховари Миёна ба шумор меравад. Соли 1991 Баҳрайн ва Иёлоти Муттаҳида оид ба масъалаҳои мудофиа ва амният созишнома ба имзо расониданд. Ин санад ба Иёлоти Муттаҳида ҳуқуқи нигоҳ доштани пойгоҳҳо ва маводи низомиро дар қаламрави Баҳрайн медиҳад. Дар сурати таҳдид ба амнияти Шоҳигарӣ дар ҳолати зарурӣ Вашингтон аз он дифоъ мекунад. Ҳамчунин оид ба тайёрии ҷангии қувваҳои мусаллаҳи ду давлат, таъмин бо силоҳ ва таҷҳизоти ҳарбии Амрико ба Баҳрайн шартнома ба имзо расидааст. Дар воқеъ, роҳбарияти Баҳрайн пас аз ҷанг дар минтақаи Халиҷи Форс (1991), ки шикасти ҳарбии монархияҳои арабро ба таври равшан нишон дод, Иёлоти Муттаҳидаро ҳамчун кафили асосии амнияти салтанат дар сурати ҳамлаи беруна интихоб кардааст. Аз ин рӯ, маъмурияти Вашингтон соли 2002 ба Баҳрайн мақоми иттифоқчии муҳими ИМА дар берун аз НАТО-ро дод. Манама дар навбати худ манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии

Амрикоро дар минтақаи Халиҷи Форс ба назар мегирад ва аз ташаббусҳои сиёсӣ ва ҳарбии Вашингтон дар Шарқи Наздик шадидан дастгирӣ мекунад [1, с.275].

Баҳрайн узви Шӯрои ҳамкории давлатҳои арабии Халиҷ (مجلس التعاون لدول الخليج العربي), давлати рӯ ба тараққӣ ва содиркунандаи нафт ба шумор меравад. То замоне ки захираҳои нефт кашф нашуда буд, аниқтараш то соли 1932 соҳаи асосии иқтисоди кишвар ҷамъоварӣ ва фурӯши марворид буд ва то ҳол низ яке аз соҳаҳои асосӣ боқӣ мондааст. Қобили зикр аст, ки солҳои пеш истеҳсол ва коркарди нафт 60 %- и маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медод ва айни ҳол бинобар сабаби кам шудани захираҳои тиллои сиёҳ ҳамагӣ 30 %–ро ташкил медиҳад. Дар кишвар захираҳои зиёди гази табиӣ низ истеҳсол ва коркард карда мешавад. Ҳамчунин дар Баҳрайн таъмиргоҳи киштиҳои нефткаш (супертанкер) ва корхонаи алюмин, ки хокааш аз Австралия оварда мешавад, мавҷуд аст [2, с.94].

Баҳрайн солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва муносибатҳои дипломатӣ байни ҳарду кишвар 20 майи соли 1995 барқарор шудааст [5, с.148]. Баҳрайн дар масъалаҳои байналмилалӣ аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ дастгирӣ мекунад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Президенти Тоҷикистон- Эмомалӣ Раҳмон фақат як маротиба барои анҷоми сафари расмӣ (27.05.2014) ба Шоҳигарии Баҳрайн сафар кардаанд. Ҳангоми сафар Сарвари давлат бо Подшоҳи Шоҳигарии Баҳрайн - Шайх Ҳамад бин Исо Оли Халифа вохӯрда, доир ба густариши робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангӣ гуфтушунидҳои судманд анҷом додааст. Зимни ин сафари таърихӣ заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои ҳарду давлат гузошта шуд ва байни ҳарду кишвар 8 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф ба имзо расид. Дар охири сафар Баёнияи муштараки Тоҷикистон ва Баҳрайн мунташир гардид, ки дар он самтҳои асосӣ ва роҳҳои рушди минбаъдаи муносибот ва ҳамкории ду кишвар дарҷ гардидааст. Қобили тазаккур аст, ки дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо волотарин мукофоти давлатии Баҳрайн “Ал-Қилод ал-Халифӣ”(ордени Подшоҳӣ) сарфароз гардонида шуд. Аз ҷониби Тоҷикистон ба Подшоҳи Баҳрайн ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1 супурда шуд. Ҳамчунин дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шоҳигарии Баҳрайн форуми васеи соҳибкорону тоҷирони ду кишвар оғоз ёфт. Беш аз 200 нафар соҳибкорону тоҷирон аз ҳар ду ҷониб дар форум иштирок намуданд [23].

Қобили тазаккур аст, ки ВАО ва озодии баён дар кишварҳои арабӣ маҳдуд аст. Тамоми шабакаҳои телевизионӣ, радио ва матбуот таҳти назорати давлат қарор доранд [6, с.191]. Аз ҷумла дар Шоҳигарии Баҳрайн моҳи августи соли 2004 ҳукумат Вазорати иттилоотро барҳам дода, Комиссияи радио ва телевизион ҳамчун як ниҳоди нави назоратӣ ташкил кард. Матбуот бошад, каме озодтар аст. Баҳрайн дар байни кишварҳои Ховари Миёна аз рӯи озодии ВАО дар ҷои 10-ум қарор дорад. Дар ин кишвари хурди ҷазиравӣ беш аз даҳ нашрияи даврии давлатӣ бо забонҳои арабӣ ва англисӣ бо теъдоди зиёд нашр мешаванд. Се рӯзномаи бонуфузи Баҳрайн моликияти хусусӣ мебошанд. Мавриди зикр аст, ки дар Баҳрайн ба ғайр аз рӯзномаҳои давлатӣ, инчунин рӯзномаҳои моҳонаи ҳизбҳову ташкилотҳои ғайрирасмӣ ба монанди “Ал-Ҷамоҳир” (Ҷабҳаи миллии озодихоҳи Баҳрайн) ва “Хамса марис” (5-уми март) (Ҷабҳаи халқии Баҳрайн) низ чоп ва паҳн карда мешавад. Қариб ҳамаи муассисаҳои чопӣ дар пойтахти кишвар-шаҳри Манама ҷойгиранд. Ҳамчунин дар шаҳри Манама қароргоҳи Агентии иттилоотии кишварҳои халиҷи Форс (Баҳрайн, Ироқ, Қатар, Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ) ҷойгир аст, ки фаъолияти худро аз соли 1978 оғоз кардааст [24].

Аз тадқиқ ва омӯзиши маводи Агентии иттилоотии Баҳрайн бармеояд, ки Тоҷикистон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи расонаи мазкур қарор гирифтааст ва аз воқеаву рӯйдодҳои Тоҷикистон мардуми худро иттилоъ додаанд. Бояд қайд кард, ки Агентӣ дар бораи Тоҷикистон ба таври худ фазои иттилоотии кишвари Баҳрайнро таъмин карда, дар инъикоси равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаашон ҳиссаи хешро мегузорад.

Дар аввал маълумоти мухтасар дар бораи агентӣ ва рӯзномаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта:

Агентии иттилоотии Баҳрайн васоити ахбори оммаи миллии Шоҳигарии Баҳрайн ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро 1-уми апрели соли 1978 аввал бо номи «Агентии иттилоотии Халиҷ» (وكالة أنباء الخليج) таҳти сарпарастии шоҳзода Халифа бин Салмон Ал-

Халифа оғоз кардааст. Баъдтар соли 2003 фармони шоҳ дар бораи тағйир додани номи агентӣ ба Агентии иттилоотии Баҳрайн (**وكالة انباء البحرين**) ба тасвиб расид. Агентии иттилоотии мазкур дорои технологияҳои муосири навтарин буда, ахбори маҳаллӣ ва байналмилалиро бо забонҳои арабӣ ва англисӣ паҳн карда, бо як қатор агентиҳои иттилоотӣ барои пахши хабарҳои худ бо забонҳои дигар, ба монанди испанӣ, португалӣ, итолиёӣ, ҳиндӣ, русӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва ғайра ҳамкорӣ дорад. Инчунин гузоришҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ низ нашр ва пахш мекунад. Агентии иттилоотии Баҳрайн бо зиёда аз 24 агентии арабӣ ва байналмилалӣ тафоҳуми ҳамкорӣ ва мубодилаи ахборро ба имзо расонида, шарики фаъол дар бисёр конфронс ва чорабиниҳои агентиҳои хабарӣ мебошад [25].

Қобили тазаккур аст, ки Агентии иттилоотии Баҳрайн ҳамчун муассисаи расмии кишвар бештар ба хабарҳои расмӣ такя мекунад. Чунончи роҷеъ ба ҷараёни сафари расмии Президенти кишвар ба Баҳрайн (27-29-уми майи 2014) дар васоити ахбори оммаи ин кишвар, бахусус тавассути сомонаи интернетии Агентии иттилоотии мазкур ба таври васеъ инъикос гардидааст. Агентии иттилоотӣ доир ба ин сафар 12 мавод ба табъ расонидааст. Аз ҷумла оид ба истиқболи Президенти кишвар аз ҷониби Шоҳи Баҳрайн-Шайх Ҳамад бин Исо оли Халифа гузориши муфассал ба табъ расонида, ҳамзамон роҷеъ ба мулоқоту музокироти Президенти кишвар бо раиси Маҷлиси Шӯрои Баҳрайн-Алӣ бин Солеҳ, раиси Маҷлиси намояндагон-Халифа бин Аҳмад Аззаҳронӣ, валиюлаҳд Салмон бин Ҳамад оли Халифа-ҷонишини аввали Раиси Шӯрои вазирон хабар додааст [10].

Ҳамаи мавод дар жанри хабар ба табъ расидааст. Дар мавод хабар дода мешавад, ки ҷонибҳо доир ба роҳҳои густариши робитаҳои сиёсӣ, байнипарламонӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангӣ табодули афкор ва гуфтугӯйи судманд анҷом доданд. Ҳамчунин дар Агентии иттилоотӣ Баёнияи муштараки Тоҷикистон ва Баҳрайн мунташир гардид, ки дар он самтҳои асосӣ ва роҳҳои рушди минбаъдаи муносибот ва ҳамкории ду кишвар дарҷ гардидааст. Дар хабар зикр шудааст, ки байни ду кишвар 8 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф ба имзо расид [11].

Дар доираи сафари расмии Президенти рӯзи 28.05.2014 Агентии мазкур гузориши муфассал таҳти унвони "Вазири саноат ва тиҷорат Форуми соҳибкорони Баҳрайн ва Тоҷикистонро ифтитоҳ мекунад" нашр кардааст. Дар он хабар дода мешавад, ки дар фаъолияти Форум зиёда аз 350 нафар сармоягузорон, соҳибкорон ва шахсони расмии ҳам Шоҳигарии Баҳрайн ва ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд. Форумро вазири саноат ва савдои Баҳрайн Ҳасан Абдуллоҳ Фахро ифтитоҳ намуда, сараввал қайд намуд, ки ин Форум бо таҷлили бистумин солгарди барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни ду кишвар дӯст рост омад. Сипас вазир илова намуд, ки муттаассифона мубодилаи тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни ҳарду кишвар дар гузашта ҷавобгӯйи талабот набуд ва умедвор аст, ки ин Форум шароит барои рушди ҳамкорӣ, таҳкими муносибатҳо, ба ҳам наздик кардани халқҳо, беҳтар фаҳмидани мерос ва анъанаҳои умумӣ, баланд бардоштани потенсиали ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ фароҳам меорад. Ғайр аз он, вазир илова кард, ки афзоиши ташрифҳои сатҳи олӣ ва ҳайатҳои тиҷоратии ду кишвари ба ҳам дӯст ба таҳкими муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии мутақобилан судманд таъсири мусбат хоҳад расонд. Ташрифҳои бештари ҳайатҳои Тоҷикистон ба Баҳрайн имконият медиҳад, то дар бораи бартариҳои соҳаҳои сармоягузории ҳарду ҷониб шинос шавем. Баъдан дар гузориш роҷеъ ба суханронии Президенти Тоҷикистон дар бораи фазои сармоягузорӣ дар кишвар, соҳаҳои афзалиятнок ва ҳавасмандгардонии ҳукумати Тоҷикистон ба сармоягузорони соҳаҳои гуногун иттилоъ оварда шудааст. Сипас роҷеъ ба суханронии раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Қодири Қосим ва роҳбари Палатаи савдо ва саноати Баҳрайн ҷаноби Холид Ал-Моаяд маълумот додааст [12]. Сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон аз иштироки беш аз 200 нафар соҳибкорону тоҷирон аз ҳар ду ҷониб дар форум хабар додааст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки Агентии иттилоотии расмии Баҳрайн (**وكالة انباء البحرين**) бештар ба мавзӯи муносибати (робита) Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ таваҷҷуҳ дорад. Аз ҷумла аз сафару вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон бо шоҳи Урдун, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Амороти Муттаҳидаи Араб, Кувайт, Дабири кулли Созмони

ҳамкории исломӣ, инчунин аз мулоқоти Президенти кишварамон бо роҳбарони Покистон ва Эрон ба мардуми худ иттилоъ додааст [13].

Чунончи Агентии иттилоотӣ рӯзи 10.12.2017 оид ба сафари Президенти кишвар ба Урдун зери сарлавҳаи “Шоҳи Урдун бо Президенти Тоҷикистон навигариҳои минтақа ва байналмилалиро муҳокима мекунанд” мавод ба табъ расонидааст. Дар он хабар дода мешавад, ки шоҳи Урдун Абдуллоҳи II бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи роҳҳои баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаҳои гуногун гуфтушунид кард. Илова бар ин дар музокирот таҳаввулоти охири минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла тасмими Амрико дар бораи эътирофи Байтулмуқаддас ҳамчун пойтахти Исроил ва интиқоли сафорати Амрико ба он мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Хабар дода мешавад, ки ҷонибҳо аз ҳимояи ҳуқуқҳои Фаластин дар шаҳри Байтулмуқаддас, ки калиди расидан ба сулҳ ва субот дар минтақа аст, ҷонибдорӣ карданд. Ҳамзамон агентӣ менависад, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми гуфтушунидҳо ҷонибдории кишварашро аз мавқеи Урдун нисбати ин масъала таъкид кард. Инчунин дар музокирот саъю талошҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм дар доираи стратегияи фарогир баррасӣ шуданд [14].

Инчунин Агентӣ рӯзи 2.02.2016 дар бораи аз ҷониби Шоҳи кишвар ба тасвиб расидани созишномаи ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи сармоягузорӣ байни Баҳрайн ва Тоҷикистонро хабар додааст. Аз ҷумла дар моддаи дуввум омадааст, ки "сарвазир ва вазирон бояд муқаррароти ин қонунро иҷро кунанд ва дар рӯзномаҳои расмӣ нашр шаванд" [15].

Мавзӯи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳи Агентии иттилоотӣ қарор гирифтааст ин мавзӯи муборизаи муштараки Тоҷикистон бо кишварҳои араб бар зидди терроризму экстремизми байналмилалӣ. Доир ба ин масъала рӯзи 17.03.2016 таҳти унвони «Амороти Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон зарурати тақвияти ҳамкориҳоро дар муқобили терроризм ва экстремизм таъкид мекунанд» мавод ба табъ расонидааст, ки дар он ҷонибҳо тақвияти ҳамкориро алайҳи таҳдидҳои терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои созмонёфтаи фаромиллӣ ва дигар мушкилоти амниятӣ дар минтақа ва ҷаҳон зарур мешуморанд [16].

Ҳамчунин доир ба ин мавзӯъ рӯзи 29.05.2014 хабаре бо унвони “Дар изҳороти муштарак ... Шоҳигарии Баҳрайн ва Ҷумҳурии Тоҷикистон азми худро барои таҳкими ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм таъкид мекунанд” нашр кардааст, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад: “Баҳрайн ва Тоҷикистон терроризмро дар ҳама шаклҳо ва зуҳуроти он маҳкум намуда, нияти худро барои таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар сатҳҳои дуҷониба ва бисёрҷониба тасдиқ карданд” [17].

Бояд қайд кард, ки Агентии иттилоотии Баҳрайн дар баробари ахбори расмӣ инчунин ба рӯйдоду воқеаҳои Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ кардааст, аммо нисбатан камтар. Масалан Амрико соли 2016 бораи ҳар касе ки роҷеъ ба Гулмурод Ҳалимов собиқ афсари ВКД-и Тоҷикистон маълумот медиҳад, мукофот эълон кард. Агентии иттилоотӣ дар робита ба ин масъала ду хабар бо сарлавҳаҳои “Вашингтон ба ҳар касе, ки дар бораи роҳбарияти "ДИИШ" маълумот медиҳад, 3 миллион доллар пешниҳод мекунад” (31.08.2016) ва “ИМА барои касе, ки дар бораи хатарноктарин нишонзани (снайпер) ДИИШ маълумот медиҳад, 3 миллион доллар ҷоиза таъйин мекунад” (1.09.2016) нашр кардааст. Мавод хабар медиҳад, ки Ҳалимов яке аз нишонзанҳои (снайпер) бомаҳорат ба ҳисоб рафта, аз соли 2003 то 2014 панҷ маротиба дар барномаҳои зиддитерроризми кишвараш ва ИМА иштирок кардааст. Ӯ моҳи майи соли 2015 ба ДИИШ байъат карда буд ва дар як навори видеоӣ Россия, Тоҷикистон ва Амрикоро таҳдид кард. Хулоса ҳар ду хабар Ҳалимов Гулмуродро ҳамчун афсари таҷрибадор, хатарнок ва террористи байналмиллалӣ барои ҷомеа муаррифӣ кардааст [18]. Дар робита ба ин масъала бештари расонаҳои иттилоотии кишварҳои дигари арабӣ низ мавод нашр кардаанд [3,250].

Инчунин Агентӣ рӯзи 22.05.2016 оид ба раъйпурсӣ роҷеъ ба даровардани тағйирот дар конститутсияи Тоҷикистон хабари кӯтоҳ нашр кардааст. Иттилоъ медиҳад, ки имрӯз интихобкунандагон дар Тоҷикистон ба ҳавзаҳои интихоботӣ рафтанд, то дар раъйпурсӣ оид ба тағйирот ба Конститутсия овоз диҳанд. Тағйироти конститутсионӣ, ки парлумон омода кардааст, ба президент Эмомалӣ Раҳмон, ки аз соли 1994 инҷониб кишварро идора

мекунад, имкон медиҳад, ки ба муҳлати номаҳдуд дар давраи президентӣ номзад шавад. Ин тағйирот инчунин синни ҳадди аққали номзадҳои президентиро паст мекунад [19].

Рӯзи 23.09.2014 дар сомонаи агентӣ бо такя ба хабаргузории расмии Чин "Синхуа" хабаре таҳти унвони “Бозингари Тоҷикистон дар шаҳри Инчхон аз санҷиши допинг ноком шуд” чоп шудааст. Дар хабар иттилоъ дода мешавад, ки рӯзи 14-уми сентябр як бозингари Тоҷикистон, ки дар мусобиқаи футбол дар Бозиҳои ҳозираи Осиё ширкат меварзад, аввалин бозингаре шуд, ки аз озмоиши допинг дар Asiad 2014 дар Инчхони Кореяи Ҷанубӣ нагузашт (). Дар хабар номи бозингар оварда нашудааст ва доир ба ин масъала дар ВАО-и кишвар маълумот мушоҳида нашуд [20].

Агентӣ инчунин ба мавзӯи ҳалли масъалаи пойгоҳи низомии Россия дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ карда, вобаста ба ин масъала рӯзи 17.07.2012 таҳти сарлавҳаи “Тоҷикистон розӣ аст, ки пойгоҳи низомии Русияро дар қаламрави худ нигоҳ дорад**” хабар ба табъ расонидааст. Хабар дар такя ба** изҳороти Фармондеҳи неруҳои хушкигарди Россия генерал Владимир Чиркин ба хабаргузории "Новости" таҳия шудааст. Мувофиқи изҳорот дар лоиҳаи созишнома пешниҳод карда мешавад, ки Россия минбаъд барои ҳузури пойгоҳи низомии худ дар Тоҷикистон ҳеҷ чиз пардохт намекунад ва дар ивази он қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистонро бо силоҳ ва таҷҳизоти муосири ҳарбӣ таъмин мекунад. Чиркин тавзеҳ додааст, ки роҳбарияти Тоҷикистон ният дорад пойгоҳи низомии Россияро барои 49 соли дигар тамдид кунад. Ҳамчунин дар хабар иттилоъ дода мешавад, ки президенти пешини Россия-Дмитрий Медведев кӯшиш кард, ки соли гузашта ҳамтои тоҷикаш Эмомалӣ Раҳмонро розӣ кунонад, то ки пойгоҳи низомии Россия ҳадди аққал то соли 2064 дар Тоҷикистон боқӣ монад, дар ҳоле ки Тоҷикистон пешниҳод кард, ки ин мӯҳлат на бештар аз 29 сол бошад [2.16]. **Ва ахиран т**ибқи Созишнома миёни Тоҷикистон ва Россия, ки 5-уми октябри соли 2012 ба имзо расид, ки мувофиқи он пойгоҳи низомии Россия дар Тоҷикистон то соли 2042 боқӣ хоҳад монд [21].

Хулоса аз пажӯҳиши маводи сомонаи интернетии Агентии иттилоотии расмии Шоҳигарии Баҳрайн бармеояд, ки асосан инъикос ва баррасии муносибату ҳамкориҳои байни ҳар ду давлат мавриди таваҷҷуҳи махсуси агентии мазкур қарор гирифтааст. Бештари мавод дар жанри хабар (шакли кӯтоҳ) чоп шуда, ба нашри иттилоъ иктифо намудааст ва баъзеи дигар дар шакли хабари васеъ (асосан воқеаву рӯйдодҳои Тоҷикистон) нашр шудааст. Дар маводи чопшудаи Агентӣ ба таҳлил, баррасӣ ва натиҷагирии воқеаҳо кам таваҷҷуҳ кардаанд. Сарфи назар аз чӣ гунагии мӯҳтавои ахбор Агентии иттилоотии Баҳрайн Тоҷикистонро ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлати мустақил дар арсаи байналхалқӣ (махсусан дар олами араб) муаррифӣ кардааст.

Муқарриз: ***Мухторӣ Қ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Александров И.А. Монархии Персидского залива: этап модернизации. Монография / И. А. Александров, [Мелихов И.А.]. - М.: Дело и сервис, 2000. - 544 с.
2. Давлятов З.Қ. Тоҷикистон ва Шоҳигариҳои арабӣ: ҳамкорӣ ва дурнамо (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ). Монография / З.Қ. Давлятов. – Душанбе: Дониш, 2018. - 231 с.
3. Қаландаров С.Д. Инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи сомонаҳои «Ал - Ҷазира» ва «Би- Би-Си» / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. - № 4/5 (209). - С.248-252.
4. Қаландаров С.Д. Шарҳи воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон дар сомонаи Агентии иттилоотии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. - № 4/9 (185). - С.2498– 302.
5. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. – 320 с.
6. Сухова Е.Ф. Влияние правительства на деятелность арабских СМИ / Е.Ф. Сухова // Вестник Нижегородский университета им. Н.И.Лобачевского. - № 1. - 2008. - С.190-193.
7. Хасянов А.О. Бахрейн: путь к либерализации и национальному примирению / А.О. Хасянов // Ближний Восток и современность. Сборник статей (выпуск шестнадцатый). - М., 2002. - 440 с.
8. Ҷовид, М. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / М.Ҷовид. - Душанбе: Деваштич, 2006. – 71 с.
9. الحمداني طارق نافع. تأريخ البحرين السياسي و الاجتماعي والثقافي الجديث. دار الورق للنشر، المنامة 2011 م
10. www.bna.bhوصول رئيس جمهورية طاجيكستان الى المملكة، المنامة في 27 مايو/ بنا / 2014
11 www.bna.bh .في بيان مشترك .. مملكة البحرين وجمهورية طاجيكستان تؤكدان عزمهما تعزيز التعاون في مجال مكافحة، الارهاب، 29 /05/2014
12. www.bna.bh وزير الصناعة والتجارة يفتتح فعاليات منتدى الأعمال البحريني الطاجيكستاني، المنامة في 28 مايو 2014/ بنا /
13. www.bna.bhخادم الحرمين الشريفين يبحث هاتفيًّا مع رئيس طاجيكستان تطورات الأحداث في المنطقة، الرياض/ بنا 22.07.2017

14. www.bna.bh العاهل الاردني يبحث مع رئيس جمهورية طاجيكستان المستجدات الإقليمية والدولية، 10 ديسمبر 2017
15. www.bna.bh عاهل البلاد يصادق على اتفاقية تشجيع وحماية الاستثمار بين البحرين وطاجيكستان، 07 فبراير 2016
16. www.bna.bh الامارات وطاجيكستان تؤكدان ضرورة تعزيز التعاون في مواجهة الإرهاب والتطرف، أبوظبي في 17 مارس / بنا /
17. www.bna.bh في بيان مشترك .. مملكة البحرين وجمهورية طاجيكستان تؤكدان عزمهما تعزيز التعاون في مجال مكافحة الارهاب ، 2014/05/29
18. www.bna.bh 31.08.2016 واشنطن تعرض 3 ملايين دولار لمن يدلي بمعلومات عن قيادي في تنظيم "داعش
الولايات المتحدة ترصد مكافأة قيمتها 3 ملايين دولار لمن يدلي بمعلومات عن أخطر القناصين في داعش، 01 سبتمبر 2016
19. www.bna.bh استفتاء في طاجيكستان على تعديلات دستورية جديدة،22.05.2016
20. www.bna.bh رسوب لاعب بمنتخب طاجيكستان في اختبار منشطات بآسياد إنشيون، 23 سبتمبر 2014
21 www.bna. bh طاجيكستان توافق على بقاء قاعدة عسكرية روسية في أراضيها، 2012/07/17.
22. https://russian.rt.com/search?q=«Арабская весна» наступает в Бахрейне. 10.12.2012, 19:32. (Санаи муроҷиат 13.11.2020)
23. https://mfa.tj/tg/main/view/1080/munosibathoi-tojikiston-bo-bahrain. (Санаи муроҷиат 4.05.2021)
24. http://www.hyno.ru/tom2/114.html Бахрейн / Положение и роль СМИ). (Санаи муроҷиат 28.10.2020_
25.https://www.bna.bh/AboutBNA.aspx (Санаи муроҷиат 14.11.2020.)

ТОҶИКИСТОН ДАР ОИНАИ АГЕНТИИ ИТТИЛООТИИ БАҲРАЙН

Дар мақола роҳу усулҳои инъикоси воқеоту рӯйдодҳои Тоҷикистон аз нигоҳи Оҷонсии иттилоотии расмии Шоҳигарии Баҳрайн (**وكالة انباء البحرين**) мавриди пажӯҳиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Мавзӯи интихобнамудаи таҳқиқ хеле актуалӣ буда, таҳлил ва баррасии он корҳои муҳиммеро барои дарку шинохти Тоҷикистон ва муаррифии он ба ҷаҳони араб анҷом хоҳад дод. Муаллиф дар заминаи тадқиқи мавод кӯшиш намудааст, ки нақши Оҷонсии иттилоотии Баҳрайнро роҷеъ ба муаррифии Тоҷикистон дар олами араб, чигунагии инъикоси муносибат ва ҳамкории ҳарду кишвар, тарзи шарҳу баррасии рӯйдоду воқеаҳои Тоҷикистон ва услуби пешниҳоди мавод нишон диҳад. Ба андешаи муҳаққиқ Оҷонсии иттилоотии Баҳрайн ба муҳтавои сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба давлатҳои исломӣ ва арабӣ, сафарҳои кории намояндагони ҳарду ҷониб ва сатҳи ҳамкориҳо бештар таваҷҷуҳ мекунад. Мувофиқи мушоҳидаҳои муаллифи мақола тамоми сафарҳои расмии Президенти ҷумҳурӣ ва намояндагони воломақоми Ҳукумати Тоҷикистон ба кишварҳои арабӣ дар матбуоти ин оҷонсӣ инъикосу баррасӣ мешаванд. Дар баробари ин рӯзноманигорони Оҷонсӣ ба ҳаводиси Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш кардаанд, ки ҳодисаву воқеаҳои Тоҷикистонро низ аз нигоҳи худ баррасӣ ва пахш намуда, ба мардуми кишвари худ расонанд. Онҳо бештар ба нашри иттилоъ иктифо намуда, ба таҳлил, баррасӣ ва натиҷаҳои ин ҳаводис эътибор надодаанд.

Калидвожаҳо: Агентии иттилоотии Баҳрайн, таҳқиқ, баррасӣ, сомона, хабар, Тоҷикистон, муносибатҳо, ҳамкорӣ, воқеа, таваҷҷуҳ ...

ТАДЖИКИСТАН В ЗЕРКАЛЕ ИНФОРМАЦИОННОГО АГЕНТСТВА БАХРЕЙНА

В статье исследуются пути и средства освещения событий в Таджикистане, с точки зрения Агентства официальной информации Королевства Бахрейн (وكالة انباء البحرين). Выбранная тема исследования очень актуальна, и ее анализ и рассмотрение важны для понимания Таджикистана и представления его арабскому миру. На основе исследования автор пытается показать роль информационного агентства Бахрейна в представлении Таджикистана в арабском мире, как оно отражает отношения и сотрудничество между двумя странами, как комментирует события в Таджикистане, и таков стиль его изложения. По словам исследователя, информационное агентство Бахрейна уделяет больше внимания содержанию официальных визитов президента Таджикистана в исламские и арабские страны, рабочим визитам представителей обеих сторон и уровню сотрудничества. По словам автора статьи, все официальные визиты Президента Республики Таджикистан и высокопоставленных представителей правительства Таджикистана в арабские страны освещаются в прессе этого агентства. В то же время журналисты агентства обратили внимание на события в Таджикистане и попытались осветить события в Таджикистане со своей точки зрения и проинформировать народ своей страны. Они больше сосредоточились на публикации информации и не обращали внимания на анализ, рассмотрение и результаты этих событий.

Ключевые слова: информационное агентство Бахрейна, исследование, обзор, веб-сайт, новости, Таджикистан, отношения, сотрудничество, событие, интерес ...

TAJIKISTAN IN THE MIRROR OF BAHRAIN NEWS AGENCY

The article examines the ways and means of covering events in Tajikistan from the point of view of the Agency of Official Information of the Kingdom of Bahrain (وكالة انباء البحرين). The chosen research topic is very relevant, and its analysis and consideration will do an important job to understand Tajikistan and present it to the Arab world. Based on the study, the author tries to show the role of the Bahrain news agency in representing Tajikistan in the Arab world, how it reflects relations and cooperation between the two countries, how to comment on the events in Tajikistan and the style of presentation. According to the researcher, the Bahrain News Agency pays more attention to the content of the official visits of the President of Tajikistan to Islamic and Arab countries, working visits of representatives of both sides and the level of cooperation. According to the author of the article, all official visits of the President of the Republic of Tajikistan and high-ranking representatives of the government of Tajikistan to Arab countries are covered in the press of this agency. At the same time, the agency's journalists drew attention to the events in Tajikistan and tried to cover and cover the events in Tajikistan from their point of view and to inform the people of their country. They focused more on publishing information and did not pay attention to the analysis, consideration and results of these events.

Key words: Bahrain News Agency, research, overview, website, news, Tajikistan, relations, cooperation, event, interest ...

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландаров Сарабек Давлатёрович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Сведение об авторе: ***Каландаров Сарабек Давлатёрович*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранного языка факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the author: ***Kalandarov Sarabek Davlatyorovich*** - Tajik national University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-505-44-60**

УДК: 070.12(574)

ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ ЧЕРЕЗ СМИ НА ПРИМЕРЕ СОБЫТИЙ В РЕСПУБЛИКЕ КАЗАХСТАН В ЯНВАРЕ 2022 ГОДА

Муллоев Ш.Б., Панков В.В.
Российско – Таджикский (Славянский) университет
Кыргызско-Российский (Славянский) университет

События рубежа 2021-22 гг. неизменно привлекают внимание историков, журналистов, политических аналитиков и специалистов смежных специальностей. Обострение ситуации в Восточной Европе, попытки продвижения западного влияния на территорию СНГ для жителей Центральной Азии отошли на второй план в связи с событиями в Республике Казахстан, поскольку широко известные обстоятельства показали очевидность возможности не только смены руководящих политических элит в этой, ранее стабильной стране, но и продемонстрировали вполне очевидный посыл к трансформации внешнеполитического курса Казахстана, который являясь однозначным региональным лидером, неизбежно бы спровоцировал изменения во всей Центральной Азии. За истекший с тех пор месяц, экспертизе были подвергнуты все аспекты политического взаимодействия, однако, на сегодняшний день, практически не рассматривалось отношение широких слоев общества к событиям в Алмате и других крупных городах в декабре-январе 2021-22 гг. Безусловно, проведение широкомасштабных изысканий по указанным направлениям требует значительное количество времени, человеческих и финансовых ресурсов. Однако, применяя методы социально-политических исследований к информационным потокам СМИ, мы можем сравнительно легко и в кратчайшие сроки определить хотя бы в общих чертах основные тенденции как общественного мнения [1, с. 52], так и формирующий его посыл со стороны средств массовой информации, и достаточно аргументированно рассмотреть отношения в обществе к вышеозначенным событиям. Для современного Кыргызстана подобные действия выглядят чрезвычайно актуальными. С одной стороны, соседство с Республикой Казахстан при очевидной разнице экономического потенциала мгновенно отражается на интересах граждан Кыргызской Республики, даже если в самом Казахстане эти изменения рассматриваются как незначительные или достаточно узконаправленные. С другой стороны, Кыргызстан, неоднократно сталкивающийся с проблемами транзита власти, на собственной практике знаком со всеми негативными последствиями подобных действий (2005, 2010, 2020 гг.) В этой связи совершенно очевидно неравнодушное отношение населения Кыргызстана к казахстанским событиям.

